ҲАКИМ КАРИМ

ОҚШУДА

АСАРҲОИ МУНТАХАБ



НАШРИЁТИ „ИРФОН“
ДУШАНБЕ — 1965

«ҲАЁТИ МАН — МУБОРИЗА АСТ»

Ин суҳанон ба нависанда ва драматурги тоҷик Ҳаким Карим, ки чараёни зиндагонӣ, роҳи эҷодӣ ва қисмати ӯ ҳам ибратбахш ва ҳам таъмангез аст, таалуқ доранд. Ҳаким Карим чунин нависандаест, ки дар рафти муборизаҳои тунду тези синфӣ обу тоб ёфта, бо ҳаёти социалистӣ ҷӯшида, дар хизмати матбуоти коммунистӣ пухта гардида, ҳамчун яке аз сарбозони бовафои адабиёти советии тоҷик ба қабҳаи эҷодкорӣ қадам гузоштааст. Ҳаким Карим касест, ки чи дар роҳи мустаҳкам намудани ҳокимияти ҷавонии советӣ дар Тоҷикистон ва чи дар роҳи инкишоф додани адабиёти он, алалхусус пайдоиши ташаккули ҳикояи реалистӣ хизмати ҳақиқӣ карда, номи нек ва мероси пурбаҳое аз худ боқӣ гузоштааст.

Нависанда умри зиёде надида бошад ҳам, ҳаёти пурҷӯшу хурӯшн худро дар арсаи меҳнати адабӣ ва муборизаи снёсию иҷтимоӣ гузаронд ва дар роҳи ҳимояи Ватани советӣ аз фашистони Германия ҷонбозиҳо карда, қаҳрамонона ҳалок шуд.

Аксарияти ҳикояҳои Ҳаким Карим ба забони русӣ ва баъзе намунаҳояш ба забонҳои ӯзбекӣ, эстонӣ ва қирғизӣ тарҷима шудаанд. Ҳаким Карим аз тарафи аҳли илму адаб ва омман хонандагон ҳамчун аввалин новеллисти хушистеъдоди тоҷик эътироф гардидааст. Хоҳ олими советӣ ва хоҳ хориҷӣ, ки таърихи тараққиёти адабиёти советии тоҷикро тадқиқ менамояд, ном ва осори Ҳаким Каримро бо эҳтиром ёдоварӣ мекунанд. Ин бесабаб нест.

Ҳаким Карим бо ҳикояву очеркҳо, асарҳои драмавӣ ва фаъолияти тарҷимонии худ дар таърихи маданияти халқи тоҷик мавқеи босазое ишғол кардааст.

I

Мо ҳанӯз тарҷимаи ҳоли Ҳаким Каримро, ки тамоми давраҳои ҳаёт ва лаҳзаҳои эҷодиёти ӯро пурра дар бар мегирифта бошад, ба даст наовардаем. Бинобар ин, ба зарбулмасали «аз ҳар ҷо як шингил» амал карда, дар асоси баъзе материалҳои мавҷуда — «Очерки таърихи

Тоҷик 2
К 32

Хонандаи киромӣ! Агар Шумо фаҳмидан хоҳед, ки Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон бо чӣ гуна меҳнату муборизаҳои диловарона мардуми ранҷбар мустаҳкам гардид, муносибатҳои нави ҷамъиятӣ бо чӣ душвориҳо ғалаба кард ва одамони нав чӣ тавр ташаккул ёфтанд, асарҳои нависандаи ҳақиқатнигор ва санъаткори хушгуфтор Ҳаким Каримро мутолиа намоед.

Шумо то имрӯз бо баъзе ҳикояҳои Ҳаким Карим шиносо будед ва ӯро асосан ҳамчун устоди ҳикояи реалистона мешиносхтед. Китоби маъкур Шуморо бо асарҳои драмавӣ, повесть, ҳикоя ва очерку мақолаҳои дигари ӯ, ки аввалин маротиба гирд оварда шудаанд, ошно менамояд ва соҳаҳои гуногуни эҷодиёти Ҳаким Каримро нишон медиҳад.

Тартибдиҳанда ва муаллифони сарсухан
М. ҲОДИЕВА ва А. САЙФУЛЛОЕВ.

«ҲАЁТИ МАН — МУБОРИЗА АСТ»

Ин суханон ба нависанда ва драматурги тоҷик Ҳаким Карим, ки ҷараёни зиндагонӣ, роҳи эҷодӣ ва қисмати ӯ ҳам ибратбахш ва ҳам гамангез аст, таалуқ доранд. Ҳаким Карим чунин нависандаест, ки дар рафти муборизаҳои тунду тези синфӣ обу тоб ёфта, бо ҳаёти сотсиалистӣ ҷӯшида, дар хизмати матбуоти коммунистӣ пухта гардида, ҳамчун яке аз сарбозони бовафои адабиёти советии тоҷик ба ҷабҳаи эҷодкорӣ қадам гузоштааст. Ҳаким Карим касест, ки чи дар роҳи мустаҳкам намудани ҳокимияти ҷавонии советӣ дар Тоҷикистон ва чи дар роҳи инкишоф додани адабиёти он, алалхусус пайдоишу ташаккули ҳикояи реалистӣ хизмати ҳақиқӣ карда, номи нек ва мероси пурбаҳое аз худ боқӣ гузоштааст.

Нависанда умри зиёда нисфида бошад ҳам, ҳаёти пурҷӯшу хурӯши худро дар арсаи меҳнати адабӣ ва муборизаи сиёсию иҷтимоӣ гузаронид ва дар роҳи ҳимояи Ватани советӣ аз фашистони Германия ҷонбозиҳо карда, қаҳрамонона ҳалок шуд.

Аксарияти ҳикояҳои Ҳаким Карим ба забони русӣ ва баъзе намунаҳояш ба забонҳои ӯзбекӣ, эстонӣ ва қирғизӣ тарҷума шудаанд. Ҳаким Карим аз тарафи аҳли илму адаб ва омми хонандагон ҳамчун аввалин новеллисти хушистеъдоди тоҷик эътироф гардидааст. Хоҳ олими советӣ ва хоҳ хонандаи, ки таърихи тараққиёти адабиёти советии тоҷикро тадқиқ менамояд, ном ва осори Ҳаким Каримро бо эҳтиром ёдоварӣ мекунанд. Ин бесабаб нест.

Ҳаким Карим бо ҳикояву очеркҳо, асарҳои драмавӣ ва фаъолияти тарҷимонии худ дар таърихи маданияти халқи тоҷик мавқеи босазое ишғол кардааст.

I

Мо ҳанӯз тарҷимаи ҳоли Ҳаким Каримро, ки тамоми давраҳои ҳаёт ва лаҳзаҳои эҷодиёти ӯро пурра дар бар мегирифта бошад, ба даст наовардаем. Бинобар ин, ба зарбулмасали «аз ҳар ҷо як шингил» амал карда, дар асоси баъзе материалҳои мавҷуда — «Очерки таърихи

адабиёти советии тоҷик», «Нависандагони Тоҷикистон» (1957), як мақолаи хурди Ҷалол Икромӣ «Ҳаким Карим» (Шарқи Сурх, 1956, № 2), баъзе мақолаю мактубҳои худи Ҳаким Карим ва маълумоти хешу табор ва ёру дӯстони нависанда, ки дар қайди ҳаётанд, тарҷимаи ҳоли ӯро як дараҷа баён менамоем.

Ҳаким Карим дар соли 1905 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Маълумоти ибтидоиро аввал дар онла ва сипас дар мактаби кӯҳна ҳосил намудааст. Пас аз ғалабаи Революцияи Октябрь ва аз асорати феодалӣ озод гардидани меҳнаткашони Хуҷанд, Ҳаким Карим дар солҳои 1923—1924 дар техникуми хоҷагии қишлоқи Қӯқанд таҳсил кардааст.

Чунон ки бародараш Абдуҳамид Каримов нақл менамояд, Ҳаким аз айёми наврасӣ ва ҷавонӣ ба мутолиаи асарҳои бадеӣ, алалхусус классикҳои адабиёти форсу тоҷик, шавқу ҳаваси расо доштааст.

«— Солҳои баъди инқилоб буд,— хотирнишон кард Абдуҳамид Каримов,— ман рӯзе як лингаи қоқ (ғӯлунг) гирифта барои дидани Ҳаким ба Қӯқанд рафтам, то ки қоқиро пул карда, хӯроки зимистонии укаамро муҳайё кунам. Ҳаким қоқиро ба бозор бурд ва боз бо лингаи пур баргашт.

— Ҳа, магар нафурӯхтӣ? — пурсидам ман.

— Фурӯхтам ва китобҳои ачибе харидам,— табассум кард ӯ.

— Ин зимистон чӣ мехӯрӣ? — боз савол кардам.

— Парво накунед, ако, дандон бошад, нон ёфт мешавад,— шӯхӣ кард ӯ ва даҳони лингаро кушода китобҳои харидагиашро аз як сар ба ман нишон дод. Дар байни онҳо девони Хоҷа Ҳофиз, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Ҳафт авранг»-и Мавлавӣ Ҷомӣ, ду китоби «Хамса», «Куллиёт»-и Мирзо Бедил, якчанд китобҳои кӯҳнаю фартути русӣ, ки ман чӣ буданашонро намедонистам ва боз дигар китобҳо буданд».

Муҳаббате, ки Ҳаким Карим ба асарҳои бадеӣ дошт, минбаъд боз ҳам қувват мегирифт ва чунон ки дар поёнтар хоҳем гуфт, ӯ ба омӯхтани адабиёти рус ва шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳонӣ вақти зиёде сарф мекардааст.

Ҳаким Карим, ки ҳангоми таҳсилаш дар Қӯқанд аъзои комсомоли ленинӣ шуда буд, дар соли 1925 ба Душанбе меояд ва мудири шӯъбаи агитация ва пропагандаи комитети шаҳрии комсомол шуда хизмат мекунад.

Аз мақолаи Ҳаким Карим «Ермандии бевосита», ки ба устод Абулқосим Лоҳутӣ бахшида шудааст, маълум мешавад, ки ӯ ҳанӯзатан ҳам аз соли 1925 сар карда дар Душанбе дар корҳои комсомолӣ будааст ва аз ҳамон вақтҳо бо мақолаҳои худ дар газетаи «Бедории тоҷик» (баъдҳо «Тоҷикистони Сурх» ва ҳоло «Тоҷикистони Советӣ») фаъолона иштирок мекардааст. Чунон ки худи нависанда гуфтааст, як

мақолааш онд ба Армияи Сурх писанди Лоҳутӣ гардида, дар газетаи «Бедории тоҷик» ба ҷои сармақола чоп шудааст.

Аз ҳамон солҳо Ҳаким Карим бо Лоҳутӣ ҳамкорӣ доштааст. Вай бо хоҳиши устод «Низомномаи шӯроҳои ҷамоат»-ро дар соли 1925 аз русӣ ба забони тоҷикӣ мегардонад, ки Лоҳутӣ онро дар ҳузури Ҳаким Карим дар давоми панҷ шаб таҳрир мекунад. Шояд ин аввалин тарҷумаи Ҳаким Карим бошад, ки ӯ ба туфайли он аз таҷрибаи кори Лоҳутӣ дар болои забони адабии тоҷикӣ хеле баҳра бурдааст.

Ҳаким Карим дар соли 1927 котиби масъули Комитети Иҷроияи шаҳри Кӯлоб таъин мешавад. Вай корҳои советии маҳаллиро бо кори тарбияи меҳнаткашон ва муборизаи бар зидди босмачиён пайваста, дар тамоми ҳудуди ҳам ба сафи Армияи Сурх дохил мешавад ва дар шаҳру райониҳои Тоҷикистони ҷанубӣ — Кӯлоб, Ғарм, Данғара дар роҳи тор-румор намудани босмачиён хизмати хуби ватандӯстона нишон медиҳад.

Ҷалол Икромӣ дар муқаддимае, ки ба ҳикояҳои дар журнали «Шарқи Сурх» (1956, № 2) чоп шудани Ҳаким Карим навиштааст, низ тасдиқ мекунад, ки Ҳаким Карим «пеш аз ба адабиёт омаданаш чанд гоҳ дар сафи Армияи Советӣ Ватанро аз босмачиён ва шайкаҳои горатгар мудофиа намуда, ҷангҳо карда, баъд дар совети маҳаллӣ кор карда».

Худи ҳамон солҳо нависанда бо ҳаёти қаҳрамонони ҳикояҳои ояндаи худ шиносо шуда буд, ки ин дар роҳи такомули маҳорати адабии Ҳ. Карим як омили асосӣ шуда хизмат кардааст.

Ҳаким Карим соли 1929 ба Институти хоҷагии қишлоқи Тошканд дохил мешавад ва то нисфи соли 1930 таҳсил мекунад, вале мин-баъд аз сабаби бемории хонданро давом дода наметавонад. Мақолаҳое, ки ӯ аз Тошканд менавишт, баъзе масъалаҳои муҳиммии адабиёт ва маданияти тоҷикро дар бар мегирифтанд. Масалан, яке аз мақолаҳои Ҳаким Карим, ки таҳти унвони «Адабиёти халқро ҷамъ кунем» («Овози тоҷик», 21 апрели 1930) чоп шудааст, масъалаи ҷамъ овардан ва омӯхтани фолклори советии тоҷикро ба миён мегузорад.

«Адабиёти омманы як халқ дар соҳаи забон ва услуб ба адабиёти китобии ҳамон халқ асос шуда метавонад,— навиштааст Ҳаким Карим.— Боз як аҳамияти калони адабиёти халқ ҳамин аст, ки вай аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳамаи ҳолатҳои рӯҳӣ, ахлоқ ва табиати халқи ҳамин адабиётро нишон медиҳад.

Аз ҳамин ҷиҳат адабиёти халқ ва эҷодҳои адабии омма барои таърихчиён ва олимҳои этнограф як дастаки муҳим ба шумор меравад».

Ҳаким Карим эҷодиёти Саидалӣ Вализода, достони «Алпомиш» ва дигар суруду таронаҳои халқиро, ки дар васфи В. И. Ленин, Ҳукумати ҷавони Советӣ ва Армияи Советӣ гуфта шудаанд, мисол meo-

варад ва аҳли адабро барои ҷамъ кардан ва интишор намудану омӯхтани онҳо даъват менамояд.

Ҳаким Карим баъди баргаштанаш аз Тошканд дар Совети Вазирони Тоҷикистон кор мекунад. Сипас, солҳои 1931—1932 дар Нашриёти миллии халқҳои СССР дар Москва хизмат менамояд. Дар ҳамон сол аз байни адибони тоҷик ӯ аввалин шуда маҷмӯаи «Зарбулмасал ва чистонҳои тоҷикӣ»-ро бо ҳуруфоти арабӣ чоп кунондааст. Ин аввалин иқдоме буд дар роҳи ҷамъ ва нашри эҷодиёти даҳанакии халқ, ки Ҳаким Карим аҳамияти онро дар мақолаи худ «Адабиёти халқро ҷамъ кунем» таъкид кардааст.

Баъд Ҳаким Карим ба зодгоҳи худ бармегардад ва ҷонишини муҳаррири газетаи «Пролетари Хуҷанд» шуда хизмат мекунад. Нависанда Ҳоҷӣ Содиқ, ки худ яке аз шогирдони Ҳаким Карим аст, солҳои хизмати софдилонаи ӯро дар редаксияи «Пролетари Хуҷанд» ба хотир оварда, дар мақолаи пурсӯзу гудози худ «Виҷдони бедор» чунин навиштааст:

«Вақте ки ӯ (Ҳаким Карим — А. С.) ходими газетаи шаҳрии «Пролетари Хуҷанд» буд, ба мухбирони бисьёри коргару деҳқон таълим медод. Ман дар хотир дорам, сӣ сол муқаддам аз қишлоқи Ёва мақолачае овардам, дар бораи мӯҳтоҷи ёрӣ будани мухбирони қишлоқ.

— Хайр, ин гуна мухбирон бисьёранд? — пурсид ӯ аз ман, ки пештар шинос шуда будем.

— Ҳа, бисьёр, аммо роҳбар надорем.

— Укаҷон, ҳамаашро фардо бегоҳӣ ба маркази колхозатон Сойчи ҷамъ кун. Ман меравам. Кружоки мухбирон ташкил мекунем.

Ҳаким дар вақташ омад. Рӯзи аввал Ҳаким бештар аз як соат сӯҳбат гузаронд ва ваъда дод, ки ҳафтае як маротиба омада, машғулият хоҳад гузаронд. Ҳамин тавр, бо ёрии ӯ гурӯҳи калони мухбирон ба воя расиданд. Баъдтар кружоки мухбирон ба кружоки адабӣ табдил ёфт. Ба кружоки адабӣ ҳам аввалҳо худи Ҳаким роҳбарӣ кард ва баъд ин вазифаро ба каси дигар супурда рафт»[1].

Баъдҳо аксарияти иштирокчиёни кружок нависанда ва журналист шуданд.

Нависандаи маъруфи тоҷик Раҳим Ҷалил, ки яке аз аъзоёни фаъоли он маҳфили адабӣ буд, ҳоло ҳам номи Ҳаким Каримро ҳамчун устоди худ бо эҳтиром ва ифтихори тамом ба забон меоварад ва ба ҳамкориаш бо ӯ изҳори шодмонӣ мекунад.

Баъд, чунон ки дӯст ва рафиқи ҷонҷонии Ҳаким Карим нависандаи мӯътабари мо Ҷалол Икромӣ хабар медиҳад, «Ҳаким Карим солҳои 1932 то солҳои 1938 аз Душанбе набаромада, муқимӣ ин ҷо

---

[1] Ҳоҷӣ Содиқ. Виҷдони бедор. Газетаи «Тоҷикистони Совет» 1963, 5-ӯми май.

шуда буд»[1] ва тамоми вақти худро бо эҷоди асарҳои бадеӣ, тарҷима ва таҳрир мегузаронд, дар саҳифаҳои матбуот бо мақолаҳои публисистӣ баромад мекард.

Ниман дуйӯми солҳои сийӯм давраи ривоҷи шахсиятпарастӣ буд. Дар саҳифаҳои матбуоти Тоҷикистон нависандагон ва журналистони бегуноҳ, оиҳое, ки ба халқу Ватани худ содиқона хизмат мекарданд ва дар роҳи бахту соадати меҳнаткашон мубориза мебурданд, бе ҳеҷ асос танқид ва ҳатто «душманони халқ» эълон мешуданд. Фитнагарон кори худро мекарданд. Ин аст, ки дар соли 1937 Ҳаким Карим ҳам ҳабс мешавад. Баъди бист рӯз зани ҷавони ӯ Бонухонро ҳам фақат бо ҳамин «гуноҳ», ки ҳамсари Ҳаким Карим буд, ба ҳабс гирифтанд. Фарзанди наҳустини онҳо Абдуҳалими якунимсола дур аз оғӯши модар дар сағирхона ҷои мединад.

Падару модар аз ин бехабар мемонанд.

Ба ҳамин тариқ Ҳаким Карим як солу ду моҳ ва ҳамсари ӯ қариб чор моҳи умри худро бе ҳеҷ гуноҳ, бе ҳеҷ пурсиш ва таҳқиқ дар ҳабс мегузарононд. Сабаби каммаҳсулии Ҳаким Карим дар соли 1937 ва ҳеҷ чиз чоп кунонда натавонистани ӯ дар соли 1938 низ ҳамин мебошад.

Чӣ навъе ки Ҳоҷӣ Содиқ навиштааст, «ин мусибати ногаҳонӣ иродаю суботи Ҳакимро шикаста натавонист. У марде буд покиҷдон, қавиирода, ба маънии томаш халқпарвару ватандӯст. Ба ояндаи дурахшон боварии комил дошт»[2]. Ин аст, ки дар соли 1939 мо ӯро боз дар майдони адабиёт мебинем, мебинем, ки ӯ тобистони соли 1939 бо ҳамроҳии Бонухони вафодораш дар курорти Кисловодск табобат карда, ғуборн паси панҷараи сиёҳро аз худ дур меандозад ва бо қувваи тозаю иҳоми ҷӯшон аз нав ба эҷодкорӣ сар мекунад.

Ҳаким Карим акнун дар Ленинобод истиқомат дошт ва дар ҳеҷ муассисае кор накарда, фақат бо меҳнати эҷодӣ машғул буд. У тобистонҳо ба боғи Авулбой ном дӯст ва қадрдонаш ба қишлоқи Қотма ки дар соҳили хушманзараи сои Хоҷа Боқирғони назди Ленинобод воқеъ аст, кӯчида мерафт ва дар сояи сияҳбедҳо нишаста кор мекард. Ҳавои форами лаби канал, сояву салқини ва меваҳои хушлаззати боғ на фақат ба тани нависанда шифо мебахшиданд, балки иҳоми ӯро ҳам ба ҷӯш меоварданд. Вай ҳикояву очеркҳо менавишт, пьесаи «Соли 1916»-ро, ки соли 1936 бо ҳамроҳии Дунган[3] сар карда буд, ба поён мерасонд, повесту романҳои нав сар мекард ва аз Ленинобод истода дар кори Нашриёти Давлатии Тоҷикистон бо тарҷимаю таҳрир фаъолона иштирок дошт. Дар сари ҳар чор — панҷ моҳ ба Душанбе ме-

[1] Ҷалол Икромӣ, Якчанд мактуби Ҳаким Карим. Шарқи Сурх, 1959, № 2, саҳ. 113.

[2] Ҳоҷӣ Содиқ, Вичдони бедоғ. «Тоҷикистони Советӣ», 1963, 5 май.

[3] Тахаллуси адабии З. Раҷабов.

омад, ба газетаю журналҳо ҳикояву новеллаҳо фиристода мекистод ва аз самими дил мехост, ки дар баҳсу мунозираҳои адабӣ иштирок намояд. Ҷалол Икромӣ мегӯяд, ки Ҳаким Карим «аз Ленинобод бошад ҳам, бо ҳавои адабии марказ меҷӯшид ва аз ҳавои эҷодии мо нафас мегирифт»[1].

То ин дам чанд китоби ҳикояҳои Ҳаким Карим — «Садои рӯзҳо» (1933), «Ҳикояҳои майда» (1935), «Оқшудаа» ва ҳикояҳои дигар (1936), «Ҳикояи устоди «Мисриён» (1935) интишор ёфта, нависандаро ҳамчун ҳикоянависи бокстеъдод ва писандидан халқ машҳур гардонда буданд. Ин аст, ки ӯ назар ба дигар жанрҳо аз ҳикоянависӣ бештар ба халқ манфиат расонданашро мефаҳмид ва тамоми қувваи худро ба равнақу ривоҷи ин жанри фаврӣ мебахшид. Онд ба ин масъала дар яке аз мактубҳояш ба Ҷалол Икромӣ, ки бисту якӯми июли соли 1939 навиштааст, чунин гуфтааст: «Ҳозир дар болои ду цикл ҳикояҳо кор карда истодаам. Цикли якӯм «Одами нав» буда, цикли дуйӯм «Афсонаҳои даврони лаънатӣ» номида мешавад. Ҳар ду тақрибан 25—30 ҳикоят мешавад. Аз цикли якӯм имрӯз ҳикояи аввалинро[2] ба журнали «Бо роҳи ленинӣ» фиристодам. Пагоҳ боз як ҳикояи дигар мефиристонам[3]. Умуман, он журналро як сол аз ҳикоя таъмин кардаанам»[4].

Меҳнат ва муборизаи одамони нав дар роҳи сохтмони социализм, алалхусус фаъолияти занони озоди тоҷик, диққати нависандаро ба худ ба Ҷ. Икромӣ тақрозан навиштааст:

«Аз хусуси коргарзанон — одамони замонамон як қатор ҳикоятҳо медиҳам... Ин «Хостгорӣ» аз ҳамон ҷумла аст. Қаҳрамони ҳикоя Зебуннисо камаш дар панҷ ҳикояи мустақил тасвир карда мешавад. Цикли ҳикояҳои «Одами нав» тақрибан аз 10—15 ҳикоят иборат мешавад. Аз Октябрь сар карда цикли ҳикояҳои «Афсонаҳои даврони лаънатӣ» ба чоп дода мешавад. Ин тақрибан 20—25 ҳикояти мустақил мешавад, ки фақат замони пеш аз инқилобиро нишон медиҳад»[5].

Ҳаким Карим кӯшиш менамуд, ки ҳамеша дар байни халқи бунёдкор бошад, ҷараёни дигаргунсозии ҳаёт ва фаъолияти биниокорони социализмро бо чашмони худ бинад, моҳияти амалиёти ватандӯстонаи онҳоро чуқуртар дарк намояд. Вай аз ҷумлаи баъзе нависандагоне набуд, ки дар хонаи гарму беозор нишаста сюжет мебофтанд ва об-

---

[1] Ҷалол Икромӣ, Якчанд мактуби Ҳаким Карим. Шарқи Сурх. 1959, № 2, саҳ. 113.

[2] Ҳикояи «Хостгорӣ»-ро дар назар дорад. *А. С.*

[3] Ҳикояи «Дар сари роҳ» ба назар дошта шудааст. Ҳарду ҳикоя дар журнали «Бо роҳи ленинӣ», соли 1939, шумораи 7 чоп шудаанд — *А. С.*

[4] Шарқи Сурх. 1959, № 2, саҳ. 113.

[5] Ҳамон ҷо, саҳ. 114.

резҳои хаёлӣ эҷод мекарданд. Баръакс, Ҳаким Карим бо қаҳрамонони аиндан эҷодиёти худ сару кор дошт. Вай ба муассисаҳои саноатӣ, колхозҳо ва дигар сохтмонҳои социалистӣ фаъолона иштирок мекард, мавзӯи ҳикояҳои худро аз ҳаёт ва образи қаҳрамононро аз байни мардуми меҳнаткаш ҷустуҷӯ менамуд. Худи Ҳаким Карим дахолати ҷиддии нависандаро ба воқиаҳои гуногуни ҳаёт дар аз муҳимтарин вазифаҳои аҳли адаб мешуморид. Бесабаб нест, ки дар яке аз мактубҳояш ба Ҷалол Икромӣ чунин орзуи худро изҳор кардааст: «Дар орзуи ба канали Фарғона рафтан будам... Аз нависандагони мо ба канал киҳо рафтанд? Нарафта бошанд, ҳозир ҳам бевақт нашудааст, **рафтанашон зарур аст.** (Ба зераш ман хат кашидам — А. С.). Барон нависанда ни бисьёр аҳамияти калон дорад. Охир қаҳрамонони ҳикояҳоямон дар он ҷоанд!»[1]

Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мувофиқи хоҳиши ӯ як гурӯҳ шоирон ва нависандагон — М. Турсунзода, Р. Ҷалил, Ф. Ниёзӣ, Ҷ. Суҳайлӣ, Х. Карим ва Ҷ. Икромиро ба сохтмони Канали Калони Фарғона фиристод, ки аксари онҳо онд ба ин сохтмони азим мувофиқи қудрат ва қобилияти худ асарҳо навиштанд.

Ҳаким Карим ва ҳамкори ӯ — Ҷалол Икромӣ моҳи январи соли 1940 як моҳи тамом сар то сари канал пиёда роҳ паймуда, бо пешқадамони сохтмон сӯҳбатҳо карда, онд ба меҳнат ва муборизаи каналковҳои водии Фарғона «Бо роҳи партия» ном очерки калони бадеӣ навиштанд, ки дар давоми ду моҳ порча-порча дар газетаи республикавии «Тоҷикистони Сурх» чоп шудааст.

Ҳаким Карим инят дошт, ки бо мақсади навиштани «Як сериа ҳикояҳо ё ягон повестьча» ба сохтмони Канали Калони Ҳисор ҳам иштирок намояд. Вай ин мақсади худро ба М. Миршакар ва Ҷ. Икромӣ изҳор карда буд. Очерки «Дар шаҳрчаи Норакиён» маҳсули иштироки ӯ ба сохтмони Канали Калони Ҳисор аст.

Аз орзуҳои адабӣ ва планҳои эҷодии Х. Карим маълум мешавад, ки ӯ ба таълифи асарҳои калон — повесту романҳо сар карда будааст. «Бо кори эҷодӣ ба таври ҷиддӣ машғул шудан лозим. Бо ин ҳикояҳои майда кор намешудагӣ барин менамояд: то роман нашавад, намешавад»,— навишта буд вай ба Ҷ. Икромӣ[2]. Дар мактуби дигаре ба таълифи роман сар карданашро хабар медиҳад: «Каму беш дар болои роман ҳам кор карда истодаам. Вале он қадар ҳам саросема нестам. Чунки аз роман ҳиконт додани ман фоиданоктар барин менамояд. Роман фақат аз рӯи принсип аст»[3].

Фаъолияти эҷодии Ҳаким Карим дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле вусъат ёфта, серсоҳа гардида буд: соли 1940 баъзе асар-

[1] Шарқи Сурх, 1959, № 2, саҳ. 115.
[2] Шарқи Сурх, 1959, № 2, саҳ. 114.
[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 115.

ҳоляшро дубораю себора таҳрир кардаю такмил дода, маҷмӯаи «Ҳикояҳо»-ро чоп кунонда буд. Илова бар ин вай ҳикояву очеркҳои нав, повесту романҳо ва асарҳои драмавӣ менавишт, таҳриру тарҷима мекард ва планҳои калони эҷодӣ дошт.

Ба мо маълум буд, ки Ҳаким Карим дар бораи романе кор карда истодааст. Аммо дар мактуби дигараш ба Ҷ. Икромӣ хабар медиҳад, ки «плани як романи калон тахт шуда, рӯз ба рӯз дар майна пухта, ҳазм шуда истодааст. Ҳамин ки ин корҳои майда-чуйдаро тамом кардам, дар бораи роман нишастанам»[1]. Ин плани романи дуйӯм буд.

Хонандагони тоҷик дар соли 1935 баъзе порчаҳои повести Ҳаким Карим «Муҳосира»-ро, ки дар журнали «Барои адабиёти социалистӣ» чоп шудааст, мутолиа карда буданд. Чунон ки худи нависанда дар мулоқоти роҳбарони онвақтаи Партияи Коммунистии Тоҷикистон бо аҳли адаби республика гуфтааст, «повести онд ба ҳодисаҳои Кӯлоб»-ро («Муҳосира»-ро мегӯяд — А. С.) тамом карда, ба тарҷиман «Фома Гордеев»-и М. Горький машғул будааст[2].

Аз як мактубаш маълум мешавад, ки Ҳаким Карим «Ҳикояҳои сарбозӣ» ном повести дигар навишта истода будааст, ки моҳи июни соли 1941 ба поён расиданашро дар назар доштааст: «Ҳозир шабу рӯз бо диққати зиёд дар бораи повестчае кор карда истодаам. Мавзӯъ аз кӯҳистон сарбозгирии амир аст. Материал бисёр галатӣ. Чанд сол боз дар архивам хоб буд. Ба муносибати даъват ба Армияи Сурх, бо мақсади нишон додани разолати амирӣ ба даст гирифта будам. Муддао ба ду падвал ҳикоячае навиштан буд. Лекин ҳикоят калон шуда рафтан гирифт. Ман ҳам ихтиёр ва зимомро ба қалам додам. Даҳ-понздаҳ бобча шудани аст. Ҳозир 9-тааш тайёр»[3].

Аз баъзе нависандагон яклухт чоп кунондани повестҳо мехостааст, ягон порчаи вай дар газета ё журнале дарҷ нагардидааст. Ба мо маълум нест, ки Ҳаким Карим «Ҳикояҳои сарбозӣ»-ро тамом кард ё не? Чунки дар моҳи июни соли 1941 — моҳе, ки Ҳаким Карим навишта тамом кардани повесташро ваъда дода буд, истилогарони фашизм аҳдшиканона ба мамлакати советӣ ҳуҷум намуданд ва Ҷанги Бузурги Ватании Иттифоқи Советӣ ба муқобили Германияи гитлерӣ сар шуд. Вобаста ба ин воқеа планҳои эҷодии бисёр нависандагон, аз он ҷумла Ҳаким Карим ҳам вайрон шуданд, як қатор корҳои ӯ нотамом монданд ва ниятҳои нахӯи адиб ҷоман амал напӯшида, ӯ ба сафи Армияи советӣ рафт.

Чунон ки дар солҳои ҷанги граждании Ҳаким Карим бо ихтиёри худ ба хизмати ҳарбӣ даромада, чанд гоҳе бар зидди босмачиён ҷан-

---

[1] Шарқи Сурх, сах. 116.
[2] Барои адабиёти социалистӣ, 1935, № 6, сах. 3.
[3] Шарқи Сурх, 1959, № 2, сах. 117.

гида буд, ин дафъа ҳам ӯ бо хоҳиши худ ба майдони муҳорибаи зидди фашистон рафт.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ санҷиши ҷиддии халқи советӣ, имтиҳони калони ҳар як аъзои ҷамъияти социалистӣ буд. Ҳаким Карим, ки соли 1937 бе ҳеҷ гуноҳе ҳабс шуда буд, дар дил ниятe дошт, ки фурсати муносибе ёфта корномаи ватандӯстона нишон диҳад ва покизагию садоқати худро дар пеши халқ ва партия собит намояд. Чун Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд, ҳиссиёти ватандӯстонаи ӯ аз нав ба ҷӯш омад ва орзуи нишон додани корнамой дар дили ӯ ба ҷӯш омад. Вай пеш аз ҳама ариза навишта, аз комиссариати ҳарбии вилояти Ленинобод хоҳиш мекунад, ки ӯро ба сафи армияи амалкунанда фиристонад. Лекин дар Ленинобод аризаи ӯро бечавоб мегузоранд. «Аз ин ҳол вай маъюс шуда, бо ҳасрату алам ба Душанбе омаду ариза дод,— ба ёд меоварад Ҷ. Икромӣ.—Дар ин ҷо ӯро бо ваъдаи қабул хурсанд кардаанд ва пас аз чанд гоҳ, дар моҳи сентябри соли 1941, ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват кардаанд. Ман ӯро ба вокзал бароварда гусел кардам. Аз баски унвони лейтенантӣ дошт, ӯро ба тарзи муфрад — чудогона, ба қисми ҳарбӣ командировка карданд. Вай пакети мӯҳр кардашударо гирифта, чунон хурсанд буд, ки ниҳоят надошт. Дар дами дари вагон бо ман хайрухӯш карда истода мегуфт:

— Ман хурсанд ва бо шавқ рафта истодаам. Дар қатори фарзандони Ватан меҷангам, корэор нишон мединам!

Вай рафту дигар бармагашт... Дар задухӯрди калоне, ки дар самти Старая Русса (дар наздии Ленинград — А. С.) воқеъ шуда буд, фидокорона қурбон шуд...»[1].

Намунаи охирини асарҳои чопии Ҳаким Карим силсилаи очеркҳои «Патриотҳо» ва ҳикояҳои «Қаламкаш», «Писар», «Таронаи муҳаббат», «Хун ба хун» буданд, ки соли 1941 дарҷ гардидаанд. Онҳо ҳамқро ба хизмати ҳарбӣ тайёр ва ба ҳимояи Ватан омода мекарданд.

Ҳоло ҳамсари Ҳаким Карим — Бонухон, ду писари ӯ — Диловар ва Ҷанговар зиндаю саломат буда, ҳар се дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ хизмат карда истодаанд.

II

«Нависандаи меҳнатдӯсти мо Ҳаким Карим, ки ҳам ҷанговар, офицер, ҳам ходими давлат, ҳам тарҷумони бомаҳорати адабиёти классикии Европа буд,— гуфтааст Мирзо Турсунзода дар съезди IV нависандагони Тоҷикистон,— ҳамчун ҷамъбасти роҳи ҳаёти инсонии худ ба хазинаи адабиёти советии тоҷик як қатор ҳикояҳои баландсанъатро боқӣ гузошт»[2].

[1] Ҷ. Икромӣ. Ҳаким Карим. Шарқи Сурх, 1956, № 2, сах. 77.
[2] М. Турсунзода. Ҳаёт ва адабиёт. Журнали «Шарқи Сурх», 1959, № 3, сах. 99.

Дар замони зиндагонаш маҷмӯаҳои «Садои рӯзҳо», «Ҳикояҳои майда», «Оқшуда» ва ҳикояҳои дигар, китобчаи «Ҳикояи устоди «Мисриён» ва «Ҳикояҳо» чоп шуда буданд. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон дар соли 1957 «Ҳикояҳо»-ном маҷмӯаи Ҳаким Каримро нашр намуд, ки асосан аз ҳикояҳои китобҳои пештар чопшудаи ӯ тартиб ёфтааст.

Ғайр аз онҳо, дар газетаю журналҳо порчаҳо аз повести Ҳ. Карим «Муҳосира», порча аз очерки «Ӯрунхола», пардае аз пьесаи «Ҷанговарон», баъзе пардаҳои пьесаи «Соли 1916», инчунин дигар очерк, ҳикоя ва мақолаҳои ӯ чоп шудаанд. Дар бораи повести «Муҳосира» худи Ҳаким Карим дар як мактубаш аз 27 сентябри соли 1940 ба Ҷ. Икромӣ чунин гуфтааст: «Ҳоло дар болои ҳамон повести «Кӯҳнаи машҳур»[1], яъне «Муҳосира» нишастаам. Ниро дар Октябрь тамоман аз даст бароварда, ба нашриёт мефиристонам[2]. Аммо то ҳол маълум нест, ки Ҳаким Карим повестҳро мувофиқи ваъдааш ба поён расонида, ба нашриёт фиристод, ё не? Чунки Нашриёти Давлатии Тоҷикистон ин асарро чоп накардааст, аҳли илму адаб низ ба ҷуз порчаҳои чопии он, маълумоти дигаре дар бораи повести «Муҳосира» надоранд.

Дар журнали «Барои адабиёти социалистӣ» борҳо гуфта шудааст, ки Ҳаким Карим пьесаи «Ҷанговарон»-ро навишта ба охир расондааст[3]. Ҳатто журнали «Бо роҳи ленинӣ» мақолае чоп карда мувофиқи қарори жюрии конкурси республикавӣ мукофот гирифтани пьесаҳои М. Турсунзода «Ҳукм», Ғ. Абдулло «Ваҳш» ва пьесаи Ҳ. Карим «Ҷанговарон»-ро (ҳафт ҳазор сӯм пул ва саёҳати думоҳа ба Москва ва Ленинград) хабар додааст[4]. Мутаассифона, аз ин пьеса низ ба ҷуз як парда он, ки дар альманахи — «Тӯҳфа», соли 1934, № 4 чоп шудааст, намунаи дигаре боқӣ намондааст.

Ҳ. Карим дар яке аз мактубҳои худ ба Ҷ. Икромӣ «Камтар-камтар дар болои пьеса аз хусуси занон» кор карда истодан[5] ва дар мактуби дигаре машғулнашро «дар болои як чизи дигар», ки то тамом шуданаш ғайр аз нависанда каси дигар намедонад»[6], хабар з-

---

[1] Повести «Муҳосира»-ро шӯхиомез «кӯҳнаи машҳур» номидани Ҳ. Карим сабаб дорад. Зеро дар матбуот аз рӯи гуфти ӯ ба итмом расидани повесть борҳо эълон шуда буд. Нигаред: «Вохӯрии саммии журнали «Барои адабиёти социалистӣ», 1935, саҳ. 3; «Барои реализми социалистӣ дар санъат ва адабиёти советӣ», «Барои адабиёти социалистӣ», 1936, № 5.

[2] Шарқи Сурх, 1959, № 2, саҳ. 115.

[3] Журнали «Барои адабиёти социалистӣ», 1934, № 8. Ҳамон журнал, соли 1935, № 4 (28), саҳ. 1; соли 1936, № 5.

[4] Бо роҳи ленинӣ, 1934, № 8, саҳ. 16. Барои адабиёти социалистӣ, 1934, № 8.

[5] Шарқи Сурх, 1959, № 2, саҳ. 115.

[6] Ҳамон ҷо, саҳ. 114—115.

диҳад. Вале на пьесаи «аз хусуси занон» ва на он «чизи дигар» то ҳол ба мо маълум нашуд.

Ҳаким Карим дар роҳи ҷамъоварӣ ва манзури омман хонандагон кардани намунаҳои мухталифи фольклори тоҷик низ яке аз аввалинҳо шуда, саҳми худро гузоштааст. Маҷмӯаҳои «Зарбулмасал ва чистонҳои тоҷикӣ» (соли 1931) «Афсонаҳои халқӣ» (соли 1941) ва «Канаҳаки рӯкандаю мӯканда» (соли 1941), аз ҳамон ҷумлаанд.

Аз асарҳои драмавии Ҳ. Карим фақат пьесаи «Соли 1916» (бо ҳамроҳии Дунган навиштааст) дар шакли пурраи худ боқӣ мондааст, ки ба ҳамин китоб дохил гардид.

Ғайр аз инҳо Ҳаким Карим дар газетаҳои гуногуни шаҳрию республикавӣ, дар журналҳо як қатор ҳикоя, очерк ва мақолаҳо чоп кунондааст, як чанд асарҳои нависандагони рус ва дигар халқҳоро тарҷима ва таҳрир кардааст, ки ҳаман онҳо то ҳол пурра гирдоварӣ нашудаанд. Дар оянда ичрои ин вазифаро ба ӯҳда гирифтаем.

III

Эҷодиёти Ҳаким Карим ҳанӯз омӯхта нашудааст. Фақат дар баъзе китоб ва мақолаҳо маълумоти иҳоят мухтасар ва умумие мавҷуд аст, ки онҳоро ифодоми нахустин дар ин соҳа шуморидан мумкин аст[1].

Эҷодиёти Ҳаким Карим аз ниман дуйӯми солҳои бистӯм, аз иштироки ӯ ба газетаҳои республикавӣ ба сифати мухбир сар шуда бошад ҳам, вале ҳамчун нависанда фақат аз ибтидои солҳои сиюм шинохта шудааст. «Ҳаким Каримро аксарияти мо аввалин бор пас аз дар газетаи «Пролетари Хуҷанд» чоп шудани мақолаи «Долой халтура» шинохта будем»,— мегӯяд Ҷалол Икромӣ[2]. Дар ҳақиқат ҳам мақолаи мазкури Ҳаким Карим бар зидди миллатчиёне, ки дар соҳаи адабиёт халтурачигӣ мекарданд, равона шуда буд ва дар он вақт бо зарурат ва тунду тезии худ ғулғула андохта будааст.

Таҷрибаи журналистии Ҳаким Карим, ки яке аз аввалин ходимони адабии газетаи «Пролетари Хуҷанд» буд, дар роҳи инкишофи эҷодиёт ва такомули маҳорати нависандагиаш роли муҳим бозидааст.

Ҳаким Карим дар адабиёти тоҷик тарзи нави ҳикоянависиро ба вуҷуд овард. Дар маркази ҳикояҳои ӯ қисмати инсоне гузошта шудааст, ки барои озодӣ ва истиқлолият қаҳрамонона мубориза мебарад. Воқеаҳои мухталифи эпидагӣ маҳз ба воситаи саргузашти қаҳрамон

---

[1] Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик, қисми 1, Душанбе, 1956, саҳ. 95. Очерк истории таджикской советской литературы, М., 1961, стр. 83.

[2] Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Шарқи Сурх, 1956, № 5, саҳ. 77

ва моҳияти онҳо ба воситаи тафаккури ӯ нишон дода шудааст. Да-
ҳикояҳои Ҳаким Карим ҷузъиёти зиёдатӣ дида намешаванд. Ҳар ки-
доме як лавҳаи конкрети ҳаёт ва ҳар қаҳрамонаш як типи иҷтимо-
мебошад. Аз ин ҷиҳат таълим гирифтани нависанда аз эҷодиёти адо-
бони классик ва советии рус, алалхусус аз А. Чехов ва М. Горький
дида мешавад. Ҳаким Карим, ки асарҳои Чехов ва Горькийро бисёр
мутолиа кардааст ва баъзеи онҳоро ба забони тоҷикӣ гардондааст,
санъати ҳикоянависиро онҳоро низ омӯхтааст. Ҳикояҳои Ҳаким Ка-
рим шаҳодат медиҳанд, ки ӯ аз бузургони адабиёти рус баъзе сюжет,
образҳои ҷудогона ва дигар унсурҳои муфради ҳикояро не, балки масъ-
алаи хеле муҳим, яъне хусусиятҳои хоси эстетикии эҷодиёти онҳо-
ро аз бар кардааст. Албатта, таъин кардани ҳудуди омӯзиши як нави-
санда аз нависандаи дигар ва нишон додани ин ки шогирди зирак аз
устоди бузург маҳз фалон ва фалон масъалаҳоро омӯхтааст, хеле душ-
вор аст.

Эҷодиёти классикҳои адабиёти гузашта ва советии рус барои на-
висандагони тоҷик аз он ҷумла Ҳ. Карим мактаби реализм мебошад.
Тасвири таърихан конкрет ва ҳаққонии воқеаҳои мураккаби зиндагӣ,
эҷоди образ ва характерҳои типӣ, ки ҳақиқати ҳаётро ифода менамо-
янд ва пешрафти ҷамъиятро нишон медиҳанд, алоқаи ҷузъ ва кулл,
фард ва ҷамъият, забони равон ва тарзи баёни саҳеҳу равшан, ки аз
муҳимтарин хусусиятҳои реализм мебошанд, дар эҷодиёти Ҳ. Карим
дар натиҷаи омӯхтани таҷрибаи эҷодии устодони бузурги адабиёти
рус ва садоқати ӯ ба ҳақиқати ҳаёт пайдо шудаанд.

Санъати дахолати ҷиддии нависанда ба ҳаёти халқ ва тарзи тад-
рики масъалаҳои мураккаби зиндагӣ, мушоҳидакорӣ ва чуқур фаҳми-
дани рӯҳияи мардум, маҳорати тасвири реалистонаи образи одамони
гуногун ва ёфта тавонистану дар ҷои худ нишон додани хислатҳои
асосии характери қаҳрамонон, ки бояд ба дараҷаи характери комил
расидани образи як қатор ҳикояҳои Ҳаким Карим гардидаанд, на фа-
қат аз мактаби адабии Чехов ва Горький, балки аз таҷрибаи эҷодии
нависандагони бузурги ҷаҳон ҳам омӯхта шудааст. Зеро Ҳаким Ка-
рим бо мақсади баланд бардоштани малака ва маданияти нависандагӣ,
вусъат додани доираи назар ва савияи дониши худ на фақат мероси
адабии гузаштагони адабиёти тоҷик, осори адибони рус ва дигар халқ-
ҳои Ватанамонро меҳондааст, балки бо беҳтарин намунаҳои эҷодиёти
нависандагони Европа ва Америка шиносо шуда мекӯшодааст, аз онҳо
таълим мегирифтааст ва таҷриба меомӯхтааст. Ӯ дар яке аз мактубҳо-
яш ба Ҷ. Икромӣ хабар медиҳад, ки дар давоми як моҳ ба ҷуз корҳои
эҷодиаш ӯ романи калон — асари нависандаи бузурги немис Лион
Фейхтвангер «Онлан Оппенҳейм» ва китоби нависандаи америкой
Ҷон Стейнбек «Гроздья гнева»-ро мутолиа карда, таассуроти зӯре ҳо-

сил намудааст, ҳатто як ҳафта ба худ омада натавонистааст[1]. Азбаски худи Ҳаким Карим истеъдоди баланди нависандагӣ дошт, омӯзиши ӯ аз бузургони адабиёт шакли эҷодӣ мегирифт ва самараҳои наҷиб мебахшид. Вагарна худи нависанда истеъдоди комилро соҳиб набошад, ва ҳаёти халқро хуб надонад, омӯзиши адабии ӯ натиҷаи қаноатбахш дода наметавонад.

Аз ҳамин ҷост, ки фолклор ва адабиёти классикии тоҷик, адабиёти классикӣ ва советии рус, инчунин намунаҳои барҷастаи осори халқҳои дигар дар роҳи пешрафт ва такомулоти маҳорати Ҳаким Карим ҳизмати муҳим карда бошанд ҳам, маҳз ҳаёти социалистӣ ва дахолати ҷиддии нависанда ба он сарчашмаи асосии инкишофи эҷодиёти ӯ мебошад.

Мақсади мо ин ҷо таҳлили осори Ҳ. Карим нест. Мо фақат баъзе хусусиятҳои эҷодиёти ӯро қайд менамоем.

Ҳикоя ва очерк, повесть ва асарҳои драмавии ӯ ҳама ҳаётианд. Мавзӯи онҳо аз таърихи муборизаи халқи тоҷик барои озодӣ ва истиқлолияти худ гирифта шудаанд. Агар пьесаи «Соли 1916»-ро истисно кунем, дигар ҳамаи асарҳои Ҳ. Карим ба воқеияти советӣ, ба муборизаи зидди босмачиён ва баъзе урфу одатҳои феодалӣ, ба ташкили колхоз ва ғалабаи муносибатҳои нави сиёсию иҷтимоӣ дар шаҳру деҳот, ба меҳнати фидокоронаи халқ ва ободонии Тоҷикистон, ба ҳимояи Ватан ва дигар соҳаҳои муҳиммии ҳаёти социалистӣ бахшида шудаанд. Мавзӯи ҳикояву очеркҳои Ҳ. Карим хеле конкрет мебошанд. Нависанда дар ҳар ҳикоя ва очеркаш як лавҳаи муайяни ҳаётро тасвир кардааст. Аз ин ҷиҳат, вақте ки шумо тамоми асарҳои Ҳ. Каримро мутолиа мекунед, манзараи меҳнат ва муборизаи халқи тоҷик барои ҳаёти нав, мустаҳкам намудани сохти советӣ ва ғанавсозии социалистии Тоҷикистон ба пеши назар равшан намудор мегардад.

Масалан, дар пьесаи «Соли 1916» манзараи ҳаёти вазнини халқ дар арафаи Революцияи Октябрь ва муборизаи меҳнаткашон барои озодӣ, дар ҳикояҳои «Ҳаппак», «Атака», «Худписанд», «Латиф Кутил», «Тӯҳфа», «Марги Коваленко» ва ғайра муборизаи бар зидди босмачиён ва азму субот барои мустаҳкам намудани сохти социалистӣ, дар ҳикояҳои «Вохӯрӣ», «Ранса», «Ҳикояи устоди «Мисриён» ҳаёти колхозӣ ва муборизаи дар роҳи ҳосили баланди пахтаи маҳиннахи советӣ, дар ҳикояҳои «Муҳаббат», «Дастамро фаромӯш кардаам» масъалаи сабзиши маънавӣ ва маҳни бесаводӣ, дар ҳикояҳои «Хостгорӣ», «Дар сари роҳ», «Пешвозгирӣ», «Мужда» ва ғайра ғалабаи муносибатҳои нави ҳамъиятӣ ва оилавӣ, дар ҳаёт ва шуури меҳнаткашон, дар очерки «Бо роҳи партия» ҷӯшу хурӯши меҳнати бунёдкоронаи колхозчиёни Канали Калони Фарғона ва дар силсилаи ҳикояҳои «Пат-

[1] Мактуби аз 27 сентябри с. 1940. Шарқи Сурх, 1959, № 2. саҳ. 116.

риотҳо» масъалан мудофиаи Ватани советӣ аз ҳуҷуми ногаҳонии фашизм ба миён гузошта шудаанд ва моҳирона ҳал гардидаанд.

Чолиби диққат аст, ки Ҳ. Карим мавзӯю масъалаҳои ҳаётан зарур ва талаботи ҷамъиятро ба назар гирифта, ин ва ё он ҳикояи худро менавишт ва бо асарҳои худ ба масъалаҳои муҳимме, ки ҳаёт ба пеши нависандагон ва аҳли ҷамъият мегузошт, алоқадри хол ҷавоб мегуфт. Чунончи, вақте ки дар Европа фашизм бо қадамҳои хунолуд мегашт ва хавфи ба Мамлакати советӣ ҳуҷум кардани он ба миён омада буд, Ҳаким Карим бо мақсади тарбияи ҳисси бузурги ватандӯстии омми халқ ва ба мудофиаи мамлакат тайёр намудани онҳо силсилаи ҳикояҳои «Патриотҳо»-ро эҷод намуд. Худи нависанда онд ба ҳикояи «Писар», ки ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст, чунин гуфтааст: «Ба фикри ман, ҳозир ҳамин хел ҳикояҳо зарур аст, зеро халқро тарбия кардан, вайро ба ҳимояти мамлакат омода кардан, сафарбар намудан зарур мебошад. Аз ин нуқтаи назар шояд ман кори дуруст карда бошам»[1].

Аз ҳамин ҷост, ки муроҷаат ба мавзӯъҳои замонавӣ ва даҳолати ҷиддӣ ба масъалаҳои ҳаётан муҳимми ҷамъият, ба назар гирифтани эҳтиёҷи хонандагон ва ифодаи гояҳои тарбиявӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои фаъолияти эҷодии Ҳаким Карим будааст. Пас, маълум мешавад, ки Ҳаким Карим вазифаи адабиётро баденро пеш аз ҳама, иборат аз тарбияи гоявию эстетикии меҳнаткашон ва сафарбар намудани онҳо ба иҷрои сохтмони коммунистӣ медонистааст. Партиягии эҷодиёти ӯ низ дар ҳамин аст.

Ҳаким Карим ба мавзӯъҳои замонавӣ на фақат аз нуқтаи назари аҳамияти гоявию тарбиявии онҳо наздик мешуд, балки ҳалли онҳоро санҷишу кушиш эҷодӣ ва омили такомули маҳорати адабӣ мешумориид. Аз ҳамин ҷост, ки Ҳаким Карим баробари дарёфт кардани мавзӯъ ба тасвиру ҳалли он зуд қалам намеронд, балки муддатҳои зиёде он мавзӯъро дар майнаи худ мепазонд, сюжет, конфликт ва образҳои мувофиқро ҷустуҷӯ менамуд. Нақшаю сюжетҳои ҳикояҳои ӯ чанд вақт пеш аз ба рӯи коғаз омадан дар фикри ӯ «зиндагӣ» мекарданд ва фақат баъди ба «камол» расидан нависандаро маҷбур мекарданд, ки онҳоро ба дунёи оварад. Дар ин бора худи Ҳ. Карим чунин гуфтааст: «Сюжети якчанд ҳикояҳои калон ва майда дар майна шаб ва рӯз ҷўлида, ҷонамро сер карда истодааст. Агар як қисми онҳоро дар ҳамин моҳи октябрь (соли 1940 — А. С.) ба рӯи коғаз нагузарониам, онҳо аз гиребони ман даст намекашидагӣ барин менамоянд... Илҳом ҷўш зада истодааст»[2].

Қаҳрамони ҳикояҳои Ҳ. Карим одамони нави советӣ — ҷанговарон, коргарон, колхозчиҳо ва намояндагони зиёнёни миллии тоҷик ме-

[1] Мактубҳо. Шарқи Сурх, 1959, № 2, саҳ. 119.
[2] Мактубҳо. Шарқи Сурх, 1959, № 2, саҳ. 115.

бошанд, ки фаъолияти онҳоро дар қабҳаҳои гуногуни меҳнат ва мубориза реалистона тасвир кардааст. Баъзеи онҳо шахсони воқеӣ мебошанд, ки нависанда дар солҳои муборизаи худ бар зидди босмачиён бо онҳо шиносо шудааст ва баъд образи онҳоро эҷод намудааст. Масалан, Ҳаким Карим дар бораи Латиф Қутил ном яке аз қаҳрамонони ҳикояҳои худ, ки дар мубориза бар зидди босмачиҳо ҷон додааст, дар хотираш навиштааст: «Яке аз он фармондеҳони майдае, ки дар тирамоҳи соли 1927 аввалин бор ба ман ва ба ҳамсолонам алифбои ҳарбиро ёд дода буданд, ҳамин Латиф Қутил буд».

Қатъи назар аз ин, ки қаҳрамонони ҳикояҳои Ҳаким Карим шахсони воқеӣ ва ё образҳои эҷодӣ мебошанд, ҳар кадоми онҳо беҳтарин хислатҳои бинокорони социализмро тачассум намудаанд. Дар ҳикояҳои Ҳ. Карим образу характери одамони нав, ки барои ба ҳаёт татбиқ намудани ғояҳои социализм мубориза мебаранд, мавқеи муҳим ишғол менамоянд. Нависанда бо мақсади мукаммалтар тасвир намудани образ ва нишон додани ғалабаи тадриҷии муносибатҳои нави шахсию ҷамъиятӣ дар эҳёгари ва шуури одамон образи як қаҳрамонро дар якчанд ҳикояҳо акс кунондааст. Масалан, образи Зебунисо, ки коргари пешқадами фабрика аст, дар панҷ ҳикоя — «Хостгорӣ», «Дар сари роҳ», «Мужда», «Пешвозгирӣ» ва «Модар» тасвир шудааст. Дар ҳар яки ин ҳикояҳо як тарафи ҳаёт ва як ҷиҳати характери қаҳрамон тасвир ёфтааст ва ҳама якҷоя муносибатҳои шахсию ҷамъиятии Зебунисо, ҷараёни сабаҳш, пешрафти занон ва озодии ҳақиқии онҳоро ифода менамоянд.

Ҳаким Карим қаҳрамонони худро ҳамеша дар марҳи ҳаёт ва майдони мубориза нишон медиҳад. Вай ба тасвири воқеаҳо бештар саргарм намешавад, балки бо роҳи нишон додани муносибати қаҳрамон ба воқеа образи ӯро мекушояд. Аз ҳамин ҷост, ки дар ҳикояҳои ӯ дар мадди аввал ҳаёт ва қисмати одам гузошта шудааст. Нависанда таъкид менамояд, ки баробари тағйир ёфта истодани сарзамини тоҷикон симои маънавии одамон ҳам дигаргун мешавад, онҳо пеш мераванд, нигиҳоф меёбанд ва ҳар кадоме дар ҷамъият мавқеи ба худ хос ишғол менамоянд. Қаҳрамони ҳикояи «Бегӯш» Қосим ном ҷавонест, ки дар ҷараёни муборизаҳои синфӣ дониши сиёсӣ ва қобилияти ташкилотиро худро нишон дода, аз дараҷаи одами оддӣ то ба дараҷаи раиси колхоз сабзанда расидааст.

Қаҳрамони «Ҳикояи духтараки чинигиламӯй» Озода, ки дар солҳои аввали ҷанги граждани аз падару модар дар кӯдакиаш ятим монда буд, дар сояи ғамхориҳои Ҳукумати Советӣ тарбият ёфта, ба камол мерасад ва дар Тошканд таҳсил намуда, ба колхози худ шофер шуда бармегардад. Қаҳрамони «Ҳикояи устоди «Мисриён» Тоҷибой-саркор, ки солҳои ҷавонашро дар хизмати бой гузарондааст, дар давраи

советӣ соҳиби обу замин ва ҳуқуқи комил гардида усулҳои пешқадами киштии пахтаро истифода бурда, «Устоди пахтаи «Мисрӣ» мегардад. Вай ба деҳқонони социалистӣ ва душманони колхоз муроҷиат карда мегӯяд: «Мо ба тамоми Тоҷикистон нишон медиҳем ва исбот мекунем, ки дар заминҳои Ҳуҷанд пахтаи мисриро коридан мумкин аст. Мо баробари худи мисриён ва ҳатто аз онҳо ҳам зиёдтар ҳосил мегирем».

Дар поёни ҳикоя Х. Карим навиштааст: «Тарҷимаи ҳоли ин шахс ба саргузашти ҳазорон ҳазор муборизони майдони пахта, ки ҳоло мамлакати мо дорад ва бо роҳбарии Партияи большевикон дар роҳи истиқлолияти пахтагии сарзамини мо ҷонбозӣ намуданд ва менамоянд, тамоман монанд аст».

Х. Карим дар ин ҳикоя образи типии падарони пахтакорони имрӯзаи тоҷикро, ки усулҳои нави киштукорро ва рӯёндани ҳосили фаровонро истифода мебурданд, тасвир кардааст. Нависанда бо ин роҳ ҳиссаи деҳқонони тоҷикро дар роҳи сохтмони социализм нишон додааст. Соли гузашта фарзандони Тоҷибой-саркор — пахтакорони Тоҷикистон ба Ватан 540 ҳазор тонна пахта супориданд, ки мо дар мисоли ин амалӣ гардидани идеалҳои ҷамъиятии қаҳрамони «Ҳикояи устоди «Мисриён»-ро мебинем. Худи ҳамин ҳам реализми образи бадеӣ ва асосии реалии гояҳои олии ӯро ифода месозад.

Қаҳрамонони асарҳои Х. Карим ҳама намояндагони оддии халқ мебошанд. Диловарӣ ва хоксорӣ сифати аслии онҳост. Онҳо дар майдони меҳнат ва муборизаи намунаҳои аълои диловариро қаҳрамонӣ нишон медиҳанд, вале ҳангоми муносибатҳои шахсию ҷамъиятӣ хеле хоксору ҳалим мебошанд. Ҳаман онҳо идеалҳои ҷамъиятӣ доранд, ки иборат аз барҳам заданӣ душманони синфӣ ва сохтмони социализм дар Тоҷикистон аст. Ҳамин идеал ба ҷавонон қувваю қудрат мебахшад ва онҳоро ошиқи муайяни мекунад. Шарифи комсомол («Худписанд»), Одилов («Атака»), Заҳро ва Бобӣ («Оқшуда»), Сайфулло («Ҳаппак») ва дигарҳо, ки ҷавониро далерӣ мешуморанд ва ҳаётро бе муборизаи тасаввур карда наметавонанд, процесси пайдоиш ва ташаккули одамони нав — бинокорони социализмро таҷассум менамоянд.

Ҳакими Карим дар ҳикояҳои худ (масалан, «Бегӯш» ва «Ранса») ҷараёни инкишофи шуури социалистӣ ва ба туфайли ҳамкории Партияи коммунистӣ ба дараҷаи роҳбарони кордон расидани одамони оддӣ дар гузашта бесаводу беҳуқуқро тасвир намуда, бо худ ҳамин қобилияти бузурги тарбиявии сохти советӣ ва озодиро тараққиёти шахсиятро дар шароити социализм хеле хуб таъкид кардааст.

Х. Карим дар эҷоди образ ва характерҳои қаҳрамонони баъзе асарҳои худ аз ҷузъиёти характерноки лиризм, тасвирҳои психологӣ ва романтикӣ, юмори латифу нозук ва дигар воситаҳо, ки ҳама барои

тасвири реалистонаи ҳаёт ва амалиёти типҳои гуногуни иҷтимоӣ хизмат мекунанд, моҳирона истифода кардааст.

Дар ҳикояҳои ҳурди ӯ манзараҳои конкрети ҳаёт ва образҳои одамони гуногун ба хубӣ акс ёфтаанд. Вай на фақат дар тасвири воқеаҳо, балки дар ҷумлапардозӣ низ кӯтоҳбаён аст. Нависанда суханро ба осонӣ харҷ намекунад. Калимаю ибораҳои халқӣ, ташбеҳу истиора, маҷозу киноя, зарбулмасалу мақол ва дигар унсурҳои забонро маҳз бо мақсади тасвири конкрет, мӯъҷаз ва равшантари манзара ва образҳо истифода мебарад. Ин яке аз хусусиятҳои забон ва услуби Ҳ. Карим аст, ки порчаи зерин аз ҳикояи «Ҳаппак» намуна шуда метавонад:

«Фасли баҳор буд. Аммо имсол бориш ноз мекард. Гарду чанг ҳамлонгари майдон буд. Наҳрчаи кӯҳин қишлоқамон луччак буд. Ин нахли девона монанди одами сил ба зӯр роҳ мепаймуд. Мор барин борик шуда, маствор худро ба ҳар тараф зада, калавида, шаттаҳои сангҳоро хӯрда, базӯр нафас кашида мехазид.

Ҳамин обча ҳолӣ ҳам магрур буд, хасу хасрӯба, барги хазонро пешпо мезад. Дарҳол ба соҳил бадарға менамуд. Шиша барин соф буд. Мавҷ мезад, кафк мекард».

Ин манзараи конкретест, ки наҳрчаи масти кӯҳиро ба назари кас ҷилва медиҳад.

Кӯтоҳбаёнии Ҳ. Карим намунаи хуби санъати ҳикоянависӣ мебошад, ки дар адабиёти имрӯзаи тоҷик пайравони содиқ пайдо карда истодааст. Мо ҳикояҳои насрнависи ҷавон Муҳиддин Хӯҷаевро дар назар дорем, ки бо конкретии мавзӯъ, мӯъҷазии образҳо ва забону тарзи баёни худ услуби Ҳ. Каримро ба хотир меоваранд.

Китобе, ки шумо хонда истодаед, маҷмӯаи нисбатан мукаммали Ҳаким Карим мебошад. Дар ин китоб ҳаман ҳикояҳое, ки дар маҷмӯаҳои пештараш нависанда, аз «Садои рӯзҳо» (1933) то «Ҳикояҳо» (1957) чоп шуда буданд, гирд омадаанд. Баъзе ҳикоя, очерк ва мақолаҳое, ки дар вақташ дар газета, журнал ва ё дар ягон маҷмӯаи дигар нашр шуда буданду вале ба ягон китоби Ҳ. Карим дохил нашудаанд, низ ба ин маҷмӯа дохил гардиданд. Ҳикояи «Писар», мақолаи «Ермандии бевосита», очеркҳои «Бо номи партия» ва «Патриотҳо», аз ҳамин ҷумлаанд.

Дар ҳангоми ба тартиб овардани ҳикояҳо мо кӯшиш намудем, ки на фақат хронологияро риоя кунем, балки то ҳадди имкон наздикии мавзӯи онҳоро ҳам ба эътибор гирем.

Пьесаи «Соли 1916», ки ба ҳаракати озодихоҳонаи меҳнаткашони Хуҷанд бахшида шудааст, қисман дар журнали «Бо роҳи ленинӣ» (1940, № 6) ва «Шарқи Сурх» (1940, № 2—3) чоп шуда буд. Мо онро як дараҷа таҳрир карда, шакли пурраи онро ба ин маҷмӯа дохил намудем.

Аз пьесаи «Ҷанговарон», повести «Муҳосира» ва очерки «Ӯрунхола» фақат баъзе порчаҳо боқӣ мондаанд, ки дар онҳо мақсади нависанда ифода ёфтааст. Барои бештар ва беҳтар шиносо намудани хонандагон бо эҷодиёти Ҳ. Карим он асарҳои нотамомро низ ба маҷмӯа дохил кардем.

Соли 1965 ба таваллуди Ҳаким Карим, ки дар роҳи инкишофи насри реалистонаи тоҷик хизматҳои намоён кардааст, шаст сол пур мешавад. Агар хонандагони мӯҳтарам ҳамин маҷмӯаро ҳамчун тӯҳфаи хоксоронае ба ҷашни нависанда қабул фармоянд, мо хеле хурсанд мешавем.

М. Ҳодисова,
А. Сайфуллоев.

ХИКОЯХО

ТӮҲФА

Имрӯз рӯзи панҷӯм буд, ки Остонақул қӯрбошӣ дар яке аз ғорҳои кӯҳи Сарсарак бо йигитҳои худ «дам» гирифта мехобид. Аммо набудани хӯрок барои йигитҳо, ему хошок барои аспҳо, вайро аз ҳар чӣ ҳам зиёдтар ба танг оварда буд. Дар ин дам Алимардон, Шокир Паҳлавон барин командирҳояш, ки дирӯз дар ҷанги Санглох мурда буданд, ба назараш наменамуданд. Чашмони сиёҳ, кулча барин рухсораи суп-сурхи Ғуломҷон, духтар барин нозу ишваҳои вай ҳам ба дарди қӯрбошӣ дармон намешуданд. Йигитҳо намедонистанд, ки чӣ кор кунанд, то ки димоғи «ҳомии ислом» — Остонқул қӯрбошӣ чоқ шавад. Вой-вои ярадорон ҳар гуна дили сангинро об мекард. Аз курта, ҷома ва бадани онҳо бӯи хун омада меистод, гӯё ки бошандагони ин ғор дар хун оббозӣ карда буданд. Муҳаммад-Алӣ домулло, ки дар вақташ ободкунандаи пешгоҳи тӯю маъракаҳои атрофи Данғара буд, дар айни ҳол, монанди гурбаи ошолуд, дар даст тасбеҳ, миёнгу шуда, дар паҳлӯи Остонақул нишаста, вайро тасаллӣ медод.

— Балам, ҳеҷ гап не: иншооллоҳ ҳамин рӯз одамшавандагони Еғрон ба мо асп, хошок, нон мефиристанд.

«Мусулмонӣ бо шикамсерӣ» гуфтагӣ барин, ин гапҳои домулло на ба гӯши Остонақул медаромад ва на ба гӯши йигитҳо, ки сари калобаашон гум, тез-тез даро-баро карда меистоданд.

— Бачагонам, «гар сабр кунӣ, аз гӯра ҳалво мепазад» гуфтаанд,— гуфт боз домулло.

Остонақул дигар тоқат карда натавониста:

— Домулло, даҳанатона бандед,— гуфт.

Дар ҳамин вақт овозҳои:

— Кӣ вай, кӣ вай? Истед, мепарронам!

— Мо... мо... мо аз они худй...— шунида шуд. Остонақул як қад парид. Вай ба йигитҳо назар карда:

— Бароед! — гуфт. Домулло Муҳаммад-Алй монанди йўрмон аз даҳони гор каллаашро бароварда, бо чашмони обрави худ ба теғаи кўҳ, ба сўи қаровулҳо синча карда истод. Дар ҳамин фурсат «дуои қунут»-хонии домулло ҳам фаромўш шуда рафт.

Яке аз қаровулони дар теғаи кўҳ истодагй, ки дар дасташ берданкаи зангзада ва дар танаш ҷоман сандуфи сиёҳи чиркин дошт:

— Аз они худй будаанд,— гўён тешаи занг задагй барин дандонҳояшро нишон дода, омадагонро пеш андохта, даруни гор даромад.

Ин омадагон Аҳмади панҷьяккор ва рафиқонаш буданд, ки инҳоро имоми қишлоқ ва дигар «обрўмандони» он ҷо барон мадади дастаи торуморшудан Остонақул кўрбошй фиристода буданд.

* * *

Чанд рўз боз аз қўрбошй ва йигитҳо дарак набуд. Куҷо рафтаанд, ба онҳо чй шудааст; аз гор ва гирду пеши он берун чй корҳо шуда ва чй воқеаҳо рўй дода истодааст, ба бошандагони ин гор, ба Аҳмад, ба як нафар саис ва ба се нафар яродорон маълум набуд. Фақат медонистанд, ки баъзе қўрбошиҳо ба Афғонистон гурехтаанд, Абдулло-бй таслим шудааст. Аҳмад фақат шиҳан аспҳо, «вой... вой...» ва гоҳ-гоҳ «мемурам... мемурам... об... об...» гуфта нолиш кардани як нафар яродорро мешунавид. Нон набуд. Фақат гўшти чандрўзаи бўйкардан аспи лоғар буду халос. Бе об чй бояд кард? Куҷо бояд рафт? Яке аз яродорон:

— Аҳмад, ту падарам, ту модарам ҳастй, ба ҳаққи парвардигор ягон хўроки дуруст карда те, поям саҳат шуда истодааст, аз ҷоям хезам, ҳар чи қадаре ки хизматат бошад, мекунам,— гуфт.

Санси дигар, шарики Аҳмад, ба таваллои он яродор:

— Ҳой Исломқул, аз ҳамин азоб мурдан беҳтар немй? — гуфта ба болои сўхта намакоб рехт.

— Чй чора? Агар ҳамин рўз поям дуруст шуда, қадам монданам бемалол шавад, агар рафта ҳукуматро нашиносам, занам се талоқ шавад,— гуфт Исломқул.

Монанди он ки касе аз сарашон оби хунук рехта бошад, ҳамагй хомўш шуданд. Аҳмад «аз гап гап мебарояд» гуфтагй барин оташи газаби ўро тит карда монд.

— Муллоҳо мегӯянд, ки агар одам дар роҳи ислом дар ҷанг бимирад шаҳид, куфорро бикушад, ғозӣ мешавад. Пост дӯруст шуда меравад, боз ту ҳамон вазири дасти рости қурбошӣ шуда гаштан мегирӣ.

— Э, биё мон ҳамин тавр гапҳоятро, Аҳмад. Аз босмачигӣ ман чӣ фоида дидам, ки акнун ту бинӣ? Се сол боз ман йигити забардасти қӯрбошиам. Зану бачагонам гурусна. Аз чор нафар фарзандам дар ин асно ду нафараш мурдааст. Поям маҷрӯҳ. Нони хӯрдан нест. Дору нест.

Вай гапашро тамом накарда буд, ки шарики Аҳмад Сарибой:

— Сиёҳии дег дору не-мӣ? — гуфт.

Ярадори дуйӯм:

— Куфу суфи Муҳаммад-Алӣ домулло чӣ? — гуфт. Ҳама хандиданд.

Аҳмад боз гапро кофта:

— «Ба аскари ислом фариштаҳо мададгоранд» гуфтани домуллоимомат чӣ шуд? — гӯён боз димоғи Исломқулро зиёдтар сӯзонд.

— Эй каллаварам, агар ҳамин як худи полки дар Кӯлоб будагӣ ба ҷанг сар кунад, кӯҳи Сарсарак ҳам ба ларза медарояд. Имомат фариштаҳояшро дар хобаш дидагист. То ҳамин вақт ғайр аз ҳамин ҷанги Санглох, мо дигар ҷанги дурустро надидем. Дар куҷое ки бошад, сояи аскаронро бинем, ба ҳафт фарсах мегурезем. Балки фариштаҳоят пеш аз мо мегурезанд. Бо ҳамин ману ту ғозӣ мешавем-дия! Поям сиҳат шавад, албатта, ба ҳукумат рафта таслим мешавам. Акнун мон домуллоимоматро, вай гапҳояшро ба занаш гӯяд. Гуфтам-ку, агар ҳамин корро накунам, занам се талоқ,— гуфт Исломқул.

Ярадори дуйӯм:

— Ман ҳам,— гуфт.

— Об!..— садои пасти ярадори сейӯм шунида шуд. Аҳмад хеста аз нӯли чойник ба даҳони ярадор ду-се қатра об рехт ва ба ҷояш омада нишаст.

— Ҳаққи гапро гӯям, ман аз омаданам пушаймонам. Занам, бачагонам ба чӣ аҳвол, хабар надорам. Маро ду-се нафар обрӯмандони қишлоқ бароварда ҳамроҳи чанд нафар ба ин ҷо фиристоданд. Бо ваъдаҳои хушку холӣ, бо чормағзҳои пуч бағаламро пур карданд. Дар ин ҷо ба ман яроқ надоданд, ба саисӣ андохтанд. Ба Шодӣ Муҳаммад барин касал яроқ доданд. Ман дар қишлоқам човандози якӯм будам. Айби ман ҳамин, ки Шодӣ Муҳаммад барин

як амаки бадавлати дар назди кӯрбошӣ обрӯманд надорам. Дар қишлоқам ҳам ҳеҷ яке аз боён ва амалдорон маро ба як пули пучак намегирад. Мегӯянд, ки Абдулло-бӣ ба Еғрон омада таслим шуда, маза карда гаштааст. Ман ҳам ҳамроҳи ту, Исломқул, меравам. Ба қавли раиси шӯроямон ҳукумат аз они камбағал будааст. Аммо вақте ки дар қишлоқ будам, ба гапҳои вай ҳеҷ бовар намекардам. Ману ту чӣ дорем? — ҳеҷ чӣ. Суп-сурх анор. Мардуми луб-луччак. Ба фикри ман, албатта, ҳукумат ба мо ҷазо надиҳад даркор. Гуноҳамонро бояд бахшад. Ба ҳар ҳол як корнамой нишон додан даркор,— гуфту ба чашмони Исломқул синча кард.

— Бисьёр нагз мешуд. Рӯгармӣ мешуд,— гуфт Исломқул.

Сарибой ҳам:

— Аҳмақатон ҳаст-мӣ ин ҷо, аз шумо пештар ман меравам,— гуфт.

Аҳмад ярадори сейӯмро бо дасташ нишон дода:

— Вай илоҷ надорад, мемурад. Мо ҳар чорамон ҳам рафта ҳукуматро мешиносем. Қӯрбошӣ ҳамроҳи йигитҳояш, ки имрӯз ё пагоҳ меояд, ҳамагӣ шаш нафаранд, монда шуда меоянд. Якта ё дутаашон ба қаровулӣ истанд, дигарҳояшон хоб мекунанд... Ана дар ҳамон вақт корро тӯғрӣ карда, яроқҳоро гирифта, ба аспҳо савор шуда рафтан мегирем-дия.

Ҳама:

— Ин ба ҳукумат беҳтарин тӯҳфаи мо мешавад,— гуфтанд.

Исломқул:

— Аз ҳамин шаш нафарон фақат ба ду нафар — ба Умар ва Сулаймон даст намерасонем,— онҳо гуноҳ надоранд. Мисли мо фиреби дигаронро хӯрда омадаанд. Мо барин аз пойлучҳоянд...

Вай гапашро тамом накарда, ҳама:

— Тӯғрӣ, тӯғрӣ,— гӯён гапҳои ӯро тасдиқ намуданд.

Аҳмад:

— Ин корро ману Ислом ба ҷо меорем, шумо фақат аз берун, аз қаровулҳо хабардор шуда истед, бас аст,— гуфт.

* * *

Аввали зимистон буд. Ду рӯз боз беором борон меборид. Барги зарди дарахтон, ки аз ин чанд рӯзҳо муқаддам тилло пошидагӣ барин дар рӯи кӯчаҳо, ҳавлиҳо,

Ба шастсолагии рӯзи таваллуди
нависандаи ҷанговар, ки дар роҳи
ҳимояи Ватани Советӣ аз фашисто-
ни немис қаҳрамонона ҳалок шуда-
аст, бахшида мешавад.

болоҳои бом чошу пош буданд, акнун бо лои кӯча омехта шудаанд. Ҳаво тиранамо. Пагоҳӣ, соат наздики даҳ. Дар чойхонаҳо деҳқонони аз қишлоқҳои дуру наздик омадаги ва баъзе коркунон машғули чойнӯшӣ. Дуди сиёҳи самовор фагоназанон ба осмон баромада истодааст. Шаҳрчаи навобод акнун ба ҳаракат даромада истодааст.

Ҳеҷ кас ин ҳолро мунтазир набуд. Якбора аз тарафи рости кӯча як даста саворон пайдо шуданд. Пеш-пеши ин даста як деҳқони либоспора, сиёҳтоб, дар болои аспи сафеди калон, дар дасташ шамшер меомад. Ин пешқадам Аҳмади паичьяккор буд. Ба назар гӯё Аҳмад командири колони ҳамин даста буд. Аз паси вай 10—15 нафар деҳқонони савора панҷ-шаш нафар босмачиро гирд печонда меомаданд. Ҳамаи онҳо милтиқҳоро ҳозир дошта, босмачиёни дастбастаро ба зуд гаштан амр дода меомаданд. Пеш-пеши бандиён як марди девсирате меомад, ки гафсии мӯйлабҳояш арғамчин барин буд.

Мардум ин бандиро шинохтанд. Вай Остонақул кӯрбошӣ буд.

1932

БЕГЎШ

I

Дар қишлоқи Н. гарнизон нест. Ин деҳа дар сояи гарнизонҳои қишлоққои Пўшин ва Оқсув рўзгузаронй мекунад. Ба ин деҳа босмачиён ошкоро ҳуҷум накунанд ҳам, вале намояндагони онон барои озуқа ва барои дигар чизҳои даркорй омада меистанд. Бисьёртари онҳо дар нисфҳои шаб, вақте ки мардуми деҳа ором ба хоб мераванд, меоянд ва аз як гўшаи қишлоқ — аз ҳавлии Эшматоқсаққол ё ки Тўрақулбой, ки дар теппаи баланде, паҳлўи ҷўйбори калон воқеъ аст, кори худро баробар карда мераванд.

Тўрақулбой ва Эшматоқсаққол шабона мардумро «бесаранҷом» накунанд ҳам, аммо рўзона ба воситаи чанд нафар даҳанкалононии қишлоқ, мисли: сўфии калон ва дигарҳо, якашонро дах карда, аз аҳолии қишлоқ ғундошта мегиранд. Бисьёртарини гўсфанд, буз, ғалла ва дигар чизҳои аҳолй ба номи босмачиён, аммо ба коми инҳо мераванд.

Ба ин кирдори бой ва оқсаққол омадани Қосим он қадар ошкоро халал нарасонад ҳам, ба дилашон ғулғула андохт.

Махсусан, бой боварй дошт, ки «Қосим се сол боз дар Фарғона, дар заводҳои ҳукумат кор мекунад, албатта ин ҷадид шудааст, агар ин аҳволро донад, корро пес мекунад».

Ин пешбинихои онон рост баромад. Ин дафъа Қосим монанди солҳои пеш пас аз бозгашт кардан аз мусофират, пагоҳй бо савгову салом аввал ба хонаи Тўрақулбой ва ба хонаи оқсаққол нарафт. Ба ҷои ин, субҳ чойрак қадоқ чойро ба бағал андохта, пеши амакбачааш Шодй, ки бо вай чанд солҳо рамаи ҳамин Тўрақулбойро боқй карда буд, рафт.

Вақте ки Қосим ба дари чўптаран Шодӣ наздик расида буд:

— Наметиям!

— Метий!

— Не, наметиям!

барин садоҳои баланд, пурситезаи зан ва марде шунида шуд.

Қосим, табассумкунон, аз дар:

— Хиромонгул! Не, бите-бите,— гуфта аз остона ба дарун хона даромад.

Қосимро дидан замон зан суп-сурх шуда: — Эй Қосим омадай! — гуфта ва шармгин шуда бо остини даҳани танӯр барин калонаш рӯяшро руст кард. Мард, даҳанашро инч карда, дар ҷояш шах шуда монд. Пас аз чанд сония, қулочашро паҳн карда, омада бо Қосим вохӯрдӣ кард ва ба вай ҷой нишон дод:— Ин зан бошад, нафаҳмад...,— гуфт. Қосим, болои кӯрпачаи лах-лах нишаста бо ҳамон ҳолати табассумкунӣ: — Хайр, худаш чӣ гапай? — гуфта ба соҳибони хона назар кард.

Шодӣ ба паҳлӯи Қосим нишасту ба гап сар кард. Хиромонгул бошад, дар ҷояш диккак нишаста монд.

— Дина шаб, одами бегона омада, ба калоншавандагони қишлоқ фармуда рафтааст, ки то фардо 20 пуд ҷав даҳ сар гӯсфанд, панҷ ҷуфт мӯза тайёр карда монанд. Ҳамин чизҳоро калоншавандагони қишлоқ дар байни мардум тақсим кардаанд. Ба ман «ҳамин бузакро бидеҳ» гуфтанд Мана ҳамаи ҳамин ҷанҷол дар болои ҳамин буз. Ман «метиям мегӯям, вай бошад (бо дасташ занашро нишон дода) — «не, наметиям» мегӯяд.

Зан боз оташинтар шуда:

— Худаш як сар халос, дигар нест. Чӣ кор кунам! гуфт ва имдодталабона рӯяшро сӯи Қосим гардонид ва мунтазири гапи ӯ шуда чашмонашро ба вай дӯхта истод.

— Хиромонгул, бузатро надеҳ! Бегҳо ва калоншавандагони қишлоқат номаъқул кардаанд! — гуфту Қосим рӯяшро ба сӯи Шодӣ гардонида:

— Латиф, Набӣ, Шариф, Солеҳ ва дигар камбағалони қишлоқ чӣ кор карда гаштаанд? — гуфта пурсид.

Шодӣ:

— Латиф дар отряди Исматкомандир, Набӣ, Солеҳ дар дари Тӯрақул ятимӣ мекунанд, Шариф бошад даравгарӣ карда гаштааст. Султон бошад хонавайрон, додгӯён, аз ин

қишлоқ баромада рафт, ҳозир «дар Душанбе мардикорӣ карда гаштааст» мегӯянд, чунки Алаёрбой балво андохта занашро аз вай бароварда ба бародараш Алимардон тӯқсабо ба занӣ гирифта дод.

Хотирпарешон Қосим:

— Одамони бек кай меомадаанд? — гуфта пурсид.

— Чӣ донам, оқсаққол мегӯянд, ки имрӯз ё пагоҳ омада мемонанд.

— Улав дорӣ?

— Не!

Қосим дигар гап назад. Дар рӯ ба рӯяш ба девори хона синчакунон мӯйлабашро газида хеле нишаст. Баъд аз анча вақт аз ҷайбаш дафтарчаи дарозакеро бароварда, ду-се варақашро дарронида гирифт. Якбора боз ба девор, баъд ба Хиромонгул нигоҳ карда, ба навиштан сар кард. Ду варақ қоғазро пур карда ва онро бо коғази дигар печонид ва ба рӯи он боз ким-чӣ навишт ва ба Шодӣ нигоҳ карда:

— Ана ҳамин коғазро як илоҷ карда ба Пӯшин мебарӣ ва ба дасти начайлики гарнизон — яъне ба калони Аскарони Сурх месупорӣ, албатта, аз ҳамин рӯз намонад-дия,— гуфт ва чои овардаашро ба Хиромонгул дароз карда:

— Ма, ин чойро ту дам карда бихӯру бисьёр оташин нашав! — гуфт ва бо табассум, хушбошикунон аз дар баромада рафт.

Дар танаш куртаи чити сафеди чиғӣ, шалвори сандуфи сиёҳ, дар пояш мӯзаи калони аскарӣ, миёнаш бо камари ғафс сахт басташ чӯбчае бозикунон, сараш хам, Қосим ба миёнаи қишлоқ, сӯи хонааш мерафт.

Нисфи рӯз, офтоб ниҳоят дар тафс, аз ҷӯйборҳо шилдир-шилдир шиша барин каб-кабуд оби соф равон буд.

Аз дур омада истодани Қосимро дида, ду нафар деҳқоне, ки каландашонро ба пеш монда, дар лаби ҷӯй ба об нонашонро тар карда, хӯрда нишаста буданд, аз ҷояшон хеста вайро пешвоз гирифта ва ҳолпурсӣ карданд. Қосим рост истода бо ҳамин вазъият ба ду нафар деҳқонон хеле чақ-чақ кард. Дар вақти аз онҳо ҷудо шуда рафтан Қосим:

— Албатта ҳеҷ чӣ надиҳед! Имшаб ба хонаи ман биёед, палаватон пухта медиҳам. Шариф ва Партовро ҳам ҳамроҳи худ биёред,— гуфт.

Шаби тобистон, моҳ ғӯтида аст. Ситораҳо дар осмони баланд ҷим-ҷимак зада истодаанд.

Қосим ҳамроҳи занаш рӯи суфаи дар пеши чӯптарааш будагӣ масти хоб буд.

II

Шир-шири алафҳо, қасар-қусури девори бофтаи ҳавлӣ, зани Қосим — Бибимоҳро бедор намуд. Сӯи дару девор синча карда гурс-гурс қадам монда омада истодани ду кас ба назараш намудор шуд. Дарҳол Қосимро нихта карда:— Бихез, бихез,— гуфт.

Қосим: — Ҳа, ҳа гӯён чашмонашро молида, ҳоло ба худ наомада буд, ки дар теппаи сараш, худи «дев» барин ду ҳайкали зиндаи калони сиёҳ ҳозир шуданд.

Яке аз онҳо бо заҳрханда:

— Ҳа, ҷадид, бихез! — гуфт ва таппончаашро ба чаккаи Қосими нимхез тӯғрӣ кард. Ин ҳолро дидан замон, Бибимоҳ:

— Вой,—гӯён ба додгӯй сар карда буд, ки ҳамроҳи он, корди луччакро ба гулӯи зан расонида:

— Фарьёд накун, набошад саратро аз танат ҷудо мекунам! — гуфт.

Ва дарҳол даҳани занро бо рӯймоли дар сараш будагӣ сахт баст ва ба болояш кӯрпаро дам карда:

— Ҷим, овозат набарояд,— гӯён вайро як лагад зад.

Ҳамон марди таппончадор бо ғазаб:

— Худат-ку кофир шуда омадӣ, барои чӣ фақирони қишлоқро аз роҳ мебарорӣ!? — гуфта, бо қундоқи таппонча ба каллаи Қосим бо зарб якто зад.

Сараш хам Қосим:

— Бег, ман ҳеҷ гуноҳ надорам! — гуфт.

Дар ҳамин байн марди таппончадор аз Бибимоҳ хотирҷамъ шуда, бо арғамчин ду дасти Қосимро ба пушташ қайтар карда баст. Марди таппончадор ба даҳони Қосим каллапӯшашро андохта:

— Кордро ба ман деҳ ва ба хонаи ин кофир даро, чӣ дорад,—гуфт ӯ ба ҳамроҳаш. Ва боз ду-се торсакӣ ба ин ва ба вай рӯи Қосим зада ва мисли он ки сари хурӯс ё гунҷишкро аз тан ҷудо мекарда бошад, бо ҳамон корди шарикаш ҳарду гӯши Қосимро шарт-шарт ҷудо карда гирифт ва ба рӯймолаш печонид. Қосим, сараш хам, ба обу арақ ғӯтида дам гирифта натавониста, болои ҷогаҳ дар ҷои

нишастагиаш монд. Аз ҷароҳати ду гӯшаш фаввора зада хун мерафт.

— Раҳим, баро меравем!— гуфту шарикашро ҷеғ зад босмачӣ ва аз суфа ба поён як қадам монда, сӯи Қосим нигоҳ кард ва:

— Агар боз ҳамин корҳоятро кунӣ, ин дафъа саратро себча барин канда меравам,— гуфт ӯ.

III

Аз лазарети ҳарбии Пӯшин бозгашт кардан боз то ҳанӯз ду ҷои гӯшаш бо докаи сафеди тоза, аз пешона ба пушти сараш гузаронида бастагӣ Қосим бисьёр вақт ба хонааш намеояд.

Дар дашт пеши даравгарон, хирманкӯбон сайр карда мегардад, шабҳо ҳам намеояд.

Гоҳе фақат рӯзона як сари қадам ба хонааш омада бо занаш ҳолпурсӣ карда меравад. Шабҳо дар куҷо мондани вайро, ҳатто занаш ҳам намедонад.

Дар айвони масҷиди қишлоқ, отряди Исматкомандир машғули таомхӯрӣ буд. Аз ҳар гӯшаи қишлоқ овози Эшматоқсаққол омада истодааст, вай одамонро ба маҷлис ҷеғ зада ва барои аспони отрядҳо ҷав харид карда гаштааст. Вай се-чаҳор нафар бачагони қишлоқро барои аспҳо ва алафдаравӣ фиристоду зуд давида ба пеши отрядҳо омад. Дар ин дам деҳқонон хеле ғун шуда буданд. Қосим дар таги дарахт, ҳамроҳи як тӯда пойлучони қишлоқ нишаста буд. Чашмаш ба вай афтодан замон:— Ҳа, Қосим, ту камнамо, гӯшат дуруст шуда рафт-мӣ? — гӯён ҳолашро пурсид ва ба ҷавоби Қосим мунтазир нашуда, рӯяшро ба командир гардонида, бо дасташ Қосимро нишон дода:

— Ба ҳамин камбағал бисьёр ҷавр шуд. Худаш ба қарибӣ аз Фарғона омада буд, ки як шаб босмачиҳо омада, гӯшашро бурида тамоми чизҳояшро бурданд, — гуфт.

Тӯрақулбой, Морқабой ва дигарон, ки аз ҳама пеш чӯкка зада нишаста буданд, якбора:

— Ҳо, ба ин бечора бисьёр ҷавр шуд — гуфтанд.

Қосим гап назаду ба рафиқонаш нигоҳ карда мулоимона табассум карда, чашмак зада монд.

Исматкомандир баъд аз хеле гапҳо: — босмачиёнро нест кардан на фақат вазифаи мо аскарони сурх ва отрядони ихтиёрӣ аст, балки вазифаи шумо ҳам мебошад. Агар шумо, деҳқонони меҳнаткаш, ба мо ёрдам надиҳед, босмачиёнро нест кардан мушкил аст,— гуфту гапашро тамом кард.

Агарчӣ раиси маҷлис набошад ҳам, Эшматоқсаққол ба мардум нигоҳ карда:

— Командир тӯғрӣ мегӯяд, канӣ шумо деҳқонон чӣ мегӯед? — гуфт.

Худи ба хонаи занбӯр алав сар додагӣ барин қариб ҳамагӣ якбора ғавғо бардоштанд, ҳар кас ҳар чизеро ки мехост мегуфт.

Аз ин гапҳо як чизеро фаҳмидан, як маъниро баровардан муаммои сарбаста буд. Охир командир маҷбур шуда аз ҷояш хест ва дасташро ба боло бардошта:— Тиш—сабр кунед, ҳамаатон якбора гап мезанед, ҳеҷ чиз фаҳмидан мумкин нест, якто-якто бо навбат гап задан даркор аст. Канӣ, кӣ гап мезанад, бароям.

Якбора сукунат ҳукмфармо шуд. Гӯё ҳеҷ касро мадоре набуд, ки аз ҷояш ҷумбад. Командир боз: — канӣ, кӣ гап мезанад, бароям,— гуфт.

Ин дафъа Қосим аз ҷояш хесту:

— Ба ман сухан бите,— гуфт. Баъд аз: «— Канӣ, гап занед» гуфтани командир, ба пеши вай наздик омада, рӯяшро сӯи деҳқонон оварда, нишастагонро як аз назар гузаронду пас оҳистакак ба гап сар кард:

— Муаллими мо Ленин гуфтааст... инқилоби... Русия... коргарон... бале, босмачиёнро нест кардан, на танҳо вазифаи аскарони сурх аст, балки асосан вазифаи мо — меҳнаткашони Тоҷикистон — ҳоҳибони мамлакат мебошад. Чаро қишлоқҳои Оқсу, Мулло Амон ва дигарҳо барои нест кардани босмачиён аз байни худ дастаҳои калтакдорон ташкил намуда, ба аскарони сурх ва отрядои ёрӣ мерасонанду мо душманонро намебарорем? — боз ҳам зиёдтар ба ҷӯш омада: — Рафиқон! Ман аз дасти босмачиён бегӯш, Зебохола — бева, кӯдакони Давлат ятим шуда монданд, ҳаман ин аҳамият надорад, инқилоб бе қурбонӣ намешавад. Мана ин кӯҳро дидед (бо дасташ ба Себистон нишон дода), ҳар яки мо сангрезаҳои ҳамин кӯҳ барин майда, танҳо ва назарногир ҳастем. Вақте ки ин сангпораҳо якҷоя карда мешаванд, кӯҳ мешавад, кӯҳ! Агар мо, фақирон, як ҷон ва як тан шавем, босмачиёнро бо ёрмандии қаҳрамонони сурх ба зудӣ нест мекунем. Агар мо тарсем, ба гапи баъзеҳо

гӯш кунем, як сар бузи охирӣ ё ки як ҷуфт мӯзаи дар поямон будагиро диҳем, монанди замони амир, боз ҳамонҳо моро поймол кардан мегиранд.

— Пас акнун,— гуфт бо шуҷоат ва чашмаш ногаҳон ба Тӯрақулбой афтод. Бой дар ҷояш мусичаи уволак барин сараш хам, ба ҳеҷ куҷо нигоҳ накарда шишта буд.— Боз фақирон ман савганд ёд мекунам бар ин ки то тамом шудани ҳаман босмачиён, чӣ қадаре ки аз дастам меояд, ба ҳукумат, ба аскарони сурх ёрӣ мерасонам. Бинобар он таклиф мекунам, ки аз меҳнаткашони қишлоқи мо ҳам дастаи калтакдорони сурх ташкил карда шавад.

Аввал худамро ба ин дастаи калтакдорони сурх менависонам,— гуфт ва гапро ба охир расонд.

Як гурӯҳ деҳқононе, ки дар вақти маҷлис гирду атрофи Қосимро печонида гирифта буданд, ҳамагӣ: «Қосим тӯғрӣ мегӯяд, тӯғрӣ» гуфта гапҳои Қосимро тасдиқ карданд. Аз паси ин:

— Маро ҳам навист!

— Маро ҳам!

— Маро ҳам!

барин садоҳо аз ҳар гӯшаи маҷлис шунида шуд. Эшматоқсаққол, Тӯрақулбой ва як гурӯҳ одамоне, ки дар аввалҳои маҷлис аз ҳама бисьёртар мағал мекарданд, худ аз худ хомӯш шуданд, гӯё инҳо мум буданд, ки дар ҷояшон об шуда монданд.

Дигар маҷоли гап заданро надоштанд.

Аз ин воқеа се сол гузаштан баъд, дар тирамоҳи соли 1929 маро лозим шуд, ки аз шаҳри «К» гузашта сӯи Хаволинг равам, дар миёнаҷои майдон болои минбар шахсе бо овози баланд дар бораи ба давлат супоридани пахта ба мардум гап мезад, одам ниҳоят бисьёр буд. Аз дур кӣ будани вайро ҷудо кардан хеле мушкил буд, вале ба рӯи синааш часпонида шудагӣ як нишони сурхи умумииттифоқ ва як нишони Тоҷикистон намудор буданд.— Ин шахс кист? — ба саволи ман як деҳқон:

— Магар нашинохтӣ? — раиси туманамон Қосими бегӯшай-дия,— гуфт.

1933

АТАКА

I

Апрель. Ҳаво соф. Офтоби беғубори баҳор ба рӯи қолиҳои сабзи кӯҳистон ва даштҳои васеъ шоҳои худро пошида, ҳамаро мунаввар карда буд. Боди форами субҳи баҳор сабза ва майсаҳои навхезро алла дода, оҳиста-оҳиста меҷунбонид. Аз ҳар сӯ хониши паррандагон, аз дур садои чув-чуви говронон-деҳқононӣ заминрон шунида мешуд.

Эскадрони қисми миллии Аскари Сурхи тоҷик, агар ба қишлоқи Ш. дар вақти саҳар омада фуромада бошад ҳам, аммо маҷбур шуда буд, ки истироҳатро тарк намуда, зуд аз ин ҷо баромада сӯи Ҷилонтов ҳаракат кунад. Командири эскадрон рафиқ Поздняк ин ҳаракатро намехост, чун медонист, ки ҳеҷ гоҳе ҷуволи холӣ рост намеистад. Аскароне, ки ду шабу ду рӯз боз кӯҳ ба кӯҳ гашта, дуруст нони серӣ нахӯрдаанд, се шаб боз рӯи хобро надидаанд, аз асп фуромада, дар як ҷое нишаста истироҳат накардаанд, чӣ навъ маҷбур намояд, ки онои аспҳое, ки аз ин ним соат пеш зинашон канда шуда буд, боз зин кунанду ба роҳ дароянд. Ғайр аз ин фармондеҳи калон ҳам: «эскадрони тоҷик дар ҳамин қишлоқ ду рӯз бимонад, бачаҳо — аскарон ва аспон нағз истироҳат кунанд, баъд ба ҳаракат амр медиҳам» — гуфта буд. Фармони фармондеҳи калонро вайрон кардан ва махсусан дар ҳамин гуна мавқеи нозук, кори ҳазл нест. Чӣ бояд кард? — Поздняк бо дасташ пушти сарашро хорида, каллааш хам ба чӣ хаёле фурӯ рафта, сӯи взводи якӯм — взводи рафиқ Одилов Шариф равон шуд.

Аскарони взводи Одилов дар зери дарахтон аспҳояшонро баста, дар як канор ба гирди командирашон ғун шуда, муборизаҳои дирӯзаро ёдоварӣ менамуданд — чак-чак мекарданд. Аз ин гурӯҳ пай дар пай садои қоҳ-қоҳи ханда шунида мешуд. Аспҳо кумур-кумур карда ҷав мехоиданд.

Командири эскадрон рафиқ Поздняк наздик расида буд, ки Одилов аз ҷояш хеста:

— Взвод, смирно! — гуфт. Садои баланди ин ҷавони хушқадду басту далер ба хомӯшии атроф, қишлоқ салобат андохт.

Дарҳол Поздняк:

— Роҳат,— гуфт ва ба пеши аскарон омада, дар қатори дигарон ин ҳам ба рӯи алаф ғел зад.

— Хайр, аҳвол чӣ тавр? — бо табассуми ширин ба аскарон нигоҳ карда пурсид ӯ.

Якбора чанд овоз ҷавобӣ:

— Бисьёр нағз, рафиқ командири искадрон,— гӯён дод зад.

Аммо пулемётчӣ бо ҳолати нимҷиддӣ ба командир нигоҳ кард ва:

— Аҳволи мо бад аст-дия рафиқ командир,— гуфт.

— Чаро?

Дар паҳлӯяш будагӣ «дегтарёв»-ро нишон дода:

— Охир, ин шарики ман, ҳеҷ хониш намекунад — дигарон худи «ҳа, алам кард-мӣ?» гуфтагӣ барин якбора хандиданд.

Одилов ва Поздняк ҳам ба ниҳо ҳамроҳ шуданд.

— Сабр куи, ҳоло бисьёр хониш мекунад,— гуфту командир ба пулемётчӣ нигоҳ кард.

Пулемётчӣ бо дасташ аскаронро ишора карда:

— Дар ҳар ҷанге инҳо шамшерро луч карда, тӯғрӣ ба атака фуромадан мегиранд. Инҳо ба бисьёрӣ ё камии душман ҳеҷ коре надоранд, урро гӯён пеш рафтани худро медонанд.— Бо дасти росташ ба пулемёт якто зада: — агар дар ҳамон вақт инро ман ба хониш дарорам, нарав бехну пиёзро напурсида, бо ҳамроҳии вайҳо, инҳоро ҳам тут барин мерезонам. Чӣ кор кунам охир, рафиқ командир? Аз ҳамин сабаб аз пулемётчӣ шуданам ҳам бисьёр пушаймон мешавам.

— Ту аэропланчӣ шав,— гуфт яке аз аскарон ба пулемётчӣ нигоҳ карда. Дигарон боз вайро «сӯзонида» қоҳ-қоҳ заданд.

Бо мақсади ба худ тасаллӣ додан, як бор ҳамагиро аз назар гузаронида:

— Баъд аз аскарӣ албатта ба мактаби аэропланчигӣ меравам,— гуфт пулемётчӣ.

Дар ҳамин асно Поздняк бо ҳамроҳии Одилов ба забони русӣ дар бораи наздик будани босмачиён, дар хусуси ис-

роҳат ва махсусан дар ҳаққи фармони фармондеҳи калон ба гапзанон сар карданд. Саиси Одилов, ки забони русиро чала-чулпа медонист, ногаҳон:

— Рафиқ командир, истироҳат чӣ даркор? — гуфт.

Тамоми аскарони дигар, ба ҳасрати пулемётчӣ гӯш надода, чашмҳояшонро ба командирон дӯхтанд. Гапи саиси Одиловро қувват дода, пай дар пай:

— Мо барои истироҳат наомадаем!

— Истироҳат даркор нест!

— Рафиқ командир, истироҳат баъд мешавад! — гуфтан гирифтанд.

Ба ин садоҳо, Одилов бо ҳолати ҷиддӣ:

— Хомӯш, худаш чӣ гап? — гуфт.

Ва якбора чанд овоз:

— Рафиқ командир, аввал босмачиёнро нест кунем, баъд истироҳат хоҳем кард,— гуфтанд.

Барои басанда намудани ин садоҳо ва баён намудани хоҳиш ва орзӯи аскарон,— ташкилотчии гурӯҳи комсомолӣ, аскари сурхи намунавӣ, ҷавони вазнин, боандеша, ва бамулоҳиза аз Одилов иҷозат гирифту аз ҷояш хеста:

— Рафиқ командир, ду соат зиёд аст, ки мо дар ин ҷой истироҳат карда истодаем, хеле истироҳат кардем. Вақте ки душман наздик аст, дар ин ҷой истироҳат мекунем гӯён нишастани мо на танҳо айб аст, балки хиёнат аст. Ба фикри ман агар аз ин хусус фармони фармондеҳи калонро иҷро накунем, ҷиноят кардагӣ намешавем. Хоҳиши ҷанговарон ба эътибор нест кардани босмачиён аст...— Гапашро тамом накарда буд ки:

Қасар-қусур, чапакзаниҳо ва садоҳои:

— Тӯғрӣ!

— Тӯғрӣ!

атрофро фаро гирифт. Командирон ҳайрон шуда, ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Дар охир Поздняк:

— Хуб! — гуфту аз ҷояш озод хест. Ва Одилов ҳам аз ҷояш хеста мунтазири амр шуда истод. Аскарон пиччӣ намекарданд. Ҳамагӣ аз ҳар ду командир чашмҳояшонро намеканданд. Поздняк ба таги пояш синча карда истод, баъд ба баргҳои дарахтон чашмонашро дӯхта истода, боз як бори дигар:

— Хуб, рафиқ Одилов, взводи шуморо пешҷанг таъин мекунам,— Бо дасташ ба сӯи Чилонтов нишон дода,— аз ҳамин роҳ сӯйи поён рост фуромадан гиред, дар ҳар як нуқтаи муҳим як нафарӣ ва ду нафарӣ нигаҳбон монда равед:

мо баъд аз ним, ҷудо дер монад баъд аз як соат баромада меравем, илоҷе кунеду онҳоро доред, то ки нагурезанд.

— Ҳозирам, рафиқ командир! — гуфт Одилов.

Баъд аз чорьяк соат ҷанги сумн аспҳои взводи пешҷанг, ки аз қишлоқ баромада мерафт, печ зада ба осмон баромада меистод.

II

Занбарӣ. Не, занбарӣ не, гарданаест, ки ду силсилаи кӯҳҳоро аз ҳамдигар ҷудо карда меистад.

Вақте ки Одилов дар ҳар як нуқтаи муҳим, ҳамааш 5—6 касро посбон монда, ба ин ҷой расид, дастаи Кӯр-Ортуқ ҳам дар ҷустуҷӯи наҷот ба қаторкӯҳҳои дар рӯ ба рӯ будагӣ гузаштанӣ шуда, мисли селобӣ айёми баҳор, сари аспҳоро дошта натавониста, ба ин селобгоҳ — гардана ба шорида фуромадан сар кард.

Муаммои чигил: «Роҳ, дода шавад — сайд аз даст меравад.— Ин ҳеҷ гап не. Аммо кори нест кардани тӯдаи ғоратгаре, ки бо амри саркардаи радди маъракашудагон амир Олимхон, бо тилло ва яроқи империализми ҷаҳон ва махсусан Англия ба кишвари ҳафтӯми шӯрой бо мақсади ифлоси худ — нобуд кардани ҳокимияти шӯрой омадааст,— боз ба як рӯз тӯл мекашад. Роҳ, роҳ дода нашавад,— ба ин душмане, ки аз ин пешҷангҳо даҳҳо ва бистҳо дафъа зиёд аст, бас-ма-бас омадан амри маҳол аст». Одилов бо ҳамин фикрҳо дақиқа не, балки чанд сония ҳайрон шуда истод.

Ҳангоме ки нӯги селоби ваҳшиёнае, ки Амӯро шиноварида гузашта аст, ба миёнҷои гардана дар ҳолати расам ва нарасам буд, Одилов, ки ҳамроҳи ҷанговаронаш дар паҳлуи кӯҳ, аспҳоро ором дода истода буд, ба ҷанговаронаш як нигоҳ кард. Ин нигоҳ — нигоҳи оддӣ набуд, балки амр буд. Инҳо дарҳол шамшерро луч карда ба даҳони командир мунтазир шуда истоданд. Аспҳо ҳам худи хоҳиши соҳибонашро донистагӣ барин гӯшҳояшонро бучча карда истодаанд. Гӯё барои ин, ки ба фикру хаёли командир халал нарасонанд, ҳатто по ҳам намезаданд. Фармони якбораи:

— Аз паси ман, ба атака! — хомӯширо ду дарронд.

Ин ҷасорати ногаҳонии пешҷангон, дарҳол босмачиёнро саросема кард: онон мисли чакраҳои об зуд аз ҳамдигар ҷудо шуданд ва дар ҳамон сония худро гум карда, дасту по хӯрданд. Аз ҳар ду тараф як дона ҳам тир холӣ карда на-

шуд. Фақат дар шиои офтоб тобиши шамшерҳо нуқра барин ҷило медод.

Ҳоло худи Кӯр-Ортуқ ба миёнҷой нарасида буд. Дар болои баландӣ аспашро доронд. Аспи хокистаррангаш дар як ҷой наистода, чарх зада бозӣ карда меистод. Вай ба шуҷоати ин пешҷангон аз як ҷиҳат механдид, аз ҷиҳати дигар хашмгин мешуд. Риши мошбиринҷашро бо дасташ шонакунон, номи яке аз понсадҳояшро гирифту бо овози баланд:

— Яктоашро ҳам накушед. Зинда гиред. Бузкашӣ кунед,— гуфт.

Шақар-шуқури шамшерҳо, шиҳаи аспон, оҳи ярадорон, харраси ҷонкании мурдаистодагон, гоҳ-гоҳе дашномҳои бемаънии йигитҳои Кӯр-Ортуқ, ялтираси шофҳо, садои гулдур-гулдури раҳравӣ ва дӯши аспҳо ҳавои тафсида истодагиро боз зиёдтар метафсонид.

Чашми Кӯр-Ортиқ ба Одилов афтид. Одилов аз дастан ҷанговаронаш ҷудо, гирду атрофашро даҳ-понздаҳ нафар аз йигитҳои қӯрбошӣ печонида гирифтагӣ буданд. Шамшер дар дасти ин устоди шамшербозон — Одилов, дар сабукӣ мисли сӯзан, дар амал мисли шер кор мекард. Ин шамшер рӯдаи якеро овезон, дасти дигареро аз тан ҷудо, каллаи саввӯмиро бесарпӯш мекард. Кӯр-Ортуқ ба Одилов бо диққат нигоҳ карда истода:

— Калонаш ҳамин будаст, даст гиред, пеши ман биёред,— гуфт.

Аммо ин фармони қӯрбоширо ҳеҷ кас нашунид, ба шунидагон ҳам ин фармон монанди «гурбаро бозию мушро ҷонканӣ» таъсир бахшид. Яке аз йигитҳояш, ки дасти чапашро шамшери Одилов мисли нардча курт канда партофта буд, дар таги пои аспҳо ғелидаву пилмида:

— Мағал накун, мӯйсафеди беимон,— гуфт. Ғурунгаси инро ҳам ҳеҷ кас нашунид.

Асп — ёри аскари савора, ин дафъа ҳам ба Одилов амонӣ бахшид. Аспи ӯ, гӯё маътали як ишпор буд. Девори одамӣ ба ду ҷаҳиши ӯ тоб оварда натавонист: мисли дарвозаи калон ба ду тараф кушода шуд. Сари аспро доштан мушкил буд. Вай гӯё «бинед маро, мана ман, аҳмаққо чӣ кор карда тавонистед» — гуфтагӣ барин, ҷаҳида-ҷаҳида чорхезкунон ҷавлонгоҳро як чарх зада баромад. Шамшери Одилов гӯё ба бозии асп дойрадастӣ мекард. Аз паси ин аспи Одилов, худи аз паси меҳтарбоз бачаҳо давидагӣ барин, йигитҳои душман ув-чувкунон асп монданд.

Ҳангоме ки аспи Одилов ҷавлонзанон рақси марги душманонро бозида, ба даруни ҳалқае, ки дар он пешҷангон уф нагуфта теғи шамшерро истисмор менамуданд, даромаданӣ шуда омад, вақте, ки шамшери командири сурх чанд банди ҳалқаро аз тан ҷудо намуд, он ҳалқа мисли занҷир пора-пора гардид.

Пайдоиши командирашон барои ин ҷанговарони ҳалқапечгардида мадади бузурги маънавӣ расонд. Ҷавлонгоҳ васеътар шуд. Шақар-шуқури шамшерҳо босуръаттар гардид. Ҳаракати аспон тез шуд. Бозуи ҳалқапечон беором гардид.

Танаҳои патар-патар карда ҷон дода истодагӣ, аспони поскуно, шерамардии пешҷангон маҷбур намуд, ки душман ақибнишинӣ кунад.

— Сабр кунед, нагурезад! — гуфта фарьёд кардани Кӯр-Ортуқ ҳам ёрӣ надод.

Ҳамон селобе, ки аз боло ба поён шорида омада буд, аз нав мисли дуд, аз поён ба боло, ба тарафи омадаҳаш фаронозанон ба гурехтан рӯ ниҳод.

Ҳангоме ки ин диловарон аз паси ин лаван ваҳшӣ сур карда рафтанд, дар ҷавлонгоҳ бисту ду нафар танаҳои рангоранг, дар танҳояшон будагӣ ҷомаҳои гуногунро бо ранги қирмизӣ олонида, ҳар касе ба ҳар намоише хобида буд.

Милтиқҳои бешумори инглисӣ, хӯрҷинҳои пати бесоҳиб, зинҳои аҷнабӣ дигар ва дигар чизҳо дар ҳар ҷои майдон, байни мурдаҳо, лошаҳои асп, аралаш мисли абрҳои пароканда, паҳн буданд.

Дар рӯзи дуввӯми ин воқеа фармондеҳи калон, ҳамин взводи пешҷанг — взводи Одиловро, ки лина боиси торумор гардидани як дастан калони босмачиён шуда буд, аз назар гузаронид. Аскаронро бо муваффақияташон табрик намуд. Баъд Одиловро ба пеши худ ҷеғ зада гуфт:

— Рафиқ Одилов, ин хидматҳои шуморо мо тақдир мекунем. Ва дар борэи шуморо бо нишони сурх мукофотонидан, ман дар пеши идораҳои дахлдор масъала мемонам.

— Рафиқ командир, агар чанде ки шумо бо нишони сурх мукофотбахш гардидани маро лоиқ донед ҳам, аммо ман розӣ нестам, зеро ки ман вазифаамро адо кардам. Ин вазифаи мо ва шумо аст. Аз ҳамин сабаб ман худамро ба гирифтани нишони сурх лоиқ намедонам. Чунки аз ҳама пеш ман муҳофизи диктатураи пролетариат — Ҳокимияти Шӯроӣ мебошам,— гуфт ба ҷавобаш Одилов.

Қадди баланд, гимнастёркаи чиркин, аракқолуд, мўзаи калони аскарй, ришу фаши қуюқи ду мах боз теғи покуро надидагй, мўйҳои бестрижкаи пароканда,— ҳастии ин командири пешқангро боз ҳам барқастатар ва намоёнтар мекарданд.

1933

ЛАТИФ ҚУТИЛ

(Хотира)

Аз ин чанд дақиқа пеш, ҳавои кӯҳистони Қаротегинро ду дарронида нахустин бор уқоби фӯлодин аз осмони баланд манзараи шаҳрча, омади селоби ваҳшӣ, ҷараёни магруронаи Сурхобро тамошо карда, баъд аз назар гоиб шуда буд.

Ба якчанд дақиқа ҳам бошад, рӯбоҳи маккор Фузайл пайдоиши ин мурғи фӯлодинро ба фоидаи худ истифода менамуд. Вай дар болои баландие савор истода, ба 10—15 нафар деҳқоне ки ин гуна аҷоиботи осмонӣро дар умрашон якӯмин бор медиданд ва имрӯз бо зарби тозиёна, ба ҳузури ин сардори дарранда ғун шуда, хоҳу нохоҳ ба афсонаҳои ӯ гӯш меандохтанд, «ваъз» мегуфт.

Фузайл аз болои асп нафуромада, боз як бори дигар бо дурбини майдони ҳарбро аз назар гузаронд ва ба осмон боз нигоҳ кард, баъд ба як тӯда деҳқононӣ қишлоқҳои атроф, ки дам ба дам аҷали худро мепоиданд ва баданашонро ларза фаро гирифта буд, нигоҳ карда:

— Мана, дидед-мӣ? — мегуфт.— Ин аэропланро худи подшоҳи англис ба ман тақдим намудааст. Ин хел аэропланҳо дар мо бисьёранд.— Милтиқи нави англисиро, ки дар дасташ буд, нишон дода.— Мана бо ҳамин милтиқҳо, ана бо ҳамон аэропланҳо, бо ёрмандии давлатҳои калон дар байни ду ҳафта мо дар тамоми хоки Россия большевиконро нест мекунем. Ба мо англисҳо, французҳо...

Фузайл суханашро ҳанӯз тамом накарда буд, ки аз тарафи Ҳоит дар аспи калони ҷирани кафккарда як савора тозон рост ба пеши ӯ омад ва дарҳол аз аспаш фаромад. Бо як дасташ лаҷоми аспро дошта, дасти дигарашро ба синааш монда, дуқат шуда таъзим карду:

— Ҷаноби сардори лашкари фотеҳи ислом,— гӯён ба гап сар кард.

Фузайл вазъияташро дигар накарда:

— Хӯш, чӣ хабарҳои нав? — гуфт.

— Ним соат пеш аз ин як нафар аз чобуксаворон хабар расонид, ки дина киштиҳои дарьёии англис пойтахти пештараи Россия — Петербургро гирифтаанд. Ҳоло аэропланҳои англису французӣ Москваро бомбаборон мекардаанд. Ба Кавказ ва ба якчанд вилоятҳои дигари Россия аскарони Франция даромада ҷойгир шудаанд. Тамоми Сибирро Япония забт намудааст.

Деҳқонон сарҳояшон хам, дастҳояшон пеш, ором ба ин гапҳо гӯш меандохтанд. Алӣ-батрак ин мурғи фӯлодинро дар Душанбе борҳо дида буд ва аз ҳама ҳам вай инро бо ҳамон нишонаи ситораи сурхаш нағз мешинохт ва имрӯз ҳам аз ҳамон нишона аз куҷо омадани ин аэроплан ва аз они кӣ будани вайро дарҳол дониста буд, дигар ба ин гапҳо тоқат карда натавонист ва ба гӯши деҳқонбачае, ки дар паҳлӯяш истода буд, гӯшакӣ карда чизе гуфт ва як писханд зад. Ба вай чашми яке аз саркардагони Фузайл афтод.

— Чӣ гуфтӣ, кофирбача?!

— Ҳеҷ чӣ.

— Ин ба ту чӣ гуфт?

— Ҳеҷ чӣ.

— Чӣ шуд? — Фузайл ба саркарда нигоҳ кард.

— Тақсир, ин кофирбачаҳо ба гапҳои шумо бовар накарда, шуморо масхаракунон хандида истодаанд.

— Баред, сарашонро аз танашон ҷудо кунед!!

* * *

Дар ҳамин асно, вақте ки Фузайл бо хуни Алӣ-батракҳо ба худ роҳ кушодани буд, дар ҳамин лаҳзае ки чанголи ситам синаи Қаротегин — Фармро тамоман пахш кардани буд, дар ҳамин фурсате ки ӯрдуи разил гилемҳои сабзи айёми баҳорони кӯҳистонро бо хуни Назари панҷьяккор, Сафармардикорҳо сурхранг гардониданӣ буд, умедгоҳи схирин — чанд нафаре аз ҷонбозони дастаи худмудофиа дар пости чорӯм ҷон медоданду ҷон мегирифтанд.

Шаҳрча холӣ буд, пешҷангони Фузайл ба иморати комитети иҷроия наздик расида буданд. Латиф Қутил аз дуто тири боқимондаи «наган»-аш яктаашро сарф карда, бо чӣ гуна хаёле аз ҷояш хест. Тирҳо аз поёну аз боло, аз

росту аз чап ғижжаскунон ғузашта менистоданд. Вай «инаш ба ҳар ҳол ба худам монад» — гӯён аз хаёлаш ғузаронид. Чашмони гӯсфандии калон-калонашро хуи пахш кардагӣ буд. Ба ақиб нигоҳ кард. Биму тарс дигар ба хаёлаш ҳам намеомад.

Ғузаргоҳ — тангкӯчаи кӯҳие ки ба паногоҳи ягонаи тамоми аҳолии ин шаҳр мубаддал гардидааст, хеле дур буд. Чашмони ин ҷанговари пуртаҷриба дар як он масофаро чен карданд. Пиёда гурехта ба он ҷо расидан мумкин набуд. Шариконаш ҷудо-ҷудо, гаваккашон хазида-ғелида ба ақиб, худро ба канор кашиданд. Дар майдон, мисли байрақи бесоҳиб, ҳадафи ҳамаи тири душман шуда, фақат ҷисми далери ӯ рост монда буд.

Бе тир, бе яроқ нишони тир шудан — ин қаҳрамонии бадтарин аст. Инро вай нағз медонист.

Аз тарафи босмачиён мисли садои раъд овозҳои калимаёдкунӣ, садоҳои пай дар пай «оллоҳ»-гӯй, аз ҷониби ғузаргоҳ — паногоҳ — нолаи занон, гирьяи кӯдакон, гоҳ-гоҳе тақтуқи милтиқҳои шикорӣ шунида мешуд.

Латиф Кутил, дигар андеша карда наистода, худро ба даруни юнучқазоре, ки дар паҳлуи чапаш буд, зад. Яке аз калхотҳои аввалини ин галаи ваҳшӣ бо майли ба даст даровардани сайде — аспашро рост ба юнучқазор ронд.

Дар ҳамин дам милтиқи бетир дар дасти мергани советӣ, муовини командири взводи собиқи батальони кӯҳии тирандози тоҷик, на танҳо мададгор набуд, балки бори вазнин буд. Яроқро ба дасти душман супоридан барои ин ҷанговари номӣ нанг! Ба ҷои ин ҷонро супоридан осонтар буд. Дар пушти девор нӯги мили милтиқро ба болои санге монду ба пеши кулангиаш бо лағад якто зад. Милтиқ ба ду ҷудо шуд. Мисли чӯбе вайро аз замин гирифту ба даруни алафҳо ҳаво дод.

Илоҷи гурехтан набуд. Масофаи байни ӯ ва саворае оянда наздик буд. Паногоҳе ба назар наменамуд. Латиф нагани яктираро ба писааш андохту худ ба худ: «хайр, ҳарчи бошад ҳам мебинем-дия, наздиктар биёяд» — гӯён ба сӯи душман, ки паррон меомад, нигарон шуда истод. Латиф Кутил ин дафъа ба қувва ва ба ҷавонии худ такья менамуд. Дигар ӯро чӣ чорае буд? Дар ҳамин вақт гӯштингириҳои давраи ҷавониаш ба ёдаш расиданд,— бовариаш ба худаш зиёдатар гардид.

Ҳамон саворае ки ба мили милтиқ тир ҷой карда, нӯги онро ба сӯи Латиф рост намуда, тозон меомад, ин қиёфати

табассумомези Латифро дида, аспашро андак суст кард ва бо чӣ гуна хаёле ба ӯ наздик шуд.

— Ту кистӣ?

— Одам.

Ҳамон саволу ҷавоб барои ҳар ду ҳам кифоя буд. Ҳар ду ҳам якдигарро нағз шинохтанд. Шахси савора аз ин ҷасорати ногаҳонӣ оташин шуда, дигар саволе надод. Дасташро ба дастаи шамшер бурд. Ин ҳолро дидан замон Латиф як ҳаросид, баъд мардонагиро аз даст надода, қоҳ-қоҳ зада хандид. Зӯракӣ ва сохта будани ин хандаро ҳис намудан мумкин буд.

Аммо савораро вақте набуд, ки ба ин диққат кунад.

— Ҳой, бача, сабр кун!

— Чӣ мегӯӣ?

— Магар маро нашинохтӣ? — Латиф ду қадам монда, ба ёли асп наздик расид. Гардани дарози асп синаи ҳарсидаистодаи ин ҷанговари пуркорро панаҳ кард.

— Ман ба пеши сардори «лашкари ислом» рафтаниам, ман аз ҳукумат ранҷидаам. Ба вай ҷойҳои тиллоро гуфтаникам.

Савора ба ин гапҳо чӣ гуфтанашро надонист. Бо ҳолати дудилагӣ гуфт:

— Рост, бо ҳамин роҳ...— Вай гапашро тамом накарда буд. Тири охирини наган, умеди охирини Латиф Қутил, хекиртаки савораро шикоф намуд. Савора мисли бузи шалҳан кӯбкорӣ ба як тарафи зин овезон шуд. Латиф лаҷоми аспро ба даст гирифт, ба савора ёрӣ дода пои дигари ӯро аз рикоб холӣ кард. Савора монанди халтаи нимхолӣ таппӣ карда ба рӯи алафҳои лаби ҷӯй афтод.

Латиф милтиқро ба қоши зин овехт, тасмаи шамшерро фавран ба гардан андохт. Танаи ӯро бо пояш як лағад заду ба асп савор шуд. Мурда аз лаби ҷӯй ба дарунаш ғелида рафт. Бо хаёли ин ки акнун аспро ба кадом сӯ бояд ронад, Латиф ба атроф назар андохт.

Дар ҳамин асно чанд нафар ҷанговарон бо сардории фармондеҳе бо ду пулемёт ва чанд дона милтиқ душманро даравида, майдонро тоза намуда, пеш меомаданд.

Ӯрду, ӯрдуи беяроқ — партиявиёни ҷонсупор, комсомолони ҷонбоз, хизматчиёни фидокор, аҳолии содиқ, занони озод, кӯдаконе шод, аз паси он чанд нафар бо чунон садои баланд «ура-ура»! пеш меомаданд, замину замон меларзид.

Душман ба фишори ин қӯшуни беяроқ тоб оварда на-

тавонист. Вай ҷабҳаи аз ин 10—12 дақиқа пеш фатҳ намудаашро партофта рӯ ба гурез ниҳод.

Латиф Қутил бо фикри: «агар аз тарафи чапи пулеметамон асп монам, ба ман тири худамон намерасад, аммо сари якчандтаи ин хоинонро аз танаш ҷудо мекунам» — сари аспро сар дод. Дар сари роҳ фақат ба як саворае вохӯрд ва бо маҳорати бениҳоят, дар як он рӯдаи вайро овезон ва худашро сарнагун кард ва ба роҳи худ давом намуд.

Шамшераш дар офтоби баҳорон медурахшид.

Сари аспро доштан мумкин набуд. Ӯ ҳам сари онро намедошт ва хаёли инро ҳам надошт. Аммо як тир, фақат як дона тир чорхези аспро якбора суст намуд. Ҳамон вуҷуде ки чанд дақиқа пеш аз ин чанги ҷавлонгоҳро мебаровард ва тайёр буд тамоми лашкари душманро забун кунад, ноҳост монанди яхпорае ки аз кӯҳ кӯчида ба қаър меравад, аз асп ба замин сарнагун афтод.

Аммо ин ҳолат ӯрдуи фидокоронро боздошт. Ӯрду ба роҳи худ пеш рафтан мегирифт. Садои «ура» баландтар мешуд. Ин қӯшуни беяроқ, бо ду пулемёт, чанд дона милтиқ, Латиф Қутил барин ҷавонони қонсупорашро қурбон дода, ҳар як қадамро бо ҷанг, бо ҷанги шадид, бо хун, бо хуни Латифҳо, Алиҳо, Назарҳо пас мегирифт.

Бале, яке аз он фармондеҳони майдае, ки дар тирамоҳи соли 1927, аввалин бор ба ман ва ба ҳамсолонам алифбои ҳарбиро ёд дода буданд, ҳамин Латиф Қутил буд, ки имрӯз барои Ғарми Советӣ сарфарозона ҷон дод.

1933

МАРГИ КОВАЛЕНКО

I

Аввалҳои зимистон.

Ҳаво на хунуки хунук, на гарми гарм. Лой.

Борон дам намегирад. Гӯё осмон шикоф шудааст.

Дар майдончае, ки дар пеши растаҳои тангу тори бозор вокеъ буд, танҳо дар ҳангоми субҳ пеш аз ба кор равон шудани коркунон, ва баъд аз кор, аз соатҳои севуним шашҳафт одамҳо мепилмиданд. Ягона ресторан ва ду ошхона ва чойхонаи маҳаллӣ фақат дар ҳамин фурсатҳо аз одам пур мешаванд. Аксарияти коркунони бисьёртар аз ҳар тараф омадагӣ, тоҷикон, русҳо, ӯзбекон ва миллатҳои дигар, ки дар комиссариатҳо ва идораҳои гуногуни ҷумҳуриятӣ хидмат мекунанд, ҳар рӯз як бор дар ҳамин марказҳои «маданият» ҳамдигарро мебинанд, чақ-чақ мекунанд. Гӯё фақат дар ҳамин вақтҳо аз ин майдон бӯи пойтахти ҷумҳуриятӣ будани ин қишлоқ меояд.

Инспектор Коваленко, ки яку ним моҳ аз ин муқаддам аз хидмати ҳарбӣ озод шуда, ба кори идораи граждани даромада буд, ҳар рӯз баъд аз кор ба ҳамин ресторан даромада, муддаои табъ таом хӯрда, пас ба хонаи худ бармегашт. Шабҳо бисьёр вақт аз хона намебаромад. Танҳо баъзе рӯзҳо баъд аз хӯрок рост ба идора бармегашт ва то нисфҳои шаб дар маҷлиси фирқавӣ ва дигар гуна маҷлисҳо иштирок мекард.

Имрӯз ҳам Коваленко дар ҳамин ресторан хӯроки пешинӣ хӯрд ва мунтазири официант шуда, дар паси стол менишаст ва ба латтаи калони эангорранге, ки ба шифти хона зада шудааст, ба он бутилкаҳои холии арақ ва пиво, ки дар ҳар канор ва гӯшаи ин латта бо ресмон овехта шудаанд, сиҷа мекард; қариб як метр барин ҷойҳои латта, ки ба

онҳо бутилкаҳо овезонанд, ба назар ба монанди гунбадчаҳои поскуна менамуданд. Инҳоро Коваленко ҳар рӯз як бор ду бор медид. Чашмонаш ба ин манзараи шифт равон шуда бошанд ҳам, ақлу ҳуши ӯ дар ҷои дигар буданд. Майнаи вай бо хаёлҳои дигар банд буд.

— Бисьёр хаёл карда мондед? — як даст омада ба пушти Коваленко таппӣ карда зад. Ӯ як қад парида рӯяшро ба тарафи чап гардонд ва дарҳол:

— Салом, Александров — гуфт.

— Салом.

— Аҳвол?

— Дирӯз аз командировка, аз Кӯлоб омадам.

— Бишин.

Дар ҳамин вақт афициант бо мақсади ҳисобӣ кардан ба пеши Коваленко саросема шуда омад. Ба ҷои он ки ҳисобӣ кунад, вай:

— Ду бутилка пиво диҳед,— гуфт.

Коваленко нағз медонист, ки як бутилка пиво се сӯм меистад. Агар вай ҳар рӯз ба ду бутилка пиво пул диҳад, 125 сӯм моҳонае, ки мегирад, на танҳо барои Украина, ба модараш фиристодан, балки барои хӯроки худаш ҳам намерасад. Аммо барои имрӯз фақат ба шарафи рафиқи ҷононаш Александров, ки ҳамроҳи ӯ ду сол дар полк гузаронидааст, ин гуна зиёфатро ба худ эб дидан ба вай мумкин буд.

Александров сукунатро вайрон карда дарҳол ба гап сар кард.

— Хайр, аҳволат чӣ тавр? — Ба ҷавоби рафиқаш мунтазир нашуда ба гап давом намуд,— афсӯс, ки баъд аз аскарӣ ба хона, ба Россия нарафтам; ҳеҷ набошад, камтар истироҳат карда биёям ҳам мешуд. Бисьёр монда шудем.

— Ҳеҷ гап не, сабр кун.

— Агар ҳамон рӯз котиби бюрои фирқа корро ба ин тараф нагардонад, ҳоло дар хонаҳоямон менишастем. Хайр майлаш кор кунем охир, Россия аз мо гурехта ҳеҷ куҷо намеравад,— гуфта Александров ба худ тасаллӣ доданӣ шуд.

— Курочкин куҷо бошад? — Коваленко суол дод.

— Дар ҳақиқат ҳам мург буд. Гӯё ба Ғарм фиристодаанд. Дар ёд дорӣ, ҳамон рӯз хуб моро шарманда кард: агар ман котиби бюрои фирқа мебудам, масъаларо дар маҷлис монда албатта аз дасташ билети фирқавиро гирифта монда, баъд ҷавобаш медодам. Соҳӣ ба куҷое, ки мехост, майлаш, равад буд.— Таққӣ карда ба устол мушташро за-

данӣ шуд, аммо дар атроф бисьёр будани одамон ва ресторан будани ин ҷойро дарҳол ба хотираш овард, ҳамон мушти пурзӯрашро ба болои стол оҳиста фуровард.

— Тӯғрӣ мегӯй Вася; аҳволи ҷумҳуриятро дида истодӣ-мӣ? Аз набудани коркуни ҷумҳурияти ҷавони камбағал нафас кашида наметавонад.

— Ҳамон рӯз бисьёр оташин шудам. Хостам, ки дар саисхона хуб вайро кӯбам, охир ёд дорӣ, ҳай-ҳай накунам, қариб филиққӣ карда гирья карда буд. Охир ту бояд гирья кунӣ буд. Намонӣ ҳам, ту ҳақ доштӣ. Туро ҳеҷ кас ҳеҷ кор карда наметавонист. Охир ҳар яки мо ду сол боз, ту бошӣ чор сол боз дар ҳамин хилваткада кор мекунем.

Коваленко бутилкаи дуввӯмро ба стаконҳо рехта тамом карду чашмашро ба тарафи афициант гардонд ва ин ҳолро дидан замон Александров ба соаташ нигоҳ карда:

— Мишка, бас аст. Ман ҳозир ба хона меравам, дар он ҷо маҷлис мешавад. Ман бояд дар маҷлис иштирок кунам.

— Дар хонаи ту маҷлис?

— Не, дар ҳавлии мо мешавад, охир ман дар «Кремль» зиндагӣ мекунам, дар он ҷо ҳаман калонони мамлакат меистанд-ку. Оромӣ нест. Қариб ҳар рӯз баъд аз кор маҷлис аз паси маҷлис. Ман намедонам, калонҳои ин мамлакат асло монда намешуда бошанд-мӣ?

— Момент ҳаминро талаб мекунад.

Бо афициант ҳисобӣ карда, ҳар ду аз дар баромаданд. Чашми рӯй кӯр шуда, торикӣ ба ҳукмфармой сар карда буд. Воҳимаи дар ин лой то ба хонаҳо расидан ҳар дуро ҳам пахш намуд. Ҳар ду ҳам монанди аксарияти коркунони ин пойтахт дар даст чӯбҳои калон надоштанд. Дар ошхонаҳо ва чойхонаҳо ва дар сари раста дар як-ду дӯкон лампаҳои сийӯм ва бистӯм то ҷон доранд, бо торикии шаб ба гӯштингирӣ сар карда буданд. Аз тарафи кӯчаи Самарқанд ва Сари-Осиё ак-аки сагон ва гоҳ-гоҳе бисьёртар аз тарафи Рухак уввоси шағолҳо шунида мешуд. Якта-нимта дермондагон дар дастҳояшон кӯршабпарак барин фонусҳо, шилипшилип карда, ба ҳар тараф мерафтанд. Шар-шари борон ҳеҷ паст намешуд.

Агар аз тарафи боғи Путовский биёед, хонаи Коваленко дар тарафи рости он кӯча, дар даруни як тангкӯчае буд, ки номашро худи ӯ ҳам намедонист. Дар он ҳавлие, ки чор тарафашро мисли қалъаҳои замони қадим, деворҳои похсагӣ иҳота намудаанд, ба ғайр аз боз як манзилнишин, ки на тотор, на арманӣ будани ӯро то ҳанӯз Коваленко дуруст

ҷудо карда натавониста буд, худи хӯҷаинии ҳавлӣ, тоҷики аёлманд зиндагӣ мекард.

Ба назар хонаи Коваленко хишти хоми дар об монда фалла шудагӣ барин менамуд. Баъзе болорҳои тари сафедорни ӯ, бо вазни лои бом одами букрӣ барин хам шудагӣ буданд. Дар даруни хона ба ғайр аз кати чӯбин ва дар болои ӯ будагӣ гоҳ шинель, гоҳ ҷомаи дарози гули сурхдори маҳаллӣ, як табуретка, чароғ, чанд дона китобҳо дигар ҳеҷ чизе набуд. Ин чизҳоро ҳам вай баъд аз гирифтани моҳонаи якӯмаш харида буд. Бисьёр вақтҳо вай ба ҷои шинель бо ҳамон шапкаи аскарӣ, ки ҷои ситорааш, порчаҳои офтоби ба ҷои соя афтодагӣ барин менамуд, ҷомаи маҳаллиро пӯшида ба кӯча мебаромад.

Дар болои курсие, ки дар пеши кат буд, лампа ва бо ҳамроҳии китобҳои сиёсӣ ду адад китобҳои бадеӣ, ки чанд рӯз пеш иниҳоро аз командири мактаби ҳарбии полк гирифта буд, ба як ҳолати маъюсона ба ӯ назар мекарданд. Аз миёнҷоӣ ва аз ҳар гӯшаи хона тик-тик об мечакид. Ин дафъа алт ба миёнаи каравот ҳам чакида, хеле ҷои ӯро тар карда буд. Қатраҳои оби болои кат дар рӯшноии чароғ марворид барин медурахшиданд. Коваленко худди ба кӯдаки шӯх нигоҳ кардагӣ барин, ба тахтаи кат ва ба қатраҳо назар кард, табассумкунон худ ба худ:

— Офарин ҳаёт! — гуфт ва каравотро озод бардошта ба он тарафи хона, ба пеши тирезае, ки аз он ҷой борон намегузашт, бурд ва бо латта ҷойҳои тарашро пок кард. Ба таг ҷома, ба боло шинельро кашид. Китоби «Большевикон»-и Алексеевро ба даст гирифта, ба хондан шурӯъ намуд. Сатрҳои сиёҳи когаз ба майна ҷойгир намешуданд ва монанди таоми суюқ фурӯ бурда мешуданд. Дуруст намефаҳмид. Як-ду паҳлӯ зада гирифт — нашуд. Китобро ба ҷояш монд, чароғро хомӯш карда чашмашро пӯшид.

Порчаҳои ҷудогонаи саргузашт, образҳои гуногун... Мудҳиш, хушнуд дар магзи майнааш мисли мӯрча ба оҳистагӣ қадам мезаданд, мегазиданд, аллагӯй мекарданд.

Давраи ҷавонӣ, даштҳои васеи Украина, ҷангалзорҳо, оби дарьёча, оббозӣ, моҳидорӣ. Дар аввали ҷанги ҷаҳон мурдани падар, нолиши модар, гирьяи ӯ ва бародари хурдаш, баъд — батракӣ. Духтари поғафс ва рӯсурхи ҳамсоя Наташа. Бӯсаи Наташа дар беша, хидмати ҳарбӣ, Бухорои Шарқӣ, шавқи омӯхтани забони тоҷикӣ. Ба фирқадарой, омӯзиш ва боз омӯзиш. Гапҳои имрӯзаи Александров, хусусан: «намонӣ ҳам ту ҳақ дошӣ» гуфтани ӯ. Ин хаёл-

хо соя барин аз ӯ дур намешуданд. Чанд бор паҳлӯ зад. Ду бор садтағӣ шумурда баромад, ин ҳам мадад накард. Вақте ки Коваленко субҳ аз хоб бархест, аз вақти ба кор рафтан ним соат гузашта буд. Ранги маллаи ӯ зардолу барин зардтар шуда, чашмони кабудаш чуқуртар даромада рафта буданд. Худ ба худ:

— Ман ниҳоят асабӣ шудаам, ё ки аз монда шудан бошад-мӣ? — гӯён аз дар баромада давон-давон ба тарафи идора равон шуд. Муйҳои зарди шона накардааш аз ҳар тарафи шапка баромада, ранги зарди ӯро бадҳайбаттар ва бемортар карда нишон медоданд.

II

Ид.

Иди яксолаи ҷумҳурияти ҷавонро баҳор бо гулҳои сабз, сабзаҳои навхез, хуршеди тобон, пӯбакҳои хандаҳои дарахтон пешвоз гирифт.

Аз тобиши офтоб лоиҳои кӯчаҳо шах шуда монда буданд. Фақат дар миёнҷои баъзе кӯчаҳо кӯламаҳо, ки ҷӯи ба рамақашон омадааст, бо тобиши хуршеди баҳорон мубориза мебурданд, аз гарданфурорӣ саркашӣ мекарданд.

Боди форам, маҳтоб, хушкии кӯчаҳо, қишлоқро зинда, нардумро бедор карда буданд.

Марди миёнсол, хушқалду қомат, сиёҳриш, дар сараш саллаи симоӣ, дар тапаш пальтои сабзи баҳорӣ, аз болои тирбун, ба мардум муроҷиат карда гап мезад. Аз номи ҳукумат меҳнаткашонро табрик менамуд.

Оркестр пай дар пай Интернационалро менавохт.

Дар худди ҳамин рӯз инспектор Коваленко, дар қишлоқи Даҳана, ки маркази кент буд, корҳои худро тамом карда, барои ба қишлоқи Шолипоя рафтан ба тараддуд афтод. Офтоб ба фурӯ рафтан шурӯъ карда буд. Уфуқ дармегирифт.

«Танҳо наравед». «Пагоҳ ба шумо аскар ҳамроҳ мекунем» — ин маслиҳатҳои раиси комитаи иҷроияи кент ва сардори гарнизон ба Коваленко ҳеҷ асар накард. Вай шаш нафарим масофаи байни қишлоқи кент — Даҳана ва қишлоқи серодам Шолипояро бо ҳамон аспи чаппайӯраған худ дар фосилаи даҳ минут тай намуд.

Аҳолии қишлоқи Шолипояро беаскар аз танҳо омаданаш ҳам зиёдтар пайдо шудани Коваленко ба ҳайрат монанд. Як сол зиёда шуда буд, ки онон Коваленкоро надида буданд.

Ҳамон Коваленко, ки ҳамроҳи аскарони дигар ба ин қишлоқ бисьёр меомад, гоҳе чанд рӯзҳо меҳмон мешуд; калонпро — «падарон», чавонпро — «бародарон» гӯён муомила мекард; қариб ҳар дафъа ҳамроҳи деҳқонон як соат, ду соат маҷлисҳо мегузаронид; гапи командири калонро ба деҳқонон, арзу ҳоли деҳқонпро ба командир тарҷима карда медод; пеш аз он ки чизе фармояд, аввал ба раиси ҷамоат ё ки ба вакили қишлоқ Абдулло пулагро медод; мана имрӯз боз ба пеши ошноҳои кӯҳнааш омада буд. Аммо ин дафъа худаш танҳо, дар танаш ба ҷои шинель ҷоман маҳаллӣ, дар болои зинаш хӯрҷини сабукбор буд.

Коваленкоро дар пеши дари масҷид раиси шӯрои ҷамоат ва чанд нафар деҳқонон истиқбол намуданд. Коваленко аз асп фуромадан замон яке аз деҳқонон дарҳол аспи ӯро даст гирифт, вай бо ҳар яке аз онон бо оғӯши кушода ҳолпурсӣ ва вохӯрдӣ намуд. Барои ин деҳқонон гӯё ин шахс — яке аз хешовандонашони аз ҷон дур омада буд. Раис ба роҳи омади ӯ нигоҳ карда:

— Худатон танҳо-мӣ? — гуфт.

— Ҳа, маро бало ҳам намезанад,— хандакунон вай ҷавоб дод. Ҳамагӣ ба завқ омада қаҳқоскунон хандидаӣд.

— Ку, ба хона меравем, дар ин ҷой танҳо хобидани шумо барои мо айб аст.— раис вайро ба хонааш таклиф намуд.

Ин шаб хонаи раис худди тӯй барин буд. Қариб ҳаман мардони қишлоқ ҷамъ шуда буданд. Агарчи ҳаво гарм бошад ҳам, дар айвони хона гулхани калон дуруст карда буданд. Кӯри Тоҳир дуторашро зада беором «Гӯрӯғлӣ»-хонӣ мекард. Чойҷӯш ба оташи баланди гулхан тоб оварда натавониста, зуд-зуд билиққос зада меистод.

Коваленко дар вақти хоб ба раис муроҷиат карда:

— Мана ин амонат ба шумо, пагоҳ ба деҳқонон тақсим карда медиҳем.

— Чанд қадар?

— Даҳ ҳазор сӯм халос.

— Шумо ҷудо бой шуда мондед. Ҳоҳ ҳо.

— Ҳазл не. Ҷудо ҳам бои калон, ҳоҳ ҳоҳ ҳо

III

Ба маҷлиси имрӯза Абдулло — вакилро лозим нашуд, ки ин қадар даву тоз кунад. Худи деҳқononи қишлоқ бо даъвати бегоҳӣ, якдигарро ҳамроҳи худ ба пеши каппаи ҷамоат

меоварданд. Фақат аз баъзе қишлоқҳои ҳамсоя омадани деҳқонон саҳл тўл мекашид. Ҳар як деҳқоне, ки ба маҷлис меомад, аввал омада бо Коваленко вохўрдй мекард ва ҳолпурсй менамуд.

Вақте ки маҷлис сар шуд, офтоб рост ба болои сар омада буд. Коваленко ҳам бевақт сар шудани маҷлис, аз субҳ то ин дам мунтазир шудани деҳқононро ба назар гирифта ба қадри имкон саъй менамуд, ки маърўзаашро кўтоҳ кунад.

Нутқашро ҳанўз нисф накарда буд. Деҳқонон чуруққй накарда, ба даҳони вай нигоҳ карда нишаста буданд. Гоҳгоҳе баъзеи онҳо: тўғрй, тўғрй гуфта мемонданд.

Бачаи 10—12 солае, ки тахминан аз инҳо 50 қадам дуртар, дар болои бом бо чигуна бозй овора буд, якбора:

— Босмачиҳо — гуфт. Дудғулаи чанги суми аспи онҳо ба пушти хонае, ки аз маҷлисгоҳ чор хона дуртар буд, расида буд. Тамоми мардум аз ҷой бархостанд. Раиси ҷамоат як дашноми дастабиринҷй ёд намуду ба Коваленко нигоҳ карда дарҳол:

— Ку, биравам,— гуфт ва ба қадампартоии ў нигоҳ накарда аз дасташ кашолакунон ба тарафи хонааш тохт. Ба дари хона наздики 20—25 қадам монда буд. Савораи якўме, ки сари аспашро тамоман сар дода буд, мили милтиқашро ба инҳо рост карда, монанди алав парида меомад, ба ҳаво як тир холй кард ва бо овози баланд:

— Биистед! — гуфт.

Раис бо чй хаёле дар ҷояш шах шуда монд. Аммо Коваленко суръати давиданашро суст накарда ба дарунй дарвоза даромад ва дарҳол дарро баст. Ба ивази ин раис зарбаи ду қўндоқро чашид ва дарҳол беҳуш шуда дар ҷояш афтода монд.

Як қисми мардум кайҳо гурехта буданд. Дар маҷлисгоҳ имоми масҷид, чанд нафари дигаре, ки аз пули Коваленко овардагй як тин ҳам намерасид, ва як гурўҳ камбағалон шах шуда монда буданд. Дар ҳамин асно қўрбошй бо 8 нафар босмачй расида омад. Қўрбошй аз болои асп истода:

— Ку, вай кофир? — гуфт.

Камбағалон худди беҳуш барин палак-палак карда ба рўи қўрбошй нигоҳ карда монданд. Одамоне, ки дар атрофи имом буданд, сарҳояшон хам, садояшон намебаромад.

— Ку вай?! — Қўрбошй ба шками асп бо пояш якто зада, ба сари мардум омад ва гурўҳро ду дарронду бо тозиёна Саид номро, ки дар пеш истода буд, пай дар пай се-чорто зад. Аз тахти пушт, сар ва гўши ў қатраҳои хун

фаввора зада ба шоридан шурӯъ карданд. Саид «вой мурдам» гӯён ба таги пои мардум ва аспи қӯрбошӣ афтод. Имоми масҷид чашмак зада сӯи хонаи раисро нишон дод.

Коваленко ба даруни хонаи раис ҷогаҳ шуда, милтиқашро ёфта ба даст дароварда буд, дар ҳамин асно аз панҷтира тири аввалинашро холӣ кард. Садои ин тир гӯё ба суоли қӯрбошӣ ҷавоб буд. Аспҳои маст дар ҷояшон по заданд, хӯсиданд. Соҳибонашон саросема шуданд. Ва бе иҷозати қӯрбошӣ чанд нафар якбора бо тир ҷавоб доданд.

Коваленко суръати тирхоликуниро ҳеҷ суст намекард. Ба пешонаи аспи яке аз босмачиён тир расид ва дарҳол афтода дар ҷояш мурд. Ба дасти қӯрбошӣ ҳам тир расид. вай оташинтар шуда, чӣ навъ хомӯш кардани оташи газабашро надониста то будани овозаш дод мегуфт, ҳамаро бо ҳаргуна дашномҳои қабеҳ ҳақорат медод.

Гурӯҳи мардуме, ки дар ҷояшон шах шуда монда буданд, аз ин талвосаи қӯрбошӣ ва саросемагии йигитҳо фоида бурда ба пушти хонае, ки дар рӯ ба рӯтари хонаи раис буд, рафта аз тир худро руст карданд. Имом ва ҳамроҳонаш аз ин гурӯҳ ҷудо шуда, дар ҳар қадам борҳо калима ёд карда ба тарафи хонаҳои худ гайб заданд. Ёздаҳ нафар пойлучаке, ки дар пушти хона худро аз оташ ҷогаҳ карда буданд, чи карданашонро надониста, ба ҳамдигар нигоҳ мекарданд. Рангҳояшон парида буд, таб гирифтагӣ барин меларзиданд. Яке аз онҳо:

— Бечора Коваленко — гуфт.

Ҳамон Саиде, ки аз тахти пушташ хун ҳоло ҳам ба шоридан давом менамуд:

— Вай акнун тамом шуд; биравед, раисро пайдо кунед, набошад вай ҳам мемурад,— гуфту ба замин дароз кашид.

— Ман намеравам.

— Ту рав.

Як-ду дақиқа давом намуд. Охир се нафар ҷудо шуда, аз тарафи чапи хонаи паноҳгоҳашон баромада, говаккунон ба ҷое, ки раис бехуд шуда афтода буд, равон шуданд. Босмачиён ба ҳар тарафи хонаи раис пароканда шуда, ӯро иҳота карда буданд. Аз хона садои тир ва додгӯйи ду нафар кӯдак ва зани раис беором баромада меистод. Босмачиён фақат гоҳ-гоҳ тир холӣ мекарданд халос. Босмачиёнро парвое набуд, ки ба «дуздандагони» раис диққат кунанд.

Раис ниммурда ва нимзинда дар каҳдони яке аз он камбағалон руст карда шуд.

Қўрбошӣ дасти маҳрўҳашро бо ёрмандии ду нафар аз йигитҳояш бо рўмол сахт баста истода буд, дар ҳамин асно тири Коваленко ба яке аз йигитҳои ӯ, ки дасти ӯро мебаст, расид. Ва он йигит дар чанд сония дар пеши назари қўрбошӣ ҷон дода, ғазабдони қўрбоширо боз зиёдтар ба ҷўш овард ва қўрбошӣ дарҳол номи чанд нафар аз йигитҳоро гирифту:

— Ба хона олав сар диҳед, падарлаънатҳо ҳамаашон сӯзанд,— гуфт.

Баъзе аз йигитҳо худди як чизашонро гум кардагӣ барин ба ҳар тараф барои хасу-хошок тозон пароканда шуданд.

Нолаи кӯдакон ва зани раис ҳеҷ паст намешуд. Коваленко ба онҳо нигоҳ карда:

Сабр кунед, алав намемонанд,— гуфт ва аз хӯрҷин пулро гирифту ба дасти зан дод.— Ба шавҳаратон гӯед ҳамин пулро ба камбағалон тақсим карда диҳанд. Агар вайҳо муранд, ба шаҳр бурда худатон супоред.— Ва ба тарафи босмачиҳо нигоҳ карда,— ба хона олав намонед, кӯдакон ҳастанд, таслим мешавам,— гуфт.

— Аввал милтиқатро бидеҳ.

— Ба таги дар биёед.

Вақте, ки ду нафар йигитҳо ба пеши дар омада, ба девор такья намуда:

— Ку, милтиқро бидеҳ — гуфтанд. Вай:

— Аз қўрбошӣ пурсед, вай маро намекушад-мӣ? — гуфт. Аммо вай нағз медонист, ки аз босмачӣ раҳм талабидани аскари сурхи собиқ монанди аз гург раҳм талабидани барраи соддадил аст. Вале барои ӯ ҳамин гапҳоро гуфтан на барои халосии ҷони худ, балки барои бурдани вақт лозим буд, то ки зан ҷои дах ҳазор сӯм амонати ҳукуматро пинҳон карда тавонад.

Яке аз йигитҳо барои баёи намудани арзи Коваленко тозон ба пеши қўрбошӣ равон шуд. Дар ҳамин вақт зани раис, оҳистакак:

— Тӯғрӣ шуд,— гуфта, аз саранҷом карда шудани пул хабар дод.

Коваленко осудавор навбат ба навбат ҳар ду кӯдаки раисро озод бардошта аз пешонаи онои бӯса гирифт. Аз чашмонаш мил-мил оби дидааш равон шуд. Бо бари ҷомааш чашмҳояшро пок карду:

— Хайр акнун ҳамшера,— гуфт ва омада дари хонаро кушод ва бо дасти чапаш милтиқро дароз карда,—ма,—гуфт.

Ҳамон босмачие, ки дар пеши дар истода буд, милан милтиқро даст гирифт. Ҳоло Коваленко қӯндоқи вайро сар надода буд, ки он босмачӣ рӯ ба рӯ рост шуда танаи қоқи дарози худро нишон дод. Ва дар ҳамин фурсат тири «колт»-и Коваленко мағзи сари ӯро ба хуну хокаш ғелонида ба дару девори хона чаракса кунонд.

Коваленко тозон ба хонаи ҳамсоя, ки дар рӯ ба рӯ буд, даромад. Аз пан ӯ чанд тир холӣ карда шуд. Дар хонаи худ марди бегонаро дида соҳиби хона — бевазане «вой мурдаме» гӯён бо шитоб аз дари хона баромада, аз саросемагӣ дар остона пешпо хӯрда ғалтид.

Баъзе аз йигитҳо ин ҳолро дида хандиданд. Қӯрбошӣ ба унвони йигитҳояш жолаи қабеҳтарин дашномҳоро бороиида, фармуд, ки зуд ба ин хона олав диҳанд.

IV

Вақте ки бачаи хурдсол аз болои бом «босмачиҳо» гуфт, раис ба Шодӣ ном батракбачаи ҳамсояқишлоқ, ки дар паҳлӯяш нишаста буд, нигоҳ карда, ба вай ба сӯи гарнизонхона имо карда монда буд.

Ҳангоме, ки аксарияти аҳли маҷлис ба гурехтан шурӯъ намуданд, Шодӣ аз ҳама пеш ба ҳавлии масҷид даромада, ба якӯмин аспи тарлон, ки дар пеш истода буд, худро ҳаво дода, аз дар баромада най дар пай бо тозиёна аспро се-чорто зада, ба сӯи қишлоқи Даҳана сари вайро сар дода буд.

Дар қишлоқи Даҳана Шодӣ ба суолҳои раиси Комитети иҷроияи кент ва начальники гарнизон як ҷавоби бурро ва саҳеҳ дода натавонист. Зеро ки ӯ босмачиёнро надида буд. Чи қадар будани ононро ҳам намедонист. Аммо як гапро такрор менамуд: «ку, зуд бошед, босмачиён қишлоқи Шолипояро пахш карданд, агар зуд наравед, Коваленкоро мекушандаш».

Бадбахтона дар қишлоқи Даҳана аскарон набуданд. Сардори гарнизон ҳамроҳи аксарияти аскарон ба операция рафта буд. Ба ҷои сардори гарнизон як командири отделения ҳамроҳи чор нафар аскар монда буд.

Вақте ки командири отделения ҳамроҳи як нафар аскараш, раиси Комитаи иҷроияи кент ва Шодӣ темпро ҳеҷ суст накарда ба қишлоқ даромада омаданд, хонаи бевазане, ки Коваленко ба он ҷо ҷогаҳ шуда буд, месӯхт. Забонаи оташи он хонаи хаспӯш осмонро бӯса кунам мегуфт. Коваленко бо як пояш лангида, ба ақибаш, сӯи босмачиён тирхоликунон

ба тарафи баландӣ баромада истода буд. Босмачиён ҷуръат намекарданд, ки вайро пахш карда дастгир намоянд.

Шодӣ ба қишлоқ даромадан замон якбора тамоми овошро сар дода, «урра» гуфт. Ин «урра» барои ба хурӯҷ кардани камбағалон як сигнал буд. Аз ҳар тараф деҳқонон баромада савора ва пиёда ба ин чор нафар ҳамроҳ шуданд. Дар чанд дақиқа савораи ин отряд аз 15 нафар зиёдтар гардид.

Ҳангоме, ки отряд ба ҷавлонгоҳ расид, пеши босмачиён аз он тарафи қишлоқ баромада мерафтанд. Коваленко дар нишебии баланде рӯ ба замин афтода хобида буд.

Отряд ба ҳеҷ куҷо нигоҳ накарда, аз паси босмачиён сур карда рафт.

V

Як гурӯҳи деҳқонон Коваленкоро бардошта омада, дар ҳавлии раиси ҷамоа, рӯи суфа, болои кӯрпа хобониданд. Раиси ҷамоа худдорӣ карда натавонист. Ҳунгаскунон худро ба болои мурда партофт. Ҳавлӣ пур аз мардум буд. На танҳо раис, балки аксарияти деҳқонон худро дошта натавониста мисли кӯдак гирья мекарданд.

Саид-батрак рӯмоли сурхи дар миёнаш будагиро кушода, ба нӯги ходае вайро баста, он ходаро ба сари мурда ба замин шинонида монд.

Раиси ҷамоа шушаш пухтагӣ, аз болои танан Коваленко сарашро бардошт, ашкҳояш беором мерехтанд. Бо рӯмол манаҳи мурдаро баст, чашмонаш ба чашмони кабуди Коваленко афтоданд. Оҳиста-оҳиста молида чашмони ӯро пӯшид.

Бегоҳи худи ҳамон рӯз раиси комитети иҷроияи кент, раиси шӯрои ҷамоа ва сардори гарнизон ба комитети иҷроияи туман ва ба сардори участкаи ҷангӣ тамоми тафсилоти воқиаро баён намуда, рапорти дуру дарозе навиштанд. Дар охири ин рапорт чунин маълумот дарҷ шуда буд:

«...Бо ёрмандии оммаи деҳқонони камбағал дастаи босмачиёни Шодмон-бег асосан барҳам дода шуд. Худи Шодмон-бег ва шаш нафар йигитҳояш дар ҳамин ҷанг кушта шуданд.

Ба босмачиён хабардиҳандагон имоми қишлоқ Саидназар-домулло ва мулло Раҳим тӯқсабо будаанд. Инро чанд нафар камбағалони қишлоқ ва Партав ном худи ятими Саид-

назар-домулло, ки ба босмачиён хабар додааст, тасдиқ карданд. Пуле, ки Коваленко оварда буд, як тинаш ҳам бечо нашуда истодааст. Агар иҷозат шавад, ба камбағалони қишлоқи ҷамоаи Шолипоя тақсим карда диҳем, то ки вақт нагузарад...».

1933

ОҚШУДА

I

— Не, намехоҳам!

— Моро шармандаи ҳар ду олам мекуни!

— Чӣ шармандагӣ? Намехоҳам гуфтам, намехоҳам, нассалом,— гӯён Заҳро ба чашмони модараш — Ҳамроҳҳола сиҳча кард. Гӯё ин гапҳояш на танҳо ба муқобили падару модараш, балки ба тамоми дунъёи кӯҳна эътирози қалби озоди ӯ буд. Дигар гап назаду аз дари хона баромада рафт.

Чашмонаш пур аз ашк, нафас кашида натавонист. Ҳамроҳҳола дар ҷояш монд. Пеши чашмонашро тирагӣ пахш кард. Ба назараш ҳеҷ чӣ наменамуд. Чӣ кор кардаашро намедонист. Сари калобаашро гум карда буд. Дар ин дам ба тамоми ҳастӣ лаънат мехонд. Аз ҳама зиёдтар вай дар ҳаққи ҳукумат, ки «нӯҳтаи» занон ва хусусан Заҳро барин духтаракони «телба»-ро сар дода, ба онон озодӣ бахшидааст, «дуои бад» мекард.

Вай тасаввур карда наметавонист, ки ин «намехоҳам»-и духтаракаш Заҳроро ба падараш ва хусусан ба тарафи домод чи навъ баён хоҳад кард. «Яктову якто духтарро ҳуруст ҳалол карда натавонистед, ин мӯятонро дар куҷо сафед кардед?» Вай ҷиҳати додашударо як ба як ба ёдаш оварданӣ шуд, вале ғайр аз ҳамон ним тӯб тики раҳ-раҳи як либосворин онро аз шавҳараш пинҳонӣ ... ситаҷӣи худаш сарф карда буд, дигар ҳеҷ ... намерасид. Ва ногаҳон:

— Заҳро! Ҳо... Заҳроҷо-ҷ... ... ...ҳонаашро сар дод. Сар дода, духтарашро ҷеғ ... ...гуфтем-ку, дигар касеро ... шуни... ...ҳонаро меҳоҳӣ? Ҳамон ҳалолбачаро ... меҳоҳӣ?

Заҳро оҳиста-оҳиста қадам монда ба дари хона наздик шуд. Аз қиёфаи ӯ таассуф, дилгирӣ, ким-чӣ хел парешонҳолие, ки ба ин гуна духтарони наврас ҳеҷ намезебад, намоён буд. Чашмони калон-калони сиёҳаш ба чашмони модараш афтоданд. Мижгони дарозаш беором мепариданд. Дақиқае, монанди он ки таноби гап канда шуда бошад, вай хомӯш монд. Дар ҳақиқат ҳам вай дар азоб, дар байни обу сташ монда буд. Дар ҳамин дам яктарафа шудани толеи сиёҳашро ҳис намуд. Намуди маъюсона ва ноумедонаи модараш, гӯё ҳамин кулбаи вайрона, ҳамин ягона чинори калоне ки синни ӯ бо синни бобоҳояш баробар буд, ҳамин кӯҳҳои осмонрасе, ки аз паси девор менамуданд ва тамоми ҳастӣ муқобили ӯ, гӯё ҳаман инҳо орзӯманди сиёҳбахтии ояндаи ӯ буданд. Гӯё ҳастӣ — девони олӣ, модараш садри он ва тамоми коинот ҳамнишинони вай буданд ва ҳаман инҳо як шуда ҳукми: ё ба оташи калон, ё ба қаъри бетаг ҳаво додани ӯро мебароварданд. Гӯё ҳамин наҳрчан кӯҳӣ, ки аз поёни қишлоқ равон буд, бо шаввоси худ ба ғалабаи ин девон, ба тантанаи инҳо шайпури зафарро менавохт.

Заҳро тасаввур карда наметавонист, ки чӣ тавр бо Алӣ писари кӯри Ҷалил дар як хона зиндагӣ хоҳад кард ва дар як болин сар хоҳад монд. Дарҳол ҷои сурати зишти Алиро чеҳраи хандони Бобӣ ишғол намуд. Ҳоло вай дар куҷо бошад? Фикр кард. Майнаашро хаёлҳои гуногуни пур аз даҳшат: «балки вай бо ягон тири ногаҳонӣ босмачиён, дар ягон ҷарие ба хуну хокаш оғушта шуда, ҷон канда истодагист» — фаро гирифтанд. Ва аз ин фикрҳо рӯҷудаш ба ларза, дилаш ба тапидан даромад. Чашмонаш пур аз ашк шуданд ва бо лабҳои ларзонаш, бо ним овоз худ ба худ: «не, наход ки ҳамин тавр бошад?» гуфт.

Кампир, ки аз вай чашм намеканд, бо остини куртааш чашмонашро пок кард ва бари доманашро боло карду биниашро афшонд. Баъд бо садои ҳузновар ва навозишкоронае ба ӯ:

— Духтаракам,— гӯён муроҷиат намуд.

Ин садои ногаҳонии кампир риштаи хаёлҳои Заҳроро ...ид ва ӯ як қад парида:

...ифт ва як оҳи пурдарде кашид ва гӯё бо ҳа-
...оташ тасдиқ гардид.

...ашмам! — гуфт кампир.— Ман
...он кардам. «Алло балам» —
...ароси зимистонро рӯз
...одани ашки

чашмонаш шурӯъ кард. Ашк рухсори пур аз оҷинғашро шуста, ба монанди донаҳои марворид ба рӯи синааш шорида мерафтанд.

— Балам,— гуён кампир боз гапашро давом доданӣ буд. Заҳро сухани ӯро бурида бо нармӣ:

— Оча,— гуфт ва бо ҳамин овози нармаш ба кампир хеле умедҳо бахшид.— Ман туро дӯст дорам. Ту модарам ҳастӣ. Аз ту хоҳиш мекунам, ки на худатро дар азоб монон ва на маро. Бовар кун, ки Алии шилпуқро дилам намехоҳад. Бо вай зиндагӣ карда наметавонам, хонавайрон мешавам.

Ин гапҳои оромона, аммо рӯирости Заҳро ба хониши Ҳамроҳхола боз роҳ кушоданд.

— Ҳаминро аз хотират набарор, ки мо падару модари ту ҳастем. Ҳеҷ гоҳе бадбахтии туро намехоҳем. Мо ҳаққи падарӣ ва модарӣ дорем. Фарзанд набояд аз гапи падару модар барояд.

— Дуруст мегӯй,— гуфт бо овози гирьяолуд Заҳро.— Охир наметавонам, чӣ кор кунам? Вақте ки чашмони шилпуқи Алиро мебинам, дилам беҳузур мешавад, қай кардан мехоҳад. Ғайр аз он...

Ҳамроҳхола дигар худдорӣ карда натавонист. Дандонҳояш ғиҷиррос заданд. Дигар на аз он ашкони фаровон дарак буд ва на аз он ҳазинӣ ва нармгӯй. Бо сахтӣ:

— Ғайр аз он чӣ? — Чашмони пурғазабашро аз рӯи Заҳро наканда: — Бобӣ-мӣ — гуфт ва ҳамчун паррандаи гуруснае, ки ба сайди худ ҳамла мекунад, рост аз ҷояш хест. Хост, ки аз мӯи Заҳро бигирад ва титу гозашро барорад.

— Хӯш! — гуфт бо қатъият Заҳро ба ҷавобаш. Гӯё ҳамин «хӯш!» акси ҳамла буд. Дигар аз нармдилии духтар низ дараке набуд.

— Ҳаминро нағз дон, ки ман ба гадойбача духтар дода наметавонам.

— Худат кистӣ? — Заҳро ба вай таъна зад.

— Ман гуфтам, гап тамом. Ман ба гадойбача духтар дода наметавонам!

— «Ба гадойбача» ту намерасӣ ку?!

— Азбаски ман намехоҳам, ту ба вай намерасӣ.

— Ман мехоҳам, ман мерасам.

— Бас кун! — кампир тамоми овозашро сар дод.

— Чӣ магал мекунӣ? Гуфтам-ку, дигар касеро намехоҳам. Гап тамом.

— Бобиро мехоҳӣ? Ҳамон гадойбачаро мехоҳӣ?

— Чӣ буд?

— Оқ мекунам!

— Ба ман гӯй, сиёҳ кун! — гуфт Заҳро ва аз ӯ дур шуд.

Кампир бо тамоми овозаш ҳаёҳуй карда гириста монд.

II

Баъд аз ҳашт рӯзи моҷарои байни Заҳро ва модараш, яке аз отрядҳо, ки дар он Бобӣ ҳам буд, ба қишлоқи С. даромада омад. Рӯзи тобистон, ҳаво ниҳоят гарм буд, аспҳои отряд кафк карда, ҳарсида дам мегирифтанд.

Ҳангоме ки оқсақоли қишлоқ отрядро ба ҳавлии калони сершохи салқини хӯҷаини пештараи Бобӣ бурда ҷой кард, Бобӣ аз командираш иҷозат гирифта, асп ва милтиқро ба яке аз йигитҳо супурда рост ба сӯи хонааш равона шуд. Дар камараш фақат шамшер буду халос.

Заҳро аз омад-омади отряд хабар дошт. Бо хаёли ин ки шояд вай ҳам омада бошад, «элак баҳона, дидор ғанимат» гуфтагӣ барин ҷелаки падарашро ба сар гирифту «ба ҳавлии ҳамсоя меравам» гӯён ба кӯча баромад. Дар пеши дари ҳамсоя ба ақибаш, ба тарафи ялангии қишлоқ назар андохт. Аз дур ҷавоне меомад, вай қадбаланд, хушрӯй буд, ӯро нашинохт. Бо хавоси парешон «гурезам-мӣ» гӯён ба дари ҳамсоя даромаданӣ шуд ва ба остона қадам гузошта буд, ки он ҷавон:

— Заҳро! — гӯён ӯро фарьёд зад.

Заҳро ба чашмони худ бовар намекард. Дар ҷои истодааш тахт монд. Дар кӯча ба ҷуз ҳар дуи инҳо дигар ҳеҷ кас набуд.

Мардон ва ҳаман бачагони кӯчаи қишлоқ ба ҳавлии бои гуреза, ба пеши отряд рафта буданд. Дар пояш мӯзаи калони аскарӣ, гурс-гурс қадам гузошта, Бобӣ ба ӯ наздик меомад. Маҳмези мӯзаҳояш ҷарангос зада, ба садои қадаммониаш ҷӯр мешуданд. Ғилофи шамшерро қапидагӣ буд. Бо табассум ба назди Заҳро омада, ба монанди он, ки ба шунидани фармони фармондиҳандааш омода бошад, ду пояшро ба ҳамдигар зада истод.

Чашмҳо ба ҳам вохӯрданд. Забонҳоро ёрои гап задан набуд. Фақат дилҳо гап мезаданд. Заҳро дасташро дароз карда, ба гардани ӯ печониданӣ шуд, лабони гарми Бобӣ рухсораи сурхи Заҳроро боз сурхтар намуд. Пас аз ин, якӯмин калимае, ки аз даҳани Заҳро баромад:

— Хуб шуд, ки омадӣ,— буд.

Заҳро аҳвол, зӯрии падару модар, зуд бошеди тарафи домод, моҷарои байни ӯ ва модараш рӯйдодаро дар лаби заҳбурӣ калон, дар таги девори хонаи Бобӣ нишаста як ба як ба вай нақл кард.

Дар вақти ҷудо шудан, охирин гапе ки Бобӣ ба Заҳро гуфт, ин буд:

— Хайр, вақти бомдод, пас аз гӯтидани моҳ, дар ҳамин ҷо бош!

Бобӣ, ҳамон Бобие, ки шабу рӯз фикру хаёлаш ба Заҳро буд ва ба қавли худаш дар фироқи висоли ӯ «дилаш реш-реш, ҷигараш лахта-лахта буд», фарзанди як деҳқони камбағали ҳамин қишлоқ буда, дар ҳамсоягии Заҳро истиқомат мекард.

Бобӣ яке аз онҳое буд, ки лаззати ҳаётро танҳо бо меҳнати бозу, бо арақи ҷабин мечашанд. Бобӣ аз падар ёздаҳсола, бонии ду нафар додаракони хурдсол ва як нафар кампири солхӯрда шуда монда буд. Ҳаёт, душвориҳои пай дар пай ва навозиши гоҳ-гоҳии он Бобии ҷавонро, Бобии бетаҷрибаро мисли падарони бисьёрдида пурдон карда буд. Ду сол подабонӣ дар қишлоқ, мардикории дусола дар Кӯлоб ва се сол панҷьяккорӣ дар дари бое ба ӯ аз китоби зиндагӣ хуб сабақ дода буданд.

Бобӣ Заҳроро дӯст медошт. Аввалҳо инро, чунон ки мебоист фикр накарда буд, зеро ки он гоҳ дасти рост ва чапашро дуруст ҷудо карда наметавонист. Аммо дар ҳамон вақтҳо низ, дар ҳангоми бозӣ ва шӯхии бачагона ӯро рафиқи азизи худ медонист. То вафоти падараш, рӯзҳои тобистонро дар даруни полизҳо, дар канори наҳрча, дар майсазорҳо бо ҳамроҳии вай бо ҳар гуна даву тоз мегузаронд. Зимистонро ҳар дуи инҳо фақат аз барои барфаш, фақат барои барфбозӣ дӯст медоштанд. Он вақтҳо нимбараҳнагӣ ба ҳар дуи инҳо он қадар ҳам таъсир намекард.

Як ҳодисаеро, ки як сол пеш аз ба Афғонистон гурехтани хӯҷаинаш рӯй дода буд, Бобӣ ҳеҷ фаромӯш карда наметавонист. Гӯё ин ҳодиса дар ҳаёти сиёҳбахтонаи ӯ хандаи саодат ва ҷилваи фараҳмандӣ буд. Он гоҳ ҳар дуяшон ҳам хеле ҷавон буданд.

Рӯзе Бобӣ бо чӣ хаёле ба канори наҳр мефуромад. Умеде надошт, ки имрӯз дар он ҷой ба Заҳро вомехӯрад. Аз дур касе ӯро:

— Бобӣ! — гӯён фарьёд зад. Дид, ки Заҳро кӯзаро ба китфаш бардошта, ба сӯи наҳр омада истодааст.

Ҳар ду ба монанди одамони калонсол оҳиста-оҳиста қадам монда, ба сӯи наҳр равон шуданд. Дар аснои роҳ Заҳро ба ӯ:

— Маро ба Алии шилпуқ доданӣ шуда истодаанд. Ман вайро намехоҳам! — гуфт.

— Чаро намехоҳӣ?! — гуфт ба ҷавобаш Бобӣ ва бо ҳамин саволаш «ба болои сӯхта намакоб» ва ба оташ фурӯзон равған рехт.

Лабҳои маҳини Заҳро монанди лабҳои одаме ки вайро табу ларз гирифта истода бошад, ларзиданд. Чашмонаш пур аз ашк шуданд. Рухсораи сурхаш боз сурхтар шуд. Бо дасташ чашм ва рӯяшро пинҳон карду фих-фих гирьякунон:

— Ғайр аз ту дигар ҳеҷ касро намехоҳам,— гуфт.

— Вай, Алии шилпуқро мон, не гӯй, сабр кун,— гуфт ба ӯ Бобӣ ва бо ҳамин гапҳояш ба ӯ тасаллӣ дод.

Ин суханҳои Бобӣ ба Заҳро дар ҳақиқат ҳам монанди амри қатъӣ таъсир карда буданд. Заҳро ҳамчун қарори маҷбурӣ ба иҷрои он мекӯшид. Вале ҳеҷ кас аз Заҳро ризомандиашро напурсид. Падару модараш бо хушнудӣ ба хостгорон ризомандии худро баён карданд. Доду гирифт, бозори одамфурӯшӣ ва одамхарӣ авҷ гирифт. Колоҳо зуд зуд омадан гирифтанд.

Шабе домод ҳам бо карру фарри зиёде, бо тӯҳфаи пешкашҳои бисьёр ба қинғолабозӣ омад. Вале ба ҷои табассуми ширин ва нозу ишва, дучори дашномҳои беандоза шуд.

Пеш аз ҳодисаи канори наҳр Заҳрою Бобӣ дар паноҳҳо ба ҳамдигар зуд-зуд вомехӯрданд. Сӯҳбаташон соатҳо кашол меёфт. Ба лаззати ин ҳеҷ сер намешуданд. Вале ин ҳам тӯл накашид. Хӯҷаинии Бобӣ ба Афгонистон кӯчида рафт. Тамоми мулки вайро кӯри Ҷалил, ки амакбачааш буд, ба тасарруфи худ даровард. Пас аз ин «ман дар даст ин кӯрҳо хизмат намекунам» гӯён Бобӣ аз хизмати онҳо баромад ва маҷбур шуд, ки дар ҷустуҷӯи кор ба тарафҳои Кӯлоб равона шавад.

Бобӣ то баҳори соли 1925 дар Кӯлоб даравгарӣ ва дигар корҳон рӯзбайъ карда мегашт. Рӯзе вай дар ҳавлии Шаҳидов ном ходими советӣ, ҳамроҳи ду нафар мардикори дигар лой хобонида, похса мезад. Дар ҳамин вақтҳо барои мубориза бо босмачигарӣ дар Кӯлоб як отряди ихтиёрӣ ташкил карда мешуд. Тандурустӣ ва боғайратии Бобиро дида Шаҳидов аз чӣ гуна оила, аз кадом қишлоқ будани ӯро пурсид. Ва ҳақиқати ҳолро донисташ:

— Ту зуд ба қишлоқат рав, аз ҷамоат дар хусуси ка-

бағалият як справка биёр, ман туро ба як кори нағз дароварда мемонам,— гуфт.

Ҳамин тавр Бобӣ ҳам бо ҳаракати Шаҳидов ва справкаи совети ҷамоат, дар қатори ҷавонони дигар ба ҳамон отряд даромада буд.

III

Ҳангоми чошт буд. Дар отрядхона ғайр аз командир ва чанд нафар навбатчиҳо ва саисҳо дигар ҳеҷ кас набуд. Командир дар шипанге, ки дар канори ҳавз воқеъ буд, чой нӯшида менишаст. Ба пушти аспаш як занро савор карда даромада омадани Бобиро дида, вай ниҳоят хашмгин шуд ва худ ба худ:

— Боз ин чӣ қилиқ? — гуфт.

Бобӣ аспашро баст. Заҳроро дар он канори ҳавз, зери дарахти бед шинонд ва ба сӯи командир равон шуд ва хост, ки воқеаро як ба як ба вай нақл кунад.

— Асло тинҷ намегардед-дия, мақсадатон номи отрядро олонидан-мӣ? — гуфт командир бо шиддат ба вай. Ин ҳам сабаб дошт: командир медонист, ки Бобӣ на зан дорад ва на ҳамшира. Модари солхӯрда ва барҷомондаи касале дорад, ки дина аз барои ҳамон кампир шуда вай аз ӯ ба як шаб иҷозат гирифта, дар қишлоқ монда буд. Вай боварӣ дошт, ки ин занро Бобӣ дуздида омадааст.

Бобӣ оромона:

— На, рафиқ командир,— гуфт.

— Ин кист?! — бо тамоми овозаш фарьёд зад командир.

— Занам.

— Чӣ тавр занат? Духтари касеро дуздида омадӣ-мӣ? Аз отряд пеш мекунам, коратро ба суд медиҳам!..— Командир гӯё ки гап намезад, балки аз пулемёт тир мепарронд.

Бобӣ ҳайрон монд. Ин гуна анҷоми кор ба хаёлаш ҳеҷ наомада буд. Чӣ гуфтанашро намедонист. Дар ниҳоят:

— Рафиқ командир, мо... якдигарро... нағз ме[illegible]...

— Аввал босмачиҳоро тамом кардан даркор, зан бошад ҳамеша ёфт мешавад. Оё медонӣ, ки ту бо ин кирдори худ ба нест кардани босмачиён ёрӣ намедиҳӣ, баръакс, ба зиёд шудани онҳо сабаб мешавӣ.

— Вайро фурӯхта буданд, халосаш кардам...

Ҳеҷ гуна гап ба гӯши командир намедаромад. Дар ин дам ба вай гап задан ҳеҷ фонда намебахшид. Бобӣ ҳам

чашмонашро аз гули дастурхон наканда, бо чӣ андешаҳое, дигар гап назада, дар ҷояш ором монд. Командир боварӣ дошт, ки вай гапҳои ӯро бодиққат гӯш мекунад. Монанди нотиқи ботаҷриба нутқашро давом дод:

— Ҳар як коре ки ба назари халқ бад аст, агар аз тарафи мо, хусусан аз тарафи ҷавонони отряди мо, карда шавад, тарафдороне босмачиён ба муқобили мо истифода мекунанд. Оё ту инро медонӣ? Ҳозир шароити Тоҷикистони мо, сиёсати мо ин гуна кирдорро намебардорад. Ман ба ту гуфтам-ку, аз ҳамин рӯз эътиборан ту аз отряд озод ҳастӣ ва корат ба суд дода мешавад,— гуфт командир ва монанди нотиқе ки ҳалқаш қоқ шуда ба стакан даст дароз мекунад, ба дастурхон чашм дӯхт ва пиёлаи дар пешаш истодагиро надида, ба гирду атрофаш нигоҳ карда, бегап пиёлаковӣ намуд.

Заҳро дигар ба ин дӯғ ва пўписаи командир тоб оварда натавонист. Аз ҷояш хест ва оҳиста-оҳиста қадам гузошта ба пушти сари командир наздик омад. Тамоми аъзои баданаш дар ларза буд.

Вай аз торумор шудани тамоми орзуҳои дерина худ вай бурд. Тайёр буд, ки тамоми овозашро сар дода, бо ҳаёҳуи баланде гирья кунад. Ва бо овози маҳин, аммо ларзонаш:

— Рафиқ командир! — гуфт. Ва командир ҳам бехтиёр рӯяшро ба ӯ гардонд ва бо назари хитобомез ба дух тарак чашм дӯхт.— Гапи шумо нодуруст аст!

Дар айни ҳол на ин ки ҳусну ҷамоли Заҳро, рухсор дар изтироб боз гулгунтаршуда, чашмони шӯх ва абрувон камонаш, балки ҷасорати ғайримунтазираи ӯ командирро дар ҳайрат мононда ва ҳатто андак хашмгин ҳам карда буд. Барои командир ин гапи Заҳро ҳамчун таба ба кунда расид.

— Ту чиро медонӣ? — гуфт командир бо дағалӣ ва беэътиной ва рӯяшро ба сӯи дигар тофт. Ин ҳаракати в Заҳроро аз ҷодаи осудагӣ тамоман баровард.

— Чӣ? Ман чиро медонам? — гуфт ӯ; аз оҳанги ин саволҳояш бӯи ҷангҷӯӣ меомад.— Ман медонам, ки озода ман медонам, ки дар замони Ҳукумати Шӯрой ҳеҷ кас ма бо зӯрӣ ба шавҳар дода наметавонад. Ман ба касе, ки худам хоҳам, мерасам! — Овозаш оҳиста-оҳиста баланд мешуд. Гӯё вай гап намезад, балки сангҳои дар даст бударо якто-якто чоқ карда ба нишон мегузронд. Гӯё он нишон командир буд ва ҳар як санг рост ба синаи ӯ

зад ва мешикаст. Бобӣ ҳам ҷим буд. Шояд аз хашмгинӣ бошад, командир ба ин гапҳои Заҳро писханд зада меистод. Ба командир гап надода, Заҳро боз ба суханаш давом намуд:

— Шумо мегӯед, ки «аз отряд пеш мекунам, коратро ба суд медиҳам»,— ин гапҳоро ба оҳанги суханронии худи командир тақлид намуда, ифода кард. Ва дасташро дам ба дам алвонҷ дода, бо қатъият ва худбоварӣ илова кард:— Суди советӣ моро намепаррондагист. Агар шумо инро аз отряд пеш кунед, ман ҷомаи мардумро шуста инро,— Бобиро бо дасташ нишон дода,— мепоям.

Командир дар ҳамин дам худро маглубшуда ҳис намуд ва барои дағалии кардааш ҳам андак худ аз худаш ранҷид. Ва ба хаёлаш дарҳол зарбулмасали машҳури халқ «аввал пурсиш баъд кушиш» даррасид. Вай ба Бобӣ мурочиат намуда:

— Хӯш, худаш чӣ гап? — гуфт. Бобӣ ҳоло даҳан накушода буд, ки Заҳро боз:

— Рафиқ командир! — гӯён диққати ӯро ба худ ҷалб намуд.— Магар шумо медонед, ки аз барои ҳамин Бобӣ маро модарам оқ кардааст! — гуфт ва дар ҷояш нишасту рӯяшро бо ду дасташ пинҳон намуда, бесадо ба гиристан шурӯъ кард.

Бобӣ тафсили воқеаро беболобандӣ як ба як нақл кард.

— Бисьёр нағз,— гуфт дар охир командир бо тамкинии падарона.— шумо ба ЗАГС равед, худатонро қайд кунонед ва зиндагӣ кардан гиред. Касе ба шумо гап занад, ман ҷавобгарам.

Командирро муҳаббати софдилона ва ҳаёти масъуди ояндаи ин ду ҷавон — ду ошиқи печон фаро гирифт. Аз хушнудӣ дигар намедонист, ки ба инҳо чӣ гӯяд.

Ин ду ҷавон ҳам аз хурсандӣ дар пӯсти худ намеғунҷиданд. Ба ин марди ҷанговар, ки имрӯз роҳи ҳаёти ояндаашонро кушодани аст, аз падару модарашон ҳам бештар ғамхории худро баён менамояд, намедонистанд, ки чӣ тавр изҳори миннатдорӣ кунанд.

Ҳангоме ки ҳар ду аз ҳавлӣ баромада, ба сӯи идораи ЗАГС равона мешуданд, командир Бобиро ҷеғ зад:

— Ана, ин тӯёнаи ман,— гуфту аз кисааш панҷ дона червоне бароварда, ба вай дароз кард.

Бобӣ шармгинона пулро гирифта, суп-сурх шуд:

— Раҳмат! — гуфту зуд ҳамроҳи Заҳро аз дарвоза баромада рафт.

* * *

Пас аз қайд, дар худи ҳамон рӯз, Бобӣ Заҳроро дар маҳаллаи Чармгарӣ ба пеши зани Қурбон ном милиционери ҳамқишлоқаш бурда қойгир намуд.

Баъд аз се рӯзи дигар падари Заҳро — Шарифи даҳмарда, духтарашро кофтуков намуда ба Кӯлоб омад. Аҳволро дида, хоҳу нохоҳ ба тақдираш тан дода:

— Хайр, бачагонам, дари бахтатон кушод бошад,— гуфт ва ду рӯз меҳмон шуда ба қишлоқи худ баргашт.

Дар аввалҳои тирамоҳ, ба нолиш ва гирьяи модараш раҳм карда, Бобӣ Заҳроро ба қишлоқ, пеши модараш бурда монд. Гоҳ-гоҳе Бобӣ шабона ба қишлоқ меомаду саҳарӣ барвақт баромада мерафт.

Ҳамроҳола аз асп фарояд ҳам, аммо аз ӯзангу намефаромад. Дар қишлоқ ба ҳама одамон:

— Духтарам набуд ва нест. Ман вайро оқ кардаам,— мегуфт.

Ҳатто пас аз ба қишлоқ кӯчида омадани духтараш як бор ҳам рафта вайро надид. Агар дар кӯча ба вай вохӯрад, рӯяшро мегардонд. Агар дар хонаи ягон ҳамсоя бо ӯ рӯ ба рӯ шавад, гап назада, баромада мерафт.

Ба тарафи домод ҳеҷ яке аз колаҳои додаашро пас нагардонд. Кӯри Ҷалил «ду пойро дар як мӯза қава карда, чизҳои маро деҳ» гӯён Шарифи даҳмардаро дар хиҷолат мемонд. Рӯзе кӯри Ҷалил ба ҳавлӣ даромада, ба Шарифи даҳмарда дӯғу пўписа мезад. Ҳамроҳола ба назди ӯ баромаду:

— Колаҳоятро рафта аз ҳукумат гир. Духтарамро одами ҳукумат гирифтааст. Ман ҳеҷ чизро намедонам. Не гӯй, рав, додатро ба кӣ гӯй, гуфтан гир. Дарду алами худам ба худам бас аст! — гуфт.

Баъд аз ин дигар моҷарои кола ҳам тамом шуд.

IV

Зимистон буд. Аз теғаи кӯҳҳо сар карда, то сатҳи наҳр-ча, тамоми ҷойҳои қишлоқи С-ро сап-сафед барф пахш карда буд. Осмонро, монанди пардаи хира, абрҳои яклухт пӯшида буданд. Аз қабати ин абрҳо моҳ бемадорона ба ни барфистон рӯшной меафканд.

Дам ба дам боди сард мевазид ва барфтӯдаҳои нишебӣ ва қуллаи кӯҳро монанди хасу хасрӯба парронида, бозӣ

доронда, ба поён, сӯи ҷарӣ, канори рӯд мебурд. Миёнҷои наҳрча яхнобаста буд ва дар ин шаби кӯрмаҳтоб, аз дур мисли арғамчини сиёҳи бенӯге ки бетартибона, каҷу килебона бо дасти табиат дар ин пастии қишлоқ партофта шуда бошад, ба назар менамуд. Тарафи шарқии девори хонаҳои пасту баланди дар канори кӯҳ воқеъгардидаи қишлоқ, ки онҳоро барф пахш накардааст, ба чашм ҳамчун харсангҳои майда ва калони болои ҳамдигар гузошташуда ё худ ҳамчун булӯрҳои сиёҳи бетеғае ки аз паси ҳамдигар ҷаста баромада, яке аз дигар баландтар қад кашидааст, намудор мешуданд. Якто-нимто чинор, тут барин дарахтони аз ҳад зиёд калони ин деҳа, гӯё ки посбонони азимҷуссаи доманаи ин кӯҳ буданд.

Ғайр аз ғиззоси бод, оромӣ ва сукутро дигар ҳеҷ садое вайрон намекард. Ҳатто сагони қишлоқ ҳам савганд ёд кардагӣ барин ҳеҷ намеҷакиданд. Шаб аз нисф гузашта буд. Бобӣ аз хобаш бедор шуд. Ин дафъа ҳам вай аз командираш то ҳангоми саҳар ҷавоб гирифта, баъд аз хуфтан ба хонааш омада даромада буд. Ба таги кӯрпа даст андохту палмосид. Ба будани милтиқаш боварӣ ҳосил намуда, оҳистакак аз ҷояш хестанӣ шуда, ба ҷомааш даст дароз кард. Хоби Заҳро бурдагӣ буд. Фақат садои оҳиста-оҳиста нафаскашии ӯ шунида мешуд. Бо андешаи он ки вай бедор нашавад, роҳат кунад, оҳиста ҷомаашро ба кифт партофту ба рӯи ҳавлӣ баромад.

Ақибаш ба хона гардонидагӣ пеш мерафт. Ногаҳон ба сараш омада задани чизеро ҳис намуд, аммо чӣ будани онро дарҳол нафаҳмид. Як сарашро бардошт ва бо ҳамин гӯё рӯй додани чи гуна воқеаро фаҳмиданӣ шуд ва дарҳол рӯ ба замин афтод. Вақте ки чанд даст ва чанд тан ба вай ҳуҷум карда, ду дасташро сахт ба даст гирифтанд, якбора бо тамоми овозаш:

— Заҳро! — гуфт, ки бо ин садои ӯ гӯё тамоми ҳастӣ ба ларза даромад. Гӯё дар ин дам вайро ғайр аз Заҳро дигар мададгоре набуд. Дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр буд, чунки на танҳо қишлоқ, ҳатто ин кӯҳи баланд ҳам ба наъра ӯ бо акси садо ҷавоб нагардонд.

Яке аз онҳое ки дасти Бобиро мебастанд, аз ин фарьёди ӯ ҳаросида, монанди аспи аз ягон чизе хӯсида, якбора худро ду қадам ба ақиб партофт.

Заҳро тарсида зуд аз болои сарашро бардошт. Фаҳмид, ки дар паҳлуяш Бобӣ нест. Аз берун кашу фарҳаши сусте шунида мешуд. Дари хона нимкоф буд. Бо саросемагӣ

ба панҷтира даст андохт. Нағз медонист, ки туфанг пур аз тир аст. Панҷтираро зуд ба даст гирифта, ба дари хона наздик шуд.

Аз тарқиши дар ҳодисаи дар беруни рӯй додаистодаро мушоҳида намуд. Дар ҳамин вақт тамоми умедҳояш маҳв шуданд. Аз ҷононаш — Бобӣ умедашро канд. Мадораш хушк шуд. Тамоми аъзои баданаш ба ларза даромаданд. Ғарқи гирдоби андӯҳ шуд. Чӣ кор карданашро надонист. Бо тамоми овозаш дод гӯяд-мӣ? Е бо ҳамин милтиқ рафта ба онҳо ҳамла кунад-мӣ? Е худ рафта худро ба болои Бобии питиррос задаистода партояду ба душманони ӯ бигӯяд ки маро ҳам ҳамроҳи ӯ бикушед! Гӯё ки дар ин дам дасту позаӣ ва ҳаракати Бобӣ — талвосаи ҷоканнии Заҳро буд.

Якбора бешуурона ба тарафи онҳое ки дар болои Бобӣ талош мекарданд, бо саросемагӣ як тир холӣ кард. Онҳо ки Бобиро мебастанд, аз ин садои панҷтираи ногаҳонӣ тарсида якбора Бобиро монда рост шуданд. Акнун дигар мумкин буд, ки онҳо панҷ нафар буданд. Заҳро аз тавваккал боз як тири дигар холӣ кард. Он шахсе ки ба синаи Бобӣ пояшро монда рост истода буд, нохост «ӯҳ» гуфта ба замин чаппа шуда афтод. Он касе ки аз фарьёди Бобӣ худро ду қадам ақиб партофта буд, бо тамоми овозаш «гурезед, аскарони ҳукумат омаданд!» — гӯён ба ҳеҷ ҷо нигоҳ накарда гурехт. Се нафари дигарашон ҳам вайрон дида гурезон шуданд. Дар рӯи ҳавлӣ ду ҷасади мурда ё зинда буданашон номаълум монданд.

Заҳро бо ҳавли ҷон аз паси онҳо боз се тири дигар холӣ кард. Мағозаи милтиқ холӣ шуд. Дарҳол аз тағи болишт тирдонро гирифт ва ба туфанг панҷ тирро бо азо ҷой карду аз паси гурезандагон давид. Дар аснои роҳаш боз ду тири дигар парронд ва ба паси охуре, ки дар миёни ҷои ҳавлӣ буд, рафта ба шинак нишаст ва аз паси гурезандагон тир холӣ кардан гирифт. Гурезандагон гоҳ-гоҳе рӯ ба шонро ба сӯи ҳавлӣ гардонда аз берданка ва панҷтира ҷавоб медоданд.

Қишлоқ тамоман бедор шуда буд. Сагон ба ҳар тараф давутоз мекарданд ва бо тамоми овозашон меҷакиданд. Дар ду фарьёди кӯдакони тарсида ва илова ба садои онҳо охи фиғони модаронашон шунида мешуд. Гӯё қишлоқ дар ҳамин вақт ба мотамкадае мубаддал шуда буд. Аҳолӣ ба ҳамин фикр омада буд, ки ягон дастаи босмачиён барои пахш кардани деҳа омадааст ва дар ин ҷой ба ягон отряди раҳгузари аскарони ҳукумат вохӯрда, ҷанг карда истодааст. Мардон аз

паси деворҳо, аз тоқдони хонаҳо, аз тарқиши дарҳо ба кӯча ва ба атроф нигоҳ мекарданд, аммо ҷангкунандагонро намедиданд.

Модари солхӯрдаи бемори Бобиро низ ин шӯру ғавғо бедор кард. Вай ғеҷида-ғеҷида бо азоб ба рӯи ҳавлӣ баромад ва дар он ҷой ду нафар танаи хобидаро дида, ба чӣ гуна андешаҳое афтода, бо тамоми овозаш додгӯён худро ба болои яке аз танаҳо партофт. Ин танаи босмачии аз тарафи Заҳро кушташуда буд. Тарсида, якбора аз он тана худро канор гирифт ва бо тарсу ҳарос ба танаи дигар наздик шуд. Бобиро шиноҳта бо тамоми овозаш ба додгӯй, «вой бачам»-гӯй сар кард. Ин фарьёдҳои бемаҳали кампир ва хавфи «ба ин кампир тир нарасад», Заҳроро бисьёр ба танг оварданд, вай рӯяшро ба кампир нагардонда, бо овози дағале фарьёд зад:

— Оча, ба хона дароед!

Ҳар чӣ ҳам бошад, аз овозаш зан будани Заҳро маълум шуд. Яке аз гурезандагон дар ҷояш тахт монд ва ба шариконаш нигоҳ карда:

— Нагурезед, сабр кунед,— гуфт,— хабар доред, ин тирпарронанда занак будааст. Мо панҷ мард як нафарамонро монда, чӣ тавр ба пеши қӯрбошӣ меравем?

Нагурезед гӯянда пеш даромад. Дигаронро низ ҳоҷат ба ташвиқот набуд. Аз сари нав ба ҳавлӣ ҳуҷум карданӣ шуданд. Заҳро аҳволро фаҳмид ва дар дилаш ба модари Бобӣ, ки бонси фош гардидани зан будани ӯ шуда буд, лаънатҳо хонд. Тамоми вуҷудашро изтироб фаро гирифт. Худ ба худаш «акнун мурдем!» гуфт, аммо аз ҷояш наҷунбид. Нӯги милтиқро рост карда, ҳуҷумкунандагонро нишон гирифтанӣ шуд. Аммо ларзиши дасташ ба рост шудани милтиқ имконият намедод. Бисьёр асабӣ шуд, «ин дафъа ҳам ба ҳаво равад, майлаш» гӯён як тир холӣ кард.

Ҳамон марде ки пешрав шуда ба ҳавлӣ меомад, синаашро қапида дар ҷояш шишта монд. Садои ӯро Заҳро нашунид. Боқимондагонашон дигар ба ақиби худ нигоҳ накарда, рост ба сӯи наҳр гурехтанд.

Ин ҳол бонси ба худ омадани Заҳро гардид. Фақат акнун вай пойлуч ва тани курта будани худро ҳис намуд. «Пеши Бобӣ рафта, аз аҳволаш хабар гирам-мӣ?» — гӯён ба андеша афтод. Худ ба худ «не» гуфту аз паси гурезандагон пай дар пай чанд тири дигар холӣ карда, аз ҷояш рост хест ва бо овози баланд:

— Ҳамаатон мурдед-мӣ, бароед! — гӯён наъра зад ва милтиқро сахт қапида аз паси гурезандагон давид.

Дар ҳамин вақт аз хонаҳо якто-нимто одамон оҳиста-оҳиста баромада, ҳаросону ларзон ба пешу пушти худ нигоҳ карда, ба ҳар тараф ба давидан ва тохтан шурӯъ карданд.

Заҳро давида то ба лаби наҳр омад ва ба ақиби харсанге, ки ба болои наҳр ҳамоил барин менамуд, даро кашида нӯги туфангашро рост кард. Он се нафар аз обӣ наҳрча гузашта ба сӯи дараи танг мегурехтанд ва гоҳ-гоҳе ба ақибашон нигоҳ карда милтиқ мепарониданд. Заҳро ҳам ба як тири онҳо ду тир холӣ мекард.

V

Субҳ медамид. Акнун аз дуру наздик ҳамдигарро шинохтан мумкин буд. Дар ҳамин вақт аз рӯ ба рӯи роҳи он се нафар гурезандагон, аз тарафи дара садои якчанд тир шунида шуд. Се нафар дар тарафи чапи худ рост бо тали баланд печида баромадан гирифтанд. Ин ҳолро дида Заҳро ҳайрон шуд ва ниҳоят аз дур асп монда омада истодани як гурӯҳ аскарони сурхро дида, хушҳол гардид ва зуд аз ҷояш хеста худ ба худ:

— Ҳа, акнун кор шуд! — гуфту давида ба тарафи хонаш равона шуд.

Ҳавлии Бобӣ пур аз аҳолии деҳа буд. Зану мард, хурду калон ҳалқа зада атрофи он ду танаи дар рӯи ҳавлӣ хобидаро печонида гирифта буданд. Ғалоғула ниҳоят баланд буд.

Занон нола, кӯдаконашон гирья мекарданд. Аз мардон ҳар кас ба ҳар андешае буд, дар бобати воқеае, ки рӯй додааст ва дар хусуси тариқи муолиҷа кардани Бобӣ гап мезаданд. Касе гапи дигареро намешунид, ҳар кас гапи ба даҳонаш омадаро мегуфт, овозашро баландтар мекард ва аз дигаре пас намонданӣ мешуд. Модари Бобӣ мӯю рӯйканон назди писараш дузону нишаста, бо тамоми овозаш дод мегуфт, нола мекард. Ба хона дароварда хобонидани Бобӣ ба гӯшаи хаёли ҳеҷ кас намеомад. Яке аз пирамардони қишлоқ, ки дар даст асое дошт ва шояд ба сабаби камқувватиаш бошад, ба даруни девори одамин даромада натавониста монда бул, дар як паҳлу истода як-ду маротиба:

— Мардум, ба шумо чӣ шуд? Девона шудед-мӣ? — гуфт. Гапҳои ин мӯйсафед низ ба монанди суханҳои бесару-

нўги дигарон дар ин талотўми садоҳо гарқ шуда рафт. Дар ниҳоят вай бетоқат шуда:

— Хонашеру майдонгарибон! — гуфту ба таги девори хона рафта шишта гирифт. Як марди миёнсол ин гапи пирамардро шунида, ҳақоратдаъво шуда, ба назди ў омада, бо вай ба маншаву муноқиша сар кард. Ба часпочаспй кардани ҳар дуи онҳо саҳл монда буд.

Дар ҳамин вақт Заҳро расида омад.

— Ку, роҳ бидиҳед, роҳ бидиҳед! — гўён девори аз одам сохташударо ду дарронида ба назди Бобй омад ва якбора ҳаёҳуй намуда худро ба болои вай партофт.

Заҳроро дидан замон модараш — Ҳамроҳхола, ки шаш моҳ боз аз ў рўй гардонида, оқаш карда буд:

— Вой балам, ту ҳастй-мй? — гўён худро ба болои духтараш андохт.

Заҳро модарашро оҳиста тела доду аз ин рўй ва аз он рўи Бобй беором ба бўса гирифтан шурўъ кард. Аз чашмони бемадори Заҳро ашкҳо шорида, мўйҳон сиёҳи дарози Бобиро тар мекарданд. «Гуреэед!» гўён Заҳро наъра кашид ва одамон худро андак ақиб кашиданд. Синаи Бобиро ба синааш монда, вайро аз замин бардошт ва ба сўи хона равон шуд. Ин дафъа «девор» монанди дарвозаи автоматй бемалол калон кушода шуд.

Ин бўсобўсии Заҳро, ин ҷасорати ўро дида, падари Алии шилпуқ — кўри Ҷалил барин якчанд нафар пирамардон дар як гўшае нишаста, байни худ пичир-пичир карда, ғайбати ниҳоро мекарданд:

— Магар ин занаки аз дин гашта девона шудааст?

— Ин Заҳро зан не — балост!

— Касе ки аз дин мегардад, ҷазояш ҳамин аст!

— Ҳар чй ҳам бошад, ба ин духтар офарин гуфтан даркор аст, ки аз ўҳдаи ҳамин қадар кор баромад,— гуфт яке аз мўйсафедон.

Ин сухани пирамард ба оташи афрўхтаистодаи иғво ва тўҳмат об рехта, онро хомўш намуд.

Баъд аз ним соат яке аз эскадронҳои полки савора ду нафар аз гурехтагонро дастгир намуда ҳамроҳи худ ба қишлоқ, ба ҷои ҷамъомади одамон, ба дари хонаи Бобй расида омад. Командири эскадрон ба воситаи тарҷимонаш аз издиҳом пурсид, ки:

— Ба муқобили босмачиҳо ҷанг кардагй кй буд?

Ин савол ду бори дигар такрор шуд. Ҳеч кас ҷавоб надод.

Командир ҳайрон шуда истода буд, ки аз паси одамон Заҳро баромад ва бо вазъияти ситезакорона ба вай нигоҳ карда:

— Бо онҳо одам ҷанг карда буд,— гуфт.

Тарҷимон ин гапҳои Заҳроро ба командир тарҷима накарда:

— Охир кй ҷанг карда буд?! — гўён андак овозашро баланд карда, ба Заҳро муроҷиат намуд.

Ба ҷон ҷавоб Заҳро ангушти ба кадом санге зада хуншор шудаашро нишон дода:

— Докторатон ҳаст-мй? — гуфт.

Фельдшери эскадрон аввал ангушти хуншори Заҳроро баст. Баъд Бобиро дид, ба синаи ў карнайчаашро монда гўш андохт, як дам набзи дасти ўро қапида истод ва пас аз он ки яраҳои Бобиро шуста ва баста шуд, ба Заҳро нигоҳ карда:

— Апа, твой муж якшй буладй! — гуфт.

Заҳро хандакунон каллаашро ҷунбонида:

— Харашў! — гуфт.

1933—1935



ХАППАК

Ҳамагӣ ҳайрон будем. Тааҷҷуб мекардем. Ҳар кас ҳам бошад, «ин кулӯх» мегуфт. Гӯё вай ном надошт. Ҳама вайро фақат «хаппак» меномиданд. Гӯё вай кар буд, ки гапҳоро намешунид. Гӯё вай кӯр буд, ки ҳеҷ чизеро намедид. Ба ҳар гуна савол, ба ҳар гапи маъқул ва номаъқул бо инҷ намудани даҳон,— нишон додани зардии дандон ҷавоб медоду халос. Гапро тасдиқ мекунад ё рад менамояд, инро худаш ҳам намедонист.

Дар хусуси вай дар қишлоқ ҳар кас ҳар чӣ мегуфт. Ҳаман ин ба афсонаҳои бетаг монанд буд.

Шаби баҳор бошад ҳам, осмон чодири абрин гирифта буд. Борон ва жола ҳамдигарро дунболагир буданд, дар болои бом зардолуафшонӣ мекарданд. Дару даричаро мекӯфтанд. Аз тарновҳо шарраскунон ба поён рехта, ғурур мекарданд. Лой. Шалап-шалап садои пой шунида мешуд. Гоҳ-гоҳ ғижжаси шамоли изғирин ба даркӯбии жолаву борон мададгорӣ менамуд.

Дар атрофи лампаи даҳӯм, рӯи гилеми зарду алои калон, аъзоҳои комиссияи советӣ нишаста буданд. Ҳар кас машғули кори худ буд. Вайронии ҳавои ин оғилхонаи пештара, дуди папирос ва чилим аз бӯи хуши баҳор шаммае ҳам боқӣ нагузошта буданд. Яке рӯ ба замин дароз кашида, коғаз тит мекард, дигаре «Бедили» тасодуфан дирӯз ба даст даровардаашро мехонд. Котиб ба рӯи ящикчае коғазашро монда ҳадаҳа менавишт. Мудири дӯкончаи сайёра чӯт зада, савдои имрӯзаашро ҳисоб мекард.

Чароғ зихна буд. Равшании он аз давра дур намерафт. Ҳаво сарднамо буд. Аз як гӯшаи ин говхонаи дирӯза тик-тик борон чакида, манманиии худро дар амал нишон медод. Изғирин гоҳ-гоҳ аз тарқиши дар ба хона медаромад.

забонан оташи лампаро мерақсонд. Нисфи болоии шишаи лампа аз шаби дар берун будагӣ монданӣ надошт.

Тиқ-тиқи дар маҷбур намуд, ки ҳамагӣ рӯяшонро ба тарафи он гардонанд. Котиб бо як вазъияти дилгирона, ки гӯё мегуфт: «намондед-дия», дарро боз намуд.

Ҳеҷ кас ба худ бовар намекард. «Ҳа, худаш чӣ гап?» гуфтагӣ барин ҳама ба якдигар нигоҳ карда гирифтанд. Аммо ҳеҷ кас ҳеҷ чизе нагуфт.

Дар пеши ҳама ҳамон марди қадбаланди сиёҳриш бо даҳони инҷ рост истода буд. Аз рутубат ранги зарди чакмани пиёзии лах-лахаи ӯ сиёҳча метобид. Аз нӯги рӯймолаш об мечакид, мӯкии пӯститакагнаш гӯё тамоми лои кӯчаро ҳамроҳи худ ба хона оварда буд. Эзорпочаҳояш ба пойҳояш часпидагӣ буданд. Танаш саҳл меларзид. Гарданаш дар миёни ду кифташ гӯтидагӣ буд.

Раис «хӯш?» гуфтагӣ барин ба вай назар андохт. Вай ҳам қоматашро тағьир надода, аз бағалаш коғазеро бароварда ба раис дароз кард. Дар вақти ба коғаз диққат кардан дар чеҳраи раис чанд ҳолатро пай бурдан мумкин буд: кифтҳояш ҷунбиданд, пешонааш чин шуд. Ширин табассум намуд, дар охир завқ кард. Баъд бо чеҳраи кушод ба вай нигоҳ карду ҳарфи «ӯ»-ро дароз кашида:

— Хӯш?! — гуфт.

— Ҳама гап дар ҳамун хатай, меҳоҳед ҳозир меравем,— гуфт ба ҷавобаш «хаппак».

Ба ин «хониши» вай дили буғзкардан котиб тоб оварда натавониста: — шумо ҳам забон доштед-ку? — гуфта монд.

«Хаппак» қоҳ-қоҳ хандид.

— Ҳар шаб як бор пеши қӯрбошӣ рафта меоям. Озуқа ва чизҳои дигар мебарам. Хат меорам. Имшаб то вақти азон дар ҳамон ҷо мешаванд. Ҳоҳед меравем.

Раис «хуб» гуфту хеста ба пеши сардори гарнизон рафт.

Дигарон бо боронн саволҳо вайро аз ҷонаш сер карданд. Вай ҳам хушчақчақона ба ҳар як савол ҷавобҳои пухта медод:

— Хӯҷаннам бо дастаи қамчин ба сарам сахт зада буд. Чанд вақт касал шуда хобидам. Баъди аз касалӣ хестан карахт шуда гаштам. Гап намезадам. Баъд ба худ омадам. Ба ҳамин гап назадан одат карда мондам. Мардум «хаппак» гуфтанд.

Хайр, «хаппак бошам хаппак», гуфтаму гап назадаму мондам.

Бас акнун, гуфтам. Ҳукумат ҳамин зимистон зани касалам, ду нафар кӯдакамро аз марг халос намуд. Агар ҳукумат гандум намедод, онҳо мемурданд. Аз сояи давлати ҳукумат писари даҳсолаам хату саводнок шуд...

Субҳ. Офтоб бо ғурур ҷилва мекард. Абрҳои тира тарлак-парлак шуда, ба ҳар тараф даву тоз мекарданд, гӯё аз кирдори нолоиқи худ шармгин шуда, ба худ ҷои гурез меҷустанд. Сабзаи навхези баҳор ба истиқболи хуршед механдид. Боди форам завқи онро меовард.

Раис баъд аз муқаддимаи дурӯ дароз: — Аскарони сурхи қаҳрамони мо имшаб бо ёрмандии Сайфуллобатрак, ки мо вайро то ҳанӯз «хаппак» меномидем, Алишоҳ қӯрбоширо ҳамроҳи ҳафтдаҳ нафар йигитҳояш дастгир карда оварданд. Акнун сухан ба қаҳрамони мо рафиқ Сайфулло дода мешавад,— гуфту аз минбар фуромад.

Дар минбар «хаппак» булбул барин мехонд. Дигар вай хаппак набуд. Аз ҳамин рӯз вай номи қонунии худ, забони ҳақиқии худро соҳиб гардид.

Ҳеҷ кас ба худ бовар намекард. Ҳама ҳайрон буданд.

1934

ХУДПИСАНД

Ин воқеа чанд сол пеш аз ин шуда буд. Мебоист ман баъд аз чанд рӯзи дигар аз хизмати ҳарбӣ озод шуда, ба қишлоқи худ бармегаштам. Таги дилам тип-торик буд. Медонистам, ки дар қишлоқ ҳанӯз душманони ман, душманони мо ҳастанд. Дар он ҷо ҳаёти ман боз худи муборизаст. Гоҳ орзуи дидори модари солхӯрда, гоҳ ширинии ҷои ва истиқболи дурахшон ғалаба мекард. Ин ду қувва мар дар азоб мононда буд.

Хаёлҳои тоза, орзуҳои беандоза, реҷаҳои матин асло аз ман дур намешуданд. Оҳ, орзу!.. Ҷавонӣ — далерист. Набошад, охир, политрук буд. Командир буд. Ҳар кадоми инҳо рафиқ буд. Ҳар яке аз инҳо дӯст буд. Комсомол буд. Ман котиби он будам. Натавонистам. Даҳан боз накардам.

Бо ҳамин хаёлҳои бепоён, ки ҳар яке аз онҳо дар дафъаи аввал ба назарам табий, ҳақиқӣ менамуд, рӯзҳои бошукӯр ҳам гузашта рафтанд. Вале, ман бояд имрӯз ба қишлоқ, пеши модарам биравам. Дигар ҷои дудилагӣ намонда буд. Ман бояд биравам. Ин нисбат ба худам ҳукми сарҷавони бетаҳрибаам буд.

* * *

Фасли хазон буд. Аммо имсол бориш ноз мекард. Гарду ҷанг ҷавлонгари майдон буд. Наҳрчаи кӯҳии қишлоқамон луччак буд. Ин наҳри девона монанди одами сил ба зӯр-роҳ мепаймуд. Мор барин борик шуда, маствор худро ба ҳар тараф зада, калавида, шаттаи сангҳоро хӯрда, базӯр нафас кашида мехазид.

Ҳамин обча ҳоло ҳам мағрур буд, хасу хасрӯба, барги хазонро пешпо мезад. Дарҳол ба соҳил бадарға менамуд. Шиша барин соф буд. Мавҷ мезад, кафк мекард.

Ора, дигар чорае набуд. Магар инро ба модар гуфта мешуд? «Барои кор ба шаҳр меравам, баъд аз се моҳ бармегардам»,— барои ман баҳонаи қулай буд. Кампири гӯл бовар кард.

* * *

Ҳангоме ки ман онҳоро ёфтам, саҳар буд. Онҳо дар қишлоқи Чорхона буданд. Номи ин қишлоқ ба худаш мувофиқ намеомад: дар он фақат ду хона буд, ки монанди ду бум дар нӯги кӯҳ меистод, гӯё посбони ин пирьяхҳои кӯҳансоли кӯҳсори Зарафшон буд.

Ман онҳоро пайдо намудам. Дили ба тапидан даромадаамро ором карда наметавонистам. Майнаам бо хаёлҳои бе сару нӯг банд буд. Дар ҳамин дам гӯё ман ҳам як парчаи ҳамин пирьяхҳо будам. Афсӯс, ки ин пирьяхҳои сафед забон надоштанд, ки ҳолати онгоҳии маро нақл кунанд. Онҳо вазифаи оинагиро ҳам адо наменамуданд, ки ман худро дар онҳо бубинам. Шояд ранги рӯи ман монанди онҳо сафед гашта буд.

Нашуд. Ба хона даромадам. Вохӯрдии гарму ҷӯшон бо ҳар яки онон,— ин лаҳзаи аввалини ба худам бозгаштани иродаам буд. Аммо либоси ҳарбӣ ва хусусан петлицаи сурх бо забон мувозанат надоштанд.

Ба назарам, гапҳои ман барои онон афсона, афсонаи ба шамол давандае буд. Қирраи чор чашм ҳар як калимаамро дар тарозуи маъзи сари худ бармекашид.

Монанди талабаи мактаб аз имтиҳон гузаштам. Агар ҳамқишлоқам Алии кал намебуд, эҳтимол орзуҳои чандмоҳаи ман ба бод мерафту сари ҷавонам ҳам қурбони теғи бурро мегардид. Санҷиш тамом шуд. Ман «аз они худӣ» шудам. Чор тан панҷ тан шуд.

Ҳар як рӯз умре буд. Дил қарор намегирифт. Орзуҳо дар дилам ва хаёлоти гуногун дар майнаам такопӯ мекарданд.

Сафари олуси маҷрӯҳ, ки оҳу нолаи худро бисьёртар дар Чорхона мегузаронид, ба мо он қадар халал намерасонд.

Назари бучул, ки дар байни панҷ нафар вазифаи қӯрбошигиро адо мекард, баъд мисли ҳайвони дастпарварда ба ман омӯхта шуд. Нисбат ба ман шакку шубҳаи ӯ барфи мавсими баҳор барин об шуду рафт. Арчаи хушрӯй, ки аз даҳанаш дар ҳар ним соат як калима гап мебаромад,

ба ҳар як гапи ман механдид. Чаро механдад? Е истеҳзо мекунад? — ба ман торик буд.

Кор пайт меҷуст. Овозаи он, ки Шарифи комсомол аз аскарӣ халос шуда рост рафта ба босмачиён ҳамроҳ шудааст, шӯхии бачагона набуд. Кӣ медонист, ки дили худписанди ман чӣ муддаое дорад? Ҳар як дақиқа барои ман тилло буд.

«Духтари Бекмуҳаммад, Бибимоҳи кафиширхӯр, паризоди замон аст. Имрӯз ба қишлоқ меравем, ту бояд ӯро бигирӣ. Мардум бояд гуфтаҳои туро бишнаванд. Муллоимом бояд никоҳи шаръӣ бихонад» — гуфтам. Дили Назари буҷул қошуқ барин тарошида шуд.

Мумкин буд, ки ҳамин тавр ҳам шавад.

Дар рӯи дастурхон шишаҳо саф кашиданд. Чашмони хумор боэӣ карданд. Сарҳои сархуш рақсиданд. Сафари олуси яродор нолиш намекард. Дили Назари буҷул дар фироқи кафиширхӯр метапид. Арчаи хушрӯй ба ҷои хандаи қоҳ-қоҳ табассумҳои ширин менамуд. Чашмони сиёҳаш лахча барин медурахшиданд.

«Мумкин нест ин, бояд паризоди замон кафиширхӯр, духтари Бекмуҳаммад, зани ҳалоли қӯрбошии замон Назарбек бошад!» — наъра задам.— «Ман духтарро пайдо карда меорам, наёбам, саои падарашро меорам»,— гуфтам. Аз хона берун шудам. Модари азизам дар пушти дар мегиристи. Рафиқи ҷавониам — Маҳмудро дар хонааш ёфтам. «Ту маро шинохтӣ?» Бечора ларзида «ҳа» гуфт. Ман хандидам. «Наларз, азизам, наларз, ман дигар нашудаам, ман ҳамон рафиқи ту, аъзои комсомоли ленинӣам» — гуфтам. Хандид. Медонистам, ки вай ба ман бовар намекунад. Ба китфаш задам. Котиби ячейка ва чанд нафар комсомолони дигарро пурсидам. «Намедонам»—гуфт. Вале ман медонистам, ки чанд нафар комсомолони чобуксавор ба шаҳр равона шудаанд. Аммо вай «намедонам» гуфт.

Планро ба вай гуфтам. Боз маънидорона хандид. Аз ин ханда нобоварии ӯ намоён буд. Гапро дароз накардам. «Бовар накунӣ,— мана, яроқи ман ба ту» гуфтаму наган ва шамшерро ба дасти ӯ додам. На гирифтанашро медонист ва на нагирифтанашро.

Ман пеш-пеш, вай аз ақибам, дар дасташ наган, хона ба хона сайр намудем. Фақат чор нафар комсомолонро пайдо намудем. Ба ҳар эҳтимол чанд нафар деҳқононро ҳам ҳамроҳи худ гирифтем.

Ярокҳо дар қишлоқ, дар гӯшаи хона истода буданд. Назари бузул ба рӯи замин дароз кашида қай мекард. Сафари ярадор хоб буд. Алии кал ҳам шуда аз болои ярок якбора мекард. Чашмони маст Арчаи хушрӯйё меканданд.

Назари бузул фақат як тир холӣ карда тавонист, ки он ҳам ба қафои дили ман ба шифти хона расид. Ҳангоми ин дасташро мебастем, Арчаи хушрӯйё ба мо бодиққат нигоҳ карда бов як бор табассум намуд. Сафар аз дунёи бехабар буд. Косаи кӯкнори Алии кал шикаст.

Ин ҳикояро дар қишлоқи Чордодарон ранси колхози «Ворошилов», аскари сурхи собиқи батальони тӯпҳои Шарқиф — қаҳрамони мӯйнакдд, аспрӯй, гӯсфандчаш, хушчақчақ — ба ман нақл кард. Дар охири гапи худ: «Ман аъзои кӯҳнаи комсомол, аъзои партиям, ки аз Алфуллайли ҳайати ман ҳикояти якшаба аст»,— гуфт.

Ман ҳам инро бе ҳаму кост [illegible]

1934

ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ

Дар баҳори соли 1931 ман ҳам дар қатори рафиқони дигар сафарбар шуда, ба районҳои шарқии республикаамон фиристода шуда будам. Дар яке аз қишлоқҳои калон бо калтакдорони сурх маҷлис гузаронидам. Баъд аз тамом шудани маърӯзаам, фаъолон як ба як баромада, дар бораи барҳам додани босмачигарӣ фикр ва андешаҳои худро баён мекарданд. Дар ҳамон ҷо як нафар деҳқон ба пеши ман омада, пас аз маҷлис ба ман кор доштани худро арз кард.

Мунтазири ин набудам. Дар идораи совети ҷамоа ҳамагӣ дар тараддуд будем, ки калтакдорони сурхро ба сафар равона кунем. Раиси совет дар таги дари идора истода, тамоми овозашро сар дода, якеро барои пайдо намудани таккаши асп барои кадом деҳқони бепарво, ба куҷое мефиристод, дигареро пеши худ ҷеғ зада, ба вай ҳам вазифаҳо дода, ба ягон ҷое бо коре равона мекард. Командири дастаи калтакдорони сурх — раиси ягона колхози қишлоқ, ки қариб тамоми аҳолии вай дар он якҷоя шудаанд, марди вазнин, қавиҳайкал, хушрӯ, аз болои ҷомаи пахтадори сурх рӯймол ва тасма баста гирифта буд ва дар як паҳлуяш сумкаи ҳарбӣ овезон буд, дар ҷои раиси совет нишаста, дар бораи тарз ва тариқи корҳои отряд бо ман сӯҳбат менамуд. Котиби совет комсомолбачае ки синнаш аз понздаҳ-шонздаҳ зиёд набуд ва имсол мактаби қишлоқро тамом карда буд, дар столи худ нишаста, бегап, рӯйхати нафарони дастаи калтакдорони сурхро покнавис мекард.

Ҳамон деҳқон, намедонам имрӯз бори чандӯм бошад, боз як бори дигар салом дода, табассумкунон аз дари идора даромада омад ва хӯрҷини сурхи патро, ки дар даст дошт, ба рӯи столи раис монд ва «мана!» — гуфт.

Раиси колхоз:

— Чӣ-ай ин? — гӯён ба ин дуруштии ӯ дағалона муомила кард.

— Ҳозир мебинӣ, сабр кун, раис,— гуфт деҳқону чизҳои дар даруни хӯрҷин будагиро бароварда ба рӯи стол паҳн кардан гирифт.

Дар хӯрҷин ду ҷуфт куртаву эзор, як ҷомаи калони бепахтаи ҳисорӣ, як ҷойнамоз, чойнику пиёла, дар як халтача чой ва камтар доруи сиёҳ (чакида), наздики ҳазор сӯм пули советӣ ва чанд дона рупияи афғонӣ, боз майдачуйдаҳои дигар буд.

Вақте ки тамоми ин чизҳоро ба рӯи стол ниҳод, вай хӯрҷинро чаппа карда афшонд. Коғазпорчаҳоеро, ки ба замин афтоданд, як бор ба даст гирифту қабатҳои ононро дид, ки чизе нест, боз ба замин партофт. Ман онҳоро аз замин гирифтам ва ба аз назар гузаронидани онҳо шурӯъ кардам. Раиси колхоз ба доруи сиёҳ забонашро расонида, мазаи онро чашида:

— О, занғаре, гиёҳманд будаст-ку,— гуфт ва худ ба худ завқид. Дигарон ҳам ба хандан ӯ шарик шуданд.

Котиб, ки дар болои сари ман истода буд, ба хат сиҳча мекард:

— Э, қизиқ-ку,— гуфт. Ранс ба ман ва ба котиб нигоҳ карда:

— Чӣ? — гӯён пурсид. Чашмони дигарон низ ба тарафи мо дӯхта шуданд. Як тахта коғази калони раҳ-раҳи ҳаштқат, аз ҷойҳои қати худ ба ҳашт ҳисса ҷудо шудагӣ буд. Ман ҳам гап назада онҳоро ба рӯи стол бо тартиб ҷо ба ҷо монда, ба хондан шурӯъ намудам.

«Падар!»

«Вақте ки шумо аз ин нӯҳ сол пеш ҳамроҳи писари Давлатманд-бӣ ба Афғонистон гурехта рафтед,— ман даҳсола будам. Ман бачаяки майда, чиркин, фисин, аз пагоҳ то бегоҳ дар кӯча ҳамроҳи ҳамсолонам машғул бозӣ будам. Ман писари имоми қишлоқ будам, вале аз хатту савод хабаре надоштам...

«Ед доред-мӣ? Шумо дар солҳои охир бекарор будед. Монанди мурғи посӯхта давутоз мекардед. Бисьёр вақтҳо шабҳо ҳам ба хона намеомадед. Дар кучо, бо чӣ кор мегаштед, ман намедонистам. Гӯшҳои ман калимаҳои «аскари сурх», «Анвар» ва «Давлатманд-бӣ»-ро шунаванд ҳам, чӣ будан ва кӣ будани онҳоро намефаҳмидам.

«Шумо бе дому дарак шуда рафтед. Нияти гурехтан доштед, чаро ба мо як даҳан нагуфтед? Модарам шабу рӯз беором гирист. Оқибат вай баъд аз ним соли бедарак шуда рафтани шумо вафот кард.

«Баъд аз вафоти модарам, хона ва молу чизҳои моро амакам соҳибӣ кард, вай маро тарбия доданӣ шуд. Ман чанд моҳ дар хонаи ӯ дастьёрӣ кардам. Амакам, акаи шумо, маро бераҳмона мезад. Тоб оварда натавонистам, рӯзе саҳари барвақт говҳояшро ба чаро сар додам ва дигар ба хонаи ӯ барнагаштам, гурехтам. Ба куҷо рафтанамро намедонистам».

Ҳангоме ки ҳамин ҷумларо тамом кардам, котиби совет завқ карда, қоҳ-қоҳ зада фиристод. Раиси колхоз «тонистааст» гуфт. Идора пур аз одам шуда буд. Баъзеҳо ба хандан котиб ҳамроҳ шуданд, дигарҳояшон ба ман, ба ду нафари онҳо бо ҳайрат чашм дӯхта буданд.

Ман боз «падар!» — гӯён ба хондани ҷумлаи дигари хат шурӯъ намудам. Боз диққати ҳама ба тарафи хат кашида шуд.

«Ман баъд аз он ки аз дасти амакам гурехта рафтам, хеле вақт дар Кӯлоб сар-сарӣ шуда гаштам. Борҳо дуздӣ кардам. Бисьёр шабҳо даруни хокистари гарми ошхонаи бозор хобидам. Рӯзҳои бисьёре бо гадоӣ нон хӯрдам.

«Ман ба тақдир бовар намекунам. Агар ба қавли шумо «тақдир ҳамин будааст-дия» гӯям, аз ин «тақдирам» бисьёрҳо хурсандам. Акнун он рӯзҳоро ба ёдам оварда, худ ба худ завқ мекунам. Чунки рӯзҳои сахт калиди ҳаётро ба ман супурданд, мани кӯдак дар худи ҳамон вақт бисьёр чизҳоро ёд гирифтам.

«Агар шумо дах сол беором маро сил карда, «хирс мулло мешавад аз зарби чӯб» гӯён бо зарби калтак хононед ҳам, аз шумо барин «муллои васиқанок» як ҳарф ёд намегирифтам. Медонед-мӣ, ман дар худи ҳамон вақт аввалин бор калиман «большевик»-ро шунидам ва аскарони сурхро бо чашмони худ дидам».

— Аскари сурхро надидагӣ одам ҳам будааст-дия,— гӯён деҳқоне тааҷҷуби худро изҳор намуд.

— Шумо хатро нафаҳмидед,— гӯён раиси колхоз ба вай ҷавоб гардонд ва ба ман нигоҳ карда,— канӣ, хондан гиред, боз чӣ мегӯяд,— гуфт.

«Падар!

— Маро як командири калон ба интернат бурда монд. Аз он ҷо се бор гурехтам ва се бор ҳам вай маро аз сари

нав бурда монд. Ҳамон командир падари ман шуд. Ҳар ҳафта як маротиба ба ман қанду қандалот оварда дода, эрка кард. Дили мани кӯдакро ба худ ҷалб намуд. Гапи ӯро гӯш кардам. Дар интернати Кӯлоб се сол хондам. Маро ба Душанбе фиристоданд. Дар он ҷо як сол хондам. Маро ба Тошканд равона карданд. То ҳозир дар ин ҷо, дар САКУ мехонам. САКУ — мадрасаи олии коммунисти аст».

Котиби совет, комсомолбача:

— Бачаи рӯҳониро ҳам ба САКУ мегирифтанд-дия? — гуфт.

Якбора ду нафар аз деҳқонон:

— Дам ист, бачем, ҳозир бинем канӣ, чӣ мешавад? — гуфтанд.

«Баъд аз як соли дигар мактабро тамом карда, барои кор кардан ба Тоҷикистон меравам. Ҳозир ман таълимоти Марксу Ленинро ёд гирифтам ва ёд гирифта истодаам. Ман аъзои фаъоли комсомолам».

Боз котиби совет:

— Эй, ана,— гуфт. Яке аз деҳқонон:

— Сабр кун, бачем, ин қадар сабукӣ накун,— гуфту котибро хомӯш кард.

«Дирӯз ҳамқишлоқамон Соҳибназар, бачаи Аҳмади чорьяккор барои хондан ба Тошканд омад. Назар ба қавли вай, дар қишлоқамон гуфтугузорҳо будааст, ки шумо дар Мазори Шариф имоматӣ мекунед. Ин мактуб — мактуби аввалин ва охиринам ба шумо аст.

«Падар!»

«Ман ба гурехтани шумо, ба бехонумон шуданатон ба он сахтиҳое ки гузаронидам, хурсандам. Набошад ҳам монанди шумо як муфтхӯр, як зулуки бадани ... меҳнат мешудам.

«Ин хат барои шумо ҳақиқати талх аст. Марҳамат да ин талхиро ҳазм кунед.

«Ман аз шумо барин падар мункир шудам, даст шидам ва ҳатто саргузашти пур аз хиёнату ҷиноят моро дар газетаҳо эълон карда, фамилияи худро ... гар кардам, яъне Кӯлобӣ мондам, то ки номи ла... шумо аз хотирҳо фаромӯш шавад.

Касе ки аз фарзандии шумо даст кашидааст: Кӯлобӣ.»

Баъд аз тамом шудани хониши хат, раиси колхоз «ана гапу мана гап» гӯён ба пушти стул такья намуд. Деҳқо-

нон байни худ «ин бачаи кӣ бошад?» гӯён ба гуфтугӯ даромаданд. Раиси совети қишлоқ боз ба кори худ давом кардан гирифт. Котиб «хуб боб кардааст!» гуфту ба ҷояш рафта нишаст ва аз нав ба кори худ машғул шуд. Ман аз деҳқоне, ки ин чизҳоро овард, аз куҷо пайдо намуданашро пурсидам.

— Дина маро раисон ба аскарони сурх пешрав карда фиристоданд. То қишлоқи Сешанбе рафтам, дар он ҷо командир «ту акнун монда шудӣ, бирав» гуфту аз колхози он ҷо одами дигар гирифт. Худам тоқа бозгашта меомадам. Дар паҳлуи кӯҳамон пистазори калоне ҳаст. Аспам хеле монда шуда буд. Оҳиста-оҳиста меомадам, ки аз қабати танаҳои калони дарахтони писта, тахминан сад-саду панҷоҳ қадам поёнтар, ба назарам як чизи сурх намудор шуд. Аспро ба дарахт баста мондаму рафта вайро гирифтам; бинам, мана ҳамин хӯрҷин будааст. Ба хонаам бегоҳӣ дар вақти хуфтан расидам. Барои ин ки занам гурусначашмӣ накунад, инро дар коҳдон руст карда мондам ва имрӯз ба пеши шумо овардаам,— гуфт.

— Ин бешубҳа аз они босмачӣ аст! — гуфт яке аз деҳқонон.

— Набошад-чӣ? — гуфт ба ҷавобаш раиси колхоз.

Ман рупияҳоро ҷудо карда ба раис додам, то ки ба банки давлатӣ супорад. Дорӯи сиёҳро ба бачае, ки аз дар каллаашро халонда истода буд, додам, ки бурда ба халоҷо партояд. Тамоми чизҳоро ба ёбандааш додам. Вай нагирифт. Вақте ки деҳқонон «гир, гир» гӯён маҷбураш карданд:

— Набошад, ин пулҳояшро ба колхоз диҳед,— гуфт.

— Ба китобхонаи қишлоқ додан даркор,— китобҳои нав харида биёранд,— гуфт котиби совет. Дигарон ҳам ин фикрро писандиданд.

Ман коғазпорчаҳоро як ба як таҳ мекардам. Чашмам ба қиби яке аз онҳо афтод, дар он чунин унвоне навишта шудагӣ буд:

«Афғонистон. Мазори Шариф. Ба дасти имом Муҳаммад Алии чордарагӣ бирасад». Дар даруни қанс ҳам навишта шуда буд, ки «вай одам аз тобеи Кӯлоб, хоки Тоҷикистон мебошад».

Ҳангоме ки мо хатхониро тамом карда, ба берун баромадем, аксарияти калтакдорони сурх пиёда ва савора гун шуда буданд ва дигарҳояшон ҳам меомаданд.

1934

ҲИКОЯИ ДУХТАРАКИ ҶИНГИЛАМЎЙ

Ҳангоме ки аз ин эскадрон мерафтам, ба бачагон таъин карда будам, ки:— илоҷе кунед, имсол ин духтаракро ба интернат диҳед.

Ин дар соли бисту як ё бисту ду буд. Пас аз ин чӣ шуд, чӣ монд, ин духтарак ба куҷо рафт, куҷост, тамоман хабар надоштам. Гоҳ-гоҳе, вақте ки бо ягон таъсири беруна, китоби рӯзҳои гузашта дар майнаам варақгардон мешуд, дарҳол дар пеши назарам ситораи гарми ин духтараки нимбараҳна ва ҷингиламўй ҷилвагар мегардид. Қаҳрамонии ў, соддагии кўдаконаи ў завқамро меовард ва ба рафиқонам бо мамнуният саргузашти ин ҷингиламўйро як ба як нақл менамудам. Агарчи баъзеи онҳо ин ҳикояро борҳо шунида бошанд ҳам, намедонам аз чӣ сабаб «ҳа, ҳикояи духтараки ҷингиламўй-мй?» мегуфтанду бо хушнудй боз гўш меандохтанд.

Имрўз тасодуфан ба маҷлиси тозакунии ташкилоти партиявии ин колхоз омада будам. Маҷлис кайҳо сар шуда будааст. Дар минбар як зани хушсурати сияҳмўй, сафедранг, фирўзачашм вазнинона гап мезад. Костюми бунафшаранги тира ва ботинкаи пошнабаландаш ба худаш бисьёр мезебид. Дар сараш на рўймол дошт, на каллапўш. Мўе ки гуну чин карда, ба қабзаи шона дода шуда буд, аз дарозиаш хабар медод.

Дидори ў ба чашмонам ниҳоят гарм намуд. Ўро дар куҷо дидаам, ба ёд оварда натавонистам. Азбаски ба маҷлис дер омада будам, надониста мондам, ки ин зан чӣ ном дорад, чӣ кор мекунад. Аз як нафаҷ колхозчие ки дар паҳлуям нишаста буд, кӣ будани он занро пурсидам. Вай ҳам бо чӣ андешае чашмак заду сафедии дандонҳояшро нишон дода, бо даҳани пур аз носаш:

— Шоферамон,— гуфт.

Гӯё гап аз даҳонаш меафтид. Гапашро фаҳмидам ва бовар накарда такроран пурсидам. Вай ҳам носашро туф карду хандакунон:

— Ҳа, маъқул шуд-мӣ, ин занак шоферамон,— гуфт. Ба ин кас чӣ гуфтанамро надонистам. Аз ҷоям хестаму пештар рафта нишастам.

Фақат бо мақсади он ки кӣ будани ҳамин занро бидонам, ба ӯ якчанд саволҳои озмоишкорона додам:

— Чанд сол боз шоферӣ мекунед?

— Ду сол боз. Яъне аз бозе ки дар Тошканд мактабро тамом кардам ва маро ба ин колхоз фиристоданд.

— Чанд бор машинаатон вайрон шуд ва чанд бор ба ремонти асосӣ дода шуд?

— Ягон бор ҳам вайрон нашудааст, вақте ки вайрон намешавад, ба ремонт ҳам намедиҳанд.

Ман аз ӯ чашмонамро намекандам. Бо ин саволҳо кӣ будани ӯро муайян карда натавонистам. Раиси комиссия «боз савол доред-мӣ»? гӯён рамзи «зуд бошед»-ро ифода намуд. Саросема шудам ва чӣ гуфтанамро надониста, қасдан саволи зеринро додам:

— Падаратонро кай кулак карданд ва ҳозир ӯ дар куҷост?

Ин саволи дурушти ногаҳонӣ садоҳои аҳли маҷлисро паст намуда, боиси пичир-пичирҳо гардид. Ҳар дуямон ҳам ҳадафи чашмон гардидем. Аз сафҳон ақиб аксарияти мардум аз ҷояшон хестанд. Бисьёрии одамон гӯё ки ин занро акнун медиданд. Яке аз аъзоёни комиссия аз ҷояш нимхез шуда, ба ҳар дуямон синча кард ва баъд ба гӯши раис чӣ гапе гуфт. Чеҳраи шоди ин аъзои комиссияро абри маҳзунӣ пахш намуд. Ҳама мунтазири ҷавоби ҷавобдиҳанда буданд. Вале аҷобати кор дар ин ҷо буд, ки ҳолати ӯ ҳеҷ тағьир намеёфт ва бо нармӣ:

— Падарам ва модарамро намедонам, дар соли бисту як ё бисту ду буд, дар қишлоқамон, дар Сангреза онҳоро босмачиён куштa буданд,— гуфт.

Ҳоло вай гапашро тамом накарда буд, ки ба аъзои баданам ларза даромад. Худам ҳам надониста мондам, бо садои баланд:

— Чӣ?! — гуфтам.

Он гоҳ дар хаёлам ман ба назари мардум одами девона намудам. Вай боз суханашро давом дод. Намондам, ки ӯ гапашро тамом кунад.

— Ту Озода, духтари Ширини даҳмарда нестӣ?! — гуфтам.

Дигар ӯ ҷавоб надод. Ба ин ҳоли ман аз байни қаторҳо фих-фих ханда шунида шуд. Аз ин рафторам худам ҳам изо кашидам. Раиси комиссия ҳам ба ман чӣ гуфтанашро намедонист. Вале он зан манаҳашро болои кафаш монда, оринҷашро ба болои минбар гузошта, ба ман синча карда монд. Дигар аз он малоҳат дараке набуд. Ман аз беҷавобии ӯ ва хандаи мардум дурусттар ба худ омадам. Худ ба худ «хато кардаам-дия» гуфтаму бо сари хам ба ҷоям рафта нишастам. Вале ӯ ҳамоно аз ман чашм намеканд. Гӯё дар ҳамин дам тамоми пешонаи ӯро чин пахш кард. Гӯё ин зани ҷавон ба пиразане мубаддал гардид ва маҷоли даҳанкушой надошт. Ҳеҷ кас гап намезад.

Баъд аз чанд сония боз бо ҳамон нармӣ:

— Рафиқ Ильёсов?! — гуфт он зан. Чашмонам чароғ барин равшан шуданд. Парранда барин парида, ду дасташро дароз карда ба пешам омад. Аз хурсандӣ намедонистам, ки чӣ кор кунам, чӣ гӯям. Фақат сарашро беором мемолидам ва:

— Духтарам, азизам, Озодаам,— мегуфтам.

Ин кирдори мо ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Аҳли маҷлис маро намешинохтанд, зеро ки ман ба ин район фақат ду рӯз аз ин пеш омада будам. Аз ин саволу ҷавоб ва кирдори ману он зан ҳар кас ба ҳар андешае афтода буд. Вале риши сафеди ман ба гумонҳои беҷо роҳ намедод. Баъд аз ин равиши саволҳо ва ҳатто музокираҳо низ монанди вохӯрии ман ва он зан ғалатӣ гардид.

Раиси комиссия ду-се бор таклиф намуд, то ки ман баромада дар бораи ин зан гап занам. Вале, ман аввал розӣ нашудам. Чӣ гӯям? Баромада таърифи ӯро кунам? Кӯдак буд, қаҳрамон буд, гӯям? Чӣ ҳоҷат? Вале равиши музокираҳо, хусусан суханҳои як нафар колхозчизане, ки назар ба мардон бисьёртар қоидаи забонро риоя карда гап мезад ва мегуфт, ки:

— Агар ҳар як колхозчизан ва духтар монанди Озода кор кунад, хонад, хононад, ин колхози пешқадами мо дар Тоҷикистон ҷои якӯмро мегирифт ва кайҳо мо плани ба давлат пахтасупориро иҷро мекардем,— маро боз далертар намуд. Симои Озодаи имрӯзаро андак ҳам бошад ба ман шиносонд.

* * *

Дар минбар боз ҳастиам ба ҳаяҷон омад. Сари калобаи гапро гум кардам. Дар ниҳоят:

— Ин ҷингиламӯи ман буд,— гуфтам. Як гурӯҳ колхозчиён завқ карданд ва ҳақ ҳам доштанд, ки завқ кунанд. Онон чӣ донанд? Ҳамон аъзои комиссия, ки аз рафтори мо бисьёр ба шубҳа афтода буд, низ хандид.— Ман ҳам фаромӯш кардаам, дар соли бисту як ё бисту ду буд... Падару модари инро босмачиён кушта рафтанд. Падараш роҳбалади аскарони сурх буд. Ҳамин духтарак гӯё ҳаштсола монда буд. Ҳеҷ кас надошт. Мо инро ба гарнизон овардем. Ман ӯро бисьёр дӯст медоштам. Дар ҳамон вақт ман ба ӯ дар вақтҳои бекориам алифбо ёд дода, хатшинос карда будам. Бисьёр қобил буд.

Рӯзе аз рӯзҳои тобистони ҳамон сол ӯ гум шуд. Қариб тамоми аскарони гарнизон кофтуков намуданд. Наёфтем. Баъзе аскарон монанди он ки хеши наздикашон мурда бошад, гирья мекарданд.

Нисфи шаб буд. Ман дар хона хоб карда будам. Дар берун ғалоғулии калон, садоҳои хушнудии аскарон шунида шуд. Баъд аз чанд дақиқа ҷингиламӯям ба пешам даромада:

— «Амак, хезед, ба қишлоқи Боло босмачиҳо омаданд», — гуфт. Аз мо тахминан дар масофаи 4—5 километр қишлоқе буд, ки ҳоло номашро фаромӯш кардаам. Ҳамон шаб бо мақсади гарнизонро пахш кардан чандсадто босмачиён омада будаанд. Номи қӯрбошиашро ҳам фаромӯш кардаам. Духтар, ки мо вайро гум карда будем, бо чӣ хаёле ҳамон рӯз ба он қишлоқ, ба ҳавлии тағояш рафта будааст. Дар нисфи шаб, ҳангоме ки босмачиён меоянд, ба тағояш хабар надода, пиниҳонӣ ба қишлоқи мо баргашта меояд ва моро хабардор мекунад. Ба ҷои ин ки босмачиён моро пахш кунанд, дар худи ҳамон шаб мо онҳоро пахш кардем ва дар натиҷа як дастаи босмачиён нест карда шуд.

Баъд аз ин мо ӯро ба кори босмачиёбӣ борҳо истифода намудем. «Ба ҳавлии холаам ё ки амакам меравам» — гӯён бо роҳҳои мо нишондода, ба ҷойҳои мо фиристода мерафт ва дараки босмачиёнро ёфта меомад. Бо ин духтарак ҳар гуна воқеаҳои ғалатӣ рӯй дода буд, ки ман ҳамаи онҳоро ба шумо нақл карда намешинам. Фақат ҳамин қадарашро мегӯям, ки дар яке аз ин гуна сафарҳояш ин дар қабати барф монда ҳар ду пояшро хунук зада буд. Вақте

ки мо ниро ба гаронихои овардем, майда буд, дар танаш кирпаи сурхи бисёр чирмин дошт. Телпаксар буд. Мўйҳои кўтоҳи чингилаш ва чингилае дошт. Ман дар ҳамон вақт ниро «Чингиламўй, чингиламўйам» гуфта эрка мекардам. Ҳамвориҳои «духтари гаронихои» меномиданд. Сидоров — начальники гаронихоямон, ниро «гурбачаи ошолудам» — гўёки ишора мекард.

Ман ниро монанди фарзанди азизам дўст медоштам. Дуруст, сол боз гум карда будам ва имрўз ёфтам.

* * *

Баъд аз ман парторгои волхов баромада, дар бораи ў сухан ронд. Ҳар як сухани ў дар бораи чингиламўйам ба ман нисбат як қабат гўшт меафзуд.

1934

* * *

Дар минбар боз ҳастиам ба ҳаяҷон омад. Сари калобаи гапро гум кардам. Дар ниҳоят:

— Ин ҷингиламӯи ман буд,— гуфтам. Як гурӯҳ колхозчиён завқ карданд ва ҳақ ҳам доштанд, ки завқ кунанд. Онон чӣ донанд? Ҳамон аъзои комиссия, ки аз рафтори мо бисьёр ба шубҳа афтода буд, низ хандид.— Ман ҳам фаромӯш кардаам, дар соли бисту як ё бисту ду буд... Падару модари инро босмачиён кушта рафтанд. Падараш роҳбалади аскарони сурх буд. Ҳамин духтарак гӯё ҳаштсола монда буд. Ҳеҷ кас надошт. Мо инро ба гарнизон овардем. Ман ӯро бисьёр дӯст медоштам. Дар ҳамон вақт ман ба ӯ дар вақтҳои бекориам алифбо ёд дода, хатшинос карда будам. Бисьёр қобил буд.

Рӯзе аз рӯзҳои тобистони ҳамон сол ӯ гум шуд. Қариб тамоми аскарони гарнизон кофтуков намуданд. Наёфтем. Баъзе аскарон монанди он ки хеши наздикашон мурда бошад, гирья мекарданд.

Нисфи шаб буд. Ман дар хона хоб карда будам. Дар берун ғалоғулии калон, садоҳои хушнудии аскарон шунида шуд. Баъд аз чанд дақиқа ҷингиламӯям ба пешам даромада:

— «Амак, хезед, ба қишлоқи Боло босмачиҳо омаданд», — гуфт. Аз мо тахминан дар масофаи 4—5 километр қишлоқе буд, ки ҳоло номашро фаромӯш кардаам. Ҳамон шаб бо мақсади гарнизонро пахш кардан чандсадто босмачиён омада будаанд. Номи қӯрбошиашро ҳам фаромӯш кардаам. Духтар, ки мо вайро гум карда будем, бо чӣ хаёле ҳамон рӯз ба он қишлоқ, ба ҳавлии тағояш рафта будааст. Дар нисфи шаб, ҳангоме ки босмачиён меоянд, ба тағояш хабар надода, пинҳонӣ ба қишлоқи мо баргашта меояд ва моро хабардор мекунад. Ба ҷои ин ки босмачиён моро пахш кунанд, дар худи ҳамон шаб мо онҳоро пахш кардем ва дар натиҷа як дастаи босмачиён нест карда шуд.

Баъд аз ин мо ӯро ба кори босмачиёбӣ борҳо истифода намудем. «Ба ҳавлии холаам ё ки амакам меравам» — гӯён бо роҳҳои мо нишондода, ба ҷойҳои мо фиристода мерафт ва дараки босмачиёнро ёфта меомад. Бо ин духтарак ҳар гуна воқеаҳои ғалатӣ рӯй дода буд, ки ман ҳаманонҳоро ба шумо нақл карда намешинам. Фақат ҳамин қадарашро мегӯям, ки дар яке аз ин гуна сафарҳояш ин дар қабати барф монда ҳар ду пояшро хунук зада буд. Вақте

ки мо инро ба гарнизон овардем, майда буд, дар танаш куртаи сурхи бисьёр чиркин дошт. Телпаксар буд. Мўйҳои кўтоҳи чанголуд ва ҷингилае дошт. Ман дар ҳамон вақт инро «Ҷингиламўй, чингиламўям» гуфта эрка мекардам. Аскарон «духтари гарнизон» меномиданд. Сидоров — начальники гарнизонамон, инро «гурбачаи ошолудам» — гўён навозиш мекард.

Ман инро монанди фарзанди азизам дўст медоштам. Дувоздаҳ сол боз гум карда будам ва имрўз ёфтам.

* * *

Баъд аз ман парторги колхоз баромада, дар бораи ў сухан ронд. Ҳар як сухани ў дар бораи ҷингиламўям ба мани пирсол як қабат гўшт меафзуд.

1934

БЕВА

I

Аз вафоти шавҳари Одинамоҳхола хеле солҳо гузашта буд. Баъд аз сари ӯ хола дигар ихтиёри шавҳарбароиро накард. Вай қариб рӯи понздаҳ нафар фарзандро дида буд, лекин ҳаман онҳо дар айёми ҷавониашон мурда буданд. Кенҷааш Моҳбону буд. Хола ин духтаракашро гурба барин лесида калон кард.

Ғаму андӯҳи фарзандон, ки агар онҳо ҳоло дар қайди ҳаёт мебуданд, ҳар яке соҳиби хонаву дар ва зану бача мешуданд, мӯйҳои холаро сафед карданд.

Умре ки баъд аз вафоти шавҳараш дар дари мардум мегузаронид, таоми бадастае ки аз деги ҳамсоягон ба ивази меҳнат ва машаққатҳои беандозааш мехӯрд, захми забони занони ҳамсоя, ки ӯ канизи бебаҳои онҳо шуда буд, сафедор барин қадди рости холаро камон барин қат карданд, лола барин рухсораи сурхашро заҳир ва пур аз чин намуданд.

Одинамоҳхола дар рӯзҳои аввали ҷудой аз қарибонаш ба ҳаёти ғарибона розй нашуд. Шабҳои торро бо гирьяву нола рӯз кард. Лекин ба ҳоли ӯ на оҳу нола мададгор шуд ва на оби дида. Ниҳоят вай худ ба худ: «тақдир ҳамин будааст-дия» гуфт ва ба «қисмати рӯзи азалаш» тан дод. Баъд на пешро пеш зад, на пасро пас. Ба будаш ҳам «шукр» кард, ба нобудаш ҳам. Дар зиндагии ӯ ҷои ҳаёти хушро маъюсй ва навмедй ишғол намуд.

Дар ҳаёти хазоншудаи Одинахола умед ва дилпурии ягонааш Моҳбону буд. Лекин ин ҳам холаи бенаворо дар биёбони ғарибй танҳо партофта, домани шавҳарро гирифту рафт. Дигар барои хола ҳавлиаш — дашти фарох, хонааш — лонаи танҳой гардид ва худи ӯ бошад, дар ин макон паррандаи болу паррехта шуда монд.

Хола чӣ кунад? Ба хонаи духтараш биравад ва дастигари домодаш бишавад? Не, инро вай ба худ нанг медонист. Шиори ягонаи ӯ «то зиндаам, нонамро ёфта мехӯрам!» буд. Пас аз он ки Моҳбону хонаи модарашро тарк намуд, хола ҳам бисьёртар умрашро ба дари мардум мегузарондагӣ шуд. Аввалҳо, вақте ки ҳанӯз Моҳбонуро ба шавҳар надода буд, рӯзҳо рафта кор кунад ҳам, шабҳо албатта ба хонааш бармегашт, духтараки азизашро навозиш мекард ва ӯро ба синааш пахш намуда, афсонаи сарсахтиашро ба вай нақл менамуд.

Махсусан дар солҳои охир вай қариб ҳеҷ ба хонааш намеомад. Ба қавли худи ӯ «ба хотири арвоҳи гузаштагон» фақат дар бегоҳҳои ҷумъа ва душанбе меомад ва алоҳида чароғ мекард. Дар рӯзҳои ҷумъа ба ҳеҷ ҷой намерафт. Гирду пеши ҳавлиашро мерӯфт, хонаашро тоза мекард ва куртаю пойҷомаи дар дари мардум қарқбастаашро бо собун шабошад, бо оби ҷӯй шуста, ҳалол мекард, бо дигар корҳои хона машғул мегардид ва камтар чархашро ҳам мересид.

II

Яке аз рӯзҳон ҷумъаи соли 1931 буд. Ҳангоми қиём. Дарахтон пар намезаданд. Тугмачагуле ки хола бо дастони ларзонаш лаби ҷӯи ҳавлиашро канда корида буд, аз гармии ҳаво пажмурда шуда буд. Як бех офтобпарасти худрӯй, ки дар поёни суфаи ҳавлӣ буд, қоматашро рост намуда, осмонро бӯсиданӣ мешуд. Сафедори баланди дар лаби ҷӯй будагӣ сояи худро гум карда буд. Оби ҷӯй зулол барин соф буд ва бо як оҳанг шилдирраскунон ҷорӣ мешуд.

Одинамоҳхола корҳояшро тамом кард. Ба рӯи бӯрьё кӯрпачаашро андохта, ба сари чархаш нишаста буд, ки дуп-дупи қадаммонии бошиддат ба гӯшаш расид ва ин садо хавоси ӯро парешон намуд. Вай аз дарича каллаашро бароварда, ба рӯи ҳавлӣ нигоҳ кард. Як ҷавони ба назар бисту се — бисту панҷсолаи сиёҳтоб, қадбаланде ки дар тан либоси комсомолӣ дошт, ранги рӯяш паридагӣ буд, давида ба сӯи хона меомад. На рус буданаш маълум буд ва на тоҷик буданаш. Одинамоҳхола дар сонияи аввал ҳайрон шуд, ҳатто андаке тарсид ҳам. Ва зуд аз ҷояш бархест.

Он ҷавон зада ба хона даромад. Вай базӯр нафас мекашид. Чашмони беҷояш саросемавор ҳама ҷоро такопӯ мекарданд. Холаро дида:

— Мама, босмач! — гуфт ва чй кор карданашро надониста, якбора ба пешгоҳи хона давид ва ба сатили пур аз обе ки дар пеши дар истода буд, пешпо хўрда, рў ба замин афтод.

Дигар барои Одинамоҳхола шарҳи воқеа даркор набуд. Вай мақсадро фаҳмид. Беихтиёр аз даҳонаш калимаи «бечора!» баромад. Аз он ҷавон ҳам ў саросематар шуд. Ба гирди атрофи хонааш чашм андохт, лекин ягон ҷои боб наёфт, ки ин ҷавонро пинҳон кунад. Ногаҳон чашмаш ба танўри замини, ки дар пеши бўрьё буд, афтод ва ҷавонро ба даруни он имо карда:

— Бнё, бачем, даро! — гуфт.

Дар ин гуна мавридҳо ҳоҷат ба тарҷимон нест. Худи қалб, ҳаяҷон ва изтироб муддаоро нагз ифода мекунанд. Ҷавон ҳам зуд ба даруни танўр даромад. Хола як бари бўрьёро болои он кашиду «ба лабаш кулўх молида», ба сари кораш нишаст ва чархашро ресидан гирифт. Гўё аз ҳеҷ чиз хабаре надошт.

Фикр ва хаёлоти тақдири ин ҷавон дарҳол тамоми ҳастии холаро фаро гирифт. «Бечора, балки ин модар дошта гист, ки вай ҳам ман барин муштипар ва барҷомонда бударист. Шояд чашми пиразани берўзй дар роҳи фарзанди азизаш чор бошад. Эй худо, ин босмачиҳо чй балоянд, мардумро талаву тороҷ карданашон бас набуд, ки боз одамизодро гўсфанд барин сар мезананд, гўсола барин бузкашй мекунанд. Охир ин русбача ҳам одам аст, фарзанди одамизод аст. Бо умед ба дунъё омадааст. Ин бечора чй гуноҳ дорад?»...

Ҳанўз риштаи хаёлоти Одинамоҳхола канда нашуда аз пушти хона садои тапар-тупури аспдавонй шунида шуд ва ба ҳавлй чанд нафар саворагон даромада омаданд, яке аз онҳо зуд аз асп фуромада:

— Ҳой кампир, вай урус каний? — гўён давида ба хона даромад.

Хола каллаашро бардошту бо як нофаҳмие ба он кас чашм дўхт. Аз ин нигоҳи ў аз тарсу бим бештар аломати тааҷҷуб ва газаб намоён буд. Тамоми ҳастии хола бо як ҳисси ҷавобгарй барои ҳаёти як нафар аз зодагони одам дрр-дрр меларзид, дилаш бо шиддат метапид. Дар айни ҳол вай тайёр буд, ки тамоми овозашро сар диҳаду ба ин вақшиёни одамшакл шервор ҳамла кунад ва дар ин ҷанги нобаробар тамоми ин нобакоронро нобуд созад, ё аз дасти ин даррандагон пештар аз он ҷавони пинҳонкарда-

аш, ки муҳофизати ҳаёти ӯро вазифаи худ медонист, ҳалок гардад.

Бо як овози сохтаи нарм:

— Бачем, кадом урус? — гуфт.

— Урусе ки ҳозир ба хона даромад!

Ин гуна ҷавоби муайян ва муқаррари он шахс дами аввалаи холаро андаке паст кард, ӯро мустариб намуд. Вале бо вуҷуди он худ ба худ: «майлаш, ҳар чи бодо бод»— гӯён пешонаашро чин намуда ва китфҳояшро ҷунбонида:

— Бачем, надидаам,— гуфт.

— Дурӯғ!

— Садқаат шавам, бачем, надидаам.

— Кампири далла, чаро дурӯғ мегӯй? Ман худам дидам, ки вай ба ҳамин ҳавлӣ даромад,— гуфт он мард овозашро баланд намуда ва бо лагадаш ба кифти хола якта зад.

Он мард ва чанд нафар саворони дигаре, ки низ аз аспҳояшон фуромада ба хона даромада буданд, латтакӯҳнаҳои холаро тит карда, хонаро тагу рӯй намуда, кофтан гирифтанд. Онҳо холаро яке бо мушташ, дигаре бо лагадаш мезад ва ҳамагӣ беором дашномаш медоданд.

Ҳанӯз кофтуков тамом нашуда буд, ки аз берунӣ қишлоқ садои паҷҷирае баромад. Ин садо гӯши кобандагони хонаро сих намуд. Яке аз онҳо ба дигариаш:

— Баро, чӣ гап шуд? — гуфт.

Дақиқае нагузашта дар берун ва дар дохили қишлоқ тирпарронӣ авҷ гирифт. Ҳамон шахсе ки аз ҳама пеш ба хона даромада буд, шамшерашро аз ғилоф кашида, ба хола:

— Падарлаънат, кампир! Агар ҳозир урусро ёфта надиҳӣ, мекушамат! — гуфт бо як овози шиддатнок ва пур аз таҳдид. Шариконаш дар ҳолати дудилагӣ гоҳ ба берун нигоҳ мекарданд, гоҳ ба хола.

Хола хатарнокии лаҳзаро ҳис мекард. Вай медонист, ки агар ҳозир аз даҳонаш ягон калимаи дашномомезе ё шӯписаангезе барояд, ин қассобон сарашро аз танаш ҷудо карда рафтан мегиранд. Аз ҳамин сабаб ҳам ӯ бо хунсардии тамом:

— Майлаш, бикуш, бачем,— гуфт.

Баҳсу ҷавоби инҳо ҳанӯз тамом нашуда буд. Ҳамон шахсе ки барон хабаргирӣ баромада буд, аз рӯи ҳавлӣ бо овози баланд:

— Зуд бароед, аскарони сурх пахш карданд!— гўён фарьёд зад.

Ҳамагӣ саросема давида беруи баромада ба аспҳояшон часпиданд. Ҳамон шахсе ки шамшерашро луч карда дар теппаи сари хола истода буд:

— Уух, падарлаънат, қодугар! — гуфта бо шамшераш холаро якто зад. Хола беҳуш шуда афтоду монд. Як дасташ аз танаш қудо шуда буд.

III

Одинамоҳхоларо дар беморхонаи район қо карданд. Вақте ки вай андаке ба худ омад, ҳамроҳи доктори калони беморхона марди ношиносе ба теппаи сараш омад ва табассумкунон аз вай:

— Ҳа, хола, чӣ тавр ҳастӣ?— гўён ҳолпурсӣ намуд.

— Шукр, андаке дуруст,— гуфт хола ва ҳайрон шуда ба рўи ин кас синча карда истод. Вай медонист, ки ғайр аз Моҳбону дигар фарзанд ё хеше надорад, ки барои хабаргирӣ аз ҳоли ў биёяд. Гарчи «айб» бошад ҳам:

— Ту кистӣ? — гўён ба он кас савол дод.

— Ман командири отряд,— гуфт ба қавобаш он шахс.

— Шуморо ҳамин кас ба ин қо оварда буд,— гуфт доктор.

Хола дар тааққуб монд. Худ ба худ фикр мекард, ки бо ин марде ки худро командири отряд меномад, чӣ гуна робитаи хешу таборӣ дошта бошад. Командир гўё ки аз фикру хаёли хола пай бурда бошад ва бо мақсади он ки ўро аз ин андешаҳои бемаъно раҳо кунад:

— Оча, акнун парво накунед, ба тухми босмачиҳо оташ задем,— гуфт.

Ин хушхабар чашмони холаро чароғ барин равшан намуд. Вай аз шодӣ ва хурсандӣ чӣ гуфтанашро надониста, табассумкунон:

— Худоро шукр,— гуфт.

Командир боз:

— Се рўз пеш аз ин Иброҳимбек ба дас. афтод,—гуфт.

Ба қавоби ў хола, монанди кўдаке, ки аз кашф кардани ягон чизи ғалатӣ ниҳоят хурсанд мешавад ва саросема мегардад, ногаҳон:

— Ба вай чӣ шуд? — гўён ба командир чашм дўхт.

Командир аввал кӣ будани «вай»-ро надонист. Доктор мақсади холаро фаҳмида:

— Вай дуруст шуда рафт,— гуфт.

— Ҳа, бухгалтери пункти пахтатайёркуний-мй? — гуфт командир ва гапашро давом дода:— Хола, агар ҳамон рӯз шумо ӯро пинҳон намекардед, босмачиҳо бечораро мекуштанд. Офарин ба шумо! — гуфт.

Доктор ҳам дар навбати худ:

— Даруни танӯр нафас кашида натавониста, беҳуш шуда будааст. Як-ду рӯз дар ин ҷо хоб карда сиҳат шуда рафт,— гӯён маълумот дод.

— Бечора,— гуфт хола ва ба рухсораш табассуми шодмонй дамид ва аз чашмонаш чанд қатра ашки фараҳ ва хушнудй равон шуд.

1934—1937

КАМПИР

Кампир Одинамоҳ, ки ду рӯз пеш аз ин бо зарби теғи босмачиҳо аз як дасти худ маҳрум шуда дар касалхонаи район мехобид, имшаб ҳангоме ки чашмашро боз намуд, дар куҷо будани худро надонист. Шаб аз нисф гузашта буд. Ҳамшираи шафқат, ки дар теппаи сари ӯ дам ба дам компрессашро иваз карда меистод ва беором бо бодбезак вайро бод мекард, ба ӯ нигоҳ карда ширин табассум намуд.

Дар хона ғайр аз дуи онҳо дигар ҳеҷ кас набуд. Хонаи сафеде, ки ба он ранги рангини дода шудааст, каравоти зебо, бистари мулоим, рӯйҷои сафед, болишти пари қу ва илова ба ҳамаи ин паризоди сафедпӯше ки вайро, Одинамоҳ кампкри қариб ба ҳафтод расидан бекасу бечораро, ҳамчун модари барҷомондан азизаш парастори мекард, ҳаёли кампирро дар кӯчаҳои гуногун сайр мекуноид.

«Ҳа, ман мурдаам, рӯҳи ман дар биҳишт аст, ин хонаи абадии ман аст, ки парвардигор ба ивази азоб ва уқубатҳои дар дунъёи бебақо кашидагиам додааст. Ин паризод, албатта, яке аз ҳурони биҳишт аст, ки худо худаш инро ба хизмати ман мондааст» — бо ҳамин хаёлҳо каллаашро ба сӯи хизматгораш «ҳури ҷаннат» гардонида, ба вай синча карданӣ шуд, чашмаш ба стакани пур аз обе ки дар болои стол истода буд, афтод ва худ ба худ — «албата, ин оби кавсар аст» — гӯён аз он нӯшиданӣ шуд. Дасти росташро, ки дар тарафи стол буд, ба стакан дароз карданӣ шуд, вале ба ин муваффақ нашуд. Аз набудани ин дасташ худаш бехабар буд ва дар айни замон ҳам бо кайфу сафои «биҳишт» набудани як дасташро ҳис накард. Ин ҳаракати вайро ҳамшира мушоҳида намуда:

— Об мехўред-мӣ? — гуфт ва стаканро ба лаби ӯ наздик овард. Вале ӯ ба ин савол ҷавоб нагардонд ва бароҳ нӯшидани об даҳанашро ҳам накушод ва чашмонашро ба шифти хона дӯхта, ғарқи дарьёи хаёл гардид.

Худ ба худ чанд бор «албатта, ин биҳишт аст» — гуфт ва дар мағзи сари худ сабабҳои ин қадар шалҳа ва пажмурда гардидани худро ҷустуҷӯ намуд. Ниҳоят ба ҳамин қарор омад, ки «ин кори мункар-накирони беинсоф аст». Аммо аз истеъмоли калимаи «беинсоф» ҳаросида ду-се бор «астағфируллоҳ»-ро такрор намуд. Ва бо завқи он ки вай аз гудоз гузаштааст ва имрӯз худаш — худои якка ва ягона — вайро лоиқи биҳишти худ дидааст, якбора бо садои баланд қоҳ-қоҳ зада хандид. Ин хандаи ғайримунтазира ҳамшираро ба ҳайрат мононд, вай сарашро ба рӯи кампир хам намуда, дар маънои «чӣ шуд?» табассуми ширине кард.

Кампир чашмони бенурашро ба чеҳраи гулгуни ӯ дӯхт. Вале аз ҳеҷ чиз пай набурд ва аз кирдори худ бехабар буд. Ҳамшира аз пешонаи ӯ компрессро гирифт. Латтаи сафеди тар хеле тафсидагӣ буд. Ба пешонаи кампир дасташро монда, дараҷаи ҳарорати ӯро санҷид, ки хеле баланд шудааст. Компрессро нав кард. Сардии компресс кампирро андак ба худ овард ва ӯ рӯяшро ба сӯи ҳамшира гардонд ва бо ӯ гап заданӣ шуд, вале ин дафъа ҳам боз як ҳодисае вайро ба ҳайрат мононд.

— Дуруст-мӣ шумо?— гуфт ҳамшираи шафқат бо овози маҳин ва бо табассум. Ин дафъа ҳам вай ҷавоб надод ва чашмонашро аз чароғи электрик, ки хонаро рӯз барин равшан карда буд, намеканд. Аз тирезаи бози хона ситораҳои дурахшони шаби торики тобистон медурахшиданд. Аммо ин чароғ на ба он чароғаки сиёҳи бобогӣ ва на ба лампаҳое ки вай дар хонаи ҳамсоягонаш медид, монанд набуд. «Чароғи биҳишт ҳамин тавр мешудааст-дия, ин ҳам аз қудраташ-дия» гӯён аз дил гузаронд. Лекин дар ҳамин он боз як муаммои дигар вайро бесаранҷом кард.

— Дар биҳишт ҳам шаб мешавад-мӣ? — ба ҳамшира мурочиат намуд.

— Чӣ, биҳишт? — гуфта ҳамшира худдорӣ карда натавониста, ин дафъа қоҳ-қоҳ хандид. Ин духтараки 17—18-солаи бомалоҳат, ки имрӯз ба дилдорӣ ва парастории мудофиакунандагони мамлакат аз тарафи ташкилоташ — комсомол ба ин ҷо гузошта шудааст, аз ин кирдори худ шармгин шуд ва «ба дилаш сахт расидагист» гуфту ба

баёни ҳеҷу пуч будани афсонаҳои биҳишту дӯзах шурӯъ намуд.

Кампир Одинамоҳ чашмонашро аз вай намеканд. Ба назар гӯё ниҳоят ҳам ба диққат гӯш меандохт. Лекин аз он гапҳои ҳамшира вай чизе намефаҳмид, зеро ки тамоми хаёлоти ӯ фақат дар як нуқтаи муҳим банд буд.

Аз ин панҷоҳу чанд сол пеш, ҳангоме ки вай духтари нозанине буд, камаш ҳар ҳафта як бор номзадаш ба қинғолбозӣ пеши ӯ меомад. Ҳоло мулло никоҳи шаръинашро нахонда буд. Шабе, дар яке аз омадҳои номзадаш, чӣ шуду чӣ монду «шайтон ғолиб омад». Баъд аз ин чанд шабу чанд рӯзҳоро то ҳангоми никоҳ вай бо равон намудани ҷӯйбори ашк гузаронида буд. Фақат аҳди никоҳ ва лаззати бениҳояти чандрӯзаи домоду арӯсии нав ба ин ғаму ғуссаи Одинамоҳ ҳад монда буд. Ҳоло тамоми фикру хаёли кампир дар болои ҳамин гуноҳаш банд буд. Одинамоҳ фикр мекард, ки худо ин гуноҳи давраи ҷавониашро чӣ тавр бахшида бошад. Агарчи айёми ҷавонӣ бошад ҳам, вале вай гуноҳи азим карда буд, охир! Дар айни гармогарми суханронии ҳамшира, вай:

— Ман бандаи осӣ,— гуфт.

Ҳамшира мақсади кампирро нафаҳмида ҳайрон шуд. Чӣ гуфтанашро надонист. Ба ҷавобаш компресси пешонаи кампирро иваз кард ва дарҳол аз хонаи дигар доктори навбатчиро даъват намуд. Вай ба мушакҳои пур аз рагу паи кампир ба воситаи сӯзан дору фиристод ва ин Одинамоҳро хеле осуда намуд ва ӯ то субҳ, яъне то омадани доктори калони касалхона, осуда хоб рафт.

Вақте ки пагоҳӣ доктори калон барои хабаргирӣ аз аҳволи Одинамоҳ ба ин хона даромад, ҳамшира:

— Ин холаи мо тамоми шабро бо сайру саёҳати биҳишт гузаронидаанд,— гуфт. Доктор ҳам дар навбати худ хандида:

— Дарди кампир гӯза-дия,— гуфт.

Ин гапҳо кампир Одинамоҳро аз хобаш бедор кардаанд.

1934

РАИСА

Раиса ин деҳқонро ҳеҷ писанд намекард. Ба вай дӯғ мезад. Деҳқони қадбаланде, ки ба гапҳои ӯ гӯш меандохт, ҷим буд. Гӯё ба фикри ин деҳқон, қонда ва қонун ҳаминро, яъне дар пеши раиси ҷамоа ором буданро талаб мекарданд. Раиса кампири оддӣ буд. Дар танаш се қабат куртаи калон дошт, ки остинҳои онҳоро қат карда барзада монда буд. Як қабза мӯйҳои сафедаш аз таги рӯймолчаи сурх, ки ба сараш баста буд ва онро ба муносибати кадом иде дастан пионерони қишлоқ ба вай тӯҳфа карда буданд, баромада истода буд. Рухсори пур аз оҷинг, мӯйҳои пахтаранг ва рӯймолчаи қирмизии кампир ба ҳамдигар тамоман мувофиқат надоштанд. Вай, кампир, дар паси столе ки болои он ҳам бо латтаи сурх пӯшида шудааст, дар рӯи курсӣ ба болои стол хам шуда нишаста буд. Чашмонашро аз ҳамоии деҳқон намеканд. Деҳқонони дигар мунтазири гап задан бо ӯ дар ҳар гӯшаи идора нишаста буданд. Баъзеи онҳо аз ин кирдор, дӯғ ва пӯписаи кампир чашми худро намеканданд. Як ҳиссаи дигарашон ба гӯши ҳамдигар пичир-кучур карда, ба ин ҳоли ҳар дуи онҳо писханд мезаданд.

Деҳқони дигар ба гапҳои раиса тоб оварда натавонист ва бо садои баланд:

— Дигар нест. Вақте ки нест, ба ту чӣ медиҳам? — гуфт. Овозаш гирьяолуд буд.

Раиса ҳам аз ӯ паст наомад.

— Ҳой Бобо,— гуфт,— магар ман туро намешиносам? Ту бо кӣ гап зада истодай? Нагз дон, ки дар дарунн дилат чӣ мақсад ва ниятҳо дорӣ, ҳамаашро ман медонам. Ту дигар гап назан ва дӯғ ҳам назан ва боқимондаашро оварда додан гир. Гап тамом.— Бо ҳамин анҷом ёфтани муко-

лимаро ифода намуда, рӯяшро сӯи деҳқонони дигар гардонд.

Он деҳқон, ки Бобо ном дошт, худ ба худ чӣ гапҳоеро гуфт ва ба пеши дар наздик шуд. Аз суханҳояш фақат калимаи «нест»-ро фаҳмидан мумкин буд, ки инро вай чанд дафъа такрор намуд.

Раиса арзи деҳқони дигарро напурсида, шикоятомезона гуфт:

— Охир, худи ман ҳар рӯз рафта кирмаки вайро хабар мегирифтам. Ду қуттӣ кирмаки ӯ камаш панҷ пуд пилла кард. Имрӯз вай як пуду панҷ қадоқи онро овардааст мегӯяд, ки «валлоҳ биллоҳ, дигар нест».

Бобо ҳоло аз дар набаромада буд.

— Ҳой Бобо,— гуфт раиса. Бобо рӯяшро гардонд.— Ту кӯрнамак ҳастӣ. Ёд дорӣ — дар соли гуруснагӣ ҳукумат ба ту нон дод, барои кишт тухм дод, худат ва бачагонатро аз балои гуруснагӣ халос кард. Имрӯз ту ҳукуматро фиреб доданӣ мешавӣ. Дурӯғ мегӯй. Магар шарм намедодорӣ?

Бобо дигар ба гапҳои ӯ гӯш наандохт ва аз дар баромада рафт.

Аз қиёфааш маълум буд, ки раиса ниҳоят асабӣ аст. Барои он деҳқон вай виҷдонан азоб мекашад. Рухсори пур аз чини ӯ таб баровардагӣ барин сурх шуда буданд. Мижгонаш беором зада меистоданд. Агар дар ҳамин вақт дар болои столи раёсат наменишаст ва дар хонааш мебуд, эҳтимол рӯймолчаро ба даст гирифта, тамоми овозашро сар дода, гирья карда, дилашро холӣ менамуд.

Деҳқононе ки бо арзи дони худ омада буданд, ин кайфияти раисаро дида, дар андеша монда, ба ӯ гап намезаданд. Баъзеи онҳо барои дилдории раиса Боборо малomат мекарданд.

— Ман ба вай ба нағзӣ гӯям, гапамро гӯш намекунад,— раиса боз ба гап сар кард,— агар вай кулак мебуд ман бо вай дигар хел гап мезадам. Мегуфтам, ки «фалон қадар пилла оварда супор, дигар гап нест, тамом, вассалом». Охир ман ин сиёҳбахтро медонам, ки дирӯз панҷякқор буд. Ба хӯрдан нон надошт. Имрӯз, агарчи ба колхоз надаромада бошад ҳам, хеле ба худ осуда шудааст, ҳамаи ин дар сояи ёрмандии ҳукумат аст. Кӣ инро намедонад?!

Яке аз деҳқонон:

— Рост, ҳамаамон ҳам медонем,— гуфт.

Пас аз ин раиса Қурбон ном аъзои правлениаи колхозро фармуд, то ки ба пеши Бобо бираваd ва ба ӯ бифаҳмонад, ки ин кораш хуб нест ва бояд ӯ тамоми пиллаашро ба давлат бисупорад. Баъд боз хеле гап зад. Дар охир бо садои ситезакорона:

— Ед доред-мӣ? — гӯён ба деҳқонон муроҷиат намуд,— вақте ки се сол пеш аз ин босмачиён як дасти маро бурида рафтанд, ман хеле вақт дар касалхона хобидам. На дар беморхона, на дар хонаам, маро ҳеҷ кас ҳолпурсӣ накард. Боз худи ҳамин ҳукумат маро дастгир шуд. Мани кампирро барои хондан ба мактаби роҳбарони кирмакдории район фиристод. Ҳангоме ки мани кампир хонда, чала-чулпа мулло шуда омадам ва чанд вақт дар ҳамин қишлоқамон кор кардам, худи шумо — деҳқонон маро ба раисии ҷамоатамон хостед. Агар шумо намехостед, кӣ ҳақ дошт? Акнун худи шумо гапи маро гӯш намекунед. Ба қонун ва қоидаҳои ҳукумат риоя намекунед...

Баъзе деҳқонон ин гапҳои ба ҳамдигар часпону ночаспони раисаро шунида, бо каллаҷунбонӣ ҳақ будани онҳоро тасдиқ менамуданд. Як гурӯҳашон сарҳояшон хам, бо нӯги биниашон ба замин хат мекашиданд ва гӯё бо ҳамин «гунаҳкор»-и ҳамин корҳо будани худро эътироф менамуданд. Ҳиссаи дигарашон, махсусан ҷавонон, лабҳояшон инҷ ба ҳамдигар чашмак мезаданд ва он қадар ҳам ба гапҳои раиса диққат намекарданд.

Ҳоло раиса «нутқ»-ашро тамом накарда буд, ки аз дари идора як зан дар сараш ҷелак (тӯйяктак), дар дасташ як лингаи калони пур аз пилла, ҳамроҳи Қурбон, дар дасти ин ҳам як лингаи пур, даромада ва бо ситеза:

— Одинамоҳ, ма, бигир,— гуфт ба сӯи раиса.

— Духтаракам, оташин нашав, ҳаққи ҳукуматро ҳазм кардан кори сахт аст ва фаромӯш накун, ки ин ҳукумат аз они худамон аст,— гуфт ба ҷавобаш Одинамоҳ.

1934

НЕ, ТУ БАДБАХТ НАБУДӢ

Ӯро нашинохтам, аммо рӯяш ба чашмам гарм менамуд. Дар айни ҳол, гап задан баробари «мурдаро монда тутхӯрӣ» кардан буд. Қирраи чашмам беихтиёр дар рухсори ӯ даву тоз мекард. Боди маҳини субҳи баҳор мӯйҳои ҷингилаи ӯро мерақсонд, шуоъҳои хуршед дар қабатҳои вай тана мемонданд. Аз ранги хок тафовути ранги либоси ӯро муайян кардан мумкин набуд. Риши сиёҳи чун хор дурушт таки манаҳи онро пахш карда буд. Чашмони ба дарун кашидааш сурхча метобиданд. Вай дар қатори мо даруни ҷӯйбори беоб, пойҳояшро ба тарафи мо дароз карда, ба оринҷи дасти чапаш такья намуда, дар лаби ҷӯй тахтасангеро монда, болои он панҷтираашро ниҳода, паҳлу зада буд. Аз тарафи душман чашмонашро намеканд. Беҳуда сӯи мо нигоҳ намекард.

Душман гоҳ-гоҳе тир холӣ карда, дам ба дам давидадавида, дар паси сангҳо, буттаҳо ҷойгир шуда, пеш меомад. Ғарми шӯрой базӯр нафас мекашид. Шаҳр аз тарафи душман ҳалқапеч гардида буд. Душман сармасти ғурур буд. Девонавор қадам мепартофт. Ба паногоҳи худ ба он тарафи Аму, ба он тарафи кӯҳҳои Ҳиндукуш ва Тиёншон такья менамуд.

— Саросема нашавед, наздиктар шаванд! — гуфт ҳамин кас бо овози хафиф, ки онро шахси аз мо понздаҳ қадам дуртар будагӣ ҳам намешунид. Пас аз ин дарҳол пойҳояшро ғундошту ҳам шуда чорзону нишаста, қундоқи милтиқро ба китфаш пахш намуд ва дасти росташро ба куланг бурд.

Овози хафифи ин кас, садои тири панҷтираҳо, гуппаси сочмаҳо хавоси парешони маро ба як нуқта банд карданд. Пас аз ин дар майдон мисли саги кучулахӯрдагӣ, калаи-

да-калавида афтода мондани ду каси онҳо ба назарам афтод.

Душман ба воситаи тирҳо боронн ғазаби худро меборонд, ба воситаи калимаёдкунй, «оллоҳ»-гӯй ба оташдони деги ҷаҳл равған мерехт, ҳарорашро баланд мекард. Ғизаси тирҳо, ғунгаси галаи занбӯрҳоро ба ёд меовард.

— Ҳушёр бошед, душман ҳуҷум карданист, тиратон хок нахӯрад! — гуфт боз ҳамон марди гармрӯ. Ман ба ин шинак аз ҳама ақиб омада будам. Командири ҳамин пост будан ё набудани ин касро яқин намедонистам.

Душман боз наздиктар шуд.

— Оташ! — гуфт боз ҳамон марди гармрӯ. Ин дафъа овозаш бисёр баланд баромад. Гӯё ин садо синаи ҳамин кӯҳи баландро чок намуд.

Ғулғулаи онҳо хомӯштар гардид. Аз онҳо чанд нафар дар ҷояшон заминро газида монданд. Дигарон паси ҳамдигар ба ақибнишинӣ шурӯъ карданд.

— Ба ҳуҷум! — ҳамин фармонро аввал фармондеҳ, ҳамон марди гармрӯ иҷро карданй шуд. Гӯё бо як суръат ба пушти санги калоне ки тахминан дар масофаи понздаҳ қадам буд, рафта нишастанй шуд. Нарасид. Дигарон ҳам вайро пайравй намуданд. Чӣ гуфт? Гапашро нафаҳмидам. Фақат чашмонаш шоҳиди он гардиданд, ки вай монанди беди ғафсе, ки онро решаков намудаанд, сарнагун афтод. Милтиқаш мисли чӯбчае ба як сӯ парида рафт. Аксарияти шинакнишинон аз ин ҳол бехабар буданд. Садои команда шунида намешуд ё ман намешунидам. Ҳар касе ба майли худ ҷои муносибро дид карда, хам шуда, давида пеш рафта менишаст ва ҳадафи муносибро нишон гирифта, тир холй мекард.

Рафиқонамон хеле пеш рафта буданд. Ман дар ҷоям мондаам. Чанд фишангдон тир холй кардаам, ба куҷо нишон гирифтаам, намедонам. Танҳо аз он огоҳ шудам, ки дар майдон ман ва ҳамон марди гармрӯй мондаем. Аз чаккаи вай ҷӯйчаи хун равон буд.

* * *

Ҳангоме ки ин кас, муаллими куҳансоли шӯрой, Домулло Саиди машҳур ду сол пеш аз ин шаҳри моро тарк намуд, мавсими хазон буд. Пеши мардум аз саҳроҳо кӯчида ба шаҳр баромада буданд. Дар яке аз ин гуна рӯзҳо як гурӯҳ олуфтагон дар миёнҷои шаҳр дар самоворхонаи Мирзоча ҷамъ шуда, ғайбати ҳамин касро мекарданд.

«Домулло Саид ҳамроҳи талабагонаш барои пахтачинӣ ба саҳро баромадааст ва дар он ҷо ба номуси яке аз толибагонаш таҷовуз кардааст» барин гапҳо дар даҳони аҳли сӯҳбат қаймоқ мебаст. Аз «ҳар калла як садое» мебаромад. Дар шаҳр мавҷи ин овозаҳо асло паст намешуд, балки гоҳо ба талотӯби пурзӯр мубаддал мегардид. Завҷаи Домулло Саид — Заҳрохоним дар ин тӯфони шадид монанди завраке, ки ба гирдоби аҷал афтодааст, давр мезад, нақот меҷуст, умедгоҳаш, ёдгори он рафиқи умриаш — ду нафар фарзандашро ба синааш пахш намуда, устуворӣ мекард.

* * *

Баъд аз бедому дарак шуда рафтани Домулло Саид дар яке аз рӯзҳои кӯтоҳи зимистон, ки барф паға-паға мебориду шохи дарахтон, кӯчаҳо ва бомҳо сап-сафед шуда буданд ва бодӣ сард мусиқаи худро менавохт, ман дар бозор дар пеши магазини нав (кооператив) Заҳрохонимро дида, дилдорӣ карда будам. Ба назарам, вай Заҳрохонимро гулрухсор пажмурда шуда буд. Ҳаминро мушоҳида кардан мумкин буд, ки фироқи рафиқаш ба ҳастии бегубори вай боз як хусусияти тозаро илова кардааст. Вай боз вазнинтар ва бомулоҳазатар шудааст. Ҳангоме ки бори саввӯм дар кӯҷо будани домуллоро ман аз ӯ пурсидам, вай бо як дасташ лентаи духтарашро дуруст карда истода, аз бағалкисаи пальтояш як тахта коғази ҳаштқатро бароварда ба ман доду:

— Мана, инро хонед,— гуфт.

Ин коғазпарча ҳастии маро ба ларза даровард. Ба назарам муаммоҳои ҳаёт ва гиреҳҳои зиндагиро боз чигилтар намуд.

«Азизам, Заҳро!

Ҳашт соли пур ману ту монанди як тану як ҷон рӯз гузаронидем. Сабзидем. Лангидем. Ба навозиши ҳаёт завқидем, ба газабаш устуворӣ кардем. Ба як болин сар ниҳодем, аз як пиёла об, аз як коса ош хӯрдем. Падару модари ду нафар фарзанд шудем. Хуб буд, бад буд, ҳар чӣ ҳам бошад, рӯзҳоеро, ки ҳамроҳи ту гузаронидам, дар ҳаёти бадбахтонаам, аз рӯзҳои дурахшонам ва хушбахтам мешуморам.

Ҷонам!

Маро бубахш, ман дигар ба ин вазъият тоб оварда, сарамро боло карда гаштан наметавонам. Ман аз ин шаҳр —

макони балво баромада меравам. Дигар на тоб дорам ва на тоқат. Маро маъзур медорй.

Ҷигарпорагонамонро тарбия кун!

Азизам!

Чашмонам пур аз ашк, зери поят сар монда, домони покатро мебўсам ва афв металабам. Барои ман Шокира ва Музафарро ба оғўшат бигиру бўса кун ва боз бўса кун.

Рафиқи нокоми ту — Саид».

Дар баҳори соли ояндаи ҳамон зимистон дар шаҳр овозае паҳн шуда буд, ки гўё Домулло Саид дар Қабодиён худашро парронидааст.

Дар ин рўзи таърихие, ки киштии умеди Фузайл ва соҳибони он ба мавҷи пурнашъаи ҳаёти хушбахтонаи мо, ба талотуми пурғурури тўдаи меҳнат тобоварй карда натавонист, пора-пора шуд ва ғарқ гардид, дар ин рўзе, ки мо ба ҷароҳатҳое, ки аз дасти разилонаи онҳо ба тани Қаротегини шўрой расидааст, марҳам мемолидем, дар ин рўзе, ки чанд дона баргҳои дарахти азими бемисл — чанд нафар рафиқони беназири худро ба хок месупоридем, ман дар пеши тобути Домулло Саид менстодам. Аз дидори гарми ў чашм намекандам. На танҳо ҳар як мисраъ, балки ҳар як калимаи ҷудогонаи ҳамон хати таърихии Домулло Саид аз майнаам дур намешуданд. Ҳангоме ки силсилаи афкорам ба ҷумлаи «дар ҳаёти бадбахтонаам» расид, завқ кардам.

— Не, азизам, не, ту бадбахт набудй,— гуфтам ва хам шуда аз пешонаи хунолудаш бўсидам.

1934

ОДАМ ДАР ХАЛТА

Ӯро чанд кас ба машинаи «ёрдами таъҷилӣ» бор карданд. Ҳанӯз ҳам вай дар халта буд. Дар машина аз халта фақат каллаашро бароварда монданд. Рӯи занбар хобида буд. Чашмонаш пӯшида буданд. Ҳуш дошт, ё не, ҳеҷ кас муқаррар карда наметавонист. Машина рост ба касалхонаи шаҳр равон шуд.

Бадбахтона имрӯз дар машина доктори навбатчӣ набуд. Ҳеҷ яке аз санитарҳо ба зинда мондани ӯ бовар намекарданд. Ҳар кас ба хаёлаш «албатта мемирад» мегуфт.

Ҳангоме ки дар ҷарроҳхона ӯро аз халта кашида гирифтанд ва ба рӯи столи ҷарроҳӣ гузоштанд, одам ё лаҳми гӯшт будани ӯро фарқ кардан душвор гардид. Куртаи зебораш ақаллан доғи сафеде надошт. Гӯё пӯшоки ӯро бо хуми қирмизии рангрез гӯтонида гирифта буданд. Дар баъзе ҷойҳои куртааш хуни сиёҳтоб шах шуда монда, ба назар ҳамчун гӯштпорае менамуд.

Дар ҷарроҳхона оромӣ ҳукмфармо буд. Доктори калон — марди солхӯрда бо диққати том бо пахтаи тар хуни ӯро мешуст. Яке аз ҳамширагони шафқат, зани қадбаланд, хушсимо ба ӯ ёрӣ медод. Дар ниҳоят он зан тоб оварда натавонист:

— Ҳайвонҳо! — гуфту беихтиёр бо остини пешбанди каш ашконашро пок кард ва бо ҳамин хомӯширо вайрон намуд. Доктори калон гап назаду аз паси айнакаш ба вай як нигоҳ карда гирифт.

Доктор корашро тамом кард ва ба ҳамон ҳамшира:

— Осуда бошед, баъд аз ду ҳафта тамоман саҳат шуда меравад,— гуфт ва ба дигарон фармуд, ки ӯро ба хонаи алоҳида бурда хобонанд.

Рӯзҳо пай ҳамдигар мегузаштанд. Ҳамон ҳамшира аз ӯ ҳеҷ дур намешуд. Бемор рӯз ба рӯз беҳтар мешуд. То мӯҳлати доктор таъинкарда вай хеле дуруст шуда монд.

Ҳатто бо ёрии як кас оҳиста-оҳиста роҳ мегаштагӣ шуд. Ҳамшира чӣ навъ рӯй додани воқеаро аз ӯ ҳеҷ намепурсид ва хаёл мекард, ки бо ҳамин азобҳои кашидаашро ба ёдаш меорад ва ӯро аз сари нав азоб медиҳад.

Имрӯз вай дар болои каравот паҳлу зада нишаста буд. Ба ҷои чилим папиросеро, ки ҳамшира аз доктори калон илтимос намуда оварда буд, мекашид. Рӯзҳои гузашта ва азобҳои кашидаашро як ба як ба ёдаш меовард. Вале чи тавр ва аз куҷо ба ин ҷой омада мондани худро тасаввур карда наметавонист. «Ҳар чи ҳам бошад, аз як мурдан мондаам» гӯён худ ба худ табассум намуд ва дуди папиросашро фаҳона занонд. Ҳангоме ки ҳамшира ба хона даромад ва аз ӯ ҳолпурсӣ намуд, вай бо садои паст:

— Маро ба ин ҷо кӣ оварда? — гуфт.

— Мо овардем! — гуфт ба ҷавобаш ҳамшира ва гапро ба сӯи дигар бурд, аз аҳволи касалхона гап сар кард. Ниҳоят тоқат карда натавониста, дар охири гапаш: — Шуморо кӣ зад? — гуфт.

— Одамон! — гуфт ба ҷавобаш вай ва ба чашмони сиёҳ ва мижгонҳои дарози ҳамшира синча кард ва хеле вақт ором монд.— Ман дар меҳмонхонаи шахсе будам,— гӯён оҳиста-оҳиста ба ҳикоят сар кард.— Палавро дам карданд. Ҳамагӣ ба дастшӯй шурӯъ кардем. Ед дорам, ба лаби обрез наздик шудам ва соҳиби хона аз офтоба ба дастам об мерехт. Як чизе ба тахтапуштам сахт расид. Сарнагун шуда ба рӯи тахтаи обрез афтодам. Ҳамон зарб чанд бори дигар такрор шуд. Дигар аз дунъё хабар надорам. Вақте ки ба худ омадам, худро дар ҳамин хона дидам.

— Вайҳо ба шумо қасддор буданд? — ҳамшира бо саросемагии бачагона ба ӯ савол дод.

Вай табассум намуду аз симои гулгуни ҳамшира чашм наканда:

— Ҳа,— гуфт.

Дигар ҳамшира ӯро ба ҳолаш намонд. Вай ҳам маҷбур буд, ки воқеаро як ба як нақл намояд:

...Се моҳ боз ман котиби ячейкаи партиявии колхоз будам. То он дам дар МТС трактороронӣ мекардам.

Ин колхоз хеле калон бошад ҳам, ниҳоят ақиб монда буд. Ягон бор ягон планашро иҷро накарда буд. Политотдел барои қувватнок кардани кор, маро ва якчанд рафиқони дигарро аз колхозҳои бақувват гирифта, ба ин колхоз фиристод. Чанд рӯзи аввалро мо бо ошношавӣ бо пастию баландиҳои колхоз гузаронидем. Баъд корро сар кардем.

Дар тамоми соҳаҳо кор ба ҷӯш даромад. Вале дар ҳар қадам ба зиддият дучор шудем. Ҳатто шабе ба 20 қанор пахтаи чинаки якӯми мо оташ заданд...

Симои колхоз ба мо равшан шуд. Дар колхоз 7—8 нафар касоне буданд, ки ҷои онҳо колхоз набуд. Чаро онҳо дар қишлоқ мондаанд, чаро кулак шуда нарафтаанд, номаълум. Онҳо ҳатто ба колхоз ҳам даромада гирифтаанд...

— Чаро онҳоро аз колхоз ҳай накардед? — гуфт ҳамшира сухани ӯро бурида.

— Сабр кунед,— гуфт ба ҷавобаш ӯ ва як дона папироси боқимондаро кашид. Пас «ҳама кор ба навбаташ мешуд» гӯён боз ҳикояташро давом намуд: — Мо онҳоро аз колхоз баровардем. Тамоми корҳои колхозро аз нав дуруст кардем. Натиҷа ҳамин шуд, ки то ҳамон рӯзе, ки вайҳо маро ба ин ҳол оварданд, колхозамон плани солонаи пахтасупорипро 95 процент иҷро карда буд. Баъд аз ду рӯзи дигар мебоист плани пурра иҷро шавад... Намедонам, ҳозир аҳвол чӣ тавр бошад? Маро ҳеҷ кас пурсида наёмад?

— Ҳар рӯз, гурӯҳ-гурӯҳ деҳқонон меоянд, аммо доктори калон барои даромадан ба пеши шумо иҷозат намедиҳад. Ҳар рӯз «андак, фақат чанд рӯзи дигар сабр кунед, дуруст шуда меравад» мегӯяд. Ин кулчаҳо, харбузаҳо ва ангурҳоро ҳамонҳо меёранд,— гуфт ҳамшира.

Вай ҳам дигар гап назад. Ҳар ду хомӯш шуданд. Аз пешонаи ӯ арақи хунук ба шоридан сар кард. Ҳамшира оҳиста-оҳиста онро пок карду:

— Шуморо монда кардам, хоб кунед,— гуфт.

— Не, баръакс, маро дилшод кардед,— гуфт ӯ ва боз ба сухан даромад:

...Онон аз ин пеш ҳам як бор ба ман ҳуҷум карда буданд. Вале он дафъа ҳам ба муродашон нарасида буданд...

Дар сари роҳи ман, аз идораи колхоз то хонаам, дар лаби ҷӯй ғайр аз дарахтони дигар, як бех дарахти сада ҳам ҳаст. Ин дарахт бисьёр калон ва босалобат аст. Дар тобистон аз қабатҳои он заррае нури офтоб намегузарад. Дар шабҳои маҳтоб зери он гӯр барин торик аст.

Шабе, баъд аз маҷлиси партиявӣ, дар идора нишаста хеле кор кардам. Шаб аз нисф гузашта буд. Қишлоқ дар хоб буд. Гоҳ аз дур, гоҳ аз наздик сагон аккас мекарданд. Дигар ҳеҷ садое хомӯшии шабро вайрон намекард. Дар идора маро хоб пахш кард. Хамьёзакашон ҷомаамро ба кифтам гирифтаму ба кӯча баромадам ва рост ба тарафи хонаам роҳ сар кардам.

Торикшаб буд. Ман аз торикӣ наметарсидам. Ба ҳамон садаи калон қариб дусад қадам монда буд, ки саг барин як чизи чорпо аз таги сада баромада ба тангкӯчае, ки дар рӯ ба рӯи он буд, даромада пиҳон шуд. Дилам ҳаросид. Бо вуҷуди он «саг будагист-дия» гуфтаму ба худ тасалло додам. Ба ҳар ҳол аз кисаам «наган»-ро бароварда тайёр шудам ва ба роҳам рафтан гирифтам. Чанде ки ба сада наздиктар мешудам, ҳамон қадар зиёдтар дилам метапид. Ба сада наздики понздаҳ-бист қадам монда буд, ки дар зери он шабаҳи ду касе ба назарам намуд. Ва аз тангкӯча ҳам ғибир-ғибири садоҳо шунида шуд. Бо садои баланд:

— Кист он? — гуфтам ва аз «наган» як тир холӣ кардам. Ба ҷои ҷавоб садои баланди дашном баромад. Ва аз ҳар ду тараф чор кас баромада пеши роҳамро гирифтанд.

Дигар фурсатро аз даст додан мумкин набуд. Ба ақибнишиниӣ сар кардам. Ман дам ба дам тирхоликунон давида то ба идораи колхоз расидам. Онҳо маро пеш карданд. Вайҳо низ гоҳ-гоҳе тир холӣ мекарданд...

— Ин гапҳоро дигар нагӯед, дилам ба бозӣ кардан сар кард,— гуфт ҳамшира.—Шумо дар меҳмонхона даст мешустам гуфтед?

— Не, ман ба шумо гуфтам-ку, ин воқеа аз ин тахминан ду ҳафта пеш рӯй дода буд.

— Ҳа, ин тавр гӯед. Хаёлам ба куҷоҳо рафт. Чаро ба меҳмонхонаи душманон рафтед?

— Душманро шинохтан бисьёр душвор будааст. Ҳар қадар тоза кунед ва чинед ҳам, ин лаънатӣ курмаки биринҷ барин якто-нимто мемондааст... Набошад, ҳамон одаме ки ман ба меҳмонхонааш рафтам, ба назарам, хеле одами дуруст буд. Дар колхозамон чанд сол боз завхозӣ мекард. Дар ҳар кор ба ман ёрӣ медод. Ҳатто сирри баъзе кулакҳоро худи ӯ фош карда буд. Ман чӣ донам? Канӣ, шумо гап занед, маро аз куҷо ёфта оварданд?

— Субҳи барвақт як деҳқон омада хабар дод. Доктор набуд. Мо зуд равона шудем. Шуморо дар як боғ, дар даруни халтае ёфтем. Мо равем, ки деҳқонон даҳани халтаро кушодаанд. Мо ҳам бо ҳамон халта шуморо ба ин ҷо овардем. Аз ҳамон вақт шуморо дар ин ҷо ҳама «одами халтагӣ» меноманд,— гуфт ҳамшира.

Ҳар ду хандиданд, завқ карданд.

1935

ВОХЎРӢ

Марди миёнақад, саҳл ғўлӣ, чўтур, кулўтариш, дар танаш ҷоман тики рах-рахи ниҳоят чиркин, дар сараш салла аргувонранги каррабастагӣ ва як нафар ҷавони хушрўй, ки синни он аз понздаҳ-шонздаҳ зиёд нест, ҳамроҳи як гурўҳ деҳқонони қишлоқ дар хонаи ревком ҳозир шуданд. Марди чўтур ба остона қадам мондан замон ҷиҳаки даҳанашро дарронида, ба ҷои салом:— Мо шинохтем,— гуфт.

Раиси ревком аз болои коғазтеппа сарашро бардошта, ин «тантана»-ро аз назар гузаронида буд, ки боз ҳамон марди чўтур ба ҳамон ҳолат:

— Мо ҳам ҳукуматро шинохтем,— гўёи гапашро такрор намуд.

Вакили қишлоқ Раҷаби дароз худ ба худ «ҳа, ниҳо ҳам шинохтанд» гуфту қоҳ-қоҳ зада хандид. Раис киноя ўро нафаҳмид. Аксарияти деҳқонон ба хандан вакил ҳамроҳ шуданд.

Вақти говгум буд. Деҳқонон аз саҳроҳо бармегаштанд. Касе бе пурсиш аз чойхонаи дар рў ба рўи ревкомхона будагӣ як чойник чойро оварда, ба пеши деҳқоне монд. «Меҳмонон» ба деҳқонон нигоҳ карда, табассум мекарданд.

Деҳқоне чойро бо як пиёла аз рўи «қоида» мекашид. Раис як гурўша қандро ба даҳонаш андохт, пиёларо ба лабаш бурда, чои гармро пуф кард ва як қулт нўшид. Пас сўи «меҳмонон» назар карда:

— Хўш, канӣ гап занед, шумо кистед? — савол дод.

— Ман яке аз йигитҳои қўрбошӣ. Ин укаи ман аст,— гуфт ҳамон марди чўтур. Чашмонаш бозӣ мекарданд.

— Чӣ ном доред?

— Солеҳ.

— Солеҳ-понсад шумо-мӣ?

— Не, фақат бачагон ҳамин тавр меномиданд. Ман понсад набудам.— Бари ҷомаашро ба зери пояш дуруст карда монда, худи «ҳа, бале» гуфтагӣ барин як хам шуда гирифт.

Подабони қишлоқ Муродалии ланг, ки як қабза угро барин ришҳои сафедаш рӯи синааш чошупош буд, сараш хам, ба суол ва ҷавобҳо бо диққат гӯш меандохт, оҳиста каллаашро бардошту ба Солеҳ-понсад нигоҳ карда:

— Чӣ дурӯғ мегӯй? Айб аст. Понсадии туро кӯдакони гаҳворагии мо ҳам медонанд.— «Меҳмони» дуввӯмро нишон дода: — ин укаи ту нест! Ин бериши ту не-мӣ? Ин аз қишлоқи Сангар бачаи як беван камбағал не-мӣ? Омада ҳукуматро шинохтед, дигар ҳукуматро фиреб надиҳед! — гуфт.

Ба ин гапҳои гӯлонаи подабони мӯйсафед Раҷаби дароз боз қоҳ-қоҳ зада хандида:

— Эй, бобо, ту авлиёӣ, магар ҳамин кас ҳам омада ҳукуматро мешиносад? — гуфт. Подабон монанди одами аз кардааш пушаймон хӯрдагӣ:

— Ман чӣ донам...— гуфт.

Раис, ки ба ин гапҳо бо диққат гӯш меандохт, ба вакил муроҷиат намуд:

— Хӯш, худаш чӣ гап? — гуфта суол дод.

Вакил ҳам дар навбати худ чӣ навъ дар Санглох дастаи калтакдорон инҳоро аз қабати ҷангалҳо пайдо намуда, дастгир кардаанд, як ба як нақл намуд.

Раис рӯяшро сӯи «меҳмонон» гардонида:

— Понсад, яроқатон каний? — гуфта пурсид.

Ҳангоме ки раис ин суолро дод, ҳамагӣ ҷим шуданд. Понсад аз гули намад чашмашро намеканд. Ҳамроҳи ӯ ҷавон оҳиста-оҳиста ашконашро пок мекард.

— Шумо «ҳукуматро шинохтем», гуфтед, чаро дурӯғ гуфтед?

Понсад сарашро бардошта, чанд сония ба раис синча карда истод. Баъд:

— Дина дар Санглох бо аскарони ҳукумат ҷанги калон шуд, аз мо одами бисьёре мурд. Касе, ки зинда монд, ба ҳар тараф пароканда шуда рафт. Баъд аз ин ман на аз аспам, на аз яроқам, на аз кӯрбошиам дарак надорам...— Вай гапашро тамом накард. Аз дар даромадани шахсе хавоси ӯро парешон намуд ва дами ӯро ба дарун ғалтонд.

Давлат дар китфаш «карабин», дар дасташ тозиёна, дар гарданаш сумкаи саҳрои ҳарбӣ овехтагӣ, баъд аз салом ба пеши раис як қабза пакет ва дигар хел коғазҳоро монд ва нишастагонро бо чашми ҳайрат аз назар гузаронд. Ба Солеҳ-понсад синчакунон:

— Ҳа, понсад, шумо ҳам ҳукуматро шинохтед-мӣ? «Марҳамат»,— заҳрханда кард.

Понсад ҷавоб нагардонд. Ранги рӯяш ба мисли коғаз парид.

— Ҳа, Давлат, шинохтӣ-мӣ? — гуфт раис.

— Ҳа, кушандаи писараки чаҳорсолаам ҳамин касай,— гуфт ба чавобаш Давлат.

Хомӯшӣ ҳукмфармо гардид. Давлат ва понсад нишони чашми мардум гардиданд. Баъд аз анча фурсат Давлат, худи одами нав забон баровардагӣ барин, сӯи раис нигоҳ карда:

— Рафиқ раис, дар он вақт шумо набудед. Аз ин се сол пеш, яъне...— гуфту ҷим шуда, ангуштҳои дасти чапашро якто-якто шумурд, баъд,— яъне дар соли 1923,— гуфта боз ба сухан даромад.— Дар он вақт шумо дар Фарғона рабочик будед. Дар он замон ман фақат пешрави аскарони сурх будам. Айни давррониИ Бойтӯра буд.

Рӯзе ман аз командир ҷавоб гирифта, ба хонаам омада хобидам. Саҳар буд. Дастаҳои Бойтӯра ва Абдулло-бӣ як шуда омада, хонаи маро пахш карданд. Аз ҷои хобам хеста, аз дудкаши хона ба болои бом баромада, ба даруни ҷӯйбори калоне, ки аз пушти хонаам мегузашт, обаш қариб аз гулӯям меомад, худамро ҳаво додам.

Раис чашмонашро аз Давлат наканда, пойҳояшро дароз карда ба оринҷи худ такья намуд.

— Чизе, ки доштам, тала кардаанд, ба хонаам алав сар додаанд,— гуфт Давлат ва дигар гӯё дамаш ба дарунаш афтод. Хомӯш шуд. Пашша пар намезад. Ҳастӣ дар сукунат буд. Солеҳ-понсад бо чашмонаш рӯи палосро шудгор мекард.— Ман аз инҳо имдодталаб набудам ва нестам,— гӯён Давлат боз ба сухан даромад.— Ин чӣ гуна ваҳшоният аст, ҳайронам. Падари мӯйсафеди наваду ҳафтсолаамро қамчинкорӣ карда, ним мурдаву ним зинда намуда, ба як сӯ мондаанд ва дар пеши назари ӯ 18 кас пардаи номуси занамро пора кардаанд. Падарам мегӯяд: «Вақте ки 19-ӯмаш... вай ҷои дод».

Шаб хеле бевақт шуда буд. Деҳқонон ба ин «афсонаҳо», киноятҳои ҳаёт бо диққат гӯш меандохтанд. Чароғи сиёҳи

бобогй мил-милкунон дармегирифт. Бо сиёҳии худ даҳону бинихоро пур мекард.

— Кӯдак, охир кӯдаки бегуноҳ, маъсум! — гӯён хитоб намуда, Давлат дуди чарогро бо дасти росташ бурид.— Дар пеши инҳо «гуноҳро» ман кардаам, ман! Охир ман пешрави аскарони сурх будам. Ду сол боз ман отряд ҳастам, ман, охир,— Солеҳ-понсадро нишон дода,— мана ҳамин кас, бо ҳамин дастҳояш кӯдаки чаҳорсолаамро аз ду пояш гирифта, ду дарронида, як бӯлакашро ба даруни оташи хонаи сӯхта истодагиам, бӯлаки дигарашро ба он сӯи ҷӯйбори калон ҳаво додааст. Мана ҳамин кас...— Давлат дигар гап зада натавонист, сарашро қапиду ба берун баромада рафт.

Раис ба деҳқонбачае, ки дар таги дар даҳанашро кушода рост истода буд:

— Ҳой, Наҷмиддин, бирав, Шоҳмуроди милицияро гӯй, биёяд,— гуфт. Ба вакил нигоҳ карда:— Шумо ҳамроҳи Шоҳмурод ин касро ба туман бурда месупоред.— Ба ҳамроҳи понсад назар карда: — Ту пагоҳирӯз тӯғрӣ ба хонаат, пеши очаат бирав, боз агар босмачӣ шавӣ, ин дафъа туро худам тирборон мекунам,— гуфт.

Он ҷавон дамашро рост карда натавониста гирьяолуд бо дасташ понсадро нишон дода:

— Маро бо зӯрӣ ҳамин кас бурда буд,— гуфт.

Яке аз деҳқонон, ки дар ҳеҷ маҷлисе аз даҳани вай калимае шунида намешуд, чашмонаш пур аз ашк:

— Магар ин босмачиҳо ҳам одаманд?! — гуфт бо хашм.

1935

УМЕДАМ КАЛОН АСТ

Ҳикояти колхоздарони ман ҳам хеле ғалатӣ аст. Лекин шумо ба ҳар гуна андешаҳо наравед. Чунки ман аз ҷумлаи он деҳқононе нестам, ки бегоҳӣ ба колхоз даромадани шуда мерафтанду пагоҳӣ омада «не, ман ба колхоз даромада наметавонам, номамро аз рӯихат кушед» мегуфтанд. Не, ман тамоман одами дигар!

Вақте ки ҳамин колхозҳои мо ташкил мешуданд, шумо дар Хуҷанд будед-мӣ? Агар бошед, бояд ҳамаашро худатон донед. Аз худатон гап наменамонад-ку! Он вақтҳо дар хусуси колхоз дар байни деҳқонон чунон гапҳо мерафт, ки агар ба бел монад, бел ҳам қабул намекард. Лекин мардуми мо ба ин гапҳо бовар мекарданд. Ҳамин халқи мо бисьёр содда-дия. «Шунидан кай бувад монанди дидан» гуфтагӣ барин инҳо ҳар чизро бо чашмашон набинанд, бовар намекунанд.

Чунончи: мегуфтанд, ки: «дар колхоз ҳама одамон аз як дег ош мехӯрдаанд». Хайр, кӯр шавад, ин ҳам дарди бахайр. Ана шумо ба ин гапҳо диққат кунед, овоза паҳн карда буданд, ки: «дар колхоз ҳама марду зан дар як ҷой хоб мекардаанд. Ин зани ту, ин шӯи ман намешудааст. Барои инҳо ҳов ана ҳамун казармаҳои дар Урда аз ҳукумати Некалай мондагӣ барин ва ҳатто аз онҳо ҳам калонтар хонаҳои калон-калон месохтаанд. Ва барои ҳамаашон як қабат кӯрпаи калони таг ва як қабат кӯрпаи калони болопӯш медӯхтаанд...»

Шумо худатон фикр кунед, ҳамин ҳам гап шуд-мӣ? Ба болои 200 — 300 кас ҳам як кӯрпаро пӯшида мешудааст-мӣ? Агар кӯрпа он қадар калон бошад, вайро чӣ тавр меғундоранд? Ҳамин ҳам гап, ҳамин ҳам маза шуд-мӣ, рафиққон, худатон гӯед! Аммо ҳамин деҳқонони мо ба ин

афсонаҳо бовар мекарданд. Ман номашонро ба шумо намегӯям, ҳоло дар байни мо баъзе саркорҳои калон ҳастанд, ки ба ҳамин дурӯғҳо бовар карда, дар аввал ба колхоз надаромада, хеле вақт дудила шуда гашта буданд.

Не, напурсед, ҳар чи ҳам бошад, номашонро намегӯям. Ҳозир вайҳо аз кори кардагиашон худашон ҳам шарм медоранд. Худи ман ҳам вайҳоро бисьёр ҳурмат мекунам. Мабодо шумо боз ба китобатон навишта намонед. Монед, даркор нест.

Дар он вақтҳо гӯё нофи баъзе деҳқонони мо бо нофи хӯҷаинҳоямон баста шудагӣ буд. Ҳеҷ аз онҳо ҷудо намешуданд. Рӯзҳо дар заминҳои ҳамон бойҳо кор карда меомаданду шабҳо ҳамроҳи хӯҷаинҳои худ дар чойхона нишаста чойхӯрӣ мекарданд. Инсоф кунед, дар замонҳои қадим ягон нафар аз ҳамон бойҳо ҳамроҳи чойраккори худ омада дар чойхона чак-чак карда мешиш-мӣ? Ҳеҷ! Ин барон вайҳо ору номус буд. Агар дар кӯча касе аз ҳамун пойлучҳо вохӯрда, онҳоро ҳурмат карда, салом диҳад, ба саломаш алек ҳам намегирифтанд. Рӯяшонро ба сӯи дигар тобонида ба нобенӣ андохта мегузаштанд. Лекин дар замонҳои нав ташкил шудани колхоз онҳо ба чойраккорони худ ширеш барин часпида буданд.

Медонед-мӣ, сабабаш чӣ буд? Дар ҳамон вақтҳо кулаккунӣ бисьёр авҷ буд. Онҳо метарсиданд. Бинобар он аз камбағалон асло ҷудо намешуданд. Ба умеди он, ки онҳо яъне камбағалон «ошноҳои қадирдон»-и худро, яъне вайҳоро шояд мудофиа кунанд.

Хуб замонҳои аҷиб буд-дия. Раиси колхозамон рафиқ Бобокалонов-чӣ, он вақт раиси иттифоқи камбағалон буданд. Он кас қариб ҳар шаб дар чойхонаи калони гузарамон маҷлис мегузарониданд. Ман ҳам баъзе вақтҳо рафта меистодам. Раисамон бисьёр одами якқолгӯй-дия. Ҳар гапро рӯирост гуфтан мегиранд. Асло ба кулакҳо, бойҳо раҳму андеша гуфтагӣ гапҳоро намедонанд. Маҷлисро кушоданӣ шуда ба сари устол мерафтанд ва мегуфтанд, ки: «Ҳозир маҷлисро мекушоем, аз беҳуқуқон ҳар кӣ бошад, аз ин ҷой баромада равад!».

Баъзе беҳуқуқҳо хирагӣ карда шиштан мегирифтанд. Баъд он кас «ҳой фалончӣ» гӯён ҳар як беҳуқуқро ном ба ном ҷеғ зада, аз чойхона бароварда мефиристоданд. Аз ин кори раис димоғи баъзе деҳқонҳои мо месӯхт. Ҳатто худи онҳо аз чойхона баромада мерафтанд. Агар он кас хабардор шуда монанд, номи он деҳқононро гирифта, ҷеғ мезаданд.

«Ҳа, фалончӣ, ба ту чӣ ҷин зад, ё ту ҳам беҳуқуқ шудӣ-мӣ?» мегуфтанд. Он деҳқон шарманда шуда, бо баҳонаи даст ба хоккуӣ берун мебаромаду зуд гашта меомад.

Ҳозир чӣ тавр аст? Ҳо—ҳо—ҳо. Ҳозир чӣ. Ҳар кадоми он беҳуқуқон пес ё махов барин шуда мондаанд, ки ҳамаи колхозчиён аз онҳо ҳазар мекунанд. Ҳоло на танҳо деҳқононӣ калонсол, ҳатто бачаҳои майдаи мо ҳам кӣ будани бойҳо ва кулакҳоро медонанд ва ба онҳо наздик намешаванд.

Ман Ашрафбой ном як бачаи 9-сола дорам. Ин кенҷаи ман аст. Ҳозир дар синфи дуввӯми мактаби ибтидоӣ мехонад. Кадом рӯз аз кӯча як ашӯлаи нав ёд гирифта омадааст, ки мондан гиред. Мана ман ҳозир мегӯям... Эй чӣ буд? Аз ёдам баромадааст... Ҳа, нависед. Даррав нависед, набошад боз аз ёдам мебарояд:

Рафтам ба лаби дарьё,
Дидам ман бойбоборо,
Ҳасрат карда меолиҳд,
Бо сад оҳу вовайло.

Гуфтам, ки мурдашӯед,
Ҳобатон ба об гӯед.
Аз шумо ғайр аз бадӣ,
Чизи дигар нарӯяд.

Зор монад, банди дигараш ба ёдам наёмада истодааст. Вай бандаш аз ин ҳам қизиқтар буд. Ин ашӯлаҳоро мудираи яслиамон раф. Мӯъминова бисьёр нағз медонад. Ин ғазалҳоро ҳамун кас ба бачаҳо ёд медиҳад.

Ефт шуд, ёфт. Каний даррав ба рӯи коғаз бардоред, набошад, ҳозир боз гум мешавад:

Извошҳо қатор-қатор,
Бойпочоҳо бемадор.
Акнун чӣ фонда бахшад,
Оби чашми шашқатор.

Ба қавли Иброҳимҷон-аком пир шудиям-мӣ? Ҳар гап дар хотирам наемонад. Даррав фаромӯш мешавад.

Шумо аз пурсидан намондед, ман ҳам аз ҳикояткунӣ монда нашудам. Кадом якчанд инро ман ба шумо нақл мекунам? Ҳаманӣ инҳоро кай ман ба шумо гуфта адо мекунам?

Не, вай Иброҳимҷон-аком шухӣ мекунанд. Ба гапҳои он кас гӯш накунед. Он кас шавҳари маро гуфта истодаанд. Номи шавҳари ман Баротбой аст. Дар колхози мо

ана ҳамин Иброҳимҷон саркор ва боз ду-се нафар Қобилбой саркор, Мӯъминбой саркор барин ширинкорҳо ҳастанд, ки онҳо шавҳари маро «Баротхон» мегӯянд. Лекин росташро гӯям, ба ин ҳазилҳо аз таҳти дил хафа мешавам. Охир худатон гӯед, дар ҳаққи падари 5 фарзанд ҳамин гапро гуфтан мумкин-мӣ? Боз чигуна фарзанд? Ҳар якеаш шамшод барин, ва дар зӯрӣ ҳам аз «Рустами достон» монданӣ надоранд. Ҳоҳ-ҳоҳ-ҳоҳ. Инҳо бошанд дар ҳаққи падари ин бачаҳо ҳамин тавр тӯҳматҳо мекунанд.

Чунончи, писари калонам Турсунбойро гиред. Вай 26 сол дорад. Деҳқонбачаи бақувват ва кордон аст. Имсол ман, худи ман вайро ҳамроҳи муҳоҷирон ба Вахш фиристодам. Ҳозир вай дар он ҷой дар колхози ба номи Бобокалонов кор мекунад. Вақте ки мерафт, ман ба вай гуфтам, ки: «писарам, шод бош, ки имрӯз хоҳиши партия ва ҳукуматро иҷро намуда, ту ҳам дар қатори колхозчиёни дигар барои обод кардани Вахш рафта истодай. Инро аз ёдат набарор, ки агар дар он ҷой нағз кор накунӣ, ё ки монанди баъзе танбалон аз он ҷой гурехта биёй, ту дигар фарзанди ман нестӣ, дигар на модар дорам, на падар гӯю дар куҷое, ки мехоҳӣ саги дайду барин гаштан гир». Бачаам, «не, буваҷон, парво накун, албатта нағз кор мекунам» гуфт ва маро хурсанд карда рафт.

Андак аз кору бор дастам холӣ шавад, дар зимистонҳо албатта ба Вахш рафта аз кораш ва аҳволаш хабар гирифта меоям.

Раиси калонамон ҳар боре, ки ба шаҳрамон биёянд, ба деҳқонон таъкид карда мегӯянд, ки: «дар ин Хуҷанди танги камзамин чӣ кор мекунед? Ба Вахш равед. Чи қадаре ки мехоҳед, замин ҳаст, об ҳаст. Меҳнат кунед, роҳати зиндагӣ бикунед». Ва дигар гапҳои фоиданокро мегӯянд. Деҳқононе ки мағзи ин гапҳои раисро мефаҳманд, худашон ариза дода, бо хушу хурсандӣ рафта истодаанд.

Аммо дар мо то ҳанӯз деҳқононе ҳастанд, ки чашмашон дуруст кушода нашудааст. Ҳоло ҳам ба ҳар хел игвоҳои бойҳо бовар мекунанд. Дар баҳори ҳамин сол кулакҳо ҳамин тавр овоза паҳн карда буданд, ки: «Вахш як чӯли калони бе сару нӯг, макони газандаҳо будааст. Ҳар як мораш аждаҳо барин, ҳар як каждумаш қариб гурба ва ҳатто саг барин будааст. Агар одамро газад, накушта намемондааст».

Агар дар ҳақиқат ҳамин тавр бошад, чаро ба як нафар ҳам деҳқонони пеш рафтагӣ ин газандаҳо зарар нарасон-

даанд? Аз ҷумлаи деҳқононе ки аз он ҷой ба отпуска омада менстанд, ақаллан як кас ҳам дар ин хусус шикоят намекунад-ку?! Ин, шири сафедро дидаву дониста истода сиёҳ гуфтан аст. Дигар ҳеҷ гап не.

Лекин ҳаминро ҳам гуфтан даркор аст, ки баъзе одамон гурехта меоянд. Инҳо киҳоянд? Одамоне мебошанд, ки дар умри худ дасташонро ғулӯба кунонида каланд назадаанд. Ба қавли котиби парткомамон рафиқ Файзиев инҳо муфтхӯронанд. Ин гуна одамон на дар ин ҷой кор карда метавонанд, на дар он ҷой. Дар ин ҷой ҳам танбалй, коргурезй ва фиребгарй мекунанд, дар он ҷой ҳам.

Агар ман калони ҳукумат мебудам, рост ҳаманро инҳоро ҳай мекардам. Ба куҷо гуфта хаёл мекунед? Рост ба пеши кулакҳо-дия. Кулакҳои моро ба куҷо фиристода буданд. Ба куҷо? Номи ҳамон ҷойро дуруст намедонам. Е гапҳои ман номаъқул-мй?

«Дара задам девор кафид» гуфтагй барин ман як гапро сар мекунаму ба дигараш даромада меравам. Шумо ҳам ҷим меистед. Охир гӯед намешуд-мй, ки хола нӯги гап дар ин ҷой буд. Гӯё ман дар хусуси Баротбой амакатон ва бачагонаш гап мезадам, а?

Ҳа, ана духтарам — Бибихадичаро бинед. Вай ба 23 баромад. Ҳозир соҳиби хонаву дар аст ва як бача ҳам дорад. Е ин ки Дадобойро бинед ки ин 21 сола аст. Рафта ду сол ба аскарй хизмат карда омад. Алҳол дар техникуми хоҷагии қишлоқ мехонад. Ҳозир нимагроном, агрономча шудааст. Ғайр аз вай кенҷаам — Ашрафбой, боз Ҳотамбой 12 сола як писари дигар ҳам дорам, ки ҳоло ин дар синфи чаҳорӯми мактаби ибтидой мехонад.

Мана дидед-мй? Ман ва амакатон ҳамин қадар бачаву кача дорем. Ман маҷбур ҳастам. Чй кор кунам охир. Ҳозир мо дар хона чанд ҷон ҳастем. Бачаҳо майдаанд. Агар калон бошанд ҳам, ман вайҳоро ба ин кор намемондам. Монед, ки хонанд, одам шаванд. Акнун яктааш қариб агроном шуд, албатта мешавад. Мехоҳам, ки дигараш анҷирной (инженер) ва саввӯмаш духтур шавад. Ӯзбекон «Яхши ният, ёрим (ярим) мол» гуфтаанд. Умедам калон аст.

Худи ман чи, аз пагоҳ то бегоҳ банд ҳастам. Ҳеҷ вақти холй надорам, ки рафта кори хонаро кунам. Ана аз барои ҳамин шавҳарам ҳамеша дар хонаанд ва корҳои майда-чуйдаро карда мешинанд. Баъзе мавридҳо мешавад, ки чунончи, дар вақти каланд ё пахтачинй, ба сархорй ҳам дастам намерасад. Дар ин вақтҳо, агар зарур шавад, он

кас хамир карда нон ҳам мепазанд, об гарм карда ҷомашӯй ҳам мекунанд. Зиндагӣ-дия.

Чӣ тур? Шумо ҳам бисьёр ғалатӣ-дия. Худи ман ва шавҳарам мӯямонро бо хизмати дари мардум сафед кардему имрӯз акнун ман хизматгор гирам-мӣ? Не, ин намешавад. Виҷдонам қабул намекунад. Ба ин ҳеҷ розӣ шуда наметавонам.

Охир, худи он кас ҳам ба ин розӣ. Чунки анча солхӯрда шуда мондаанд. Аз ӯҳдаи ҳар чи гуна корҳои сахт намебароянд. Акнун аз кор баромада мондаанд. Ин хизмати дари боён, агар одамизод — дарахт бошад, хушк мекунад, санг бошад, об мекунад.

Имрӯз ҳам сӯҳбатамон хуб қаймоқ баст-мӣ? Ман ба шумо ҳикояти ба колхоз даромаданамро гуфтанӣ будам. Лекин «Деҳ куҷову дарахтон куҷо» гуфтагӣ барин аз куҷо даромад кардаму ба куҷоҳо рафтам.

Хайр, боқимондаашро пагоҳ ба шумо нақл мекунам. Чунки шумо ҳам хело монда шудед. Аммо ҳаминро ба шумо мегӯям, ки вақте ки ба колхоз медаромадам, сурхии сари биниам, бозьёфти бечорагиам як майдон буд халос. Инро ҳам дар вақти ислоҳоти замин шӯрон шаҳар дода буд.

Хайр, саломат бошед.

1935

ҶОДУ

Дирӯз дар кӯчаи Ленин ошнои деринаам Ҷӯра Холдоровро дида мондам. Бисьёр ғамгин буд. Ҳайрон шудам. Ба саволҳои пай дар паи ман хоҳам-нахоҳам ҷавоб дода:

— Ман ба арзу дод омадам,— гуфт.

Худаш чӣ гап? Ошноям чӣ арзу дод дошта бошад? Ин одамро ман нағз медонистам, ки аз кӯчаи ҷанҷол ва аризабозӣ фарсахҳо мегурехт. Ин гапҳои вай маро дар ҳайрат мононд.

Шумо медонед, ки ман шахси бисьёр кунҷковам. Агар ҳар як гапро аз бехаш дониста нагирам, наметонам ва дилам ҳам қарор намегирад.

Ошноямро ба ҳолаш намондам. Чӣ шуд? Чӣ монд? — гӯён ба ҷонаш сер кардам. Ҳатто ба мусибати то ҳанӯз ба ман номаълуми ӯ ҳамдардии худро изҳор намудам.

Ниҳоят розӣ шуд. Ҳар дуямон ба чойхонаи таки чинор рафтем. Дар зери сояи дарахт, як чойник чойро эрмак намуда, хеле чақ-чақ кардем.

— Агар ҳамин корро то ба охираш нарасонам, наметонам! — гӯён вай ба ҳикоят кардани мусибати худ сар кард. Ман бо диққат гӯш андохтам.

— Ту хабар надорӣ, ман одами бисьёр калон шуда будам,— гӯён ошноям як оҳи дуру дарозе кашиду: — ҳар бахтеро як заволе будааст-дия,— гуфт ва ба хаёлам вай аз гиристан базӯр худдори мекард. Ба ин ҳоли ӯ раҳмам омад. Тоб оварда натавониста:

— Зуд гап зан, чӣ шуд? — гӯён фарьёд кардам.

Лекин вай саросема нашуда, бо ҳамон вазъияти андӯҳгинӣ:

— Дар зимистони ҳамин сол маро ба раисии колхозамон интихоб намуданд. Рости гапро ба ту гӯям, ба ин

кор бисьёр орзуманд будам. Лекин ҳеҷ умед надоштам. Айни муддао шуд. Аммо дар аввали кор анча хўсидам.

Ин муқаддимаи дўру дарози ошноям ҷонамро ба ҳалқам овард. Аммо чорае надоштам. «Гўш ба қимор шуда» шиштан гирифтам. Вай гапро бо оҳистагӣ давом намуд:

— Дар аввал корамон бисьёр нағз буд. Плани кишту корро дар вақташ иҷро кардем. Ғўзаҳо нағз сабзиданд. Лекин дар охир кор пес шуд. Акнун маро мардум «кали Ҷўра» нагуфта, «Ҷўрабой саркор» ва ҳатто «раис» мегуфтагӣ шуда буданд. Занам ҳам ба қатори ояҳои қишлоқ гузашта, пешгоҳи тўй ва маъракаи мардумро обод мекардагӣ, дуппа-дуруст зани баобрў шуда буд... Якбора кор песу махов шуда ба бахтамон завол омад.

— Чӣ тавр пес шуд? — гуфтам бо бесабрӣ ва бо ҳамин ўро водор карданӣ будам, ки то шаф-шаф гуфтана шафтоду гўяд. Вай андак саросема шуда:

— Ҳама корро додарзодаам Аҳмади шум махов кард. Ман намедонам, вай ду сол дар сафи аскарӣ хизмат карда ин қадар маҳмадоно шуда омада бошад! — гуфт ва таб бароварда, якбора суп-сурх шуда монд.

Ман дигар гап назада истодам, нахостам, ки «ба болои сўхта намакоб пошам». Вай оҳиста-оҳиста ба худ омада, боз ба гап сар кард:

— Медони-мӣ, ман дар вақти каланди дуйўм табгир шуда хобида мондам. Аз хона баромада натавонистам. Дар вақти каланди сейўм ҳам касал будам. Якбора ба ғўза ҳиом афтодааст. Падарлаънати кирмҳо инсоф накарда, баргҳои маҳини онро хўрдан гирифтаанд... Баъд аз раис шуданам занам маро бисьёр дўст медоштагӣ шуд. Вай метарсид, ки ман ба болои вай ягонта духтари хушрўйро ба занӣ нагирам. Росташро гўям, ниятам ҳам ҳамин буд. Вай фақат: «раис», «раисҷон»-гўй карда, ошиқи чароғ барин дар гирди сарам чарх мезад. Намедонист, ки чӣ навъ дили маро ба худ ром кунад. Мана кор аз ҳамин ҷо сар шуд. Рўзе як муллобашара мўйсафедро оварду куфу суф кунонд ва безгакамро бандонд. Ресмони ба гарданам овехтан он мулло ҳам ёрӣ надод. Гоҳ рўзе як бор, гоҳ рўзе ду бор боз табу ларз гирифтан гирифт.

Ман қариб қоҳ-қоҳ зада хандида будам. Ба азоб худро дошта гирифтам. Ошноям аз ин вазъияти ман бехабар буд, боз ба гуфтани афсонаи худ давом кард:

— Рўзе ман хабар надоштам, занам ба фолбин рафта, фол нишон додааст. Вай падарлаънат ҳам — «ҷоду дорад»

гуфтааст. Як вақте ҷодуковро овард. Ҷодуков кордашро ба ҳар кунҷи хона хаста, бӯй карда-бӯй карда, аз ҷои сандалӣ аз даруни оташдон ва аз гӯшаҳои дигари хона ҷодуҳои бисьёре ёфт. Ман бисьёр хурсанд шудам.

Худат медонӣ, ки идораи колхози мо дар пеши ҳавлии ман, дар хонаи Содиқбои кулак мебошад. Ба идораи колхоз ҳам имо карда: «дар он ҷой ҳам ҷоду ҳаст» гуфт. Ман ҳам гап назадаму як асоро ба даст гирифтам ва ба ҷодуков роҳ сар карда ӯро ба идора бурдам. Дар идора муовинам, котиб, ҳисобчиамон — тоторбача ва чанд нафар колхозчиён буданд. Омадани ман онҳоро хурсанд кунад ҳам, аммо ба ин кори ман ҳайрон шуда, тамошо карда истоданд.

Ҷодуков ба кораш сар кард. Дар ҳамин вақт якбора раиси совети шаҳрамон худи рафиқ Шарифов ва як нафар марди бадҳайбати ба ман ношинос, бо автомобиль омада, ба идора даромада монданд. Бо ман вохӯрдии гарм ва пурсу посҳои зиёд карданд. Ногаҳон чашми ҳамон одами ношинос ба ҷодуков афтод. Вай падарлаънат дами кордашро бӯй карда, як куҷаки идораро мекофт.

— Ҳа, ин зан чӣ кор карда истодааст? — гуфт.

— Ҷоду кофта истодааст, фолбинҳо «ҷоду ҳаст» мегӯянд...— гуфтам ман.

Меҳмонон ба ҳамдигар нигоҳ карда гирифтанд. Дар ҳамин вақт ҳамон додарзодаам-чӣ, ту мешиносӣ-а? Аҳмади падарлаънат омада монд. Ин корро дида бо қоҳ-қоҳи баланд хандид. Вай лаънатиро ман «одам шавад» гӯён ба бригадирӣ таъин карда будам. Ана дидӣ, одамон ҳеҷ вақт ба некӣ некӣ намекунанд. Баъд худи рафиқ Шарифов бо мулоиматӣ пурсиданд, ки:

— Ин барои чӣ даркор будааст?

Ман ҳеҷ гумон накарда будам, ки ин кори бад бошад. Касалиамро баён кардам ва дигар гапҳои фолбинро ҳам, ҳеҷ дурӯғ қатӣ накарда, гуфтам; фолбин гуфтааст, ки: «раис, якто гӯсфанди колхозро кушта, оши худой диҳанд. Худашон ҳам дуруст шуда мераванд ва ғӯзаашон ҳам аз балои кирм ва дигар офатҳо халос мешавад». Худат гӯй, охир ман дар умрам ғайр аз ҳамон қишлоқамон ҷои дигарро надида бошам ва ғайр аз каланд ва амоч дигар чизро надонам, ҳамин тавр корҳои нағз ё гандаро аз куҷо медонам! Ин корҳоро коммунистон ва комсомолон нағз медонистаанд. Охир худат медонӣ, ки дар қишлоқи мо ғайр аз ҳамон Аҳмади шумча дигар на коммунист ҳаст ва на комсомол. Вай ҳам ба наздикӣ омада буд...

Ошноям Ҷӯра Холдоров гапҳояшро тамом накарда ҳариб гирья карда фиристод.

— Майлаш, хафа нашав,— гуфтаму ман ӯро андак тасаллӣ додам. Лекин, вай боз:

— Медонӣ-мӣ? — гӯён ба гап давом кард: — баъд аз ду рӯзи ин воқеа маҷлиси умумии колхоз шуд. Маро ҳам чеҳ зада бурданд. Ту бовар кун, ҳамон Аҳмад, ки ман аз ин қадар маҳмадоно шудани вай ҳеҷ хабар надоштам ва ҳар боре ба идора омада ғидӣ-ғидӣ кунад, «рав, ту ҳоло ёш ҳастӣ, кори деҳқониро намедонӣ» гӯён беобрӯ карда мефиристодам, қариб ду соат аз хусуси фолбин, мулло, ҷоду, дигар ва дигар гӯру гӯристон маърӯзан дуру дароз кард. Маро чунон хушрӯ карда зад, ки дар ҳамон вақт як ҳанбару ду ҳаммол даркор шуд, ки маро то ба хонаам расонанд. Ғайр аз он, чанд нафар бригадирҳоям, саркорҳо ва дигар деҳқонбачаҳо ҳам маро ҷудо боб карда заданд. Ниҳо аз кучо ин қадар гапдон шуда омадаанд, худам ҳам ҳайронам. Ҳай-ҳай нагӯям, қариб ки каландкунии пахта суст — гӯён ба пайдо шудани кирми падарлаънат ҳам маро гунаҳкор кунанд. Дар охир бо чапакзаниҳои баланд ва дуру дароз маро аз раисӣ бекор карданд...

Мусибати ҳамқишлоқам ба ман тамоман равшан гардид. Ба худ тасаввур карда наметавонистам, ки барои чӣ ӯ бо ин масъала ба арзу дод омада бошад?

— Барои чӣ арзу дод мекунӣ? — гуфта пурсидам.

— Ба раиси ҳукуматамон ариза медиҳам. То ҷавоз ҳамон Аҳмади шумчаро надиҳам, намемонам. Фаҳмидӣ-мӣ? Вай аз падар майда монда буд. Ман вайро калон кардам. Охир, дидӣ, ана ба ман чӣ гуна бадиҳо кард?

Ошноям бисёр оташин буд. Ҳозир ҳақ будани Аҳмадро ба вай фаҳмондан ҳеҷ мумкин набуд. Чунки ба гӯши ӯ ҳеҷ гап намедаромад. Чӣ қадар заҳмати ман ба ҳаво мерафт. Бинобар ин насиҳатгӯиро то бегоҳ монда, ӯро ба ҳавлӣ даъват намудам, ки ба вай масъаларо бифаҳмонам ва ин бадандеширо аз ӯ дур созам.

Ин воқеа ба назарам бисёр аҷиб намуд. Бинобар ин ман онро ҳеҷ дарозу кӯтоҳ накарда, ба рӯи коғаз бардоштам. Фақат ба ҷои «я — я» — «ро — ро» навиштам ва «шаҳр шӯро» барин калимаҳоро ислоҳ намуда «совети шаҳр» гӯён қайд намудам.

1935

РАШК

Занро Саодат ном буд, шавҳарро Солеҳ. Ҳар ду дар як ҷо, дар мактаби миёна муаллимӣ мекарданд. Зан дарсҳои табиатшиносӣ медод, шавҳар — география. Зан — фараҳманд, хушҳол, хушчақчақ,— гули ҳамешабаҳор буд, бахори умрашро хушу хурсанд мегузаронд. Ба комьёбиҳояш завқ мекард, нокомиҳояшро писанд намекард.

Мард акси ӯ буд. Ғами ниҳонӣ мехӯрд. Мудом рӯҳаш пажмурда буд. Азоби виҷдонӣ мекашид. Рози дилашро ба касе намегуфт. Ҳаман ин бесабаб набуд. Вай ғами шарикаш Саодатро мехӯрд. Гӯё занаш ба дигаре дил дода буд. Гӯё Саодат дар ҳар қадами худ ба ӯ хиёнат мекард.

Зан ҳам инро ҳис мекард. Ба ин ҳоли шавҳараш аз таҳи дил механдид. Лекин аз ин хусус даҳан намекушод. Бе гап сабаби инро ҷустуҷӯ менамуд. Барои ин ки рози нихонии шавҳарашро ошкор намояд, қасдан вай бештар на бештар озодона рафтор менамуд. Дар ҳар маврид ғаши шавҳарашро меовард.

Дирӯз гирех қариб кушода шуда буд. Дар вақти танаффус зану шӯй ҳамроҳи чанд нафар муаллимони дигар дар муаллимхонаи мактаб чойнӯшӣ мекарданд. Муаллими физика, ҷавони хушрӯе, дар хусуси кадом масъалае бо Саодат баҳс менамуд, дид, ки стакани Саодат холӣ аст, дарҳол бо иҷозаташ аз буфет як стакани дигар чой оварда, ба пеши ӯ гузошт. Шакари коғазпечашро ба рӯи стол нагузошта, ризомандии ӯро пурсид, то ки ба чояш резад.

Солеҳ ин кирдори муаллими физика ва рафтори занашро бо қирраи чашмаш таъқиб менамуд. Лекин даҳан боз накард. Ранги рӯяш андаке парид. Тамоми аъзои баданаш ба ларза даромад. Ҳанӯз зангӯларо назада, аз муаллимхона баромада рафт. Ин ҳам гузашт. Шавҳар ин дафъа

ҳам, дандон ба дандон монда, гап назад. Лекин воқеае ки дишаб рӯй дод, як алами шавҳарро сад намуд ва муносибати ҳар дуяшонро хеле тунду тез кард.

Дар театр «Маликаи Турандот» монда мешуд. Зану шӯй ба мукофоти меҳнати чандҳафтагии худ даст аз зери дасти ҳамдигар гузаронида, роҳравон қадам шумурда, ба тамошо омаданд. Бадбахтона ҳамон муаллими физика ҳам ба театр омада буд. Дар вақти танаффус онҳо ба ҳамон муаллими хушрӯй ва боз як нафар муаллими айнакдор вохӯрданд.

Дар буфет, дар сари шишаҳои лимонад ва қатори стаканҳои чой бозори гап авҷ гирифт. Сухан дар бораи дарс ва корҳои мактаб мерафт. Муаллими айнакдор аз методи баъзе ҳамкасбҳои ғоибаш, аз «рафторҳои номуносиб»-и мудири илмӣ бадгӯй мекард. Дар ин асно вай бемалол «пашшаро шутур карда» нишон медод.

Ин ғайбату иғвогарӣ дар ҳаққи муаллимони ғоиб ба дили Саодат зад. Як-ду бор ба шавҳараш имову ишора кард, ки аз ҷояш хезад. Вале вай ҳар боре каллаашро ҷунбонида, ишораи «хуб»-ро мефаҳмонаду аммо аз ҷояш намеҷунбид. Ниҳоят, Саодат ба ҳамон муаллими физика рӯ оварда, хоҳиш намуд, ки ҳамроҳаш дар фойе давр занад. Ӯ ҳам дарҳол розӣ шуд. Саодат аз шавҳараш иҷозат гирифт. Солеҳ низ дилу бедилон «хайр» гуфту рӯяшро турш намуда дар ҷояш нишастан гирифт. Аз паси ҷуфт-ҷуфт занон ва мардоне ки бо саргармии сӯҳбат қадампартой карда дам мегирифтанд, инҳо ҳам ба гардиш ва чақ-чақ сар карданд.

Ҳангоме ки баъд аз сигнали дуйӯм Саодат аз паси одамон ба зал даромад, Солеҳро дар ҷояш надид. Ин гуна кирдори ӯ Саодатро хеле ошуфта карда бошад ҳам, лекин «каллаи кафида бояд дар зери каллапӯш бимонад» гуфтагӣ барин вай сирраширо бой надод, ба назар вазъияташ тағйир наёфт. Пас аз тамом шудани тамошо аз ҳамон муаллими физика хоҳиш намуд, ки ӯро ба хонааш гусел кунад.

Солеҳ ӯро аз остонаи дар бо суханҳои:

— Набиё, ба пеши хушдорат рав! — истиқбол намуд.

Ин пӯписаи ӯро Саодат бо қаҳ-қаҳи баланд пешвоз гирифт. Ин хандаи болохонадор Солеҳро боз оташинтар кард. Гӯё Солеҳ дар ҳаёти худ акнун забон бароварда бошад, ба гап даромад. Суханҳои қабеҳтарини кӯчагӣ бе ҳеҷ гуна андешае ба унвони Саодат гуфта мешуданд. Вай бо ҳамаи

ин ҳам қаноат накарда, дам ба дам Саодатро заданӣ шуда, ба сараш метохт.

Саодат гап намезад. Беором механдид ва бо ҳамин ӯро мағлуб мекард. Инро худи Солеҳ ҳам ҳис менамуд. Дар ниҳоят:

— Хайр, як рӯз зистан, як рӯз мурдан будааст. Агар як чумча хуни туро нахӯрам, ман аз камари падарам нашудаам,— гуфта, Солеҳ давида рафта аз токчаи хона корди ошро гирифт ва ба сари Саодат омад.

Саодат ин ҳолро дида, якбора хомӯш шуд. Хандаи ӯ ба монанди риштаи марҷон канда шуд. Акнун фақат токчаҳои хонаи шифтбаланди нақшин аски садои онро медоданд. Рухсораи гулгуни ӯ боз гулгунтар шуд. Бошиддат:

— Бишин, аҳмақ! — гуфт Саодат. Овозаш меларзид. чашмони снёҳаш монанди оташ медурахшиданд. Худи ҳамин вазъияти ӯ шасти Солеҳро гардонд. Чанд сонияе нагузашта, Солеҳро маҷоле намонд, ки ба ӯ наздик биёяд. Саодат боз: — аҳмақ ту! — гуфт.

Солеҳ карахт шуда монд. Ниҳоят мисли шахси аз шароб сархушгашта калавида-калавида ба сари стол омад ва нишаста, сарашро ба кафи дастонаш ниҳода ба хаёли дуру дарозе ғӯтавар шуд. Саодат оҳиста-оҳиста ба болои сари ӯ омад ва ба гап сар кард:

— Маро ҳеҷ кас бо зӯрӣ ба ту надода буд-ку! Магар фаромӯш кардӣ, ки ман ба гапи падару модарам гӯш накарда, фақат туро гуфта будам?..

Солеҳ хомӯш буд. Ҳар як калимаи Саодат гӯё тире буд, ки ҳеҷ хок нахӯрда рост ба ҳадаф расида меистод.

— Магар маро намешиносӣ? Ман канизи ту нестам. Ман шарики туям... «Бирав, бирав!» мегӯӣ! Оё ман рафта наметавонам? Албатта метавонам... Аммо ҳаминро ҳам аз хотир набарор, ки ман каллапӯш нестам, ки имрӯз дар сари ин мард бошаму пагоҳ дар сари марди дигар!

Солеҳ монанди бачаи озордидаи гирьяолуд базӯр дар машро гирифта:

— Пас ҳамин тавр ки бошад, чаро бо вай, физик, қир-қиқир мекунӣ? — гуфт.

— Ба худо ки ту кӯдак будай,— гуфт Саодат боз асабитар шуда ва суханашро давом дод: — Ман духтарчаи майда нестам. Ман муаллимаи мактаби миёнаам. Маълумоти олӣ дорам.

— Ҳар чӣ ҳам бошад, ту зани ман ҳастӣ!

— Хӯш?!

— Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки...— Ҳанӯз Солеҳ гапашро тамом накарда, Саодат:

— Ту ҳанӯз «алиф»-ро аз «бе» ҷудо карда наметавонистай! Ту ҳаминро нағз дон ва аз хотират набарор, ки хандидан, завқидан — ин хиёнат кардан нест. Хуш, чаро ман нахандам, чаро ман назавқам? Не, Солеҳ, ман дигар ғаму андӯхро ҳамроҳи фаранҷӣ ва шариат, ҳамроҳи чордевор ва канизӣ, ҳамроҳи пайравони инҳо ба гӯр равона кардаам. Дигар ҳаминро фаромӯш накун, ки ман духтари озоди сарзамини озодам!

Солеҳ дигар ба гапҳои Саодат гӯш накарду аз хона баромада рафт.

Вақте ки мисли ҳамешагӣ Саодат пагоҳирӯз барвақт аз ҷояш хест, дар паҳлуяш Солеҳро надид ва аз рӯи стол чунин хатчаеро пайдо намуд:

«Саодат!

Ман рафтам. Дигар бо ту зиндагӣ карда наметавонам. Хайр. Солеҳ».

Баъд аз ду ҳафтаи ин воқеа, масъалаи Солеҳ дар бюрои ячейкаи комсомолон гузошта шуд. Ба ин худи Солеҳ сабаб шуда буд. Вай пас аз ҷудо шудан аз Саодат, чанд рӯз пай дар пай ба дарс наомада, майхӯрӣ карда гашт. Ташкилотҳои мактаб сабаби инро ҷустуҷӯ намуданд ва масъалаи ӯро дар бюро монданд.

Ба саволҳои паси ҳамдигари аъзоҳои бюро Солеҳ:

— Ин қадар ба болои сӯхта намакоб напошед,—гуфт.— Ман аз ташкилотам ҳеҷ сиррамро пинҳон намедорам. Рости гапро гӯям, ман рашк карда будам. Аммо хато кардаам. Ман ҳеҷ гуна хиёнати Саодатро надида, ӯро дуруст насанҷида, рашк бурдаам ва тезӣ ҳам кардаам. Ҳаёти духафтагии бесаодатам, кӣ будани ӯро ба ман шиносонд. Тайёрам, ки аз ӯ узрхоҳӣ кунам.

Маҷлис дигар кашол нашуд.

Пас аз маҷлис Солеҳ ва Саодат монанди пештара хушу хурсанд қаҳ-қаҳзанон хандида рост ба хонаашон равона шуданд. Гӯё миёни ҳар дуи инҳо ҳеҷ воқеае рӯй надода буд.

1935

ҲИКОЯИ УСТОДИ «МИСРИЁН»

I

Аввалҳои марти соли 1932 буд. Колхози «Москва» меҷӯшид. Маҷлиси колхозчиён бо фаъолияти тамом мегузашт. Таклифҳои амалӣ пай ҳамдигар меборидand. Масъалаҳои дар рӯзномаи маҷлис будагӣ зуд-зуд ҳал мешуданд. Бодиформи баҳор мевазид, димоғи аҳли маҷлисро бо бӯйҳои муаттари сабзаҳои навхез пур мекард.

Раис маҷлисро бисьёр ботуда мебурд. Дар идоракунӣ ҳеҷ намелангид. Аммо вақте ки навбат ба масъалаи ҷойгир намудани пахтаи мисрӣ мегузашт, вай худро андак нотавонтар ҳис намуд. Ӯ боварӣ надошт, ки ин масъала ба осонӣ ҳал хоҳад шуд. Вай намедонист, ки дар байни бригадирҳои колхоз чунин довталабе ёфт мешуд, ки вай тамоми вазнинии ин корро ба ӯҳдаи худ хоҳад гирифт. Чун сӯҳбатҳое, ки чанд рӯз боз бо бригадирон ва дигар колхозчиёни пуртаҷриба бурда мешуд ва аз ин кори нав — коштани пахтаи мисрӣ рӯйрост саркашӣ кардани бисьёр бригадирон, дили қавии раис ва аъзоҳои правленияро ба таназзул андохта буд. Ҳар чи ҳам бошад, ба пахтаи нави мисрӣ 8 гектар замини ҳосилхези ҳамвор ҷудо намудан даркор буд. Ин партия металабид, ин ҳукумат металабид.

Раис дар ниҳоя:

— Таклиф ҳаст, ки ҳар як бригада барои озмоиш ин гектарӣ аз ҳамин пахтаи нав бикорад,— гуфт ва масъаларо ба майдони андохта, бо ҳамин гапи худро тамом кард.

Ин масъаларо ҳамчун бузкашӣ ҳар кас ба ҳар тараф мекашид. Аз ҳар калла як садое мебаромад.

— Ин кори намешудагӣ.

— Чаро намешудагӣ? Партия кори намешудагиро таклиф намекунад.

— Ота-бобоят колхоз дошт-мӣ?

—...

Ингуна гаппартоиҳо интиҳо надоштанд. Аксарияти гӯяндагони ин гапҳо бригадирони бригадаҳо буданд. Дар ниҳоят, баромади садри комиссияи тафтиши колхоз — Саидосим Отабекзода, ба якчанд дақиқа бошад ҳам, мардумро ором намуд. Аммо аксарияти аҳли маҷлис онро умедвор набуданд. Раис ва аъзоҳои правления хаёл накарда буданд, ки бо баромади ин шахс масъала беандоза гирех ва чигил хоҳад шуд. Саидосим гап назад, балки ба оташи даргирифта истодагӣ бензин рехт. Тамоми онҳое, ки дониста ва надониста муқобили ҷойдиҳӣ ба ин «меҳмони нав» буданд, ба зери қаноти Саидосим муттаҳид шуданд. Саидосим дод нагуфт, мағал накард оромона:

— Рафиқон! — гӯён ба гап сар кард ва гуфт ки: — ин пахтаи нав — тоҷи сари мо, ба ин меҳмони нав заминҳон хубтари худро медиҳем. Бисьёр хуб аст. Аммо ҳаминро набояд фаромӯш кард, ки мо деҳқонон нодон, бесавод ҳастем. Ҳоло парвариш кардани пахтан мисрӣ дар як сӯ истад, мо чор бех райҳонро дуруст шинонида, парвариш карда наметавонем. Ин дар як.— Нотиқ дар ҳамин нуқта дам гирифт ва ба аҳли маҷлис як назар андохту аҳволи рӯҳияи тарафдоронашро санҷид ва дар мағзи сараш баркашид. Баъд гуфт:

— Баъд ҳаминро ҳам аз хотир набароред, ки Миср бисьёр ҷои гарм ва сероб аст. Хуҷанд, Хуҷанди мо чӣ? Оби серӣ надорад. Хабар доред, ки соли гузашта аз камобӣ нисфи боғу майдонҳоямон хушк шуда рафт. Ғайр аз он назар ба гармӣ Хуҷанди мо ҳеҷ чӣ! Тобистони Хуҷанд — монанди зимистони Миср барин гап аст.— Гапашро тамом карда натавонист. Садоҳои:

— Тӯғрӣ!

— Тарафдори кулак!

— Рост мегӯяд!

— Кулак!

Ӯро маҷбур намуданд, ки аз минбари хитобат фурояд. Маҷлис меҷӯшид ва аз канорҳо дамида мебаромад. Раис беором зангӯларо хеле зада истод ва аз ҳар тараф садоҳои: «ором», «хомӯш!» ба садои зангӯла мадад ҷорӣ намуданд. Бо азоб маҷлис андак ба тартиб даромад.

Аммо, ҳангоме ки раис масъаларо бори дуввӯм кӯндаланг карда ба пеши бригадирон гузошт, ҳеҷ яке аз онон чуққӣ ҳам накарданд. Канӣ, ту чӣ мегӯӣ?» гуфтагӣ барин

ба ҳамдигар нигоҳ мекарданд. Ранс ва аъзоҳои правления ба ин ҳолат ҳайрон буданд. Яке аз фаъолони партиявӣ аҳамияти ин меҳмони навро як ба як баён намуд ва пучигарии гапҳои Саидосимро исбот карда гузашт. Ӯ гуфт:

— Ба мо аз пахта ҳосили бисьёр гирифтан лозим буданашро ҳар як колхозчӣ медонад. Пахтаи мисрӣ як навъ пахта аст, ки ҳосили бисьёр медиҳад. Мо бояд оҳиста-оҳиста тамоман ба киштии пахтаи мисрӣ гузарем, чунки вай ҳам сифаташ нағз, ҳам ҳосили зиёд медиҳад ва ба воситаи он истиқлолияти пахтагии давлати шӯроиро тезтар ба даст овардан мумкин аст. Ин роҳи партия аст. Пахтаи мисриро дар заминҳои Хуҷанд коштан мумкин. Мо бояд бар зидди фикрҳое, ки Саидосим дар ин ҷо гуфт, сахт мубориза кунем.

Дар охир яке аз бригадирони колхоз — шахси миёнақад, андак гулӣ, гандумгун, гӯсфандчашм, ки онро Тоҷибой, падарашро Файзибой ном аст, оҳиста аз ҷояш хесту ба ранс суол дод:

— Ҳамааш чанд гектар?

— Ҳашт гектар,— гуфт ба ҷавобаш ранс.

— Норман бригадаи мо чӣ қадар аст? — пурсид боз Тоҷибой саркор.

— Ба ҳар бригада як гектарӣ,— ҷавоб дод ранс.

— Дигар бригадҳо намегирифтагӣ барин, онҳо тарсида, қалавида истодаанд, майлаш ҳаман ҳашт гектарро ба бригадаи мо диҳед. Мо мекорем! — гуфт саркор.

Ба ғайр аз чанд нафар аъзоҳои бригадаи Тоҷибой саркор ва як гурӯҳ одамоне, ки дар гирду атрофи Саидосим буданд, дигар тамоми колхозчиён ин таклифро бо чапакзаниҳои дуру дароз истиқбол намуданд. Ранспо ҳоҷате набуд, ки дигар ин масъаларо ба овоз монад. Гуё ба ҳамин таклиф бори гарон аз гардани бригадаҳои дигар соқит гардид. Ҳангоме ки маҷлис тамом шуд ва ҳамагӣ сӯи хонаҳои худ равон шуданд, дар сари роҳ яке аз аъзоҳои бригадааш ба ӯ:

— Саркор, лекин ноқулай фаромадед-дия, ҳамин шаб,— гуфт.

— Не, ҳеҷ гап не,— гуфт ба ҷавобаш Тоҷибой саркор,— мо ба ҳаман онҳо, ба тамоми Тоҷикистон нишон медиҳем ва исбот мекунем, ки дар заминҳои Хуҷанд пахтаи мисриро коридан мумкин аст. Мо баробари худи мисриён ва ҳатто аз онҳо ҳам зиёдтар ҳосил мегирем.

II

Меҳмони нав бисьёр иҷиқ ва серноз буд. Инро он чи мебоист Тоҷибой саркор намедонист. Аммо ӯ худ ба худ қатъ карда буд, ки «ҳамин корро ба ӯҳдан худ гирифтам, ба охираш мерасонам». Аъзоҳои бригадаи ӯ — ҳар кас ба ҳар фикре буд. Лекин ҳеҷ кас норизоии худро изҳор намекард. Қавле ки садрашон ба маҷлис дода буд, барои онон ҳукм буд.

Рӯзҳо паи ҳамдигар мегузаштанд. Ҳар як рӯз, ҳар як соат, ҳар як дақиқа қимат буд. Агроном таъкид карда буд, ки пахтаи мисриро барвақт коридан зарур аст. Саркор инро ҳеҷ фаромӯш карда наметавонист. Ин гапҳои агроном аз майнаи ӯ ҳеҷ дур намешуданд. Гӯё ин суханҳои агроном калиди якӯмини он ганҷинаи сахт ва бузурге буд, ки Тоҷибой саркор кушодани онро ба ӯҳдан худ гирифта буд.

Правлениян колхоз ба ташкилотҳои райони низ ёрмандии худро дареғ надоштанд. Тамоми чизҳое, ки барои ҷойгиршавӣ ва инкишофи ин меҳмони нав зарур буданд, дар вақташ ба бригадаи Тоҷибой саркор тақдим карда шуданд. Дар 11-ӯми март, Тоҷибой саркор бо ҳамон қадампартоии вазнинонаи худ, аз дари идораи колхоз даромада омад. Дар ин рӯзҳо мумкин аст гуфт, ки нисфи умри саркор дар саҳро мегузашт. Як-ду нафар аъзоҳои бригадаи ӯ байни саҳроҳо ва идора тана монда буданд. Ба ин омади Тоҷибой саркор идорачиён он қадар аҳамият надоданд. «Эҳтимол, боз ягон чиз даркор будагист» гуфтанду ба кори худ машғул шуданд. Чеҳраи хандон, лабҳои пуртабассуми ин саркорро, ки агар лозим набошад, вай дар як рӯз як калима ҳам гап намегӯяд, ҳеҷ кас ҳис накард. Саркор оҳиста ба пеши котиби ячейка рафту:

— Корида шудем,— гуфт. Ин рапорти якӯми ӯ буд. Аксарияти касоне, ки дар идора буданд, ба ин рапорти соддаи саркор ботинан писханд заданд. Онон ҳам аз як ҷиҳат ҳақ буданд, зеро ки барои Тоҷибой саркор барин касоне, ки чашм кушода пахтаро дидаанд ва дар пахтазорҳо мӯи сиёҳи худро сафед кардаанд, ба замин партофтани як каф тухм ҳеҷ гап набуд.

Котиби ячейка хушнудии саркорро ҳис намуд. Ӯ хурсандии худро баён кард.

Рӯзҳо мегузаштанд. Ҷӯшноши кор наздик мерасид. «Мисриён»-и зери парник гили заминро сӯрох карда паси ҳамдигар сар мебароварданд ва аз қабати ойнаҳои парник бо

офтоби мавсими баҳор мулоқот мекарданд. Гӯё ин қатори парникҳо — қатори гаҳвораҳои кӯдакон буданд ва Тоҷибой саркор мураббии онон буд. Вай на шаб ва на рӯз аз гирду атрофи онон дур намешуд. Ба баромад, сабзиш ва инкишофи онон диққат мекард ва дар қиёфати онон навигариҳоеро, ки дар тухми амрикой надида буд, медид ва ин навигариҳоро бо таҷрибаи сисолаи худ андоза менамуд, чену баркаш мекард. Гоҳ-гоҳе дар сари ин қатори гаҳвораҳо соатҳо менишаст, ба истиқболи ин «фарзандони» азизи худ бовариҳои бепоён ҳосил менамуд ва худ ба худ завқ мекард. Ӯ ба ғалабаи худ боварӣ дошт. Ба таҷрибаи чаҳор як асрии худ такья менамуд. Бо дили шод ва бо рӯҳи фараҳманд аз сари қатори ин парник дур мешуд ва ба корҳои дигар машғул мегардид.

Вақти кӯчаткунӣ ҳам расид. Ба ҳар гектар 60 ҳазор бехӣ, ба 8 гектар 480 ҳазор бехи «мисриён»-ро кӯчат кардан зарур буд. Ин саркори камгап, дар ин рӯзҳо боз камгаптар шуд. Саркор бо тамоми ҳастии худ ғӯтавари кор буд. Суръат фавқулъодда баланд буд. Темпро ҳеҷ аз даст намедод. Аъзоҳои бригада саркорашонро пайравӣ мекарданд.

Рӯзе аз рӯзҳо, дар айни серкорӣ, авҷи кӯчаткунӣ Тоҷибой саркор боз ба идораи колхоз омад. Ин дафъа касони дар идора будагӣ ҳайрон буданд. Дар айни табу тези кор ба идора омадани саркор ҳамаро дар тааҷҷуб мононида буд. Ин маротиба вай табассум ҳам намекард. Хавосаш парешон буд. Аз дидораш маълум буд, ки майнаи ӯ бо чӣ хаёл банд аст.

— Кӯчаткунӣ тамом шуд-мӣ? — касе ба ӯ суол дод.

— Не,— гуфту рост ба пеши котиби ячейка рафт. Ҳатто кӣ будани суолдиҳандаро ҳам надониста монд. Раис ҳам дар назди котиб нишаста буд.

— Ман як озмоиш карданиам — гуфт ба ҳар дуи онон саркор. Онҳо мақсади саркорро дарҳол нафаҳмиданд.

— Чӣ тавр? — гуфтанд ҳар ду ба якборагӣ.

— Як парча замини дам гирифтагӣ дорем, ки як гектар барин. Дар он замин дар солҳои гузашта алаф, харбуза, сабзӣ корида будем. Ман дар ҳамон замин таҷриба карда диданӣ ҳастам, ки ҳамин тухми нав чӣ қадар ҳосил медиҳад.

— Бисьёр хуб мешавад, бисьёр хуб,— гуфтанд ҳар ду якбора,— «барои ин ба шумо чӣ даркор?» барин як қатор суолҳо саркорро гаранг карда монданд.

— Ҳеҷ чӣ даркор не,— гуфт саркор бо вазнинӣ. Онон боз ҳайронтар шуданд. Ба ҳамдигар нигоҳ карда монданд. Чӣ гуфтанашонро надонистанд. Сукутро вайрон намуда, боз худи саркор:

— Ҳамааш тайёр, заминро ду бор шудгор карда мондем, фақат шумо зудтар поруи маъданиро оваронида диҳед, бас аст,— гуфт.

— Хӯш, боз чиҳо кардед? — гуфт котиб.

— Ба он замини ғайр аз поруи маъданӣ 2000 ҷувол барин хок, 500 хар барин қум (рег) андохтанӣ ҳастам. Як қисмашро андохтам. Акнун поруи маъданӣ зудтар оварда шавад, бисьёр хуб мешуд.

Тоҷибой саркор монда шудан чист — намедонист. Ин як гектар замин гӯё чароғ буд, саркор ва аъзоҳои бригадаи ӯ — парвонаи атрофи он буданд. Ин замин гӯё чашми онон буд ва онро аз таҳи дил, бо муҳаббат ва ишқу ҳавас эҳтиёт менамуданд. Расорасии ҳар як бех, сабзиши ҳар як шохи ин дарахтон ҳар яки ононро шод мекард. Зардии ҳар як барг дили ҳар як аъзои бригадаро ба чуқуриҳои ноумедӣ мечӯкконд.

Ин заминро як бор тарош ва шаш бор каланд карданд. Ҳафт бор об монданд. Ҳангоме ки каланд шохи дарахтонро мешикастагӣ шуд, бо даст алафҳои онро канда баромаданд.

Дар тобистон ниҳолчаҳои нимҷони дирӯза, чунон қад монданд ва расорасӣ карданд, ки одамро дар қабатҳои худ бемалол пинҳон мекардагӣ шуданд. Ин ибтидокорӣ ва озмоишкории Тоҷибой саркор айни муддао буд. Пахтаи мисриро озмудани устодони пахтакори Хуҷанд зарур буд. Ин замин саёҳатгоҳи фанӣ шуд. Аз пионерҳои мактаб сар карда, то агрономҳои номӣ ин заминро барои дидан меомаданд ва дар ҳайрат мемонданд. Баъзе аз аъзоёни бригадаи саркор ба ин омаду рафти зиёд таҷанг мешуданд. Ба пахта чашм мерасад гӯён гоҳ-гоҳе ноҳизоии худро баён менамуданд.

Тирамоҳ ҳам расид. Ҳангоми санҷиши охирин шуд. Бригадаи Тоҷибой саркор фақат аз чинаки якӯм ба давлат 140 пуд пахтаи навъи якӯм ва ғоздор тақдим кард. Аз чинакҳои дигараш боз 76 пуди дигар. Ба ин ғалабаи Тоҷибой саркор ҳеҷ кас бовар намекард. Аммо ин факт буд. Ин рекорди ҷаҳонӣ буд. На танҳо дар Осиёи Миёна, ҳатто дар худи Миср ҳам то ҳанӯз ҳеҷ як деҳқони пуртаҷриба аз як гектар 22 центнер пахтаи аъло нагирифтааст. Бино-

бар он мо қаҳрамони ҳикояамон — ҳамон Тоҷибой саркори хоксор, камгап, содиқро устоди мисриён ном додем ва номи ҳикояамонро низ «Ҳикояи устоди «Мисриён» номидем.

Дар зимистони ҳамон сол, дар яке аз маҷлисҳои пурҷӯши колхоз, ки Саидосим ва думу думчаҳои онро колхоз бадарға даргоҳи худ менамуд, ба Тоҷибой саркор, ба таври мукофот як соат доданд.

III

Акнун ду калима аз саргузашти ӯ мешунавед: «Саргузашти қаҳрамони ҳикояамон моҷароҳои печдарпеч, аҷоибот ва ғароиботи каҷу килеб надорад. Агар ба тарзи дигар гӯем, тарҷимаи ҳоли ин шахс, ба саргузашти ҳазорон ҳазор муборизони майдони пахта, ки ҳоло мамлакати мо дорад ва бо роҳбарии партияи большевикон дар роҳи истиқлолияти пахтагии сарзамини мо ҷонбозӣ намуданд ва менамоянд, тамоман монанд аст.

Ҳаёти димгурусна ва нимбараҳнаи чорьяккоронро кӣ намедонад? Нокомиҳои пай дар паеро, ки ҳар яке зодагони ин қабиларо рӯй медод, азоб ва уқубатҳои беандоза ва ғаму ғуссаи фардо бачагонам чӣ мехӯранди ононро кӣ фаромӯш кардааст? Саодат барои мардумони ин қабил намехандид. Хуршеди истиқбол чеҳраи дурахшандаи худро ба онон нишон намедод. Барои онон ҳастӣ — зиндон буд. Рӯзи равшан шаби торик буд.

Падари қаҳрамони ҳикояи мо—фуқарои маҳаллаи Осоавиахим Файзибой саркор низ яке аз ҳамин гуна касон буд. Ӯ тамоми сахтиҳои ҳаётро ба осудагӣ истиқбол намуда, тамоми сад ва мамониатҳои онро бо оромӣ қабул карда, ба қавли одамони кӯҳна, ба «тақдир»-аш тан дода, то охири ҳаёташ дар дари Абулқосимбой ном шахсе чорьяккорӣ карда, бо дили пурдард, бо армон ҳаётро тарк карда буд.

Ҳаёти пеш аз колхозии писари ӯ — Тоҷибой саркор низ аз ҳаёти падараш монданӣ надорад. Мана дар бораи гузаштаи худ ӯ чӣ мегӯяд:

— «Падарамро се нафар фарзанд буд — ду писар ва як духтар. 150 газ барин ҳавлӣ ва як хона доштем. Вақте ки ман ҳам ба падарам ҳамроҳ шуда, ба дари Абулқосимбой ба чорьяккорӣ даромадам, 15—16 сола будам. Дар замини ин бой то замони инқилоб кор кардем. Ин бой чор

гурӯҳ — 20 нафар чорьяккор дошт. Бисьёр мумсик буд. Баъд аз инқилоб ба чорьяккорни Абдураҳмончӯмоқ даромадам. То даври ислоҳоти замин дар дари ӯ кор кардам. Дар ислоҳот ба ман аз ҷои ҳозираи комбинат ду таноб замин расид. Албатта, ин кам буд. Боз дар дари хӯҷаинам чорьяккорӣ ҳам мекардам. Вақте ки ба бинокории комбинат шурӯъ намуданд, ду таноб замини ман ҳам рафт. Ин дафъа боз ба чорьяккории хӯҷаини пештараам Абулқосим даромадам. Худи вай кайҳо мурда рафтагӣ буд. Дар ҳудуди ҳозираи колхози «Большевик» зани ӯ 5 таноб замин дошт. Ин заминро то соли 1931 ташкил шудани ҳамин колхоз ман мекоридам».

Ҳангоме ки навбати гап ба ҳаёти колхозии ӯ гузашт, чеҳраи ӯ кушода шуд. Гӯё ин марди 46-сола аз нав ҷавон шуд ва бо хушнудӣ:

— Дар колхоз соли аввал каланд зада будам — гӯён ба гап сар кард, — се сол боз бригадирам. Ҳар сол рӯзи меҳнати як худи ман аз 500 кам нест. Ҳозир чӣ дорам, чӣ навъ зиндагӣ мекунам аз ҳамин худатон донистан гиред,— гуфт ва аз ҷояш хеста рафтанӣ шуд. Ӯ саросема буд. Вай машғули яхобмонӣ буд. Мо ӯро ҷеғ занонида, чанд соат боз гап занонида вақти қиматашро мегирифтем. Яке аз рафиқони мо:

— Саркор, саросема нашавед, канӣ гап занед, боз чиҳо доред? — гуфт.

— Як боғи калон дорам, инро ба ман колхоз дод. Чор нафар фарзанд дорам, дутааш дар мактаби колхоз мехонад, хатшинос шудаанд.

— Гову гӯсфанд доред?

— Як гови ҷӯшой, як хар, се гӯсфанд дорам, ки аз инҳо дутааш мода, ба наздикӣ мезояд ва панҷ сар мешавад. Дар тирамоҳ як сар гӯсфандамро куштам.

— Гандум?

— Гандум, дон, напурсед. Ба ҳисобаш худам ҳам намеравам,— гуфту аз ҷояш хест.

Мо ҳам ӯро то ҳавлиаш гусел кардем. Дар аснои роҳ, касе аз рафиқонамон:

— Саркор, ҳеҷ мукофот гирифтед-мӣ? — гуфт.

— Ҳа, се соат ва ду мошина доданд,— гуфт саркор.

— Чаро то ҳанӯз инро ба ман нагуфтед,— гуфтам ман табассумкунон:

— Охир шумо напурсидед, ман ҳам гап назадам,— гуфт.

Ҳангоме ки аз ҳавлии саркор бармегаштем, дар назди-кии идораи колхоз як духтарчаи 7—8 сола бо овози баланд тaронаи зеринро мехонд:

«Осмон гифтааст[1] тарам тарам,
Сумчака гирифтааст қарси фаранг.[2]
Қарси фаранга кй бандад?
Зани колхозчй бандад!»

Яке аз рафиқонам:

— Рост мегўяд, дар ҳақиқат зани Тоҷибой саркор ба-рин колхозчиҳо банданд, ҳақ дорад ва мезебад ҳам,— гуфт.

1935



[1] Гифтааст — гирифтааст.
[2] Қарси фаранг — рўймоли калони шоҳй.

МАҲТОБХОЛА

Маҳтобхола ба колхоз фақат ҳамин сол даромада буд. Пул ва ғаллаи яклухте, ки имрӯз ӯ мегирифт, фароштуруки аввалини мавсими баҳори меҳнати ӯ буд. Имшаб хола мижа таҳ накард. Ӯ ғарқи хаёлоти гуногун буд: як ба як плани сарф кардани пули меҳнаташ, ба вуҷуд овардани орзу ва ҳавасҳои деринаашро мекашид. Аз ғаҳворан нав ва ғаҳворапӯши нав барои нахустин набераяш сар карда, то харидани шонан нав барои худаш, тамоми ҷои сарфкунии пулро фикр карда баромад. Ҳатто ранги абра ва астари ғаҳворапӯши шоҳиро ба худ тасаввур намуд ва бевосита аз кооператив рафта харидани худашро муқаррар кард. Аз хушнудӣ чӣ кор карданашро намедонист ва дам ба дам худ ба худ: «Ман-ку, рӯи шоҳӣ ва кимхобашро надида, мӯямро сафед кардам, мон, ки акнун аз давлати ман набераам пӯшад»,— мегуфт.

Имрӯз бедорхобӣ ба хола он қадар таъсир накарда буд. Ӯ назар ба ҳаррӯза далертар буд. Ҳатто баъзе шариконашро шалпар карда монд. Аммо тез-тез ба офтоб нигоҳ мекард, ба хамидани соя диққат менамуд ва фурӯ рафтани хуршедро мепоид.

Бегоҳирӯз ба назди кассир аз ҳама пеш хола ҳозир шуд ва «балам»-гӯй карда, зудтар баробар кардани ҳисобашро хоҳиш намуд. Баъзе колхозчиён ҳам:

— Ҳа, аввал кампирро гусел кунед,— гӯён ӯро тарафдорӣ карданд.

Кассир, марди камгап, бадқавоқ, чӯтзаниашро бас карда ва онро ба як сӯ монду ба рӯйхат нигоҳ кард ва номи холаро ёфта:

— Мана, дар ҳамин ҷо даст монед,— гуфту бегапу гуп ангушти калони холаро бо сиёҳӣ ранг карда ва ба ҷои имзо

ба рӯи коғаз пахш намуд. Якбора ду ғалладони миэро кушода, аз якеаш чаҳор дона заёми «соли чаҳорӯми хотимадиҳандаи панҷсола»-ро, ки ҳар якеаш 25 сӯмӣ буд ва ҳамааш як облигацияи бутунро ташкил медод ва аз ғалладони дигар чанд дона червони навро гирифта, бо заём як карда, ин дафъа ҳам бе гап, ба дасти хола дод ва сарашро набардошта колхозчии дигарро ҷеғ зад.

Хола аз хурсандӣ ба пӯсташ намеғунҷид. Рост ба сӯи ҳавлиаш равон шуд. Дар сари роҳ бо хаёли он ки «даҳани набераашро ширини кунад» барои харидани чанд дона конфет ё ки қанди сафед ба кооператив даромад. Дар дӯкон ба облигацияҳо синча карда, то ки чӣ гуна пул ва чандсӯмӣ будани ин «пулҳои» навро бидонад, сипоҳиро бой надода, бо ҷиддият ба ивази конфетҳое, ки фақат чанд тин меистоданд, яке аз он 25 сӯмиҳоро ба фурӯшанда дароз кард.

— Оча, мо ниҳоро намегирем, ин пул не,— гуфт бо табассум кооперативчӣ ва заёмро ба дасти хола баргардонд.

Хола ҳозир ҳам чӣ будани онҳоро намедонист. Фиғонаш баромад. Рост баргашта ба пеши ҳамон кассири бадҳазм рафтанӣ ва титу гози онро бароварданӣ шуд. Аммо торикии бегоҳ ғалаба мекард. Мадораш хушк шуд. Чору ночор бо хашми том ба хонааш равон шуд.

Писараш кайҳо аз кор омада буд. Ба ин дермонии модараш дар тааҷҷуб буд. Димоғи сӯхтаи модарашро дида:

— Ҳа, боз чӣ шуд? — гӯён аз ӯ ҳолпурсӣ намуд.

— Рӯи вай гунгро мурдашӯ шӯяд, бадбахт маро фиреб додааст, ба ҷои пул ба ман паттаҳо додааст,— гуфту хола ба ашкрезӣ шурӯъ кард. Червонҳоро нишон надода ва фақат чор дона заёмро бароварда, ба пеши писараш партофт ва воқеаи дар кооператив рӯйдодаро ба ӯ нақл кард.

Писараш хандид. Патта набуда, заём будани онро ва албатта, бурдани онро ба модараш фаҳмонд. Хола ба ин гапҳои ӯ бовар намекард. Дар ниҳоят писараш ҳамон рӯзи маҷлисро, ки ҳамагӣ барои нависондан ба заёми нав даст бардошта буданд ва хола ҳам дар он ҷо ҳозир буд, ба ӯ хотиррасон кард. Ба ҷавобаш хола:

— Бӣ, аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд? Дина чӣ хӯрок хӯрдӣ гӯй, дар ёдам ҳаст-мӣ? — гуфт ва ба унвони кассири бегуноҳ дуои бадкуниашро бас накард. Ҳангоме ки писараш баъд аз насиҳати бисьёре баромада, ба хонаи худаш рафт, «ин акнун ба ман насиҳатгӯ шуда баромад», гӯён аз ӯ ҳам хафа шуда, облигацияҳоро ба яке аз тоқчаҳои

хонааш ҳаво дод. Чанд рӯз гами ин чор дона «патта» аз ӯ дур нашуд. Вақту бевақт дар ҳар як фурсати қулай ба ҳар кӣ он «фоҷиа»-ро, ки бо ӯ рӯй дода буд, ҳикоят мекард. Дар қалбаш роҳи аз он кассир қасосгириро ҷустуҷӯ мекард. Худ ба худ плани интиқомро мекашид. Аммо ба иҷрои ҳеҷ якеаш ҷуръат карда наметавонист.

Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо гузаштанд. Пулҳое, ки ҳар бор кассир ба ивази меҳнаташ ба хола дода меистод, дар ҳузури ӯ ин гуноҳашро оҳиста-оҳиста шуста рафтанд, ки худаш ҳам надониста монд. Хола дигар он «паттаҳо»-ро ва аз кассир қасосгириро низ фаромӯш кард.

Сол гузашт.

Имрӯз боз ҳамон кассири бадқавоқ ба колхозчиён пул медод. Ба хола боз аз ҳамон «паттаҳо» чандто дод.

— Не, мулло Раҳмат, акнун мана ин дафъа шумо фиреб дода наметавонед,— гуфт Маҳтобхола.

Кассир дар тааҷҷуб монд.

— Ин паттаҳотона ман намегирам. Ун вақт ман ҳеҷ чия намедонистам, акнун ман ҳам чала чулпа саводнок шудагӣ, ман ҳам камтар доно шудагӣ,— гуфт боз бо кибру дабдаба хола.

Гап ва насиҳатҳои кассир ва атрофиён ба ӯ ҳеҷ таъсир намекарданд. Ба хаёли хола ҳамагӣ ӯро душман буданд. Гӯё ҳеҷ кас беҳбудии ӯро намехост. Хола пулро нагирифт ва бо овози баланд мағалро сар кард. Ниҳоят, ба ин ҷанҷол котиби ячейка мудохала кард. Тамоми арзи холаро бо диққат шунавид. Хола қирраи чашмашро ба кассир, ки бо додани пул ва заём бо колхозчиён банд буд, мепартофт ва дар дилаш «хуб боб кардам-мӣ? Ана, айбата фош кардам-мӣ?» мегуфт.

Котиби ячейка марди ширинкор буд. Ба ин гӯлӣ ва соддагии хола ботинан завқ мекард. Аммо «сар равад ҳам, сир наравад» гуфтагӣ барин ҷиддиятро бой намедод.

Ҳангоме ки хола «сирру асрори» кассирро фош карда шуд, котиб монанди одаме, ки ба ин «фиребдиҳии» кассир тамоман бовар карда бошад:

— Рост-мӣ? Канӣ, ман ҳамонҳоро бинам, чӣ хел «паттаҳо» будааст. Даррав биёред. Худи аз рӯи меҳнати кассир гирифта медиҳам,— гуфт.

Набераи ёздаҳсолааш чанги хонаи кампирро ба осмон дакка запонида, он облигацияҳоро ёфта оварда.

Котиби ячейка онҳоро як аз назар гузаронду гап назада, ба дасти котиби колхоз дод. Котиб табассумкунон га-

зетпарчаҳоро ба варақ задан сар кард. Хола гоҳ ба котиби ячейка, гоҳ ба котиби колхоз нигоҳ мекард. Ҳайрон буд, котиби ячейка бо ду нафар колхозчиён гап зада истода буд.

— Оча, канӣ, ба ман чӣ медиҳед? — гуфт котиби колхоз хандида.

— Барои чӣ? Ман чиз медодаам ба шумо? — гуфт хола бо истеза.

— Се ҳазор сӯм баред ҳам, моро як зиёфат намекунедмӣ? Ба ҳамаи колхозчиён тӯй карда диҳед ҳам, меарзад,— гуфт боз котиб.

Хола ба бедории худ бовар намекард. Ба хаёлаш гӯё ин дар хобаш буд. Чӣ гуфтанашро намедонист.

Котиби ячейка монанди шахсе, ки ин гапҳоро нашунидааст:

— Ҳа, оча, чӣ шудааст? — гуфт ва рӯяшро ба кампир гардонд.

— Балам, балам, ман се ҳазор... се ҳазор сӯм бурдаам,— гуфт хола ҳамчун духтарчан шармгине, ки дар рӯзиид бо нозу нуз аз падараш идӣ мепурсад, аз даҳонаш гапҳояш меафтиданд, лабҳояшро идора карда наметавонист.

Ҳангоме ки ҳамон кассир боз чанд дона облигацияҳои навро ҳамроҳи пул ба пеши хола монд:

— Аз он паттаҳо боз тед, ин қадар кам метед? — гуфт хола ва ба замин нигоҳ карда хандид.

1935

РАДДИ МАЪРАКА

Имрӯз амаки Маҳтобхола духтарашро мебарорад. Домод ҳамроҳи ҷӯраҳои худ дар меҳмонхона нишаста буд. Мардум ба дару девор танба шуда домодбинӣ мекарданд. Оши суюқро кайҳо кашида буданд. Ошпаз палавро дам карда истода буд. Дар рӯи ҳавлӣ духтар ва писаракон:

«Таги чимлиқ нону қаймоқ,
Домод почом бодомқавоқ»

— гӯён бесару нӯгона «ёр-ёр» мегуфтанд, навбат ба навбат сифати арӯсу домодро баён мекарданд.

Собирбой калавида-калавида аз дар даромада омад ва рост ба ҳавлии дарун равон шуд, на осмонро мешинохт ва на заминро. Пешхизматоне, ки дар рӯи ҳавлии берун буданд, ин ҳоли бойро дида, «зоро даромада хоб кунад» гӯён худро ба нодонӣ заданд.

Собирбой аз ғуломгардиш гузашт ва ба миёнаҷои ҳавлӣ нарасида, ба таги девори хонаи калон афтода рафт. Хешовандонаш ӯро печониданд ва ба хона даровардани шуданд. Дар қатори дигарон Маҳтобхола низ «вай мурам» гӯён ба назди ӯ омад. Занони бегона панаҳ шуданд.

— Рост ист, ука! — гуфта ба таги қӯлтуқи ӯ даромад Маҳтобхола.

Омадани Маҳтобхола як алами ӯро сад намуд. Нашъаи майро дуболо кард. Дарҳол воқеае, ки чор рӯз пеш байни ӯ ва хоҷаркалонаш Маҳтобхола рӯй дода буд, дар пеши назараш ҷилвагар шуд. Ба хаёлаш, гӯё дуньё ба вай тангӣ мекард. Гӯё аҳли тӯй ӯро таҳқир мекарданд, гӯё ӯ радди маъракаро буд, гӯё дигар на аҳли маҳалла ва на ақрабояш ба мурда ва эндаи ӯ қатӣ намешуданд.

— Ма... ма... ман... ку... ку... ку... ла... к, омадам,— гуфт.

Ин киноя ӯ ба Маҳтобхола буд.

Бо чашмони ниммурдааш ба рӯи хола хеле синча карда истод. Дар ҳамон ҷо ду пояшро дароз карда ба рӯи хок шишта гирифт ва ҳамчун кӯдак ба гирья сар кард. Ҳунгидани ӯ аз ҳангидани хӯтукча ҳеҷ монданӣ надошт. Ҳар бор фих-фихкунон биниашро мекашид. Ба гапи касе гӯш намекард. Дастонашро ба замин сахт монда, саъй мекард, ки аз ҷояш наҷунбад. Бо дасти хоколудааш гоҳ-гоҳе чашму рӯяшро пок мекард ва бешуурона ба афти худ бо гил наққошӣ мекард. Дар айни ҳол вайро шинохтан кори осон набуд.

Зану мард, хурду калон ба атрофаш ғун шуда буданд. Ҳар кас ба ҳар андеша ҳар чиз мегуфт. Вай бошад, ба гапи ҳеҷ кас гӯш намекард.

Оби даҳонашро шоронида, танҳо калимаҳои «ман кулак, ман беҳуқуқ»-ро такрор мекард. Гӯё дар вақти гапзанӣ ҷоғи поёнаш ҷудо шуда, ҳамроҳи гапҳояш ба замин меафтод. Тамоми овозашро сар медод. Риши дағали кулӯтааш сиҳҳои ҷайра барин рост-рост хестагӣ буд. Нашуд, чанд нафар мардон ӯро аз ҷояш бардоштанд.

— Сар диҳед! — гуфту бо як зӯр аз дасти онон баромад ва калавида монанди дарахти решаканшуда ба даруни ҷуе, ки аз он поёноби ҳавз равон буд, ба пушт афтода рафт.

Ба даруни ҷуй дароз кашида гирифт ва зум ба зум:

— Ман кулак, ман хоҳар надорам, ман беҳуқуқ, ман хешу табор надорам,— гӯён тамоми овозашро сар дода, дод мезад. Беоромона бо пичингҳои ночаспон Маҳтобхоларо дашном медод.

Гӯё сабаби бадбахтии ин бой номи ҳамшираааш — Маҳтобхола буд. Собирбой бо як пояш оби ҷуйро шатта-шатта зада, чакраҳои онро пуф кардагӣ барин ба атроф мепошид. Ҳеҷ кас ба ӯ наздик намешуд. Ҳеҷ кас намехост, ки либоси ҷойпӯшаки худро олонад. Бачагон ба ин ҳоли ӯ завқ мекарданд.

Падари арӯс дигар ба ин беобрӯгӣ тоқат карда натавонист ва аламашро аз додарзодааш — Маҳтобхола гирифтанӣ шуд:

— Ту бадбахт, Маҳтоб, ба ин чӣ бадӣ кардӣ? — гуфт ба газаб.

— Вай бо зану бачагонаш ба кадом гӯр кӯчида рафтанӣ будааст. Маро ба хонааш кӯчонда оварданӣ шуд. Ба ман зарур-мӣ? Чӣ тавр ман омада хонан кулакро поида мешиштиям? Ба ман гап нарасад ҳам, ба бачагонам гап мерасад-

дия, би... худо гирад! — гӯён Маҳтобхола ба амакаш ҷавоб дод. Гӯё бо ҳамин гапҳо дили пурдардашро холӣ карда гирифт.

Дар ҳамин вақт аз беруи бародари арӯс, бригадири колхоз, комсомолбачаи хушқаду баст Шарифҷон даромада омад ва ба падараш хитоб намуд:

— Дар ин ҷо ба ин кӣ роҳ дод? — гуфт. Падараш ҷавоб надод.

— Ана, ман нагуфтам-мӣ? Ман кулак, ман радди маърака,— гӯён Собирбой боз доду фарьёд кард ва бо ду пояш обпоширо авҷ дода, мардумро дуртар гурезондан гирифт.

Шарифҷон, ки ба қувваи худ боварии комил дошт, бегапу ҳарф рафту бо як дасташ аз гиребони ӯ гирифт ва ба по рост кард. Рост ба дари боғ бурд ва ба «вай мурам»-гӯии занон гӯш накарда, ба тахтапушти ӯ як лагад зада, ба дарунн боғ тела дод ва дарро пӯшида занҷир кард.

Собирбой дар он тарафи дар сарнагун афтода рафт. Торикии шаб ва дарахтони бемеваи майдони хушкшуда ӯро ба оғӯши худ гирифтанд, дигар садои ӯро касе нашунид.

1936

МАРҲАБО, БАҲОР!

Баҳор, боз омадӣ?

Биё!

Марҳабо!

Биё, ман акнун душмани ту наям. Биё, ман ошиқи туям, ту нозанини ман ҳастӣ!

Баҳор, маро бубахш!

Магар ёдат намеояд? Замоне буд, ки ману ту ҷангӣ шудем. Туро на тоб доштаму на тоқат.

Солҳои сол шуоъҳои хуршеди мунавварат монанди ханҷари тез синаамро чок карданд. Сабзаҳои навхезат ба рӯҳи пажмурдаи ман озуқа надоданд. Паррандаҳои хушхонат суруди мотами маро сурудаанд.

Инсоф куи! Магар ман гунаҳкор будам?—Ҳеҷ! Ту ҳам не! Ҳазорон бор не. Гунаҳкор дигарон буданд, дигарон!

Ёд дорӣ? Ман кӯдак будам. Фақат ҳафт сол доштам. Ана дар ҳамон айёми фараҳмандӣ нагузоштӣ, ки ман озодона, пурра нафас кашида, монанди дигарон болу пар занам. Завқ кунам. Бо овози баланд, бо тамоми овоз қоҳ-қоҳ занам. Аз нашъаи кӯдакӣ баҳраманд шавам.

Навозишам накардӣ, ба сарам кӯфтӣ.

Ҳеҷ ёдат меояд? Рӯзе ҳамроҳи падарам ба саҳро баромада будам. Парвои оламро надоштам. Рӯи майсаҳои махмалинат ғел мезадам, медавидам, метохтам. Бунафшаҳои муаттаратро бӯй мекардам, аз бӯяшон сер намешудам.

Ман чӣ донам? Худат бигӯй, мани кӯдак аз чӣ хабар доштам? Ҳаёт? Ҳамин ҳастӣ аз они ман, падару модар ғуломи мананд, мегуфтам ва худро яктои аз гулҳои гулистонат мешумурдам.

Падарам ҷуфт меронд. Дам ба дам «ҳӯш-ҳӯш» мегуфт ва садои говрониаш шунида мешуд.

Вале дере нагузашт. Офтоби ҷаҳонтобат ҳанӯз рост наомада буд, ки олам дар пеши ҳамин чашмони ман тира гардид. Овози падарҷонамро дигар нашунидам. Говҳо дар миёнҷои замин ҳайрон ва маъюс истода буданд... Вай, падарам, дар паси онҳо дароз кашида хобида буд.

Давидам, фарьёд задам:

— Падарҷон!

Фақат як бор чашмонашро кушод:

— Писаракам, ман мемирам!..— гуфт. Дигар садояш набаромад...

Фақат ҳаминро медонистам, ки падарам ду рӯз боз нон нахӯрда буд. Модарам ҳам гушна буд. Нон!

Дод гуфтам, фарьёд задам, касе маро нашунид. Мардум падарамро ба гӯристони дури қишлоқамон бурданд. Гӯё аҷал ва тамоми ҳастӣ ба ҳоли ман тамасхур карданд.

Дере нагузашт, ман дар дари хӯҷаини падарам ғуломбача шудам. Ба як мушт — як бурда нон хӯрдам!

Ана, баҳор, барои чӣ ман туро дӯст надоштам. Ҳар сол, ки ту ҷилвакунон меомадӣ, додгӯён то ба гӯри падарам рафтанам ба ёдам мерасид. Туро кушандаи падарам мепиндоштам.

Не, ман хато кардаам.

Маро бубахш, баҳор!

Ту гунаҳкор набудӣ. Донистам, гунаҳкор ҳамон мӯйсафеди одамсирати ҳайвонтабиат будааст, донистам.

Биё баҳор!

Марҳабо!

Биё, то ки ман акнун ба ту таронаи одами озод, таронаи саодатро суруда, заминҳои зарбахши колхозамонро бипронам.

Биё, ки офтоби тиллогунат роҳи трактарамро равшан кунад!

Баҳор!

Рафиқам баҳор! Биё ба гӯшакат як гап мегӯям. Лекин ба ҳеҷ кас нагӯй, ман шарм медорам, чунки ман-манӣ ба одам намезебад.

Баҳор, медонӣ-мӣ?

Ман дигар кӯдаки гирьёнчак, ғуломи зархариди бой нестам.

Ман яктои миллионҳо муборизони далер, яктои армияи бузурги бинокоронам, ки имрӯз мо зимистони қаҳратунро ба баҳори абадӣ мубаддал карда истодаем.

Баҳор,

Марҳамат, баҳористон!

1936

МУҲАББАТ[1]

Муҳаббат бесавод буд. Ҳатто фамилияашро ҳам навишта наметавонист.

Шавҳари Муҳаббат коркуни масъули советӣ буд. Панҷ сол боз аз қишлоқ омада, дар шаҳр кор мекард. Аввалҳо бисьёр содда ва гӯл буд ва аз олам хабар надошт. Дар муддати ин панҷ сол вай хеле доно шуда буд. Акнун аз ҳама чиз хабар дошт. Акнун на танҳо фамилияашро навишта метавонист, балки бисьёр кордон шуда ва бемалол як муассисаи калонро идора мекард.

Аз бесавод будани занаш вай бисьёр шарм медошт. Ҳар боре ӯ:

— Муҳаббатҷон, ақаллан ту навиштани фамилияамонро ёд гир — мегуфт,— фамилияи мо бисьёр осон, фақат аз се ҳиҷо иборат аст — Ёр-зо-да. Охир ту ҳаминро ҳам навишта наметавонӣ!

Муҳаббат парво намекард ва ҳамеша бо табассум ҷавоб медод:

— Шумо ҳам қизиқ-а, акнун ман мулло шуда ҳам ба куҷо меравам? Ё ба ягон идора калон мешавам-мӣ? Сол ба сол пир шуда истодаам. Ба майнаам ҳеҷ чиз намедарояд. Монед, ҷигаратона хун накунед, маро ҳам беҳуда дар азоб намононед. Ҳар чӣ қадар заҳмат кашед ҳам, ман боз алифро калтак гуфтан мегирам. Намешавад. «Деҳ куҷою дарахтон куҷо» гуфтаги барин ман куҷою савод куҷо? Монед, акнун пионерони ҷавон хату саводашонро бароранд. Ман бошам ҳамин тавр умрамро мегузаронам.

Ёрзода бисьёр серкор буд. Барои тарбияи занаш вақти зиёд сарф карда наметавонист. Ҳамеша таассуф намуда.

[1] Сюжет аз М. Зощенко.

каллаашро меҷунбонду «баъд пушаймон мехӯрӣ, аммо суд намекунад» мегуфт ва дигар гап намезад. Муҳаббат ба ин гапҳои шавҳараш дар дилаш механдид.

Бо вуҷуди он, рӯзе Ёрзода як китобча овард:

— Мана,— гуфт ӯ,— Муҳаббатҷон, ин алифбои худомӯзист, ки бо методи охирин тартиб дода шудааст, ман ба ту худам ёд медиҳам.

Муҳаббат рустӣ писханд зад, алифборо ба дасташ гирифт. Варақ зад. Суратҳояшро бедиққатона аз назар гузаронд. Пас аз рафтани шавҳараш онро ба токчаи баланди хона ҳаво дод ва худ ба худ:

— Ягон рӯз ба фарзандонамон ё ки ба фарзандони онон даркор мешудагист,— гуфт.

Рӯзе ӯ ба сари кор нишаст. Шалвори даридаи шавҳарашро ямоқ карданӣ буд.

Муҳаббат чокро ба даст гирифт. Ба сӯзан ришта гузаронд. Дасташро ба дарунӣ эзорпочаи шалвор андохт. Дар кисаи шалвор чизе шақар-шуқур кард.

— Оҳ, худо дод, албатта ин пул аст,— гӯён хурсанд шуд.

Дид ки мактуб аст. Мактубчаи топ-тоза ва пакеташ ҳам бисьёр силиқ аст ва ба рӯи он ҳарфҳои майдаи хушрӯй навишта шудааст ва аз коғаз ҳам андак бӯи атр меояд. «Чаро аз ин бӯи атр меояд? Албатта ин мактуби ягон духтар ё зани фасонӣ инзамона бошад даркор» — гуфт ӯ худ ба худ. Дилаш ба тапиш даромад. Ранги рӯяш парид.

«Наход, ки,— хаёл кард ӯ,— шавҳарам маро фиреб диҳад? Наход, ки ӯ ба духтарон ё занони хушрӯи саводнок ва пешқадам хат нависад ва аз онон хат гирад?».

Муҳаббат ба пакет синча карда, мактубро бароварда гирифт ва коғазро яла кард.

Муҳаббат дар умри худ якӯм маротиба пушаймон хӯрд, ки хату савод надорад. Ӯ фикр кард, ки: «агарчӣ ин мактуб ба номи шахси дигар навишта шуда бошад ҳам, аммо ман бояд бидонам, ки нависандааш чиҳо навиштааст? Балки ба сабаби ҳамин хат дар оянда ҳаёти ман тамоман дигаргун мешавад ва маро лозим меояд, ки хонаву ҷоямро партофта ба қишлоқ равам ва ҳамроҳи падарам дар колхоз кор кунам».

Муҳаббат гирья кард ва ба хотираш расид, ки дар вақтҳои охир тамоман дигаргун шудани шавҳараш ҳам бегап набудааст. Набошад, чаро ӯ чанд ҳафта боз риши худ-

ро тез-тез тарошида мегардад ва умуман худашро бисьёр ҳам зебу зинат медиҳад?

Муҳаббат дар ҷояш нишаста монд. Аз мактуб чашмонашро намеканд. Монанди бачаи хурдсол ҳунгас зада мегирист. Мактубро хонда натавонист. Онро ба ягон дугонааш хононидан шуд, аммо изо кашид. Бачаи ҳамсояро ҷег зада хононам-мӣ гуфта хаёл кард.

«Вале, бача-дия, мумкин аст, ки ба ҳар кас гӯяд» гуфт худ ба худ. Ҳар чӣ бошад, «сар равад ҳам, сир наравад»— гӯён аз ин фикр ҳам гашт ва зӯраш боз ба гирья расид.

Баъд мактубро ба сандуқчае, ки дар он ду кулча собуни ироқӣ, шона ва дигар чизҳои майда-чуйдаашро ҷой карда монда буд, андохт ва онро руст карда ва калидашро ба яке аз токчаҳои баланди хона ҷогаҳ намуд. Вақте ки шавҳараш аз кор омад, дар ин хусус ба ӯ ҳеҷ гап нагуфт, баръакс, бо садои ором, ба шавҳараш рамз намуд, ки камтар хондан ва саводнок шуданро мехоҳад ва зани бесавод ва ақибмонда будан ба дилаш бисьёр задааст. Ёрзода аз ин гапҳои занаш шод шуд.

— Бисьёр хуб,— гуфт ӯ,— ба ту худам ёд медиҳам.

— Хайр, ёд диҳед,— гуфт Муҳаббат.

Вай дар назди шавҳараш нашаста, ба хондан сар кард. Муҳаббат ду моҳи расо зӯр зада, хонданро омӯхт. Вай калимаҳоро бо сабру тоқат ҳичо ба ҳичо менавишт, ҳарфҳоро қатор ба қатор ба рӯи коғаз мекашид ва ҷумлаҳоро мехонд. Ҳар рӯз дар вақти набудани шавҳараш ҳамон мактубро аз сандуқчааш мегирифт ва кӯшиш мекард, ки маъноӣ ниҳонии онро бифаҳмад.

Аммо ин кор осон набуд. Фақат дар моҳи сейӯм Муҳаббат хату саводашро бароварда.

Пагоҳирӯзӣ, ҳангоме ки шавҳараш ба кор равона шуд, Муҳаббат бо хаёли он ки ногаҳон касе даромада наояд, дари хонаро занҷир карду мактубро гирифта аз таҳи дил диққат карда ба хондан шурӯъ намуд.

Ӯ мактуби майда навишташударо бо азоб хонда тавонист. Мактуб ба унвони Ёрзода навишта шуда буд.

Муҳаббат хонд: «Рафиқи мӯҳтарам Ёрзода.

Алифбоеро, ки ба шумо ваъда карда будам, фиристодам. Ман фикр мекунам, ки зани шумо дар муддати ду-се моҳ саводашро бароварда метавонад. Рафиққон, ваъда диҳед, ки ӯро саводнок хоҳед кард. Ба ӯ талқин кунед, фаҳмонед, ки зани бесавод будан чӣ гуна бад ва шармовар аст.

Мо имсол дар Тоҷикистон бесаводиро барҳам медиҳем. Чаро одамони ба худамон наздикро фаромӯш мекунем?

Албатта ӯро саводнок кунед!

Бо саломи коммунистӣ: Азиза Шодиева».

Муҳаббат мактубро ду бор хонда баромад. Андӯҳгинона лабҳояшро газида, дар дилаш озори номаълуми ниҳоние ҳис намуда, нохост гирья карда фиристод.

1936

«ДАСТАМРО ФАРОМӮШ КАРДААМ»

Шокирҷон ҷавони хушрӯй ва хушқадду баст буд, касе ки ӯро медид, «боз як бори дигар бинам» мегуфт.

Вай чанд сол боз аъзои колхози ба номи Куйбышев буд. Деҳқониро нағз медонист. Дар корҳои деҳқонӣ аз ҳар гуна саркорҳои калон монданӣ надошт. Ҳар кореро, ки сардори звенояш месупурд, дар вақташ ва нағз ба ҷо меовард. Бинобар ин ҳам ӯро ҳама дӯст медоштанд.

Лекин Шокирҷон як камбудии калоӣ дошт: вай то ҳанӯз бехату савод буд. Дар ин хусус ҳар хел гапу насиҳати хурду калон ба гӯши ӯ намедаромад. Ҳатто дар тирамоҳи соли гузашта рӯзе дар ин бора бо акои калонаш, ки ӯ яке аз бригадирҳои колхоз буд, гапашон гурехт. Акаю ука сурху сафед шуданд. Дар ҳамон вақт вай ба пеши акааш буду шуди масъаларо гуфт, арғамчинро аз миён бурид.

— Вақте ки ёш будам, маро нахонондед, аз паси хару гов давондед, акнун «хон, хон!» мегӯед! Ман акнун хонда чӣ мешавам? Намехонам, вассалом!

Баъд аз ин тундутезшавӣ вай ситеза карда, дигар ба ҳавлиашон ҳам нарафт. Дар сарои колхоз, дар хонаи ҷӯраш Бобоҷоиои аробакаш, ки ӯ ҳам Шокирҷон барин муҷаррад буд, хобу хез карда гаштан гирифт.

Шокирҷон боварӣ надошт, ки бесаводиашро нест карда метавониста бошад. Ҳатто ба кӯшиши ҷӯраҳояш, ки дар курсҳои шабона мехонданд, истеҳзоомез нигоҳ мекард. Вақте ки улфатҳояш: «Мо имрӯз ҳарфи «п»-ро ёд гирифтем. Ана «падар о-мад» барин гапҳоро навишта метавонем» мегуфтанд, вай писханд мезад ва гурунгос карда: «Бо ҳамин мулло шудед-мӣ?» Ё худ «Мулло шуда ҳам ба куҷо меравед?» мегуфту дигар гап назада, пан кори худ рафтан мегирифт.

Ҳисоботи солонаи колхоз ҳам тамом шуд. Ҳар кас мувофиқи меҳнати кардааш ҳаққашро гирифт. Колхозчиҳо бо хушию хурсандӣ пулҳоро ба миён баста, ба ҳар тараф рафтанд. Яке барои чорпоҳарӣ ба бозори мол, дигаре аз барои дутараш ё занаш атлас ё рӯймоли гиҷим харидан ба магазинҳо равона шуд.

Ба Шокирҷон ҳам саҳл кам дах ҳазор сӯм пули нақд расид. Ӯ намедонист, ки ин пулҳоро ба куҷо сарф кунад. Хонаву дар ва зану бача надошт, ки ҳар гуна ҷиҳози хона ва либосҳо харад. Модараш бошад, дар хонаи акаҳояш серпур зиндагӣ мекард ва ба ёрии ӯ эҳтиёҷе надошт.

Парторги колхоз Шокирҷонро, феълӣ ӯ ва якравии ӯро нағз медонист. Вай Шокирҷонро ба назди худ ҷеғ заду ҳолпурсӣ намуд, хеле чақ-чақ карда нишаст ва дар охири сӯҳбат аз ӯ пурсид, ки ин пулҳоро чӣ кор хоҳад кард?

Худи Шокирҷон ҳам ҳайрон буд. Намедонист, ки ин қадар пули зиёдро ба куҷо сарф кунад.

— Надонам, ба ягон ҷой сарф мешудагист-дия,— гуфт.

Парторг ба ин соддагӣ ва ҳақгӯии Шокирҷон завқ кард. Ҳар ду боз хеле сӯҳбат карда нишастанд. Дар охири гап парторг маслиҳат дод, ки пулҳоро беҳуда сарф накунаду ба кассаи амонатгузорӣ бимонад ва дар бораи кассаи амонатгузорӣ ба вай хеле маълумот дод. Ин гапҳои ӯ ба Шокирҷон маъқул шуд.

Дар фардои он рӯз Шокирҷон рост ба бозор рафт. «Аз нӯги хамир, фатир» — гӯён вай барои худаш ҷомаи бекасаб ва мӯза, барои модараш куртаворӣ ва дигар чизҳои майдачуйда харид ва нӯҳ ҳазор сӯм пули нақдро ба кассаи амонатӣ бурда монд.

Рӯзе ҳамшираааш, ки чанд сол пеш аз ин ба шавҳар баромада буд, писар зоид. Шокирҷон ягон тӯҳфаи нағз харида, рафта ҳамшираашро диданӣ шуд. Ва барои пулгирӣ ба кассаи амонатӣ рафт.

Дар пеши даричаи касса ду кас истода буд. Онҳо корашонро баробар карданду навбат ба Шокирҷон расид. Вай:

— Ба ман сесад сӯм тед,— гуфт.

Контролёр ном ва номи падари ӯро пурсид. Аз куттича карточкаи ба номи ӯ навишташударо пайдо намуд. Ба як парча ордерчаи чопӣ ном ва номи падари ӯро навишт ва онро ба вай дароз карда:

— Ба ин имзо кунед,— гуфт.

Шокирҷон дарҳол мақсади ӯро нафаҳмид. Вай фикр кард, ки «Боз ин зан пул мемонад гуфта хаёл кардагист». Чун ҳамон рӯзе ки Шокирҷон пул мемонд, бо таълими як марди бегонаи босавод, ки дар ҳамин ҷо ҳозир буд, вай ба азоб ба як кунҷаки ҳамин карточка номашро навишта буд. Дар ҳамон рӯз «галатй, ҳам пул монаму ҳам даст монам-а» — гӯён вай ҳайрон шуда буд. Ҳозир боз ба ин як парча коғаз даст монед гуфтани контролёр ӯро дар таажҷуб мононд. Вай:

— Не, ба ман сесад сӯм диҳед,— гуфт.

— Хуб, ба ин даст монед,— гуфт он зан, боз бо табассум.

Шокирҷон ин хушмуомалагии контролёрро ҳамчун шӯхй ва нозу ишвои занона фаҳмид. Барои ин ки дар пеши мардум одами содда набуда, шахси ҷиддй будани худро нишон диҳад, андаке чеҳраашро турш намуда:

— Не, даст намемонам,— гуфт.

Контролёр ҳам ҳайрон шуда, боз бо нармй,

— Набошад, мо пул дода наметавонем,— гуфт.

Ин ҷавоб Шокирҷонро тамоман таҷанг кард. Аммо чй гуфтанашро надониста:

— Монед, ҳазл накунед,— гуфт.

Контролёр дарҳол фаҳмид, ки ин одам тариқи ба касса пулмониро ва аз он пулгириро дуруст намедонистааст. Инро ба ӯ нағз фаҳмонд.

Шокирҷон аз кирдор ва гуфтори худ шарм карда, андаке таб баровард, бе гап аз дасти зан ордерчаро гирифт ва ба он чашм дӯхта истод. Ҳеҷ ба ёдаш оварда наметавонист, ки яку ним моҳ пеш аз ин бо таълими як марди бегона ба рӯи он коғази гафс чй хел даст монда буд. Аз шармсорй ба обу арақ ғӯтида, оҳистакак:

— Дастамро фаромӯш кардаам,— гуфт.

Контролёр боз табассум карда, карточкаро ба назди Шокирҷон монд ва ба имзояш ишора кард. Ҳангоме ки Шокирҷон ба ҳарфҳои каҷҷу килеби ба рӯи коғаз кашидаи худ синча намуда, нуқтаҳои борики онро меомӯхт, он зан оҳистакак:

— Магар шарм намедоред? — гуфт.

Шокирҷон пулро гирифту ба контролёр бо як оҳанги узрхоҳонае:

— Акнун ба мактаб меравам,— гуфт ва зуд аз дар баромада рафт.

Ба қавли худи Шокирҷон ин гапи он зани хушмуомила «ба ҳафт пушташ бас буд». Вай дар сари роҳ «то хату саводамро тамоман набарорам, дигар ба пеши ин зани дилбар намеоям» — гӯён қасам хӯрд.

Дар ҳақиқат ҳам Шокирҷон ба қавли худ вафо кард. Аз худи ҳамон рӯз сар карда, ба мактаби маҳви бесаводӣ, ки дар колхозашон кушода шуда буд, рафта ба хондан даромад.

Баъд аз ду ним моҳи дигар ба кассаи амонатӣ омад. Пеш аз он, ки ба он зан матлабашро гӯяд:

— Ана, акнун мо ҳам хату саводнок шудем,— гуфт.

Ин гапи Шокирҷон воқеаи ду ним моҳ пеш аз ин рӯйдодаро ба хотири контролёр овард. Вай завқ кард. Худи Шокирҷон ҳам қоҳ-қоҳ зада хандида фиристод.

1937

ХОСТГОРӢ

Баъд аз кор Зебинисо рост ба ҳавлияшон омад. Ӯро модараш дар рӯи ҳавлӣ пешвоз гирифту

— Ба он хона даромада, либосҳои дурустатро пӯшида, сонӣ ба ин хона биё,— гуфт.

— Барои чӣ? — пурсид Зебинисо андаке тааҷҷуб намуда.

— Дар ин хона меҳмонҳо ҳастанд, кайҳо омада буданд. Як бор туя бинем гуфта шиштиян.

Зебинисо қоҳ-қоҳ зада хандида фиристод. Шӯхикунон модари солхӯрдаашро ба оғӯш кашиду

— Бувачон, ба мо ҳам харидор ёфт мешудааст-дия,— гуфт.

— Аста, ба ту чӣ шуд, девона шудӣ-мӣ? — гуфт модараш ҳаросон шуда, ларзида,— охир меҳмонон шунаванд, чӣ мегӯянд? — ва дарҳол бо дасташ даҳани духтарашро пӯшид.

Зебинисо аз куҷо ва киҳо будани меҳмононро донист ва якбора вазъияташ тамоман тағйир ёфт. Чанд сония ба модараш синча карда истоду дигар гап назада, ба хонае ки модараш нишон дода буд, равона шуд. «Аҷаб! Ғалатӣ! Худаш чӣ гап? Магар вай ақлашро хӯрдааст?» — барин як қатор саволҳо дар майнааш паси ҳамдигар пайдо шудан гирифтанд. Лекин ба ҳеҷ яке аз ин саволҳо ҷавоби қаноатбахше, ки аз он дилаш тасалло ёбад, ёфта натавонист.

Пас аз фурсати як чойдамкунӣ модараш ба пеши ӯ омад, ки духтарашро ба пеши меҳмонҳо таклиф намояд, ба тарзи дигар гӯем, «молашро ба харидорон манзур кунад». Зебинисо ҳанӯз либосашро дигар накарда, дар рӯи хона рост истода буд.

— Ҳоло ҳам куртата напӯшидӣ-мӣ? — гуфт модараш. Аз оҳанги гапаш коҳиш ва норозигӣ садо медод.

— Ҳозир,— гуфт Зебинисо ва табассумкунон: — ҳа, либоси кӯҳна қатӣ бозорамон касод мешавад-мӣ? — гӯён ба қитиқи модараш расида монд.

— Ин қадар ту берӯ, духтар гуфтагӣ андаке айбу шармро ҳам медонистагӣ мешавад.

— Хӯш, ман чӣ кардам? — Ман одамон барин ба рӯям лой молида, боло-болои бом гурехта нагаштаам-ку! — гуфт ба ҷавоби модараш ва бо ҳамин ба оташи баланд шуда истодаи ҷаҳли ӯ каме об пошид.

Ин гап ҳиссае аз саргузашти худи модараш буд. Кампир дар айёми ҷавониаш бисьёр хушрӯй будааст. Аз синни дувоздаҳсолагиаш сар карда, ба ҳавлиашон, қариб ҳар рӯз, аз ҳар ҷониби шаҳр хостгорон меомадаанд. Лекин духтарро ҳеҷ кас дида наметавонистааст. Вай аз дари кӯча даромадани зани бегонаро дида, аз дару девор ва аз ҳар гуҷое ки рост ояд, ба ҳавлии ҳамсоягонашон мегурехтааст. Рӯзе дар ҳавлиашон ғайр аз ӯ касе набудааст. Вай дар лаби ҷӯй косаву табақ шуста шишта будааст. Ногаҳон ду нафар зани фаронҷидор ба сари ӯ омада:

— Ассалом, духтараки нағз,— гуфтаанд ва хам шуда аз пешонаи духтар бӯсиданӣ шудаанд.

Аммо духтар ба ҷавоби салом дарҳол хам шуда аз ҷӯй як қабза лой гирифта, ба рӯяш молидааст ва дарҳол ба дарахти зардолуи дар паҳлуяш будагӣ ҷаспида, ба нӯгчаи он баромадааст. Аз болои дарахт худро ба болои бом ҳаво додааству бо ҳамин гурехта рафтааст.

Кампир ба ин пичинги ҳаққонии духтараш чӣ гуфтанашро надониста:

— Ои замонҳо дигар буд,— гуфта монд.

— Хайр, ин гапҳоя мон, ту ба онҳо чӣ ҷавоб додӣ? — Зебинисо ба таври ҷиддӣ аз модараш пурсид.

— Чӣ ҷавоб медодам? Ман телбагӣ ва якравии туя намедонам-мӣ? Ихтиёр ба худаш гуфтам-дия.

Лекин кампир ба духтараш дурӯғ гуфт. Вай аввал ба хударо ба худо, ба тақдир, баъд ба маслиҳат ва ризомандии падари духтар ҳавола карда буд.

— Ту чӣ мегӯй, рафта худам ҷавоб диҳам-мӣ? — гуфт Зебинисо дарунокӣ хандида, аммо бо чеҳраи ҷиддӣ.

— Вай мурам, ба ту чӣ шуд? Кадом духтар худаш рафта ба завчи ҷавоб додааст! — гӯён кампир фиғон кард. Қариб монда буд, ки аз ин гапи духтараш гирья карда фи-

ристад, чун нағз медонист, ки вай аз ин гуна кору гапҳо рӯй намегардонад.

Зебинисо «сар равад ҳам, сир наравад» гӯён ба пеши меҳмонон рафта бо онҳо чақ-чақ карда, ҳазлу шӯхӣ карда нишаст. Ҳамроҳи онон палавро хӯрда, бо хушию хурсандӣ вайҳоро гусел кард.

Бегоҳӣ ба модараш таъкид кард, ки ба ин масъала на ӯ дахл кунад ва на падараш.

Модарро илоҷе набуд...

1939

ДАР САРИ РОҲ

Дар комбинат кор тамом шуд. Коргарон ва коргарзанони сменаи якўм хона ба хонаи худ пароканда шуда рафтанд. Зебинисо, ки имрўз дар корхона бо хавоси парешон, бо ҳаракатҳои тааҷҷубовари худ рафиқон ва дугонаҳои ҳамкорашро ба ҳайрат мононда буд, ба духтарони ҳаммаҳаллааш, ки ҳар рўз ҳамроҳи онҳо ба кор омада мерафт, «ман ба Матаиб, ба ҳавлии холаам меравам» — гўён дар пеши дўкони баққолӣ аз онҳо ҷудо шуда монд.

Ин ҳаваси холабинии ў ба дугонаҳояш боз аҷибтар намояд ҳам, онон «хайр набошад» гуфтанду дигар даҳан накушода, рост ба роҳашон равона шуданд. Чун медонистанд, ки ба ин рафиқаи якравашон гап маъқул кардан ё вақте ки намехоҳад, аз ў ба ягон савол ҷавоб гирифта тавонистан кори осон набуд, махсусан имрўз ки шарикашон хафа барин менамуд. Имрўз ҳам Зебинисо дар сари станокаш монанди ҳаррўза кор мекард. Дар кораш ҳеҷ камбудӣ дида намешуд. Лекин ў мисли ҳаррўза оҳиста-оҳиста ба оҳанги ҳаракати станокаш «ман кунун бино ҳастам, олиму доно ҳастам» гўён намехонд ва баръакс, монанди девонагон гоҳ-гоҳе худ ба худ табассум менамуд ё дақиқаҳое лаб поёнашро газида ба як нуқта синча карда меистод. Ба саволи дугонаҳояш ҷавоби дуруст намедод ва ба онҳо бо калимаҳои: «Аз коратон намонед, коратона кунед» дағалона муомила мекард.

Воқеаи дирўза ҳақиқатан ҳам ғалатӣ буд. Дар ҳақиқат ҳам Зебинисо интизор набуд, ки Олимҷон ин гуна рафтор ношоиста мекунад. Вай аз як ҷиҳат ба ин хостгорӣ хандаҳо мекард, ба назараш, ба хаёлаш ин кор бисьёр хандаовар менамуд. Дар майнааш ба ин далеле меҷуст ва бо як хоҳиши ба худаш номафҳуме Олимҷонро сафед карданӣ ме-

шуд. Аз ҷиҳати дигар каму беш ба ғазаб меомад. «Чаро вай кори ба худаш намезебидагиро кард? Чаро ҳаргиз ба ман рамз накарду ба ҳавлиамон завҷӣ фиристод? Охир қавлу ваъда набошад ҳам, дил бастагӣ буд-ку? Ҳар чӣ ҳам бошад, ин ба аъзои комсомол, ба коргари пешқадами комбинат айб аст» барин фикрҳо дар майнааш пайдо мешуданд. Вай тамоми рӯз ба як фикри муайян, ба як қарори қатъӣ омада натавонист. Бо вуҷуди ин як хоҳиши мавҳумеро ҳис мекард, ки ин ҳам бошад дар танҳоӣ Олимҷонро дидан буд. Лекин ҳанӯз равшан намедонист, ки барои чӣ бо ӯ якка ба якка вохӯрдан мехоҳад. Барои ӯро сарзаниш кардан-мӣ? Ё арзи муҳаббати ӯро шунида, ба вай бо муҳаббати ҷӯшон ҷавоб додан-мӣ?

Дили Олимҷон ҳам беқарор буд. Фикру хаёлаш дар гӯшаҳои гуногуни орзу такопӯ менамуд. Гарчи дина «Духтара дидем, омада бо мо чақ-чақ карда шишт» гуфтани модараш ба дили ӯ умедҳо бахшида бошад ҳам, лекин имрӯз дар вақти танаффус «салом додем» гӯён бо табассуми киноямез аз пешаш тир барин гузашта рафтани Зебинисо орзуҳои ширини ӯро хеле барбод дода буд. Олимҷон ин духтари хушқадду қомат, на ин ки хушрӯи таърифӣ — балки ситорагарм, мустақил, зеҳитоза, хушфаҳм, фаъоларо бисьёр нағз медонист. Гарчи якеашон аз Қалъаи Нав, дигарашон аз Раззоқ буда, дар айёми кӯдакӣ дар як ҷо калон нашуда, аз ҳаёти хонагии якдигар бехабар бошанд ҳам, лекин ба сабаби он ки чанд сол боз дар комбинат бударанд, дар як мактаб хондаанд, қариб нисфи ҳар шабонарӯзро дар як ҷо, дар цех, дар маҷлисҳо, дар кружокҳо мегузаронданд, ҳар як нуктаи борики характери ҳамдигарро медонистанд. Мумкин буд, ки ин духтари солор ва ҷаррори худсар барои «беадабии» дирӯзааш бе ҳеҷ гуна мулоҳиза таклифи ӯро рад намояд. Мумкин аст, ки ба гапҳои сидқии ӯ гӯш кунаду барои дар оянда бо ӯ ҳамхона шудан розигӣ диҳад.

Вақте ки Олимҷон аз корхона баромад, дар кӯча аз коргарони сменаашон касе намонда буд. Якта-нимта роҳгузарони пиёда ва харсавор ба тарафи шаҳр ва ба саҳро равуой мекарданд. Зебинисо аз пеши дӯкон тақрибан сад қадам дуртар рафта ба сӯи станция равона буд. Олимҷон ҳам бо дили беқарор ба ҳамон тараф рафтан гирифт. Дар майнаи ӯ фақат як фикр чарх мезад, он ҳам бошад: «хайр, охир чӣ мешуда бошад, вай чӣ мегуфта бошад?» буд. Ҳанӯз вай ба Зебинисо нарасида, аз пешаш як машинан ка-

лони панҷтоннагии Консой чанги кӯчаро ба фалак дакка занонда гузашта рафт. Садои гулдурраси пурвоҳимаи машина Зебинисоро маҷбур намуд, ки беихтиёр худро ба сӯи девор, ба таги дарахти тут гирад ва ба ақиб нигоҳ кунад.

— Ҳа, духтари гурезпо, гурехта ба куҷо меравед? — гӯён Олимҷон ба Зебинисо наздик омад ва дасташро дароз кард.

— Дар ҳамин ҷо ҳам аз шумо халосӣ набудааст-дия, — Зебинисо ширйи хандида, дасташро дароз кард. Вохӯрдӣ карданд.

— Хӯш, шумо ба куҷо? — Зебинисо пурсид.

— Ба ҳамон ҷое ки шумо меравед.

— Ҳеҷ-дия.

— Чӣ ҳеҷ?

— Як кампирхолаи бадҷаҳл дорам, ки шуморо бо калтаки калон зада-зада пеш мекунад.

— Барои чӣ? Ман ба вай чӣ гуноҳ кардаам?

— Барои ин ки бо ман меоед.

— Агар аз барои ҳамин бошад, на танҳо ба калтак, балки ба ҳар гуна қину азоб тайёрам.

Ин гапи Олимҷон завқи Зебинисоро овард, лекин вай худдорӣ намуду фақат бо табассуми навозишкоронае:

— Хайр, худаш чӣ гап, тинҷӣ-мӣ? — гуфт ва ба роҳ даромад.

— Шумо одама тинҷ мемонед-мӣ! — гуфт ба ҷавобаш Олимҷон ва ин ҳам дар қатори ӯ рафтан гирифт.

Ҳар ду хеле роҳ рафтанд. Аз комбинати консерв, аз колхози «Большевик» ҳам гузаштанд. Ҳар ду ҷим буданд. Сару нӯги гап гум буд. Гоҳ-гоҳе оҳиста-оҳиста бо қирраи чашм ба ҳамдигар нигоҳ карда мемонданд. Ҳар яке алоҳида дар кӯчаҳои гуногуни хаёлот сайр мекарданд, аммо нуқтаи интиҳои ин фикрҳо як, он ҳам бошад орзу — орзуи ҳаёти ояндаи дурахшон буд. Ниҳоят Олимҷон ба гап даромад. Лекин суханҳои ӯ аз муддао дур буданд. Вай дар гирду атрофи мақсад мегашту ба баён кардани рози дилаш ҷуръат карда наметавонист. Зебинисо разми ҳар як калимаро мефаҳмид, аммо ҷавоб намедод, ба роҳаш рафтан мегирифт. Ин сукути ӯ гоҳо ба хотири Олимҷон «сукут аломати ризо»-ро меовард, гоҳо дар ин хомӯшӣ вай як шумхабари ногаҳониро ҳис мекард. Ҳангоме ки ба қарибии идораи колхози «Калинин» расиданд, Зебинисо бо як вазъияти шахсе, ки бисьёр монда шуда ё ин гуна гапҳо аз

ҳад фузун ба дилаш зада бошад, бо чашмони бемадори хумораш ба ӯ синча кард:

— Хӯш, аз ин шаф-шафҳо муддао? — гуфт.

— Шафтолу-дия,— гуфт ба ҷавобаш Олимҷон ва хандида фиристод. Аммо ин хандан сохта буд, чун аз як тараф чашмони ҷодуи Зебинисо дили ӯро чок-чок кунад, аз тарафи дигар, намуди мондашудаи ӯ дили ҷароҳатнокашро ба қаъри ноумедӣ тела медод.

— Пас?

— Пас чӣ гӯям? Гуфтам-ку!

Зебинисо қиёфаи худро тағьир надода:

— Аз гап хабар доред-мӣ? Ман жори шуморо ба комитети комсомол супорданиам,— гуфт.

— Хайр, инаш боз нав-ку. Хӯш, барои чӣ?

— Аз кори кардагиатон хабар надоред-мӣ? Аз ин кора кардана, рафта ба масҷид намоз хонед, беҳтар не-мӣ?

Ин итоби ногаҳонӣ якбора Олимҷонро гаранг карда монд. Вай то ҳанӯз дар хаёли он буд, ки духтар дар фикри чӣ ҷавоб додан аст. Дарҳол ба андеша афтод. Вале, дар ҳақиқат ҳам намозхонӣ на танҳо кори айб аст, балки барои аъзои комсомол ҷиноят аст. Охир вай-ку намоз нахонда буд! Охир вай-ку бо худо кайҳо ҳисобашро баробар карда буд! Аз намозхонӣ боз калонтар ва бадтар чӣ гуноҳе бошад? Вай аз ин гуна ҷинояташ дараке пайдо карда натавонист:

— Тӯҳмат ҳам ба эбаш-дия,— гуфта монд. Гарчи гапаш хеле дуруст бошад ҳам, аз он фақат бӯи навозиш меомад.

— Комсомол шуда истода, ба ҳавлии комсомолка занчӣ фиристодан аз намозхонӣ бадтар не-мӣ? Магар ин бар хилофи этикаи мо нест? Магар барои ин ташкилоти комсомол аъзояшро ба ҷавобгарӣ намекашад?

Ҳар як калимаи Зебинисо бисьёр бурро, қатъӣ ва таҳдидомез бошад ҳам, Олимҷон бо овози баланд қоҳ-қоҳ зада хандида фиристод. Ин хандан дуру дарози таҳтидилии ӯ Зебинисоро маҷбур намуд, ки андаке аз «ҷаҳлаш» фурояд ва ширин табассум кунад.

— Ҳа, ин фақат барои тасаллои модарам буд, халос,— гуфт Олимҷон ҳанӯз хандаашро бас накарда.

— Барои тасалло! — гуфт Зебинисо бо ситеза.

Олимҷон дигар хомӯш шуд. Пас аз андаке сукут бо чеҳраи ҷиддӣ:

МУЖДА

Зебинисо ва Олимҷон гапро як кардану дигар «ба лабҳояшон кулӯх молида мондагӣ» барин ҷим шуданд. Дигар ба ҳавлии Зебинисоино модар ва холаи Олимҷон ба хостгорӣ наомаданд. Дар зиндагии ин ду хонавода дигаргуние, ки модарон интизораш буданд, рӯй надод. Ин хомӯшии ногаҳоние, ки аз ихтиёри кампирон берун буд, онҳоро ба танг меовард. Аммо онҳо чорае надоштанд. Лом нагуфта даҳани фарзандонашонро мепоиданд. Фарзандон бошанд, гӯё қасдан аз ин хусусҳо ҳеҷ даҳон намекушоданд. Ниҳоят модари Олимҷон тоқат карда натавонист. Рӯзе дар сари дастурхон:

— Писарам, ҷим шиштан катӣ кор мешавад-мӣ? Пагоҳ ҳамроҳи холаат боз ба ҳавлии Зебинисоино равем-мӣ, мегӯям? — гуфт.

— Хайр, саросема нашав, бува, мешуд-дия охир! — гуфт Олимҷон ба ҷавобаш бепарвоёна. Вақте ки дастурхонро ғундоштанд, ба модараш таъкид кард, ки ба ҳавлии ҳеҷ кас ба хостгорӣ наравад ва ба чашмони пур аз ашки бибиаш нигоҳ накарда, ба кӯча баромада рафт.

Азоби модари Зебинисо боз зиёдтар буд. Аз завчиҳои ҷазм дигар дому дарак набуд. Ғами ниҳонии кампир бисьёр калон буд. Охир вай чӣ қадар азобу уқубатҳо кашида, духтарашро калон кардааст, ба воя расондааст. Акнун фарзандаш вайро писанд намекунад, «ту кистӣ ва чӣ мегӯӣ?» намегӯяд. Бо вуҷуди ин кампир «ба тақдир тан дода», дигар барои духтарашро ба роҳи худ даровардан фикр намекард. Худ ба худаш: «Ин телбаро одам кардан мушкил аст, ҳар чӣ ҳам бошад, сараш аз санг шаваду саломат бошад, бас аст»,— гуфта мемонд. Лекин баъзе хаёлҳои нохоҳам шабу рӯз аз майнааш дур намешуданд, ӯро ғам-

гин менамуданд ва аз кор мебаровардаид. «Охир ман офтоби сари дарахтам, худо нахоҳаду вақт-мй, бевақт бандагиро бачо оварда монам, ин духтари ба қад расида дар рӯи хона мемонад-мй? Кош ин духтари урфи мардум ва гапдаро бошад! Дар гӯй, девор мегӯяд. Ғайр аз он имсол ба ҳаждаҳ баромада бошад ҳам, то ҳанӯз сараш фаранҷиро надидааст. Хайр, инаш ҳам майлаш, лекин охир дар кӯча мегардад, мумкин аст, ки ягон одами бад-мй, нек-мй, вайро аз роҳ занад...» — Ин гуна фикру хаёлҳои кампир ҳадду интиҳо надоштанд. Гоҳ-гоҳе аламашро аз шавҳараш мегирифт ва ба вай сахт расида:

— Охир шумо чутунгин мардак? Ҳеҷ ору номус доредмй? Худо нахоҳаду ягон ҳодисае рӯй диҳад, чй кор мекунем? Охир, шумо дадо бошед, тезтар духтаратона бароварда ба ягон бандаи мӯмин қаппонед. Нигоҳ карда мешинем-мй? — барин гапҳои обдорро қатор мекард.

Мӯйсафед ҳам хавотир буд, аммо ба занаш ҳеҷ сирраширо намегиронд. Ба гапҳои таънаомези занаш бо писханд:

— Барои чй ин қадар ғам мехӯрй? Ягонта тақдир кардагиаш будагист-дия,— мегуфт.

Вақте ки занаш боз гиҷиниг-ғиҷиниг карда, ба ҷонаш сер мекард, андаке қаҳоқашро андохта:

— Хез, бисьёр ғурбат кардан нагир. Рафта хӯрок тайёр кун, вақти аз кор омадани духтарат шуд,— мегуфт.

Кампир то омадани духтараш дар сари оташдон ғудғуд карда таом мепухт. Аз дарвоза даромадани духтарашро дида, рӯи туршаш кушода мешуд ва дигар аз ғиринг-ғирингаш асаре наемонд. Духтарашро бо лаби хандон пешвоз мегирифт ва мисли парвона дар атрофи шамъ, дар гирди ӯ мегашт.

«Гапи хона ба кӯча рост намеояд» гуфтагй барин ин кампирон хабар надоштанд, ки дар беруни ҳавлиашон чй гапҳо ҳаст. Фарзандонашон бошанд ҳеҷ лаб ба парсинг намеомаданд. Олимҷон ҳар рӯз баъд аз кор Зебинисоро то ба қарибии ҳавлиашон гусел карда мемонд. Баъзе бегоҳиҳо Зебинисо «ман имшаб ба тамошо меравам» мегуфту ба доду фиғони модараш нигоҳ накарда, аз ҳавлй баромада мерафт. Онҳо бештар дар даҳани Чоршанбе ба ҳамдигар вомехӯрданд. Оҳиста-оҳиста гапзанон карда, дар бағи шаҳр давр мезаданд, гоҳо ба кино ё ба театр медарафтаданд.

Рафиқон ва дугонаҳои ҳамкорашон аз мазмуни гап пай бурда буданд. Баъзе дугонаҳои шӯхаш ба Зебинисо:

— Зебӣ, кай «ёр-ёр»-гӯй мекунем?

— Зебӣ, аз тӯй мо бехабар намонем! — гуфта мемонданд.

Баъзе ҷавонон:

— Олимҷон, ин қадар зиёфати тӯй кашол шуд?

— Тӯй карда надода, аз мо халос мешавам мегӯймӣ? — мегуфтанд. Баъзеҳо кунҷковӣ кунанд, баъзеҳо ин гапҳоро маҳз барои ин мегуфтанд, ки ба хушбахтии ин ду ҷавон аз таҳи дил хурсанд буданд.

Дар байни домоду арӯс маслиҳати тӯй кайҳо тамом шуда буд. Дар моҳҳои июль ё август аз дирекция хоҳиш менамоянд, ки ба ҳар дуяшон дар як вақт отпуска диҳад. Тӯйро мегузаронанду баъд барои саёҳат ба Тошканд ва ба Душанбе мераванд.

Дар хусуси тӯй фикри онҳо ғалатӣ буд. Онҳо дар бораи тӯи кӯҳна фикр карданро ҳам намехостанд. Чуноне ки фаранҷӣ ба Зебинисо бегона аст, тӯяш ҳам бо ҳамон никоҳу саломномахониаш, бо ҳамон гирьяи сохтаю паси чимилиқнишиниаш ба вай бегона буд. Олимҷон ҳам аз ин ҳазар мекард. Зебинисо мегуфт: «дар он рӯзи саодат, ки ман ба висоли дилдор мерасам, чаро монанди духтарони ақибмонда, гарчи бардурӯғ бошад ҳам, худро дилхун карда, гирья кунам, аз тамошои тӯи худ — рӯзи хурсандие ки дар ҳаётам дубора такрор намешавад, маҳрум гардам...?! Охир ки ман аз урфу одати кӯҳна даст кашидаам, дар роҳи маслак ва ақидаи худ устуворам, чаро барои дили як тӯда мӯйсафедони рӯзашон ба шумор мондагӣ виҷдони худамро дар азоб мононда, дар пушти дар истода фих-фих гириста, ба саволи мулло ҷавоби «ҳа»-ро диҳам?! Монки он урфу одатҳои занро канияз, мардро ғулом мекардагӣ ҳамроҳи пайравонашон аз миён бардошта шаванд».

Инчунин аз баъзе ҷиҳатҳои тӯи граждании, ки мардум тӯи сурх меноманд, дили ӯ мерамид. Дар як ҳавлӣ ғайр аз ҷӯра ва дугонаҳои арӯсу домод, аз мӯйсафедони қадхамида сар карда, то бачагони синни мактабӣ ғуи шудани одамон, дар паси столи алоҳида истода монанди раиси маҷлис — зиёфати тӯйро идора кардани шахси ҷудогона, ба Зебинисо маъқул набуд, хусусан навбат ба навбат ба сухан баромада, ваъдаҳо додани арӯсу домод, ба назараш дағал, сохта, аз назокат дур менамуд. Ба хаёлаш гӯё аз ин бӯи расмиятчигӣ меомад. Вақте ки дар баъзе тӯйҳо бисъёр истеъмол шудани машрубот ва дар охир «дег ба

каллааш» гуфтагӣ барин дар ҳар тараф ар-ар карда хобидани мастон ва ҳатто даст ба гиребон шудани баъзе сархушон ба хотираш мерасид, дилаш беҳузур мешуд. Олимҷон ҳам ҳамфикри ӯ буд.

Инҳо дар як шаби зебои тобистон, ки осмон пур аз ситорагони дурахшон мешавад ва боди форам вазида меистад, дар ҳавлии Зебинисоино зиёфати нағзакаки чингилинг ташкил дода, ба он ёру ҷӯраҳояшонро ҷеғ зада, бо хушию хурсандӣ тӯяшонро гузарониданӣ буданд. Ба хаёлашон ин ҳам зиёфат, ҳам базми хурсандӣ буд. Чун дар он шаб бо ҷӯра ва дугонаҳояшон аз рақсҳои тоҷикӣ сар карда, то ҳар гуна рақсҳои европогиро адо кардани, аз музыкаи классикӣ ва халқии тоҷикӣ то ария ва симфонияҳои бастакорони номдори рус ва Европаро шуниданӣ, ниҳоят шабро бо сӯҳбатҳои самимона ва ҳар гуна бозиҳои дилкушон замонамон гузарониданӣ буданд. Онҳо ба машрубот муқобил набуданд. Олимҷон мегуфт: «Чаро дар чунин шаби хурсандӣ барои саломатиамон нанӯшем?!» Ба ҷавобаш Зебинисо мегуфт, ки: «Тӯғрӣ, албатта, май даркор аст, ба шарте ки: «на ба он шӯрӣ шӯру на ба он бенамакӣ бенамак» шавад.

Лекин ҳанӯз вақти отпуска нарасида, дар аввали моҳи июнь дирекцияи комбинат келину домоди мо ва якчанд нафар коргарон ва коргарзанони дигарро барои кори сидқии чандсолаашон бо путёвкаҳо ба курортҳои гуногуни Иттифоқ мукофотонид. Олимҷон ва Зебинисо дар байни се рӯз тайёрии сафарро диданду ба Кисловодск баромада рафтанд.

Баъд аз понздаҳ рӯзи дигар хешовандонашон аз онҳо мактуби дуру дарозе гирифтанд. Дар нома, баъд аз салом, чунин суханҳое зикр шуда буданд:

«...Моро табрик кунетон. Дирӯз ба ЗАГС рафта, худамонро қайд кунондем, ҳар дуямон шарики зиндагӣ шудем...»

Ин мужда гарчи кампиронро бисьёр хурсанд карда бошад ҳам, лекин боз «як чети дилашон ғаш» буд.

1939

ПЕШВОЗГИРӢ

Ҳар ду модар, гарчи тӯю сур накарда, орзӯю ҳавасашон нашикаста, дар ормон монда бошанд ҳам, маҳз барои ин ки сари фарзандонашон ҷуфт шудааст, хурсанд буданд. Аз рӯзи расидани мактуб сар карда, ҳар ду ба хонаи ҳамдигар омаду рафт намуда, даҳонашонро гур карда: «қудоҷон!» мегуфтагӣ ва якдигарро аз ҳад зиёд иззату ҳурмат мекардагӣ шуданд. Ҳатто шабе модари Зебинисо ба ҳавлии қудояш омада хоб кард. Ду пиразан то ҳангоми саҳар дар бобати пешвоз гирифтани фарзандонашон ва ба хешу табору ёру ошноҳо тӯй карда додан маслиҳатҳо карданд. Чақ-чақи ин ду кампир ҳаргиз адо шуданӣ набуд.

Имрӯз ҳам ҳанӯз офтоб сар назада, ин ду пиразани корчаллон ҳамроҳи падари Зебинисо ва чанд нафар хешовандони наздики ҳар ду тараф, ба пешвози арӯсу домоди нав ба станция баромада буданд. Поезд онҳоро бисьёр мунтазир накард.

Олимҷон ва Зебинисо умедвори ин гуна истиқбол набуданд. Дар станция, онҳо дар қатори ҷавонон, модарони мӯйҳояшон сап-сафедшудаи худро дида, аз ҳад зиёд хушҳол шуданд.

Оғӯшкуниҳои хурсандона, бӯсо-бӯс, вохӯрдиҳои гарм, чеҳраҳои хандону шодони пешвозгирандагон ва истиқболшавандагон, ёр-ёргӯйи шаби келинбиёрон, ҳангомаи домодбаророн, карру фарри келинбинӣ ва тантанаи домодталабонро аз ёди ҳар касе ки бошад, мебароваронд. Тӯғьёни фараҳ ва шодӣ риштаи анъанаҳои ҳазоронсоларо пора-пора менамуд, лекин касе аз он пай намебурд. Ба назари ин одамон, ҳатто ба хаёли кампирон ҳам ин вазъият табиӣ ва ҳамин тавр шуданаш лозим будагӣ барин менамуд.

Маъмурияти корхона ҳурмати коргарони содиқи худро ба ҷо овард. Ду машинаи сабуксавори идора, ҳамаи ин мардуми аз шодӣ ва хурсандӣ ба пӯсти худ намеғунҷидагиро ба шаҳр оварда фуровард.

Рост ба ҳавлии Зебинисоино омаданд. Дар ҳавлии берун ва дарун хеле занон ва мардон ғун шудагӣ буданд. Як қисми ин одамон ба домод бегона бошанд, қисми дигарашонро арӯс намешинохт. Бисьёрии худи онҳо аввалин маротиба, ҳамин рӯз, ба муносибати ҳамин тантанаю тӯи ғайриоддӣ, дар ин ҷо ҷамъ омада, бо ҳамдигар шинос шуда буданд. Инҳо хешовандони ҳар ду тараф буданд.

Саломкуниҳо, ба оғӯшкашиҳо дар ҳавлӣ боз зиёдтар авҷ гирифт. Ҳар кас табрику муборакбод карданро ба худ вазифа медонист. Мӯйсафедон домодро ба оғӯш мекашиданду аз пешонааш мебӯсиданд, «духтарам, духтари далерам, валлаъматам» — гӯён сари келинро сила мекарданду баъд даст кушода, ба ҳар дуяшон: «умри дароз, ризқи фаровон, толеи нек ва фарзандони қобилу солим» талабида, омин мекарданд. Пиразанон ҳам дар ин бобат аз мӯйсафедон ақиб монданро ба худ ор медонистанд.

Хонаи ёздаҳболорни нақшин барои меҳмонони азиз оро дода шудагӣ буд. Сӯзании пайпоқи шутур, сӯзании калони шоҳии сабз ва кашидани сурхмахмали йӯрмадӯзӣ, ки ба деворҳо зада шудаанд, қолинҳои қирмизие ки ба рӯи хона андохта шудаанд, ба ин хона ҳақиқатан ҳам шакли тӯйхонаро медоданд. Ба рӯи дастурхон лаълӣ-лаълӣ кулчаҳои равғанин ва ҷаззадор, харбузаҳои лӯбьёгӣ ва шакарпораи коса карда шудагӣ, табақ-табақ ангурҳои ҳусайнӣ, шибирғонӣ ва шафтолуҳои донакширин ва миёнсолӣ ва дар тақсимичаҳо ҳар гуна қанду қандалот, дар пиёла ва косаҳо мураббо ва қиёмҳое, ки гузошта шуда буданд, зебу зинати хонаро боз афзунтар менамуданд.

Ороиши хона ва дастурхонкашии давлатмандона Олимҷон ва Зебинисоро каму беш дар ҳайрат мемонданд. Лекин инҳо ҳанӯз намедонистанд, ки ин модарони қадхамидаашон барояшон аз ин ҳам зиёдтар корҳоро карда метавонанд. Ин ду кампир гарчи аз касе як пул қарз нагирифта бошанд ҳам, гуфта буданд, ки: «худамонро ба гарав мемонему бачагонамонро хурсанд мекунем».

Домоду арӯсро ба пешгоҳи хона бароварда шинонданд. Дар қариби онон аз хешовандони тарафайн занони озода ва мардони галстукбанд, аз онҳо поёнтар занон ва мар-

дони либоси кӯтоҳро маъқул дониста, ҳанӯз бо куртаҳои дароз ва ҷомаҳои васеашон видоъ накардагӣ ҷой гирифтанд. Дар поён чанд нафар занони синну солашон ба як ҷо рафта мондагии куртаи пешкушопӯш ва мӯйсафедони якчак (ҷелак)-пӯш нишастанд. Ҳаман инҳо бо ҳар гуна воситаҳо ба ҳамдигар қаробат доштанд. Баъзе кампирони ҳанӯз фаранҷиашонро напартофтагӣ дар хонаи дигар, чанд нафар мардони пирсоле, ки дар байни занон шиштанро ба худ эб намедонистанд, дар ҳавлии берун ҷой гирифтанд.

Ҳангоме ки ҳама ҷо ба ҷо шуданд, модари Зебинисо омада, ҳамаро «хуш омадетон!» гуфт ва аз хурсандӣ аз чашмонаш ашкҳо равона шуданд. Модари Олимҷон ӯро пайравӣ намуд.

Зиёфат хеле тӯл кашид. Чақ-чақ ҷӯшид. Баъд аз хӯрда шудани мастоба дастурхонро ғундоштанд. Бо патефоне ки арӯсу домод аз Москва оварда буданд, Ҳалимахон ва Тӯҳфахон аз дур истода, маҷлиси хурсандии ин хонаводаи саодатмандро хеле тафсонданд. Ниҳоят аз ҳамон хона дутор ҳам ёфт шуд. Пан ҳамдигар таронагӯии ҷавонзанон ва ҷавонмардон базмро хеле ҷӯшону хурӯшон кард.

Дар охир арӯсу домод ҳам барои хурсандии меҳмонон навбат ба навбат таронаҳо хонда доданд. Дар қарибии фурӯрафти офтоб палавро кашиданд. Пас аз ин ҳама хӯшбошӣ карда, тоқа-тоқа ва ҷуфт-ҷуфт ба ҳавлиҳои худ равона шуданд.

Ҳангоме ки торикӣ мефаромад, дар ҳавлӣ ғайр аз арӯсу домод, модаронашон ва падари Зебинисо, дигар касе намонда буд. Зебинисо ва Олимҷон таассуроти имрӯзаашонро ба якдигар гуфта, «ин тӯи кампирҳо буд, ҳафтаи оянда, дар ҳамин рӯз барои рафиқон ва дугонаҳои ҳамкорамон тӯй карда медиҳем» — гӯён маслиҳат карда шиштта буданд. Ба хона модари Зебинисо даромад. Вай аз духтараш хоҳиш намуд, ки як бор ба пешаш биёяд.

Ҳамин ки Зебинисо ба пеши модараш омад, кампир боз як бори дигар фарзандашро сахт оғӯш карда, аз пешона ва ду рӯяш бӯсаҳо кард. Монанди он ки дар умраш духтарашро акнун медида бошад, аз чеҳраи ӯ ҳаргиз чашмонашро намеканд, ӯро аз тамошо кардан сер намешуд. Ниҳоят, «канӣ, бувачон, гап зан!» — гӯён духтар модарашро ба гап даровард. Ҳар ду хеле ҳолпурсӣ намуданд.

Пас аз хеле фурсат кампир аз дур даромад намуда, ба гап сар кард. Дар вақти набудани Зебинисо дар ма-

ҳалла ва гирду атроф чӣ воқеаҳо рӯй додааст, чашми киҳо равшан шудаасту киҳо аз дунъё чашм пӯшидаанд, як ба як нақл кард. Ва дар навбати худ дар пеши духтараш як қатор саволҳоро кӯндаланг карда монд. Аз ҷойҳое ки инҳо рафтанд, вай фақат номи ду ҷой: Москва ва курортро медонисту халос. Курортро ҳам «кулорт» гӯён талаффуз менамуд. Номи ҷойҳоро, агар ҳозир даҳ бор шунавад ҳам, аз як гӯшаш медаромаду аз гӯши дигараш баромада мерафт. «Канӣ, ту гап зан, ҷоҳои рафтагиатон хуб тамошо будааст-мӣ? Хуб оламу одами бисьёрро дида омадетон-мӣ? Ба Москва-ку даромадетон рафта Ленин бобоятро дидӣ-мӣ? Дар унҷоҳо чутунгин одамон зиндагӣ мекардиян?» ва ҳоказо.

Зебинисо ҷойҳои рафтаашонро, хусусан Москваро, бисьёр таъриф ва тавсиф намуд. Кампир аз даҳани духтараш чашм наканда мешишт. Ин таърифот ӯро ба кӯчаҳои гуногуни хаёл кашола карда мебурданд. Вай дарункӣ оҳе кашида, андак хафа шуд, ки ба дунъё барвақттар омадааст. Ленин бобояшро рафта зиёрат кардани духтараш вайро хеле дилшод намуд. Худ ба худаш: «дуруст, ин кӯрнамак не, одам мешавад» — гуфта монд. Лекин ба саволи: «дар он ҷоҳо чутунгин одамон зиндагӣ мекардиян?» — ҷавоби қаноатбахш гирифта натавонист. Ба ҷавоби ин духтараш як қатор миллатҳоро номбар намуд. Кампир аз ҷумлаи ин миллатҳо фақат русҳоро медонист, дигарҳояшонро акнун мешунавид гӯем муболиға нахоҳад шуд. Нашуд, кампир «дар миёни ин халққо мусулмонҳо ҳам ҳастанд-мӣ?» гуфта пурсид. Духтар ҳанӯз ҳам муддаои ӯро нафаҳмида, қоҳ-қоҳ хандида, «чӣ фарқ дорад!» — гуфт.

Ин «чӣ фарқ дорад!» боварни кампирро боз комилтар намуд. Вай акнун нағз фаҳмид, ки онҳо ба ЗАГС рафтааанду дигар қондаҳои мусулмониро фаромӯш кардаанд. Боз «як чети дилаш ғаш» кардан гирифт. Дар ҳамин дам гарчи бемавқеъ бошад ҳам, сухани духтарашро бурида, ба ҳикоят кардани як тӯе ки дирӯз дар маҳаллаашон шуда гузаштааст, сар кард:

— Ҳамин ҳафта Қосимҷон, писари Салимҷон амак, зан гирифт. Тӯи сурх карда дод. Занаш ҳам худаш барин дар кадом идорае кор мекардааст... Аз тӯй ду рӯз пеш, шабона як домуллоро оварда, рустӣ никоҳ кунонидаанд...

Зебинисо ҳикоятро шунида, дарҳол аз муддаои кампир пай бурд. Лекин махсусан дар чунин рӯзи хурсан-

дӣ ҳаргиз намехост, ки модараки муштипарашро ранҷонад. Дарҳол барои салоҳи кор:

— Бувачон! — гӯён эркагӣ кард.— Бувачон, чунон ҳам туя ёд кардам, ки мондан мегирӣ. Агар туя ин қадар ёд намекардам, ҳоло ба ин зудиҳо гашта намеомадем, Москвая тамошо карда гаштан мегирифтем,— гуфт.

Ин навозиш кампирро тамоман ёзонд. Вай сари духтарашро сила карда истода:

— Духтарам,— гуфт,— шаб дадот рафта ба қорӣ почот таъин карда омада буданд. Баъд аз хуфтан он кас меоянд. Рафта ба шарикат мазмун кун... Ҳар чӣ ҳам бошад, мо фарзанди мусулмон ҳастем, қоидаи мусулмонии худамонро ҳам ба ҷо овардан даркор аст.

— Бувачон, мана хафа карданба дилат мешавад-мӣ?

— Не, чува дилам мешудааст!

— Биё, ҳамтӯ ки бошад, на ман туя озор медиҳам, на ту мана.

— Ин нағз, бачем, аммо мардум чӣ мегӯянд?

— Ҳар чӣ ки мехоҳанд, гуфтан гиранд. «Исо ҳам ба роҳи худ, Мусо ҳам ба роҳи худ» гуфтаанд.

— Шумоён асло гӯру қиёматро хаёл намекунетон-мӣ?

Дар айни замон аз хусуси гапҳои беҳуда будани гӯру қиёмат гап задан — ба санг об рехтан қатӣ баробар буд. Ғайр аз он мумкин буд, ки кампир хафа ҳам шавад. Бинобар ин Зебинисо хандида:

— Бувачон, аз ин хусусҳо асло ту парво накун. Инаша ба ман мондан гир. Агар гуноҳат бисьёр бошад, ба гардани ман бор кун, ман ҷавобаша худам метиям. Асло ғам нахӯр...— гуфт.

Кампир пештар медонист, ки духтараш ба ин ҳаргиз розӣ намешавад. Ин гапҳо фақат барои озмоиш буд. Дар хаёлаш: «Охир ман чӣ кор кунам? Ҳар чӣ ҳам бошад, ман як бор гуфта, қарзамро аз гарданам соқит кардам... Гӯрашон ҷудост... ба ман чӣ?»... Ниҳоят барои ин ки духтараш хафа нашавад, табассум намуда:

— Духтарам, хурсандии шумоён бо ҳамин бошад, ман ҳам ба ин хурсанд. Майлаш, ихтиёр ба худатон,— гуфт.

— Ана гап интӯ шудааст,— гуфт Зебинисо аз хурсандӣ қоҳ-қоҳ зада.— Ана акнун ба қорӣ почоям гӯетон, ки ба ягон ҷой рафта, меҳнат карда нонашонро ёфта хӯрдан гиранд. Ба ин ҳавлиҳо қадами номуборакашонро ҳаргиз намонанд! Дуруст-мӣ? Гап тамом, вассалом!

ҳалла ва гирду атроф чӣ воқеаҳо рӯй додааст, чашми киҳо равшан шудаасту киҳо аз дунъё чашм пӯшидаанд, як ба як нақл кард. Ва дар навбати худ дар пеши духтараш як қатор саволҳоро кӯндаланг карда монд. Аз ҷойҳое ки инҳо рафтанд, вай фақат номи ду ҷой: Москва ва курортро медонисту халос. Курортро ҳам «кулорт» гӯён талаффуз менамуд. Номи ҷойҳоро, агар ҳозир даҳ бор шунавад ҳам, аз як гӯшаш медаромаду аз гӯши дигараш баромада мерафт. «Канӣ, ту гап зан, ҷоҳои рафтагиатон хуб тамошо будааст-мӣ? Хуб оламу одами бисьёрро дида омадетон-мӣ? Ба Москва-ку даромадетон рафта Ленин бобоятро дидӣ-мӣ? Дар унҷоҳо чутунгин одамон зиндагӣ мекардиян?» ва ҳоказо.

Зебинисо ҷойҳои рафтаашонро, хусусан Москваро, бисьёр таъриф ва тавсиф намуд. Кампир аз даҳани духтараш чашм наканда мешишт. Ин таърифот ӯро ба кӯчаҳои гуногуни хаёл кашола карда мебурданд. Вай дарунноки оҳе кашида, андак хафа шуд, ки ба дунъё барвақттар омадааст. Ленин бобояшро рафта зиёрат кардани духтараш вайро хеле дилшод намуд. Худ ба худаш: «дуруст, ин кӯрнамак не, одам мешавад» — гуфта монд. Лекин ба саволи: «дар он ҷоҳо чутунгин одамон зиндагӣ мекардиян?» — ҷавоби қаноатбахш гирифта натавонист. Ба ҷавоби ин духтараш як қатор миллатҳоро номбар намуд. Кампир аз ҷумлаи ин миллатҳо фақат русҳоро медонист, дигарҳояшонро акнун мешунавид гӯем муболиға нахоҳад шуд. Нашуд, кампир «дар миёни ин халққо мусулмонҳо ҳам ҳастанд-мӣ?» гуфта пурсид. Духтар ҳанӯз ҳам муддаои ӯро нафаҳмида, қоҳ-қоҳ хандида, «чӣ фарқ дорад!» — гуфт.

Ин «чӣ фарқ дорад!» боварии кампирро боз комилтар намуд. Вай акнун нағз фаҳмид, ки онҳо ба ЗАГС рафтаанду дигар қондаҳои мусулмониро фаромӯш кардаанд. Боз «як чети дилаш ғаш» кардан гирифт. Дар ҳамин дам гарчи бемавқеъ бошад ҳам, сухани духтарашро бурида, ба ҳикоят кардани як тӯе ки дирӯз дар маҳаллаашон шуда гузаштааст, сар кард:

— Ҳамин ҳафта Қосимҷон, писари Салимҷон амак, зан гирифт. Тӯи сурх карда дод. Занаш ҳам худаш барин дар кадом идорае кор мекардааст... Аз тӯй ду рӯз пеш, шабона як домуллоро оварда, рустӣ никоҳ кунонидаанд...

Зебинисо ҳикоятро шунида, дарҳол аз муддаои кампир пай бурд. Лекин махсусан дар чунин рӯзи хурсан-

дӣ ҳаргиз намехост, ки модараки муштипарашро ранҷонад. Дарҳол барои салоҳи кор:

— Бувачон! — гӯён эркагӣ кард.— Бувачон, чунон ҳам туя ёд кардам, ки мондан мегирӣ. Агар туя ин қадар ёд намекардам, ҳоло ба ин зудиҳо гашта намеомадем, Москвая тамошо карда гаштан мегирифтем,— гуфт.

Ин навозиш кампирро тамоман ёзонд. Вай сари духтарашро сила карда истода:

— Духтарам,— гуфт,— шаб дадот рафта ба қорӣ почот таъин карда омада буданд. Баъд аз хуфтан он кас меоянд. Рафта ба шарикат мазмун кун... Ҳар чӣ ҳам бошад, мо фарзанди мусулмон ҳастем, қоидаи мусулмонии худамонро ҳам ба ҷо овардан даркор аст.

— Бувачон, мана хафа карданба дилат мешавад-мӣ?

— Не, чува дилам мешудааст!

— Биё, ҳамтӯ ки бошад, на ман туя озор медиҳам, на ту мана.

— Ин нағз, бачем, аммо мардум чӣ мегӯянд?

— Ҳар чӣ ки мехоҳанд, гуфтан гиранд. «Исо ҳам ба роҳи худ, Мусо ҳам ба роҳи худ» гуфтаанд.

— Шумоён асло гӯру қиёматро хаёл намекунетон-мӣ?

Дар айни замон аз хусуси гапҳои беҳуда будани гӯру қиёмат гап задан — ба санг об рехтан қатӣ баробар буд. Ғайр аз он мумкин буд, ки кампир хафа ҳам шавад. Бинобар ин Зебинисо хандида:

— Бувачон, аз ин хусусҳо асло ту парво накун. Иноша ба ман мондан гир. Агар гуноҳат бисьёр бошад, ба гардани ман бор кун, ман ҷавобаша худам метиям. Асло ғам нахӯр...— гуфт.

Кампир пештар медонист, ки духтараш ба ин ҳаргиз розӣ намешавад. Ин гапҳо фақат барои озмоиш буд. Дар хаёлаш: «Охир ман чӣ кор кунам? Ҳар чӣ ҳам бошад, ман як бор гуфта, қарзамро аз гарданам соқит кардам... Гӯрашон ҷудост... ба ман чӣ?»... Ниҳоят барои ин ки духтараш хафа нашавад, табассум намуда:

— Духтарам, хурсандии шумоён бо ҳамин бошад, ман ҳам ба ин хурсанд. Майлаш, ихтиёр ба худатон,— гуфт.

— Ана гап интӯ шудааст,— гуфт Зебинисо аз хурсандӣ қоҳ-қоҳ зада.— Ана акнун ба қорӣ почоям гӯётон, ки ба ягон ҷой рафта, меҳнат карда нонашонро ёфта хӯрдан гиранд. Ба ин ҳавлиҳо қадами номуборакашонро ҳаргиз намонанд! Дуруст-мӣ? Гап тамом, вассалом!

Зебинисо гапашро тамом карда-накарда ҷаста аз ҷояш хесту шалаппас кунонида аз рӯи модараш бӯса кард ва давида баромада ба пеши шавҳараш рафт. Кампир ҳанӯз лаби ба табассум кушодашударо нагундошта, аз ақиби вай нигоҳ карда монд ва дар дилаш «илоҳи худо умраша дароз кунад» — гуфт.

1939

МОДАР

Чашми рӯз акнун кушода мешуд. Зебинисо кайҳо боз бедор буд. Аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар чарх мезад. Безобита буд. Намедонист, ки дили аз хурсандӣ ба таркидан наздикашро чи тавр холӣ кунад. Рози дилашро ба кӣ гӯяд?

Худатон фикр кунед, охир вай модар, модар шуда буд!

Деворҳои сафеди хона карахт буданд, меҳмоннавозӣ намекарданд ва ин модари фараҳмандро муборакбод намегуфтанд.

Дарахтони сабз аз паси тиреза фақат ҷилва мекарданду бас. Магар ин ҳои табрик ва изҳори хушнудиро мегирад?

Боди сабо оҳиста ва форамона мевазид. Дар он аз дарёи ва шердилӣ асаре набуд, магар бо ин сустӣ дурӯҳои ашки хурсандии ин модари саодатқаринро ба ҳамрозаш расонидан мумкин аст?

Ҳамшираи шафқат мисли ҳамешагӣ серкор буду фақат табассум менамуд. Магар бо ин як табассум дили одами зинда, дили модари тифли навзод, ки аз хушу хурсандӣ дар фазои бахт парвоз менамояд, сер мешавад? Инсоф ҳам даркор аст! Ҳамшираи меҳрубон, биё, одамон биёед, дар паҳлуи ӯ бишинед, вай нақл кунад, шумо бишнавед! Биёед, суруди модари озод, таронаи модари хушбахти даврони мояро бишнавед!

Садои иғи-иғии кӯдакон шунида шуд. Зебинисо гӯшҳояшро сих намуда, ба ҳамсояхонае, ки дар он кӯдакон хобида буданд, гӯш кард. Дилаш сахт тапид, дасту пойҳояш ларзиданд. Чашмони аз камхобӣ сурхчатобаш ба тарафи дар дӯхта шуданд. Гӯё касе ба ӯ, на ба ӯ, балки ба ҳони дуйӯмаш, ки ҳо дар он ҳо, дар паси он девор, дар болои каравотчаи алоҳида, йӯргакпеч шуда хобидааст, ҳамла меовард. Гӯё ӯ ба радди ҳамла омода мегардид. Дам ба дам аз ҳояш хеста, аз хона зада баромаданӣ мешуд.

Рӯз ҳам шуд.

Дигар модароне, ки дар қатори ӯ болои каравотҳои пружинноки оростаи сап-сафед хобида буданд, як ба як бедор шуданд.

Пардози пагоҳӣ низ тамом шуд.

Ҳамширагони шафқат якта-якта кӯдаконро оварда, ба бағали модарҳояшон гузоштанд.

Зебинисо кӯдаки чанд соат пеш аз ин ба дунъё омадаи худро беозор ба бағал гирифт ва ноӯҳдабароёна нӯги пистонашро ба даҳони вай андохт. Кӯдак каллаашро ҷунбонида, бо лабҳои нарм ва сурхаш пистонро мепалмосид, андаке асабинамо шуда, гишинг-гишинг мекард. Ҳамшира ба кирдори модари ҷавон ва рафтори кӯдаки чолок бо табассуми хушнудӣ синча менамуд. «Бачаро ин тавр гиред, ана ин тавр кунед» — гӯён ба Зебинисо дарси модарӣ медод.

Ба фарзандаш нигоҳ карда истода, беихтиёр дар чеҳрааш табассуми шодӣ дамид. Кӯдак ҳам пистонро намонда бо чашмони нимкофаш «ҳа, хӯш, чӣ мегӯй?» — гуфтагӣ барин ба вай синча карда меистод.

Кӯдак мемакид, истиқболи ӯ хаёлоти Зебинисоро дар ҷавлонгоҳҳои ҳаёт ва ҳақиқат давр мезанониданд.

«Фарзандам дар овони пиронсолиам парасторам шавад, соҳиби мурдаю зиндаам гардад, дар шаби ҷумъаю душанбе чароғи хонаамро фурӯзон кунаду ба арвоҳам дуою фотиҳа хонад!» — барин гапҳоро дар айёми бачагиаш аз даҳони кампирон шунида бошад ҳам, кайҳо фаромӯш карда буд.

Не, ин гуна фикрҳо ӯро машғул намекарданд. Вай на ба парастории фарзандаш эҳтиёҷ дошт на ба дуою фотиҳа.

Зебинисо намедонист ва тасаввур ҳам карда наметавонист, ки дирӯзакак, фақат чорьяк аср пеш аз ин худаш барин модарон нахустинҳояшонро бо шири синаи худ сер карда натавониста, дар хонаҳои сарде, ки аз дару дарича ва тарқишҳои он шамол бошиддат ҳуҷум наменамуд, дар пеши сандалии тафт нишаста, гаҳвораи фарзанди гурусна ва гирьёнашонро меҷунбониданд ва ба оҳанги ҳузновар «алла» мегуфтанд. Ин алла набуд, ин иолиш буд, ин шикоят аз ҳаёти пуралами худашон, аз ояндаи мавҳуми кӯдаки дар гаҳвора будаашон буд.

Не, ин ба Зебинисо бегона буд!

...Кабинети калон, тамоми деворҳояш — шкаф, дарунаш онҳо пур аз китобҳои муқовасиёҳи бо зарҳал чоп шудагӣ. Кариб дар миёнаҷои хона дар болои қолини абрешимӣ наз-

дик ба тиреза столи бузурги сиёҳтобе гузошта шудааст. Дар паси он, дар болои курсии чармин як мӯйсафеди нуронӣ нишастааст. Дар бар либоси оддӣ, аз болои он пешбандак барин ҷомаи сафеди тоза... дар берун қатор-қатор хонаҳо, кабинетҳо, лабораторияҳо... ҷавонони хирадманди сертараддуд... касе чуруқе намекунад... пашша пар намезанад... Донишманди оламшумул машғули кор аст. Бояд муаммои ҳаёт, муаммои дароз кардани умри одамизод ҳал карда шавад! Дар ҳамин вақт дар гӯшаву канори ин кориди дароз, байни ҷавонон ва миёнсолон пичир-кучур, гӯшаки: «модари академик, ана волидаи устод омаданд» барин гапҳо. Зебинисо кампири дуқат шудагӣ, дар дасташ асо, бе ҳеҷ гуна такаллуф дари кабинети донишманди ба олам машҳурро мекушояду бе пурсиш медарояд. Он мӯйсафеди нуронӣ таъзим карда, аз ҷояш мехезаду омада, «модарҷон» — гӯён ӯро бӯса карда, ба таги қӯлтуқаш даромада, ба пеши худ, ба курсии дигар бурда мешинонад.

Зебинисо аз ин фикрҳо ба ваҷду нишот омада, ҳатто дамашро рост карда натавониста, якбора оҳи дуру дарозе кашиду оҳистекак ҳам шуда аз рӯи фарзандаш бӯса кард. Ҳамин ки сарашро бардошт, дид ки ҳамшира дар паҳлӯяш хандида истодааст.

— Кӯдак сер шуд, акиун ӯро ба ман диҳед! — гӯён ҳамшира бо ширинзабонӣ бачаро аз вай гирифт. Зебинисо то аз дари хона баромадани ҳамшира аз пушти ӯ ба бача нигоҳ карда истод. Дар ҳамин вақт чашмаш ба девор афтод. Дар он ҷо сурати пешво зада шудагӣ буд. Чанд лаҳза бо назари миннатдорӣ ва сипосгузорӣ ба доҳӣ нигоҳ карда истоду боз ба тарафи дар, аз ақиби ҳамшира ба бача чашм партофт. Бо ҳамин нигоҳ, ба маҳбуби олам фарзандашро нишон дода гуфтанӣ буд, ки:

«Падари бузургворам! Ту моро ҳаёт ва саодат бахшидӣ! Ман, духтари вафодори ту, вазифаи инсонии худро адо намудам — ба Ватан фарзанд бахшидам! Бигузор, вай калон шавад, ба воя расад, мисли модараш ва падараш, барои ту, барои роҳ ва маслаки ту ҷонбозӣ кунад».

1939

ДАР ЗАГС

Имрӯз ӯро ба ЗАГС мебаранд. Дар он ҷо шахсеро, ки барояш ёр интихоб кардаанд, мебинад. Справкаи докторро нишон медиҳанду онҳоро қайд мекунонанд. Сонӣ... сонӣ, баъд аз се ё чор рӯзи дигар ҳама хешу ақрабо, зану мард ҷамъ мешаванду хурсандӣ мекунанд. Духтарчаҳо бошанд:

«Шилдир-шилдир об меравад,
Бучачамба[1] тӯй меравад,
Чои бучаҷон, гирья накунед,
Хости худое... ёр.. ёр...» —

гӯён тамоми мусибати ӯро ба худое, ки вай кайҳо фаромӯш кардаааст, ҳавола мекунанд, бо ҳамин мағалу гавғоҳои худ ӯро, ки то алҳол мисли одами сархуш аз олам бехабар буд, ба худ меоранд... ва ба ӯ ёдоварӣ менамоянд, ки имрӯз рӯзи охирини айёми духтариаш аст.

Ана, бо ҳамин вай арӯс, соҳиби хонаю дар мешавад.

Худаш чӣ гап? Ин чӣ? Шӯхӣ бо тақдири фарзанди одам?

Бале, хоҳу нохоҳ ҳамин тавр аст. Не, ин мумкин нест! Ихтиёр ба дасти бахтиёр аст. Магар фаромӯш кардед, ки вай озод аст, интихоби ӯ озодона аст. Мехоҳад, аз гулистон гулеро хоста гирифта, ба баногӯшаш мехаладу аз бӯи муаттари он лаззат мегирад, намехоҳад, ба вай касе «ана, ина гир!» — гуфта зӯрӣ карда наметавонад.

Чӣ? Модар?! Бале, модар дар ҳақиқат ҳам сазовори иззат ва ҳурмат аст. Оре, ҳеҷ кас азобҳои кашидаи ӯро инкор намекунад, ҳама медонад, ки модар — модар аст. Касе лом намегӯяд ва ҳақ ҳам надорад.

---

[1] Буча — апа.

Эсдо

Орзӯ... орзӯю ҳаваси модар! Бисьёр хуб, хӯш, кӣ аз он рӯй мегардонад? — ҳеҷ кас. Не, ҳукми ӯ... гирья, нола, рӯйканӣ ва мӯйканӣ, ҳатто дашном ва дуои бадҳои ӯ... аҷаб? Аз ин шаф-шафҳо муддао? — Маълум. Фарзандаш бояд хоҳиши ӯро рад накунад, интихоби ӯро интихоби худ шуморад. Чӣ тавр, охир духтараш он шахсро надидааст ва намедонад-ку! Пас чӣ тавр бо вай рафиқи умрӣ шуда метавонад? Кампир, ба шумо чӣ шуд? Аҷлатонро хӯрдед-мӣ? Ин мӯйҳоятонро дар куҷо сафед кардед? Хабар доред-мӣ, он замонҳое, ки шумо келин шуда будед, ҳоло барои кӯдакони мо афсонаи хандаовар шудааст. Дигар он такрор намешавад. Монед, беҳуда ашкҳоятонро равон накунед. Айб аст. Худатон гӯед, ба поймол кардани гул, гули ҳаёт — фарзанди азизи худ дилатон мешавад? Майлаш, ихтиёр, орзую ҳавасатонро кунед. Аммо гап дар интихоби шумост, ки он бемаъност, аз он дили духтаратон мерамад, ана гап дар куҷост!

Ана инаш боз ғалатитар аст. «Агар ба ҳамин одам нарасӣ, аз баҳри ту барин духтар баромадам, туро оқ кардам, дигар ба хонаам қадам намон, ба куҷое ки мехоҳӣ, рав, рафтан гир!» Ҳо-ҳо-ҳо! Чаро механдед, ин ҳақиқат аст, ин суханҳои падарест, ки духтарашро аз ҷон дӯсттар дорад. Вай ба аспи ҷаҳл, орият савор шуда гирифтааст ва аз он ҳаргиз фаромаданро намехоҳад. Бо ҳамин дӯг, бо ҳамин пӯписае, ки таҳкурсиаш ҷаҳл аст, кӯрист, мехоҳад ки чароғи хомӯш шудани стодаи кӯҳнагиро боз фурӯзон кунад. Не, падар, беҳуда зӯр назанед, он чи ки таърих ба маргаш ҳукм баровардааст, дигар аз бистари марг барнамехезад. Зӯри беҳуда — миён шиканад,— гуфтаанд, фаҳмидед-мӣ?

Не, намешавад! Падарҷон, модараки меҳрубонам, ман шуморо дӯст дорам, аз ҷон азизтар медонам. Медонам, ки шумо бадхоҳи ман нестед, балки номзаде, ки бароям интихоб намудаед ва маро мисли чорпо бароварда, бо услубу одоб ба дасти вай ҷаппониданӣ ҳастед, одами дуруст, бамаънӣ будагист. Агар ман ба гапи шумо дарояму ӯро ба худ ёр гирам, ба ӯ дил бандам, балки дар оянда ҳамроҳи ӯ монанди инсон зиндагӣ ба сар мебурдагем. Вале наметавонам, ҳайҳот ки наметавонам! Инсоф кунед, худатон гӯед, чӣ тавр бо як одаме, ки вайро тамоман намедонам ва ҳатто дар хоби шабам надидаам, дар як болин сар мемонаму умр мегузаронам? Не, намешавад.

Чӣ тавр, дар куҷо, дар кадом нома навишта шудааст, ки фарзанди одам — духтари озодро бароварда, ба як шахси бегонае, ки дили духтар ӯро ҳеҷ намекашад, «ма, ин ба ту!» — гӯён супоранд? Не, ин даҳшат аст, ин ваҳшоният аст! Чӣ? Гузашта? Урфу одат? Дину шариат? Ба гузаштаву рафта салавот гуфтаанд. Ғайр аз он: магар одамхарӣ ва одамфурӯшии чандҳазорсола бас нест? Бас аст! Урфу одат — охир ин маромномаи ахлоқи инсон ё бахшишкунандаи калиди саодати вай нест-ку?! Пас, набошад чаро ба ман пешниҳод мекунед?! Дину шариат?! Ҳо-ҳо-ҳо! Кошки шумо медонистед, ки ман, духтари шумо, аз дину шариататон дида ба афсонаи «кал ва модари ӯ» бештар боварӣ ва эътиқод дорам!

Майлаш, ҳамин тавр ки бошад, майлаш! Ҳар коре, ки аз дастатон меояд, кунед. Метавонед, на танҳо маро ба кӯча бароварда пеш кунед, балки ба доратон ҳам овезед! Наметарсам! Бахти худ, саодати худро қурбони якравии шумо намекунам! Маҳз барои рионяҳои одатҳои пӯсида ва шариати мурда, истиқболи худро барбод намедиҳам! Оянда аз они ман аст, пас, интихоб — интихоби ман аст!

Ҳангоме ки ба дари ЗАГС расиданд, холааш:

— Ҳушат дар куҷост, омадем,— гуфт.

— Ҳушам дар қояш аст,— гуфт духтар ба қавоби ӯ.

Ҳарду ба ЗАГС даромаданд.

— Йигити нағз, маро мешиносед-мӣ?

— Ҳа,— гуфт домодшаванда ва таб бароварда сурх шуд.

— Маро кай ва дар куҷо дида ошно шуда будед?

Дар пешонаи ҷавон қатраҳои арақ намудор шуданд. Хомӯшӣ.

— Маълум мешавад, ки маро намешинохтаед? Пас дар оянда чӣ тавр ҳар дуямон шарик шуда, зиндагӣ мекунем?

Ҳеҷ кас мунтазири ин гуна саволҳо набуд. Коркунони ЗАГС дарункӣ завқ мекарданд ва аз чеҳраи инҳо чашм намеканданд. Холааш мисли мурғи посӯхта дар қояш қунбида меистод ва дар дилаш: «Ҳа илоҳӣ ба балои бад гирифтор шав, ту қувонмаргзеб» мегуфт.

— Пас, йигити нағз,— гӯён вай табассум намуда саволашро такрор кард: — вақте ки мо феъл ва хулқи якдигарро намедонем, дар оянда зиндагӣ карда метавонем-мӣ? — ва ба дидори домодшаванда синча карда истод.

Ҷавон на «ҳа» гуфтанашро медонист, на «не» гуфтанашро. Лекин дар айни ҳол розӣ буд, ки замин кафаду вай ба қаъри он даромада равад ва аз ин шиканҷа халос шавад. Духтар боз ба гап даромад:

— Ҳамин тавр, ки бошад,— гӯён андаке хомӯш шуд.— Албатта шумо маро мебахшед, дар ин кори мо камтаракак нофаҳмой шудааст, мӯйсафедон ғалат кардаанд, фаҳмиддемӣ? Мо ҳар ду якдигарро дуруст надониста, шарик шуда наметавонем. Бинобар ин шумо ҳам аз коратон намонед, мо ҳам аз роҳамон! Хайр набошад, албатта маро маъзур медоред! — ба тарафи домодшаванда боз як нигоҳ карду, аз ҷояш хеста, ба сӯи дар равона шуд.

Домодшаванда дар ҷояш шах шуда монд. Хола «вай ман мурам!» — гӯён аз ақиби хоҳарзодааш давид. Коркунони ЗАГС завқ карданд.

1940

ПАДАР

Бегоҳирӯзӣ Аҳмадҷон амак писараш Содиққонро ба наздаш ҷеғ зад. Содиққон дар тараддуди киноравӣ буд.

— Хӯш, дадо? — гуфта омада шишт.

Вай ба чеҳраи писараш андаке синча карда истод. Гӯё бо ҳамин як нигоҳ рози ниҳонии ӯро донистанӣ буд. Қадди баланди мавзуни Содиққон овони ҷавонии худи Аҳмадҷон амакро ба ёд меовард, лекин чашмҳои бодомӣ, абрувони пайваст, бинии рост ва хусусан ду рӯи суп-сурхаш айнан модари марҳумашро ба хотир мерасонд. Ин монандии фарзандаш ӯро андаке ба изтироб андохт ва беихтиёр рӯзҳои гузаштаро бо тамоми ғаму ғусса ва шодию хурсандиашон дар пеши назараш ҷилвагар намуд.

...Зимистони сарди соли ҳафдаҳӯм. Вай ба наздикӣ бо ҳазорон азобу машаққат ба болои вагонҳо савор шуда, қариб як моҳ роҳ гашта, аз вилояти Кишинёв, аз мардикорӣ гашта омада буд. Ана дар ҳамон рӯзҳо амаки мӯйсафедаш: «арвоҳи мурдагон шоду сари ин ятимча ҳам ҷуфт шавад» — гӯён духтари кенҷаи ба қад расидаи зебои худро «бо як коса об» ба ӯ никоҳ карда дода буд. Ана, ин писари бамаъние, ки имсол мактаби даҳсоларо тамом кардааст ва дар ҳар кор маҳз барои ҳурмат «дадо, акнун чӣ кор кунам?» — гӯён аз ӯ маслиҳат мепурсид, ёдгори ҳамон рафиқаи оқилаю зебои чор сол пеш аз ин аз дунъё чашмпӯшидааш буд.

Ҳамин ки ин хотираҳои ширин ба ёдаш расиданд, фиреби аламноке, ки як бор дар умраш хӯрда буд, ба монанди ҳамешагӣ боз ба ёдаш омаду аламашро тоза кард. Вай хаёли ба мардикорӣ рафтан надошт. Лекин хӯҷаинаш — шахси обрӯманди маҳалла, ӯро ба панҷсад сӯм киро карда, харида фиристода буд. Дар вақти раҳсипор шуданаш

ба дасташ панҷоҳ сӯм дода: «писарам, ту инро гиру рав. Ба одамизод пул ҳамеша даркор мешавад. Аз мардикорӣ ки омадӣ, ба ту хонаю дар карда медиҳам. Туро худам хонадор мекунам... Ана дар он вақт боқимондаашро медиҳам»...— гӯён бағалашро бо чормағзҳои пуч пур карда равона карда буд. Вақте ки ба мардикорӣ мерафт, вай сию шаш-сию ҳафт сол дошт, ҳанӯз лаззати ҳаёти оилавиро начашида буд... аммо ба мӯйҳояш якто-нимто сафедӣ афтода буданд...

Лекин, ҳангоме ки ӯ аз мардикорӣ гашта омад, хӯҷаини дигар бо «пушти сараш» ҳам ба вай нигоҳ накард. Вақте ки ана ҳамин фиреби хӯрдагиаш ба ёдаш мерасид, якбора аз шиддати ғазаб ва хашмгинӣ таб мебаровард ва бехтиёр дандонҳояш ғиҷиррос мезаданд.

Содиққон саросема буд, чун мумкин буд, ки ба сеанси якӯм расида натавонад.

— Хӯш,— гуфт боз як бори дигар ва бо ҳамин интизории вай буданашро маълум кард.

Овози писараш Аҳмадҷон амакро якбора ба худ овард.

— Ҳа, писарам, ман донистанӣ будам, ки ба пункти даъват кай меравӣ?

— Дар 27-ӯм.

Аҳмадҷон амак муддаоеро ки чанд рӯз боз ӯро ба ташвиш андохта буд, чӣ тавр ифода карданро надониста, бо табассум:

— Хӯш, писарам, хизмат мекунӣ-мӣ? — гуфта пурсид.

— Намедонам...— гуфт Содиққон бо сустӣ, баъд шиҳоб накарда, илова намуд:— Назар ба доклади рафиқ Ворошилов маро нагиранд даркор. Чунки дар оилаамон се одами аз дасташ кор намеомадагӣ ҳаст: шумо, ду хоҳарҳаам...

Ин ҷавоби муҷмал ва хусусан ӯро ҳам ба қатори «аз дасташ кор намеомадагиҳо» даровардани ба Аҳмадҷон амак на танҳо нафорид, ҳатто димоғашро сӯзонд. Вале сирраширо нагиронда, бо нармӣ пурсид:

— Не, писарам, ин гапҳоя ба як тараф мону ба ман ҳаминро гӯй, ки хизмат кардан мехоҳӣ ё не?

— Ғалатӣ! — гуфт Содиққон гапро андаке кашол дода. Баъд боз саросема нашуда илова намуд: — Агар ба хизмати ҳарбӣ ишқу ҳавас намедоштам, се моҳ пеш аз ин ба мактаби артиллеристӣ ариза намедодам ва дар мактаб якӯм «тирандози ворошиловӣ» намешудам! — аз овозаш андаке оҳанги ғурури бачагӣ шунида мешуд.

Ин гапҳои писараш Аҳмадҷонро гўё каме хотирҷамъ карданд.

Дар пагоҳии бисту ҳафтўм Аҳмадҷон амак ҳам аз ақиби писараш ба пункти даъват равона шуд. Дар гўшае, як чойник чойро әрмак карда, ҷавонони тандуруст ва беҷирми аз корхонаҳои шаҳр ва аз колхозҳои саҳро омадагиро тамошо карда шишт. Хушҳолии онон завқашро меовард, орзуҳои ононро, ки яке тўпчӣ, дигаре сарҳадчӣ, саввўмӣ савораи далер шуданӣ ва мақсади ҳамаашон як — муҳофизати ватани муқаддас буд, шунида, баҳраш кушода мешуд ва ба хаёлаш аз хурсандӣ қабат-қабат гўшт мегирифт, фарбеҳ мешуд.

Ин ҷавонони пурҷўшу хурўш чӣ будани ғаму андўҳро надониста, дар оғўши ҳаёти босаодат калон шудаанд ва имрўз дар ин идгоҳ, бо шавқу завқи аз ҳад фузун ғалоғула мекарданд ва тарона мехонданд, беихтиёр ба падарон ва бобоёни худ рўзҳои аламноки айёми ҷавонашонро хотиррасон мекарданд. Аҳмадҷон амак ҳам аз ҷумлаи он падарон буд.

...Вақте ки модари барҷомондаи бенавояш: «лоақал нонашро худаш ёфта хўрад» гуфта ўро ба дари бои маҳаллаашон ба дастьёрӣ бурда монд, вай ҳашт-нўҳсола буд. Вай дар ҳавлии хўҷаин чанд сол бачабардорӣ, найчакашоӣ, чойҷўшонӣ барин корҳоро карда гашт. Барои ин корҳояш касе ба вай як пули пучак ҳам намедод. Ба ҷои ин, гоҳгоҳе ҳаққоратҳои дастабиринҷӣ шунида нағзакак шатта ҳам мехўрд. Лекин яке аз халифаҳо, ки хеши дурашон буд, ба бача раҳмаш омада, ҳунараш — корбофиро ба вай ёд дод. Вай дар синни 15—16-солагӣ дар қатори халифаҳои дигар дурустакак кор мебофтагӣ шуда, дар бистсолагиаш кори ў дар қатори кори устоҳои номдори шаҳр мегузаштагӣ шуд.

...Ҳамин тавр рўзҳо, моҳҳо ва солҳо пай ҳам гузаштан мегирифтанд. Вай ҳамроҳи ҳашт нафар халифаҳои дигар, дар дўконхонаи нимзеризаминии хўҷаин, аз пагоҳ то бегоҳ бо мокугузаронӣ ва оҳарпуфкунӣ рўз мегузаронд. Фақат дар рўзҳои ҷумъа — пагоҳонӣ аз хўҷаин симкорро гирифта, яктаккуртаи сафедро дар бар намуда, тўппии чустро ба пушти сар яклаба гузошта, аз болои рўймоли сандуфи зарди чортахтагӣ рўймоли шоҳии сабзро баста, ба пой мўзаи ғарчро пўшида, ҷоман бекасабро ба кифт партофта, ҳамроҳи улфатҳояш ба бозор мебаромад, мудом як-остини ҷома ба як тараф овезон буд. Ҳамаашон тўп шуда

бозорро як давр зада мебаромаданд, баъд дар самовори бозори боло шишта, беором то фуроварди бозор чойнӯшӣ мекарданд... Гӯё ҳаёт фақат ҳар рӯз аз субҳи барвақт то фурӯ рафтани офтоб аз шиштану корбофӣ кардан дар дӯконхонаи зах ва ҳар ҳафта як бор ба бозор баромада чойнӯшӣ кардан иборат буду халос... Дар зарфи ин солҳо якаш ду нашуд, як пул ҳам ақибандоз карда натавонист ва ба орзӯи деринааш — ба хонадор шудан муваффақ нашуд.

Ана вақте ки ҳамин ҷавони хушсурату хушқадду қомати дар хона ба гап хасисе ки имрӯз дар ин ҷо «ангур-ангура дида чумак мезанад» гуфтагӣ барин дар байни ҳамсолонаш гул-гул мешукуфт, ба дунъё омад, писараш — Аҳмадҷон амак дар шаҳр набуд. Зеро вай баъд аз ду-се моҳи хонадор шуданаш ҳамроҳи чанд нафар рафиқонаш ба красногвардеячигӣ нависонда, ба фронт рафта буд.

Ҳанӯз ҳам дар ёд дорад, ин мисли холи модарзоде, ки дар бадани одам ҳаст, дар гӯшаи хотири ӯ сахт часпида монда аст. Он гоҳ, вай дар фронти Ҷанубӣ буд. Тирамоҳ, рӯзҳо ҳаво бо тасфи офтоби хира андаке гарм шавад ҳам, шабҳо қирав мезад, хунук мешуд. Вай аз пояш тир хӯрда, дар госпитали ҳарбӣ мехобид. Бо як рафиқаш, ки ӯ ҳам ҷанговар буда, ҳар дуяшон дар як полк хизмат мекарданд ва ӯ ҳам ярадор буд ва дар қатори вай мехобид, мудом чақ-чақ мекарданд. Ин рафиқи украинии қоматбаландаш даштҳои васеъ ва олуи сиёҳи сарзаминашон ва зани заркокули хандонашро таъриф мекард; ин бошад, ангури тагобии карсосӣ ва шафтолуи хушхӯри шаҳрашон ва зани ҷавони сиёҳмӯи навгирифтаашро тавсиф менамуд. Ҳозир айни нағзӣ ва хушхӯрии ангури тагобӣ аст мегуфт. Ана дар ҳамин вақт ходиман госпиталь ба палата даромада: «Ана, ба ту мактуб омад!» — гӯён конверти сарбастеро ба ӯ дароз кард. Мактуб аз амакаш буд. Ӯро бо фарзанд — писар муборакбод карда, таъкид намуда буд, ки зудтар баргардад. Вай ҳам «мувофиқи» хоҳиши ӯ фақат дар аввали соли бисту якӯм аз фронт гашта омад, ки ҳамин писараш давида мегашт ва бо забони нимғурма «дадда-дадда» мегуфт.

Қариби пешин навбати Содиқҷон ҳам расид. Вай ба пеши комиссия даромад. Аҳмадҷон амак ҳам асояшро гирифта, оҳиста-оҳиста аз паси писараш ба он хона даромад. Ба аъзоҳои комиссия нигоҳ карда, салом доду ба курсие ки дар қаribии дар буд, нишаст.

Комиссари ҳарбӣ ба саломи ӯ бо каллаҷунбонӣ ва табассуми эҳтиромкорона ҷавоб гардонд. Касе аз ӯ напурсид, ки барои чӣ ба ин ҷо омадааст ва барои чӣ бе иҷозат даромадааст? Ин гуна воқеаҳо ҳар рӯз чанд борҳо рӯй медоданд. Ин гуна падару модарон кам набуданд.

Содиққонро докторҳо диданд. Аъзоҳои комиссия ба вай якчанд саволҳо дода, ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд. Аз ҳар ҷиҳат вай мувофиқ ва муносиб буд. Ғайр аз он вай иштиёқманди хизмат буданашро низ маълум кард. Аъзоҳои комиссия дар андеша монданд. Ногаҳон хомӯшие ҳукфармо гардид. Ин хомӯшӣ, ба ростӣ, Аҳмадҷон амакро тарсонд, дилаш дуп-дуп задан гирифт. Ба назараш ҳамин тавр намуд, ки агар ҳозир хеста муддаояшро баён накунад, дигар дар тамоми умраш ҳеҷ вақт гуфта наметавонад. Вай оҳиста аз ҷояш хесту ба сари стол, ба пеши комиссия наздик омад.

— Мумкин-мӣ? — гуфта аз комиссар иҷозат гирифта, ба гап сар кард:— Аввало, ман барои он ба ҳузури шумо омадам, то арз намоям, ки агар лозим бошам, ба мудофиаи модарамон — Ватан тайёрам. Дуйӯм, барои ин омадам, ки ягона писарамро ба шумо, яъне ба хизмати муҳофизат кардани хоки муқаддасамон пешкаш кунам.— Вай аз бағалаш як халтачаи сафеди андак чиркинро баровард ба рӯи стол чаппа карда, афшонд.

Комиссар ба гапи ӯ:

— Бисьёр хуб,— гуфт ва коғазҳои аз даруни халта ба рӯи стол рехтаро дида ҳайрон шуда:— Ин барои чӣ? — гуфта пурсид.

— Бинед,— гуфт ба ҷавобаш Аҳмадҷон амак.

Ҳаманд аъзоҳои комиссия коғазҳоро тит карда, як ба як аз назар гузарониданд. Дар қабати онҳо аз справкаи амини маҳалла сар карда, то ташаккуриномаи штаби дивизия ҳар гуна ҳуҷҷатҳо буданд. Маълум шуд, ки вай дар армияи якӯми савора чор сол хизмат карда, аз панҷ ҷояш ярадор шуда ва як бор контузия шуда будааст.

Комиссар аз пештара ҳам меҳрубононатар табассум карда:

— Агар мо писаратонро ба хизмат гирем, шуморо, ки пир шуда мондаед, кӣ нигоҳубин мекунад? — гуфта бо назари кунҷковона ба ӯ нигоҳ кард.

— Худатон медонед, ки пештар мо мардум: «худо дорам, чӣ ғам дорам» мегуфтем. Дар байни мо ин гапро гуфта истода, одамони аз гуруснагӣ мурдагӣ ҳам кам набу-

данд,— гуфт Аҳмадҷон амак, андак дамашро рост карда:— Ҳозир мегӯем, ки: «ҳукумат дорам,— чӣ ғам дорам». Пас, аз ин хусусҳо шумо асло фикр накунед. Ба риши сафеди ман нигоҳ накунед, ин аз мизоҷ аст,— гуфту ришашро қабза карда истода, гапашро тамом кард.

Аъзоҳои комиссия ба ин гапҳои Аҳмадҷон амак аз таҳи дил хандиданд. Лекин дар ин ханда заррае ҳам асари истеҳзо набуд. Бо вуҷуди ин амак каме сурх шуду барои тасдиқи гапҳояш:

— Агар ҳозир ҳам кӯҳро занам, талқон мекунам,— гуфта монд.

Ин гап завқи ҳамаи одамони дар ин хона бударо боз зиёдтар кард.

Комиссар аз ҷояш хеста, ба ӯ наздик омаду мисли ин ки бачаро навозиш мекарда бошад, ба кифти ӯ тап-тап зада гуфт:

— Хуб, падар, илтимосатон қабул! Писаратонро ба сафи Армияи Сурх қабул мекунем!

Хоҳиши Содиққонро ҳам бачо оварда, ӯро ба қисми артиллерия таъин карданд.

Ба муносибати ин хурсандӣ Аҳмадҷон амак бегоҳии ҳамон рӯз зиёфатчае дод. Дар он ҷӯраи деринааш Шодӣ-партизан барин ду-се нафар ҷанговарони кӯҳансол, писараш ва се-чор нафар рафиқони масрури ӯ, ки низ ба армия қабул шуда буданд, ҳозир буданд. Палавро бо ҳавсалаи тамом худи Аҳмадҷон амак пухт.

Дар фуроварди зиёфат, ҳангоме ки пиёлаи чои кабӯд давраро чарх зада меистод, Аҳмадҷон амак ба писараш ва ба рафиқони ӯ рӯ оварда гуфт:

— Хизмати ҳарбӣ дар Армияи Сурх шаъну шараф аст! Аз таҳти дил хизмат кунед, ин хоки азизро, ки мо, падарони шумо, синаамонро сипар намуда, муҳофиза кардаем, ҳамчун гавҳараки чашматон доред!

Ҳангоме ки меҳмонон пароканда шуда рафтанд, шаб аз нисф гузаштагӣ, гирду атроф сокит ва ором буд.

1939

аз олам бохабар шудам, чашмонам кушода шуданд. Шумо акнун пас аз он ки ман фаранҷӣ гирифтан он тараф истад, ба решаи он оташ мезадагӣ шуда будам, якбора ба ман фаранҷӣ гиронданӣ шудед.

Ман он рӯзеро, ки дадом маро ба хона қава карда дошта заданд ва ба гулӯям корд монда куштанӣ шуданд, фаромӯш намекунам. Ман метавонистам инро ба идораҳои даҳлдор хабар диҳам, камаш панҷ солро ба гардани дадом бор кунонам. Лекин боз андеша кардам; ростӣ, ба ҳоли модарам раҳмам омаду ҷим шиштан гирифтам. Бибӣ, ҳар чӣ бошад аз шумо ҳам хафаам, ки падари якравамро андаке бошад ҳам, ба роҳатон надаровардед. Лекин барои он ки ҳамон рӯз маро аз кушта шудан халос кардед, ман то абад аз шумо миннатдорам.

Хайр, ин ҳам гузашт. Агар ман аз як сирри шумо бохабар намешудам, балки намегурехтам ҳам. Пеш аз рӯзи ғайб заданам, аз як шахс (номашро қасдан намегӯям, одами дилпур мешудагӣ) шунидам, ки шумо маро ба мудири магазини маҳаллаамон медодаед. Ба ин ҳамон домуллоимоми лаънатӣ миёнаравак будааст. Гӯё шумо ҳам ба ин розӣ шудаед. Ин кирдори шумо тоқати маро тоқ кард.

Агар ман мисли баъзе дугонаҳоям «духтари зери фаранҷӣ», «мусичаи уболакак» мебудам, шумо бо ман ҳар чизе ки мехостед, карда метавонистед. Лекин ман аз дугонаҳоям фарқ мекардам. Ғайр аз он, чӣ тавр розӣ шудетон, ки маро ба як одами зандидае, ки ман агар ба афташ нигоҳ кунам, дилам беҳузур шудан мегирад, бароварда диҳед? Ояндаи маро ҳеҷ фикр накардетон? Ба дилатон сахт расад ҳам, росташро мегӯям: пои ҳар дуятон ҳам ба лаби гӯр расидааст, охир, дар оянда зиндагӣ мекардагӣ ман бошам, чӣ тавр бо як одаме, ки асло дилам намекашад, зиндагӣ ба сар мебурдаам?».

— Рост мегӯяд,— гуфт кампир. Мӯйсафед хомӯш буд, дамаш намебаромад. Ман ба рӯи ӯ нигоҳ карда, аз чеҳрааш аломатҳои пушаймониро ҷустуҷӯ намудам. Вале чизе пай набурдам.

«...Охир, воқеаи духтари амакам — Соробучаи берӯзинам, магар ба шумо дарс нашуда буд? Бечора

ба шавҳараш маъқул набуд, ҳар рӯз шӯяш ӯро як бор дошта мезад, ниҳоят аз ғаму ғусса мурда рафт. Ё ки дур наравем, акаи худамро гирем. Азбаски ба занаш маъқул нашуд, келинатон баромада нарафтмӣ? Ин хел мисолҳо бисёранд. Лекин ба ҳамаи ин шумо бо суханҳои «никоҳашон хунук афтодааст», «ситораашон тӯғрӣ наомадааст» ҷавоб медиҳетону ҷонатонро халос мекунетон. Лекин дар болои сабабҳои он ҳеҷ андеша намекунетон.

Ғайр аз он лоақал аз барои дилам шуда, ягон бор дар ин хусус ба ман мазмун накардетон, ризомандӣ як тараф истад, хоҳишамро ҳам напурсидетон! Беинсофӣ, зулм бар ҳаққи фарзанди худ ҳам ба эбаш-дия!

Хуб, ҳар чӣ буд, гузашт, ман хушбахтам, ки аз зулму тааддӣ халос шудам ва ба муроду мақсадам расида, дар оғӯши мактаби олӣ машғули хондан ҳастам.

Акнун саргузашти маро шунаветон: худи ҳамон рӯзе, ки ба ҳавлии холаам меравам гуфта аз ҳавлӣ баромада рафтам, аз идора пул гирифта будам. Аз моҳонаҳои пештараам каму беш сарфа карда мондагӣ пулҳоям ҳам буд. Рост рафтаму ба автобус савор шуда ба станция баромадам. Дар он билетро рост ба Москва гирифтам. Ба ин ҷо омада чанд рӯз овора шуда ба баъзе идораҳо даву тоз намудам. Ниҳоят ба институти тиббӣ имтиҳон дода даромадам. Имсол курси якӯмашро тамом мекунам. Баъд аз чор соли дигар мактабамро тамом карда духтур мешавам. Баъд аз он мебинам, ки ба шаҳрамон рафтан даркор ё ба ягон вилояти дигари ин мамлакати бузургамон рафтан беҳтар аст. Ба ҳар ҳол оянда нишон медиҳад. Дар вақти каникул барои истироҳат ба Қрим меравам, аз ҳозир путёвка заказ карда мондам.

Дар поёни хат адресамро менависам. Агар хоҳед, хат нависед. Лекин ба дадом гӯед, мабодо ягравӣ карда, барои гирифта бурдан ё ки барои бо ман ҳисобашонро баробар кардан ба ин ҷойҳо набиёянд, фонда надорад.

Хайр, духтари дӯстдорандаи шумо:

Муҳаррама.

Москва. 17 феврали соли 1940».

Кампир ашки хурсандӣ равон намуда, хоҳиш кард, ки аз номи ӯ ба духтараш як мактуб навишта диҳам. Ва таъкид намуд, ки онҳо тамоман аз нияти пештараашон гаштаанд, минбаъд ба майлу хоҳиши духтарашон нигоҳ карда кор мекунанд. Ман мактубе дуруст навишта додам. Муйсафед ҳанӯз ҳам дам буд, фақат гоҳ-гоҳе «аҳ-мақ» гуфта мемонд. Лекин дар ин гапаш заррае ҳам оҳан-ги хашмгинӣ набуд. Бо ҳуҷуди он ман барои фикрӣ ӯ-донистан мактуби навиштаамро хонда шуда аз вай:

— Чӣ тавр? — гуфта пурсидам.

— Нағз,— гуфт мӯйсафед ба ҷавоби гапи ман ва табас-сум намуд.

Маълум буд, ки хуб танбеҳашро хӯрдааст.

1940

МЕҲМОН

Чашми рӯз ҳанӯз кушода нашуда, садои баланди карнай мардуми омадаро ба кор даъват намуд. Ин рӯзи якӯми кор буд. Ҳама ба сари кор равона шуданд.

Пеш аз он ки мардум ба кор сар кунанд, раиси колхоз сухан чор даҳан гап зад. Аҳамияти каналро боз як бори дигар ба одамон фаҳмонд. Ниҳоят гуфт, ки:

— Ман каландро ба деҳқони кӯҳансолтарини мо, ба пахсе ки азоби беобиро аз ҳама зиёдтар кашидааст,— ба Шодибой амак медиҳам! Бигузор каланди якӯмро ташналаби дерина — Шодибой амак занад! — Ва таъзим намуда каландро ба дасти пирамарди солхӯрда Шодибой амак супурд.

Шодибой амак каландро ба даст гирифт. Ба одамони бисьёре ки ба ӯ чашм дӯхта буданд, нигоҳ кард. Гӯё изҳори миннатдорӣ карданӣ буд. Бо овози ларзон: «Рафиқон» гуфт. Дигар хомӯш шуду ҳеҷ гапе гуфта наметавонист. Гулӯяшро чӣ чизе хафа карда гирифт. Ба ҷои ин аз чашмонаш ашкҳо рехтан гирифтанд. Дигар ҳоҷат ба баён набуд. Ашкҳо тарҷумони забони ӯ шуданд. Мардум муддаои ӯро фаҳмиданд.

Шодибой амак аввалин каландро ба замин зад ва рӯи каландро аз хок пур карда, онро ба як сӯ ҳаво дод. Дигарон ӯро пайравӣ намуда, ба кор сар карданд.

...Шодибой амак фарзанди ҳамин қишлоқ буд. Тақрибан ним аср пеш аз ин падараш вафот кард. Вай бонии модари пирсол ва ду укои хурдсол шуда монд. Аз падараш фақат як таноб замин монда буд халос. Ҳар сол вай ба ҳамин замин майда-чуйда мекориду онҳо бо он рӯзгузаронӣ мекарданд.

Бадбахтона заминашон дар байни заминҳои Содиқбой Ҳалуқ буд. Об бисьёр кам буд. Ба замини инҳо ҳеҷ об намерасид. Вай илоҷе надошт. Шабона аз ягон ҷои номаъ-

лум таги лаби ҷӯйро сӯрох карда мемонд. Ба ҳамин тариқ заминашро каму беш аз об сер карда, ҳосил мегирифт.

Аммо дар рӯзи дигар: «Имшаб, обро калон сар додаед, об ҷӯйро зада, тамоми киштамро вайрон кардааст! — гӯён бо чойраккорони Содиқбой ҷанҷол мекард. Онҳо ин найранги ӯро мефаҳмиданд, аммо ба вай сахт намерасиданд, фақат «шайтон» гуфта ханда карда мемонданд.

Як пагоҳӣ писари бой аз ин кори ӯ хабардор шуд. Ҳарду тунду тез шуданд. Бойбача ӯро бо гапҳои ганда ҳақорат кард. Вай ба ин дашномҳо тоб оварда натавонисту писари бойро бардошта ба даруни об зад ва хуб кӯфт ва бо ҳамин қасосашро гирифт.

Валс аз ин воқиа як ҳафта нагузашта, ӯро бурда ҳабс карданд. Дере нагузашта суд карданду ба Сибирь бадарғааш намуданд.

Вай бист соли расо дар Сибирь азобу уқубат кашида гашт. Вақте ки гашта омад, дид ки хонаи кӯҳнаашон валангор шудааст. Модараш дар ғами ӯ вафот кардааст. Як укааш ҳам мурдааст. Укои дигараш аз қишлоқ баромада бе ному нишон шуда рафтааст.

Колхозчиён-каналковон барои хӯрокхӯрӣ ба ошхона ҷамъ шуданд. Як гурӯҳ ҷавонон, ки гирду атрофи Шодибой амакро печонида гирифта буданд, ба ҷону ҳолаш намонда, аз вай хоҳиш намуданд, ки саргузашташро гуфта диҳад.

Шодибой амак хеле гап зад. Дар охирҳои гапаш гуфт, ки:

— Вақте ки аз Сибирь гашта омада, хонумонамро вайрон дидам, дигар аз баҳри зиндагӣ баромадаму сарамро гирифта «ҳу» гуфта баромада рафтам. Хеле вақт оворагардӣ намудам. Ниҳоят ба Тошканд рафта, дар дари як бой қарорӣ шудам... Дар он ҷо монда, хонадор, бачау качадор шудам. Дар вақти ислоҳоти замин ҳукумат як қисми обу замин ва асбобу ускунаҳои хӯҷаинамро ба ман дод... Ҳоло ман дар Тошканд колхозчии бадавлат ҳастам. Се писар дорам, ки ҳар сеашон ҳам мактабҳои калонро тамом карда, ҳозир дар идораҳои калони Тошканд кор мекунанд.

Шодибой амак як оҳе кашиду ба гапаш давом намуд:

— Шунидам, ки ба қишлоқамон об меомадааст. Он рӯзҳои гузашта, азобҳои кашидаам ба хотирам расиду омадам, ки ҳамин каналро бо чашми худ бинам, ҳамроҳи шумоён онро ковам ва ҳамроҳи шумоён хурсанд шавам.

— Хуш омадед,— гуфт котиби ташкилоти комсомолии колхоз. Ва илова намуд: — Падар, шумо меҳмони азизи мо ҳастед. Мо шуморо ба кор кардан намемонем, ҳар чӣ қадар кор бошад, худамон кардан мегирем.

— Писарам, шумо ба ин риши сафед ва рӯи пур аз оҷинги ман нигоҳ накунед. Ман яктои он мӯйсафедон ҳастам, ки дар давраи советӣ ҷавон шудаанд. Дар кор аз ҳаргуна ҷавонмардҳо ақиб монданро ба худ ор медонам. Ҳамин сол як худам дар колхозамон аз сесад чек зиёдатар кор кардам. Агар ба қувваи ман бовар накунӣ, баъд аз хӯрок дар каландзанӣ туро ба мусобиқа ҷеғ мезанам,— гуфт Шодибой амак ба ҷавоби ӯ.

Ҷавонон завқ карданд.

1940

ДАР МАҶЛИС

Дар аввали тирамоҳ, дар он рӯзҳое, ки пахтачинӣ акнун авҷ мегирифт, дар колхоз як воқеаи бисьёр аҷиб рӯй дод. Ин диққати ҳамаро ба худ ҷалб намуд.

Дар чойхонаи калони нақшини колхоз маҷлиси умумӣ давом мекард. Дар рӯзнома фақат як масъала буд, он ҳам бошад, масъалаи Канали Калони Фарғона буд. Намояндаи аз район омадагӣ дар ин бобат маърӯзаи муфассал эрод намуд. Колхозчиён маърӯзаро бо хушу хурсандӣ ва чапакзаниҳои пурғулғула пешвоз гирифтанд. Баъд як чанд нафар колхозчиён ба музокира баромада қарори партия ва ҳукуматро дар ин бора табрик карданд ва аз хусуси дар ин сохтмони бузург иштирок кардани колхозамон як қатор таклиф ва фикрҳои фоиданок баён карданд.

Қаҳрамони ҳамин ҳикояти мо ҳам дар қатори кӯп, осуда дар ҷояш нишаста, ҳар як таклифи амалиро бо қарсакзаниҳо истиқбол мекард. Ниҳоят хурсанд буд. Дар майнаи худ плани дар ин сохтмони азим чӣ тавр иштирок кардани шаро мекашид, корнамоиҳои нишон медодагиашро тасаввур мекард. Лекин бо таклифҳои алоҳида баромади раиси колхоз планҳои ӯро якбора вайрон кард ва орзуҳои ширинашро барбод дод. Вай ниҳоят дилтанг шуд. Раиси колхоз бошад, ҳеҷ як гапи бемаънӣ ва бефоида нагуфта буд. Вай фақат гуфт, ки:

— Ин сохтмони бузург ба мо — заминҳои нави обӣ, заминҳои нав — ҳосили фаровони пахта, сабзавот ва меваҳои гуногун медиҳад. Ҳаман инҳо барои мост, барои оянда боз ҳам хушбахтонатар ва саодатмандонатар рӯзгузаронии фарзандони мост. Ба ин канал стахановчиёни якӯм рафта кор мекунанд!...

Ин гапҳои раис ба ҳамаи аҳли маҷлис ва аз он ҷумла ба қаҳрамони ҳикояти мо ҳам бисьёр маъқул буд, чунки раис гапҳоеро мегуфт, ки қариб ҳамаи одамони дар маҷлис

будагӣ фикр мекарданду аммо аксарияташон бо сабабҳои дар маҷлисҳо гап зада одат накарданашон, баромада як ба як баён карда наметавонистанд. Аммо вақте ки нотиқ ба қисми амалии нутқаш гузашт, яъне ҳангоми ӯ дар хусуси ба ин бинокории бузург бевосита иштирок кардани колхозчиёни колхози худашон баъзе таклифҳои бамаънӣ пешниҳод карду вале номи ӯро ба забон набурд, ба қаҳрамони мо чандоне маъқул нашуд. Раис гуфт ки:

— Акнун коре кардан даркор аст, ки мо дар ин сохтмони бузург дар сафи пешқадамон бошем ва дар баробари ин дар район аз ҳама пеш плани пахтасупориро иҷро кунем. Ман таклиф мекунам, ки дар кори сохтмон аз ҳар бригада стахановчиҳо ва ударникҳои номдори забардастамон ҷудо карда шаванд. Бигузор, ба ин кори пуршараф одамони номдор ва сазовори мо иштирок кунанд... Агар ҳамин тавр ҳам накунем, намешудагӣ барин менамояд, зеро кори пахта ҳам дар ин ҷо ҳаст, ҳамаи колхозчиҳо бошанд, зану мард ба сохтмон рафтанианд...

Раис боз хеле гап зад. Колхозчиён аз гӯшаю канор бо садоҳои:

— Тӯғрӣ!

— Раис дуруст мегӯяд! — тасдиқ карданд.

Ана дар ин таклифи раис набудани номи худро охирин маротиба ҳис карда монд, инак таклифи раис ба қаҳрамони мо ҳеҷ нафорид. Дар ҳамин дам вай дар вуҷуди худ як чизи ба ранҷиш ва озор наздикеро ҳис кард. Одамони бехтарини колхоз ба сохтмон мерафтаанду вай не. Чаро вай ҳанӯз стахановчӣ не? Ҳамин ки ин савол ба хаёлаш расид, вай худ ба худ сурх шуд; ягон ҷавоби қаноатбахш ёфта натавонист, «хуб, имрӯз стахановчӣ набошам, пагоҳ стахановчиёнамон барин одами номдор шуда наметавонам-мӣ!» — гуфта ба худаш хитоб мекард. Бале, стахановчиҳо ҳам ӯ барин одаманд. Аз хусуси қадду қомат, тандурустӣ ва пурқувватӣ бошад, вай аз бисёрии онҳо монданӣ надорад-ку. Пас, барои чӣ вай канда мешавад, худи ӯ, фарзандонаш, дар оянда набера ва аберагонаш баҳравар мешаванд-ку! Не, раис саҳв мекунад, бояд ӯ биравад, гап тамом, вассалом!

Аҳли маҷлис таклифи раисро бо як овоз қабул карданд. Маҷлис тамом шуд, аммо одамон мисли ҳамавақта хона ба хонаи худ пароканда шуда нарафтанд. Раис ва бригадирон дар атрофи столи президиум ғун шуда нишаста, ба рӯйхат кардани иштироккунандагони канал — стаха-

новчиён ва ударникони беҳтарини колхоз сар карданд. Даррав гирду атрофи онҳоро як тӯда колхозчиён печонда гирифтанд.

Қаҳрамони мо дар ҷои худ хомӯш нишаста монд. Маҳалу ғавғои одамон ҳеҷ ба гӯшаш намедаромаданд. Як воқиае, ки чанд солҳо пеш аз ин рӯй дода буд, ба ёдаш расида, аз пеши назараш ҳеҷ дур намешуд.

...Он замонҳо ҳанӯз колхоз ташкил нашудагӣ буд. Ҳатто вай калимаи колхозро ҳам нашунида буд. Вай дар дари бои калонтарини қишлоқашон панҷяккор буд. Ед дорад, ин воқеа ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Рӯзе, дар пеши дари совети қишлоқашон рӯйхати беҳуқуқонро часпонда буданд. Дар он номи хӯҷаини ӯ ҳам буд. Хӯҷаинаш аз алами ин чӣ кор карданашро надониста, мисли саги девона ба ҳар сӯ даву тоз мекард. Ҳатто як-ду бор додгӯён ба Душанбе ҳам рафта омада буд, вай бошад, дар рӯзи интихобот либосҳои навашро пӯшида, ба худ оро дода, бо дили шод аз пеши назари хӯҷаинаш гузашта, ба маҷлис рафта буд.

Таклифе, ки навакак раис карда буд, ва ин коре, ки ҳозир сардорони колхоз мекарданд, ба назараш худи корҳои ҳамон давра барин намуд. Хуб, он вақт бойҳо буданд, онҳоро аз ҳуқуқ маҳрум кардем, онҳоро радди маърака кардан даркор буд. Хӯш, акнун чӣ?

— Ман-ку бой нестам, ҳама медонанд, ки ҳафт пуштам бо панҷяккорӣ, ятимӣ, ва бо ҳазор азобу машаққат гузаштааст. Гуноҳи ман чист? Стахановчӣ набуданам-мӣ? Не, меравам гуфтам, меравам! Хайр, ман дар ин ҷо колхозчии оддиам, ана дар он ҷо, дар канал стахановчигӣ, корнамоиро аз ман бинанд. Вай бо ҳамингуна фикру хаёл оҳиста аз ҷояш хесту ба тарафи столи президиум равон шуд. Зӯр зада девори одамиро ду дарронида, ба стол наздик шуд ва дар ақиби раис истода:

— Раис, мана ҳам навист! — гуфт.

Раис рӯяшро ба тарафи ӯ гардонида, мисли ин ки гапро нафаҳмида бошад, сониае ба афти ӯ синча карда истод. Баъд:

— Не, ту намеравӣ! — гӯён ҷавоб дод.

Ин гапи раис ба дили ӯ чунон сахт расид, ки тамоми аъзои баданашро ларза фаро гирифт. Вай бо овози баланд фарьёд заданӣ, раисро хуб бо гапҳои талх озор доданӣ шуд. Лекин бо азоб худашро даст гирифт ва бо як оҳанги қатъӣ:

— Раис, мана навист гуфтам, навист! — гуфт. Раис ва

дигар саркорон ба чеҳраи ӯ чашм дӯхтанд. Ҳар ду рӯяш таб бароварда буд. Гӯё ки аз чашмонаш оташ мепарид.

Ин аҳволи ӯ ҳамаро дар тааҷҷуб мононд. Худаш чӣ гап? Ҳақиқатан ҳам қариб ҳамаи аҳли қишлоқ ин гуна аҳволи ӯро аввалин бор медиданд. Охир вай як марди вазнин, меҳнатдӯсте буд, ки ба ҳеҷ кас коре надошт. Ба ҳар гуна гапу коре парво намекард. Ба вай имрӯз чӣ шуд?

— Ба ту чӣ шуд?! Ман қарори маҷлиса вайрон карда наметавонам! — гуфт.

Агарчи на вай ва на раис мағал накарда бошанд ҳам, аз оҳанги гапҳои онон қариб ҳамаи одамони дар чойхона будагӣ хабардор шуданд, ки ҷанҷоле рӯй медиҳад. Қариб ҳамаи одамон аз ҷойҳояшон хеста, ба болои стулҳо ва харакҳо баромада, ба ӯ ва ба одамони дар атрофи стол будагӣ нигоҳ карда истоданд.

Вай дигар сабру қарорро аз даст дода, бо садои хеле баланди ларзон ва дар айни замон таҳдидомез:

— Раис, ба ту ҳеҷ кас ҳақ надодааст, ки маро аз ҳуқуқи дар канал иштирок кардан маҳрум кунӣ, фаҳмидӣ?! — гуфт. Сонияе туфашро фурӯ дода истода хомӯш шуд, баъд бо қатъият илова намуд: — Ман меравам! Гарчи имрӯз стахановчӣ набошам ҳам, пагоҳ албатта стахановчии якӯм мешавам! Меравам, гап тамом, вассалом!

Аз ҷумлаи колхозчиёне, ки аҳволи ӯро дида, дар ҳайрат монда буданд, якбора якчанд нафарашон, шояд аз рӯи раҳмдилӣ бошад, ба раис рӯ оварда:

— Раис, навис!

— Навис, равад! — гӯён хоҳиш карданд. Раис дудила шуда монд. Вай ҳайрон буд, ки агар ҳаматаи колхозчиён омада, ҳамин тавр ҷанҷол карда, ба канал рафтан гиранд, пас дар ин ҷо кӣ мемонад, пахтаро кӣ чида ба давлат месупорад?

Намояндаи район то алҳол хомӯш буд, ба рафтор ва кирдори қаҳрамони мо бодиққат нигоҳ карда менишаст. Ниҳоят вай ҳам ба раис муроҷиат карда:

— Раис, ин касро ҳам нависед, стахановчии якӯм мешавам гуфта қавл медиҳанд,— гуфт.

Раис табассум кард.

Ва ба поёни рӯйхат: «Аз бригадаи дуйӯм — Ҷобир Сангзода» гуфта навишта монд.

Аз ин кори раис ҳама шод шуданд. Ҷобир Сангзода, бисьёр хурсанд шуда, дасти раисро сахт фушурд.

1940

ГУЛБОНУ

Чанд рӯз боз димоғи шавҳари Гулбону сӯхтагӣ барин менамуд. Вай дар рӯзҳои охир мисли ҳамавақта аз дар бо чеҳраи хандон ва суханҳои ширин ва навозишкорона даромада намеомад. Агар ягон чиз даркор бошад — мепурсид, набошад, ба дарьёи хаёлот ғарқ шуда, дар ҷояш ғап назада шиштан мегирифт ва дам ба дам ба чашмони занаш нигоҳ мекард. Аз ин чашмдузиҳои ӯ Гулбону боз бештар ҳайрон мешуд. Худаш чӣ гап? Аз ман чӣ кӯтоҳӣ гузашта бошад? — барин фикрҳо ба майнааш меомаданд. Лекин вақте ки ба афт ва ба чашмони шавҳараш дурусттар синча мекард, тааҷҷубаш боз зиёдтар мешуд. Охир, ин нигоҳҳо нигоҳҳои узрхоҳонаи шахси гунаҳкор барин-ку! Пас шавҳараш чӣ гуноҳ карда бошад? Наход ки вай ягон хиёнат карда, акчун дар пеши рафиқаи дӯстдоштаи худ азоби виҷдонӣ мекашад? Не, ин нодуруст. Охир вай дирӯзакак чӣ гапҳо гуфта буд? Наход ишқ ҳамин тавр чизе бошад, ки одамизод даррав — дар байни як-ду рӯз — як шахси дигарро нағз бинаду аз одами нағз медидагиаш дилаш хунук шавад?!

Аммо фикру хаёли шавҳари ӯ тамоман дар ҷои дигар буд. Вай дар ин наздикиҳо хаёли хонадор шуданро надошт. Лекин падару модараш, хусусан модари солхӯрдааш бо мӯйҳои сафедаш рӯйҳояшро ба замин молида, гирьёну нолон ӯро ба хонадор шудан розӣ карда буд, то ки пеш аз чашм пӯшиданаш аз дунъё тӯю сури ӯро бинад ва орзӯю ҳавасаш шиканад. Вай ниҳоят ба гапи онҳо даромада се моҳ пеш аз ин Гулбонуро гирифта буд. Занаш дуруст, муддаои табъаш буд. Аз ҳусну ҷамол камӣ надошт, илова бар ин, гарчи ягон мактаби миёнаро тамом накарда, духтари хона шуда фақат корҳои хона — рӯбучин, пухтупаз,

дӯзу бурро ёд гирифта бошад ҳам, чала-чулпа хату савод ҳам дошт. Лекин шавҳари Гулбону як орзӯи дерина дошт, он ҳам бошад хонданашро давом кунонидан буд. Соли гузашта баъд аз тамом кардани мактаби миёна вай ба Академияи ҳарбии тиббӣ ариза дода буд. Аммо оқибаташ маълум нашуда монда буд. Имсол дар аввали баҳор ба воситаи военкомати районашон боз як ариза фиристода буд, ки дирӯз ҷавобаш омад. Ӯро ба академия қабул карда будаанд.

Акнун ӯ дар миёни «обу оташ» буд. Ҳанӯз чӣ кор кардanашро намедонист. Ба як қарори қатъӣ омада наметавонист. Агар ба мактаб наравад, орзӯи чандинсолааш барбод мерафт ва ғайр аз он дар пеши ӯ як чизи дигар истода буд, ин ҳам бошад шараф, шарафи граждании ватан буд. Хӯш, вай аз чӣ ва аз кӣ камӣ дорад? Охир вай шалу кӯр ва маъюбу маслуқ не-ку! Чаро вай мисли рафиқонаш, ҳамсолонаш дар ҳар вазифае, ки набошад пеш аз мактабро тамом кардан ё баъд аз он дар Армияи Сурх хизмат накунад? Дар ин кор чӣ ҷои дудилагӣ хаст?! Лекин зан, зани ҷавонаш, ки фақат се моҳ пеш аз ин ба умед хонадор шудааст, низ одам аст. Охир, вай додгӯён наемонад-мӣ? Пас чӣ бояд кард? Муддао ва матлабро ба вай чӣ хел фаҳмонад?

Имрӯз ҳам вай аз кор бо ҳамон вазъияти дирӯза, бо хотири парешон баргашт. Хӯрокро зану шӯ як даҳон гап назада хӯрданд. Лекин дами дарунии шавҳараш Гулбонуро аз ҷонаш сер кард. Вай як харбузаи калон, корд ва лаълиро ба болои дастурхон, ба пеши шавҳараш оварда монда, бо як оҳанги ҳузноварона:

— Барои чӣ шумо дам, тобатон не-мӣ? — гуфт.

— Не, ман дуруст,— гуфт шавҳараш бо табассум.

Харбуза ҳам тамом шуд. Чеҳраи ба назар андак кушоди рафиқаш Гулбонуро анча хурсанд кард. Вай акнун ба пеши рафиқи худ акчанд саволро қатор карда монданӣ буд, ки худи шавҳараш:

— Гул, хабар дорӣ? — гӯён ба гап даромад. Ва аз заноаш ҷавоби «не»-ро гирифта,— ман баъд аз чанд рӯз ба аскарӣ меравам! — гуфт.

Гулбону ба ҷавоби ин гапи ӯ, бо як вазъияти бепарвоёна:

— Ҳа, ман ина медонам! — гуфт.

Ин гапи Гулбону шавҳарашро тамоман дар ҳайрат монанд. Вай пурсид, ки:

— Ту аз куҷо медонӣ?

— Охир шумо дар соли 20-ӯм зоида шудагӣ не-мӣ?

— Ҳа.

— Имсол ҷавонони дар солҳои 20 ва 21 зоидашудагӣ ба аскарӣ мераванд-ку.

Ин гап дуруст буд, лекин бо вуҷуди он шавҳараш бо ҳисси кунҷковӣ:

— Ту аз куҷо медонӣ? — гуфта пурсид.

— Дирӯз фармони рафиқ Тимошенко[1] дар газетаҳо чоп шуда буд-ку!

Маълум шуд, ки Гулбону ҳаманд газетаҳои марказӣ ва маҳаллии тоҷикиро, ки ҳар рӯз шавҳараш аз идора меовард ва баъд аз хондан дар як токчаи алоҳида таҳ карда мемонд, рӯзҳо дар вақти бекориаш бодиққат хонда мебаромадааст. Вай на танҳо аз хабарҳои дохилии мамлакат, балки аз равиши ҷанги Англияву Германия ҳам каму беш хабар доштааст. Ин шавҳари ӯро бисьёр дилшод кард. Вай бо як оҳанге ки гӯё ба занаш эркагӣ мекарда бошад:

— Хайр, Гул, канӣ гап зан, ба аскарӣ равам-мӣ? — гуфт.

Гулбону бо вазъияти ҷиддӣ:

— Ҳа, намеравед-мӣ? — гуфт. Аз ин саволи ӯ ҳам бӯи таҳдид меомад, ҳам бӯи тарс.

Ин аҳволи Гулбону шавҳарашро саросема карда монд. Вай барои ин ки занаш бедарак наранҷад:

— Не, Гулҷон, даррав ҷаҳл накун, меравам, ин вазифаи ҳар як гражданини бовиҷдон аст,— гуфта ӯро осуда намуд.

Гулбону ханда кард, шавҳараш ҳам. Ҳар ду ба якдигар бо чашми муҳаббат нигоҳ карда, каме хомӯш монданд. Ниҳоят Гулбону хомӯширо вайрон намуда:

— Хайр, гап занед, барои чӣ ду-се рӯз боз ин қадар димоғатон сӯхтагӣ? Гап намезанед? — гуфт.

Шавҳараш орзӯ ва хаёлҳояш ва тамоми воқиаи зангирӣ ва имрӯза маҳз барои ӯ, яъне занаш, дар азоб будани худро як ба як нақл намуд. Аз оҳанги гап ва ҷиддияти он маълум буд, ки шавҳараш бо ӯ ҳамчун бо рафиқи самимии бо худаш баробар гап зада истодааст. Вай интизори як даҳан гапи Гулбону аст. Агар ҳозир вай «агар шумо равед, ман чи кор мекунам» барин гапҳоро қатор

---

[1] Тимошенко С. К.— Маршали Иттифоқи Советӣ, ҳамонвақта Комиссари Халқии Мудофиа.

карда монда, магалу ғавғо бардорад, му[illegible]ст, ки ба хондан ва ба хизмати шавҳараш ва ба ояндаи ӯ, ба ояндаи худаш халал расонад. Ғайр аз он, магар вай одам нест, магар вай дасту панҷа надорад, чаро худаш якчанд вақт рӯзашро гузаронида натавонад?!

Вай ба гапҳои шавҳараш бо диққат гӯш андохт. Ҳамин ки шавҳараш суханашро ба охир расонд, вай саросема нашуда:

— Ҳамаи ин гапҳоятон ҳақ аст. Ман бовар мекунам. Чанд рӯз боз беҳуда худатонро дар азоб монондед. Ба мактаб равед, хонед. Аз хусуси ман ва падару модаратон бошад, ҳаргиз ғам нахӯред. Ман ин ду мӯйсафедро ба рӯи дастам бардошта, нигоҳубин мекунам ва иззаташонро бағо меоварам. Калонпартой нашавад-ку, рӯзҳо кор мекунам, шабҳо мехонам, камаш баъд аз ду соли дигар ба Академияи ҳарбии тиббӣ набошад ҳам, ба Институти тиббии шаҳри худамон медароям. Баъд, ҳардуямон ҳам духтур шуда, дар як қисми Армияи Сурх ба хизмат камар мебандем.

Ин гапҳои Гулбону шавҳарашро тамом дилшод кард ва дилдории калон бахшид. Вай фардои ҳамон рӯз ба военкомат рафту корҳояшро дуруст кард ва баъд аз ду рӯзи дигар бо хушу хурсандӣ ба Ленинград равона шуд.

1940

БИБИАНЗУРАТ

Бибианзурат овозаи каналро кайҳо шунида буд, зеро чанд вақт инҷониб дар қишлоқ мавзӯи асосии тамоми чақчаққо канали нав бӯд. Вай дар ин бора бо шавҳараш ҳам хеле гапзанон карда, баъзе гапҳои дар маҷлис нафаҳмидаашро аз вай пурсида, дониста гирифта буд.

Бибианзурат нағз медонист, ки ин ҷӯи калонро кофтан кори бисьёр шарафнок аст. Аммо худаш дар ин кор бевосита иштирок мекунад ё не, аниқ намедонист. Зеро ки як бачаи сесола ва як кӯдаки ширмаки шашмоҳааш пеши роҳашро мегирифт. Ғайр аз он шавҳараш ҳам бо ин ду кӯдак ба кор кардани ӯ он қадар раъй надошт.

Дар канал кор сар шуд. Дар қишлоқ қариб ҳеҷ кас намонда ҳама ба сари кор рафтанд. Дар ҳавлиҳо ғайр аз мӯйсафедони қадхамидаи нотавон ва пиразанони барҷомонда касе намонд. Ҳатто бачагони шӯх ҳам бозиҳояшонро фаромӯш карда, баъд аз омадан аз мактаб, хӯрокашонро чала-чулпа хӯрда, ба сари каналковӣ давиданд.

Бибианзурат дар хона бо ду нафар кӯдакаш танҳо монд. Он рӯз ба пеши ӯ касе «ту чӣ кор карда шиштӣ?» — гӯён наомад, ҳолпурсӣ накард. Илова бар ин садоҳои карнай, сурнай, ашӯла ва ғалоғулаи одамон, ки оромии қишлоқро вайрон мекарданд, ӯро безобита намуданд.

Вай кӯдаки ширмакашро ба бағал, бачаи роҳ мегаштагиашро аз дасташ гирифта, оҳиста-оҳиста ба сари кор омад. Дар ҷои каналковӣ «замин кафидаву одам рӯида» буд. Ҳама, хурду калон, зану мард, дар ҳамин ҷо. Ҳама саргарми кор.

Вай ин вазъиятро дида дар ҳиҷолат монд. Худ аз худ сурх шуд, арақ кард. Мисли одами ягон кори бад кардагӣ,

сарашро бардошта ба рӯи дугонаҳояш, ки машғули занбарбардорӣ ва каландзанӣ буданд, нигоҳ карда нотавонист. Дар ҳамин вақт аз паҳлуяш шитобон бригадири бригадаи занон гузашт.

— Ҳой, Раҳима-буча, истед,— гӯён ӯро нигоҳ дошт ва бо ситеза: — Хӯш, барои чӣ мана ба ҷӯйковӣ ҷеғ назадетон? — гуфт.

Овозаш ларзон ва гирьяолуд буд.

— Шумо ду бачаи ёш доред, аз ҳамин сабаб ҷеғ назадем,— гуфт бригадир.

Ин гапҳои Раҳима-буча як алами ӯро сад намуданд. Ба хаёлаш ҳамин расид, ки: «ё инҳо маро аз ҳуқуқ маҳрум кардаанд, ё лаллуқ ва ноӯҳдабаро гуфта аз қатори кӯп бароварда мондаанд».

Ҳар ду хеле гапзанон карданд ва сурху сафед ҳам шуда гирифтанд. Ниҳоят вай бо маслиҳати бригадир дар худи ҳамон соат бачагонашро бурда ба ясли монд ва дар як бригадае, ки бо бригадири дар он шавҳараш кор мекардагӣ мусобиқа баста буд, ба кор даромад.

Ин кори Бибианзурат ба шавҳараш чандон маъқул нашуд. Гапашон гурехт. Бегоҳӣ дар хонаашон ҳар ду «як даст» ҷанг карда гирифтанд. Ниҳоят шавҳараш: «Буз агар хирман кӯбад, ҳоҷати барзагов нест» — гӯён ӯро ҷудо ҳам хит кард. Ба ҷавоби ин, вай:

— Хайр, мебинем,— гуфта монд ва дигар гап назад.

Рӯзи дигар Бибианзурат аз бригадираш хоҳиш намуд, ки ба звенои ӯ ду одами бо худаш баробарқувваеро бидиҳад ва дар бораи дусад процент иҷро кардани план, бо шавҳараш бастани мусобиқаро ба расмият дароварад. Хоҳиши ӯ гарчи бо баъзе писхандҳо бошад ҳам, бачо овардa шуд.

Бибианзурат шариконашро ташвиқот накард, фақат гуфт, ки мо бояд аз звенои мусобиқа бастагиамон гузарем.

Кор аввал оҳиста-оҳиста давом намуд, баъд авҷ гирифта рафт. Зоғнӯлҳо ҷарангос, каландҳо шараққос заданд. Занбарҳо дам ба дам пур шудан гирифтанд. Бибианзурат аз ду рафиқаш намонда, дилпурона кор кардан гирифт.

Ниҳоят шаб шуд. Ҳӯроки бегоҳиро хӯрданд. Табельчиҳо натиҷаи кори ҳар звеноро эълон карданд. Десятник ҳам тасдиқ кард, ки ҳар ду звено ҳам планро аз дусад процентӣ зиёд иҷро кардаанд, яъне ёздаҳу ним кубометрӣ

замин кандаанд. Бобоқизурат ниро шунида бо табассум бо шаҳдараш нигоҳ карда:

— Ассалому алайкум, пагоҳ ҳам рӯз аст? — гуфт.

Шаҳдараш ба ин гапи ӯ қиқ-қиқ зада хандид. Ҳар дуи завқунон ба сӯи хонаашон равона шуданд.

1940

ҚАЛАМКАШ

Бибиробиаи қаламкаши номӣ ва чевари таърифӣ чанд вақт боз бетоб буд. Рӯз ба рӯз ҳолаш бад мешуд. Тамоми хешовандонаш аз ӯ умедашонро канда буданд. Дигар барои ҳаман онон равшан буд, ки ӯ дар миёнҷои ҳавлӣ, дар сояи дарахти тути калони марворидак якта бӯрьё партофта, ба болои он якандозашро андохта, аз пагоҳ то бегоҳ дар чашмонаш айнак, дар дасташ бӯрьёчӯб ба рӯи шоҳӣ ва сандуфҳои тахта ва чорсуи сабз, бунафш, зард ва пуштӣ — ба рӯймол, сӯзанӣ ва рӯҷоҳои одамон нақшҳо нахоҳад кашид. Дигар ин ҳунарманди номдор бо нақшу нигорҳои нав ба нав ихтироъкардаи худ, мардуми гирду атроф ва дуру наздикро моту мабҳут нахоҳад кард. Дигар занон, соҳибони тӯю маъракаҳо рӯймол, сӯзанӣ ва рӯҷоҳои худро барои нақшкашонӣ бардошта нахоҳанд омад.

Бемор оҳиста чашмонашро кушод ва одамони дар хона будагиро аз назар гузаронд. Ҳама ҷамъ буданд. Онон интизор буданд, ки аз ӯ ризомандӣ пурсанд ва ризогии худро изҳор намоянд ва бо ҳамин бо ӯ видоъ кунанд. Касе чуруққӣ намекард, аммо ҳама чашмон ба бемор дӯхта шудагӣ буданд. Ҳомӯшии хонаро фақат гингоси магасҳо халалдор мекард. Писари калони Бибиробиа — марди ришу мӯйсараш мошубиринҷи наберадор, ки дар сари болини ӯ нишаста буд, ҳам шуда, оҳиста:

— Волида, шумо дуруст-мӣ? — гӯён ҳолпурсӣ кард.

— Шукр,— гуфт бемор ва барои аз ҷояш хестан ҳаракат кард.

Писараш ва ягона духтараш, ки дар шаҳри дигар зиндагӣ мекард, понздаҳ сол боз ба пеши модараш наомада буд ва имрӯз дар сари болини ӯ нишаста буд, аз бағали бемор гирфта, ӯро нимхез карда, ба пушташ болиштҳо монданд. Бибиробиа ду-се дақиқа гап назада, ба меҳроб-

тоқчаи хона синча карда истод. Ниҳоят ба духтараш нигоҳ карда:

— Духтарам, сандуқа кушода, бўғчаи шолфара гир,— гуфт.

Духтар оҳиста-оҳиста аз тахмон кўрпаҳоро гирифта монда, сандуқро кушод ва аз таги он бўғчаи калони вазнинро гирифта, ба пеши модараш монд. Писараш бо ишораи модар бўғчаро яла кард.

Дар даруни он фақат якта сўзанӣ, сўзании калони гулдўзӣ буду халос. Аммо дарҳол дида мешуд, ки ин сўзанӣ аз сўзаниҳои муқаррарӣ набуда, балки беҳтарин маҳсули дасти чеварии гулдаст мебошад. Ин ҳунари худи Бибиробиа аст. Ҳар як захми сўзане ки ба он зада шудааст, аз пухтакорӣ, чеварӣ ва ҳунармандии дўзандааш «Мана ман!» гуфта хабар дода меистод. Ин маҳсули дасти меҳнатдўст ҳар як чашми бинаро беихтиёр ба худ мекашид, дар дили бинанда шавқу завқе бедор мекард ва ҳар кас ҳам бошад, ба эҷодкораш «офарин, бар падарат раҳмат!» мегуфт.

Духтараш, ки аз сўзанидўзии модараш бехабар буд, беихтиёр:

— Бувачон, ина кай дўхта будед? — гўён пурсид.

Бибиробиа ба саволи духтараш дарҳол ҷавоб надод ва ишора кард, ки сўзаниро ба девор зананд. Аз берун нардбон даровардаа, сўзаниро ба девор кашиданд. Вай аз шифт то ба замин, аз пешгаҳ то пойгаҳ як тарафи хонаро гирифт. Косаю табақ, чойнику пиёла барин чизҳои дар токчаҳо будагӣ бо гарду чангашон дар ақиби он монданд.

Тамоми чашмон ба девор, ба сўзанӣ дўхта шуданд. Бибиробиа бо як хузуру ҳаловате табассум карда, меҳнаташро тамошо мекард, гоҳ як чашмашро, гоҳ чашми дигарашро нимпўш намуда, ба он синча менамуд, аз он ҳеҷ чашм намеканд ва гўё «наход ки ҳаминро ман офарида бошам?» мегуфт. Лекин аз ҳоли ӯ ҳама бехабар буданд. Ҳама саргарми тамошо буданд.

Ҳақиқатан ҳам аз сўзанӣ чашм кандан мумкин набуд. Охир ин сўзании оддӣ набуд. Дар миёнҷои он, ба ҷои гули сурхи давраи калон — сурати одам буд. Сурати одаме буд, ки ӯро аз кўдаки дар гаҳвора будагӣ то мўйсафедони барҷомонда ва оҷиз ҳама мешиносанд ва ӯро дўст медоранд. Сурати одаме буд, ки ҷавонмардон ҳар корро бо номи ӯ сар карда, ба комьёбиҳо ноил мешаванд. Сурати одаме буд, ки тамоми фикру зикри ҷавонони даврони мо дар омўхтан ва аз худ кардани таълимоти ӯ ва мароми ӯст.

Ин сурате ки ба рӯи карбоси сафед бо қазинаи сурху сиёҳ дӯхта шудааст, фақат ба ҳунарманди ва ихтироъкории рассомаш хос буд. Аз таги пешонаи васеъ чашмони зиндадилона ва хирадмандонаи ӯ ба ҳаман одамони дар хона будагӣ нигоҳ карда меистанд.

Бибиробиа оҳиста-оҳиста ба гап сар кард:

— Ин сӯзаниро дар ҳамон соле, ки Ленин аз дунъё чашм пӯшиду олам мотамистон шуд, сар карда будам ва ҳамон сол тамом кардам. Ана ҳамин суратро камаш ҳар сол ду бор аз дигар медӯхтам ва ҳар бор ҳам ба худам маъқул намешуд. Онро канда мепартофтам ё ба латтаи дигар аз нав медӯхтам. Ҳар боре, албатта, ягон ҷояш маъқул намешуд, ҳамон Ленинеро, ки дар дилам ҷой шуда буд ва вафоташро шунида чанд шабу чанд рӯз хун гириста будам, медидам, ва боз аз сари нав медӯхтам. Инаш ба худам маъқул барин менамояд, лекин боз намедонам...

Бемор хомӯш шуд. Боз чашмҳо ба сурат дӯхта шуданд. Ин дафъа ҳар яке ин маҳсули меҳнати шонздаҳсоларо бештар бо диққат синча мекард ва дар дилаш ба санъаткори он таҳсинҳо мехонд.

Яке аз пиразанони маҳалла, ки барои беморбинӣ омада буд, суратро бо чашми харидорӣ тамошо карда, бо табассум ба Бибиробиа:

— Нағз,— гуфт.

— Шаст сол қаламкашӣ кардам,— гуфт Бибиробиа.— Дар тамоми умрам ягонта сурати одамизодро накашида будам. Ана ҳамин сурата шонздаҳ сол кашидам ва дӯхтам. Аммо аз хусуси ин сурат ҳаргиз ғам намехӯрам...

Пиразан ба гапҳои ӯ сарфаҳм нарафт. Бибиробиа боз ба ӯ хитоб намуда:

— Медонед-мӣ, барои чӣ? Барои ин ки ин одам намурдааст ва наметмурад,— гуфт.

* * *

Бегоҳии ҳамон рӯз Бибиробиа писари калонашро ба назди худ ҷеғ зада, ба ӯ ҳамин тавр васият кард:

— Писарам, ин сӯзаниро пагоҳ ба Москав аз ман савғотӣ фирист.

1941

ПИСАР

Ман қоҳ-қоҳ зада механдам, ман завқ мекунам! Не, шумо ҳайрон нашавед, ман гӯям, шумо шунавед. Ин як кайф, як нашъа дорад. Рост мегӯям, рост. Синну соли ҳардуямон баробар аст. Аммо шумо аз ҳузуру ҳаловате, ки ман дорам, пай намебаред, инро фаҳмидан даркор аст. Не, инро аз сари худ гузарондан даркор аст. Ана дар он вақт мегӯед, ки: «Ҳа, маъқул, ана дар дунёе гап ин будааст, кор ин будааст! Мо ҳам ба номамон одам шуда гашта будемдия!»

Охир ману шумо ҳам чил сол пеш аз ин ёш будем, ҷавонҳои пурзӯри ҳаждаҳсола будем. Аммо он замон ману шумо аз олам чӣ хабар доштем? Аз дастамон чӣ кор, чӣ ҳунар меомад? Ман бошам ҳамроҳи падарам аз ақиби говру хари хӯҷаин шилтинг-шилтинг карда мегаштам, шумо бошед, дар дӯконхонаи заҳ рангатонро зардоб карда, аз пагоҳ то бегоҳ мокугузаронӣ мекардед. Як бурда нонамона ёфта хӯрем, ишкамамон каму-тум сер шавад, бас буд, бо ҳамин димоғамон чоқ буду тамом. Дигар чӣ парвои олам доштем? Ё гапҳои ман нодуруст-мӣ?

Худатон гӯед, вақте ки ману шумо ҳам ақламонро шиноҳта, дасти чапамонро аз рост, сиёҳро аз сафед ҷудо карда, оҳиста-оҳиста ба қатори одам медаромадем, ягон бор дурустакак шишта, тӯпиамонро ба сари зону монда: «хӯш, мо ҳам одам ҳастем, барои чӣ ба дунёе омадем?» гуфта фикру андеша карда будем-мӣ? Не, ин гуна саволҳо ба гӯшаи хотири мо нарасида буд. Рост не-мӣ? Ба ҷои ин мову шумо чӣ кор мекардем? Зимистону тобистон ё ҳарифона мехӯрдем, ё гапхӯрӣ мекардем. Хуб, инаш ҳам майлаш. Лекин дар ёдатон ҳаст-мӣ, дар шабҳои тобистон аз боғи хӯҷаинам ангурдуздӣ мекардем. Онро шабона ба

шаҳр мекашонидему дар меҳмонхоначаи шумо мусалласи дастӣ меандохтем. Баъд, дар шабҳои гап мурданивор мусаллас мехӯрдем, бо ин ҳам қаноат накарда, аз болояш наякӣ ҳам мекардем. Соӣ чӣ бемазагиҳо мекардем? Дар ёдатон ҳаст-мӣ? Агар ҳозир он бемазагиҳоямон ба хотирам расад, худ аз худам шарм медорам, ҳатто суп-сурх мешавам... Лекин замонаш ҳамин хел буд-дия, гуфта боз ба худам тасалло медиҳам...

Худатон фикр кунед, умри одамизод мисли оби ҷӯй гузашта рафтан мегирифтаасту аммо худи одам бехабар мемондааст. Ҷавони пурзӯри дирӯза, якбора пирамард шуда, ба лаби гӯр рафта мондани ду пояшро надида мемондааст. Ана ҳардуямон ҳам қариб пири уҷҷак шуда мондаем. Нахандед, камтар муболиғааш қатӣ-дия. Ҳардуамон ҳам ба доманаш кам шаст баромадем, ришҳоямон ҳам сап-сафед шудаанд. Рӯзҳо бисьёртар кори сахт кунем, бегоҳҳо ҳанӯз торикӣ нафаромада, хоб пахш карда, чашмонамон руст шудан мегиранд. Дигар аз хусуси ба самовар баромада, то паси шаб чойхӯрӣ карда, чақ-чақ карда шиштан хаёл ҳам намекунем. Ё нодуруст-мӣ? Инашро ҳам ба як тараф монед, ки баъзе шабҳо миён зириқ-зириқ дард мекунад. Ҳамаи ин аломати пирист.

Не, ба ин гапҳои ман тааҷҷуб накунеду аз ман пурсед, ки барои чӣ ман қоҳ-қоҳ зада механдам, завқ мекунам? Барои чӣ мани мӯйсафед мисли бӯзбалаҳо рафтор мекунам? Барои чӣ дили ман мисли дили шӯхи духтаракони ба қадрасида мешӯрад, ғалаён мекунад? Барои чӣ дам ба дам тӯппиро ба даст гирифта, тамоми овозамро сар дода ашӯлахонам меояд? Ана ина аз ман пурсед. Медонед-мӣ, барои чӣ? Барои ин ки ҷавонии фарзандонамон ба ҷавонии мо ҳеҷ монанд нест. Вақте ки мову шумо ҳам ҷавон будем, ба куҷо рафтанамонро надониста, кӯр-кӯрона, палмосида қадам мемондем, аммо бачаҳои мову шумо бошанд, ба куҷо рафтанашонро медонанд. Роҳашон калон аст. Илоҳӣ пешонаашонро худо кушояд. Аз хусуси он ки ҳозир ҳам ақлу ҳуши онҳо аз ақлу ҳуши мо, падаронашон, расотар аст, ман ба шумо гап зада намешинам, чунки худатон дида истодаед, ки онҳо дар осмони ҳафтӯм ҳам парвоз мекунанду дар қаъри дуньёи бетак ҳам шино мекунанд. Ана аз барои ҳамин ман қоҳ-қоҳ зада механдам, ана аз барои ҳамин ман завқ мекунам!

Ман ба шумо гап занам, шумо ҳам шунаведу завқ кунед. Тобистони соли гузашта, рӯзе ман дар айни тафси

ҳаво, дар вақти истироҳат аз каланди гӯза баромада, ба хона омадам. Кампир катӣ аз болои як лаганд шафтолуи чиллагӣ як коса-як коса дами гарм хӯрда шишта будем, ки писарам Юсуфҷон аз дари боғ даромад. Дар таги дар чархи шайтонаробааш, куртаву шими сафедашро дида, якбора дилам тап-тап задан гирифт. То ба наздиктар омаданаш тоқат карда натавониста, аз ҷои шиштагиам: «писарам, шер-мӣ рӯбоҳ» гуфта фарьёд задам. Вай табассум карда: «Дадо, шер!» гуфт. Димоғам бисьёр чоқ шуд. Агар дар ҳамон вақт дар сари дастурхон аз ҳамон мусалласҳои дастамон як коса мебуд, озод ба саломатнаш мебардоштаму лекин афсӯс ки набуд-дия. Ман ба шумо гӯям, Юсуфҷони мо дар мактаби 10-сола меҳонд. Соли гузашта мактабашро тамом карданаш даркор буд. Ману кампир канӣ, чӣ мешавад, дуруст имтиҳон дода мебарояд-мӣ, не-мӣ гуфта шабу рӯз мепоидем, ва ҳардуамон ҳам вақту бевақт дар диламон бачаамонро дуо мекардем. Писарам шер баромадааст, аз ҳаман дарсҳояш ба дарачаи аъло имтиҳон дода, мактабашро тамом карда омадааст. Хурсандии онрӯзаи ману бибиашро намедонам, ки ба шумо чӣ тавр баён кунам.

Ба шумо гуфтам-ку, ҳар кайф як нашъа дорад. Охир якбор худатон фикр кунед: ман, падарам, бобо ва бобокалонҳоямон, дар умрамон якбор лоақал аз барои савоб ҳам ба остонаи мактаб қадам намондаем. Мо мардум ба китобу коғаз, ба як чизи мӯъҷизанамо, бо чашми ҳайрат, ҳатто камтар бо тарсу ҳарос нигоҳ мекардем. Барои мо мактабу мадраса тилисмот буд. Вақте ки ман дар синну соли писарам будам, ба муллобачаҳо ва қорибачаҳое, ки саллачаҳои сафедро ба сарашон монда, «баодобшуда» мегаштанд, бо чашми ҳақорат нигоҳ мекардам. Дар дилам «ҳезалакҳо» мегуфтаму рӯямро ба тарафи дигар гардонда мегузаштам. Намедонам, аз чӣ сабаб буд, ки ҳамин хел одамҳоро бинам, дилам худ аз худ бугз мекард ва мехостам, ки бе гап рафта ба баногӯшашон як торсакӣ фурорам. Не, рост мегӯям. Ба ин гапҳои бепул механдед-дия. Лекин чавонҳои хондагии имрӯзаи мо ин хел ҳезалакчалиш нестанд. Онҳо мардони майдон ҳастанд.

Бисьёр хандидан нагиреду гапа гӯш кунед. Писарам шайтонаробаашро ба таги бостурма монду шапкаашро ба бутоқи дарахт овехт ва дар дасташ газета ба сари дастархон омада шишт. Ман ба афташ чашм дӯхтам, ба чашмонаш синча кардам. Афташ худди афти давраи ёшии худам ба-

рин. Аммо қадаш аз қади ҳозираи ман анча баландӣ мекунад, ки паст не. Чашмонаш — айнан мисли чашмони одами пурдида ва донишманд аст. Ҳайрон шудам. Наход ки мактаб, китобу коғаз одамро ҳамин тавр боақл кунад? — гуфта дар дилам худ аз худ пурсидам. Ба хаёлам, вақте ки ман дар синни ҳозираи ӯ будам, аз чашмони ман ба ҷои шӯълаи ақлу хирад, оташи нодонӣ ва ҷаҳолат мепарид. Ҳайрон шуда, ба фикру хаёл фурӯ рафтам. Писарам ба газета синча карда-синча карда чала-чулпа хӯрокашро хӯрду аз ҷояш хест. Бибиаш:

— Ҳа, ту боз ба куҷо саросема?» — гуфта пурсид.

«— Ба чойхонаи колхоз меравам. Дирӯз парторгамон аз хусуси аҳволи байналхалқӣ доклад кун гуфта, илтимос карда буд. Эҳтимол колхозчиҳо ҷамъ шуда бошанд» — гуфту баромада рафт.

Ҳа, дар омади гап, аз хусуси докладаш ба шумо ду даҳан гап занам. Ман қасдан аз пушти вай ба чойхона нарафтам: «Бача ёш, мана дида шарм мекунад» — гуфтам. Охир аз худатон гап наменомонад-ку, мову шумо дар пеши падарамон гап задан он тараф истад, даҳнамонро ҳам кушода наметавонистем. Дар ин хел мавридҳо, агар одам падараш ё ягон каси ба худ бисьёр наздики дигарро бинад, чӣ гуфтанашро надониста, гаранг шуда мемонад. Одамро ким-чӣ хел бори вазнине зер мекунад. Рост не-мӣ? Ҳамон бегоҳ баъд аз кор ман ба чойхона баромадам. Колхозчиҳо дар саҳни чойхона, дар ҳар ҷо тӯп-тӯп шуда чойхӯрӣ карда шишта буданд. Қариб дар ҳар тӯп гап фақат аз хусуси доклади писарам Юсуфҷон мерафт. Бригадирамон Мараҳимсаркор мана аз дур дида: «саркор, шумо куҷо рафтед, биёед, биёед» гуфта ба пеши худаш ҷеғ зад. Вақте ки ман ба тӯпи онҳо рафта шиштам, вай: «офарин саркор, ҳамаро худатон ҳам қоил кунонидеду писаратон ҳам» гуфта ба гап сар кард.

«— Офарин, писаратон ҳамин қадар маълумотнок ва доно шудааст, ки ҳаман колхозчиён даҳанашонро кушода ҳайрон шуда монданд. Вай ба пушти стол гузашту аз куҷоҳо даромад карда, ба гап сар кард. Тамоми воқиаҳои ҳозир дар рӯи олам шуда истодагиро як ба як гуфта додан гирифт. На ҷанги гермону фаранг монду на хунрезиҳои ингилизу итальён. Шаввоз, ақаллан як бор ҳам дар гапаш дар намонд-а. Гӯё ки худаш ба ҳамон ҷойҳо рафта ҳаман ин воқиаҳоро бо чашмаш дида омада бошад. Қоил

куионд, қоил». Ана дидед-мӣ, пас ман хурсанд нашавам-мӣ, қабат-қабат гӯшт нагирам-мӣ, завқ накунам-мӣ?!

Чӣ? Ҳоло шумо аз гап хабар надоред-мӣ? Набошад шумо аз шаҳри мо кӯчида рафта, аз дунъё бехабар мондед. Медонед-мӣ, ман ҳамаро қоил куноидам. Ман панҷ сол боз дар бригадаи Мараҳимсаркор сардори звенои якӯм ҳастам. Перорсол аз ҳар гектар 35 центнерӣ пахтаи мисрӣ дода будам. Барои ин калоиҳои колхозамон бо хушу хурсандӣ бо ҳамроҳии як тӯда колхозчиҳо ба Москва, ба выставка бароварда фиристонда буданд. Соли гузашта бошад, аз ҳар гектар 42 центнерӣ пахта дода, боз ба выставка рафта тамошо карда омадам. Ҳа, ин қоил куноидан не-мӣ?

Гӯш кунед, ман ба шумо як гап мегӯям. Дирӯз саркорамон мана ҷеғ заду гуфт ки:

«Саркор, аз гап хабар доред-мӣ»? — «Не» — гуфтам ман. «Дар Вахш як колхозчӣ аз ҳар гектар 53 центнерӣ пахтаи мисрӣ додааст. Шумо ба ин чӣ мегӯед?». Ман ба ҷавоби ин гапи ӯ гуфтам ки: «Мумкин. Аз ин ҳам хеле зиёд додан мумкин». Баъд хунам ба ҷӯш омаду: — «Саркор, имсол аз мо 60 центнерӣ гирифтан гиред» — гуфтам. Чӣ? Дар газета, дар худи «Тоҷикистони Сурх» навиштаанд?! Баръало Сангинбой саркор гуфта навиштаанд? Худатон ба чашматон хондед? Ана гапу мана гап. Нағз, нағз. Номи мо ҳам ҳар сол як бор-ним бор ба газета баромада истад-дия. Лекин ба шумо як сирра гӯям-мӣ, пахта, хусусан пахтаи мисрӣ, худди духтари пурноз барин инҷиқ аст. Ба вай нигоҳубин кардан, дар вақташ обу донашро додан, дар вақташ хушомад зада, хорумол карда истодан даркор. Ана дар он вақт баҳр-баҳраш кушода шуда, ҳиммас зада расида, гул-гул шукуфта, доманатонро бо тилло пур кардан мегирад. Хо-хо-хо. Механдед-дия. Чӣ гуфтед? Донаш — пору, хорумолаш — каланду хишова-дия. Деҳқон ки нестед, намефаҳмед-дия. Умуман чашми кор, чашми деҳқониро фаҳмидан даркор. Баъд ба кор дил бастан даркор, иӯг-иӯги даст не, балки аз таҳти дил кор кардан даркор, ана дар он вақт одам асло хафа намешавад.

Тӯғри мегӯед, гап дар куҷо буду ман чиҳо гуфта истодаам. Худатон медонед, ки ҳар кас ҳам ба дунъё ба умед омадааст. Ҳар кас ҳам як фикру хаёл ва як орзую ҳавас дорад. Мактабро тамом кардани Юсуфҷонро дида бибиаш бисьёр серкор шуда монд. Вай ба хаёли зудтар писарашонро хонадор кардан афтод. Ҳамин ки хона хилват монд:

«Дадаш, ниғоҳ карда мешинем-мӣ?» гуфта ба гап даромадан гирифт. Кампир мехоҳад, ки дар айёми пиронсолиаш худаш наберачаҳояшро эрка карда, «алла балам» гуфта, калон кунад. Росташ, ки дили ман ҳам мехоҳад, ки дар бегоҳ набераамро ба ҷомаам печонда, бардошта, ба чойхона баромада чойхӯрӣ карда шинам. Лекин ман ба бибиаш гуфтам ки: «кампир, сабр кун, саросема нашав, як бор аз худи бачаат пурсем-чи, вай чӣ мегӯяд». Бегоҳӣ ба болои суфа ҷогаҳҳоро партофта, кампир қатӣ чақ-чақ карда шишта будем, ки Юсуфҷон аз тамошо омад. Ман вая ба наздамон ҷеғ задаму аз ҳар тараф даромад карда, ба гап гирифтам ва дар охир:

«— Канӣ писарам, мактабро ҳам тамом кардӣ, акнун чӣ кор карданӣ ҳастӣ» — гуфта пурсидам.

Вай бошад:

«— Барои хондан ба Москва меравам» — гуфт.

«— А, ҳамин қадар хондагиат бас не-мӣ?» гуфта модараш ҳайрон шуда пурсид.

Юсуфҷон табассум карду:

«— Не, камтари дигар мондааст» — гуфт.

«— Писарам, ба кадом мактаб рафтанӣ ҳастӣ» — гуфта пурсидам.

Вай номи як мактабро гирифт, ки росташро ба шумо гӯям аз гапаш ҳеҷ чиз нафаҳмидам. Бо вуҷуди он сиррамро фош накарда, «хайр» гуфта ҷим истодам. Лекин модараш: «Ин чутунгин мактаб, дар он ҷо хонда духтур мешавӣ-мӣ, ё агроном?» гуфта аз вай пурсид. Юсуфҷон саросема нашуда фаҳмонд, ки мактаби мерафтагиаш мактаби ҳарбӣ будааст. Дар он ҷо як чанд сол хонда командири калони аэропланчиҳо мешудааст. Дар ҳамин вақт, дар танаш либосҳои ҳарбӣ, дар синааш қатор-қатор орденҳо, медалҳои қадбаланд ва чорпаҳлӯи пурзӯр шуда, Юсуфҷон ба назарам намоён шуд. Лекин бо вуҷуди ин такковӣ карда:

«— Писарам, агроном шавӣ, намешавад-мӣ?» гуфта пурсидем.

Вай ба ҷавоби ин:

— «Дадо, дуруст мегӯед. Барои мо агроном ҳам, духтур ҳам, инженер ҳам зарур аст. Лекин мутахассисҳои ҳарбӣ ҳам заруранд, бисьёр заруранд...» — боз гапҳои бисьёре гуфт.

Медонед-мӣ, ман ба гапҳои ӯ гӯш андохта шишта ҳузур кардам. Аз писарам, аз худам, аз модараш ва аз тамоми

олам хурсанд шудам. Ба хаёлам шодмонии худро барои фахмонидан бо тамоми овозам «ҳой мардум, бинед, ана бинед!» гуфта фарьёд заданй шудам, то ин ки мардум бинанд ва донанд ки падараш чи қадар нодон бошад ҳам, писараш ҳамон қадар доност. Модараш ҳам ҳайрон шуда ба гапҳои Юсуфҷон гӯш андохта шишт. Дар охир:

«— Рав, писарам, хон, кори нағз мекунй» — гуфтам. Модараш ҳам дуо кард. Ҳарду фотиҳа додем.

Ана ҳамин тавр карда, мо соли гузашта, дар аввали пахтачинй писарамро Юсуфҷона бароварда, ба Маскав гусел кардем. Шаш моҳ боз вай дар ҳамон мактабе, ки номашро ҳозир ҳам намедонам, хонда истодааст. Дар ҳар ду ҳафта як бор хаташ меояд. Сиҳат ва саломат аст. Дар оянда командири калони аэропланчиҳо мешавад. Акнун худатон гӯед: писари колхозчии назарногири ҳанӯз ҳам алифро калтак мегуфтагй командири калони аэропланчиҳои бисьёре шавад, ин кайф надорад-мй, ин нашъа надорад-мй?

Бале, бар падаратон раҳмат. Ҳаққи гапро гуфтед, ки ҳақиқатан ҳам ин сазовори ифтихор аст. Як рӯз партторгамон ба ман воқеан Неъматҷон Қаробоевро ҳикоят карда дод. Мегӯяд, ки вай, янъе Неъматҷон, аскари сурх будааст. Худаш як бачаи миёнақадди тануманде будааст. Вай ҳамроҳи дигар аскарони сурхамон бо финҳои сафед ҷанг кардааст. Дар ин ҷанг корнамоиҳо нишон додааст, ки агар гуфтан гирад, ҳуш аз саратон меканад. Як худаш чи қадар аскарони душманро несту нобуд кардааст ва ба пеш даромадаасту аскарони сурхи мо чи қадар шаҳр ва қишлоқҳои душманро гирифта, бисьёр камбағалон ва бечорагонро аз дасти бойҳо халос кардаанд. Хабари ин корнамоиҳои вай ба Москва расидааст. Неъматҷонро ба Кремль ҷеғ зада овардаанд... Ана дар ҳамин вақт худи Калининбобо омадаанду Неъматҷонро ба оғӯш кашида вохӯрй кардаанд, ва ба синааш як ордени Ленин ва як медали тилло овехтаанд. Вақте ки ман ин воқиаро шунидам, аз хурсандй гирья карда фиристодам, аз ҳамин чашмҳои хушкидаи ман ашкҳои шодй равон шуданд...

Не, худатон инсоф карда гӯед: ҳақиқатан ҳам ин воқиаи аз хурсандй гирья карда мефиристодагй не-мй? Медонед-мй? Неъматҷон аз ҳамин Кони Бодоми худамон, писари худамон барин писари як деҳқони камбағали пештар хуб азобу машаққати бисьёр дидагй будааст. Падараш — Қаробой амак кадом сол зану бачаҳояшро гирифта ба

Вахш кӯчида рафта будааст. Ҳозир дар он ҷо дар кадом колхоз деҳқонӣ мекардааст... Дуруст гуфтед, ҳақиқатан ҳам акнун Неъматҷон писари як худи Қаробой-амак не, писари ман, писари шумо, писари тамоми халқ аст, писари тамоми мамлакат аст. Чи тавре ки шумо гуфтед, ин хел фарзандонамон тоҷи сарамон ҳастанд.

Росташро ба шумо гӯям, баъзе шабҳо хобам намебарад. Ҳар хел фикру хаёлҳои дуру дароз ақлу ҳушамро ба ҳар тараф мебаранд. Мудом дар пеши назарам Юсуфҷон намуда меистад. Худатон гӯед, кораш барор кунаду мактабашро нағз тамом карда биёяду вай ҳам Неъматҷон барин корнамоиҳо нишон диҳад, барои халқ, ба фоидаи мамлакат корҳои нағз кунад, вай ҳам қаҳрамон шавад, аҷаб не. Хӯш, худи қаҳрамонӣ чист? — Ҷонфидоӣ барои халқ, барои ватан аст. Ақлу ҳушро дар ҷояш монда, худро дареғ надошта, гуфтан халқ, фармуди мамлакатро аз таҳи дил ба ҷо овардан аст. Е нодуруст гуфтам-мӣ? Бале, нағз гуфтед, ки худи мамлакати мо — мамлакати қаҳрамонон аст. Пас, ҳамин тавр ки бошад, «дунёӣ ба умед» гуфтагӣ барин ман ҳам умедвор ҳастам. Агар ҷонфидоӣ ва корҳои қаҳрамононаи писарам Юсуфҷонро як бор бо ҳамин гӯшҳоям шунаваму, баъд аз ин худашро як бор бинам, дигар аз дунёӣ беормон меравам, он вақт чашм пӯшам ҳам розиам.

Ҳо-ҳо-ҳо. Дуруст гуфтед. Ҳақиқатан ҳам замон-замони мурдан нест: замони зиндагӣ кардан, замони гул-гул шукуфтан аст, бародар!

1941

ТАРОНАИ МУҲАББАТ

Зали калон пур аз одам. Ҷои холӣ нест. Зану мард, хурду калон. Дар минбар — стахановкаи фабрика Маҳбуба.

...Не рафиқон, ман ба шумо як чиз мегӯям. Аз сари ҳамаатон набошад ҳам, аз сари бисьёриатон воқиаҳои табиии давраи ҷавонӣ гузаштагист. Ман гуфтанӣ ҳастам, ки дар айёми ҷавонӣ духтареро нагз дидагед, балки ошиқи шайдои ӯ шудаед. Ба ҷавони зебо ва барное дил баста, дар орзуи висоли ӯ мурғи посӯхта барин даву тоз карда, аммо ба касе рози ниҳонии худро нагуфта, азобҳо кашидагед. Ҳамин тавр не-мӣ? Ин як ҳолати табиист. Шумо, ҷавонҳо, нахандед. Агар шумо ҳанӯз ба доми ин чизе, ки ишқ, муҳаббат ном дорад, наафтода бошед, саросема нашавед, ҳоло чунон гирифтораш мешавед, ки эҳҳе! Ростӣ, ин шӯхӣ не. Бедорхобиҳои шабҳои дароз, орзу ва хаёлҳои ширин ва тасаввуроти бепоён — ин кайф дорад. Ҳа, ҳа.

Мебахшед, гапро бисьёр дароз кардам. Хулласи гап ҳамин: ман гуфтанӣ ҳастам, ки мову шумо ва мамлакатамон, ҳукуматамон, партиямон мисли ошиқу маъшуқ, мисли маҳбуб ва маҳбубаи вафодор, содиқ ва собитқадам ҳастем. Охир, худатон фикр кунед. Ҳамин мамлакатро падарони мо ҷонбозӣ ва ҷонсупорӣ карда, ба баҳои хун, ба баҳои ҷони худ ҳимоят кардаанд. Партия ва Ленин машъали бузурги наҷотро фурӯзон карда, ба мо роҳ нишон доданд. Мову шумо ҳамагӣ, хурду калон даст ба даст дода, аз як гиребон сар бароварда гӯристонро гулистон кардем ва як бинои мӯҳташам ва бузург бино кардем, ки он социализм ном дорад. Мо ин сарзамини худамонро оро додем, парваридем ва ба роҳатхонаи дусад миллион фарзанди одам мубаддал гардонидем. Ана аз ҳамин ваҷҳ ҳам

мову шумо на танҳо заводҳои гигант, саҳроҳои зарафшони колхозй, рӯдҳои азим, ҷангалҳои бепоён ва яхҳои қутби дури ин Ватанамонро, балки ҳар як вақаб замини онро, ҳатто ҳар як каф хоки онро аз ҷон дӯсттар дорем, ҳар яки он барои мо мисли тӯтиё қимат аст. Ана аз ҳамин сабаб ҳам Ватан, ин диёри бахту саодат барои мардони мо — маҳбуба, барои занон ва духтарони мо — маҳбуб аст, барои ҳамаамон модар аст, модари меҳрубон аст.

Акнун худатон гӯед: кадом фарзанд мегузоштааст, ки модари меҳрубонашро хафа карда кушанд? Кадом маҳбуб мемондааст, ки маҳбубаи ба ҷон баробарашро озор диҳанд? Кадом маҳбуба тоқат карда менстодааст, ки дар пеши чашмаш маҳбубашро ба дор кашанд, ё тирборонаш кунанд? Не, ин тавр нашудааст ва намешавад ҳам! Фарз кардем, агар чунин фарзанди беҳамият, маҳбуби беғайрат ва маҳбубаи тарсӯ ва беҳис ёфт шавад ҳам, вой бар ҳоли онҳо! Ин гуна фарзандро модар як бор не, садҳо бор оқ мекунад, хешон ва қавму ақрабояш аз ӯ озору безор мешаванд ва ӯро радди маърака мекунанд. Ин гуна маҳбубро маҳбуба ба рӯяш як торсакии обдор мефурораду роҳашро нишон медиҳад ва ба таври абадӣ аз дили худ бароварда мепартояд. Ин гуна маҳбубаро маҳбуб «дигар афтатро пушти сарам ҳам набинад» мегӯяду дигар аз висоли ӯ ҳазор мекунад. Фаҳмидед. Кӣ мехоҳад, ки ҳамин тавр разил ва сафил шавад?

..Нағз, рафиқон. Ман ҳам тарафдори таклифи рафиқ Раҳимов ҳастам. «Қатра-қатра ҷамъ мешаваду баҳр мешавад» гуфтаанд. Худи ҳамин барин ҳар як тини мо, ҳар як сӯми мо ғун шуда-ғун шуда, тӯп, самолёт, тиру туфанг мешавад. Ин ба сари фашизми аҷалталаб борони маргро меборонад, ин ба тухми вай оташ мезанад. Ин ба маҳбубамон, маҳбубаамон — Ватан тӯҳфаи мост. Ин дуруст аст: то охири ҷанг ҳар моҳ музди кори якрӯзаамон ҷудо карда шавад.

Хоҳарон ва бародарон, ман ба шумо гуфтам-ку, маҳбуб ё маҳбуба аз дилдодаи худ ҳеҷ чизро дареғ намедорад. Агар лозим шавад, на танҳо молу чизашро, балки ба сад хурсандӣ ҷонашро ҳам медиҳад... Дина шаб ман аз ин хусус модарам катӣ хеле гапзанон кардам. Мо дар оилаамон як чиз дорем, ки он таърихи дуру дароз дорад ва ҳатто аз хусуси он гапҳои афсонамонанд ҳам бофта шудааст. Ба шумо фақат ҳаминашро мегӯям, ки он чиз ба модарам аз модаркалонам мерос мондааст. Ҳамин тавр, даст ба даст гу-

заштa, вай се авлодро дидааст. Рӯзе падарам бепул монда онро фурӯхтанӣ шудааст. Аммо модарам надодааст. Аз ҳамин сабаб падарам модарамро як талоқ карда, се моҳ ҷангӣ шуда гаштаанд. Ои чиз тилловори ман аст. Қӯлтуқ-тӯмор, бозубанд, марҷон, ҳалқа ва касба-баргак аст.

Ҳеҷ яке аз инҳоро ягон бор ҳам наовехтаам, чунки ин дар замони мо аз даҳон мондааст. Ман ҳамаи инро ба фонди ҳимояти маҳбубам — Ватан ҳадя мекунам. Бигузор ҳар як грамми тиллои он ба фашизм гӯр кобад.

1941

ХУН БА ХУН!

Ба хотираи Саша
Тишкевичи 14 сола.

Саша дар кӯчаи калони шаҳри чанд рӯз пеш аз ин ба харобазор гардонда шудагӣ, бар болои хоктеппае, ки дар ҷои универмаги калон ба вуқӯъ омада буд, манаҳашро дар байни ду зонуяш монда менишаст. Ин шаҳри дирӯза — воланғористони имрӯза айнан ба лонаи бумҳо монанд шудагӣ буд. Иморатҳои ба замин яксонгардида ва дар алангаи оташ бартамом сӯхта, хокистару ангишт шудагӣ намунае аз кирдорҳои беҳаёёнаи ғоратгарони фашистӣ буданд. Чуқуриҳои дар ҳар ҷо-ҳар ҷо аз снаряду бомбаҳо ба вуҷуд омадагӣ, мурдаҳои занон, мардон ва кӯдакон — бошандагони ин шаҳр, ки дар ҳар гӯшау канор ба хуну хокашон оғишта шуда хобидаанд, аз «адолатпарвариҳои» меҳмононе нохонда шаҳодат медоданд.

Шаҳр ҳақиқатан ҳам мурда буд. Дар кӯчаҳои шаклу намуди кӯчагии худро гумкардан он ҷонзоде наменамуд. Пашша ҳам пар намезад. Саге ҳам аккас намекард. Хомӯшӣ, хомӯшии даҳшатангезе ҳукмфармо буд. Гоҳ-гоҳе аз дур ва наздик дар ин харобазор гашту гузори патрульҳо дида мешуд, ки онҳо мисли кафандуздон дар гӯристон роҳ мегаштанд.

Ба назари Саша чизе наменамуд. Вай на рафту омади патрульҳоро медид, на гуфтугӯи онҳоро мешунид. Вай аз кӯлмаке, ки аз бороне дирӯза ва аз хуни ҳо ана вай марди хушмӯйлаби дар пеши он кӯлмак хобидагӣ ҳосил шудааст, чашм намеканд. Дар кӯлмак баргҳои зарди дарахтон, хасу хасрӯба ва ангиштпораҳои чӯбу тахтаи хонаҳои сӯхтагӣ ба ҳам омехта буданд ва бо вазиши боди тирамоҳ онҳо оҳиста-оҳиста ҳаракат мекарданд.

Димоғи ҳаво ҳам сӯхтагӣ буд. Офтоби оламтоб ҳам гӯё, ки манзараи дилсӯз ва ҷигаркабобкунандаро набинам гуфта, дар қабати абрҳо пинҳон шуда буд. Саша ба кӯлмак чашм дӯхта буд. Аммо вай мавҷи бемадоронаи кӯлмакро намедид, дурусташ ин ки аз он пай намебурд. Вай дар ин оби кӯлмак, дар ин нуқта фақат он манзараи даҳшатнокеро медид, ки се рӯз пеш аз ин дар хонаи худашон дида, қариб девона шуда буд.

Бале, вай, Саша се рӯз пеш аз ин бо хоҳиши падараш барои доси дастдарози тағояшро бурда додан ба қишлоқи ҳамсоя, ба ҳавлии бобояш рафта буд. Пагоҳӣ, вақте ки ӯ аз хона мебаромад, хоҳарчаи ҳафтсолааш Раичка «Ман ҳам меравам» гӯён ба ӯ сахт часпида гирифта буд. Лекин вай: «Ман туро дар рӯзи якшанбе кӯзиқандичиниӣ ба ҷангал мебарам» гӯён хоҳарчаашро алда карда буд. Раичка, дар як он аз хурсандӣ ба ҳавлии тағояш рафтанро фаромӯш карда, бо дастчаҳояш чапак зада-чапак зада, давида се бор хонаро давр зада баромада, баъд омада ӯро — акаашро бӯсида, сонӣ рафта, модарашро оғӯш карда буд.

...Вай, Саша, онро намедонист, ки он бӯса бӯсаи охирини акау хоҳар будааст! Раичкаи лӯхтак барин хушрӯ ва нозук бо бародари калонаш видоъ карда будааст! Вай, Раичкаи ҳамешабаҳор бо дастчаҳои сап-сафедаш аз куртаи модараш сахт қапида хобидааст. Аз чашмони фирӯзааш фақат яктааш мондааст ва он ҳам калон кушодагӣ аст... Дигарашро кофта гирифтаанд... Эҳтимол вай кӯдак ба дард тоб оварда натавониста, додгӯён ба ҷасади модараш часпида бошад, куртаи ӯро газида хобидааст...

...Модар, модари баақл ва меҳнатдӯст, бо як дасти пурзӯраш синаашро пахш карда, рӯ ба осмон хобидааст. Аз қабати ангуштонаш хуни қирмизӣ ҷаста баромада, шорида, дар байни панҷаҳояш шах шуда мондааст. Рӯи ӯ, рухсораи ӯро мӯйҳои паҳн ва парешони андаке нуқратоб гардидааш пинҳон кардаанд. Не, дигар модар, модари меҳрубонаш бо чашмони хирадмандонаи худ рост ба чашмони вай, Саша нигоҳ карда:

«— Саша, Сашаҷон, писарам, акнун ту калон шудай, шӯхӣ накун, баақл шав, нағз хон, моро хафа накун...» намегӯяд ва навозиш карда сари ӯро сила намекунад.

Аз чорбоғи шаҳрӣ, ки аз павильон ва ресторанҳои зебо ва ободаш осоре намондааст ва шоҳау баргҳои дарахтони азим ва баландаш сӯхта, сип-сиёҳ ангишт шудаанд, зоғе «ғо-ғо» гӯён парида рафт. Гӯё ки ин зоғ ҳам аз намуди

ғамангези ин боғи дилкушои дирӯза ҳазар кард. «Ғо-ғо»-и зоғ ба гӯши Саша садои ким-чизе барин расид.

Вай ба гирду атроф, ба замину осмон нигоҳ кард. Вай зоғро дид. Лекин сарфаҳм нарафт. Вай ба назари ӯ мисли нуқтачае намуд, ки дар партави офтоб ҷим-ҷимак зада, ба чашми одам метобад. Вай ба чорбоғ чашм дӯхт, аммо онро дарҳол нашинохт. Ин ҷо куҷо бошад? Бале, ин дарахтони пару болрехта-чӣ охир? Ин чорбоғ, чорбоғи шаҳр аст!. Аранг-аранг ба хотираш расид ки ӯ рӯзе, дар аввали ҳамин тобистон ҳамроҳи падараш ба шаҳр омада, дар ҳамин боғ муддаои табъ ба морожений сер шуда буд.

Падар, ҳамон падари вазнин ва ҳалимаш, ки ҳатто ба пашшаро ҳам озор додан дилаш намешуд, чӣ гуноҳ карда бошад? Не, вай ба худ ин саволро намедод. Вай медонист, ки ҳамон падари ботамкинаш, модараш, модаркалонаш ва ҳамон Раичкаи азиз ҳам намехост ва намехостанд, ки юғи бандагиро ба гардан гиранд. Ана, решаи гап дар ҳамин буд...

Ҷасади падараш аз пеши чашмаш ҳеҷ дур намешуд. Вай, дар дасташ табар, дар таги дари даромад хобида буд. Косахонаи сараш ҷудо шудагӣ, майнааш ба дару девори пойгаҳ чошу пош хӯрдагӣ буд... Гарчи ҳаво андаке сард бошад ҳам, аммо Саша хунукро ҳис намекард. Гӯё се рӯз боз ӯро таб мегирифта бошад, ҳаракати аъзои баданаш ҳаргиз паст намешуд; гӯё ки ӯ масти мустағрақ буд. Вай тасаввур намекард, ки ин се шабу се рӯзро чӣ тавр ва дар куҷо гузаронидааст. Ҳатто дар ёд надошт, ки баъд аз ин вокеаи мудҳиш ба даҳон ягон чиз бурдааст ё не?

Ҳангоме ки маҷозан ин тавр ваҳшиёна кушта шудани падараш дар пеши чашмонаш намудор шуд ва нигоҳаш ... унук хӯрдагӣ барин шуда, тамоман ... бадан баданаш вичиррос зад, дандонҳояш ба ҳам ... рда, гиҷиррос заданд ва бемҳтиёр дасташ ба ... тудааст, ки дар паҳлояш сохта монда буд, ларза шуд.

Вай ҳанӯз хокӯдаро ҳанӯз кашида накушода, гӯё ки маст буду якбора ҳушёр шуд ва ба гирду атроф нигоҳ кард. Куча мисли аввала холӣ буд. Фақат аз ӯ ду қадам дуртар, мӯйсафеди қадҳамидае мегузашт. Дар дасти ӯ асо буд, вай ба эӯр қадам мемонд. Саша гап назада ба вай синча карда истод, пирамард ӯро надида оҳиста-оҳиста ба роҳаш рафтан гирифт. Лекин риши калони пирамард, чашмони ба қаър кашидаи бенуршудаи ӯ, дарҳол модаркалонашро ба ёд оварданд.

Мўйҳои кўтоҳи модаркалонаш ҳам ҳамин тавр бар
барин сап-сафед буданд; ў ҳам андаке хам шуда роҳ мегаш
Аммо вай ҳанўз тетик буд. Ҳар рўз модараш ба кор м
рафту модаркалон дар хона монда, тамоми корҳои рўзгор
сариштa мекард. Хона ва рўи ҳавлиро мерўфт ва тоза м
кард, гов меҷўшид, ба мурғу ғозон дон медод, ба укаҳо
ў нигоҳубинӣ мекард, агар вақти холиашро ёбад, ба бўст
даромада, пиёз ё картошкаро хишова мекард.

...Раичка ҳанўз хурд буд. Кампир дар шабҳои зимисто
дар ошхона кўдакро ба бағалаш гирифта шишта, ё ба б
лекчак андохта ва онро ҷумбонда-ҷумбонда, ба Саша, к
дар паҳлуи ў «оча, очаҷон, якта афсона гўед» — гуфта т
валло карда мешишт, афсонаҳо гуфта медод. Саша ҳанў
ҳам фаромўш карда наметавонист, ки модаркалонаш мудо
афсонаашро «аз будааст, набудааст, як подшоҳ будааст..
сар мекард. Аз ин гапҳои кампир вай равшан намефаҳми
ки дарвоқеъ он будааст ё набудааст. Аммо вай гапи очаа
ро намебурид, саволҳо дода ўро гаранг намекард, мил
милт карда ба даҳони ў нигоҳ карда шиштан мегирифт в
мудом худро дар ҷои қаҳрамони афсона ҳис мекард...

...Ҷасади модаркалонаш аз ҷасади падараш андаке ду
тар, дар даромадгоҳи хона хобидааст. Куртааш лах-лах шу
дааст. Дида мешуд, ки ў ба осонӣ ҷон надодааст. Даҳон
калон кушодагии ў, гўё ки ҳозир, дар ҳолати мурда буд
наш ҳам, ба қотилон лаънат ва нафратҳо мехонд...

Аз дур садои моторҳо, гулдурраси ба санг хўрдани оҳа
ҳо шунида шуд. Ин садоҳо ва боз ким-чи хел садоҳо ба ҳа
печида ба гирду атроф салобат меандохтанд ва бомбабор
лиҳои дирўзаро, ки Саша шоҳиди зиндаи он буд, ба ёд м
оварданд. Аз дур, аз берунӣ шаҳр қатор-қатор танкҳ
мисли хонаҳои сиёҳтоби кат-они ҷўланда, хазида меомадан
аз ақиби онҳо боз чи гуна машинаҳо ва гўё ки одамон
бисьёре низ ҳаракат карда меомаданд. Саша аз чӣ сабаб
ногаҳон хурсанд шуд. Ҳатто лабҳояш ба табассум мо
да, андаке аз ҳам гусехтанд ва чеҳрааш ҳам гўё ки кушод
шуд.

Танкҳо наздик мешуданд. Саша аз онҳо чашм намекан
Ниҳоят онҳо ба ў наздик расиданд ва ҳатто танкҳои да
пеш буда аз паҳлуи ў гузаштанд ҳам. Саша аз ҷояш нам
ҷунбид, мисли ҳайкал дар ҷояш шах шуда монда буд. Я
ду... се... Не, ҳисобкунӣ ҳам ба дилаш нағунҷид... Фурса
ғанимат буд. Ин фурсати қулайро аз даст додан хиёнат в
ҷиноят буд. Гўё ки дар ҳамин дам Раичка дар пеши назар

ӯ пайдо шуда, «Саша, ту тарсончак» мегуфт, ва оҳиста-оҳиста хоктӯдаро кофта гранатаро ба даст гирифтанашро ҳам надониста монд, фақат сардии оҳан «ман дар дастат, ҳушьёр бош!» гуфтагӣ барин ӯро бохабар кард ва ба худ оваронд.

Танкҳо, аз ақиби онҳо бронемашинаҳо, тӯпу тӯпхонаҳо низ гузаштанд. Саша ҳанӯз ҳам ба як қарор омада намставонист. Аробакаши колхоз Митя амак гуфта буд, ки «падар, модарат, модаркалонат ва укаҳоятро офицерҳо куштаанд. Онҳо падаратро маҷбур кардаанд, ки ӯраҳои гандуми колхозро нишон диҳад, вай «ман намедонам» гуфта хап шиштан гирифтааст. Ана аз барои ҳамин на фақат падаратро, балки ҳаман авлодатро куштаанд». Дар охир аз ҳама ақиб, чорнафарӣ қатор шуда, як гала солдатҳои пиёда низ гузаштан гирифтанд. Дере нагузашта думи ин колонна ҳам канда шуд.

Аз паси онҳо як машинаи калон меомад. Дар он ҳафт ё ҳашт нафар офицерон шишта буданд. Машина оҳиста-оҳиста роҳ мегашт. Гӯё ки ин машина хари ақибрави ин корвони қотилон буду офицерони басавлати дар он буда, сорбонон буданд.

Саша ҷаста аз ҷояш хест, шиппас зада ба поён фаромад ва тир барин ба сӯи машина давид. Дар ин дам чашмони ӯро ашкҳои хашму ғазаб, сиришкҳои интиқом фаро гирифта буданд. Аз офицерони дар машина будагӣ ягон кас ҳам наздик омадани ӯро надида монд. Вақте ки ба машина ду қадам барин масофа монд, Саша бо тамоми овозаш:

— Ма, нобакорон — гуфту гранатаи худро ба машина ҳаво дод.

Сонияе нагузашта, садои пурҳайбати таркиш баланд шуд. Хокистари машина ва бошандагони он бо хоки кӯча ба ҳам омехта шуда, барбод рафт.

Ин — марг ба марг, хун — ба хун буд.

1941

МУҲОСИРА

(ПОРЧАҲО АЗ ПОВЕСТЬ)

ДАР САҲАРГОҲ

Саҳаргоҳ буд. Шафақи субҳидам медамид ва бо рӯшноии моҳи хомӯшшаванда ба мубориза сар мекард. Ситорагон паи ҳамдигар пинҳон мешуданд. Насими субҳидам шурӯъ ба вазидан менамуд. Дарахтон оҳиста-оҳиста ба ҷилва сар мекарданд.

Қишлоқ ором буд. Ин оромӣ на фақат имшаб ва ин саҳар, балки ду-се ҳафта боз давом менамуд. Мардум шабҳо бо дили ором сар ба болин мемонданд ва бо чеҳраи кушод субҳи дилкушоро истиқбол менамуданд. Дар ин муддати кӯтоҳ ҳатто сагҳои дайдуи қишлоқ ҳам осуда, шабҳо қариб аз ҷаккиш ва даву тоз монда буданд. Дигар садои тапартупури аспдавонӣ, гиззоси панҷтираҳо, бомбаси берданкаҳо ва пешу қафо аз ҳар канору гӯшаи қишлоқ доди модарон, нолаи кӯдакон ва фарьёди духтарон шунида намешуд.

Наҳрчаи қишлоқ ҳамоно бо дабдабаи пештараи худ — наъракашон, мавҷзанон ҷорӣ буд. Асло паст намеомад. Аз дӯғ ва пӯписааш намефаромад. Кибр ва дуруштиро аз даст намедод. Одатро тарк намекард. Бо ҳамон феъл, бо ҳамон одати деринааш меғуррид, медавид. Дам ба дам ҷараёнгоҳи худро иваз менамуд, сармасти ғурур буд. Касеро ба он коре набуд. Сангу сангчаҳо бозичаи он буданд. Онҳоро ба ҳамдигар ҷанг меандохт, мағлубони ба рег бадал шударо масхара мекард, ба ҳолашон мезавқид. Ғолибонро бо чашми адӯ нигоҳ мекард ва бо хашму ғазаб ба пеш сур менамуд, медавонд, мерақсонд. Ҳатто харсангҳои калон ҳам аз зулми он наҷот намеёфтанд ва бо фармони он бо ҳамдигар даст ба гиребон мешуданд, садояшон атрофро ба салобат меандохт. Дар ниҳоят яке мағлуб мешуд, дигаре ғолиб. Дар ин вақтҳо ин наҳрча бо хушнудии девонавор кафкӯяшро ба атроф пошида, ба канорҳо медамид, киштзорҳоро поймол,

дарахтонро решакан менамуд. Рангашро тира намуда, бо пеш мерафт.

Дар ҳамин дам, мавҷҳои сармасти ин наҳрча ба одати дарёнаи худ, партовҳои камҷилои моҳи хомӯшшуда истодаро ба оғӯши худ мекашиданд, муттасил мебӯсиданд. Ҳеҷ сар намедоданд. Нурҳои бемадори моҳ бо ноз, бо ғамзаву карашмаи зиёд аз ин дурушткирдории онҳо гурехтанӣ мешуданд, аммо ёрои онро надоштанд. Хоҳу нохоҳ, дилу нодилон оғӯши гарми худро ба синаи мавҷҳои ин наҳрчаи девона дода буданд.

Ситораи субҳ ба ҳоли инҳо мезавқид. Хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Вале ак-аки якбораи сагон, садои суми аспон дарҳол оромиро вайрон кард.

— Чӣ шудааст?!

— Кӣ омадааст?!

Каллаҳои хоболуди деҳқононе, ки бо талотуми ногаҳонӣ бедор шуда буданд, бо ҳар гуна андешае банд буд. Ҳеҷ кас инро интизор набуд. Аксарият боварӣ доштанд, ки як гурӯҳ аскарони роҳгузаранд. Ба ҳар ҳол зарбулмасали «эҳтиёт шарт»-ро фаромӯш накарда, ҳар кас ба ҳар вазъияте, ки аз пушти девор, дигаре аз тарқиши дар кӯчаро тамошо мекарданд.

Муҳаммадназар, ки дар айни замон ба ғайр аз ҷони гарми худ ва завқааш — кампири кӯр, ҳатто барои дандонковӣ ҳам чӯбчае надошт, бе ҳеҷ гуна андешае ба китф ҷомаи лахтаашро гирифту пойлуч рост ба кӯча баромад. Ҳоло шахси дигаре аз аҳолии қишлоқ ба кӯча қадам намонда буд.

Аз дусад нафар зиёда саворагони мусаллаҳ, ки ҳамагӣ либосҳои якранг доштанд, дар ялангии қишлоқ саф кашида истода буданд. Аспон ба ҳавои тозаи субҳдам дам мегирифтанд, бо ҳамдигар бозӣ мекарданд ва гоҳ-гоҳе шиҳа мекашиданд, аммо ҷои истоди худро гум намекарданд. Аз намуд ва кирдори саворагон намоён буд, ки ба вайҳо фармони «роҳат» дода шудааст. Вале бо чӣ сабабе садоҳои баланди гуфтугӯ, ҳазилкашие, ки ингуна одамони муттаҳидшударо махсус аст, шунида намешуд. Низом ва либоси сарёриён имконият намедод, ки миллияти онон ба ҳеҷ кас ва махсусан барои Муҳаммадназар барин солхӯрдагон, ки ба ҷуз кӯҳҳои осмонхарошӣ атрофи худ ва қишлоқи хеш, ҷои дигарро дар умрашон надидаанд, ба осонӣ ҷудо карда шавад.

Андак дуртар аз ин сафкашидагон, як савори қавиҳайкал ва се нафар саворагони дигар истода буданд ва байни

худ гуфтугӯ мекарданд. Садои инҳоро ба ғайр аз худашон, дигар ҳеҷ кас намешунид. Аспи сиёҳи калоне, ки он марди қавиҳайкал савор буд, беором мерақсид, бо аспони ҳамроҳонаш газогазӣ кунон бозӣ мекард. Ҷомаи абри бузурге, ки ҳамон марди ҷуссакалон дар бар дошт, дар сағрии асп вазифаи ёлпӯширо адо мекард. Саллаи сафеди ӯ, аз дур ҳамчун қуллаи кӯҳи барфӣ ба назар менамуд. Риши мошубиринҷаш рухсори ӯро пахш карда буданд.

Ин намуд, ин вазъият нақши рӯи об буд, вале Муҳаммадназар надонист. Ҳангоме ки вай ин интизомро дид, бовари, ки дошт, боз комилтар гардид, бо ақидае, ки «албатта ин яке аз отрядҳои ҳукуматамон аст» рост ба пеши чор нафарон рафт ва бемуқаддима ва азобкашӣ монанди кӯдаке, ки ба падараш ноз карда, чизи хостаашро металабад, ба ҳамон марди қавиҳайкал чашм дӯхта:

— Товариш командир — гуфт.

— Хох, Хо, Хо. Аҳмақ, хар тоҷик! Хуб товариш командиратро шинохтӣ-дия! — гӯён яке аз ҳамроҳони марди қавиҳайкал, ки аз ҷабҳа ва лаҳҷааш аҳолии Бухоро барин менамуд, забони Муҳаммадназарро баста ва бо овози баланд: — падарлаънатҳо, аз дин гаштагон шунавед, ки ин кас фармонфармои «лашкари ислом» Сомеъ Пошои гозианд — гуфт.

Ин мард гапашро тамом накарда, яке аз ҳамроҳони Сомеъ Пошо — генерал Константинопольский худдорӣ карда натавонист, калиман «товарищ»-ро таҳқиромезона хонда, модари Муҳаммадназарро бо садои баланд дашном дод. Агарчи Муҳаммадназар забони русиро намедонист, вале чашмони аз косахонаашон баромадаи генерал, оҳанги гапи вай, симои талху турши ӯ ва танаи қоқи дар таҳти ҷомаи ҳисорӣ ларзида истодани он — тарҷумони бегумони мазмуни ин гапҳо буданд. Дигар садои Муҳаммадназар набаромад. Ӯ хомӯш шуд. Чӣ гуфтанӣ буд? Ҳеҷ кас намедонист ва надонист.

Рафиқи саввӯми Сомеъ Пошо, ки марди ба назар хеле солхӯрда ва кампирдаҳон буд, риш ва муйлабҳояш тоза тарошидагӣ буданд ва намудор буд, ки ин пардози давраи пирӣ ба ҷавоншавии ӯ мадад намекарданд, яке аз генералҳои номии шарқшиноси англис Шелдинг буд. Дар тан ридои сафед дошт. Бо ин либос ҳамчун мурдаи кафанпечшуда ба назар менамуд. Ин шахси кафанпечи аспсавор Сомеъ Пошоро тарҷумони хос, вазири дасти рост ва роҳбари сиёсии ин экспедиция буд. Ин дафъа ҳам фармондеҳи худро

мунтазир накард, гапи Муҳаммадназарро ба забони софи туркони Станбул ба ӯ тарҷума ва боиси хашмгинии Константинопольскийро баён намуд.

Дар рагу паи Сомеъ Пошо хуни ғазаб давид. Чашмонаш чун оташ дурахшиданд. Дандонҳояш ғиҷҷос заданд, гӯё вай дар ҳамин дам бадмастӣ мекард ва пиёла холӣ менамуд. Харфи «п»-ро кашида:

— Кӯппай ӯғлӣ! — гуфт ва бо тозиёнае, ки дар даст дошт, ба сару гӯши Муҳаммадназар якто бо зарб зад. Баъд бо қаҳр ба забони туркӣ ба шахсе фармономез гапе гуфт.

Муҳаммадназар гаранг шуда буд. Ҳодисаи рӯйдодаро ба худ тасаввур карда наметавонист. Риштаи гуногуни фикрҳои тира дар мағзи сари ӯ гиреҳ шуда буданд. Ҷудо-ҷудо, парча-парча пайдо мешуданд, дарҳол гум мешуданд ва ҳеҷ яшонро ба дигар таслим менамуданд.

...Кампири кӯр, барҷомонда... зимистон... ион... ҳезум... писар... баҳор... атроф сабз... ов∂за... талотум... чӣ... шуда аст?... Пешрави аскарони сурх — писари Муҳаммадназарро босмачиён даст гирифтаанд... бузкашӣ... ҷасади шалҳаи Солеҳ дар пеши дари масҷид... қӯрбошӣ... ханда... гирья... тала ва тороҷ...

— «Товарищ командир!»... чӣ шудааст? Магар ин гуноҳ аст!?...

Бале, бечора Муҳаммадназар намедонист, ки ин калима, калимаи «товарищ» барои онҳо тир буд. Синаи онҳоро сӯрох, ҳаёташонро барбод менамуд. Шунидани ин калима ҳастии онҳоро ба ларза медаровард ва вуҷудашонро гирифтори аҷал мекард.

Оре, Муҳаммадназар дар ҳаёти хеш ҳеҷ гоҳе бизоати зиёдеро соҳиб нашуда буд.

Буду бораш аз ҳаёти панҷоҳу чандсолааш, як нафар писари ба қадрасидааш — Солеҳ буд, ки вай ҳам дар айёми баҳорони ҳамин сол дар дасти устоди Сомеъ Пошо — Анвар ҳамчун чорпо бузкашӣ шуда буд.

«Гуноҳи» вай ҳам ҳамин буд, ки талаффузкунандагони калимаи «таворищ»-ро пайравӣ менамуд, саодати халқи худ ва некбахтии ҳаёти шахсии худро дар ин пеш дида ин роҳро пайрави содиқ буд. Кушта шудани фарзанди ягона пару боли ин як зан ва як марди солхӯрдаро тамоман резонда буд.

Ҳангоме ки Муҳаммадназар аз сараш дастҳояшро гирифт, бо дидагони ашк пахшкардааш ба сӯи саворагон нигоҳ карданӣ шуд, чашмони пур аз обаш фақат шамшерро ди-

данд, ки аз қатори сафкашидагон ҷудо шуда, ба ӯ наздик шуда буд. Ба муқобили шуои хираи моҳ мил-мил метобид.

Пас аз чанд сонияи дигар каллааш аз танаш ҷудо, Муҳаммадназар ба хоку хун оғӯшта шуда, ҷон медод. Питиррос мезад. Акнун вайро на парвои шиками гуруснаи кампири кӯраш буд ва на ғами изғирини зимистон!

Партав, партави бемадори моҳ, ки чанд дақиқа аз ин пеш аз оғӯши мавҷҳои наҳрча ба худ ҷои гурез намеёфт, акнун дар кӯлмаки хуни Муҳаммадназар мерақсид, ҳароратеро, ки аз хуни ғарми ӯ мебаромад, мемакид.

Сомеъ Пошо, ҳоло ҳам ба худ наёмада буд. Ҳоло ҳам дандонҳояш аз ҳамдигар ҷудо нашуда буданд. Ҳоло ҳам хуни ғазаб аз симои ӯ дур нашуда буд. Аз танаи питирроси задаистодаи Муҳаммадназар чашмонашро намеканд. Боз як бори дигар:

— Кӯппай ӯғлӣ,— гуфту рӯяшро ба тарафи дигар тобид.

Ҷаллод шамшери хунолудашро як бор лесиду ба Сомеъ Пошо як таъзим кард ва шамшерро ба ғилофаш андохту бо тавозӯъ ба қатори сафбастагон рафта, ҷои кӯҳнаашро ишғол намуд.

Бале, ин хун, хуни Муҳаммадназар — нахустин хуне буд, ки аз тарафи Сомеъ Пошо дар хоки мо рехта шуд. Қишлоқи «О» нахустин манзили онон буд.

1935

САНГИ НОМАПЕЧ

Ё ба зорӣ, ё ба зӯрӣ ё ба зар
(Аз зарбулмасали халқ)

Нарзӣ дар беруни қалъа монда буд. Дигар на рӯз ба даруни қалъа даромада метавонист ва на шаб. Ба андеша афтод. Коре кардан даркор буд, ки дар натиҷаи он бояд Шарифҷон ва фармондеҳи калон аз аҳволи берун ҳамеша огоҳ шуда меистоданд. Масъалаи «Чӣ навъ карда онҳоро хабардор мекунам» уро хеле дар азоб монанд. Ба ҳар ҳол вай аз ин урус, ки қалъаро печонида гирифтааст, худро дур дошта наметавонист. Худи муҳит ва тақозои одами тандуруст инро талаб мекард. Аммо аз ҷиҳати дигар ӯ аз фош шуда мондани асрораш метарсид. Бо вуҷуди он ҳар рӯз вай баробари дигарон калима ёд карда, ба ҳуҷум медаромад. Дар дасташ милтиқи шикории нобакоре буд, ки онро рӯзе иттифоқан аз хонаи хӯҷаинаш ёфта буд. Касе ӯро «кистӣ ва чӣ кор мекунӣ?» намегуфт ва ӯ чӣ кор мекард касе ҳам пайхас намекард.

Акнун ӯ ҳисоби хабардиҳиро ёфта буд. Аз ин кордорни худ, аз як ҷиҳат бисьёр хурсанд шавад ҳам, аз ҷиҳати дигар бисьёр ғамгин буд. Барои ин хату савод доштан даркор буд. Ӯ худашро ва муҳитеро, ки ӯро хатшинос накардааст, садҳо бор дашном дод. Ҳатто: «Ман гов ҳастам, ман ҳайвон ҳастам, аммо одам наям, зеро ки ҳамин хату саводро одамизод баровардааст, одамизод мехонад, одамизод менависад. Чаро ман монанди дигарон хонда ва навишта наметавонам?» гӯён борҳо худро пучида-пучида мегирифт, лекин дар айни ҳол ин худазобдиҳии ӯ суде намебахшид.

Нарзиро дигар илоҷе набуд. Як одами хату саводнокро ёфтан даркор буд, ки вай мебоист гуфтаҳои Нарзиро ба рӯи коғаз менавишт. Аммо, бадбахтона ҳамаи хату савод-

нокон муллоҳо ва эшонон буданд. Онон дар дастҳояшон тасбеҳ гирифта, дар ҳар он ояту ҳадисхонӣ мекарданд, ба «лашкари ислом» фотиҳа медоданд, ба он музаффарият металабиданд.

Магар Нарзӣ ба ҳузури яке аз онҳо рафта гуфта метавонист, ки: «тақсир, беадабӣ шавад ҳам, ба рӯи ҳамин коғаз ба болшовойҳо нависед, ки имрӯз хуб танбеҳи «лашкари ислом»-ро додед ва агар боз ду рӯзи дигар ҳамин хел кунед, ҳамаи исломиён думро хода карда, ҷои гурез мекобанд». Ин ба модараш дуюю салом набуд, ки мулло гуфтаҳои ӯро бинависад ва гуфтаашро аз ӯ биситонад!

Рӯзи дуввӯм ё саввӯми муҳосира буд. Нарзӣ ҳам милтиқашро гирифту дар қатори дигарон ба «ҳуҷум» даромад. Якбора ӯро ваҳму ҳарос фаро гирифт! «Агар мурам чӣ мешавад?... Беҳуда... Мурдаи маро дар қатори мурдаҳои душман ёбанд?! Шарифҷон, командири калон чӣ мегӯянд?.. Охир, мақсади... хиёнатро надорам...»

Ба девори қалъа наздик расида буд. Нарзӣ дар паҳлуяш шахсеро мушоҳида кард. Аз саллаи сафедаш, рӯи рангпаридааш, бед барин ларзиданаш ва беоромона калимаёдкунӣ ва «дуои қунут», хониаш аз муллоҳо будани ӯро ҳис кард. Чаро вай дар ин ҷост, ба фикраш ҳам наёмад.

Қариби пешин буд, ки ба пои чапи домулло тир расид. Ӯ «воҳ мурдам» гуфту худро ба замин партофт ва ба ҳойҳой гирья кардан шурӯъ намуд. Дар ин талотум касе ба ӯ раҳм намекард, ёрӣ намедод ва ҳатто назари ҳеҷ кас ҳам ба ӯ намеафтод. Ҳар кас ба ҳоли худ буд. Қариб буд, ки домулло ба зери пои мардум бимонад ва «ҷони» набаромадааш барояд.

Нарзӣ аз ин ҳоли домулло хурсанд шуд. Бе ҳеҷ гап ӯро пуштора намуда аз ҷавлонгоҳ баромад. Касе, ки инро медид, ба Нарзӣ «баракалло, падарраҳмат» мегуфт ва суоли «чаро аз ҷанг баромадӣ»-ро намедод... Нарзӣ домуллоро аз кӯчаҳои пастхамӣ рост ба ҳавлие, ки аз хӯҷаинаш ба ӯ «мерос» монда буд, бурд. Ду пояш овезон домулло беором Нарзиро дуо мекард, гоҳ-гоҳе тамоми овозашро сар дода дод мегуфт.

Дар ҳавлӣ ба рӯи кӯрпаи қарқбастааш домуллоро хобонд ва дарҳол ба муолиҷакунӣ сар кард. Ҷароҳати домулло он қадар хавфнок набуд, тир ба устухон нарасида, аз қабати гӯшт гузашта рафта буд. Хун ҷорӣ буд.

— Домулло ин ҷароҳататон хавфнок не,— гуфт Нарзӣ ва бо ин ӯро андаке тасаллӣ дод.— Ҳозир ман як дорую

дармони озмудаамро мекунам, баъд аз се рӯз сиҳат шуда меравед.

Камтар сиёҳии дегро тарошиду аз шифти хона якчанд хонаҳои тортанакро гирифт ва ҳардуяшро омехта, ба ҷои ҷароҳат монд ва бо миёнбандаш онро сахт баст.

Домулло ҳайрон буд. Кӣ будани ин ҷавони раҳмдилро намедонист. Сабаби ин некиҳои ҷавонро намефаҳмид. Фикру хаёлаш ба ҳар ҷода сайр менамуд. Дар оқибат ба ҳамин фикр омад, ки «ин ҷувон як марди некӯкор аст!»

Нарзӣ зуд чойҷӯшро монда ба домулло як обӣ ҷӯш карда дод ва худаш бо нияти он ки «ба ин ягон хӯрок карда додан даркор аст» ба рӯи ҳавлӣ баромад. Дар хонааш ба ғайр аз чанд бурда нони қоқ дигар чизе набуд. Дар ин маҳалла дар моҳҳои охир, ба ҷуз худи ӯ, дигар ҳеҷ кас зиндагӣ намекард. Ҳар кас ба ҳар тараф кӯчида рафта буд. Ҳамсояе набуд, ки Нарзӣ барои маҷрӯҳ аз ӯ чизи хӯрданӣ талаб кунад. Бешуурона ба девори ҳамсоя наздик шуд ва ба он тараф чашм андохт. Дар пеши тавилаи ин ҳавлии бекас, як мурғи дайдуе тӯдачаи поруҳоро тит мекард. Дар лабҳои Нарзӣ табассуме пайдо шуд ва худ ба худ: «Дуруст, ин домуллои мо хушбахт ва бонасиба будааст» гӯён ба он сӯи девор худро ҳаво дод. Мурғро дар тавила маҳкам намуда даст гирифт ва дар ҳамон ҷо сар зад.

Пас аз андак фурсате ҳар ду бо нони қоқи фаллавор тар шуда, ба хӯрдани сихкабоби гӯшти мурғ шурӯъ карданд, ки ин бо дасти чобуки Нарзӣ ба нӯги навдаҳои биҳӣ гузаронида шуда, пухта шуда буд. Домулло таомро бо иштиҳои том мехӯрд. Гӯё дар ҳаёташ ин гуна таоми лазизро нахӯрда буд. Бӯи дуд, гӯё зираву пиёзро иваз менамуд. Ҳар ду ҳам хомӯш буданд. Домулло намедонист, ки ба ин ҷавони одамдӯст чӣ навъ миннатдорни худро баён кунад. Нарзӣ ҳам ҳайрон буд, ки чӣ навъ рафтор намояд ва оқибат домуллоро ба доми худ гирифтор кунад. Роҳ ва тариқи инро меандешид ва дар ниҳоят:

— Тақсир,— гуфт ва бо ҳамин диққати домуллоро ба худ кашид.— Пурсидан айб надорад, тақсирамон аз кадом қишлоқ мешаванд?

Домулло луқмаи дар даҳонаш будагиро фурӯ дода, саросема нашуда:

— Ман аз қишлоқи Чорчинор,— гуфту дасташро ба сиҳи охирин дароз карда, ба зудӣ: — ман имоми ҳамон қишлоқам,— гӯён илова намуд ва дар чеҳраи ӯ аломати ғурур падидор шуд. Нарзӣ ба ин ҳоли ӯ ботинан завқ кард. Дигар

чӣ гуфтанашро надонист ва ба хаёлаш ришта гап канда шуда ва дигар ин шахси мутакаббирро ба доми худ галтондан ба назараш мушкил намуд. Ҳатто ба майнааш «аз ҳамин вақт кордро нишон дода монам-мӣ?» гуфтагӣ хаёл ҳам расид.— Не,— худ ба худ боз аз ин фикраш гашт. Ҳайрон буд. Чӣ навъ боз гапро сар мекунад, таги ӯро мекобад, ва дар ниҳоят ба мақсад мерасад? Охир, ин дар дасти ман аст, агар тандуруст бошад ҳам... даҳтои инҳоро сариштa мекунам...— Дар ҳақиқат ҳам вазъият нобоб ва ночаспон буд. Домулло дасташро ба домани куртааш пок карда:

— Шумо аз кадом қишлоқ? — гуфта пурсид ва Нарзиро аз кӯчаи андешаҳои гуногун баровард. Ба хаёли Нарэй, акнун калиди гап ёфт шуд.

Ин домулло Партов ном дошт. Дар ҳақиқат ҳам аз қишлоқи Чорчинор буд ва дар айни замон дар он ҷо имоматӣ мекард. Аз ҷумлаи домуллоҳои номӣ ва васиқанок набуд. Инро худаш ҳам ҳис менамуд ва бинобар ин бе ҳеҷ гуна даъвои даҳанкалонӣ ба майдон ҳам намебаромад. Аз вазъияти ҳозираш хурсанд буд. Халқ ҳам аз ӯ дилозор набуд, зеро ҳаман одамони ин қишлоқе, ки дар қабати кӯҳҳо фаромӯш шудааст, ба монанди додару бародарон буданд. Аҳволи ҳар касро медонист.

«Кам додӣ ё зиёд додӣ» намегуфт — гурусначашмӣ намекард.

Домулло Партов фарзанди як деҳқони камбағал буд. Падараш як тоқа гов дошт ва бо дигарон алғов карда деҳқонӣ менамуд ва бо азобу уқубати зиёд зиндагиашро мегузаронид.

Хондан ва ба дараҷаи имомӣ расидани ӯ низ як таърихи ба худ махсусе дошт.

Дар ҳангоми бачагиаш Мулло Партов бисьёр хушрӯй буд. Ҳар касе, ки ӯро медид,— «бо як қулт об фурӯ диҳам» мегуфт. Рӯзе бо коре яке аз амалдорҳои беги Кӯлоб ба қишлоқи онҳо меояд ва дар кӯча ба қатори бачагони дигар ба Партов ҳам чашмаш меафтад ва ошиқи беқарор мешавад. Зоҳиран бо розигии падараш, лекин аслан бо зӯрӣ, Партови 12—13-соларо ҳамроҳи худ мебарад.

Дар худи ҳамон сол он амалдор бо коре ба сӯи Бухоро равон мешавад. Партовро низ ҳамроҳи худ мебарад. Дар Бухоро яке аз мударрисҳои калон, ошнои деринаи ҳамон амалдор, дар як сӯҳбат Партовро мебинад. Баъд вайро аз он амалдор хоҳиш менамояд; амалдор аз Партов дил канда наметавонад ва ҳаёти бе Партовро ба худ тасаввур карда

натавониста розй намешавад ва хоҳиши ошнояшро рад мекунад. Байни ҳар дуяшон дилхунукй ҳосил мегардад. Он мударрис планҳои ба даст даровардани Партовро мекашад. Ҳатто яке аз калонони дарборро низ миёнарав мекунад, лекин гапҳои калони дарборй ҳам ба амалдори кӯлобй таъсир намекунад. Дар ниҳоят он муддарис маҷбур мешавад ва чораи охиринро пешбинй мекунад, яъне ба воситаи чанд нафар шогирдонаш — муллобачаҳои «забардаст», ки ҳар яке аз онҳо на аз оташ рӯй мегардонад ва на аз об ва агар «бирав каллапӯшашро биёр» гӯянд бемалол рафта сарашро овардан мегирад, шабе Партовро медуздад. Чанд вақт то замони аз Бухоро рафтани амалдори кӯлобй Партов дар канори шаҳр дар як ҳавлй нигоҳ медорад. Хӯҷаини Партов медаваду метозад, дод мегӯяду фарьёд мезанад. Аз калони миршаб сар карда то қозикалон мурофиат менамояд, аз онҳо имдод металабад, вале ҳеҷ кас дар амал ба ӯ ёрдам намедиҳад, аммо дар сухан ҳамагй бо мусибати ӯ ҳамдардии худро изҳор менамоянд ва калта-калта ваъдаҳо пешкаш мекунанд. Оқибат, пас аз се моҳи аз даст рафтани Партов он амалдори кӯлобй бо ғаму андӯҳ зиёд Бухорон меҳмоннопазирро тарк менамояд.

Дар ин байн чанд моҳҳо мегузарад. Бисьёр шабҳо ҷаноби мударрис бо «сӯҳбати» Партов мегузаронанд.

Рӯзе аз рӯзҳо як ҷавони кӯҳистонй ба мадраса меоя ва хоҳиш мекунад, ки ӯро ба мадраса қабул кунанд. Мударрис барои ҳар шахсе, ки орзуи хондан дорад, дарҳои илму дониш боз аст гӯён он ҷавонеро, ки ҳеҷ хату савод надорад, ба мадраса қабул мекунанд. Бо мақсади он ки ба ин ҷавон ёрй диҳад, ҷаноби мударрис рӯзҳо ба қатори мулобачаҳои дигар, шабҳо боз алоҳида ба вай «дарс» медиҳанд. Ин муллобачаи навомада ҳам аз хизмати мударрис ҳеҷ рӯй намегардонад: кафшашонро тоза карда меистад, оби таҳорат тайёр карда медиҳад, зум ба зум аз чойхона ба чойникчаи тақсирамон оби ҷӯш, ё ки аз сари бозор дутор кулчаи гарм мебиёрад ва ҳоказо... Ин муллобача хизмати шарикони пешқадамашро, ки онон ӯро дар шаби торик аз дасти он амалдори ғаддор наҷот дода буданд, низ фаромӯш намекунад... Рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо паиҳам якдигарро таъқиб менамоянд. Инак Партов ҳам соҳиби дастору тасбеҳ мегардад ва Партовхон ба Мулло Партов иваз мегардад.

Мулло Партов як сол пеш аз инқилоб ба қишлоқи худ бармегардад. Халқи қишлоқаш, ки ду сол пеш имомашро гӯронида ва то ҳанӯз ҳайрон буд, ки ҷанозаи мурдааш ва

куфу суфи зиндаашро ба кӣ супорад, аз омадани Мулло Партов бисьёр хурсанд мешавад. Ва дарҳол ба ин кас имоматиро месупорад ва як духтари паричеҳраашро низ пешкаш мекунад.

Нарзӣ аз кадом қишлоқ ва фарзанди кӣ будани худро баён намуд. Баъд:

— Домулло, шумо ба ҳамин корҳо чӣ мегӯед? — гуфт. Мулло Партов мақсади ӯро дарҳол нафаҳмид. Ба ӯ чашм дӯхта истод. Нарзӣ ба гапаш давом намуда: — афсӯс ки чӣ қадар одамон беҳуда қурбон шуда мераванд,— гӯён муаммои инсонпарастиро ба домулло пешниҳод намуд.

— Чаро? — гуфт Мулло Партов ва ба монанди шахсе, ки забонаш гирифта бошад: — аммо...— Боз чиҳо гуфтанӣ шуд, вале бо чӣ андешаи дигар даҳан накушод ва чашмонашро аз чашмони сиёҳ ва дурахшандаи Нарзӣ наканд. Гӯё ин чашмон сабаби меҳмондӯстии Нарзӣ ва зафари ояндаи яке аз тарафҳоро баён мекард. Вале Нарзӣ нахост, ки боз ришта сӯҳбат канда шавад, дарҳол:

— Тақсир, дар хусуси ҳамин ҷангҳо дар китобҳои калон чӣ мегӯянд? — гуфт.

Бо ин суол домуллоро ба як ҳолати носозе андохт. Мулло Партов дар айни ҳол намедонист, ки дар бораи ҷанг дар китобҳо чӣ гуфтаанд. Бадбахтона ба майнааш ягон фикрае аз ояту ҳадисҳои оид ба ҷанг намеомад. Бо вазъияти ноустуворе:

— Агар дар ҷанг куффорро бикушӣ, гозӣ ва агар бимурӣ, шаҳид мешавӣ, гуфтаанд,— ҷавоб дод мулло.

— Охир дар даруни қалъа мусулмонон, яъне тоҷикони худамон ҳам бисьёранд-ку? — гуфт Нарзӣ ба оҳистагӣ. Ба хаёлаш гӯё ин, дар роҳи ба даст даровардани домулло қадами аввалин буд.

— Рост-мӣ?

— Ҳа, ман дурӯғ намегӯям, тақсир!

— Вайҳо ҳам кофиронанд.

— Тақсир, рости гапро гӯям-мӣ? — гуфт Нарзӣ ва табассум намуда: — бо ин ҳукумат ҳазил кардан мумкин нест!

Барои Мулло Партов ин гапҳои Нарзӣ ва кирдори ӯ як олами навӣ буд. Гӯё фақат акнун чашмонаш мош барин кушода мешуданд. Гӯё акнун аз олам хабардор мешуд. Хост, ки бо ҳамон даҳанкалонӣ ва дабдабанокие, ки муллоҳои Бухоро масъалаталошӣ мекарданд, ин ҳам бо суханҳои болохонадор ва оятҳои дуру дароз дар як он ин мардаки

бесаводро пош-пош карда фиристонад ва дамхўр карда гирад. Вале ба андеша афтод ва аз маҳрум шудан аз меҳрубониҳои ӯ тарсид ва ором монд.

Ин ҳолати дудилагии Мулло Партов Нарзиро тамоман далер намуд. Вай ба сухан даромад:

— Тақсир, аз худатон ҳеҷ гап наменамонад,— гўён ҳурмати худро ба ӯ ифода намуд,— ана дар ҳамин ҷойҳои мо, қишлоқҳои мо, кӣ бисьёр аст, камбағал ё бой? — ба ҷавоби домулло мунтазир нашуда — албатта камбағалон. Бойҳои ҳар як қишлоқро бо даст шумурдан мумкин аст. Аммо камбағалон бошанд, мўру малах барин бисьёранд, вайҳоро шумурда ба ҳисобашон рафта наметавонед...

Ин гуна даромад, ин гуна гапҳои маънидор дар назди Мулло Партов эътибори Нарзиро хеле зиёд намуд. Ба хаёли домулло гўё Нарзӣ аз фалакиёт баҳс менамуд ва домулло ба додани ҷавоб ба суолҳои сахти ӯ оҷиз буд...

Ё дар ин ҷо «дар таги коса нимкоса ҳаст-мӣ?» ба хаёлаш расид. Ба ҳар ҳол аз он ки ба ин ҷавони ба назар содда аз ин ду дақиқа пеш дўғ ва пўписан муллоёна назада буд, бисьёр хурсанд шуд.

— Тақсир, ана ҳамин ҳукумат, ҳукумате, ки шўрояш меноманд ва ман маънии ин суханро чанд вақт нафаҳмида гашта будам, ҳукумати камбағалон будааст. Ана ҳамаи камбағалҳои хоки Русия подшоҳашонро аз тахт зада фуробарда ана ҳамин ҳукуматро барпо кардаанд. Дар сари ин ҳукумат Ленин ном касе истодааст. Дар пеши Ленин ҳазорон ҳазор Рустами Достонҳои мову шумо номаъқул кардаанд, Фаҳмидед-мӣ? Агар ҳамин ҳукумат хоҳад, ин шаҳру қишлоқҳои моро дар як соат ба замин яксон карда мепарқишлоқҳои моро дар як соат ба замин яксон карда мепарқишлоқҳои моро дар як соат ба замин яксон карда мепарқ

— Чӣ гӯям? — гуфт Мулло Партов. Вай дар ҳақиқат ҳам чӣ гуфтанашро намедонист. Тамоми орзуҳои «мамлакати мусулмонобод»-ро ҳамчун афсонае ҳис намуд. Манзараҳои ҷанги граждани, ки бо забони Нарзӣ нақл карда шуданд, «Ҷангнома»-ҳои дар Бухоро хондагиашро ба ёдаш расониданд.— Шумо ин гапҳоро аз кӯҷо медонед? — ин дафъа «шумо» гӯён аз Нарзӣ пурсид. Ҳамин калиман «шумо» ба назари Нарзӣ шоҳиди ғалаба буд.

— «Аҷлу ҳуш набошад, зану куш!» — гуфтаанд,— бо худписандӣ ҷавоб дод Нарзӣ ва гӯё бо ҳамин домуллоро тамоман мот кард. Ҳар ду хомӯш шуданд. Нарзӣ бо ҳамин гапҳояш кӣ будани худро баён карда буд. Акнун намедонист, ки муддаоро ба вай чи навъ фаҳмонад. Якбора:

— Таҳсир, ҷои азиз-мӣ, нон? — гуфт. Ин суоли иогаҳонии дуруште, ки ба равиши сӯҳбат ҳеҷ муносибате надошт, домуллоро як қад парронд. Худи Нарзӣ ҳам аз ин гуна даҳолиаш пушаймон хӯрд. Мулло Партов ба ин «ҳазил»-и ӯ қоҳ-қоҳзанон хандиду:

— Шумо қизиқ-а, албатта ҷои-дия! — ҷавоб дод.

Нарзӣ «акнун кори мешудагӣ шуд» гуфту «Баъд аз табу тез қайла куну рез»-ро ба хотир оварда:

— Домулло, ман мехоҳам, ки ҳозир дар ҳамин ҷо шуморо бикушам.

Ин гапҳои Нарзӣ тамоман мухолифи кирдораш буд. Ин муаммои марги якбора ва меҳрубонии ӯ домуллоро сарсахт карда монд. Нарзӣ ба Мулло Партов имконият надод, ки вай суоли «барои чӣ»-ро диҳад.

— Савганд ёд кунед, ки тамоми гуфтаҳои маро беқилу қол ва бехиёнат ба ҷо меоред ва ба ҳеҷ кас як даҳан гап намезанед — гӯён бо дӯғ аз соқи мӯзааш ним газ барин корди қассобиашро бароварда, ба паҳлуяш монд. Дар охири гапаш: — кори ман сахт нест, бисьёр осон,— гуфт.

Дар айни ҳол рангу рӯи Мулло Партов аз ранги саллаи сафедаш ҳеҷ фарқ намекард. Маҷоли даҳонкушоиро надошт. Тамоми аъзои баданаш меларзиданд. Дигар «чаро, чӣ гап, чӣ кор» нагуфт ва нимхез шуда, дуои дуру дарозе хонд ва «валло, билло»-ро вирди забон намуда, гапҳои Нарзиро такрор карда, дасташро ба фотиҳа бардошт.

Нарзӣ аз токчаи хона як порча коғази чой печондашудаи чангбастаро пайдо намуд ва камтар аз он даррониҷа ба пеши Мулло Партов гузошт ва аз соқи мӯзаи чапаш қалами сиёҳеро, ки рӯзе дар болои устали Шарифҷон дида ва аз

ӯ илтимос карда гирифта буд, ба дасти ӯ дод ва ҳамчун ҳоким:

— Нависед! — гуфт,— нависед, ки сари ҷӯйро бастанд... Ҳангоме ки Мулло Партов бо дастони ларзонаш дар рӯи коғаз қалам меронд, вай монанди шахси хатшинос бошубҳа ба равиши қалам диққат мекард.

— Тайёр, марҳамат,— гуфт домулло хатро ба вай дароз карда. Ҳоло ҳам ба худ наомада буд.

— Қуллуқ тақсир, аз ҳамин рӯз эътиборан мо ғуломи шумо,— гӯён Нарэй хандид.— Ин ҷангҳо ба поздаҳ рӯз намеравад, пас аз он ҳукумати камбағалон ба хизмати шумо тайёр аст,— гуфт.

Мулло Партов оҳи дуру дарозе кашиду бо остини ҷомааш арақи пешонаашро пок кард ва дигар гап назада, ба ҷояш дароз кашид.

Рӯзе Шарифҷон ҳамроҳи як гурӯҳ аскарони сурх дар яке аз шинакҳо нишаста буд. Ҷанг дам ба дам авҷ мегирифт. Яке аз ҷанговарон, ки дар он тарафи ҳамин шинак буд, дар як дасташ туфанг, бо дасти дигараш чаккаашро даст гирифта хам шуда, ба пеши ӯ давида омад:

— Инро бинед! — гуфт ва мушт барин санги ба коғаз пеҷонида, бо латта баста шудаеро ба ӯ дод ва бо ҳамон вазъият ба ҷояш равон шуд. Ин коғаз аз берун партофта шуда, сари он ҷанговарро варам кунонида буд. Дар хат чунин гуфта шудагӣ буд:

«Сари ҷӯйро бастанд. Дигар ба қалъа об намедароянд. Дониста кор кунед. Шумча».

Хат, хати хело хушрӯй буд. Суоли: «ин нома аз кӣ бошад?» Шарифҷонро он қадар гаранг накард. Чун ӯ медонист, ки Шумча кист. Вале, ҳамчунин ӯ медонист, ки Шумча на хат дошт ва на савод. Барои ӯ кӣ навишта бошад?

Ҳар рӯз аз ин гуна сангҳои номапеч як бор ё ду бор омада меистод. Мазмуни ҳар яки он дигаргун ва кӯтоҳ буд.

«ҒОФИЛ МАНИШИН НА ВАҚТИ БОЗИСТ»
«ИЛОҶИ ВОҚЕА ПЕШ АЗ ВУҚӮЪ БОЯД КАРД»

Колашников дар миёнҷои калъа танҳо, чун ҳайкали пуршукӯҳ рост истода буд. Бо рӯймолчаи бинипоккун «маузер»-ашро тез-тез пок мекард. Ҳаракати дастонаш аз вазъияти ошуфтаи ӯ хабар медоданд. Рухсори маллагуни ӯ сиёҳча метобиданд. Мӯйҳои тиллоиаш парешон, аз таҳти фуражка бетартибона баромада меистоданд, бод онҳоро ба ҳар тараф мебурд, гӯё бо ҳамин сари ин ҷанговарро сила мекард, ба ӯ тасаллӣ медод. Пешонаи васеашро чинҳои бемалол пахш карда буданд. Чашмҳои фирӯзаи ба қаър кашидааш,— шоҳиди бедорхобиҳои дуру дарози ӯ буданд.

Аз ҳар гӯша ва канори истеҳком садои милтиқҳои тарафайн ва дам ба дам таронасароии пулемёти мо шунида мешуд ва гоҳе шамоли тирамоҳ бо ғурриши худ ин садоҳоро қувватнок мекард ва даҳшати бе ин ҳам зиёдро боз зиёдтар менамуд. Ин садоҳо ба гӯши Колашников намедаромаданд. На аз он сабаб, ки вай ба инҳо одат карда буд, балки тамоми вуҷуди ӯ бо як фикре: бо ҳал намудани муаммои наҷот банд буд. Вай аз дур, ҳамчун капитани киштие, ки дучори ҳалокат гардидааст, ба назар менамуд. Бале, дар ҳақиқат ҳам киштии Колашников — гарнизон дучори ҳалокат шуда буд. Муҳосира тӯл мекашид. Аз ҳеҷ ҷой бӯи умеде, бӯи мададе намеомад. Гӯё тамоми ҳастӣ ӯро ва ҷанговаронашро фаромӯш карда буд. Гӯё ҳаман бошандагони рӯи замин ба ӯ кин доштанд ва акнун аз ӯ ниқор мегирифтанд.

Ҳангоме, ки Петров, Шарифҷон ва ду нафар аз фар-

---

[1] Сарлавҳа аз Низомии Ганҷавӣ гирифта шудааст. (Нависанда).

мондеҳони қисмҳо ба назди ӯ омаданд, вай гапро дароз накард ва ба ҳамон ҷиддият:

— Дигар мумкин нест, ки аҳвол ҳамин тавр давом кунад. Чорае ҷустан даркор аст! — гуфт.

Аз оҳанги гапҳояш ошуфтагӣ ва хашмгинӣ садо медоданд, Гӯё гунаҳкори ҳамаи ин мусибат ҳамин чор нафар буданд. Гӯё вай бо ҳамин суханҳояш аз инҳо қасоси деринаашро гирифтанӣ ва дили пурдардашро холӣ кардани мешуд.

Оре, чорае ҷустан даркор буд. Инро ҳамагӣ медонистанд. На танҳо вай, балки тамоми аҳли қалъа дар ҳамин фикр, дар ҳамин хаёл буд. Аммо чӣ чора? Вазъияти истеҳком — қафаси бузурге ва бошандагонаш — паррандагони ба он гирифтор шудаеро ба ёд меоварданд. Умуман дар ин гуна вақтҳо бозори чорачӯӣ авҷ мегирад. Дар ин хусус ҳар кас ба ҳар андешае буд:

— Зада мебароем, ё тамоман нобуд мешавем, ё наҷот меёбем!

— Не, то омадани ягон гурӯҳи аскарони роҳгузар ҳам бошад, сабр мекунем!

— Шабона душманро пахш мекунем, ё ҳаёт, ё мамот!

Ба муқобили як таклиф сад таклиф пайдо мешуд. Ба муқобили як далел сад далел пешниҳод мегардид. Вале як чораи бисьёр арзон, бисьёр осоне буд, ки он ҳам бошад, «таслим мешавем!» буд. Ин ҳам дар навбати худ мағзи сарҳоро сайр карда баромад, вале дар ҳеҷ майнае ба худ қароргоҳе пайдо карда натавонист. Аз бошандагони истеҳком, касе, ки ба ин фикр меафтод, дарҳол аз ин гуна ҳалокати ногаҳонӣ худ аз худ наҷот меҷуст, вуҷудаш ба ларза медаромад ва чунон мепиндошт, ки гӯё ин ҷинояти нокардаро вай карда бошад. Худ ба худ сурх мешуд, таб мебарорзард ва лому мим нагуфта силсилаи афкорашро ба ҷодаи дигар равона месохт.

Дар ниҳоят:

— Ҳарчи ҳам бошад, ба Данғара касеро фиристонидан даркор,— гуфт Петров. Гӯё бо ҳамин ба шторми наҷоти оянда банди роҳи навро боз намуд.

— Тӯғрӣ, ман ҳам дар ин хусус хеле фикр кардам,— гуфт оромона Колашников. Гӯё ин таклифи комиссар аз ӯ узрхоҳӣ буд, ки вай аз он мамнун шуда, акнун бо ӯ бо нармӣ муомила менамуд.— Аммо киро? Чӣ навъ?

— Сахтии масъала ҳам дар ҳамин ҷо-дия, охир! — гуфт Петров.

— Рост мегӯй, рафиқ комиссар,— гуфт Шарифҷон.— Афсӯс, ки Нарзӣ дар беруни қалъа-дия! Набошад аз вай боб одам набуд.

Масъалаи ба Данғара одам фиристонӣ ҳам ҳал шуд. Ҳоло ҳам ҳамагӣ рост истода буданд. Дар тарафи ҷанубии истеҳком ҳуҷуми душман қувват гирифт. Садоҳои мағал ва ғавғоҳои йигитҳои душман зиёдатар гардид. Ғиззаси милтиқҳо дар гирду атрофи инҳо бештар шуд. Колашников чанд дақиқа ба ҳамон қитъа нигоҳ карда истоду ба ҷои худ яке аз фармондеҳони қисмро бо супориш барои хомӯш намудани оташи ғазаби душман, ба он ҷой равона кард ва тӯё ҳеҷ чизе рӯй надода бошад, бепарвоёна:

— Каний, бинишинед,— гуфт ва дарҳол илова намуд:— хӯш, киро мефиристем?

Баргузидани шахс майнаҳоро хеле ғаранг кард.

— Албатта аз тоҷикон ё ӯзбекон касеро фиристондан даркор,— гуфт Петров ва ба Шарифҷон нигоҳ кард.

— Аммо киро? — савол дод бо оҳанги гапаш ба худи вай Шарифҷон.

Яке аз фармондеҳони қисмҳо, марди қоматбаланд, гандумгун, ки бисьёртар ба ҷои ҳарфи «г»-«ҳ»-ро истеъмол карда гап мезад ва ба назар он қадар шуҷоъ набуд:

— Ман меравам,— гуфт.

— Ба ҳеҷ ҷой рафта наметавонӣ. Ту на тоҷикӣ медонӣ, на ӯзбекӣ. Аз қалъа, ки беруи қадам мондӣ, дарҳол дастгир мешавӣ,— гуфт бо оҳистагӣ Петров. Гӯё вай гап намезад, балки ба ин фармондеҳи ҷавон, ки хунаш мечӯшид ва дар айни ҳол худдорӣ карда наметавонист, насиҳатгӯй мекард ва ба оташи шӯълаваргардидан қалби ӯ обношӣ менамуд.

Аҳли маҷлис боз ҷим шуданд.

— Ту барои ҳар як командири ҷангдида ҳозир ба мо ҳамчун обу ҳаво зарур аст,— гуфт баъд аз сонияе Колашников ва бо ҳамин дар ин ҷавлонгоҳи пурталотум оромии номавриди инҳоро вайрон намуд.— Бародарҷон, ин далерии бефоидаатро мон.— Монанди шахсе, ки аз ӯ ранҷида бошад, суханашро тамом карду рӯяшро сӯи дигарон тобонд. Чашмонаш саволи «каний»-ро такрор менамуданд.

Хусусият ва қобилияти ҳар як тоҷик ва ӯзбеки ба назар намоёне, ки дар гарнизон буд, далерӣ ва ӯҳдабарои он як ба як нақл карда ва дар тарозуи ақл борҳо баркашида шуданд.

— Не, вайро босмачиён мешиносанд, кадом рӯз як худаш шаш нафар босмачиро аз қишлоқ дастгир карда оварда буд.

— Ҳа, ин боб-ку, аммо андак тарсончак-дия!

— Вай табгир-дия, метарсам, ки дар роҳ касал шуда мемонад ва ба мақсад расида наметавонад.

— Ҳарчи ҳам бошад ман ба вай бовар намекунам, чунки дар вақташ амалдори амир буд.

— Чӯпонамон, Шодӣ-чӣ? — гуфт.

Шодӣ марди назарногир буд. Аз бозе, ки ҳамин гарнизон ташкил шудааст, вай дар ин ҷо кор мекард. Пештар гӯсфандҳоеро, ки аскарон аз дасти босмачиён ғанимат мегирифтанд ва дигар молҳоро мепоид. Ба ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳе гапи зиёда намегуфт. Ҳар кас ҳарчи кореро, ки мефармуд, не намегуфт ва бачо меовард. Дар рӯзҳои муҳосира, дар даруни қалъа бо ҳаргуна корҳо машғул буд: тир мекашонд, ба бардошта омадани маҷрӯҳҳо ёрӣ медод. Ҳезум мекафонд. Ҳатто дам ба дам кӯдаки зани сарӣ — мингбоширо бардошта, ӯро «алла» ҳам мегуфт. Ба ин таклифи ои фармондеҳ, Петров бо андешаи оромона:

— Бале, вай аз ӯҳдаи ин кор мебарояд,— гӯён гапи ои командирро тасдиқ намуд.

— Озмуда нашудааст! — гуфт Шарифҷон.

— Ин озмуда нашудааст, вай санҷида нашудааст, хӯш, охир киро мефиристонем? — гуфт Колашников. Садояш меларзид. Чашмонаш медурахшиданд.

— Ту рост мегӯй,— Шарифҷон ҷавоб дод.— Вале агар рафта ба босмачиён қатӣ шавад, чӣ мешуд? Хайр, кӯр шавад. Аммо ҳастию нестии даруни қалъаро ба вайҳо нақл кунад, чӣ мешуд? Ба ин ту чӣ мегӯй?

Ин суолҳои пай ҳамдигари Шарифҷон гӯё нӯги гумшудаи калобаеро, ки ёфт шуда буд, боз гирех намуд. Оташи забонагирифтаи Колашниковро хеле паст кард ва ӯро боз ба андеша водор намуд.

— Майлаш, Шодиро мефиристем. Вай хиёнат намекунад,— гуфт Петров ва бо ҳамин ин муколамаи дуру дарозро ба анҷом расониданӣ шуд.

— Оё шумо амин ҳастед? — суолро Шарифҷон кӯндаланг карда, пеши комиссар гузошт.

— Албатта,— гуфт вай бо оромӣ.

Дигар дар ин бора касе даҳон накушод. Дар хусуси тариқи аз қалъа бароварда роҳӣ кардани Шодӣ низ ҳамдигарро як-ду нӯл чӯққӣ карда гирифтанд.

Шодӣ таклифро рад накард. То бегоҳии рӯз тайёрии сафари ӯ ҳам тамом шуд. Сардори штаб, бо шавқ милтиқи бобогиро оварда, бо ду дасти адаб «мана тақсир!» гӯён ба ӯ тақдим кард. Ба номи командаи полк ба як парча коғазе чанд калимаи ҳаяҷоновараро низ навишта шуд.

Масъалаи ин як парча коғазро, бояд дар куҷо ҷой кунад, боз даҳонҳоро боз намуд. Боз дари басташудаи мубоҳасаро яла кард.

Садои туфангҳои тарафайн, гӯё ба ин, ба муколамаи дақиқ ва баҳси охирини ҷавоб мешуданд.

— Ба таги мукиат мон!

— Не, намон! Агар мукиат афтида равад, ҳамроҳи он хат ҳам гум мешавад!

— Дар қабати ҷомаат дӯз!

— Агар босмачиён ҷомаашро кашида гиранд, баъд чӣ мешавад?

— Дар лифаи эзорат ҷой кун!

— Не, агар вақти даст ба хоккунӣ бехабар монӣ, афтода гум мешавад!

Ин гапҳо интиҳо надоштанд. Гӯё ин парчаи коғаз ҳамон кадучаи афсонавӣ буд, ки дар он паридухтаре зиндагӣ мекард ва агар онро бо устой ва оҳистагӣ яла накунӣ, мумкин буд, ки он духтар ҳалок шавад ва қалби тамоми бошандагони ин қалъа дар он буд. Агар ин кадуча — ин як парча коғаз дучори ягон касофат шуда нобуд гардад, ҳастии ҳамин қадар одамизодро барбод медод.

— Хуб, коғазро ба ман тед,— гуфт Шодӣ ва аз дасти Колашников онро гирифт. Беозор чанд қат намуд, бемаслиҳат ба даруни ғилофи кордаш, ки ба рӯймоли камараш овезон буд, андохт ва онро бо нӯги кордаш дарунтар тела дод ва кордро ба ҷояш ҷо кард. Ба ин кирдори Шодӣ Петров ширин табассум намуд. Колашников ором буд. Ин кирдори Шодӣ барои ӯ, барои командири ҷангие, ки садҳо бор байни обу оташ мондааст, садҳо бор аз марг наҷот ёфтааст, ҳамчун бозичае намуд. Дар даруни дилаш ба ин кори ӯ, ба диққати бошандагон хандид. Ҳамон командири рота, ки номзади Шодиро пешниҳод карда буд:

— Не, аз ин ҷо мумкин аст, ки ёбанд... ба туфайли ин нома туро мекушанд,— гуфт ба забони русӣ.

Шодӣ, ки русиро ҳеҷ намедонист, хандакунон ба гапҳои ӯ:

— Нечиво,— гуфт.

— Ҳеҷ чиз намешавад! — гӯён Колашников шуҷоати ғайри мунтазиронаи Шодиро қувват дод. Хушбахтона, осмонро саросар абрҳои тираи яклухт пахш карда буданд. Торикии шаб фузунтар мегардид. Ҳоло аз моҳ дому-дарак набуд. Ҳамаи душман туғьён мекард. Ба девор часпида баромадани онон сар мешуд. Гӯё ҳаман ин мужда аз наҷоти ояндаи бошандагони ин истеҳком ва фоли омади кори инҳо буд. Гӯё оҳу воҳи яродорони душман — мотами таназзули он, ҳақорати даҳонҳои бефаровези қӯрбошиёнаш — навҳаи сари тобути он буд.

Ғурриши пулемёт ва садои панҷтираҳои мо ба ҳам омехта шуда, ҳастиро гирифтори доми пурсалобат менамуданд, аркони адӯро ба тазалзул, вуҷудашро ба такопӯ меандохтанд ва синаи шаби торикро чок менамуданд. Гӯё ин садоҳо дар ҳамин шаб ва махсусан дар ҳамин шаби марши зафар, таронаи фараҳмандӣ ва суруди хушнудӣ буданд.

Ҷасадҳои мурда ва ниммурдаи йигитҳои душман гоҳ ба он тараф, гоҳ ба ин тарафи девор сарнагун мешуданд. Касе дод мегуфт, дигаре фарьёд мезад. Аз ҳар гӯша садои пуртаъсири фармондеҳи батальон — Колашников шунида мешуд:

— Оташ!

— Пулемёт, оташ!

Шодӣ аз қитъаи шарқӣ-шимолии ҷавлонгоҳ, ки имшаб аз он тараф ҳамлаи душман беандоза буд, милтиқаш дар даст ба сари девор баромад ва дар як зум «мурд» ва ба он тарафи девор «сарнагун» шуд. Ҷасадҳои ҷанговарони душман зинапояи ӯ буданд.

«Максим» аз теппаи сари Шодии чӯпон нурафшонӣ, тилопошӣ мекард ва ба шӯълаи зафарьёби худ ба ӯ роҳи рости наҷоти муҳосиронро қалъаро нишон медод.

1936

БАЧАИ СОЛЕҲИ «МӮЗА»

Домулло Партав ҳар рӯз аз субҳ то бегоҳ мехобид, шифти хонаро тамошо мекард, дар роҳи Назрӣ чашмаш чор буд. Шиори «ёфта диҳӣ мехӯрам, ёфта надиҳӣ мемурам»-ро пеша карда буд. Ҳар рӯз дар ҷои хобаш Назриро бо суоли:

— Ин қадар дер мондед? — истиқбол менамуд.

Ӯ ҳам бо завқ:

— Ба лашкари ислом «ёрӣ» надиҳем, намешуд-дия,— мегуфт ва гапро ба ҷои дигар мебурд.

Назрӣ ҳаракат менамуд, ки домулло ба вай аз равиши муҳосара суол надиҳад. Рӯз ба рӯз қувват ёфтани босмачиён, кашол шудани муҳосара мумкин буд, ки домуллои сиҳат ёфта истодаро вайрон кунад ва аз савгандаш рӯй гардонад. Ғайр аз он, ин гуна аҳвол худи Назриро ҳам ба тазалзул андохта буд. Ӯ ҳам бисьёр вақт ба андеша меафтод. Аммо ба домулло сирро бой намедод. Дар бораи ҷанг ва муҳосира ба суолҳои домулло ба тарзи мухтасар:

— Кор бад аст, беҳуда чӣ қадар мусулмонон мурда истодаанд. Хуб мо мусулмонон аҳмақ-дия,— барин ҷавобҳо дода, дар ояндаи наздик ғалаба ёфтани большевикон ва мағлуб шудани «лашкари ислом»-ро ваъда медод.

Баъзе вақтҳо бо ин гапҳояш худаш ҳам диладор мешуд. Даррав ба пеши домулло як қатор суолҳоро лӯнда карда мегузошт ё ин ки худаш ба нақл кардани ягон афсонае ё саргузаште шурӯъ мекард. Вале боре ҳам домулло аз чеҳраи ӯ аломати ғамгинӣ, хотирпарешониро мушоҳида намекард. Ҳамеша ӯ гули хандон буд.

Таркиш, рахна ва ҷанги шадид хотири ӯро ниҳоят парешон карда буд. Ба амон мондани гарнизон боварнашро қариб гум карда буд. Бинобар ин:

— Барои чӣ ҳамеша дар хат: «Шумча» гуфта даст мемонед,— гуфтани домулло барои ӯ айни муддао буд. Домуллоро бисьёр интизор накарду баъд аз ду-се навбат қоҳ-қоҳи баланди сохта:

— Ин лақаби бачагии ман аст,— гӯён ба гап сар кард.

Домулло ҳам мад кашида:

— Хайр,— гуфту тамоми диққаташро ба ҳикояи ӯ равона кард.

Гуфтугӯи ҳардуи инҳо нисбат ба аҳволи ҳозираи кӯча, аз «мӯрдаро монда тутхӯрӣ кун» ҳеҷ монданӣ надошт.

«Ман аз атрофи ҳамин шаҳр, фарзанди қишлоқи Н мебошам. Падарамро намедонам. Дар вақти яксолагии ман мурда будааст. Ӯро Солеҳи «Мӯза» мегуфтаанд. Ин ҳам ба худ махсус як ҳикояте дорад.

Аз понздаҳ-шонздаҳсолагиаш Фарғонаравиро сар кардааст. Дар он ҷо дар заводҳои пахта ё ки дар ҷойҳои дигар кор мекардааст ва ҳар сол тобистон ба қишлоқамон бармегаштааст. Падару модари ӯ одамони ниҳоят камбағал будаанд. Дар соли якӯми сафари ӯ бисьёр хурсанд шуда, раҳи омади ӯро пондаанд ва интизори чизу пули зиёд шудаанд. Падарам ҳамроҳи шариконаш баргашта, омадааст. Рафиқонаш бо чизу пули бисьёр омадаанд. Вай ҳеҷ чиз наовардааст. Аммо дар пояш мӯзаи нағз ва ҷоман ба вай мувофиқ ҳам дар тан доштааст. Барои ин кораш падар ва модараш ӯро бисьёр дашном додаанд, ҳатто задаанд ҳам. «— Мӯзаро ба чанд пул харидӣ?» — гуфта аз ӯ пурсидаанд. Вай як пулеро ном гирифтааст, ки ба қавли имоми масҷидамон, ки ҳоло ҳам зиндааст, бо ҳамон пул падару модари падарам метавонистаанд, ки як сол бекаму кост зиндагӣ кунанд.

Пас аз ин падараш ба ҳар куҷое, ки мерафтааст, аввал ҳасрати мӯзаи писарашро баён мекардааст. Мардум ба ин кори ӯ бисьёр завқ мекардаанд ва аз ҳамон вақт лақаби «Мӯза» ба падари ман часпида мондааст. Маро ҳам бачаи Солеҳи «Мӯза» мегӯянд. Бисьёр одамони кӯҳансоли қишлоқ номи худамро намедонанд.

Дар худи ҳамон сол падарам боз ба Фарғона равон мешавад ва ба хешовандонаш ситеза карда панҷ сол пай дар пай намеояд. Дар ҳамин фосила падараш мемурад ва баъд аз ду рӯзи вафоти модараш вай расида меояд. Баъд мӯйсафедони қишлоқ ӯро дашном медиҳанд ва насиҳат мегӯянд ва ба чор танга пули ақибандоз карда омадааш, ӯро ба як беваи қишлоқ хонадор мекунанд.

Хароҷоти тӯй ӯро тулак мекунонад ва маҷбур шуда дар тирамоҳи ҳамон сол боз ба Фарғона меравад. Ин дафъа баъд аз ду сол баргашта меояд. Дар асноӣ роҳ ба як касалии сахт дучор шуда меояд ва баъд аз як ҳафтан смаданаш мемурад.

Инак, дар вақти вафоти падарам, ман ба дасти модарам ёздаҳ моҳа мондаам.

Модарам маро то шонздаҳ-ҳафтдаҳсолагиам, хизмати мардумро карда калон кардааст. Ин бечора ҳам ду сол пеш аз ин мурд. Ақаллан рафта мурдаашро ҳам гӯр карда натавонистам.

— Бечора,— гуфт домулло ва дами дарун дуоеро хонда омин кард. Шумо ҳикояти Шумчагетона мегӯям гуфтеду, ба саргузашти падаратон даромада рафтед-а?-хитоб кард.

— Ҳа, инро тамоман фаромӯш кардаам,—гуфту Назрӣ ба ҳикоя сар кард:

— Ман дар вақти бачагиам бисьёр шӯх будам. Ба ҳеҷ кас гап намедодам. Бисьёрии бачаҳои қишлоқ аз ман метарсиданд. Бинобар ин дар байни онҳо обрӯи калон доштам. Ҳатто пеш аз он ки ягон бозиеро кунем, ҳар кас ҳар гуна таклиф мекард: «қанӣ, ту чӣ мегӯӣ» гуфта ба ман муроҷиат менамуданд ва фикри маро мегирифтанд. Ва бо раъи ман бозиро сар мекарданд. Ба қавли дигар гӯям, ҳамаи бачагони қишлоқамон — як рама «гӯсфандон» ва ман «буз»и пешгарди онон будам.

Дар тобистон, аз дасти мо меваи боғҳо намемонд. Онҳоро то хазон намекардем, осуда намешудем. Ҳамаи бачаҳо ҷамъ шуда ба ягон боғе мерафтем. Ду-се нафар бачаҳоро қаравул мемондем, баъд ҳамаамон ба танаҳои дарахтон часпида мебаромадем ва бағалҳоямонро аз мева пур мекардем.

Агар ба дасти соҳиби боғ наафтода аз онҷо мебаромадем, бо «ғанимат»-ҳоямон рост ба канори дарьёи қишлоқамон мерафтем. Дар зери чинори калон, ҳамагӣ меваҳоямонро аз бағалҳо гирифта ба миён меандохтем. Гӯё ҳаман мо як оилаи калон буда ва ба сари як дастурхон ҷамъ шуда будем ва ман калони ҳамаи «хонавода» будам. Ба даҳанкалонӣ ва гуҷуриаш нигоҳ карда ба бачаҳо меваҳоро тақсим менамудам. Ҳар вақте ки ман саркарда будам: «ман азоби бисьёре кашидаму ба ман кам расид» гуфта қошу қавоқ овезонкуниҳо кам мешуд.

Агар боғдор огоҳ шавад, ҳамаамон мегурехтем. Фарз кардем, ки касе аз байни мо ба дасти соҳиби боғ афтад,

ҳар илоҷе карда ӯро ман халос карда мегирифтам. Сарсари девор, боло-болои бом буз барин хез карда мегаштам.

Ед дорам. Дар боғи Содиқ ном деҳқоне се бех дарахти гелос буд. Меваи ин се дарахт ҳамеша насиби мо буд. Ба гелос об надавида, дуруст зард нашуда мо ба он ҳуҷум мекардем. Рӯзе аз рӯзҳо ҳангоме ки гелосҳо гарқ пухтагӣ буд, мо ба ҳар сӯ қаравулҳо монда ба дарахтҳо ҳамла намудем. Яке аз шариконамон, ки бачаи бисьёр ноӯҳдабаро буд, ба шохи бисьёр ҳам баланд баромада будааст. Садои ҳуштаки яке аз посбонон шунида шуд. Ҳар кас ба ҳар сӯ гурехт ва ҷогоҳ шуд. Он бачаи ноӯҳдабаро, тарсида якбора аз шохи дарахт афтода рафт. Дар ёдам нест, ё як пояш, ё як дасташ баромада буд. «Ба болои мурда сад чӯб» гуфтагӣ барин Содиқ омада вайро кӯфтан гирифт ва бо ҳамин аз ҳамаи мо аламашро гирифтанӣ шуд.

Вай бача бо тамоми овозаш «вой очаҷон мурдам» гӯён дод мегуфт. Аз болои девор истода ба Содиқ тавалло кардам. Бачаро ҳай накард ва маро ҳам дашном дод. Нашуд, ман ҳам Содиқро сангборон ва кулӯхборон кардам. Содиқ он бачаро монду аз паси ман сур кард. Ман аз сари девор нафаромада то он сари боғ рафтам ва Содиқ аз пасам медавид. Чӣ тавр шуд, ки бари куртаам ба дасти ӯ афтод. Илоҷи халос шудан набуд. Агар камтар таваққуф мекардам, зери калтак мемондам. Бе ҳеҷ андешае як банд ришиш дарози ӯро даст гирифтаму худамро бо тарафи ҳамсоя ҳаво додам. Содиқ «падарлаънат риша кандӣ!» гуфту додгӯён нохост маро сар дод. Дар ҳамин вақт шариконамон вай бачаро бардошта аз он ҷо гирифта рафтанд. Ҳамин тавр шарикамонро халос карда будем.

Ҳа, баъд аз ин воқиа ман ҳам ба Содиқ қасддор шудам. Роҳҳои аз ӯ қасосгириро меҷустам. Дар бегоҳирӯзе дидам, ки вай ҳамроҳи чанд нафар мӯйсафедон дар ҷилавхонаи масҷиди қишлоқамон нишастааст. Ба назарам фурсати бисьёр қулай намуд. Бе ҳеҷ гуна андешае оҳиста аз паси девор ба ҳавлии масҷид даромадам ва аз онҷо ба болои девор баромада, рост ба болои Содиқ шоша кардам. Ба касофати Содиқ се-чаҳор мӯйсафедони дигар ҳам бенамоз шуданд. То «ҳа, падарлаънат, ҳамаро бенамоз кардӣ!» гӯён мӯйсафедон аз ҷояшон хестанд ва маро сур карданӣ шуданд, ки ман ба куҷоҳо гурехта халос шудам. Вай бечораҳо пай поямро ҳам наёфтанд.

Барои ҳамин хосиятҳоям бачагони қишлоқ чӣ қадар маро нағз бинанд ва ҳурмат кунанд, ҳамон қадар падаро-

нашон маро бад мединанд ва лаънат мехонданд, қариб ҳаман аҳли қишлоқ маро «Шум» ва «Шумча» мегуфт.

Ман бисьёр бало будам. Дар ҳамон вақт агар ҳисобашро меёфтам, аврро поймонак карда, аз осмонро задан ҳам рӯй намегардонидам.

— Ҳозир ҳам дуруст шумо,— гуфт мулло Партав.

Ҳарду завқ карданд.

УМРИ ДУБОРА

Комиссари батальон — Петров шахси бисьёр ғалатӣ буд. Ба назар, агар як тарафи дуньёро об барад ҳам, вай ҳеҷ саросема намешуд. Аз субҳ то бегоҳ саросема нашуда дар ҷояш меистод ва дона-дона карда ба ҳар кас ҷудогона фармон медод, то ки обхезро бартараф намоянд ва дар ин ҳол борє ҳам дар байни ду абрӯяш чине ҳам пайдо намешуд ва ба қадри имкон ин вазъиятро бо табассуми мулоим мегузаронд. Вале барои шахсе, ки ӯро мешиносад, ин табассум табассуми устуворӣ ва матонат буд.

Аз аввали муҳосира то охираш вай: «ин ҳеҷ гап не, ҳеҷ кор карда наметавонанд» мегуфт ва хурду калонро дилбардорӣ мекард.

Ҷанговарони батальон ӯро бисьёр дӯст медоштанд. Гӯё ӯ бобои мӯйсафеди онон буд ва аскарон наберагони ӯ бу-данд. Вай вақтҳои бекориашро дар казармаҳо байни ҷанговарон мегузаронд. Қариб ҳар як аскари батальонро ном ба ном медонист ва дар ҷояш бо ҳар яки онон ҳазлу шӯхӣ ва аския мекард.

Ба кадом казармае, ки комиссар равад, гӯё он ҷо тӯй мешуд. Вай ба ҷанговарон аз воқиаҳои ҷанги граждании дар Россия ва Украина ҳикояҳои аҷиб ва дилчаспе нақл ме-намуд. Ҳар як ҳикояи ӯ аз вазъияти ҳозираи батальон даҳшатноктар буданд. Аммо ҳамеша ҳикояро аз номи шахси дигар нақл мекард ва бо ҳамин гӯё дар он «ишти-рок» накардани худро изҳор менамуд. Аммо на фақат фармондиҳони батальон, балки ҳар як ҷанговари оддӣ нағз медонист, ки ин воқиаҳо аз сари худи ӯ гаштаанд.

Ҳатто аз латифагӯй ҳам рӯй намегардонд. Ба ҳикоя ва латифаҳои аскарон ҳама вақт бо диққат гӯш меандохт ва

ҳамроҳи онон механдид ва завқ мекард. Гоҳ-гоҳе яке аз ҷанговарон дар бораи яҳудиён, арманиён латифаҳо нақл намояд, бегап инҳоро ҳам мешунид. Баъд ба гап сар мекард. Беасосии ин ҳикояро ва дар ҳаққи меҳнаткашони он мисолҳо тўҳмат будани ин афсонаро як ба як баён менамуд. Ин насиҳатҳои ўро ҳам аскарони ҳамчун ҳикояи дилчасп бодиққат мешуниданд ва дигар кўшиш мекарданд, ки ин гуна латифаҳои бемаъниро нагўянд.

Ҳамеша пеш аз он ки ҳикояеро сар кунад, аввал:

— Ман кистам? — мегуфт ва бо табассум ба дидори ҷанговарон сянча мекард. Баъд — ман комиссари батальонам. Дар вақти кор ман шуморо раҳбар, дар вақти истироҳат шуморо рафиқам. Фаҳмидед-мӣ? — тасдиқи аскаронро мунтазир нашуда дарҳол ба нақлкунӣ шурўъ менамуд.

Имшаб комиссар ҳамроҳи Шарифҷон казармаҳоро гардиш мекард. Хеле барвақт буд. Ҷанг дақиқа ба дақиқа суръати рўзонаашро гум кард. Гоҳ-гоҳе аз баъзе гўшаҳо залпҳои ҷудогона ё ин ки садои панҷтираи алоҳида шунида мешуд. «Максим» [1] ҷим буд, дам мегирифт.

Дар яке аз казармаҳо даҳ-понздаҳ нафар ҷанговароне нишаста буданд, ки қариб аз нисф зиёди онон маҷрўҳ буданд. Азбаски ҷароҳаташон сабук буд, дар лазарет нахобида дар казарма буданд ва пагоҳ ё фардо мебоист боз ба ҷавлонгоҳ медаромаданд. Дар байни онон чанд нафар гирифторони деринаи табу ларз ҳам буданд.

Ин ҷанговарон комиссарро нагузоштанд ва хоҳиш карданд, ки барояшон ягон ҳикояс нақл кунад. Комиссар ҳам бисьёр интизор накарду, ба нақл шурўъ намуд:

«Ин воқиа се сол пеш аз ин, дар замони айни ҷўшу хурўши ҷанги граждани рўй дода буд. Ҳаминро гуфтан даркор аст, ки дар он вақт дар баъзе шаҳрҳо ҳар рўз ҳокимият тағьир ёфта меистод. Шабона дар вақти хоб мединед, ки ҳукумат дар дасти сафедон аст, субҳ аз хоб бархезед, мединед, ки ба дасти сурхҳо гузаштааст. Ҳатто баъзе шаҳрҳо дар як рўз то се бор даст ба даст гузашта меистоданд.

Ман дар яке аз полкҳои пиёда хизмат мекардам. Полки мо дар шаҳри «У» меистод. Ин шаҳр ҳам чанд дафъа даст ба даст гузашта буд. Ҳо, ҳаминро ҳам гуфтан даркор аст, ки дар он замон аскари сурх нав ташкил шуда буд. Ҳоло

[1] Як навъ пулемёт.

рӯҳи партизанчигӣ барҳам нахӯрда буд. Ғайр аз он, масъалаи хӯрок, пӯшок ҳам он қадар хуб набуд. Аслиҳа, хусусан, тиру туфанг ба дараҷаи расомад набуд.

Шабе, сафедон шаҳрро пахш карданд. Мо маҷбур шудем, ки ақиб гардем. Дар ҳамон шаб онҳо аз панҷоҳ нафар зиёд одамони моро асир гирифтанд. Қисми зиёди асирон калонҳои шаҳр буданд, инҳоро дар хонаҳояшон ба даст даровардаанд, ҳиссаи дигарро дар вақти ақибнишинӣ асир гирифтанд, ки дар байни онои фармондеҳи полки мо ҳам буд.

Бегоҳи рӯзи дигар мо шаҳрро аз нав ба даст даровардем. Ҳеҷ яке аз одамони худамонро, ки ба дасти сафедон асир афтода буданд, мо дар он ҷо пайдо карда натавонистем. Маълум шуд, ки сафедон пеш аз ақибнишинӣ ҳамаи онон, яъне шаст касро аз шаҳр ба масофаи се километр бароварда, дар лаби чуқурие гузошта, ҳамаашонро тирборон кардаанд. Дарҳол чанд касро фиристода ҳатто як тарафи қаброро кушода, ҳақиқати корро фаҳмидем. Дигар чора набуд.

Тирамоҳрӯя ҳаво сардча буд. Ман дар штаб кор карда нишаста будам. Бо телефон зуд маро ба касалхона ҷеғ заданд. Рафтам. Ба чашмони худ ҳеҷ бовар намекардам. Дар хонаи алоҳида рӯи кат командири полкамон хобида буд. Ҳуш надошт.

Духтур баён кард, ки: «ин кас дар кӯча беҳуш хобида будааст, чанд нафар коргарон бардошта омаданд. Ғайр аз эзор дигар ҳеҷ чизе надоштанд, намедонам, ки дар куҷо тир хӯрдаанд. Аммо ҷароҳаташон бехавф аст. Тир аз дил як ангушт болотар расидааст. Хатарнок нест. Даррав дуруст шуда мераванд».

Ман то субҳ дар пеши фармондеҳи маҷрӯҳамон мондам. Пагоҳирӯз, худи ӯ воқиаи тирхӯриашро ҳамин тавр нақл кард:

— Ҳамаи асиронро ба лаби чуқур бурданд. Як рота сарбозон қатор истода, тир холӣ карданд. Пеш аз ин ғайр аз эзор ҳама либосҳоямонро кашида гирифтанд. Дигар аз олам хабар надоштам. Намедонам, зери хок чанд соат беҳуш хобидаам...

Як вақте ба ҳуш омадам. Намедонам чанд соат хоб кардаам. Базӯр дам мегирифтам. Дарҳол дар куҷо будани худро надонистам. Дастамро ҷунбонидам, ба дастам чизи мулоиме расид. Тагам ҳам мулоим буд. Танамро тао барин ҳис кардам, ба дастам чизи шилмаке расид. Паҳлу

чарх заданӣ шуда, поямро бардоштам. Ширрӣ карда хок рехт. Фақат дар ҳамин вақт дониستам, ки ман дар гӯр будаам ва тирборон шуданам ба ёдам расид. Некбахтии ман дар ҳамин ҷост, ки моёнро фақат як қабат хок рехтаанду рафтаанд. Баъд сахттар ҷунбида будам, ки як тарафи китфам хунук хӯрд. Дарҳол аз ҷоям рост хестам ва аз гӯр баромадам.

Дашти васеъ буд. Аз дур чирогҳои шаҳр менамуд. Боди сарди тирамоҳ мевазид. Зери по лой буд. Бо хаёли он ки ягон коргаре бинад, дар хонааш ҷой мекардагист, аз ҳамон ҷо то ба шаҳр синаамро қапида давидам. Ёдам ҳаст, ки ба шаҳр даромадам. Дигар чӣ шуд, чӣ монд намедонам. Мана имрӯз ҳамроҳи ту гап зада истодаам».

Комиссар дар ҳамин нуқта дам гирифт ва ҷанговаронро аз назар гузаронид. Аскарон аз даҳони ӯ чашм намекандаанд. Яке аз онон тоқат карда натавонисту:

— Баъд чӣ шуд? — гуфт.

— Баъд ҳамин шуд, ки,— гӯён комиссар боз ба гап даромад.— Вай аз касалхона саҳат шуда баромад. Боз чанд вақти дигар полки моро фармондиҳӣ карда дар ҷанги гражданӣ иштирок намуд. Ҳозир дар Осиёи Миёна командири яке аз полкҳост. Се нишони сурх дорад.

Яке аз ҷанговарон:

— Офарин, гуфту таҳсин баён кард.

Комиссар боз хеле ба ин мавзӯъ гап зад. Ҳангоме, ки инҳо хушбошӣ карда аз пеши аскарон баргаштанӣ буданд, онҳо аз Шарифҷон хоҳиш намуданд, ки вай ҳам ягон ҳикояи қизиқ бигӯяд.

— Ман, рафиқон, ин гуна ҳикояи дилчасп надорам. Ҷангро ба ҳамин ҷой омада дида истодаам. Ман ҳоло ҷавонам, саргузашти зиёд надорам,— гуфт. Ҳарду баромада рафтанд.

То хеле вақт аскарон дар ҷойгаҳи худ сифатҳои ҳамон командири полкро баён намуда, ӯро таҳсингӯӣ карданд. Вале яке аз аскарон:

— Комиссар пинҳон кард, ҳамон командири полк худаш аст. Тобистон, вақти оббозӣ ман дар синаи ӯ ҷои ҷароҳаташро дида будам,—гуфт ва бозори гапро ривоҷ дод.

ОЧЕРК ХО

ТӮҲФАИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Тирамоҳрӯя. Офтоби бемадор гарчи бо шиоъҳои худ оламро мунаввар созад ҳам, аммо боди пуршиддат зӯроварӣ мекунад. Ҳаво сардча. Пагоҳирӯзиҳо рӯи кӯлмакҳои таги пой, ҷӯйчаҳо, гоҳо рӯи баъзе ҳавзҳо қаймоқ мебандад. Ҳанӯз аз барфу борон дараке нест. Кайҳост, ки одамон гуппиҳоро дар бар кардаанд.

Дар яке аз ҳамин гуна рӯзҳо, дар кӯчаи танги Кони Бодом, духтарчаи ба назар шаш — ҳафтсолае бозӣ карда мегашт. Вай дар бар куртаи чити кӯҳна, камзӯлпахтаи сурх ва кафшчаи сарипой дошт. Вай лоғар буд. Кокулҳои дарози то ба зону фуромадааш дар чанги кӯча чиркин шуда будаанд. Нохост аз дур дар сараш бӯхчаи калони ҷомашӯй зане намудор шуд. Духтарак ӯро дида хушҳол шуд. Аз дугонаҳояш ҷудо шуда, давида ба пеши зан омад ва бо нозу эркагӣ:

— Бувачон, дилам гушна, нон! — гуфт.

Зан бисьёр монда шудагӣ буд. Базӯр нафас мекашид ва дамашро рост карда наметавонист. Ӯ «ҳа, духтаракам гушна мондӣ-мӣ? Бибит гиргиртон» гӯён сари духтарашро сила накард, ӯро навозиш нанамуд. Аммо ба ҷои ин кӯдакро ҷанг кард ва беобрӯ намуду ҳамоно ба яке аз дарҳо даромада рафт.

Духтарак дар кунҷаки кӯча гириста монд.

Дар дуньё кӣ фарзандашро ганда мебинад?

Ин зан ҳам ҷигарпораашро бисьёр дӯст медошт. Лекин чорае надошт. Зеро ҳангоме ки шавҳараш аз дуньё чашм пӯшид, ана ҳамин духтарак фақат дусола монда буд. Ғайр аз ин дар хона боз се духтари дигар дошт. Ҳамаи инҳоро пӯшонидан ва сер кардан даркор буд. Охир он падарашон, ки дар дари боён бо қароргирӣ умр гузаронида буд, ягон

чиз намонда буд, ки боиси рӯзгузаронии инҳо шавад. Ана чанд солҳо боз кампир на шабро шаб мегуфту на рӯзро рӯз: медавид, кор мекард, либоси мардумро мешуст, пахтачиний менамуд — ҳамааш барои ин чор нафар фарзанд буд ва аз ҳамин сабаб ҳам ҳанӯз синнаш ба 50 нарасида мӯҳояш барф барин сап-сафед шуда буданд. Ҳақиқатан ҳам он рӯз дар хонаашон як буриш ҳам нон набуд.

Дар ҳамин вақт аз кӯча тоторзане мегузашт. Ба ҳоли духтарак раҳмаш омад.— Биё ба ту нон медиҳам — гӯён ӯро ҳамроҳ худ бурд ва рост ба интернат оварда монд.

Хабари ба интернат қабул шудани духтараш модарро хеле хурсанд кард. Аз паси духтараш худаш ҳам омада, дар он ҷо ба кор даромад. Бачагон шабу рӯзашонро дар он ҷо мегузарониданд. Рӯзҳо мехонданд, шабҳо дарс тайёр мекарданд. Баъд аз хӯроки пешинӣ, дар соатҳои истироҳат, дар кружоки мусиқӣ дарси музыка мегирифтанд.

Роҳбарони район ба мақсади интишор намудани илму дониш дар байни халқ, дастаи мусиқии интернатро, ки аз панҷтаи ҷавонон иборат буд ва яке аз онҳо духтарак — қаҳрамони ҳамин очерки мо буд, монданд, ки дар чойхонаи сурх музыканавозӣ кунанд ва таронасарой намоянд. Халқ гарчи ном ва фарзандони кӣ будани ин панҷ танро надонад ҳам, ҳар якеашонро шахсан мешинохт ва бо як муҳаббати падарӣ ва модарӣ инҳоро нағз медид.

Ҳамин тавр солҳо гузаштанд.

Рӯзе дар шаҳр овозае паҳн шуд. Имшаб тамошо мемондаанд. Дар кӯчаҳо эълонҳои калон-калони дастӣ часпонда шуданд ва илова бар он карнай, нағора ва сурнай ҳам мардумро ба сӯи театр ҷеғ мезад.

Дар эълонҳо гуфта шуда буд, ки дар роли Лола — Тӯҳфахон Фозилова бозӣ мекунад. «Ин кӣ бошад? Шояд аз Тошкент ё аз ягон шаҳри калони дигар омада бошад?» — барои фикрҳо на танҳо дар майнаҳо пайдо шуданд, балки дар байни мардум низ муҳокима карда шуданд.

Лекин халқ дар ҳайрат монд. Вай аввалин бор овози маҳин ва форами ҳамон духтаракеро, ки хонда мегашт ва дӯсташ-медошт, бо тамоми пурраги ва форамиаш дар саҳна шунид. Халқ духтари боистеъдоди хушилҳонашро бо чапакзаниҳои пай дар пай пешвоз гирифт ва аз ҳамин рӯз сар карда Тӯҳфахон будани номаш ва духтари Фозилмаки қарорӣ будани ӯро донист.

Аз хусуси иҷрои роль, ҳиссиёти иҷрокунанда, ки аввалин бор ба саҳна баромадааст, гап намезанем. Зеро ин ба ҳама маълум аст.

Лекин ҳаминро гуфтан даркор аст, ки ин спектакль рӯҳи ҳаёти ояндаи қаҳрамони ҳикояти моро нишон дод ва ӯро водор намуд, ки ба хизмати халқаш камари ҳиммат бандад. Дар ин байн дар хонаводаи ӯ низ тағьироти бисьёр калоне рӯй дод. Апаҳояш низ роҳи ҳақиқии ҳаёти худро пайдо намуда, ҳар яке аъзои партияи коммунистӣ шуда, дар корҳои ҷамоатӣ фаъол гардидаанд. Модари солхӯрдаш бошад, ба сафи милиционерҳои сурх даромада, дар даст яроқ ба мудофиаи амнияти халқ ва молу мулки социалистӣ шурӯъ намуд.

Ҳангоме ки ӯ аввалин бор ба саҳна баромада, ҳамаро мафтуни овози форами худ намуд, фақат чордаҳсола буд.

Вале истеъдод ва садоқат ба ҷавону пир нигоҳ намекунад. Касе, ки ватанашро, халқашро дӯст дорад, дар кадом соҳае, ки набошад, аз таҳти дил кор мекунад, пеш меравад, тараққӣ мекунад. Саъю ҳаракаташ духтараки ҷавони чордаҳсоларо овозадор намуданд. Вақте ки дар афишаҳо эълон мешуд, ки имшаб Тӯҳфахон мебарояд, замин мекафиду одам меҷӯид. Овозаи ӯ ҳатто ба Тошкент ҳам расид. Аз он ҷо намояндан махсусе омада, ӯро гирифта бурд.

Духтараки ғаюр ва серҳаракат як соли расо дар ин маркази калон зиндагӣ кард. Ин як сол барои ӯ соли пешрафти бузург буд. Вай, ки аввалҳо фақат дар концертҳо чун солистка баромада, ашӯлаҳои ҷудогонаро иҷро мекард, ба ин қаноат ҳосил накард. Ҷасорататаш ба вай иҷозат дод, ки дар пьесаҳои «Ичкарида» (роли Гулсараро), ва «Лайлӣ ва Маҷнун» (роли Лайлиро) бозӣ кунад ва маҳорати худро нишон диҳад.

Мавсими соли 1934 сар шуд.

Зали театри давлатии ба номи Лоҳутӣ пур аз одам буд. Коргарони корхонаҳо, деҳқонони аз дуру наздик омадагӣ ва хизматчиёни интизори кушода шудани саҳна буданд. Парда ҳам кушода шуд. Конфранс номераҳоро бо ширинкорӣ як-ба як эълон намуд. Артист ва артисткаҳои ба ҳамз ошно навбат ба навбат баромаданд: яке тарона, суруд, дигаре рақс кард, сейӯмӣ лапар гуфт. Ҳар яке ҳам мувофиқи истеъдод ва кӯшиши худ аз пешвозгирии пурҳарорати халқ бенасиб намонд. Вале дар зал хеле одамоне буданд, ки он-

ҳо ба як номераи фавқулодда чашмдор буданд. Онҳо интизори баромадани Тӯҳфахон буданд. Яке овозаи ӯро шунида бошад, дигаре ба воситаи радио овози форамашро шунида буд. Ниҳоят, дар охирҳои қисми дуйӯми концерт навбат ба Тӯҳфахон ҳам расид. Онҳое ки аз дур шайдои овози форами ӯ шуда буданд, бо чапакҳо пешвозаш гирифтанд. Лекин аксарият хомӯш буд.

Дутор ва танбӯрҳо хеле вақт динг-динг карда, мисли ҳамавақта тоқати халқро тоқ намуда, ниҳоят ба навохтан сар карданд. Дар пайравии музыка овози Тӯҳфахон ҳам баромад. Аввал оҳиста, баъд секин-секин баланд ва баландтар шуда то ба авҷаш расид ва расидан гирифт. Зале, ки аввал ӯро бепарвоёна пешвоз гирифта буд, дар як он тамоман хомӯш шуд. Гӯё дар зал касе набуд. Дар ҳамин вақт дар як гӯшаи зал як шахсе худашро дошта натавонист, оҳистакак сулфа карда монду ба тири чашмҳои печонидашуда гирифтор шуд. Ҳатто шахсе ниҳоят хит шуда, барои ин ки танбеҳи ин беадабро диҳад, ба вай мушташро нишон дода монд.

Ниҳоят ашӯла ҳам тамом шуд. Лекин туғьёни чапакзанӣ ва ҳатто позаниҳо залро ба салобат андохтанд. Баромада таъзимкуниниҳо касеро қаноат намекунонд, садоҳои «мепурсем, мепурсем!» беором аз ҳар қатор такрор мешуданд. Ҳамон шаб тамошобинони пойтахт пай дар пай шаш ё ҳафт номераи ӯро шуниданд ва аз ҳамон рӯз эътиборан халқи тоҷик дар саҳнаи худ яке аз сарояндаҳои бахту иқболашро пайдо намуд.

Тӯҳфахон — духтари халқаш, духтари замонаш аст. Вай дастпарвардаи партия ва комсомол аст. Вай гузаштан тираву торики халқашро нағз медонад, ояндаи дурахшони ӯро нағз тасаввур мекунад. Вақте ки ӯ бо тамоми ҳиссиёташ таронаҳои дилфиреби халқи мо, ғазалҳои яккачини классикҳои мо, шеърҳои сафарбаркунандаи шоирони советии моро баромада мехонад, одам худашро гум мекунад. Ҳисси тамошобин бо ҳисси гӯянда ва хонандаи шеър як мешавад.

Тӯҳфахон — яке аз ходимони пешқадамтарини санъати мост. Вай дар баробари коллективи бузурги театри давлатии мо пеш меравад. Рӯз ба рӯз ба ғалабаҳои нав комьёб мегардад. Роли нисбатан сабуки Гулчеҳра (дар опереттаи «Оршин мол-олон») хеле ба ақиб монд. Ҳозир ӯ бо маҳорат ва устогӣ роли духтари донои қишлоқ, роли духтари Восеъ — Гулъизорро бозида, тамошобинҳои худро боз мам-

нун кард. Гулъизор духтари хирадманди кӯҳистон аст. Дар сурати Гулъизор тамошобинон образи зиндаи ҳазорон занон ва духтарони фидокори халқи худро мебинад, ки он дар баробари мардон — шавҳарон ва бародарони худ барои халосӣ ва наҷот аз зулму ситами амирон ва истисморгарон на ин ки фақат бо доду фарьёд, балки ба даст яроқ гирифта, ҷонфидоӣ кардаанд.

Тӯҳфахон дар нахустин операи тоҷик «Шӯриши Восеъ» роли Гулъизорро бомуваффақият баровард. Лекин барои ин вай хеле сахтиҳоро ба худ гирифт. Барои ин ӯро лозим шуд, ки хонданро тамоман аз нав ёд гирад, яъне санъати вокалиро аз худ кунад ва шабҳои дарозро бо омӯхтан ва ҳазм кардани образи печ дар печи Гулъизор бе хоб ва рӯзҳоро дар дарсхонаҳои театр дар зери роҳбарии устодони забардасти санъат бо омӯхтани маҳорати артистӣ гузаронад.

Ҳукумати мо хизматҳои шоён ва сидқии Тӯҳфахонро ба назар гирифта, ба вай номи артисткаи хизматнишондодаи республикаро дод. Ин қарори ҳукуматамон — на танҳо ҳодими сазовори санъати мо — Тӯҳфахонро сарафроз намуд, балки тамоми халқи республикаро хурсанд кард. Тӯҳфахон азони халқ аст — аз ҳамин сабаб ҳам мо ӯро Тӯҳфаи халқи тоҷик меномем.

Меҳнаткашони пойтахти мо номзади ӯро ба депутатии Совети вилоятии Душанбе пешбарӣ намуданд. Мо ҳам дар баробари ҳамон меҳнаткашон ба ин ходими халқамон — ба Тӯҳфаи халқи тоҷик овоз медиҳем.

1939

БО НОМИ ПАРТИЯ

1. Штаб

...«Дар байни Кони Бодом ва Ленинобод даште ҳаст, ки на об дорад, на гиёҳ, на ҷон дорад ва на ҷонзоте! Дар ин дашт чойҳои аҳолинишин аз ҳамдигар хеле дур афтидаанд. Қишлоқи Маҳрам, ки дар доманаи ин дашт ҷой гирифтааст, як вақтҳо паноҳгоҳи бечорагон ва ба роҳ афтодагон, серобкунандаи ташналабон гаштааст. Кӣ медонад чӣ қадар ҷойҳо маҳс шуда, чӣ қадар беваю бечорагон дар ин ҷои беоб ҳалок шуда бошанд? Ҳо! Як вақтҳо на танҳо одамхӯр буданд, балки сар то сар ин мулкро бегонагони хоку замин, одамхӯрони ҳақиқӣ домгоҳи худ қарор дода буданд...»

Рафиқи таърихдон ва нақлгӯи мо гапашро ҳамин тавр сар карда буд.

— Шумо, вақте ки навиштанӣ шавед, гапро аз ҳамин ҷо сар кунед,— гуфт ба гапаш давом дода вай,— баъзеҳо мегӯянд, ки ин дашт одамони бисьёре, дарвешони бешумореро қурбони худ кардааст, бинобар ин ҳам номи ин даштро «Ҳой, дарвеш» мондаанд. Ин ном воқиаҳои бисьёреро ба кас мефаҳмонад, ин ном аз чизҳои бисьёре нақл мекунад, аз ин ном ҳатто бӯи хун меояд!

«Афсонаҳои халқӣ бе чиз не, дӯстам! Хуҷанди қадим ҳеҷ гоҳ рӯи оби сериро надидааст. Як миқдор оби ин сарзамин тобеи бойҳо буд. Як каф замини деҳқон доим хушк шуда хоб мекард. Хунҳое, ки дар болои об рехта мешуд, оби чӯйҳоро сурх мекард. Вақташ шавад, дар бораи ҷанҷоли об ҳам нақл мекунем, аммо ҳоло аз дашт гап шунавед: дар ин дашт не, дар худи Хуҷанд об набуд. Камбағалон аз ташнагӣ ҷон меканданд. Онҳо аз замин, аз парчаи ионашон чудо мешуданд. Онҳо оворагоҳои вилоят мешуданд.

ё асири зулми боён мегардиданд. Ана дар ҳамин тавр мавридҳо халқи бечора аз дасти замона додгўён сар гирифта сомон талабида, тарки ватан мекарданд.

«Мегўянд, ки дар замонҳои қадим як тўда мардуми бечора, як тўда халқи бехонумон ва овора маҷбуран ба ҳамин дашт раҳсупор мешаванд. Кй медонад, онҳо аз дасти кадом золим, аз ҷабри кадом хунхор ба ин роҳи сахт қадам гузошта бошанд? Ба ҳар ҳол мардум машаққати роҳро аз ҷабри шаҳрашон беҳтар шумурдаанд, ҳу, гуфта сарашонро гирифта рафтаанд. Шаб гузашта, рўз гузашта, охир ба ҷое расидаанд, ки обу тўшаашон тамом шуда, қуввату мадорашон ба интиҳо расидааст. Об кованд, об нест, нон кованд, нон нест. Замин сахт, осмон баланд. Ба болои ҳамаи ин шамоли сахте хеста, чангро ба осмон бардоштааст.

Халқи овора чй карданашонро надониста, ба ҳар тараф парешон шудаанд. Дурусттараш ҳамин ки шамоли сахт ононро ба ҳар тараф рондааст. Охир, чашм кушода наметавонанд, дарахтро гирем гўянд, дарахт нест, ҷои паноҳй ҷўянд, паноҳе нест. Шамоли сахт падарро аз писар, писарро аз падар ҷудо кардааст. Ниҳоят бечораҳо ба ҳар тараф афтода, қисме аз ташнагй ва гушнагй ҷон додаанд ва қисме «Ҳой, дарвеш» гўён ҳамдигарро ҷег зада ба Маҳрам расида рафтаанд ва халқи он ҷо онҳоро аз марг халос карда об додаанд...»

Ин нақли рафиқамро ман вақте ки ба карта нигоҳ карда, нақши дашти васеъеро медидам ба хотир овардам. Ба рўи картаи кабуд қалами саринженер — рафиқ Свириденко медавид. Вай ба мо тасвири дашти беобу риёро, тасвири дашти ҳавлнокеро нишон медиҳад. Ин аст, ки қалами сурх сар то сари ин даштро дарронда гузаштааст. Ин хатти сурх ба синаи ин дашти бериё гулшан шавам мегўяд. Инак ҳазорҳо колхозчиён, офаридгорони зиндагии нав, мўъҷизакорони замони советй, номи партияро ба забон ҷорй карда ба кор сар кардаанд.

Ҳоло дар пеши назари мо картаи кабуд ва дар рўи он хатти сурх ҷилвагар аст. Ҳоло ба боло ва поёни ин хат, дар пеши чашми мо танҳо қалами саринженер рафиқ — Свириденко медаваду бас! Аммо пагоҳ чй? Не, ҳамин рўз, баъд аз чанд соат каландҳо ҳавои ҷангиросиро бурида ҷигари даштро медарронанд. Кор сар шуда меравад. Лекин мо ҳоло дар штаби корем. Мо ҳоло дар маркази роҳбарикунандан ин сохтмони бузургем. Ин ҷоро мухтасар карда

мардум «Штаби ККФ» мегўянд. Лекин шарҳи ин ном чй қадар бузург ва маънидор! Канали Калони Фарғона!

Сохтмони навбати дуйўми Канали Калони Фарғона штаби ин канал, механизми идоракунандаи ин дастгоҳ дар қишлоқи Қистакўз қой гирифтааст. Ин штаб имрўзҳо меҷўшад, мехурўшад. Дар ин ҷо шабҳо аз рўзҳо фарқ надоранд. Дар таги дари ин ҳавлии бузург ҳама вақт машинаҳои бисьёре омаду рафт карда меистанд. Хусусан як машинаи моҳтобранг ба роҳатгоҳаш намеравад. Ин машинаи сардори сохтмон рафиқ Глухов аст. Вай орому қарор надорад. Кас қабул мекунад, фармон медиҳад, насиҳат мекунад, медавад...

Дар хонаи рў ба рў сариинженер — рафиқ Свириденко менишинад. Ин хона пур аз коркунони техникй, пур аз коғазҳои раҳдор ва коғазҳои равғаннамо, пур аз схема ва картачаҳо. Дар хонаи рў ба рў низ ҳама вақт кор меҷўшад.

Ба шумо кй даркор? Коркуни техникй? Роҳбарҳои кор? Коркунони нақлиёт ва алоқа? Коркунони савдо? Коркунони санъат ва ё матбуот? Ҳама дар ҳамин ҷо. Ҳама машғули кор, ҳама барои канал кор мекунанд.

Аммо ин қишлоқи Қистакўз чй қишлоқест!

Агар фардо оби канал ба ҷўйҳо, ба боғҳои ин қишлоқ ҷорй шавад, баҳори ин ҷо чй мешуда бошад? Тасвири оянда ро дасту бозуи пурзўр ва кўҳшикани колхозчиён, соҳибони обу замин нишон медиҳад.

Штаб шояду бояд ба кор даромадааст. Дигар аз каналковон — ҳаракат, аз штаб — баракат!

Сухани мо давом дорад.

2. Ибтидои кор

Дар соли гузашта Канали Калони Фарғона то ба Кони Бодом омада монда буд. Акнун кори навбати дуйўми сохтмони канал сар шуд. Ин аз Кони Бодом то ба Ленинобод бурда мешавад. Масофааш 78 километр аст. Ин аз миёни қишлоқи Қистакўз мегузарад.

Бошандагони Қистакўз азоби беобиро кам начашидаанд. Аҳолии ин қишлоқи кўҳансол, ки асрҳо боз барои об мубориза бурдааст, барои ҳар қатраи он ҷонбозй карда омадааст, қурбониҳо додааст, қадри онро медонад. Аз ҳамин сабаб аст, ки дар байни ин мардум дар бораи об афсонаҳои гуногун аз ҳад зиёд аст; онҳое, ки бо ҷигари кабоб ва ҳалқи қоқ рўзи равшанй надида, дар орзуи серобшавй ҷон

додаанд, мисли мурғи афсонавӣ қаҳрамонони беназир эҷод кардаанд.

Хабари канал барои ташналабони дерина — бошандагони ин диёр хабари оддӣ набуд. Ин аз хурд то калон дар вуҷуди ҳар як кас орзуҳои нав, хаёлҳои тоза ба вуҷуд овард, ҳамаро ва ҳар касро ташаббуси ғаюрӣ бахшид. Ин қишлоқи бузург ба идгоҳ мубаддал гардид.

Чанд рӯз пеш аз ин трактороҳои пурзӯри ЧТЗ ва трактороҳои навбаромади дизелӣ ба майдон қадам ниҳоданд. Бо қувваи зӯри онҳо аз болои роҳи канал он чи ки монеъ мешуд, бардошта шуд. Деворҳо ба замин яксон, дарахтон решакан ва заминҳои сахту қайя нарм карда шуданд.

Омма ба ҷӯш омад. Тӯдаи далерон ба кор шурӯъ намуданд. Колхозчиён ва колхозчизанони «Роҳи партия», «Якӯми Май», «Инқилоб», ба номи Дмитров, Миронович ва дигарон дар майдони кор ба ҷавлон даромаданд.

Садоҳои шиққаси ба санг хӯрдани каландҳо бо таронаҳои баланди илҳомбахш ҳамовоз шуданд. Замбарҳои пур аз бор дар дасти диловарони сиёҳчашму хандончеҳра ба боғи даромаданд. Кӯҳ-кӯҳ хоктеппаҳо ба қоҳои паст, ба таги дарахтони мева, ба заминҳои зарбахш кашонида шуданд. Ҳанӯз расман кор сар нашуда, гурӯҳ-гурӯҳ шогирдони собиткадами Стаханов ба кандани канал сар карданд. Байраки пуршаъну шарафи стахановчигиро боз ба оро додан шурӯъ намуданд.

Кор авҷ гирифт ва авҷ гирифта истодааст.

Ҳоҷӣ Мамадҷаким, Муҳаммадҷон, Қосим, Отабой, Нурмат барин стахановчиён, Дилбар Тоҷиева барин стахановкаҳо, ки дар кори колхози худашон — «Инқилоб» намунаи шоёни корро нишон додаанд, ва бо ҳамроҳии рафиқони худ — колхозчиёни дигар плани пахтасупориро 122 фоиз ба ҷо оварда, ба сари ин кори таърихӣ бо сурхрӯй омадаанд, дар ин ҷо ҳам намунаҳои беназири ҳосилнокии меҳнатро нишон доданд ва нишон дода истодаанд.

Кор меҷӯшад. Мардуми ба ҳаяҷономадае, ки аз шодӣ ва хурсандӣ ба пӯсти худ намегунҷад, мехоҳад, ки корро файсал надода, зуд ва зудтар тамом кунад ва дар ин канале, ки кофта истодааст, оби ҳаётбахшро, ки бобоёнаш асрҳо чашмдор шуда, онро надида бо аламу ҳасрат аз дунъё рафтаанд, зудтар бубинад ва аз он баҳраманд шавад.

Зоҳид Худоёров, Оиша Каххорова, Содиқ Рачабов, Истам Ҳакимова, Рустам Зариф, Шарофат Ҷӯраева, Тоҷӣ Бойматов, Назокат Каримова барин зарбдорони номдори

колхози «Роҳи партия» бо меҳнат, бо меҳнати сидқии худ овозадор шуданд. Саттор Рустам ва Бойматов барин аъзоҳои партия намунаҳои чи тавр пеш бурдани кор, иҷро намудани супоришро нишон додаанд ва нишон дода истодаанд.

Ҷойҳои каналкобӣ гӯё тӯйхона аст. Зану мард, хурду калон, деҳқону деҳқонзодагони пурзӯре, ки бо зарби бозуи худ заминро нарм ва ҳосилхез мекунанд, дар ин ҷо ҳам матонат ва устуворӣ нишон дода истодаанд, ба нидоҳои офарингӯёнаи шумо:

— Мондаҳо саркор!

— Саломат — гӯён ҷавоб медиҳанд.

— Офарин ба шумо, саркор!

— Офарин ба партияе ки ба мо ҳаёт бахшид, моро саодатманд кард, номи ӯро ба забон гирифта мо кор мекунем, офарин ба Партияи Коммунистӣ!

Инак, ҳоло кор сар шуда рафтааст. Сухани ояндаи моро дар боран трассаи ин кори бузурги саршуда шунавед.

3. Об меояд

Аз тарафи шимол ба ҷануб, қишлоқи Қистакӯзро бурида як кӯчаи навсохте гузаштааст. Ин кӯча чунон рост, чунон тахту чунон дароз аст, ки баъзе патриотҳои қистакӯзӣ: «Ин роҳ аз он кӯҳ то ба он кӯҳ меравад» гуфта дасташонро ба нуқтаҳои номаълум дароз мекунанд. Дар даруни қишлоқи Қистакӯз ин роҳро Канали Калони Фарғона бурида мегузарад.

Вақте ки бо ҳамин роҳ, аз пеши театри Қистакӯз гузашта ба тарафи ҷануб равед, дар тарафи дасти ростатон сохтмони канал аз худи дами кӯча сар мешавад. Ин рӯзҳо (18 январь) ҳанӯз ин тарафи канал чуқур кофта нашудааст. Ин тараф қисмати колхозчиёни «Инқилоб» (Совети қишлоқи Қатаған) мебошад, ки онҳо ду-се рӯз ин ҷониб кор сар кардаанд. Лекин дар тарафи чапи кӯча, аз ҷуи «Кент-ариқ» сар карда каналро колхозчиёни колхози «Роҳи партия» канда истодаанд. Аз худи ҷуи «Кент-ариқ» сар карда, каналро се нафар колхозчии «Роҳи партия» мекананд. 8 метр ҷое, ки ин се нафар мард ба кандани он сар кардаанд, ҳоло ба чуқурии дуним метр расидааст.

Рӯз бегоҳ шудааст, ҳаво торик шуда истодааст. Андак шамоли хунук рӯйҳоро лесида меравад... Лекин он се нафар мард аз кор ҳанӯз даст накашидаанд.

— Мондаҳо, саркор!

— Саломат бошед!

Ба саволҳо ҷавобҳои кӯтоҳ дода мешуд, даст аз кор бознамемонд. Чӣ бояд кард? Дар ин дам шермардонро аз кор мононда гап пурсидан хуб нест. Равем, наравем? Дар худи ҳамин вақт табельчии бригада рафиқ Шариф Ҳакимов омада расид.

Мо ба Ҳакимов муроҷиат кардем.

— Пешравтарин одамони бригадаатон киҳоянд?

— Аз ҳама зиёдтар кор мекардагиҳо ҳаминҳо: Ҳодӣ Очил, Шукур, Қодир, Рауф Каримовҳо мебошанд. Ин рафиқон ҳар рӯз нормаро аз 130 фоиз зиёд иҷро мекунанд. Рӯзи гузашта 13 кубометрӣ хок баровардаанд, имрӯз ба 15 кубометрӣ мерасонанд...

— Ҳаминҳоя? — гуфта пурсидани яке аз моёни Ҳакимовро ба шубҳа даровард. Вай камтар истода гуфт:

— Ҳа, ана аз худҳошон пурсед.

Мо ба сухани Ҳакимов бовар кардем. Сухани ӯро рафти кори он се шермард равшан исбот мекард. Ҳоло, ки қариб ним соат мешавад, мо дар ҳамин атрофем, ин се кас орому қарор нагирифтаанд. Доимо аз чуқурии дуним метр замбарҳои пур аз хок боло мешавад ва ба ҷойҳои чақарчуқури атроф холӣ мешавад. Вақте ки ду нафар боло меравад, сейӯмин дам нагирифта хок мулоим мекунад, ё ки замбари дуйӯмро пур мекунад. Шариконӣ аз боло омада замбари пурро мебардоранд ва ба боло мераванд...

Вақте ки ба сари кори Ҳодӣ Очил, Шукур, Қодир ва Рауф Каримовҳо расида рафтем, карнай навохта мешуд. Ин аломати он буд, ки корро бас кунанд ва ба хӯрокхӯрӣ раванд. Лекин на он се тан ва на дигарон аз кор даст намекашиданд.

— Саркорҳо, бароетон, як соат дам гирифта, хӯрок кунем!

— Ҳа, хуб.

— Ана, ҳамин,— гуфт табельчӣ ба мо муроҷиат карда,— вақти роҳат гӯед, ба ош ҷеғ занед, ба гӯши инҳо намефорад. Охир, чӣ кор кунам?

— Хозир, ҳозир,— гуфт Ҳодибой,— шаб аз концерт хеста омаданӣ шудем, намондед. Набошад, то ба ин вақт ин ҷоро тамом канда мешудем. Барои ҳамин шерикҳо аз кор даст кашида натавониста истодаанд.

— Ҳамин,— гуфт боз Ҳакимов,— ин касро ҳоло бо калтак занед ҳам, намебароянд.

колхози «Роҳи партия» бо меҳнат, бо меҳнати сидқии худ овозадор шуданд. Саттор Рустам ва Бойматов барин аъзоҳои партия намунаҳои чи тавр пеш бурдани кор, иҷро намудани супоришро нишон додаанд ва нишон дода истодаанд.

Ҷойҳои каналкобӣ гӯё тӯйхона аст. Зану мард, хурду калон, деҳқону деҳқонзодагони пурзӯре, ки бо зарби бозуи худ заминро нарм ва ҳосилхез мекунанд, дар ин ҷо ҳам матонат ва устуворӣ нишон дода истодаанд, ба нидоҳои офарингӯёнаи шумо:

— Мондаҳо саркор!

— Саломат — гӯён ҷавоб медиҳанд.

— Офарин ба шумо, саркор!

— Офарин ба партияе ки ба мо ҳаёт бахшид, моро саодатманд кард, номи ӯро ба забон гирифта мо кор мекунем, офарин ба Партияи Коммунистӣ!

Инак, ҳоло кор сар шуда рафтааст. Сухани ояндаи моро дар бораи трассаи ин кори бузурги саршуда шунавед.

3. Об меояд

Аз тарафи шимол ба ҷануб, қишлоқи Қистакӯзро бурида як кӯчаи навсохте гузаштааст. Ин кӯча чунон рост, чунон тахту чунон дароз аст, ки баъзе патриотҳои қистакӯзӣ: «Ин роҳ аз он кӯҳ то ба он кӯҳ меравад» гуфта дасташонро ба нуқтаҳои номаълум дароз мекунанд. Дар даруни қишлоқи Қистакӯз ин роҳро Канали Калони Фарғона бурида мегузарад.

Вақте ки бо ҳамин роҳ, аз пеши театри Қистакӯз гузашта ба тарафи ҷануб равед, дар тарафи дасти ростатон сохтмони канал аз худи дами кӯча сар мешавад. Ин рӯзҳо (18 январь) ҳанӯз ин тарафи канал чуқур кофта нашудааст. Ин тараф қисмати колхозчиёни «Иттилоб» (Советии қишлоқи Қатаған) мебошад, ки онҳо ду-се рӯз ин ҷоиб кор сар кардаанд. Лекин дар тарафи чапи кӯча, аз ҷуи «Кент-ариқ» сар карда каналро колхозчиёни колхози «Роҳи партия» канда истодаанд. Аз худи ҷуи «Кент-ариқ» сар карда, каналро се нафар колхозчии «Роҳи партия» мекананд. 8 метр ҷое, ки ин се нафар мард ба кандани он сар кардаанд, ҳоло ба чуқурии дуним метр расидааст.

Рӯз бегоҳ шудааст, ҳаво торик шуда истодааст. Андак шамоли хунук рӯйҳоро лесида меравад... Лекин он се нафар мард аз кор ҳанӯз даст накашидаанд.

— Мондаҳо, саркор!

— Саломат бошед!

Ба саволҳо ҷавобҳои кӯтоҳ дода мешуд, даст аз кор бознамемонд. Чӣ бояд кард? Дар ин дам шермардонро аз кор мононда гап пурсидан хуб нест. Равем, наравем? Дар худи ҳамин вақт табельчии бригада рафиқ Шариф Ҳакимов омада расид.

Мо ба Ҳакимов муроҷиат кардем.

— Пешравтарин одамони бригадаатон киҳоянд?

— Аз ҳама зиёдтар кор мекардагиҳо ҳаминҳо: Ҳодӣ Очил, Шукур, Қодир, Рауф Каримовҳо мебошанд. Ин рафиқон ҳар рӯз нормаро аз 130 фоиз зиёд иҷро мекунанд. Рӯзи гузашта 13 кубометрӣ хок баровардаанд, имрӯз ба 15 кубометрӣ мерасонанд...

— Ҳаминҳоя? — гуфта пурсидани яке аз моён Ҳакимовро ба шубҳа даровард. Вай камтар истода гуфт:

— Ҳа, ана аз худҳошон пурсед.

Мо ба сухани Ҳакимов бовар кардем. Сухани ӯро рафти кори он се шермард равшан исбот мекард. Ҳоло, ки қариб ним соат мешавад, мо дар ҳамин атрофем, ин се кас орому қарор нагирифтаанд. Доимо аз чуқурии дуним метр замбарҳои пур аз хок боло мешавад ва ба ҷойҳои чақарчуқури атроф холӣ мешавад. Вақте ки ду нафар боло меравад, сеюмин дам нагирифта хок мулоим мекунад, ё ки замбари дуюмро пур мекунад. Шариконӣ аз боло омада замбари пурро мебардоранд ва ба боло мераванд...

Вақте ки ба сари кори Ҳодӣ Очил, Шукур, Қодир ва Рауф Каримовҳо расида рафтем, карнай навохта мешуд. Ин аломати он буд, ки корро бас кунанд ва ба хӯрокхӯрӣ раванд. Лекин на он се тан ва на дигарон аз кор даст намекашиданд.

— Саркорҳо, бароетон, як соат дам гирифта, хӯрок кунем!

— Ҳа, хуб.

— Ана, ҳамин,— гуфт табельчӣ ба мо муроҷиат карда,— вақти роҳат гӯед, ба ош ҷеғ занед, ба гӯши инҳо намефорад. Охир, чӣ кор кунам?

— Ҳозир, ҳозир,— гуфт Ҳодибой,— шаб аз концерт хеста омаданӣ шудем, намондед. Набошад, то ба ин вақт ин ҷоро тамом канда мешудем. Барои ҳамин шерикҳо аз кор даст кашида натавониста истодаанд.

— Ҳамин,— гуфт боз Ҳакимов,— ин касро ҳоло бо калтак занед ҳам, намебароянд.

Дар ин дам як мӯйсафед, ки дар он қарибӣ буд, ришашро қабза карда истода нимтабассум карда гуфт:

— Тавба! Пеш мардумро ба кор бо калтак зада меронданд, аммо имрӯз бо калтак зада аз кор баровардан лозим шудааст...

То дар ин дам, мардум оҳиста-оҳиста аз сари кор баромада ба сӯи ошхона равон шудан гирифтанд. Ниҳоят баъд аз он ки касе дар сари канал намонд, он се тани бағайратон ҳам хоҳам-нохоҳам даст аз кор кашида, ба сӯи ошхона равон шуданд.

Дар роҳ мо сӯҳбат карда мерафтем:

— Имрӯз 20 кубометр баровардanамон аниқ! — гуфт Ҳодибой,— шарикҳо акнун рафти корро гирифта мондагӣ.

— Истед, ки,— гуфт шарики ман,— шумо бо чӣ роҳ ба ин муваффақият расидед? Сирри зиёд кор кардани шумо дар чист?

— Сирри ин кори ман номаълум! — гуфт Ҳодӣ,— пеш аз ҳама ғайрати худи кас, ана баъд чашми корро донистан албатта сабаб мешавад... Баъд мо се каланд, ду замбар дорем, ин ҳам корро серҳосил мекунад. Яъне дар вақти кор ҳеҷ кадоми мо бекор намеистем... Ана ҳамин!

Ҳодибой дуруст мегуфт. Ҳақиқатан барои кори стахановӣ чашми корро донистан лозим аст. Дар баробари ҳамин ғайрат ва шуҷоати худи каналковон ҳам хело зарур аст. Хеле афсӯс ки дар бригадаи якӯм корҳои оммавӣ, мусобиқаи социалистӣ дар байни звеноҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Қаду басташон аз Ҳодибойҳо наметмондагиҳо, ҷавонҳои пурзӯр дар ин бригада кам нестанд. Вале чаро онҳо нормаашонро барзиёд иҷро карда наметавонанд?

— Се рӯз пеш ҳаво аз ин дах баробар хунук буд, шамол буд. Мо се кас парво накарда ба кор баромадему каланд задан гирифтем.

Сухани рафиқашро Шукурбой давом дода гуфт:

— Медонед-мӣ? Об меояд, об!

Ин сухан, ки аз тамоми дилу ҷон гуфта шуда буд, тамоми ҳақиқатро ба пеши чашми мо ҷилвагар кунонид. Ин ҳама ҳайрат, ин ҳама фидокориҳо ҳама аз ҳамин якчанд калима сар мезад.

Дар ин дам мо ба пеши як дарвозае расидем, ки дар он ҷо ду кас рост истода омадагонро «хуш омадед, марҳамат» мегуфтанд. Ин ошхонаи бригадаи № 10 колхози «Роҳи партия» буд.

4. Оимбибӣ

Номи Партия символи ғалабаҳост. Мо номи Партияро ба забон гирифта, дар ҳар ҷо, дар ҳар соҳа ғалаба кардем ва ғалаба мекунем.

Дар сохтмони Канали Калони Фарғона номи Партияи ленинӣ ҳамаро, тамоми хурду калон, зану мардро ба по хезонд, сафарбар намуд.

Аз кӯдакони ҳафтсола то мӯйсафедони навадсола, ҳамагӣ камари ҳимматро мустаҳкам баста, номи сурури меҳнаткашони ҷаҳонро вирди забон намуда, ба майдон баромаданд, то ин ки табиати саркашро фармонбардори худ созанд, синаи биёбонро чок намуда, чӯлро гулистон намоянд, воҳаи ҳазорон сол боз дар азоби беобимондаи Хуҷанд — Ленинободи имрӯзаро серобаш кунанд.

Қаҳрамони ҳамин очерки мо — Оимбибӣ Мақсудова яке аз диловармодарон аст, ки дар кори каналкобӣ корнамоӣ нишон дода истодааст. Ин пиразане ки синнаш қариб ба 70 расидааст, намехост, ки ба куҳансолӣ таслим шавад, намехоҳад, ки аз ҳар гуна ҷавонони пурзӯр ақиб монад, вай бо онҳо сар ба калла меравад. Ба ин ҳақ ҳам дорад. Зеро чунон ки худаш мегӯяд, ӯро даврони советӣ ҷавон ва пурзӯраш кардааст.

Вақте ки шавҳараш вафот кард, ин пиразан ҳанӯз ба чил набаромадагӣ буд. Дар хона як бурда нони таъин набуд. Мурдан рафиқашро бо кафангадой гуселонид. Бечорагӣ ва бенавоӣ барои ин одам як чизи бегона набуд. Зеро ҳанӯз ҳам вай дар ёд дорад, ки падари худи ӯ бисьёр вақтҳо аз рӯи ноилоҷӣ дар ба дар гашта, гадоӣ карда, рӯзгузаронӣ мекард.

Оимбибӣ дар ҳаёти худ азобу уқубатҳои бисьёре кашид. Ба сахтиҳои зиндагӣ тобоварӣ намуда, аз ҳар гуна меҳнати сахт рӯй нагардонд. Ду нафар фарзанди ҷавонашро калон кард, тарбия дод ва ба воя расонд, ниҳоят онҳоро ба ҳаёти мустақилона раҳоӣ кард, ки ҳоло ҳар ду ҳам коргаранд.

Ин пиразани меҳнатдӯст монанди як қисми дугонаҳояш «ба тақдир тан дода» шистан нагирифт. Саъй намуд, ҳаракат кард, пеш рафт. Ниҳоят ҳаёт ба вай роҳи рости саодат нишон дод. Вай ба партияи коммунистӣ — ба ягона партияе, ки ба мардуми меҳнаткаш бахтовар аст, даромад. Чанд солҳо аст, ки вай аъзои партия мебошад, роҳ ва ғояи

онро дар қишлоқаш тарғиб менамояд марому маслаки онро марому маслак ва роҳи ҳаёти худ карда гирифтааст.

Ана ҳамин кампири шоду хурсанд мӯйҳои сафедаш аз таги уребчааш паға-паға шуда баромада истодаанд, яке аз стахановчиёни колхози «КИМ» (қишлоқи Хамирқӯй) буда, ҳар рӯз на танҳо нормаашро то 300 фоиз иҷро мекунад, балки боиси ибрати дигарон шуда, ба ҷавонон ва пиронн бисьёр дарси кори стахановӣ медиҳад.

Вақте ки мо ба қисмати кори колхози пешқадамтарини райони Кони Бодом — «КИМ» расидем, касеро пайдо карда натавонистем. Дар ин қисмат канал тайёр шуда буд. Ба ин манзараи зебое, ки бо дасти колхозчиён ва колхозчизанони «КИМ» сохта шудааст, нигоҳ карда, завқи одам меояд. Ин якӯм қисмат аст, ки дар канал аз ҳама пеш корашро тамом карда, ба омадани об интизор аст.

Дар масофаи хеле дуре занон ва мардони бисьёре саргарми кор буданд. Маълум шуд, ки «КИМ»-чиён дар зарфи 52 рӯз плани худро аз 100 фоиз зиёда иҷро намуда, 4725 кубометр заминро канда, каналро тайёр карда, дирӯз инҷониб ба колхозҳои ҳамсояшон ёрй дода истода буданд.

Оимбибй ҳамроҳи стахановчиёни номдори дигари ин колхоз — Анорқулов, Неъматуллоева, Ҳамроқулов ва ғайраҳо моро бо чеҳраи хандон пешвоз гирифт. Ба як саволи рафиқе, ки дар боран кор дода буд, вай ҷавоби бисьёр сазоворе дод:

— Бачаам, азобу машаққати замони кӯҳна маро миёнгу карда натавонист. Ин давр, даврони советиамон маро, ки синнам ба 70 расида, мӯйҳоям сафед шудаанд, аз нав ҷавон ва пурзӯр намуд. Мо барои бахт, барои саодати худамон ва насли ояндаамон кор мекунем. Пас, шумо ба ин усули кори стахановии мо дар ҳайрат намонед. Ин як ҳолати табиист. Агар мо хоҳем, кӯҳро зада талқон мекунем, биёбонро — гулистон. Ҳамин тавр ҳам карда истодаем. Ин замини шахмағз аз кӯҳ мондагй надорад.

— Дидед-мй? — гуфт ба мо инструктори комитети партиявии райони Кони Бодом рафиқ Боҳирова,— зан дар колхоз ҳақиқатан ҳам қувваи бузург аст!

Гапи ин занони пешқадами мамлакат худи ҳақиқат буд. Ин гапҳо дуньё-дуньё маънй доштанд. Мо ба рафиқ Боҳирова рӯ оварда гуфтем, ки:

— Ҳақиқатан ҳам рост мегӯед!

— Занони мо,— гуфт хурсандона Боҳирова,— ғайрати калон карданд. Ҳоло онҳо барои ба сафи партия даромадан ариза дода истодаанд. Шубҳа нест, ки ин сохтмон ғайр аз он, ки ташнагонро сероб мекунад, инчунин садҳо, ҳазорҳо одамонро ҳам тарбия карда мерасонад!

Вақте ки мо аз он ҷо дур мешудем, офтоб рӯ ба ғуруб ниҳода буд. Ҳанӯз ҳам, суръати кор баланд ва баландтар мегардид. Садоҳои асбобу анҷоми кор бо таронаҳои дилкушои меҳнат бо ҳам омехта, ба фалак печида мебаромад.

5. Цемент ва оҳан

Масофаи байни участкаҳои сохтмони канал то 5, 6, 8 ва 10 километр мебошад. Лекин тамоми масофаи участкан 11-ӯми бинокории сохтмони канал иборат аз як сарои васеъ ва як хонаи калон мебошад. Ин хона ва ин сарой нисбатан замини камро ишғол карда бошанд ҳам, корашон калон аст. Ин ҷо корхонаи салоҳдоркунии канал аст. Ин ҷо барои мудофиаи канал, бар зидди тӯфонҳо, бар зидди саркашиҳои табиати бебок яроқҳои вазнин, силоҳҳои оҳанин-цементӣ кор карда мебарорад. Ин ҷо қӯрхонаеро memonad, ки фақат заҳру газ борут надорад; ба ҳалокати навъи башар чизеро намедорад; аммо, баръакс, барои мудофиаи эҷодкориҳои инсон аз ҳуҷумҳои ваҳшиёнаи табиат тӯпҳо, танкҳо ва пулетётҳо дорад. Ин тӯпҳо аз тӯпҳои муқаррарӣ хеле калон, хеле ғафс, хеле бузурганд. Фарқ дар байни он тӯпҳо ва ин тӯпҳо ҳаминанд, ки ин тӯпҳо заҳру ҳалокат намебахшанд, балки оби зиндагиро восита мешаванд, селҳоро аз боло ва ё аз поёни канал гузаронида мефиристонанд, ҷон наметитонанд, ҳаёт мебахшанд.

Пеш аз он ки ин «қӯрхона»-ро ба хонандагон ҳарҷиҳата тасвир намоем, лозим шумурдем, ки камтар ба саҳифаи таърих нигоҳ карда гирем:

Пештар, халқ аз беобӣ чӣ қадар азоб кашида бошад, чӣ қадар нолида бошад, баъд аз кандани ҷӯй ҷабру ҷафои ҷӯйро аз он ҳам зиёдтар кашидааст. Масъалаи тақсими об, масъалаи истеҳкомоти ҷӯй бадтарин, серҷанҷолтарин масъалаҳо буд. Ҷӯйҳои майда-чуйдае, ки аз наҳри калон сар карда канда мешуд, бе ҳеҷ як план, бе ҳеҷ як бинокории техникӣ мешуду дар сарбанди он кундаи як дарахти калон чун даҳанаи тақсимкунандаи об гузошта мешуд, тақсимоти об танҳо бо назари дид иҷро мегардид.

— Ба Қистакӯз 10 санг об додем! — мегуфтанд миробҳо. Аммо деҳқони бечора 10 санг будани он обро аз куҷо донад?

— Усул дар дасти нагорачӣ, тақсирам! — мегуфтанд баъзе миробҳо ба соҳибдавлати худ.— Об лозим бошад, бемалол чанд даҳана гӯед баста додан мегирем.

— Охир чӣ тавр мешавад? Ба он тараф 10 санг бастем гуфтед-ку!

— Даҳ санг бастам гуфтам, даҳ! — мегӯяд миробхандида,— не гӯяду қандаша хӯрад!

Манзараи пештара дар тақсимоти об ана ҳамин тавр буд. Лекин аз худи ҷӯй намепурсед-мӣ? Ҷӯи бечора ба тақдири ҳудаш тан дода, ба ҳар хел тӯфонҳо, обзаниҳо, бебокиҳои табиат тоб меовард. Гоҳо об ҷигари ҷӯйро сӯрох карда, ба ҷойҳои нодаркорӣ зада мерафт. Гоҳо сели даштӣ лабу лунҷи ҷӯйро зер карда гузашта меҳнати садҳо бечорагонро торумор менамуд. На сар буд, на сомон буд... Вақте ки дар бадали ду сол ҷӯй бо хоку рег пур мешуд, вайрона мегашт, боз теғаи қамчин ба фарқи сари фуқарои бечора бозӣ мекард, боз ҳашар сар мешуд.

Лекин ҳоло меҳнати колхозчиёни қаҳрамони мо беҳуда намеравад; ҳоло эҷодкории онҳо, канали кофтагии онҳо ба ихтиёри табиати бебок супурда намешавад. Ҳоло канал канда шуд, бинокории он ва истеҳкомоти он мешавад. Канали мардумони советӣ тамоман ба ихтиёри фармони он тобеъ аст. Ҳар як қатраи оби он ба ҳисоб гирифта мешавад ва ба ҷои даркориаш меравад.

Инак, участкаи ёздаҳӯми бинокории канал барои ҳамин сохтмонҳо тартиб дода шудааст.

* * *

Рафиқ Сибирцев Николай Философович — сарлабораанти институти илмӣ-тадқиқотии материалҳои маҳаллии бинокорӣ моро бо лабораториаи худаш ошно кард.

— Дар ин ҷо,— гуфт вай,— сифати цемент имтиҳон карда мешавад. Ана ин пресс то 50 кило фишорро нишон медиҳад. Ана ин асбобу олати Михоилс ном дорад. Ҳар дуи ин асбоб ҳам барои санҷидани тавоной ва сахтии цемент ба кор меоянд. Цементи ба канал даркорӣ мебоист дар як мураббаъ сантиметр 140 кило фишорро бардорад.

Ҳар цемент ба худаш мувофиқ об мебардорад. Ана ин асбоб барои зиёдатӣ ва камии обро донистан лозим мешавад. Ин асбоб олати Вик ном дорад. Ин асбоб инчунин

барои донистани дараҷаи басташавии цемент даркор мешавад. Цемент аз 30 дақиқа сар карда то 22 соат мебандад.

Рафиқ Сибирцев ба мо як қатор асбобҳоро нишон дод, ки ҳамаи онҳо барои донистани сифатҳои цемент кор мекарданд. Ин лабораторияи хурд ба ҳамин имкон медиҳад, ки коргари цементрез, дигар бе ҳеҷ андеша кор мекунад ва маҳсули кори вай тамоман мувофиқи хоҳиши бинокории канал мешавад.

Сардори ин дастгоҳҳо, сардори ин участкаи кор — рафиқ Николай Константинович Фединро мо дар сари столи кораш ёфтем. Ин марди қадбаланд, камгӯшт, пешонавасеъ ва хушфеъл моро бо хурсандӣ пешвоз гирифт.

— Дар бораи корҳои участкаи шумо гап пурсиданӣ будем.

— Марҳамат! — Гуфт вай аз ҷояш хеста.— Равем набошад, сӯҳбат мекунем.

Вақте ки ба сӯи сарои калон мерафтем, рафиқ Федин бо мо сӯҳбат карда қадам мепартофт. Суханони вай пурмаънӣ, устувор буданд. Маълум мешуд, ки ин мардак кори худашро, одамони худашро мисли панҷ панҷаи худ медонад.

Вақте ки вай дар байни коргарони муваққатии имрӯза — колхозчиён, бо мо мегашт, ҳама ба рӯи ӯ бо муҳаббат нигоҳ мекарданд. Вай ҳам рафиқонашро бо эҳтиром ба мо нишон медод ва бо ҳисси муҳаббат номи онҳоро мегирифт. Маълум мешуд, ки ин шахси пурдон ва бомаънӣ на ин ки чашми корро медонаду корро ташкил медиҳад, балки мағзи рӯи одамонро санҷида метавонад ва ба онҳо хуб муомила мекунад. Гуфтугузорҳои мулоим, хурсандона, вале ба таври пухта гуфта шудани ӯ ба дили ҳар кас таъсир бахшида метавонист.

— Ҳоло дар мо асосан кор сар нашудааст,— мегуфт вай,— мо ҳоло ба корҳои бузург тайёр шуда истодаем. Ана ин қисми кор арматуртайёркунӣ номида мешавад. Дар ин ҷо аввало симҳоро рост мекунем. Баъд ана ин рафиқон симҳои гафсро аз ду сараш қад карда мемонанд. Ана инҳо симҳои борикро барои мӯёнбанди арматурҳо тайёр мекунанд. Ҳоло ҳаман ин рафиқон дараҷаи шогирдиро гузашта истодаанд. Инҳо аз пагоҳ ба норми муайян мегузаранд.

Ана инҳо устухонбандии оҳанинии асосӣ — арматурҳоро месозанд. Инҳо колхозчиёни колхози «Қаҳрамон»-анд. Ин

кас рафиқ Усмон Турсунованд. Вай пешқадамтарин арматурчии мо мебошад. Вай ҳар рӯз нормаи худро то ба 150 фоиз иҷро мекунад. Аз рафти кори инҳо ба мо равшан шуда истодааст, ки корамонро, бешубҳа, пеш аз вақт иҷро мекунем. Ин колхозчиёни бошараф, ки имрӯз мактаби коргариро гузашта истодаанд, дар охири кор беҳтарин устодони оҳангар шуда мебароянд. Аз ин ҷиҳат бешубҳа канали мо на танҳо ташнасеробкуи, балки мактаб ҳам ҳаст, ки дар вай садҳо стахановчиён тайёр шуда расида мебароянд.

Ана ин устохонаи дуредгарӣ аст, ки дар ин ҷо қолиб месозанд. Дар ин ҷо барои ғулбаҳои гуногун сутунҳо, болопӯшҳои цементӣ ва оҳанӣ қолиб дуруст карда мешавад. Фоидаи бузурги дар як ҷо тайёр кардани асбобҳои бинокории канал дар ҳамин ҷо ки ин қолибҳо танҳо барои як бор не, балки барои хеле асбобҳо ба кор меоянд.

Баъд аз ин рафиқ Федин моро ба майдоне бурд, ки дар он ҷо рег, сангреза ва шағал оварда рехта дар як сӯ заминҳо ба қисмҳо тақсим карда шуда буд.

— Дар ин ҷо корҳои цементрезӣ ва цементтайёркунӣ мешавад,— гуфт вай.— Ин рафиқоне, ки аз машина регро холӣ карда истодаанд, ҳама аз колхози «Ударник» мебошанд. Инҳо аз ҳама пештар ба кор омада, хеле бо ғайрат кор мекунанд. Ба ҷои мисол ҳаминро гӯем ҳам мешавад: холӣ кардани як автомобиль 10—12 дақиқа вақт металабад. Аммо инҳо дар бадали якуним-ду дақиқа холӣ мекунанд. Дар сари сой ҳам аз 150 нафар зиёдтар рафиқони колхозчӣ кор мекунанд. Инҳо дар ҳамин наздикӣ корҳои худро тамом карда мераванд.

Рафиқ Федин моро бо майда-чӯйдаҳои кораш ошно кард.— Аз якӯмҳои февраль корҳои мо авҷ мегирад,— гуфт вай,— дар он вақт қувваи кории мо ҳам зиёд мешавад. Дар он вақт ҷӯшиши кор ҳам баландтар мегардад. Ҳоло тамоми корҳои тайёрӣ ба охир расид. Муҳимтарин кор, ки ташкил кардани ин дастгоҳ ва ба даст даровардани материал буд, ба анҷом расид. Ин тарафаш бо ғайрати колхозчиён, бешубҳа, бо муваффақият ба анҷом мерасад. Мо сохтмони азиме бино мекунем ва ба фоидаи умум месупорем.

6. Завқ ва Шодӣ

Ҳар касе хоҳад ки омӯзад ҳунар,
Мон ки бар ин сохтмон дӯзад назар![1]

Аз баландии лаби канал истода ду ҳофизи хушхон ҳаминро ашӯла мекарданд. Дар поён як тӯда мардум монанди шер ҳаракат карда каланд мезаданд, замбар мекашонданд, доманаи баланди бандро мустаҳкам мекарданд. Вақте ки мо ҳам омада аз боло нигоҳ мекардем, тамом ҳайрон ва мот шуда мондем. Зеро он ҳаракат, он кор, он ғулғула ва ошӯбро дида ба чӣ монанд карданамонро надонистем. Онҳо гӯё меҳнат намекарданд, дар он ҷо гӯё кор набуд; як идғоҳе буд, ки мардумон ҳам мерақсиданд, ҳам мехонданд, ҳам месуруданд ва қоҳ-қоҳ механдиданд. Дар ҳар банди ашӯла тамоми каналковон баробар гирифта ва овози таҳсин ва офаринро боло мекарданд. Аз ин равшан ва ҳувайдо буд, ки ин халқ ҳар ҳарфи он ашӯларо бо диққат гӯш медорад ва мақомро пайравӣ мекунад. Ҳо! Мо меҳнатро кори шараф, кори номус ва қаҳрамонӣ кардаем. Меҳнат карда месароем, меҳнат карда завқ мекунем, меҳнат карда роҳат мебинем!

Ин манзараи дар боло гуфташударо мо дар участкаи Кони Бодом тамошо кардем. Дар тамоми участкаҳо ҳам гап ҳамин: мардум меҳнат карда завқ ва шодӣ мекунанд; рӯз кор мекунанд, шаб концерт, театр, кино тамошо мекунанд, давра гирифта лақалак мезананд, мерақсанд, хониш мекунанд.

* * *

Моҳи чордаҳрӯза оламро мунаввар карда буд. Ҳама ҷо рӯз барин равшан буд. Дар дамгаҳи чойхонаи бузурги колхози миллионер карнай, сурнай ва наѓора ҳавои сарди зимистонро ҷарангос занонида меғурриданд; мардумро ба тамошо даъват мекарданд. Дарунӣ иморат чароғон буд. Тамошобинҳои доимӣ — бачагон кайҳо ҷамъ шуда буданд. Онҳо мағалу ғавғо ва чалочулӣ намуда, ин бинои калонро ба сарашон мебардоштанд.

Гурӯҳ-гурӯҳ деҳқононии ҷавон ва миёнсол ҳаргиз сарозсема нашуда меомаданд. Дар байни мӯйсафедони зиндадил

[1] Аз шеъри Турсунзода «Хатти заррин», Нашриёти давлатии Тоҷикистон, соли 1940.

кас рафиқ Усмон Турсунованд. Вай пешқадамтарин арматурчии мо мебошад. Вай ҳар рӯз норман худро то ба 150 фоиз иҷро мекунад. Аз рафти кори инҳо ба мо равшан шуда истодааст, ки корамонро, бешубҳа, пеш аз вақт иҷро мекунем. Ин колхозчиёни бошараф, ки имрӯз мактаби коргариро гузашта истодаанд, дар охири кор беҳтарин устодони оҳангар шуда мебароянд. Аз ин ҷиҳат бешубҳа канали мо на танҳо ташнасеробкуи, балки мактаб ҳам ҳаст, ки дар вай садҳо стахановчиён тайёр шуда расида мебароянд.

Ана ин устохонаи дуредгарӣ аст, ки дар ин ҷо қолиб месозанд. Дар ин ҷо барои ғулбаҳои ғуногун сутунҳо, болопӯшҳои цементӣ ва оҳанӣ қолиб дуруст карда мешавад. Фоидаи бузурги дар як ҷо тайёр кардани асбобҳои бинокории канал дар ҳамин ҷо ки ин қолибҳо танҳо барои як бор не, балки барои хеле асбобҳо ба кор меоянд.

Баъд аз ин рафиқ Федин моро ба майдоне бурд, ки дар он ҷо рег, сангреза ва шағал оварда рехта дар як сӯ заминҳо ба қисмҳо тақсим карда шуда буд.

— Дар ин ҷо корҳои цементрезӣ ва цементтайёркунӣ мешавад,— гуфт вай.— Ин рафиқоне, ки аз машина регро холӣ карда истодаанд, ҳама аз колхози «Ударник» мебошанд. Инҳо аз ҳама пештар ба кор омада, хеле бо ғайрат кор мекунанд. Ба ҷои мисол ҳаминро гӯем ҳам мешавад: холӣ кардани як автомобиль 10—12 дақиқа вақт металабад. Аммо инҳо дар бадали якуним-ду дақиқа холӣ мекунанд. Дар сари сой ҳам аз 150 нафар зиёдтар рафиқони колхозчӣ кор мекунанд. Инҳо дар ҳамин наздикӣ корҳои худро тамом карда мераванд.

Рафиқ Федин моро бо майда-чӯйдаҳои кораш ошно кард.— Аз якӯмҳои феврали корҳои мо авҷ мегирад,— гуфт вай,— дар он вақт қувваи кории мо ҳам зиёд мешавад. Дар он вақт ҷӯшиши кор ҳам баландтар мегардад. Ҳоло тамоми корҳои тайёрӣ ба охир расид. Муҳимтарин кор, ки ташкил кардани ин дастгоҳ ва ба даст даровардани материал буд, ба анҷом расид. Ин тарафаш бо ғайрати колхозчиён, бешубҳа, бо муваффақият ба анҷом мерасад. Мо сохтмони азиме бино мекунем ва ба фоидаи умум месупорем.

6. Завқ ва Шодӣ

Ҳар касе хоҳад ки омӯзад ҳунар,
Мон ки бар ин сохтмон дӯзад назар![1]

Аз баландии лаби канал истода ду ҳофизи ҳушхон ҳаминро ашӯла мекарданд. Дар поён як тӯда мардум монанди шер ҳаракат карда каланд мезаданд, замбар мекашонданд, доманаи баланди бандро мустаҳкам мекарданд. Вақте ки мо ҳам омада аз боло нигоҳ мекардем, тамом ҳайрон ва мот шуда мондем. Зеро он ҳаракат, он кор, он ғулғула ва ошӯбро дида ба чӣ монанд карданамонро надонистем. Онҳо гӯё меҳнат намекарданд, дар он ҷо гӯё кор набуд; як идгоҳе буд, ки мардумон ҳам мерақсиданд, ҳам меҳонданд, ҳам месуруданд ва қоҳ-қоҳ механдиданд. Дар ҳар банди ашӯла тамоми каналковон баробар гирифта ва овози таҳсин ва офаринро боло мекарданд. Аз ин равшан ва ҳувайдо буд, ки ин халқ ҳар ҳарфи он ашӯларо бо диққат гӯш медорад ва мақомро пайравӣ мекунад. Ҳо! Мо меҳнатро кори шараф, кори номус ва қаҳрамонӣ кардаем. Меҳнат карда месароем, меҳнат карда завқ мекунем, меҳнат карда роҳат мебинем!

Ин манзараи дар боло гуфташударо мо дар участкаи Кони Бодом тамошо кардем. Дар тамоми участкаҳо ҳам гап ҳамин: мардум меҳнат карда завқ ва шодӣ мекунанд; рӯз кор мекунанд, шаб концерт, театр, кино тамошо мекунанд, давра гирифта лақалак мезананд, мерақсанд, хониш мекунанд.

* * *

Моҳи чордаҳрӯза оламро мунаввар карда буд. Ҳама ҷо рӯз барин равшан буд. Дар дамгаҳи чойхонаи бузурги колхози миллионер карнай, сурнай ва нағора ҳавои сарди зимистонро ҷарангос занонида меғурриданд; мардумро ба тамошо даъват мекарданд. Даруни иморат чароғон буд. Тамошобинҳои доимӣ — бачагон кайҳо ҷамъ шуда буданд. Онҳо мағалу ғавғо ва чалочулӣ намуда, ин бинои калонро ба сарашон мебардоштанд.

Гурӯҳ-гурӯҳ деҳқонони ҷавон ва миёнсол ҳаргиз сарозема нашуда меомаданд. Дар байни мӯйсафедони зиндадил

[1] Аз шеъри Турсунзода «Хатти заррин», Нашриёти давлатии Тоҷикистон, соли 1940.

кас рафиқ Усмон Турсунованд. Вай пешқадамтарин арматурчии мо мебошад. Вай ҳар рӯз нормаи худро то ба 150 фоиз иҷро мекунад. Аз рафти кори инҳо ба мо равшан шуда истодааст, ки корамонро, бешубҳа, пеш аз вақт иҷро мекунем. Ин колхозчиёни бошараф, ки имрӯз мактаби коргариро гузашта истодаанд, дар охири кор беҳтарин устодони оҳангар шуда мебароянд. Аз ин ҷиҳат бешубҳа канали мо на танҳо ташнасеробкун, балки мактаб ҳам ҳаст, ки дар вай садҳо стахановчиён тайёр шуда расида мебароянд.

Ана ин устохонаи дуредгарӣ аст, ки дар ин ҷо қолиб месозанд. Дар ин ҷо барои ғулбаҳои гуногун сутунҳо, болопӯшҳои цементӣ ва оҳанӣ қолиб дуруст карда мешавад. Фоидаи бузурги дар як ҷо тайёр кардани асбобҳои бинокории канал дар ҳамин ҷо ки ин қолибҳо танҳо барои як бор не, балки барои хеле асбобҳо ба кор меоянд.

Баъд аз ин рафиқ Федин моро ба майдоне бурд, ки дар он ҷо рег, сангреза ва шағал оварда рехта дар як сӯ заминҳо ба қисмҳо тақсим карда шуда буд.

— Дар ин ҷо корҳои цементрезӣ ва цементтайёркунӣ мешавад,— гуфт вай.— Ин рафиқоне, ки аз машина регро холӣ карда истодаанд, ҳама аз колхози «Ударник» мебошанд. Инҳо аз ҳама пештар ба кор омада, хеле бо ғайрат кор мекунанд. Ба ҷои мисол ҳаминро гӯем ҳам мешавад: холӣ кардани як автомобиль 10—12 дақиқа вақт металабад. Аммо инҳо дар бадали якуним-ду дақиқа холӣ мекунанд. Дар сари сой ҳам аз 150 нафар зиёдтар рафиқони колхозчӣ кор мекунанд. Инҳо дар ҳамин наздикӣ корҳои худро тамом карда мераванд.

Рафиқ Федин моро бо майда-чӯйдаҳои кораш ошно кард.— Аз якӯмҳои феврали корҳои мо авҷ мегирад,— гуфт вай,— дар он вақт қувваи кории мо ҳам зиёд мешавад. Дар он вақт ҷӯшиши кор ҳам баландтар мегардад. Ҳоло тамоми корҳои тайёрӣ ба охир расид. Муҳимтарин кор, ки ташкил кардани ин дастгоҳ ва ба даст даровардани материал буд, ба анҷом расид. Ин тарафаш бо ғайрати колхозчиён, бешубҳа, бо муваффақият ба анҷом мерасад. Мо сохтмони азиме бино мекунем ва ба фоидаи умум месупорем.

6. Завқ ва Шодӣ

Ҳар касе хоҳад ки омӯзад ҳунар,
Мон ки бар ин сохтмон дӯзад назар! [1]

Аз баландии лаби канал истода ду ҳофизи ҳушхон ҳаминро ашӯла мекарданд. Дар поён як тӯда мардум монанди шер ҳаракат карда каланд мезаданд, замбар мекашонданд, доманаи баланди бандро мустаҳкам мекарданд. Вақте ки мо ҳам омада аз боло нигоҳ мекардем, тамом ҳайрон ва мот шуда мондем. Зеро он ҳаракат, он кор, он ғулғула ва ошӯбро дида ба чӣ монанд карданамонро надонистем. Онҳо гӯё меҳнат намекарданд, дар он ҷо гӯё кор набуд; як идгоҳе буд, ки мардумон ҳам мерақсиданд, ҳам мехонданд, ҳам месуруданд ва қоҳ-қоҳ механдиданд. Дар ҳар банди ашӯла тамоми каналковон баробар гирифта ва овози таҳсин ва офаринро боло мекарданд. Аз ин равшан ва ҳувайдо буд, ки ин халқ ҳар ҳарфи он ашӯларо бо диққат гӯш медорад ва мақомро пайравӣ мекунад. Ҳо! Мо меҳнатро кори шараф, кори номус ва қаҳрамонӣ кардаем. Меҳнат карда месароем, меҳнат карда завқ мекунем, меҳнат карда роҳат мебинем!

Ин манзараи дар боло гуфташударо мо дар участкаи Кони Бодом тамошо кардем. Дар тамоми участкаҳо ҳам гап ҳамин: мардум меҳнат карда завқ ва шодӣ мекунанд; рӯз кор мекунанд, шаб концерт, театр, кино тамошо мекунанд, давра гирифта лақалак мезананд, мерақсанд, хониш мекунанд.

* * *

Моҳи чордаҳрӯза олампо мунаввар карда буд. Ҳама ҷо рӯз барин равшан буд. Дар дамгаҳи чойхонаи бузурги колхози миллионер карнай, сурнай ва нағора ҳавои сарди зимистонро ҷарангос занонида меғурриданд; мардумро ба тамошо даъват мекарданд. Дарунн иморат чароғон буд. Тамошобинҳои доимӣ — бачагон кайҳо ҷамъ шуда буданд. Онҳо мағалу ғавғо ва чалочулӣ намуда, ин бинои калонро ба сарашон мебардоштанд.

Гурӯҳ-гурӯҳ деҳқонони ҷавон ва миёнсол ҳаргиз саросема нашуда меомаданд. Дар байни мӯйсафедони зиндадил

[1] Аз шеъри Турсунзода «Хатти заррин», Нашриёти давлатии Тоҷикистон, соли 1940.

кас рафиқ Усмон Турсунованд. Вай пешқадамтарин арматурчии мо мебошад. Вай ҳар рӯз норман худро то ба 150 фоиз иҷро мекунад. Аз рафти кори инҳо ба мо равшан шуда истодааст, ки корамонро, бешубҳа, пеш аз вақт иҷро мекунем. Ин колхозчиёни бошараф, ки имрӯз мактаби коргариро гузашта истодаанд, дар охири кор беҳтарин устодони оҳангар шуда мебароянд. Аз ин ҷиҳат бешубҳа канали мо на танҳо ташнасеробкун, балки мактаб ҳам ҳаст, ки дар вай садҳо стахановчиён тайёр шуда расида мебароянд.

Ана ин устохонаи дуредгарӣ аст, ки дар ин ҷо қолиб месозанд. Дар ин ҷо барои гулбаҳои гуногун сутунҳо, болопӯшҳои цементӣ ва оҳанӣ қолиб дуруст карда мешавад. Фоидаи бузурги дар як ҷо тайёр кардани асбобҳои бинокории канал дар ҳамин ҷо ки ин қолибҳо танҳо барои як бор не, балки барои хеле асбобҳо ба кор меоянд.

Баъд аз ин рафиқ Федин моро ба майдоне бурд, ки дар он ҷо рег, сангреза ва шағал оварда рехта дар як сӯ заминҳо ба қисмҳо тақсим карда шуда буд.

— Дар ин ҷо корҳои цементрезӣ ва цементтайёркунӣ мешавад,— гуфт вай.— Ин рафиқоне, ки аз машина регро холӣ карда истодаанд, ҳама аз колхози «Ударник» мебошанд. Инҳо аз ҳама пештар ба кор омада, хеле бо ғайрат кор мекунанд. Ба ҷои мисол ҳаминро гӯем ҳам мешавад: холӣ кардани як автомобиль 10—12 дақиқа вақт металабад. Аммо инҳо дар бадали якунним-ду дақиқа холӣ мекунанд. Дар сари сой ҳам аз 150 нафар зиёдтар рафиқони колхозчӣ кор мекунанд. Инҳо дар ҳамин наздикӣ корҳои худро тамом карда мераванд.

Рафиқ Федин моро бо майда-чӯйдаҳои кораш ошно кард.— Аз якӯмҳои феврали корҳои мо авҷ мегирад,— гуфт вай,— дар он вақт қувваи кории мо ҳам зиёд мешавад. Дар он вақт ҷӯшиши кор ҳам баландтар мегардад. Ҳоло тамоми корҳои тайёрӣ ба охир расид. Муҳимтарини кор, ки ташкил кардани ин дастгоҳ ва ба даст даровардани материал буд, ба анҷом расид. Ин тарафаш бо ғайрати колхозчиён, бешубҳа, бо муваффақият ба анҷом мерасад. Мо сохтмони азиме бино мекунем ва ба фондаи умум месупорем.

6. Завқ ва Шодӣ

Ҳар касе хоҳад ки омӯзад ҳунар,
Мон ки бар ин сохтмон дӯзад назар![1]

Аз баландии лаби канал истода ду ҳофизи ҳушхон ҳаминро ашӯла мекарданд. Дар поён як тӯда мардум монанди шер ҳаракат карда каланд мезаданд, замбар мекашонданд, доманаи баланди бандро мустаҳкам мекарданд. Вақте ки мо ҳам омада аз боло нигоҳ мекардем, тамом ҳайрон ва мот шуда мондем. Зеро он ҳаракат, он кор, он ғулғула ва ошӯбро дида ба чӣ монанд карданамонро надонистем. Онҳо гӯё меҳнат намекарданд, дар он ҷо гӯё кор набуд; як идгоҳе буд, ки мардумон ҳам мерақсиданд, ҳам меҳонданд, ҳам месуруданд ва қоҳ-қоҳ механдиданд. Дар ҳар банди ашӯла тамоми каналковон баробар гирифта ва овози таҳсин ва офаринро боло мекарданд. Аз ин равшан ва ҳувайдо буд, ки ин халқ ҳар ҳарфи он ашӯларо бо диққат гӯш медорад ва мақомро пайравӣ мекунад. Ҳо! Мо меҳнатро кори шараф, кори номус ва қаҳрамонӣ кардаем. Меҳнат карда месароем, меҳнат карда завқ мекунем, меҳнат карда роҳат мебинем!

Ин манзараи дар боло гуфташударо мо дар участкаи Кони Бодом тамошо кардем. Дар тамоми участкаҳо ҳам гап ҳамин: мардум меҳнат карда завқ ва шодӣ мекунанд; рӯз кор мекунанд, шаб концерт, театр, кино тамошо мекунанд, давра гирифта лақалак мезананд, мерақсанд, хониш мекунанд.

* * *

Моҳи чордаҳрӯза оламро мунаввар карда буд. Ҳама ҷо рӯз барин равшан буд. Дар дамгаҳи чойхонаи бузурги колхози миллионер карнай, сурнай ва нағора ҳавои сарди зимистонро ҷарангос занонида мегурриданд; мардумро ба тамошо даъват мекарданд. Даруни иморат чароғон буд. Тамошобинҳои доимӣ — бачагон кайҳо ҷамъ шуда буданд. Онҳо мағалу ғавғо ва чалочулӣ намуда, ин бинои калонро ба сарашон мебардоштанд.

Гурӯҳ-гурӯҳ деҳқонони ҷавон ва миёнсол ҳаргиз сарозер нашуда меомаданд. Дар байни мӯйсафедони зиндадил

[1] Аз шеъри Турсунзода «Хатти заррин», Нашриёти давлатии Тоҷикистон, соли 1940.

ҳам дида мешуданд. Занони озод ва хушбахт ҳамроҳи духтарони наврас ва таннози колхозчӣ қоҳ-қоҳ зада хандида ба сӯи ин бино ҳаракат мекарданд. Якто-нимто занон ва мардоне, ки ҳанӯз ҳам аз ҳузур ва ҳаловати озодӣ баҳраманд нагардидаанд, ҳанӯз ҳам чодири лаънатиро аз сари худ дур накардаанд, инчунин ба ҳамин тараф мешитофтанд.

Аз дуру наздик, аз байни тамошобинҳои оянда, садоҳои пасту баланд:

— Имшаб концерт будааст, як тамошо кунем!

— Хайр, каниӣ аз план гап занед!

— Мусобиқаро буридем!

— Қандатона хӯред!

— Зебӣ, ту куҷонда?!

— Ҳу, мана ман инҷанда! — шунида мешуданд.

Дер нагузашт. Зал пур аз одам гардид. Ҳамин ки конферансье дар саҳна пайдо шуд, аз байни одамон овозҳои: «Ҷим, ором, хомӯш истед, хап шавед!» баланд шуд. Пас аз чанд дақиқае ҳама хомӯш гардиданд. Конферансье ба иҷрои вазифаи худ шурӯъ намуд. Концерт сар шуд.

Навозиши умумиро хори умумӣ, дар бораи Канали Калони Фарғона иваз намуд. Аз паси яккахонии ҳофизи номдор, рақси дилхарош, баъд аз лапари хандаовар, боз таронаи дилфиреб, чапак-чапакҳои аз ҳад зиёд, клуби пур аз нақшу нигори колхозро меларзонад. Садоҳои: «мепурсем! Мепурсем боз!». Шаб аз нисф гузашта буд. Касе намехост, ки залро тарк намояд. Ин аст якшаба аз хизмати театр...

СССР дар ҷаҳон ягона мамлакатест, ки дар ин ҷо тамоми фаровониҳои ҳаёт ба халқ тааллуқ дорад. Халқи тавонои мо дар дунъё дар ҳар бобат корҳои беназир ва бемисолро кард ва карда истодааст. Халқи пурзӯри мо чиз ва иншооти дар хобу хаёли одамони мамлакатҳои дигар надаромадагиро офарид ва офарида истодааст.

Халқи эҷодкори мо ба ивази меҳнати пурсамараи худ ба истироҳат кардан, завқ намудан ва шоду хуррам гардидан ҳуқуқи пурра дорад ва аз ин ба маънои томаш истифода менамояд.

Дар кори ташкил кардани истироҳати ӯрдуи бузурги меҳнат,— ба каналковон як қатор театрҳои мо корнамой нишон доданд. Дар трасса аз театрҳои давлатии Ленинобод ва аз театри райони Кони Бодом, Исфара, театри вилоятии колхозӣ ва театри тамошобинони ҷавон, ҳамагӣ

панҷ бригадаи калон кор мекунанд. Худи ҳамин факте, ки дар зарфи панҷ рӯз инҳо 46 маротиба концерт дода ва 32 бор баромади музикавӣ карданд ва ин тамошоҳоро қариб 45 ҳазор меҳнаткаш тамошо кардааст, шоёни таҳсин мебошад.

Санъаткорони мо ба хизмати каналковони мо бо тайёрии хеле калон омаданд. Онҳо онд ба канал хорҳо, ашӯлаҳо, таронаҳо, лапарҳо ва чизҳои дигар тайёр карда омаданд. Депутати совети шаҳри Ленинобод — Тоҷинисо Султонова, Ӯғулхон Мирзоева, ва Хачатурян барин беҳтарин ашӯлачиҳои хушовоз ва раққосаҳои номдори худро фиристоданд, ки онҳо дар сохтмони навбати якӯми канал ҳам аз таҳти дил хизматгузорӣ намуда, бо Грамотаи Фахрии Совети Олии РСС Тоҷикистон сарфароз шуда буданд.

7. Ҳаёт пеш меравад

Рӯзи январь дар участкаи панҷӯми бинокорӣ каналковон кори заминковиро тамом карданд. Як-ду рӯз пеш аз онҳо конибодомиҳо тамом карда буданд. Ҳоло пролетарчиён ва дигарон ҳам пасу дунбол корро тамом карда истодаанд. Аммо мӯҳлат-чӣ? Аз мӯҳлат гап пурсед!

Норма дар ҷоҳои серсанг ва сахт дуним ва севуним кубометр, дар ҷоҳои нисбатан мулоим панҷ кубометр аст. Аммо каналковон чӣ кор мекунанд? Онҳо ҳамаи ин нормаҳоро ба қафо монда, даҳ, понздаҳ, бист кубометр медиҳанд. Дар асиои кор дар байни новиҳо касоне буданд, ки то ба бист кубометр замин канданд. Зӯҳрахон Қодирова, Олломурод Ғулмуродов баринҳо кам набуданд.

Барои анҷоми кор ба новчиён понздаҳ рӯз мӯҳлат доданд. Лекин онҳо дар ҳашт рӯз корро асосан ба охир расониданд.

Агар шумо аз рӯи ҳамон норма ва мӯҳлатҳо ба худ плани календарӣ сохта гиреду «дар понздаҳӯм-шонздаҳӯм тамом мекардагиянд-дия» гуфта гардед, чӣ мешуда бошед? Бешубҳа аз ҳаёт ақиб мемонед, зеро ҳаёти мо пеш меравад.

Маркази участкаи панҷӯм дар қишлоқи Қарақчиқум аст. Чои кор аз маркази қишлоқ ду-се километр дур мебошад. Вақте ки мо бо ҳамроҳии операторҳои кино ба ин ҷо расидем, ба ғайр аз коркуни техникӣ дигар касеро наёфтем.

— Роҳбарони корро дар сари трасса меёбед. Онҳо аз саҳари барвақт мебароянду бегоҳии бевақт, ё ки шаб бармегарданд.

Мо ба сари канал равона шудем. Роҳи машина аз зери роҳи оҳан мегузарад, баъд аз он дар дашт қадаре рӯ ба боло меравад. Дар он ҷо аз тарафи Кони Бодом ба сӯи Ленинобод. Хатти дарози дигаре, ба хатти роҳи оҳан мувозӣ шуда рафтааст. Дар сари ин хат ҳарҷо-ҳарҷо қишлоқҳои бинокорон қатор шудаанд. Инак дар яке аз қишлоқҳо мо бо сардорони участкаи панҷум рӯ ба рӯ шудем.

— Мо корҳоямонро асосан тамом кардем! — гуфт хурсандона сардори участка рафиқ Савенко.— Имрӯз охирин ислоҳоти каналро тамом мекунем, фардо, пасфардо ба роҳ медароем.

Дар симои Савенко хурсандӣ гул мекард. Дар рӯи ин мард ҳолати мондагӣ ва афсурдагӣ ҳеҷ дида намешуд. Вай аз корҳои кардагиаш ба мо гапзанон рафт:

— Чор километр ҷӯю дар бадали ҳашт рӯз колхозчиёни мо канда шуданд. Зиёда аз 50 ҳазор кубометр замин канда шуд. Қариб 1600 кас кор кард...

Мо сад қадам барин роҳ гашта ба тӯдаи колхозчиён расидем. Қариб 300 нафар колхозчӣ ба ислоҳи лабу лунҷи канал мекӯшиданд. Ин охирин замбарҳо, охирин белҳо буд, ки аз хок пур шуда, холӣ мегашт.

— Ҳа, ҳа, ҷӯрахо!—мегуфт кадоме ба забони ӯзбекӣ,— гиред-а, партоед-а! Ҳо, шери акеш!

Вақте ки операторҳои кино аз боло, поён, аз паҳлу ва аз рӯ ба рӯ ба акс кунонидани ҳаракат ва шуҷоати онҳо сар карданд, тамошои аҷибе сар шуд. Баъзеҳо дар аснои рӯ ба рӯ шудани аппарати кино худро гум накаода, кори табиии худашонро давом додан мегирифтанд. Дар аснои кор фақат табассуми мамчунинят симои онҳоро зинат медод... Баъзе шӯҳҳо қалпоқашонро кач монда, қоҳ-қоҳ хандида бо завқ кор мекарданд.

— Ба кино мегирифтааст! — мегуфтанд баъзеҳо ва хуб медонистанд, ки меҳнат ва қаҳрамонии онҳо дар саҳифаи таъоих бо хати зар навишта хоҳад шуд.

Чашми аппарат ба сӯи дашти васеъ давид: ҳамворӣ, дарахте, гиёҳе нест... оҳиста-оҳиста аппарат чарх мезанад ва дар рӯ ба рӯи чашм қишлоқи марказии участкаи панҷум пайдо мешавад. Заминканҳои калон, ки бо тирезачаҳои худ милдир-милдир нигоҳ мекунанд, юртҳои намадпӯши қирғизӣ, хонаҳои тахтагӣ, ошхона, дӯкон, сартарошхона, кӯҳ-

надӯзхона, машинаи ёрдами таъҷилӣ, автомобильҳои боркашонӣ...

Ба пеши чашми аппарат як заминкане пайдо мешавад. Дар болои дари даромади он навишта шудааст: «Пункти агитатсионӣ». Дар паҳлуи ин заминкан, дар девори тахтагии бинои ошхона газетаи деворӣ овехта шуда аст: «Стахановчии сохтмони ККФ». Дар пеши газета Зӯҳрохон Қодирова ва дигар стахановчӣ ва боғайратони ғолиб истодаанд, бо диққат мехонанд, завқ мекунанд.

Чашми аппарати кино пеш меравад. Инак даруни пункти агитатсионӣ. Дар деворҳои он расмҳои пешвоямон Ленин ва роҳбарони партия ва ҳукумат — рафиқон Калинин, Ворошилов, Орҷоникидзе ва расмҳои классикҳои адабиёти рус — Пушкин, Толстой, Гоголь. Дар миёнаҷои хона стол, дар рӯи он китобҳои бисьёре, газета ва журналҳо...

Вақте ки мо сӯҳбат кардем, донистем, ки дар ин ҷо ва дар хобгоҳҳои колхозчиён доимо лексияҳо, мусоҳиба, саволу ҷавобҳо, шабҳои хурсандӣ ва тамошоҳо гузаронида шудааст. Қаҳрамонон — колхозчиёни Нов, ки аз даҳҳо километр ба ин ҷо омаданд, аз зиндагии ҳаррӯзаи мамлакат канда нашудаанд, тамоми воқиа ва ҳодисаҳои дар дуньё шуда истодагӣ ба онҳо гуфта, хонда дода, фаҳмонида мешавад...

Аппарат ба заминкани дигар медарояд. Дар ин ҷо колхозчиён кор мекунанд. Замин гарм, васеъ, кӯрпа-кӯрпачаҳо партофта шуда...

Инро гуфту рафиқ Савенко бо мо хайрухӯш кард ва боз ба сӯи кори ба охир расидаистода тохта рафт.

8. Ғалаба кардем

Дар байни участкаи дуйӯм ва сейӯми Канали Калони Фарғона баъд аз қишлоқи Маҳрам — дар Ниёзбек чунон як ҷое ҳаст, ки бо каланду зоғнӯл бурида намешавад. Баъзе гузаронидани канал ин ҷоро ба дарозии ҳазору ҳафтсад метр ба воситаи борут тарконидан лозим мешавад. Ҳоло коргарон машғули коранд. Чоҳҳои борут канда мешаванд, симҳои электрикӣ ба кор медароянд ва дар ҳамин якчанд рӯз дасти пурзӯр калидеро мефишорад, ки дар натиҷаи он доруи тарқандан бисьёре таркида, он кӯҳи калонро ба осмон мебарорад...

Ҳамин аст, кори мо! Барои мутеъ ва фармонбардор кардани табиати бебок чораҳои бисьёре дорем. Вақте ки синаи кӯҳро нӯги зағнӯл дами каланд ва белҳоямон чок карда натавонист, олати дигар, қувваи аз онҳо зӯртарро ба кор мебарем, дуд аз димоғи сангҳои дағал мебарорем! Касе ки пеши роҳи моро гирад, чизе, ки монеи пешравии мо гардад, бешубҳа, ба қувваи бераҳм ва бебоки мо дучор мешавад ва дудаш ба ҳаво мепечад!

Ҳамин, як порча ҳамин замини санглох боқӣ мондааст. Дигар аз Ленинобод сар каода то ба Кони Бодом ба дарозии 78 километр Канали Калони Фарғона кашида шуд. Зиёда аз бист ҳазор нафар халқ, бо як иродаи матин вз рӯҳи баланд баромаданду дар муддати чордаҳ-понздаҳ рӯз, дар муддате, ки то ба имрӯз касе онро тахмин карда натавонистааст, каналро канда шуданд. Тамоми нормаҳо, тамоми мӯҳлатҳо ба қафо монд. На зимистони хунук, на шамолҳои сахт, на дашти беобу гиёҳ, на дурии роҳ пеши иродаи халқро гирифта натавонистанд. Халқи меҳнатӣ номи партияро ба забон гирифта ба кор, ба мубориза сар кард ва онро ба анҷом расонид, ғалаба намуд. Халқи меҳнатӣ дар ин муддати кӯтоҳ на ин, ки фақат ҳашар кард, чӯи муқаррариро канда шуд, балки вай бо рӯҳи баланд бардошта шуда, бо тақозои табиати худ эҷодкории азиме кард. Эҷодкории вай сазовори достонҳо ва қасидаҳост. Эҷодкорни вай ба тамошо ва дилкушой меарзад. Эҷолкории вай санъат ва нафосат дорад. Канали Калони Фарғона — хатти зарринест дар синаи мулки мо!

— Корҳои заминковӣ асосан дар сейӯми феврали ба охир мерасад,— гуфт ба мо сардори бинокории канал рафик Глухов.— Лекин кори канал давом мекунад. Хоҳ роҳбарони кор, хоҳ рохбарони техникӣ хама дар постҳои худ меистанд ва бо хамон суръат ва матонат, ки то ҳоло буд, ба корашон давом мекунанд. Ба ғайр аз инҳо корҳои нақлиёт, савдо, нигоҳдории тандурустӣ ва дигар соҳаҳо низ микдоран кам бошанд хам, бо хамон дараҷа ва сифаташон давом мекунанд. Аз имрӯз сар каода тамоми диққат ба корҳои гидро-техникӣ дода мешавад. Участкаи ёздахӯми бинокории канал ҳоло ба цементрезӣ сар карда асбобҳои лозимаро, бандҳо, қубурҳо, сарпӯшҳои даркориро тайёр карда истодааст. Баъд аз ин участкаҳои ҳаштӯм, нӯҳӯм, даҳӯм кор мекунанд, ки дар ҳамаи онҳо қариб ду ҳазор кас мешавад.

Ин мардум барои зинат додани канал, барои эҳтиёт кардани канал, барои мувофиқи талаб ва мақсади мо дуруст кардани канал кор мекунанд. Онҳо эҷодкории халқро зинат медиҳанд. Ин кор то ба панҷӯм ва даҳӯмҳои апрель давом мекунад. Баъд аз ин имтиҳонот сар мешавад ва дар Якӯми Май ба канал об ҷорӣ мешавад.

— Набошад,— гуфтем мо,— пахтакорони мо баҳорон аз оби канал фоида бурда метавонистаанд-дия?

— Ҳо, албатта! — гуфт рафиқ Глухов.— Аввалин оби пахтаи имсоларо канал мерасонад. Ба ҳамин восита ҳосили кишти пахтаи Ленинобод 30—40 процент бардошта мешавад.

Инак, пеш аз мӯҳлат тамом шудани кор, аз як тараф, ба мо дар вақташ об диҳад, аз тарафи дигар, ба мо сарфаи калон медиҳад. Мо миқдори бисьёри ашьёи сӯхтусӯз — бензин, каросин, ангишт, молҳои саноатӣ ва ашьёҳои нақлиётро сарфа кардем. Ҷамъи иқтисоди мо ба яку ним миллион сӯм мерасад.

Ин суханони рафиқ Глуховро шунида истода, мо боз фоида ва сарфаҳои дигаронро, фоидаҳои ояндаи онро низ ба ҳисоб гирифтем. Дар он ҳол миллионҳо ба миллиардҳо бармегардад. Канал на танҳо иқтисодиёти моро тараққӣ медиҳад, балки вай одам тарбия мекунад ва одам мерасонад. Даҳҳо колхозчиён арматурчӣ, цементрез, дуредгар мешаванд. Даҳҳо колхозчиён техник ва миробҳои ҳақиқӣ шуда мерасанд. Дар муддати бинокорӣ садҳо стахановчиён ба майдон баромаданд. Рӯҳи одамизод тағьир ёфт!

— Дар мо гуфт,— саринженер, рафиқ Свириденко,— аввалҳо десятникҳо намерасиданд. Баъд мо дар Ленинобод, Исфара, Кони Бодом ва Уротеппа барои 300 кас курс ташкил кардем ва корамон авҷ гирифта рафт...

Дар канал 63 трактор, аз он ҷумла 17 трактори дизелӣ кор кард. Ин тракторҳо барои мо кам кор накарданд. 95 фоизи замини канал, ки санглох ва каландногузар буд, фақат ба воситаи дандонаи оҳанини ин тракторҳо хароширда ва мулоим карда шуд. Баъд аз он бел ва каландҳо ба кор даромаданд. Рафиқон Розиқов Иброҳим (трактористи трактори ЧТЗ дар участкаи шашӯм), Морозов (сардори колоннаи сеюми тракторҳои дизелӣ), Йӯлдошев (трактористи колоннаи якӯм), Ҷумъа Раҳимов (тракторист аз колоннаи чорӯм) ва дигарон ба сари тракторҳо нишаста намунаи қаҳрамониро нишон доданд. Онҳо ҳар кадом то ба 300 ва зиёда аз 300 фоизи нормаро доданд. Хусусан колоннаи

тракторҳои дизелӣ кори худашро карда шуда ба дигарон ёрӣ ҳам дод.

Кори заминканиии канал тамом шуд. Ба ин кор трактор-ҳо, автомашинаҳо, транспорт, воситаҳои алоқа, муассиса-ҳои савдо ва нигаҳдории тандурустӣ иштирок намуданд. Ба ин кор муаллимон, нависандагон, шоирон, журналистон, кинооператорҳо, санъаткорҳо ёрӣ доданд. Ба ин кор шаҳр-ҳои Москва, Душанбе, Тошкент, Ленинобод, Кони Бодом ва ғайра кас фиристоданд. Армияи шикастнопазири халқ ба мубориза баромаду ғолиб шуд.

— Мо номи Партияи Коммунистиро вирди забон на-муда дар тамоми соҳаҳо ғалаба кардем ва бо номи Партия дар ин фронт ҳам ғалаба карда истодаем ва ғолиб хоҳем шуд! — мегӯем мо хушбахтони ин диёр.

1940

ДАР ШАҲРЧАИ НОРАКИЁН

Дар поёни участкаи 1-ӯми трасса, дар тарафи рости колхози «Ҳаёти нав» дар майдони васеъ, дар байни заминҳои обикории райони Душанбе шаҳрчаи наве ба вуҷуд омадааст.

Ин шаҳрча тамоми чизҳои ба одамизод даркориро ва аз ҷумла чойхона, оҳангархона, дӯкон, электростанцияча ва дар ҳар хона карнайҳои радио дорад.

Дар ин шаҳрча тамоми иморатҳо бо хас пӯшида шуда, намуди чӯбтараҳои оддии моро доранд. Лекин фарқашон дар он аст, ки ҳаҷми дар яки инҳо аз чӯбтараҳои қишлоқи мо хеле ва хеле калон аст.

Яке аз хусусиятҳои ин шаҳрча он аст, ки дар ин ҷо одамон ҳар кас алоҳида ба сари худ зиндагӣ намекунад. Дар ин ҷо, дар ҳар як чӯбтара аъзоҳои як ё якчанд колхозҳо зиндагӣ мекунанд. Дар байни бошандагонаш пеш аз ҳама мутташаккилӣ, интизомнокӣ, ҳусни таваҷҷӯҳи рафиқона, якдигарро иззат ва ҳурмат кардан барин хислатҳои хоси гражданҳои советӣ ҳукмрон аст ва рӯз ба рӯз қувват гирифта ва мустаҳкам шуда истодааст.

Дар ин ҷо аз котиби комитети партиявии район сар карда то каландзани оддӣ ҳама рафиқанд. Ҳар як бинокор, ҳар як бошандаи ин шаҳрча мақсад ва вазифаи худро мефаҳмад. Агар аз тарафи ягон аҳли ин шаҳрча худбинӣ, даъзе хусусиятҳои обывателӣ содир шавад, рафиқонаш, ҳатто ин коллективи бузург намегузорад, ки ӯ дар гирдоби худбинӣ сафилӣ ва пастӣ ғарқ шавад, ба вай дасти мадади худро дароз карда барои ӯро наҷот додан кӯшиш мекунанд.

Хусусияти дуйӯми ин шаҳрча он аст, ки дар ин ҷо тартиб, тартиби большевикӣ қорист. Дар ҳар қадам, дар ҳар ҷои ин шаҳрчаи хаспӯш дида мешавад, ки ин кор — кори дасти большевикист.

Норакиён бештар аҳли кӯҳсоранд, онон аз теғаҳон осмонраси кӯҳҳои баланди худ фуромада ба ин ҷо омадаанд, то ин ки ба кори бузурги таърихӣ, ба кандани Канали Калони Ҳисор фаъолона иштирок кунанд, диловарӣ ва қаҳрамониҳо нишон диҳанд ва дар қатори беҳтарин одамони республикаи мо номҳои онҳо ҳам саҳифаҳои таърихамонро зинатбахш намояд ва ба оянда бо сурхрӯи нигоҳ кунанд.

Ин мардумони софдил, пурзӯр ва боғайрати кӯҳӣ дар ҳар қадам намунаҳои қаҳрамонӣ нишон дода истодаанд. Онон аз райони худ то хасҳои ба болои бомашон пӯшида мешудагӣ ва тамоми олат ва асбобҳои корро ба аробаҳо бор карда, бо худ овардаанд. Онон дар муддати ду рӯз чӯбтораҳои худро бино карда, нонвойхона ва чойхона барин биноҳои ба хоҷагиашон даркориро тахт карда хоҷагиашонро ба роҳ монда, дар дуйӯми ҳамин моҳ ба кор — ба каналкобӣ сар карданд. Онон дар байни ҳамин бист-бисту як рӯз, гарчи одамашон аз норма тақрибан 25 фоиз кам бошад ҳам, аллакай плани худро аз панҷоҳ фоиз зиёд иҷро карданд.

Дар байни онҳо на танҳо Ғулом Расул ва Галӯ Пир, Қарохон Сафар ва Қурбон Бердӣ, Ҳайдар Ғулом ва Шариф Азим барин стахановчиҳои номдор ҳастанд, ки онон аз рӯзи аввали кор сар карда, ҳар рӯз нормаро то 300 фоиз ва аз он зиёдтар иҷро менамоянд, балки бригадаҳои ҷудогонае ҳам ҳастанд, ки намунаҳои шоёни таҳсини кори стахановиро нишон дода истодаанд.

Котиби комитети партиявии район, сардори қисми сиёсии участка рафиқ Бойматов як дафтари калон дорад. Дар ҳар саҳифаи он номи стахановчиҳои алоҳида ва бригадаҳои ҷудогонаи стахановӣ ва кори ҳаррӯзаи онон равшан қайд карда шудааст. Рафиқ Бойматов он дафтарро ба назди мо гузошту:

— Ман кадом яки аз стахановчиҳояшонро мегӯям, ана худатон бинед,— гуфт.

Мо ҳам дар ҳайрат мондем. Ҳақиқатан ҳам надонистем, ки кадом яки онҳоро қайд кунем ва корҳои стахановии онҳоро дар саҳифаи матбуотамон интишор намоем, чунки ҳар яке аз дигаре беҳтар буданд. Аз ҳамин ваҷҳ дар сӯҳбатҳои гарму ҷӯшон аз байни беҳтаринҳо бо беҳтаринтаринашон ошно шуданро маъқул донистем.

Ин одамони беҳтарини райони Нораканд. Норакиён ба ин кори пуршараф фарзандони беҳтарини худро равон кардаанд. Дар ин ҷо, дар ин шаҳрчаи хаспӯш, дар ин трассаи

мӯҳташам онон на танҳо кор карда ном мебароранд, балки дар баробари ин пухта мешаванд, аз нав бо рӯҳи коммунистӣ, бо рӯҳи коллективӣ тарбия меёбанд, беҳтарин хислатҳоеро, ки одамони советиро хос мебошад, аз худ карда, ба кӯҳсорҳои дурдасти мо мебаранд.

Маҳз барои ин партия беҳтарин қувваҳои худро сафарбар намуда, бо ҳамроҳии ӯрдуи колхозчиёни диловар ба ин ҷо фиристодааст. Дар ин ҷо 22 нафар коммунист ва комсомолеҳои фаъол пропагандист шуда кор мекунанд. Чор нафар ҳамширагони тиббӣ — комсомолкаҳои хушхол ва кутубхоначӣ Гулистон Солеҳова дар байни ин омман бузург аз одамҳои мӯҳтарамтаринанд.

Сардори бригада инженер Ғозиев мегӯяд:

— Ин канал мактаби бисьёр калон аст. Дар ин ҷо ҳазорон одамон аз нав тарбия меёбанд. Барои ин мо қӯшиш кардем, ки аз як ҷиҳат ҳаёти осуда ва роҳати бинокоронро омода кунем ва аз ҷиҳати дигар онҳоро бо мӯъҷизаҳои техникаи замон ошно намоем.

Бинобар ин ҳам ҳозир дар қатори бел, каланд, зоғнӯл ва замбар инчунин трактороҳои пурзӯр кор мекунанд. Шаш рӯз пеш аз ин ҳамин сардори участка як рӯзи дароз ҳамроҳи ду нафар коргар кор карда, аз қувваи як трактор ба тамоми чӯбораҳо электрик гузаронда, ҳама ҷойро бо нури он мунаввар намуд ва аҳолии шаҳрчаро хурсанд кард.

Дар ин шаҳрча корҳои оламшумул карда мешаванд, дарсҳои тарбиявие, ки аксарияти бошандагони ин ҷо ҳеҷ нашунидаанд, дода мешаванд. Кӯҳистониёне, ки бештаринашон ҳатто олати оддитарини алоқа — аробаи дучархаро надидаанд, бо техникаи замони мо ошно мешаванд, аз он баҳравар мегарданд ва онро аз худ менамоянд.

Канали Калони Ҳисор — ин мактаб аст — мактаби калони ҳазорон одамони советист!

1940

ПАТРИОТҲО

(Қайдҳои нависанда)

1. Телеграмма

Командири запас, коркуни хоҷагӣ — Аҳмадҷон Қодиров командировка шуда ба қишлоқи дурдасте рафта буд. Вақте ки ӯ тамоми рӯз роҳ гашта, ба ҳавлиашон омад, чароғҳои электрикӣ шаҳрро рӯз барин равшан карда буданд. Дар ҳавлӣ ғайр аз модари кӯҳансолаш дигар ҳеҷ кас набуд. Занаш ҳамроҳи хоҳараш ба кино рафта буд, ҳарду писар дар лагери пионерон буданд. Кампир писарашро гарму чӯшон пешвоз гирифта ва ба пеши ӯ хӯрок оварда монд. Ҳанӯз ӯ ба дастархон даст дароз накарда, кампир:

— Аз гап хабар дорӣ-мӣ? Ҷанг шудааст,— гӯён гапҳои аз келинаш шунидаашро баён кард.

Аҳмадҷон аз оҳанги гапҳои модараш хашму ғазаби пинҳониеро ҳис кард. Гарчи модараш кинояомезона: «хӯш, марди майдон, шумо ҷим мешинед-мӣ?» нагӯяд ҳам, вале гапҳои оромонаи кампир таъна ва маззаммат барин расиданд. Вай хӯрокашро чала-чулпа хӯрда:

— Ман як давр зада меоям,— гуфта ба кӯча баромад. Аҳмадҷон ниҳоят оташин буд. Чӣ? Фашизм ба хоки муқаддаси мо ҳуҷум кардааст?! Ин чӣ густохӣ ва беҳаёӣ? Не, фашизм тушбераро хом шумурдааст! Аҳмадҷон оҳиста-оҳиста роҳ мерафт. Дар кӯчаи ором ва сокит аз равуокунандагон касе ба чашмаш наменамуд. Аъзои баданашро ким-чӣ гуна ларзае фаро гирифта буд. Худи ӯ пай намебурд, ки ин аз шиддати қаҳр ва ғазаб аст.

Аҳмадҷон ба фикру хаёл ғӯтавар шуда, ба военкомати район расиданашро надониста монд. Фақат дар он ҷо ба худ омад. Хонаи навбатдор пур аз одам. Аз мӯйсафедони солхӯрда то ҷавонони наврасе, ки ба қавли одамон ҳоло аз даҳанашон бӯи шир меояд. Мардон ва занон. Доктори кӯ-

ҳансоли қадрдони аҳолии шаҳр, звеноводи садцентнерчии колхози номдор, толибагони техникуми тиббӣ ва дигарҳо. Ғалатӣ! Кӣ нест? Гӯё ки ҳама дар ин ҷо. Рус, тоҷик, ӯзбек, яҳудӣ, арманӣ... Командири полки давраи ҷанги граждании, ҳозир сардори як корхонаи калон оҳиста-оҳиста ба навбатчӣ гап мезанад. Ҷавони қадбаланде, ки чор значоки мудофиавӣ синаашро оро додаанд, ба навбатчӣ гапашро маъқул карданӣ шуда, бебокона:

— Ман якӯмин тирандози ворошиловӣ ҳастам. Бояд аввал маро фиристонед,— мегӯяд.

Лекин дар хона мағалу ғавғо нест. Ҳар кас бо навбат ба пеши навбатчӣ меояд, гап назада аризаашро медиҳад ё даҳонакӣ дар ҳар дақиқа тайёр будани худро баён мекунад. Навбатчӣ ба ҳар яке:

— Бисьёр хуб, рафиқ, ин арзи шуморо ба назар мегирем. Агар даркор шавед, ҷеғ мезанем,— мегуфт.

Аҳмадҷон ба навбатчӣ:

— Ман командири запас ҳастам. Имрӯз дар шаҳр набудам. Ҳозир омадам...

Аҳмадҷои ҳанӯз гапашро тамом накарда, навбатчӣ бо ҳамон гапҳо ба ӯ ҳам ҷавоб гардонд.

Аҳмадҷон дар военкомат ҳамин қадар одамро дида дар ҳайрат намонда, аммо дарҳол фаҳмида буд, ки дар ин наздикиҳо ба вай навбат намерасидагӣ барин менамояд. Гапҳое, ки навбатчӣ бо табассум ба дигарон мегуфт ва ба ӯ ҳам гуфт, тамоман ӯро ноумед кард. Ба кӯча баромад. Ба хаёли «чӣ бояд кард?» ба тарафи ҳавлиашон равона шуд. Вале ҳанӯз чанд қадам роҳ нагашта, ба майнааш як фикри нав омад ва қариб давон-давон ба телеграфхона равона шуд.

Аз телеграфисткаи навбатчӣ як дона бланка гирифта, ба паси стол нишаст. Ба даст қалам гирифта, андаке фикр кард ва ниҳоят гапҳои зеринро ба рӯи бланка навишт:

«Москва, ба маршал Тимошенко.

Рафиқ комиссари халқӣ. Ҳуҷуми фашизми мурдор ба ватани азизамон, хашму ғазабамро ба ҷӯш овард. Дигар тоқат карда истодан бароям бисьёр мушкил аст. Иҷозат диҳед, ба даст яроқ гирам ва ба ҷанг равон шавам. Барои ватан, барои партия, ҷонамро дареғ намедорам. Адреси ман райвоенкомат аст.

Командири запас Аҳмадҷон Қодиров».

Вақте ки Аҳмадҷон телеграммаро дода, ба хонааш гашта омад, соат қариб як буд, ҳама хоб буданд.

1941

2. Мактуб

Бибифазилат — зани миёнсол, чаққон, чобук. Вай ҳамроҳи як гурӯҳ занон ва духтарон дар майдони калони колхоз саргарми зардолучинӣ буд. Ҳанӯз офтоб нашишта, ӯ ва шариконашро ба маҷлис ҷеғ заданд. Ин даъвати бемаҳал ба онҳо чандон маъқул нашуд. Онҳо:

— Дар вақти кор ин чутунгин маҷлис будааст?

— Тагрезҳо пӯсида равад ҳам, калонҳои колхози мо парво намекунанд...— гӯён, гут-гуткунон, саросема нашуда, дилу нодилон ба чойхонаи колхоз омаданд.

Дар чойхона ҷамъият ҷамъ буд. Гӯё ки ҳама мунтазири ҳамин гурӯҳи зардолучинон буданд. Митинг дарҳол кушода шуд. Котиби партком баромада гап зад... Аммо ин дафъа гапи котиб бисьёртар аз ҷангу туфанг ва тӯпу самолёт буд. Фақат дар охири гапаш як қатор вазифаҳои таъхирнопазири колхозчиёнро як ба як баён карда гузашту халос.

Тамоми аҳли маҷлис мисли як одам гапҳои маърӯзачиро шунид. Баъд раис, баъзе колхозчиёни миёнсол ва ҷавон, муаллима, котиби ташкилоти комсомолӣ ва дигарон ба гап баромаданд. Нуткҳои оташин, пур аз хашму газаб. Бале, гап задан ва дар баробари ин дар майдони ҷанг, дар сари станок, дар саҳроҳои колхозӣ ва дар ҳама соҳаҳо муҳаббат, садоқат, ҷонфидоӣ ва ҷонсупориро боз садҳо маротиба зиёдтар дар амал нишон додан даркор аст. Кӣ инро ҳис намекунад? Оё чунин касе ёфт мешавад?

Бибифазилат ҳам хеста, бо тамоми овозаш гап заданӣ ва тамоми хашму газабашро вайрон карда, дилашро холӣ карданӣ буд. Магар ин ҳазл аст? Як тӯда сагони дайду, ки фашизм ном доранд, ба хоки мо медаромадаанду ҳаёти фаровон ва ссудаи моро вайрон мекардаанд. Дар ин дам кӣ хомӯш монда ва ором шишта метавонад? Вай фикр кард. Баромада чӣ гӯяд? Дил пур, аммо гап ёфтан, гапдон будан даркор аст. Дили пуру аммо забони бурро набошад, ба одам бисьёр алам мекунад.

Бибифазилат ҳанӯз фикр карда, гапҳои мегуфтагиашро ёфта ва дар мағзи сараш пазонда, бо суҳан набаромада, митинг ба охир расид. Ҳатто ӯ мазмуни қарореро, ки маҷлис бо тантана ва гулғула қабул кард, нағз нафаҳмида монд. Ин ба вай аз ҳама зиёдтар алам кард.

Ҳанӯз тамоми аҳли маҷлис пароканда нашуда, Бибифазилат ба сари столи президиум омад. Котиб коғазҳои

рӯи столро мегӯндошт. Бибифазилат аз вай хоҳиш кард, ки ба номи писараш якта мактуб навишта диҳад. Аммо котиб:

— Хола, ҳолӣ сонитар навишта медиҳам,— гуфт.

— Укаҷон, шумо ҳам мана доғ накунед,— гуфт Бибифазилат.

Котиб аз оҳанги гапи ӯ фаҳмид, ки агар боз як бори дигар гапашро гардонад, Бибифазилат бемалол ҳунгас зада гирья карда мефиристонад.

— Хайр, хола шинед, ҳозир навишта медиҳам,— гуфт ва ба ӯ аз паҳлуяш ба стуле ҷой нишон дод ва як тахта коғазро ба пешаш монда, ба дасташ қаламро гирифта:

— Хӯш, гап занед, чӣ нависам, ба кӣ нависам? — пурсид.

Бибифазилат саросема нашуда:

— Ба писарам, ба ҷӯраатон Маҳмудҷон нависед. Нависед, ки писари азизам Маҳмудҷон! Ин хатро ба ту модарат, модари меҳрубонат, ки туро аз ҷони худ азизтар медонад, модари ҷоноҷонат, ки шабҳои дарози зимистонро дар сари гаҳвораи ту рӯз карда, алла балам гуфтааст, аз пистони худ ба ту шир додааст ва навозиш намуда калон кардааст, ин хатро ба ту менависад.

Нависед... нависед, ки ту фарзанди азизам ба гапҳои ман гӯш кун. Ҳозир мо шунавидем, ки як тӯда сагҳои девона — фашистони ба хун ташна ба хоки мо зер карда даромадаанд. Ин хабар оташи хашму ғазаби маро аланга гиронд. Писарам, ба ту чӣ гӯям, қаҳру ғазаби ҳамаи колхозчиёнро ба ту чӣ тавр паҳн кунам? Аммо ба ту ҳаминро мегӯям, ки ин хабари даҳшатнок тамоми колхозчиёни моро, зану мардро ба по рост кард. Мо ҳама тайёрем, ки барои Ватан, барои саҳроҳои зарбахши колхознамон ҷони худро фидо кунем. Ҳозир маҷлис шуд. Як тӯда колхозчиёни мо ба шаҳр, ба военкомат равона шудаанд, то ки худро ба Армияи Сурх нависонанд. Дар байни онҳо духтари аммаат Бибилатофат ва се нафар дугонаҳояш ҳам ҳастанд...

Нависед, нависед, ки писарам, писарҷонам, ҳаминро аз ёдат набарор, ки Ватан — ин модарат аст, модари ҳаман мост. Бинобар ин ба Ватан хиёнат кардан — ба модари худ хиёнат кардан аст. Ана аз ҳамин сабаб мегӯям, ки чӣ қадар ба ман, ба модарат вафодор бошӣ, ҳамон қадар ба Ватан содиқ бош!

Котиб аз болои коғаз сар бардошт ва аз ин сухандонии Бибифазилат дар ҳайрат монда, ба чеҳраи ӯ синча карда

истод. Гуё ки ӯро дар умраш якӯм маротиба медид. Бибифазилат ба вай:

— Нависед,— гӯён амр кард,— нависед, ки фарзанди азизам, нури чашмам, имрӯз мамлакатамон ба ту яроқ дода, туро ба муҳофизати Ватан равона кардааст. Дон ва нағз дон, ки ин шараф аст, шарафи бузург аст. Аз таҳти дил хизмат кун, дар роҳи муҳофизат кардани Ватан ҷонатро дареғ надор, агар лозим шавад, барои он қатра-қатра хунатро деҳ. Дон, ки хурсандӣ ва хушбахтии ман дар ҳамин аст.

Нависед, дар охираш нависед, ки писарам Маҳмудҷон, аз ту умедам калон аст. Умеду орзуҳоямро барбод надеҳ. Ҳаминро фаромӯш накун, ки мардони майдон аз тахтапуштаашон тир намехӯранд ва ана аз ҳамин сабаб ҳам ғолиб меоянд. Агар шунавам, ки ту аз тахтапуштат тир хӯрдӣ, дон, ки ту дигар фарзанди ман нестӣ, ман то мурданам аз ту розӣ нестам. Ширҳои додаамро асло ба ту намебахшам.

Нависед, дар охираш ҳаминро ҳам қайд кунед, ки Маҳмудҷон, азизам, аз хусуси мо асло ғам нахӯр, хотирҷамъ бош. Мо ҳам тамоми қувваамонро сарф мекунем, ғайрат мекунем, сад баробар зиёд кор мекунем, то ин ки бо муҳаббат ва садоқати бепоёни худ ба кори мудофиаи Ватанамон ёрӣ диҳем.

Хайр, саломат бош, ғолиб шаву мағлуб нашав. Модари хушбахти ту: Бибифазилат.

Котиб мактубро тамом карда, ба конверт андохта, ба рӯяш адресро навишта ба дасти Бибифазилат дод. Дар бегоҳии ҳамон рӯз Бибифазилат мактубро оварда ба почта партофт.

1941

3. Красногвардеец

Красногвардееци кӯҳна, Шодибой амак — одами хоксор, шикастанафас ва бисьёр камгап аст. Манманӣ ба вай бегона аст. Вай дар маҷлисҳо баромада даҳонашро кафк кунонида гап заданро дӯст надорад ва аз паси одам гап зада гаштанро бад мебинад. Аммо, агар дар кори корхонаашон ягон камбудиро бинад, маҷлисро поида намешинаду рост ба пеши директор ё котиби партком медарояд: «Ука, ин кор нодуруст аст, ба фаҳми ман ана ҳамин тавр шавад беҳтар не-мӣ?» мегӯяд.

Дар корхона Шодибой амакро ҳама мешиносанд. Характери ӯро ҳама нағз медонанд. Аз ҳақгӯии ӯ ҳеҷ намеранҷанд. Баръакс, аз директори корхона сар карда то коргарони ҷавон ҳама ӯро дӯст медоранд, «падар, падар» гӯён бо вай муомила мекунанд.

Дар корхона бештарини коргарон саргузашти Шодибой амакро дуруст намедонанд. Ҳама медонанд, ки вай аз аввали ташкил шудани корхона боз кор мекунад. Гӯё ки вай дар замони ҷанги граждани фаъолона дар он иштирок кардааст. Дигар ҳеҷ.

Дирӯз, вақте ки дар корхона митинг барпо шуд, Шодибой амак дар як канор шишта буд. Касе аз ваъияти ӯ хабар надошт. Аз шиддати хашм ва ғазаб дандонҳояш ба ҳам фушурда мешуданд. Вай аз нотиқон чашм намеканд. Дар майнаи ӯ рӯзҳои гузашта, он рӯзҳое, ки барои Ҳокимияти Советӣ дар дашт ва саҳроҳои беканори сарзаминамон, ҳамроҳи рафиқонаш — ҷанговарони полкашон қонфидой карда буд, баъд замони осудагӣ, зану бачаю качча, кор дар корхона... қилвагар мешуданд. Дар охирҳои маҷлис вай аз ҷояш нимхез шуда, аз раис хоҳиш кард, ки ба ӯ сухан диҳад. Саросема нашуда, ба минбар баромад.

— Коргарон, коргарзанон — гуфт ӯ. Овозаш меларзид. Ҳама пай бурданд, ки тамоми вуҷуди ин одами осударо оташи ғазаб фаро гирифтааст. Чашмҳо ба ӯ дӯхта шуданд. Вай давом намуд:

— Ман ба шумо ҳаминро мегӯям, ки мо ғалаба мекунем, ба ин шакку шубҳа нест. Чунки кори мо — кори ҳаққонист. Ҳақ ҳамеша ба рӯ мебарояд.— Шодибой амак хомӯш шуд.

Касе чуруққӣ намекард. Ҳама бо диққат ба ӯ нигоҳ мекарданд. Шодибой амак гапҳои бисьёре гуфтанӣ буд. Дар умри худ аввалин маротиба саргузашти худро ба рафиқонаш нақл карданӣ буд, ки чӣ тавр дар вақти мардикоргирӣ ба окопковӣ рафтааст, чӣ тавр баъд аз революция ба гвардияи сурх даромадааст, дар кадом ҷангҳо иштирок кардааст, чӣ тавр ҳафт бор ярадор шудааст, чӣ тавр дивизияашон аз ботлоқзори Сиваш гузашта Перекопро штурм кардааст ва чӣ тавр дар ҳамин ҷанг вай аз се ҷояш тир хӯрдааст... Вай бисьёр чизҳо гуфтанӣ буд, аммо натавонист... ниҳоят:

— Рафиқон,— гуфт ва ба зал нигоҳ карда истода илова намуд: — Аҷали фашизм расидааст, ки ба мо ҳуҷум кард. Коргарон, барои ғалаба кардан, бояд мо ҳама са-

фарбар бошем. Интизом ва муташаккилӣ — яке аз гарав-ҳои ғалабаи мост... Коргарон, шумо ба ман, ба красно-гвардееци кӯҳна иҷозат диҳед, то ки ҳамроҳи писари хурдиам ба майдони ҷанг равона шавам. Писари калониам, ки лейтенанти калон мебошад, дар он ҷост.

Ҳамон рӯз, баъд аз кор Шодибой амак ҳамроҳи писари хурдиаш, ки дар завод машинист аст, ба военкомат рафт. Ҳарду хоҳиш карданд, ки онҳоро ба ҳамон қисме, ки писари калонии амак — лейтенанти калон фармондеҳӣ мекунад, равона кунанд.

1941, июнь.

4. Соҳибхонаҳо

Вақте ки радио хабари сар шудани ҷангро ба тамоми мамлакат паҳн мекард, Шарофат дар ошхона дар тараддуди хӯроктайёркунӣ буд. Ду бачаи калонаш дар рӯи ҳавлӣ бозӣ карда мегаштанд, кӯдаки ширхӯрдааш дар белинчак хоб буд. Шарофат аввал ба гапҳои радио диққат накарда, корашро кардан гирифт. Сабзию пиёзро пора карда монда, ҳанӯз ба таги дег алав накарда, бачаашро хабар гирифтанӣ шуда, ба гапҳои радио гӯш андохт. Дар ҳамин вақт радиостанцияи Москва поёни ахбор гуфта эълон кард. Шарофат таассуф кард, ки гӯш накардааст. Вай аз бачааш хотирҷамъ шуда, ба рӯи ҳавлӣ баромад.

Дар сояи беди калон як тӯда бачаҳо ғалоғулӣ карда, бозӣ карда мегаштанд. Шарофат дар рӯи ҳавлӣ ягон одами калонсолро надид. Тирезаи квартираи ҳамсояи дасти рост-таш — инженери калони корхона кушода буд, вай ба таги тиреза омада:

— Мария Григорьевна, шумо дар хона-мӣ? — гӯён ба зани инженер хитоб кард.

Аз даруни хона «ҳа», гуфтагӣ садо баромад ва дар пеши тиреза Мария Григорьевна пайдо шуд.

— Мария Григорьевна, суханони радиоро ман нашуни-да мондам,— гуфт.

Мария Григорьевна бо ҳаяҷони пурзӯре мазмуни онро ба Шарофат ҳикоят карда дод. Ба қавли худи Шарофат ба хоки мо зер карда даромадани фашистҳои мурдор ва хун-хор «фигонашро бароварда». Ҳанӯз ҳардуи инҳо ғапро та-мом накарда, оҳиста-оҳиста дар пеши тиреза занони дар ҳавлӣ зиндагӣ мекардагӣ — соҳибхонаҳо ҷамъ шудан ги-рифтанд. Дар байни онҳо зани ҷавони шофер Петров, ки

онҳо се моҳ пеш аз ин занушӯ шуда буданд, модари стахановчии номдор Шаҳидов, кампири уҷҷак шудагӣ ва дигарон буданд. Як қисми ин занҳо «чӣ гап, барои чӣ дар ин ҷо ҷамъ шудетон» гуфта оянд, қисми дигарашон аллакай хабарро шунида, маҳз барои ин ки бо дугонаҳояшон чақ-чақ карда, оташи ғазабашонро андаке бошад ҳам, фурӯ нишонанд, омада буданд.

Нисбат ба сагтӯдагони фашистӣ, ки ба Ватани поки мо ҳуҷум кардаанд, ҳар кас нафрат ва ғазаби худро бо ҳар гуна суханҳо ифода кард. Баъд муҳокима сар шуд ва хеле авҷ гирифт. Гарчи ба таври ғайримуфассал, бо суханҳои алоҳида бошад ҳам, аз хусуси одамхӯрии фашистҳо, душмани инсоният ва маданият будани онҳо маълумоти хеле пурра дода шуд. Дар охир завҷаи устои цех, зани сергӯшти хушмуомила, Оля Семёновна:

— Мо занҳо, чӣ кор карда, ба кори мудофиа ёрӣ дода метавонем? — гуфта пурсид.

— Шӯйҳоямонро ба ҷанг мефиристонем, ва дар ҷои онҳо худамон кор мекунем,— ана ҳамин ёрии мо мешавад,— гуфт Мария Григорьевна ба ҷавоби ин.

Коргарзан, комсомолка Ҳафиза, ба сабаби ҳомиладор буданаш ба отпускаи қонунӣ баромада буд, осудавор:

— Агар лозим шавад, ба даст яроқ гирифта, ба ҷанг меравем,— гуфт.

Худи ҳаёт на танҳо дар назди ин як гурӯҳ занон, балки дар пеши тамоми халқ масъаларо кӯндаланг мегузорад. Вақти дудилагӣ ё «ин кори ман нест»-гӯй гузаштааст. Ҳаёт ба саф гузаштанро талаб мекунад. Ба саф гузаштан хоҳ дар майдони ҷанг бошад, хоҳ дар ақибгоҳ — ҷанговар буданро ифода мекунад. Аз ҷанговар интизомноки ва шуурноки талаб карда мешавад. Интизомноки ва бошуурӣ — хоҳ дар ҷанггоҳ бошад, хоҳ дар истеҳсолот — гарави ғалаба аст.

Ин соҳибхонаҳоро ҳеҷ кас ташвиқ накард. Худашон қарор доданд, ки аз пагоҳ ба корхона рафта, ба ҷои шавҳарҳояшон ба кор медароянд. Онҳо ҳисоб карда баромаданд, ки дар ин истиқоматгоҳи калони корхона ҳамааш шуда чӣ қадар зан ҳаст. Чӣ қадари онҳо ҳозир дар истеҳсолот ва дар идораҳо кор мекунанд, чӣ қадарашон дар хона оворааи дегу табақ ҳастанд ва чанд нафарашон кампирони барҷомондаи аз дасташон кор намеомадагӣ мебошанд. Ба Шарофат, Мария Григорьевна ва Ҳафиза супурданд, ки бо дигар занҳои ҳозир дар ҳамин ҷо набудагӣ гапзанон

кунанд, ки корро ташкил намуда, умуман мутасаддии ҳамин кор шаванд.

Бегоҳӣ, Шарофат аз ин қарори занҳо ба шавҳараш ҳеҷ чиз нагуфт, чунки чанд бор шавҳараш «ба кор даро, дар кори ҷамъиятӣ фаъол шудан даркор» гуфта буд, аммо ӯ ба ин розӣ нашуда ҳар гуна тақалҳо мекард.

Дар пагоҳи дигар 18 нафар соҳибхона ба пеши директори корхона аризаи коллективӣ бардошта рафтанд, ки онҳоро ба кор қабул кунад.

Шарофат дар цех шавҳарашро дида:

— Мо ҳам омадем,— гуфт.

Ба ҷавоби ин шавҳараш хандида:

— Хуш омадед, корхона пешкаш! — гӯён ҷавоб дод.

1941, июль

МУСОБАҚА

(Порчае аз очерки «Ӯрунхола»)

Не, инро напурсед. Бисьёр ғалатӣ аст. Ҷудо ҳам қизиқ шуда буд. Бечора бача ҳоло ҳам шарм медорад. Лекин ҳамин тавр шуданаш ҳам мумкин буд. Ин саркорҳои калонро андак «дамхӯр» карда мондан зарур буд. Набошад, мо занонро асло писанд намекарданд. Ҳамон воқиа боз дамашон ба дарунашон афтида монд. Ҷим шуда монданд. Лом намегӯянд.

Он бача Зокир Қурбон ном дорад. Ба худ бовариаш калон буд. Шумо худатон медонед-ку, деҳқонбачаҳои мо бисьёр бақувват ва тандуруст мешаванд. Ҳар чӣ гуна кор ба вайҳо ҳеҷ гап не. Агар кор мекунем гӯянд, замину замонро чапла карда мефиристонанд.

Ҳа, гапро андак дароз кардам-мӣ? Акнун худи воқиаи шудагиро ба шумо гӯяму монам-дия. Рӯзе тамоми колхозчиҳо ана ҳамин роҳеро, ки аз роҳи калон то пеши чойхонаамон кашол шудааст-ку, ана ҳамин роҳро ҳашар карда месохтем. Аробаҳо рег ва шагал мекашониданд. Саркорҳо сангфарш мекарданд. Мо бо занбарҳо ба вайҳо сангу регро расонида менистодем. Кор меҷӯшид. Худи тӯй барин буд. Чунки мо ин чойхонаамонро, ки ҳоло дар тамоми мамлакатҳои Осиёи Миёна ҳамин барин чойхонаи калон ва хушрӯй нест мегӯянд ва ба қавли одамон чанд борҳо дар газетаҳои Маскав ва Душанбе суратҳояш баромадааст, бино карда истода будем. Аз роҳи калон то пеши чойхона ба лой гӯтида омадан худаш айб аст. Барои коминтеричиён ин нангу номус буд.

Ана боз гапро кашол кардам. Хайр, акнун ба болои мақсад меоям. Барои ин корро зудтар тамом кардан байни бригадаҳо, байни колхозчиҳои ҷудогона мусобақа баста

шуд. Ана ҳамон Зоҳир Қурбон «Ман бо Ўрунбойсаркор мусобақа мебандам» гўён овозашро сар дод. Аз оҳанги гапаш ва писхандзаниаш намоён буд, ки маро назараш намегирад. Вай ин гапҳоро фақат барои маро таҷанг кардан мегуфт. «Бача, ҳоло ту ҷавонӣ мекунӣ» гуфтам. Ба ҷавобаш вай қаҳ-қаҳ зада хандид. Ва ин хандан вай маро тамоман чурт-чурт карда фиристод. «Хуб, биё!» гуфтаму аз дастаи занбараш гирифтам. Диққати ҳама ба мо равона карда шуд. Ҳар кас аз ҳар гўша бо овози баланд ҳарчи мегуфт, яке маро, дигаре ўро дилдорӣ мекард. Ба назарам чунон намуд, ки гўё ҳаман ин одамон мағлуб шудани маро орзўманд ҳастанд. Ин кори мо боз ҳам боиси зиёдтар ба ҷўш омадани кор шуд. Қариб одамони мусобақа набастагӣ намонд. Ба ин бисёр завқам омад. Ин ҳолро дида аз хурсандӣ худ ба худам: «мусобақаро бой диҳам ҳам майлаш, аммо кор пеш рафт-ку!» — гуфтам.

— Канӣ ба занбар регро каш,— ман ҳам дўғ задам. Ман ба шумо гуфта будам-ку, ин бача аз бачаҳои ҳузарби колхози мо буд. Вай ҳам боз бо ҳамон писхандзанӣ ба занбар регро кашидан гирифт. Ман гап назада истодам. Ба назарам ба занбари мо назар ба занбари дигарон ду — ҳатто се баробар регро зиёд андохт. Баъзе деҳқонон инро дида: «Ҳой Зокирбой, ба ту чӣ шуд? Регро камтар андоз, интур кунӣ ҳоларо миёнғу карда мемонӣ» гуфтанд. Вай ба гапҳои ҳеҷ яке аз онҳо гўш накард. Ман ҳам гап назадам. Чунки вай ба бўзбалагиаш бовар кунад, ман ҳам ба худам боварӣ доштам. Рости гапро гўям, ман ҳам ўро писанд намекардам. «Ҳоло ин кўдак аст, ин хом аст, чиро дидааст?» гуфтам худ ба худ.

Шумо намедонед, дар ҳақиқат ҳам ман ба ин тавр фикр кардан ҳақ доштам ва ҳақ дорам. Зеро ки ман дар дунёи чи гунаҳкориҳоеро накардаам. Бо чӣ гуна азобҳо ва хорӣ ва зориҳо ин панҷоҳу ду соламро нагузаронидаам. Ин мошубиринҷи мўйҳоям оқибати ҳамон рўзҳои ҳаёти талхам аст. Лекин вай бача хабар надошт, ки ин рагу паи ман, ин устухонҳои ман бо кор, бо меҳнати сахт шах шудаанд. Бача, бачагиашро кард.

Хуб, занбари якўмро бурда рехтам. Дуввўм ва саввўмашро ҳам кашонидем. Вақте ки вай дафъаи панҷўм ба занбар регро меандохт, хеле паст шудагӣ буд. Дигар вай мағрурона табассум намекард. Ба занбар ҳам ин дафъа регро хеле кам андохт. Ман ҳам дар навбати худ табассум намуда, «ҳа» гуфтам. Ҳамин «ҳа» барои ў бас буд.

Якбора суп-сурх шуда рафт. Ва боз ба занбар тез-тез регро андохтан гирифт. Намоён буд, ки бача бисьёр таҷанг шудааст. Барои ин ки шарм надорад, ман ҳам ҷим шудам. Аз ин гапу кирдори мо ҳеҷ кас хабар надошт.

Эҳ, ҳазор нагӯям ҳам бача-дия. Охир вай дар ҳамин бист-бисту ду сол зиндагиаш чиро дида аст? Кадом рӯзҳои сахтро аз сар гузаронидааст? Агар ман ҳоло гап занам, насиҳат кунам, ҳамин Қурбон Зокир барин бачаҳо ба гапҳои ман дуруст гӯш намекунанд. Дар пеши назарам «ҳа, ҳа» гӯянд ҳам, боз дунистаашонро мекунанд. Инҳо сахтиро надидаанд. Имрӯз ба оши тайёр бакавул шуда баромадаанд. Медонед-мӣ, ҳамон соле, ки мо аз даргоҳи хӯҷаин — Қобилкорвон ронда шуда, ба хонаи модарам кӯчида рафтем, илоҷе карда як хона бачаро нигоҳ кардан даркор буд. Хоҳаронам ва бачагонам майда буданд. Шавҳарам ба боёни дигар чорьяккор шуд. Даромади шавҳарам ба рӯзғори калони мо ҳеҷ чӣ намешуд. Ман ва модарам шабҳо дар пеши чароғи сиёҳ часпаки остини фаранҷиро медӯхтем ва рӯзҳо кори ҳар касро мекардем. Ҷомашӯнашонро мекардем. Нонашонро пухта медодем.

Ана ҳамон корҳои шабҳои торик чашмони маро аз кор баровардаанд. Ҳоло ман бе айнак хат хонда наметавонам. Бинобар ин ҳам ба газетаҳонӣ ин қадар пухта нашудаам. Ба ин чашмони хираи худам ҳам ба азоб саводамро баровардам-дия. Медонед-мӣ, ду зимистон ғайрат карда хондам-а.

Баъд аз шаш сол бо модарам гапамон гурехт. Чунон хаёл кардам, ки гӯё бо ин бачаву кача зиёд зиндагӣ кардани мо ба вай малол омадааст. Агарчи худам бечизу бехонаву ҷой бошам ҳам, бисьёр баномусу нангин будам. Ба шавҳарам гапамро маъқул кардам, рост ба ҳавлии [illegible]кардӣ лоамин ном касе кӯчида рафтам ва дар он ҷо ду со[illegible] дагӣ кардем. Дар ҳамин муддат баро[illegible] ҳамон кора[illegible] ман бо модарам рафту омад накардам. Аз пагоҳ[illegible] шавҳарам дар саҳро, ман бошам бо бачагони майд[illegible] дари мардум «уф» нагуфта кор мекардем. Аммо н[illegible] там, ки миннати модарам барин одамро бардорам. Гадо[illegible] будем, аммо гадои баномус будем.

Баъд аз ду соли ин воқиа модарам рафта бо гирьяву таваллоу зорӣ моро ба хонааш кӯчонида овард. Ин бачаҳо ин корҳо, ин гапҳоро чӣ медонанд.

«Ман бо фалончӣ мусобақа мебандам» гӯён даҳанкалонӣ ва ҳатто масхара ҳам мекунанд.

шуд. Ана ҳамон Зоҳир Қурбон «Ман бо Ӯрунбойсаркор мусобақа мебандам» гӯён овозашро сар дод. Аз оҳанги гапаш ва писхандзаниаш намоён буд, ки маро назараш намегирад. Вай ин гапҳоро фақат барои маро таҳанг кардан мегуфт. «Бача, ҳоло ту ҷавонӣ мекунӣ» гуфтам. Ба ҷавобаш вай қаҳ-қаҳ зада хандид. Ва ин хандаи вай маро тамоман чурт-чурт карда фиристод. «Хуб, биё!» гуфтаму аз дастаи занбараш гирифтам. Диққати ҳама ба мо равона карда шуд. Ҳар кас аз ҳар гӯша бо овози баланд ҳарчи мегуфт, яке маро, дигаре ӯро дилдорӣ мекард. Ба назарам чунон намуд, ки гӯё ҳаман ин одамон мағлуб шудани маро орзӯманд ҳастанд. Ин кори мо боз ҳам боиси зиёдтар ба ҷӯш омадани кор шуд. Қариб одамони мусобақа набастагӣ намонд. Ба ин бисьёр завқам омад. Ин ҳолро дида аз хурсандӣ худ ба худам: «мусобақаро бой диҳам ҳам майлаш, аммо кор пеш рафт-ку!» — гуфтам.

— Канӣ ба занбар регро каш,— ман ҳам дӯғ задам. Ман ба шумо гуфта будам-ку, ин бача аз бачаҳои ҳузарбн колхози мо буд. Вай ҳам боз бо ҳамон писхандзанӣ ба занбар регро кашидан гирифт. Ман гап назада истодам. Ба назарам ба занбари мо назар ба занбари дигарон ду — ҳатто се баробар регро зиёд андохт. Баъзе деҳқонон инро дида: «Ҳой Зокирбой, ба ту чӣ шуд? Регро камтар андоз, интур кунӣ ҳоларо миёнгу карда мемонӣ» гуфтанд. Вай ба гапҳои ҳеҷ яке аз онҳо гӯш накард. Ман ҳам гап назадам. Чунки вай ба бӯзбалагиаш бовар кунад, ман ҳам ба худам боварӣ доштам. Рости гапро гӯям, ман ҳам ӯро писанд намекардам. «Ҳоло ин кӯдак аст, ин хом аст, чиро дидааст?» гуфтам худ ба худ.

Шумо намедонед, дар ҳақиқат ҳам ман ба ин тавр фикр кардан ҳақ доштам ва ҳақ дорам. Зеро ки ман дар дунъё чи гунаҳкориҳоеро накардаам. Бо чӣ гуна азобҳо ва хорӣ ва зориҳо ин панҷоҳу ду соламро нагузаронидаам. Ин мошубиринҷи мӯйҳоям оқибати ҳамон рӯзҳои ҳаёти талхам аст. Лекин вай бача хабар надошт, ки ин рагу паи ман, ин устухонҳои ман бо кор, бо меҳнати сахт шах шудаанд. Бача, бачагиашро кард.

Хуб, занбари якӯмро бурда рехтам. Дуввӯм ва саввӯмашро ҳам кашонидем. Вақте ки вай дафъаи панҷӯм ба занбар регро меандохт, хеле паст шудагӣ буд. Дигар вай мағрурона табассум намекард. Ба занбар ҳам ин дафъа регро хеле кам андохт. Ман ҳам дар навбати худ табассум намуда, «ҳа» гуфтам. Ҳамин «ҳа» барои ӯ бас буд.

Яъбора суп-сурх шуда рафт. Ва боз ба занбар тез-тез регро андохтан гирифт. Намоён буд, ки бача бисьёр тақанг шудааст. Барои ин ки шарм надорад, ман ҳам ҷим шудам. Аз ин гапу кирдори мо ҳеҷ кас хабар надошт.

Эҳ, ҳазор нагўям ҳам бача-дия. Охир вай дар ҳамин бист-бисту ду сол зиндагиаш чиро дида аст? Кадом рўзҳои сахтро аз сар гузаронидааст? Агар ман ҳоло гап занам, насиҳат кунам, ҳамин Қурбон Зокир барин бачаҳо ба гапҳои ман дуруст гўш намекунанд. Дар пеши назарам «ҳа, ҳа» гўянд ҳам, боз донистаашонро мекунанд. Инҳо сахтиро надидаанд. Имрўз ба оши тайёр бакавул шуда баромадаанд. Медонед-мй, ҳамон соле, ки мо аз даргоҳи хўҷаин — Қобилкорвон ронда шуда, ба хонаи модарам кўчида рафтем, илоҷе карда як хона бачаро нигоҳ кардан даркор буд. Хоҳаронам ва бачагонам майда буданд. Шавҳарам ба боёни дигар чорьяккор шуд. Даромади шавҳарам ба рўзғори калони мо ҳеҷ чй намешуд. Ман ва модарам шабҳо дар пеши чароғи снёҳ часпаки остини фаранҷиро медўхтем ва рўзҳо кори ҳар касро мекардем. Ҷомашўиашонро мекардем. Нонашонро пухта медодем.

Ана ҳамон корҳои шабҳои торик чашмони маро аз кор баровардаанд. Ҳоло ман бе айнак хат хонда наметавонам. Бинобар ин ҳам ба газетахонй ин қадар пухта нашудаам. Ба ин чашмони хираи худам ҳам ба азоб саводамро баровардам-дия. Медонед-мй, ду зимистон ғайрат карда хондам-а.

Баъд аз шаш сол бо модарам гапамон гурехт. Чунон хаёл кардам, ки гўё бо ин бачаву кача зиёд зиндагй кардани мо ба вай малол омадааст. Агарчи худам бечизу бехонаву ҷой бошам ҳам, бисьёр баномусу нангин будам. Ба шавҳарам гапамро маъқул кардам, рост ба ҳавлии [illegible]ардй лоамин ном касе кўчида рафтам ва дар он ҷо ду со[illegible] дагй кардем. Дар ҳамин муддат барои ҳамон кора[illegible] ман бо модарам рафту омад накардам. Аз пагох[illegible] шавҳарам дар саҳро, ман бошам бо бачагони майд[illegible] дари мардум «уф» нагуфта кор мекардем. Аммо н[illegible] там, ки миннати модарам барин одамро бардорам. Гадо[illegible] будем, аммо гадои баномус будем.

Баъд аз ду соли ин воқиа модарам рафта бо гирьяву таваллоу зорй моро ба хонааш кўчонида овард. Ин бачаҳо ин корҳо, ин гапҳоро чй медонанд.

«Ман бо фалончй мусобақа мебандам» гўён даҳанкалонй ва ҳатто масхара ҳам мекунанд.

шуд. Ана ҳамон Зоҳир Қурбон «Ман бо Ўрунбойсаркор мусобақа мебандам» гўён овозашро сар дод. Аз оҳанги гапаш ва писхандзаниаш намоён буд, ки маро назараш намегирад. Вай ин гапҳоро фақат барои маро таҳанг кардан мегуфт. «Бача, ҳоло ту ҷавонӣ мекунӣ» гуфтам. Ба ҷавобаш вай қаҳ-қаҳ зада хандид. Ва ин хандаи вай маро тамоман чурт-чурт карда фиристод. «Хуб, биё!» гуфтаму аз дастаи занбараш гирифтам. Диққати ҳама ба мо равона карда шуд. Ҳар кас аз ҳар гўша бо овози баланд ҳарчи мегуфт, яке маро, дигаре ўро дилдорӣ мекард. Ба назарам чунон намуд, ки гўё ҳаман ин одамон мағлуб шудани маро орзўманд ҳастанд. Ин кори мо боз ҳам боиси зиёдтар ба ҷўш омадани кор шуд. Қариб одамони мусобақа набастагӣ намонд. Ба ин бисьёр завқам омад. Ин ҳолро дида аз хурсандӣ худ ба худам: «мусобақаро бой диҳам ҳам майлаш, аммо кор пеш рафт-ку!» — гуфтам.

— Канӣ ба занбар регро каш,— ман ҳам дўғ задам. Ман ба шумо гуфта будам-ку, ин бача аз бачаҳои ҳузарби колхози мо буд. Вай ҳам боз бо ҳамон писхандзанӣ ба занбар регро кашидан гирифт. Ман гап назада истодам. Ба назарам ба занбари мо назар ба занбари дигарон ду — ҳатто се баробар регро зиёд андохт. Баъзе деҳқонон инро дида: «Ҳой Зокирбой, ба ту чӣ шуд? Регро камтар андоз, интур кунӣ холаро миёнгу карда мемонӣ» гуфтанд. Вай ба гапҳон ҳеҷ яке аз онҳо гўш накард. Ман ҳам гап назадам. Чунки вай ба бўзбалагиаш бовар кунад, ман ҳам ба худам боварӣ доштам. Рости гапро гўям, ман ҳам ўро писанд намекардам. «Ҳоло ин кўдак аст, ин хом аст, чиро дидааст?» гуфтам худ ба худ.

Шумо намедонед, дар ҳақиқат ҳам ман ба ин тавр фикр кардан ҳақ доштам ва ҳақ дорам. Зеро ки ман дар дунъё чи гунаҳкориҳоеро накардаам. Бо чӣ гуна азобҳо ва хорӣ ва зориҳо ин панҷоҳу ду соламро нагузаронидаам. Ин мошубиринҷи мўйҳоям оқибати ҳамон рўзҳои ҳаёти талхам аст. Лекин вай бача хабар надошт, ки ин рагу паи ман, ин устухонҳои ман бо кор, бо меҳнати сахт шах шудаанд. Бача, бачагиашро кард.

Хуб, занбари якўмро бурда рехтам. Дуввўм ва саввўмашро ҳам кашонидем. Вақте ки вай дафъаи панҷўм ба занбар регро меандохт, хеле паст шудагӣ буд. Дигар вай мағрурона табассум намекард. Ба занбар ҳам ин дафъа регро хеле кам андохт. Ман ҳам дар навбати худ табассум намуда, «ҳа» гуфтам. Ҳамин «ҳа» барои ў бас буд.

Якбора суп-сурх шуда рафт. Ва боз ба занбар тез-тез регро андохтан гирифт. Намоён буд, ки бача бисьёр тачанг шудааст. Барои ин ки шарм надорад, ман ҳам ҷим шудам. Аз ин гапу кирдори мо ҳеҷ кас хабар надошт.

Эҳ, ҳазор нагўям ҳам бача-дия. Охир вай дар ҳамин бист-бисту ду сол зиндагиаш чиро дида аст? Кадом рўзҳои сахтро аз сар гузаронидааст? Агар ман ҳоло гап занам, насиҳат кунам, ҳамин Қурбон Зокир барин бачаҳо ба гапҳои ман дуруст гўш намекунанд. Дар пеши назарам «ҳа, ҳа» гўянд ҳам, боз донистаашонро мекунанд. Инҳо сахтиро надидаанд. Имрўз ба оши тайёр бакавул шуда баромадаанд. Медонед-мй, ҳамон соле, ки мо аз даргоҳи хўҷаин — Қобилкорвон ронда шуда, ба хонаи модарам кўчида рафтем, илоҷе карда як хона бачаро нигоҳ кардан даркор буд. Хоҳаронам ва бачагонам майда буданд. Шавҳарам ба боёни дигар чорьяккор шуд. Даромади шавҳарам ба рўзгори калони мо ҳеҷ чй намешуд. Ман ва модарам шабҳо дар пеши чароғи сиёҳ часпаки остини фаранҷиро медўхтем ва рўзҳо кори ҳар касро мекардем. Ҷомашўнашонро мекардем. Нонашонро пухта медодем.

Ана ҳамон корҳои шабҳои торик чашмони маро аз кор баровардаанд. Ҳоло ман бе айнак хат хонда наметавонам. Бинобар ин ҳам ба газетаҳонй ин қадар пухта нашудаам. Ба ин чашмони хираи худам ҳам ба азоб саводамро баровардам-дия. Медонед-мй, ду зимистон ғайрат карда хондам-а.

Баъд аз шаш сол бо модарам гапамон гурехт. Чунон хаёл кардам, ки гўё бо ин бачаву кача знёд зиндагй кардани мо ба вай малол омадааст. Агарчи худам бечизу бехонаву ҷой бошам ҳам, бисьёр баномусу нангин будам. Ба шавҳарам гапамро маъқул кардам, рост ба ҳавлии Муллоамин ном касе кўчида рафтам ва дар он ҷо ду сол зиндагй кардем. Дар ҳамин муддат барои ҳамон кораш тамоман бо модарам рафту омад накардам. Аз пагоҳ то бегоҳ шавҳарам дар саҳро, ман бошам бо бачагони майдаам дар дари мардум «уф» нагуфта кор мекардем. Аммо нахостам, ки миннати модарам барин одамро бардорам. Гадой будем, аммо гадои баномус будем.

Баъд аз ду соли ин воқиа модарам рафта бо гирьяву таваллоу зорй моро ба хонааш кўчонида овард. Ин бачаҳо ин корҳо, ин гапҳоро чй медонанд.

«Ман бо фалончй мусобақа мебандам» гўён даҳан-калонй ва ҳатто масхара ҳам мекунанд.

Оббо, нашуд-дия. Ҳарчанде, ки гапро ба тарафи дигар набарам гӯям ҳам, боз худи гап ба ҳар сӯ рафтан мегирад. Баъд, чӣ шуд гуфтед-мӣ? Хайр, ҳамон занбари чорӯм, ё панҷӯм буд-мӣ, дар хотирам нест, бардоштем. Ҳаққи гапро гӯям ҳардуамон ҳам зӯр-базӯр қадам монда бо азоб то ба марра расидем. Ин дафъа занбарро оварда мондему бо табассум ба ҳамдигар нигоҳ карда гирифтем. Гӯё ҳардуамон ҳам ду паҳлавони майдон будем ва умеди тамошобинҳоро пуч карда, ҳеҷ якеамон мағлуб нашуда, аз майдон баромада будем.

Хуб ҳам ҷоғам таспид-дия. Ҳай-ҳай накунам худамонро қариб «паҳлавони майдон» карда монда будем. Охир худатон гӯед, магар ҳамин мамлакати калони мо — мамлакати паҳлавонон нест-мӣ? Ҳамин мардуми мо — паҳлавонон нестанд-мӣ? Некалай барин як оқпошшои калонро несту нобуд карда, бо тухму авлодаш алав сар доданд. Ман-ман гуфтагӣ бойҳоро кулак кунониданд. Ана имрӯз мо дар заминҳои онон, дар боғу майдонҳои онон колхозҳо ташкил намуда, роҳат зиндагӣ мекунад. Дигар роҳати меҳнати моро вайҳо намечашанд. Албатта ин корҳо-корҳои паҳлавонон аст-дия. Ана, чунончи раиси калонамон — Пӯлод бой-акаро гирад.

Дар гӯшаи хотири касе набуд ва ҳатто ба хоби шаби худи ӯ ҳам надаромада буд, ки вай раиси ҳукумат мешавад. Худатон фикр кунед. Ин корҳои мо, пас ин гапҳои мо худи афсона барин менамояд. Аммо ин афсона нест ин ҳақиқат аст. Баъд аз чил-панҷоҳ соли дигар набераҳоямон ба фарзандони худ хоҳанд гуфт, ки:

«Писарам, ё духтарам, медонед-мӣ? Чанд солҳо пеш дар ҳамин Хуҷанди мо, ки таърихи чандҳазорсола дорад, дар ҳамин кӯчаи калони ба номи Маскав, ки пеш Масҷиди сурх мегуфтанд, як нафар Бобокалонов ном мӯйсафеди барҷомондае будааст. Ҳамон Бобокалонов амак аз хурдсолиаш то ҳангоми вафоташ хизмати одамонро кардааст. Аммо ҳеҷ вақт на худаш на фарзандонаш дуруст сер нашудаанд. Бечора мӯйсафед бо ҳамин азобу уқубат мурда рафтааст. Аз вай Дадобой, Чӯрабой ва Пӯлодбой ном се писар мондааст. Ҳар писар ҳам касби падарашонро мекардаанд. Каланд мезадаанд. Инқилоб шудааст. Замона тамоман дигар шудааст. Бойҳо сарнагун шудаанд ва камбағалон ба рӯи об баромадаанд. Дар қатори дигар бечораҳо ин писарони Бобокалонов амак ҳам ба рӯзи рӯшной баромадаанд. Ана ҳамин писари хурдии ҳамон мӯйсафед, ки

номаш Пӯлод будааст, бисьёр ҳам бачаи боақл, зирак ва корчаллон будааст. На фақат худашро гуфтааст, балки ба камбағалони бисьёр ёрӣ додааст. Колхозҳо ташкил кардаааст. Фақирон вайро бисьёр нағз медидаанд. Охир вайро ба раиси ҳукуматашон бардоштаанд, вай боз чанд солҳо ба хизмати онҳо камар баста истодааст ва боз чандин қадар корҳои нағз кардааст».

Ин корҳои афсонавор фақат дар замони мо, дар мамлакати мо мешавад ва шуда метавонад. Дида истодаам, ки дар пеши назарам дуньё дигаргун мешавад. Одамон, камбағалон ва нотавонони дирӯза гул барин сабзида ва шукуфта истодаанд. Охир, инҳоро дида ман хурсанд нашавам, боз кӣ хурсанд шавад? Ман кор накунам, ман мусобақа набандам, кӣ кор кунад, кӣ мусобақа бандад? Ҳар касе, ки ба ман васиқаи кӯҳансолиро медиҳад, номаъқул кардааст. Ҳоло ман аз ҳеҷ як ҷавоне монданӣ нестам. Ба ҷавоби бобоҳоямон: «агар кӯҳро занам, талқон мекунам» ҳо, ҳо, ҳо.

Таноби гапро боз аз даст додам-дия. Ҳоло ман чӣ мегуфтам? Ҳа, занбари панҷӯмро бурда холӣ кардем гуфтам-а? Ин дафъа ҳам ҷавонмард ғаюриро аз даст надодаанӣ шуд. Ба занбар хеле зиёдтар регро пур кард. Рости гапро гӯям, маро андак воҳима пахш кард. Лекин сирро фош накардам. «Хуб, ҳарчи бодобод» гуфтаму дастаи занбарро даст гирифтам. Ҳарду онро аз замин бардоштем. Ба марра наздик ду-се қадам монда буд, ки Зокирбой «ӯҳ» гуфту дастаи занбарро сар дода фиристод. Занбар рафта ба замин зад ва дастаҳои тарафи дигараш ҳам аз дасти ман баромада рафтанд.

Ба ӯ нигоҳ кардам. Ранги рӯяш паридагӣ буд. Ва намоён буд, ки бача азоб кашида истодааст. Бо як дасташ банди дасти дигарашро сахт қапида буд. Ба кӯчаи мардӣ ва базӯр худдорӣ мекард ва намегирист.

«Хола, ту пирча, бачаро манб кардӣ» гӯён Иброҳ қонаком омаданд. Дигарон ҳам ғун шуданд. Бозори «ҳа, чи шудааст, чӣ шудааст»-гӯй авҷ гирифт. Ҳамагӣ ҳайрон буданд. Мардум ба ин кор «гурбаро бозию мушро қонканӣ» гуфтагӣ барин механдиданд, завқ мекарданд.

Касе аз мӯйсафедон: «Банди дасташ баромадааст» гӯён эълон намуд. Аз ҳамонҷо бачаро ба аробаи колхоз савор карда, барои муолиҷа ба шаҳр фиристодем.

ДРАМАТУРГИЯ



СОЛИ 1916

ПЬЕСА ИБОРАТ АЗ 4 ПАРДА
ВА 8 НАМОИШ

ИШТИРОККУНАНДАГОН

Пӯлод тақрибан 30-сола, баандеша, бағайрат.
Маҳкам гумошта, тақрибан 35-сола, каму беш аз олам бохабар.
Ашраф деҳқон — чорьяккор, 28—30-сола.
Назар косиб, додарарӯси Пӯлод, 30-сола.
Амин деҳқон, 45—50-сола, хеле ақибмонда.
Корӣ аз байни камбағалҳо баромадагӣ, қорибача.
Петров рус, социал-демократи бадарғашудаомадагӣ, косиб, мӯзадӯз.
Хола кампир, 50-сола, модари Пӯлод.
Зебӣ зани Пӯлод — келинчаки ҷавон.
Рубин ҳокими шаҳр.
Козӣ марди солхӯрда.
Мударрис марди солхӯрда, мударриси мадраса.
Умарбой бон калон — соҳиби замину оби бисьёре ва дӯконҳон шоҳибофӣ.
Кориҳайдар ҷадид.
Ҷосус.

Ҳалқ, мардон ва занон. Миршабҳо, солдатҳо, офицерҳо ва ғайра.

Воқеа дар яке аз шаҳрҳои Осиёи Миёна рӯй медиҳад.

Пардаи 1

НАМОИШИ ЯКУМ

Сайр дар лаби дарьё. Қатор чодирҳо. Дар чодир намоён: боён ва амалдорон нишастаанд. Дар каноре савдои шоҳиву беқасаб: дар байни онҳо Пӯлод, гадоҳо. Аз чодире ашӯлаи фораме шунида мешавад. Миршабе Ашрафро пеш карда мерад.

МАНЗАРАИ 1

Миршаб *(ба Умарбой)*. Ман, тақсир, одами гуфтагеатонро ёфта овардам.

Умарбой *(ба Ашраф)*. Падарлаънат, кӯрнамак, то кай гурехта мегардӣ?

Ашраф. Тақсир, ҳар чанд ҳаракат кардам...

Умарбой. Ман ту оқи падарро нағз медонам. Ҳаққи касро додан дар гӯшаи хотират ҳам нест. *(Ба Қориҳайдар)*. Тақсир, устухони авлод-авлоди ин лаънатиҳо бо нону намаки ман шах шудааст. Падараш аз ман 500 танга қарздор буд. Ин худобезор бошад қарзи падарашро надода, муттаҳамӣ карда гаштааст. Дирӯз ба ман як одам гуфт, ки...

Қориҳайдар. Ҳо, ин ҳам аз ҷаҳолат аст, тақсир!

Умарбой. Бале тақсир, дирӯз як одам гуфт, ки ин кучукбача ба чойраккории Эгамбердибой даромадааст. *(Ба Ашраф)* Агар пуламро ёфта надиҳӣ, дигар аз рӯзи рӯшиой умед накун. Сургун карда ба Сибирь мефиристонам.

Ашраф. Тақсир, аз шумо умедам ин нест.... Тақсир...

Қориҳайдар. Ана ҳамин барин нодонҳо бойҳои моро хонавайрон мекунанд ва боиси шикастан ва абгор шудани онҳо мешаванд! Эй мусулмон! Ҳаққи боён ба ҳаққи худо баробар аст.

Мӯйсафеди 1. Тақсирам рост мегӯянд!

Мӯйсафеди 2. Хӯҷаин, ин кас дар умраш як гуноҳ кардааст-дия. Гуноҳро ин накардаасту мо кардаем. Ин дафъа аз гуноҳаш мегузаред-дия, акнун! *(Деҳқононӣ дигар гапи ӯро қувват медиҳанд).*

Умарбой. Бобо, шарм надошта, ба тарафгирии ҳамин муттаҳам омадӣ-мӣ? Агар ҳаққамро намедодаст, рӯзашро сиёҳ, хонаашро хароб мекунам.

Қориҳайдар. Бобоҳо, ҳайҳот шумо намедонед ва намефаҳмед, ки гап дар куҷост! Охир медонед-мӣ, ҳамин кас барин одамон бойҳои моро мешикананд ва боиси камбағалӣ ва харобии мамлакатамон мешаванд.

Мӯйсафеди 1. Тӯғрӣ. Лекин ҳарчи бошад ҳам, Ашрафполвон ғуломбачаи худашон-дия.

Умарбой. Полвон-полвон *(масхара мекунад)*. Ту полвон-мӣ, канӣ зӯратро ба ман як нишон те? *(Ашрафро заданӣ мешавад, одамон ӯро даст мегиранд).*

Мӯйсафеди 1. Хӯҷаин, астағфурилло гӯед, астағфурилло!

Мӯйсафеди 2. Хӯҷаин, шумо асло парво накунед. Ашрафбой аз пагоҳ рафта ҷуфти худатонро ҳай кардан мегирад. Ҳамту не-мӣ Ашрафбой? *(Ашраф бо каллаҷумбонӣ ризоӣи худро изҳор мекунад).*

Қориҳайдар. Хӯҷаин ба гапҳои шумо, мӯйсафедон, бовар карда, ин одамро сар дода истодаанд.

Мӯйсафеди 1. Гап тамом акнун. Омин! *(Фотеҳа мехонанд... Деҳқонон ва Ашраф мераванд)...*

МАНЗАРАИ 2

Пӯлод. *(дар дасташ як ҷӯра алоча)*. Ашраф, ту ҳам одаму қурбоққа ҳам махлуқ-дия! Ҳайфи ҳамин тавр қадду баст!

Ашраф. Укоҷон, чӣ кор кунам охир! Замона аз они зӯр гуфтаанд! Бо вай одам баробар шудан мумкин-мӣ? Худат фикр кун охир!

Пӯлод. Биё мон! Дар пеши ҳамин қадар одам, аз ҳамин хел махлуққо калтак хӯрдана мурдан беҳтар аст.

Ашраф. Пӯлодҷон-уко, охир чӣ кор кунам? Дастам кӯтоҳ, сарам хам аст, чунки пул надорам, пул! *(Гирья мекунад).*

Пӯлод. Пул надошта бошед, заррае дар баданатон одамгарӣ будагист!

Назар. Ашрафбой-ако гирья накунед, хафа нашавед! Ин ҳам мегузарад.

Ашраф. Оҳ укоҷон, ту ҳоли маро намедонӣ! Бачагонам гушна, худам... *(Ба як тараф меравад).*

Умарбой. Ту, тирмизак, ин қадар чӣ иғвогарӣ мекунӣ! Ту мехоҳӣ, ки ғуломи зархариди ман ба рӯям чанг андозад-дия?! Не, бача. Ту ҳоло ҷавонӣ мекунӣ! Фаҳмидӣ?

Пӯлод. Акнун гапа бисьёр накунеду рост ба роҳатон рафтан гиред.

Умарбой. Пӯлодбой, мулло Пӯлод ба мо роҳ нишон медодагӣ шудаанд! Динаякак бо пули ман хонадор шудӣ, боз чӣ ғам дорӣ? Гӯл, содда!

Назар. *(Пӯлодро даст ғирифта истода).* Хӯҷаин, аз шумо мепурсам, монед ин камбағал зиндагиашро кунад!

Умарбой. *(Пӯлодро нишон дода).* Ана ин кӯрнамак аст, кӯрнамак, ин косиббача не, косалесбача аст...

Пӯлод. Хӯҷаин, ман ба шумо гап зада истодаам! Мехоҳед-мӣ, ки ман роҳатонро нишон дода монам?

Умарбой. Чӣ? Ту ба ман роҳ нишон медиҳӣ? Медонӣ-мӣ ман кистам? Фаромӯш кардӣ-мӣ? Ман ҳамон Умарбое ҳастам, ки ба ҳамин коғаз *(аз кисааш 10 сӯмиро бароварда)* тамоку печонида кашидаам...

Назар. Пӯлод, ба ту чӣ шуд? Ақлатро хӯрдӣ-мӣ? Биё, бо ҳамон одам баробар нашав! Меравем!

Пӯлод. Назар, биё мон, мон гуфтам мон-дия! Ман Ашрафсаркор нестам, ки ин ҳар як гапи ба даҳонаш омадаро ба ман гуфтан гирад!

Умарбой *(ба Пӯлод).* Ҳоло ту бача... аз дуньё хабар надорӣ... Медонӣ-мӣ? Ман ба занат даст расонидаам... Охир, занат чӯрии дари хонаам буд-ку!

Пӯлод. Чӣ? А! Ту чӣ гуфтӣ?! *(Аз соҳи мӯзааш корд ро бароварда ба Умар ҳамла мекунад. Мардум ӯро нигоҳ медоранд. Умарро халос карда мефиристонанд).* Падарлаънат, ҳаққи мардумхӯр, агар саратро себча барин аз танат ҷудо накунам, ман ҳам аз камари падарам, Шодибойустокор нашудаам!

Умарбой *(аз байни издиҳом).* Аҳмақ, Умарбойбача ҳазорон ту барин ифлосҳоро ба як пули пуччак намегирад.

Пӯлод. Падарлаънат, саг!

МАНЗАРАИ 3

Аз берун мардикор бо ҳолати мастӣ медарояд.

Мардикор. Ӯй Умарбой, мон акнун як ҳисоби зиндагимоя бинем. *(Ба Пӯлод).* Мон ука, хафа нашав.

«Кӯнглум тиллагандагина ёрим йӯқдур,
Кӯнглум тиллагандагина ёрим бӯлса...
Ҳа... тавба... ёрай...
Эгам кишига ӯзга муродим йӯқдур. Ҳа... тавба... ёрай...

(Якбора чашмаш ба як зани европоие, ки аз берун омада истодааст, афтода). Ҳой, баришня, читири пети... марҷончон, тувоя натарс...

Ашӯлаашро хонда-хонда баромада меравад.

Садоҳо: Гармакшӯрак, лаблабуи Самарқанд, мухаш-шари Бухоро. Гармакшӯрак, обаш аз навот, мазекаш аз қанд, гармакшӯрак... Гулоби нишоллою мағзоби нишолло...

Жандарм бо ҳамроҳии ду солдат дохил мешавад. Баъд ҷарчӣ аз берун гапашро гуфта ба саҳна дохил мешавад.

МАНЗАРАИ 4

Жандарм ҳамроҳи ду солдат медарояд, аз паси онҳо ҷарчӣ меояд.

Ҷарчӣ. Ҳой, бозордаги одамлар, боғда биткан нодонлар, катта кичик, ёшу қарӣ оғолар, эшитмадим деманглар, манга қулоқ солинглар... Мандан айтмоқ, сиздан эшитмоқ... Ҳой мардум, нашунида намонед:

«Дар давоми ҷанги ҳозира мардони халққои бегонаи империя, ки синнашон аз 19 то 43 мебошад, ба корҳои сохтани истеҳкомоти мудофиавӣ ва мухобароти ҷангӣ дар майдони ҷанг, инчунин барои ҳар гуна корҳои мудофиаи давлат зарурянд, ҷалб карда мешаванд...»

Талотӯб, мағалу ғавғо.

Садоҳо:
— Чӣ?
— Аз дигар гӯй!
— А?
— Чӣ гуфта истодай?

Миршаб. Мардум, ҷим ҷим! Шавқуи накунед, ҷим!

Ҷарчӣ. ...Мандан айтмоқ, сиздан эшитмоқ: «...Мувофиқи фармони оқподшо тамоми мардони халққои Туркистон, ки синнашон аз нуздаҳ то чилу се мебошад, ба мардикорӣ даъват карда мешаванд».

Ғалоғула авҷ мегирад.

— Мо ба ҷанг намеравем!
— Мо ба ҷанг намеравем!
— Вой хонаам сӯзад, бачаякам ба ҷанг мерафтаст-мӣ?

— Модарон, гирья накунед!
— Илоҳӣ хонаи оқподшо сӯзад!
Садоҳо:
— Мо ба ҷанг намеравем!
— Кучук барин мурданро намехоҳем!
— Илоҳӣ оқподшоҳатон ҷувонимарг шавад!

Пӯлод. Мардум, гӯш кунед! Подшоҳ моро ба ҷанг фиристода, аҷаламон нарасида куштанӣ аст! Барои чӣ мо бо пои худамон ба кушишхона меравем! Мо ба ҷанг намеравем! Вассалом!

Назар. Намеравем, хонавайрон намешавем! Моро куштанӣ бошад, дар ҳамин ҷо куштан гирад!

Ғалаён зӯртар мешавад.

Ҷосус *(Пӯлодро нишон дода ба гӯши жандарм чизе мегӯяд)*. Тақсир, ана Пӯлод!

Жандарм Пӯлодро доштанӣ мешавад, наметавонад. Пӯлод ҳамроҳи рафиқонаш мегурезад.

Парда.

НАМОИШИ ДУЙӮМ

Хонаи Пӯлод. Ба деворҳояш сӯзанӣ задашуда, ба болои онҳо — киҳитҳои Зебӣ. Дар меҳҳо: ҷойнамоз, дастмол, камзӯл, ҷома ва ҳоказо. Баъзе духтарони ба келинбинӣ омадагӣ. Рақс, ашӯла, қоҳ-қоҳ ханда.

МАНЗАРАИ 1

Хадича. Ҳа, Зебихон, ба чанголи домодпочом фуромада мондед-мӣ? Ба тарафҳои мо асло намебиёед-ҳам. Ҳамин қадар ба домодпочом ташна будеду мо надониста будем-дия. *(Ханда)*.

Хола. Хадичахон, ту ҳам хонадор шавӣ, мебинем. Гули ошиқон барин ба шӯят часпида мегирӣ.

Хадича шарм медорад, духтарон механданд.

Хадича. Наход, ки вай начаспида ман часпам *(ханлаи умум)*. Шиками калон, каллаи дароз, чашмони шилпуқаша бод хӯрад! *(Ханда)*. Агар тақдирам ба ҳамон бошад, вой бар ҳоли ман! Холаҷон, худатон гӯед, ман увол намешавам-мӣ?

Зебӣ. Хадичахои, барои шумо йигитчаи олуфта қаҳат-мӣ? Ба дадою очаатон доду фарьёд кунед, шумо барин духтари таннозро ба ягон дилхоҳатон медиҳанд-дия...

Хадича. *(шарм медорад ва бо маҳзунӣ).* Гапатон дуруст-куя... аммо орзу — орзуи падару модар-дия... Набошад дар дуньё йигитҳои хушрӯй қаҳат-мӣ? Дадам мегӯянд, ки хок гирӣ аз хоктеппаи баланд гир. Албатта наслу насабаш дуруст бошад... Зебихон, толеи мо ба падару модарамон вобаста аст.

Хола. Хадича, ҳозир шумо инаш нағз, ваяш ганда мегӯед, ҳамин ки ба қабзааш даромадед, маъқул шудан мегирад.

Хадича. Анаю...

Духтарон ҳама механданд.

Зебӣ. Нағзаш нағз-дия, бувачон! Охир булбул ошиқи гул-ку!

Назира. Холачон, аз гулистон гули бехор чинем, не ҳам мегӯед-мӣ?

Хола. Хушьёр бошед, ки ба ҷои гул шӯра начинед *(ханда).*

Хусни. Хола мо ба гули бехор чашм медӯзем.

Хола. Биёед, ин гапҳоя ба як тараф монеду як ашӯла кунед-чӣ, ба гули бехор меарзад-мӣ?

Духтарон. Канӣ, якто шавад акнун, канӣ!

Хадича. Хайр барои худамон-дия... Айб намекунетон. *(Мехонад).*

Ашӯла.

Хола *(бо завқ).* Оҳ, акош мурад!

Хадича. Зебиҷон, акнун навбати шумо!

Зебӣ. Не...

Хадича. Не нагӯед, нозатонро домодпочом мебардоранд, ба мо ноз накунед.

Зебӣ. Вай мурам, ман намедонам... Не, ҳеҷ намедонам.

Духтарон дутор ва дойраро ба даст гирифта Зебиро ба рақс даъват менамоянд. Зебӣ шарм дошта рақс мекунад. Баъд аз ӯ Хадича холаро барои рақс ба миён мекашад.

Хола. Гулчидагон рақс кунанд, мо шӯра чиндаем. *(Ханда).*

МАНЗАРАИ 2

Пӯлод *(аз берун).* Зебӣ, ҳо Зебӣ!

Духтарон хайр-хайр гӯён аз дарича ба ҳавлии ҳамсоя гузашта мераванд.

Пӯлод *(ба ҳавлӣ даромада)*. Хӯш, ин чӣ талотӯп? «Мурдаро монда тутхӯрӣ»! Ман хуни ҷигар хӯраму ҳаман ту овораи хандаву бозӣ бошӣ!

Хола. Вай ман мурам, бачаам, ба ту чӣ шуд?

Пӯлод. Рав, гапа бисьёр накун. Ту дарду ғами маро аз куҷо медонӣ?

Хола. Гап зан, охир ба ту чӣ шуд? Барои чӣ ин қадар димоғат сӯхтагӣ?

Пӯлод. Мон маро, ба ман корат набошад *(Зебӣ гириста ба пеши Пӯлод омаданӣ мешавад)*. Дафъ шав, беномус! Гумном шав! Рӯямро сиёҳ кардӣ. Дар байни мардум афсона шудам. Занат ин тавр будааст, занат он тавр будааст гӯён, мардум ба ман барин йигит лаънат мехонанд. Ба ман нафрат мехонанд!..

Зебӣ *(ҳайҳуй гириста, ба пеши пои Пӯлод омада меафтад)*. Гап занед, ман чӣ гуноҳ кардаам! Гап занед!

Пӯлод. Хез, ашки чашмонат айбу иллатро рӯйпӯш карда наметавонад. Тақдир! Толеи одами сиёҳбахт!

Зебӣ. Маро кушед, маро сар занед! Баъд ба сари тобутам ба ҷон қуръон лаънат ва нафрат хонед...

Пӯлод. Зебӣ, Зебии бадбахт, маро девона накун, маро дар байни мардум шарманда накун, субҳам шом шуда, рӯзам шаб. Огоҳ бош!

Зебӣ. Чӣ кор кунам? Ҳушу хаёлам, орзую ҳастиам — шумоед. Шумо ҳам маро пешпо мезанед!

Хола. Бачаам, астағфурилло гӯй. Ба гапи шайтон надаро. Бибиат садқаат шавад, худатро хафа накун, дар азоб намонон.

Пӯлод. Охир ба ҳамин вичдони одам тоқат мекунадмӣ? Зебӣ хонумони маро вайрон кард! Зебӣ ба бахту тахтам завол оварда! Зебӣ ба умри ҷавонам заҳр шуд! *(Зебӣ гирья кардан мегирад)*. Ҳой, ғар! Ҳой, беномус! Умар ба ту чӣ мешавад?

Зебӣ. Ин игвост... Тӯҳмат аст... Ба ман раҳм кунед.

Пӯлод. Ба хиёнаткор раҳм нест!

Хола. Ҷон бачем, духтари як мусулмонро хонавайрон накун. Ба гапи душман надаро. Зебӣ фариштаи барин пок аст... Номус дорад!

Пӯлод. Рав бадбахт! *(Зебиро заданӣ мешавад. Хола халос мекунад)*. Тавба, чаро ин ҳаёт, ин зиндагӣ ин қадар талху тунд бошад? Тақдир!

Тақ-тақи дар, хола ҳамроҳи Зебӣ ба ҳавлии ҳамсоя мегузаранд.

МАНЗАРАИ 3

Назар ва Ашраф медароянд.

Назар. Хўш, боз чӣ шуд, хотират парешон?

Ашраф. Пӯлод, бачагоната хафа накун. Хафагии ху дамон ҳам бас аст.

Пӯлод. Ман намедонам ин чи тавр рӯзи наҳс бошад Пагоҳӣ аз хоб хестанам боз то ҳоло дилсиёгӣ.

Назар. Аҳволи як худи ту ҳамин тавр не. Ҳозир рӯзи тамоми халқ ба азоб мубаддал шудааст.

Пӯлод. Ҳамин рӯз, баъд аз нонушта, ду чӯра алочаи боқимондаро гирифта, ягон ҳисоби зиндагиро ёбам гуфта, ба бозор баромадам. Ақаллан ягон одам нархаш чанд пул гуфта напурсид. Ба болои мурда сад чӯб гуфтагӣ барин вай падарлаънати Умарбой чӣ қадар димоғамро сӯзонд. Ба болои ин гапҳои ҳар кӣ сарборӣ шуд. Агар ту, Назар, ҳамин рӯз маро нигоҳ намедоштӣ, рӯдаю шикамш Умарбойро якта мекардам.

Ашраф. Падарлаънати хӯҷаинам Умарбой ҳақиқатан ҳам аз худ рафтагӣ-дия.

Пӯлод. Ҳамин рӯз ту ҳам маро бисьёр хит кардӣ Бо ҳамин қадду баст, бо ҳамин зӯр аз ҳамон калтак хӯрда шиштия, аз барои савоб!

Назар. Ту бисьёр тезӣ мекунӣ, худатро даст гирифта наметавонӣ.

Ашраф. Пӯлод, худат фикр кун, одамизод ба саг ҳам баробар мешавад-мӣ? Набошад вай падарлаънат ба як мушти ман тоб оварда наметавонад. Лекин чӣ илоҷ! Агар ман вайро занаму дастамро бардорам ҳам, умрбод ҳаётам барбод меравад.

Пӯлод. Ашраф, ба дуньё ду бор намеой! Ту одам ҳастӣ, обрӯву номусро аз даст надеҳ.

Ашраф. Рост мегӯй, лекин намехоҳам, ки умрбод ба Сибирь бадарға шаваму занам ва бачагонам хору зор шаванд.

Назар. Дуруст мегӯй, Ашраф.

Тиқ-тиқи дар.

МАНЗАРАИ 4

Маҳкам медарояд.

Маҳкам. Ҳой, чӯраҳо, худаш чӣ гап? Ин шаҳрамон азохона шудааст-ку.

Пӯлод. Набошад чи ҳам мешуд!

Ашраф. Аз тамоми ҳавлиҳо гирьяву нолаи занон ва бачагон шунида мешуд. Ба оҳу воҳ ва доду фарьёди фуқаро одамизод тоқат карда наметавонад.

Назар. Самоворҳо холӣ, қаланг-қаланг карда истодаанд. Дар кӯчаҳо парранда ҳам пар намезанад.

Пӯлод. Ҳозир хушу хурсандӣ ба дили кӣ мегунҷад?

Маҳкам. Ҳақиқатан ҳам ин ба сари халқ як бадбахтии калон аст.

Назар. Наход ки ба ҷанг равем-а? Калонҳоямон: қозиҳо, муллоҳо ва бойҳои обрӯмандамон ба ин чӣ мегуфта бошанд?

Ашраф. Яктои обрӯмандои хӯҷаини ман Умарбой бошад, аз ҳамаи калоншавандагонамон ихлосам гашта. Вай тайёр аст, ки ба домани зани пристув саҷда кунад. Ҳамаашон ҳам бо калонҳои ҳукумат апоқу чапоқанд.

Пӯлод. Дуруст мегӯй!

Назар. Маҳкам ако, ба хаёли шумо ба ҷанг меравем-мӣ? Ё не гуфта ба як гап истем, намеравем-мӣ?

Маҳкам. Ҳайронам... Мумкин аст, ки равем... Ва шояд наравем ҳам.

Ашраф. Чӣ тавр?

Назар. Хайр, канӣ гап занед!

Маҳкам. Петрови мӯзадӯзи дар даромади бозор будагӣ ҳаст-кӯ. Ана ҳамин Петров мегӯяд, ки агар намеравем гуфта истед, ҳеҷ кас шуморо бо зӯрӣ фиристода наметавонад, ҳамааш ба худамон вобаста аст.

Назар. Хайр, аз забонаш гардам, канӣ гап зан.

Ашраф. Кошкӣ ҳамин тавр мешуд!

Пӯлод. Гапаш ҳақ аст. Гап дар худи фуқарост.

Маҳкам. Ба қавли вай гӯё худи мастировойҳои урус ҳам аз ҷанг норозӣ будаанд. *(Овозашро пасттар карда)* Ҳатто аз худи оқподшоҳашон ҳам норозӣ будаанд.

Ашраф. Оҳо, ана инаш ғалатӣ!

Назар. Ана гап дар куҷо будааст?!

Пӯлод. Намеравем мегӯем ва намеравем ҳам — вассалом!

Маҳкам. Хайр, ҷӯраҳо, забон лаҳми гӯшт-дия. Мабодо ин гапҳоро аз даҳонатон набароред! Хайр, меравем ҷӯраҳо. Як бозора давр занем-чӣ, чӣ гап бошад?

Ба ғайр аз Пӯлод дигарон мераванд.

МАНЗАРАИ 5

Хола медарояд.

Хола. Бачаякам, худаш чӣ гап? Одамон мегӯянд, ки оқподшоҳ бачаҳои моро ба ҷанг мефиристодааст! Ин ростмӣ?

Пӯлод. Парво накун бибиҷон, ҳеҷ гап не!

Хола. Пӯлодҷон, ба ман нигоҳ кун, ба чашмонам нигоҳ кун! Наход, ки ту гапатро аз ман руст куний? Вай ман мурам, хонаам сӯхт! Акнун ман чӣ кор мекунам?! Вай дод, чӣ кор мекунам! *(Гирья мекунад).*

Пӯлод. Бибӣ, ба ту чӣ шуд? Барои чӣ дод мегӯӣ? Ақлатро хӯрдӣ-мӣ?

Хола. Не, ман ба ин ҳеҷ тоқат карда наметавонам. Наход, ки ман аз ягона фарзандам ҷудо мешавам? Пӯлод, Пӯлодҷон, гӯй, ту ҳам ба ҷанг меравӣ-мӣ? Ман, модараки зорат, чӣ кор мекунам?

Пӯлод. Бибӣ, бибиҷон, ҷим шав, дод нагӯй. Ман ба ҷанг-панг намеравам.

Хола. Нарав, нарав бачаякам, ситораи бахтам, гавҳари шабчароғи шоми торикам, нарав! Тоқати ҷудоӣ надорам.

Пӯлод. Ту ҳаргиз ғам нахӯр. Бибиҷон, ман ба ҳеҷ ҷой намеравам ва ҳеҷ кас ҳам намеравад.

Хола. Илоҳӣ ҳамин тавр шавад! Илоҳӣ рӯяки оқподшоҳата мурдашӯ шӯяд.

Пӯлод. *(модаршро ба оғӯш кашида навозиш мекунад).* Дуо кун, бибиҷон, дуо!

Хола. Бачем, имрӯз алочаҳоятро нафурӯхтӣ-мӣ?

Пӯлод. Не, имрӯз бозор касодтар буд.

Хола. Як илоҷи зиндагиро ёв бачем, дар хона як гард ҳам орд намондааст, хуми равған ҳам ба таг рафта мондааст.

Пӯлод. Дуруст, ҳоло ба бозор мебароям, ҳамаашро ёфта меоям.

Хола. Ҳамин рӯз диламро реш-реш кардӣ-дия.

Пӯлод. Барои чӣ?

Хола. Дар ҳаққи Зебии бечора ҷудо ҳам бенисофӣ кардӣ. Охир одам ба занаш ҳамин хел сахт мерасад-мӣ? Бачем, ин қадар бенисоф нашав, ба домани Зебӣ намоз хондан мумкин аст.

Пӯлод. Мешавад-дия, бибиҷон!

МАНЗАРАИ 6

Зебӣ медарояд, дар дасташ дастархон ва лаълии нон.

Зебӣ. Ман чой дам кардам. Ҳамин рӯзаш қатӣ ҳеҷ чиз нахӯрдед.

Хола. Ҳа, гузар бачаякам, ягон чиз хӯр. Ман ҳозир ба ҳавлии ҳамсоя рафта меоям, бачааш касал буд, як хабар гирам, бечора. *(Хола меравад).*

Зебӣ чой меорад, хомӯшӣ.

Зебӣ. Одамон мегӯянд, ки оқподшоҳ ҳамаро ба ҷанг мефиристодааст, ин рост-мӣ?

Пӯлод. Рост.

Зебӣ. Шуморо ҳам мефиристонад-мӣ?

Пӯлод. Албатта.

Зебӣ чойро рехта дода, оҳиста-оҳиста гирья мекунад.

Зебӣ. Ман ба ҳамин умед хона карда будам-мӣ? Не, ман наменомам.

Пӯлод. Дар қатори кӯп ман ҳам меравам, чӣ илоҷ?..

Зебӣ. Не, ман наменомам!.. Агар шумо равед, ҳамроҳатон ман ҳам меравам!

Пӯлод *(ӯро ба оғӯш кашида сахт мебӯсад ва сарашро сила карда)* не, Зебиҷон, гирья накун. Ман ба ҳеҷ ҷой намеравам. Гирья накун. Ҳамаи ин корҳоро садқаи оби дидаат кун!

Дар ақиби хона гулдур-гулдур қадаммоиин одамон. Пӯлод ҷаста меҳезад.

МАНЗАРАИ 7

Пӯлод. Ин чӣ гап?

Зебӣ давида ба рӯи ҳавлӣ мебарояд. Оқсаққол ва миршаб медароянд ва аз ақиби онҳо хола медарояд.

Хола. Вай мурам, ин боз чӣ гап?

Оқсаққол. Пӯлод, писари Шодихалифа ту-мӣ?

Пӯлод. Ҳо тақсир, ман.

Оқсаққол. Аҳмақ, ту имрӯз дар бозорҷой чӣ гапҳои беҳуда гуфтӣ?

Хола. Тақсирҷон, канӣ марҳамат кунед, бишинед. Чӣ тавр шуд, ки шумо ба хонан мо якбора омадед.

Пӯлод. Тақсир, ман ҳеҷ гап нагуфтам.

Оқсаққол. Нагуфтӣ? Аҳмақ! Боз дурӯғ мегӯй-а!

Пӯлодро бо қамчин заданӣ мешавад.

Хола *(ба вай часпида, зорикунон)*. Тақсирҷон, садқаатон шавам, аз ҷаҳлатон фароед, ба мӯйҳои сафеди манигоҳ кунед, фарзанди ягонаамро азоб надиҳед, ба ҷои вай маро занед, маро кушед.

Оқсаққол. Астағфурилло...

Хола. Канӣ, марҳамат карда шинед, даматонро рост кунед, як пиёла чои гарм хӯред.

Хола меҳмондорӣ мекунад.

Пауза.

Оқсаққол. Волида, писаратон бачаи бисьёр беақлдия!

Хола. Рост мегӯед, рост, тақсирҷон. Ҳоло ёш аст. Зиндагиро надидааст.

Оқсаққол. Ҳамин рӯз чӣ қадар гапҳои беҳуда гуфтааст! Ту косиб-мӣ?

Пӯлод. Ҳа, тақсир.

Оқсаққол. Чӣ мебофӣ?

Пӯлод. Алоча, шоҳӣ, тақсир.

Миршаб *(як бӯлак шоҳиро лида)*. Ҳамин корҳоро худат бофтагӣ-мӣ?

Хола. Ҳа, тақсирҷон, худаш.

Оқсаққол. Дасту панҷаат дурусту лекин забонат ганда-дия, бачам.

Хола. Забон лаҳми гӯшт гуфтаанд. Бача ёшӣ кардааст-дия. Акнун минбаъд ҳар хел гапҳоро гуфтан намегирад. Ин дафъа аз гуноҳаш мегузаред, тақсирҷон, чӯриатон шавам.

Миршаб. Акнун равем. Ина ҳамроҳи худ мебарем-мӣ *(Мехезад)*.

Хола *(як ҷӯра алоча ва як ҷӯра шоҳиро ба оқсаққол ва як ҷӯра алочаро ба миршаб дароз карда)*. Тақсирҷон, ин ба бегзодаҳо савғотӣ-дия. Ба онҳо ҷома карда медиҳед!

Оқсаққол. Волида, агар мӯи сафеди шуморо риоя намекардам, ин писари беадабатонро даҳсола сургун карда мефиристодам-дия.

Хола. Вой ба хоки поятон гардам, ин тавр гапҳоро нагӯед, умедам аз шумо ин нест.

Оқсаққол ва миршаб мераванд.

Пӯлод. Дастмояи охирин ҳам аз даст рафт!

Х о л а. Хафа нашав, бачем, сар саломат бошад, каллапӯш ёфт мешавад.

П ӯ л о д. Рост мегӯед, бибиҷон.

Парда.

Пардаи 2

НАМОИШИ СЕЙӮМ

Ҷилавхонаи масҷиди ҷомеъ дар бозор. Дар гирду атрофаш дӯконҳо ва чойхонаҳо, мардум дар ҳаяҷон. Одамон ду-се нафарӣ ва гурӯҳ-гурӯҳ ба дарунии масҷид даромада рафтан мегиранд. Мавзӯи сӯҳбаташон фақат аз хусуси мардикоргирӣ.

МАНЗАРАИ 1

А м и н *(ба қорӣ)*. Наход ки аз фарзандони азизи худ ҷудо шавем? Бачаякам акнун аз дадаат ҷудо мешавӣ.

Қ о р ӣ. Ҳарчи ҳам бошад, бардошт кардан даркор, бардошт!

А м и н. Вой бачаякам! Бачаям биё, аҳволи дадаи ғарибатро дида, ҳамроҳи ман дод гӯй, фарьёд кун!

Қ о р ӣ. Амин-ако, ба шумо чӣ шуд! Девона шудедмӣ? Одами каппа-калон, худатона дошта наметавонед, а? Охир сабр кунед, шояд худи парвардигор ба бандагонаш инсоф диҳад.

А м и н. Охир чӣ кор кунам? Сабр, сабр то кай?

МАНЗАРАИ 2

Жандарм мегузарад, ҳама хеста таъзим мекунанд. Амин бехабар мемонад.

Ж а н д а р м. Саникӣ ҳайвон! Тур! Ана тувоя кура-дӣ? Саникӣ ҳозир сӯяди. *(Гулӯяшро нишон медиҳад.)* Сарт, ҳайвон!

Меравад.

А м и н. Ана ука, дидед-мӣ? Ана ҳамин ифлос ҳам мехоҳад, ки ман ба вай саҷда кунам. Набошад маро куштанӣ, несту нобуд кардани...

МАНЗАРАИ 3

Пӯлод медарояд.

П ӯ л о д. Ҳа, Аминбой ако, ба шумо чӣ шуд? Ақлатонро хӯрдед-мӣ? Хуб ҳам вақти гирьяро ёфтед-дия?

А м и н. Пўлодҷон уко, худат нағз медонӣ, ки умри ман ба азобу машаққат ва бо кору заҳмат гузаштааст. Ман сол боз дар дари одамон чойраккорӣ мекунам, ба мӯйҳои сафедӣ афтод, лекин то ҳанӯз дурустакак шикам сер нашудааст. Укаҷон, акнун худат гӯй, агар ман ба ҷанг равам, 8 нафар фарзанди маро кӣ нигоҳбонӣ мекунад? Хуҷаинам-мӣ? — Вай бо пушти сараш ҳам ба инҳо нигоҳ намекунад. Агар ба дараш гадо ояд, як бурда нони худро дареғ дошта, вайро зада пеш мекунад. Ана вай чӣ хел одам аст! Пас, бачагони ман чӣ кор мекунанд? *(Гирья мекунад. Ба бачааш)* Бачаам, рав бо чӯраҳоят бозӣ кун!

М а ҳ к а м. Аминбой ако, гапҳоятон маъқул. Агар шумо набошед, бачагонатон аз гуруснагӣ мемуранд. Ана аз барои ҳамин ҳам нарафтан даркор ва намеравем гуфтан ва ба як гап истодан лозим аст!

А ш р а ф. Хӯҷаинам ҳамин пагоҳӣ, «Ашрафбой, тадир-дия, рафта як урусияшро тамошо карда меоед-дия» гӯён мазмун кард.

М а ҳ к а м. Ашрафбой-саркор барои хӯҷаинатон аз шумо беҳтар гӯшти миёнқабурға нест.

А ш р а ф. Дуруст мегӯед-куя, лекин аз 4 писараш як-таашро фиристодан гирад-дия! Ба ман чӣ! Ҷони мо ҳам ҷон, бародар.

Н а з а р. Ашрафбой-саркор, тушберая хом шумурдед.

А ш р а ф. Хом шумурдам ё пухта, ҳеҷ аҳамият надорад. Ман дар ҳамин хоки худам мемурам, аммо ҳаргиз ба ҷанг намеравам. Гапи ман якта аст!

П ӯ л о д. Ашрафбой-саркор асло аз қавлатон нагардед!

МАНЗАРАИ 4

Одамон, мард ва зан медаролиданд.

З а н о н. Вай балом, вай балом, вай балом! Мурдаам дар кӯча мемонад, хонаам сӯхт, вай балом! Акнун чӣ кор мекунам, соҳиби мурда, зиндаам ба ҷанг меравад, вай мурам, мурам! Кошкӣ ҳамин рӯзҳоро надида мемурдам, вай мурам, вай мурам, вай мурам!

М а ҳ к а м. Хоҳарон, модарон ва бародарон, ҳамаатон як дилу як ҷон шавед! *(Ба пеши як гурӯҳ)* Бо як овоз гӯем, ки «не, мо мардикор намедиҳем!» ҳеҷ кор карда наметавонанд.

А ш р а ф. Маҳкамбой дуруст мегӯяд, дар гапи худ сахт истодан даркор аст.

Пӯлод. Дуруст, албатта дар байни шумо одами ба марги худ розӣ нест, ҳамин тавр не-мӣ?

Ҳама. Ҳамин тавр.

Пӯлод. Хӯш, кӣ мурданро мехоҳад? Ҳеҷ кас!

Ҳама. Ҳеҷ кас!

Пӯлод. Мо ба ҷанг намеравем! Мо мурданро намехоҳем!

Садоҳо. Дуруст, тӯғрӣ, рост!

Маҳкам. Модарон ва падарон, асло розӣ нашавед, ки фарзандонатонро ба ҷанг фиристонанд!

Пӯлод. Не гӯед, дод гӯед, набошад аз фарзандони азизи худ ҷудо мешавед!

Ашраф. Мо ба ҷанг намеравем! Мо мурданро намехоҳем!

МАНЗАРАИ 5

Мударрис, қозӣ, Умарбой ва Қориҳайдар меоянд.

Амин *(рафта онҳоро ғиёрат мекунад)*. Тақсирон, агар ин балоро аз сари мо дур накунетон, ҳамаамон нобуд мешавем.

Мударрис. Амри подшоҳ бо амри худо баробар аст!

Қозӣ. Биноаналайҳ, ҳар як бандаи мӯъмин бояд ба амри подшоҳи худ итоат кунад!

Маҳкам. Тақсир, ин тавр ки бошад, худатон итоат кардан гиред!

Пӯлод. Халқи мо ҷони бекора надорад, ки ба фармони подшоҳ итоат мекунам гуфта ҷонашро фидо кардан гирад!

Умарбой. Фуқаро бояд фармонбардор бошад!

Ашраф. Хӯҷаин, худатон фармонбардор шудан гиред!

Маҳкам. Муллоумарбой, бас аст, худатон рафта ба зери пои ҳокими шаҳр саҷда кардан гиред.

Ғалоғулӣ.

Қориҳайдар. Бародарон, хомӯш! Душман ватани муқаддаси моро поймол карданӣ аст. Агар мо ба давлати императори аъзам ёрӣ расонем, бо ҳамин Туронӣ азиз, хоки бобоёни соҳибқиронамонро аз тааддӣ ва зӯрии душман мудофиа мекунем. Императори аъзам қаҳрамонӣ ва ҷонфидоии фуқароёшон — халқи Туркистонро талаб ме-

кунанд. Ба ватан ва ба давлат ёрй расонидан ба гардани ҳар як мусулмон қарз аст.

Назар. Мо аз ҳеҷ кас қарздор нестем!

Пӯлод. Агар шумо аз подшоҳи хунхӯр қарздор бошед, худатон ба ҷанг рафтан гиред!

Ашраф. Мо ҷони бекора надорем!

Қозй, мударрис, Умар ва Қориҳайдар ба дарунй масҷид даромада мераванд.

Ҷосус. Ҳоким омада истодаанд!..

МАНЗАРАИ 6

Аз дарунй масҷид калонҳои маҳалла давида мебароянд. Халқ ба ду тараф ҷудо шуда роҳ кушода меистад. Ҳоким Рубин меояд. Ӯро оқсаққолҳо иҳота карда гирифтанд. Мардум таъзим мекунанд.

Ҳолаа *(бо фаранҷй аз байни мардум баромада)*. Тақсирҷон, садқаатон шавам, ба ҷони бачаам маро кушед. Тақсирҷон, раҳм кунед. Илоҳо, худо ба шумо умри дароз диҳад. Маро хонавайрон накунед.

Умарбой. Ҳой кампири бетамиз, хез, дар пеши ҳамин қадар одам харй накун!

Ҳокиму оқсаққолон ба масҷид медароянд, аз паси онҳо Умарбой ва дигарон равона мешаванд.

Пӯлод. Бибиҷон, хез, ранги рӯятро зард накун! Магар аз номард мадад талабидан айб нест!

Маҳкам *(ба халқ)*. Ана дидед, бойҳон бообрӯятон ба лесидани ҳоки пои амалдори подшоҳ ҳозир ҳастанд. Худатон ба чашматон дидед, ки бойҳо ва муллоҳоямон мо фуқароро маҳв барои обрӯ ва эътибори худро нигоҳ доштан фурӯхта истодаанд. Агар ҳамаамон як дилу як қавл нашавем, мисли ҳайвон фурӯхта мешавем. Яъне қурбони хушомадгӯйи амалдорҳои худамон мешавем!

Холаа. Илоҳй калонҳоятон ҷавонмарг шаванд. Рӯзи рӯшноӣ набинанд!

Парда.

Ғалаёни халқ. Аз дарунй масҷид Рубин, қозй, мударрис ва дигарҳо мебароянд.

Умар. Ҷим, ҷим, ҳозир ҷаноби ҳоким гап мезананд!

Рубин. Фуқаро, ба ҳама маълум аст, ки аълоҳазрати император фармон баровардаанд, ки аз шумо, мардуми Туркистон, мардикор гирифта шавад. Ин ба шумо сад-

ҳо боварии калони аълоҳазратро нишон медиҳад. Бояд шумо ба ин фахр кунед ва қарзи худро бо садоқат ба ҷо биёред. Боз як бори дигар мегӯям, ки бояд шумо фахр кунед, ки аълоҳазрат императори аъзам ба шумо, мардуми Туркистон, бовар карданд ва шуморо ба хизматашон даъват намудаанд. Ё гапҳои ман нодуруст-мӣ? *(Пауза.)* Да, да, дар байни шумо одамоне ҳастанд, ки аз қонашон сер шудаанд. Мо инро нағз медонем. Шумо ба гапҳои ивогарон ва фиребгарон бовар накунед. Фармони аълоҳазрати императори аъзамро бечунучаро ба ҷо овардан даркор аст. Да, нағз мулоҳиза кунед, то ин ки дар охир пушаймон нашавед.

Маҳкам *(аз таги дар ба Рубин.)* Тақсир, гапҳои ҷаноби генерал-губернатори Туркистон Кауфман гуфтагиро аз ёд баровардетон-мӣ?

Рубин. Аз ёд набаровардем, мо аз шумо солдат намегирем, фақат мардикор мегирем.

Маҳкам. Тақсир, ду понздаҳ як сӣ... Солдат ҳам ба ҷанг рафта мемурад, мардикор ҳам. Чӣ фарқ дорад?!

Умарбой. Хомӯш, аблаҳ!

Маҳкам. Даҳонатро ялоқ барин кушодан нагир. Аблаҳ аз ту зиёд намешавад!

Жандарм. Убирать!

Хола. Вай дод, ин чӣ бедодист!

Пӯлод. Мардум, ба гапҳои инҳо бовар накунед, инҳо моро фиреб медиҳанд! Мо ба ҷанг намеравем, мо ҷангро намехоҳем!

Садоҳо:

— Мо ба ҷанг намеравем!

— Мо ҷангро намехоҳем!

Маҳкам *(ба Рубин)*. Тақсир, дидед-мӣ, фуқаро чӣ тавр норозист. Мардум ҷангро намехоҳад. Ҷону молу мулки худро муҳофизат кардан мехоҳад. Лекин шумоён ҳукумат ва ҳукуматдорон ҳар рӯз як балою офати нав, як зулму тааддии навро ба сари ин фуқаро мебиёред.

Ғалаёни халқ.

Қозӣ. Мардум, хомӯш, ҷим, ҷим! Монед, ҷаноби мударрис гап зананд.

Мударрис. Барои ҳар як бандаи худо ва уммати Муҳаммад мустафо, қатъи назар аз дину мазҳаби подшоҳ, ба ҷо овардани ҳар як амр ва фармони он фарз аст. Фуқаро, мо бояд фармуди худо ва расулашро ба ҷо овар-

да, ба давлати адолатпарварамон оқподшоҳ гардан фуроварда, фармонҳои императори аъзамамонро ба ҷо биёрем! Имрӯз подшоҳи одиламон аз мо мардикор талабидаанд, бояд бечунучаро бидиҳем. Агар ба подшоҳамон даркор бошад, бояд ҷонамонро ҳам дареғ надорем. Ин амри худо ва пайғамбар аст.

Пӯлод. Мардум! *(Ҳама хомӯш мешаванд).* Бас аст! Дигар ба афсонаҳои ин ҷанобон гӯш накунед! Ин афсонаҳо хонаи шумороро хароб мекунанд, фаҳмидед?

Хола. Тақсирҷон, садқаи хоки поятон шавам, наход ки ба несту нобуд шуда рафтани фарзанди мо дилатон шавад?!

Ғавго, талотӯп.

Пӯлод *(Баъд аз андак пауза).* Гиред!

Ҳуҷуми халқ. Солдатҳо халқро пеш мекунанд. Амин ва модари Назар тир хӯрда мемиранд. Халқ пароканда мешавад. Саҳна холӣ. Писари хурди Амин Падарашро кофта меояд ва мурдан ӯро меёбад.

Бача. Дада, хезед, хезед! Чуба ин ҷо хоб кардед? Дада, хезед, бувам ҷеғ мезанад, хонаба мерем, хезед, хезед!

Парда.

НАМОИШИ ЧОРУМ

Маҳтобшаб, шипанг, сарҳавз дар боғи Ашраф.

МАНЗАРАИ 1

Ашраф рӯи палосро рӯфта менигад.

Қорӣ *(даромада).* Ашрафбой, ин ҷо биёед, дастатонро ба дилам монда бинед, чӣ хел мезанад!

Ашраф. Худаш чӣ гап? Ба шумо чӣ шуд?

Қорӣ. Ҳазил-мӣ? Шабона бо роҳҳои тангу торики боғот ин ҷо омадан осон-мӣ? Ғайр аз он, охир мо ба зиёфат намеомадем-ку!

Ашраф. Қонл ман ба шумо! Бо ҳамин дил, дуруст ки гурдакаф нашуда омада расидед.

Қорӣ. Дигарҳо каӣ? Пӯлод каӣ? Вай урусашон мебиёяд-мӣ?

Ашраф. Ҳозир ҳамаашон мебиёянд.

Қорӣ *(мешинад).* Ашрафбой чӣ, росташро гӯям-мӣ? Ман аз ҳамин кори мекардагиамон ҷудо метарсам-дия!

Ашраф. «Агар аз чумчуқ тарсӣ, арзан накор» гуфтаанд, лекин чӣ илоҷ? Чӣ фарқ дорад? Дар ҷанг ҳам мемурдем, дар ин ҷо ҳам мемирем.

Қорӣ. Росташ, ки бисьёр метарсам. Беҳуда несту нобуд шуда меравем.

Ашраф. Хӯш, набошад чӣ кор кардан даркор?

Қорӣ. Ҳамин корҳои гандаро накардан даркор. Медонед-мӣ, мо чӣ кор кардани ҳастем? Ба муқобили оқподшоҳ ҷанг кардани ҳастем-а, ҷанг! Шишта-шишта аз ҳамин Пӯлод ҳам хафа мешавам. Ин хел номаъқулиҳо барои чӣ даркор аст?

Садои ҳуштак. Ашраф ҳам бо ҳуштак ҷавоб медиҳад. Ду нафар деҳқон дар китфҳояшон як бандӣ гӯзапояро бардошта медароянд.

Ашраф. Не, Қорӣ, ман ҳам аввал дар ҳамин фикр будам. Дар ин хусус бисьёр андеша кардам. Дигар роҳ наёфтам. Агар ман ба ҷанг равам, ҳар чӣ бошад ҳам, зану бачагонам дар ин ҷо аз гуруснагӣ мемиранд, ҳеҷ кас ба онҳо як бурда нон намедиҳад. Беҳтар аст, ки дар ҳамин ҷо бимирем, ҳеҷ набошад, бачагонам дар кӯчо будани гӯрамро медонанд-ку!

Қорӣ. Гапатон рост-ку, лекин ман гаранг-дия. Намедонам, дилам ба омад кардани ин корамон об намехӯрад. Боварӣ надорам.

Ҳуштак. Ашраф ҳам ҳуштак мекашад.

МАНЗАРАИ 2

Пӯлод ва Назар медароянд.

Пӯлод. Салом! Дигарҳо каний? Аз Маҳкам дарак нест-мӣ?

Ашраф. Не, даракашон нест!

Пӯлод. Хайр, омада мемондаген. Хӯш, Қорӣ, гап зaнед.

Қорӣ. Ба омадани ман фурсати як чойхӯрӣ шуд. Ашрафбой қатӣ чақ-чақ карда шиштем.

Назар. Қорӣ, аз аҳволи бачагони Амин ако хабар гирифтед-мӣ?

Қорӣ. Ҳамин рӯз пеш аз шом даромада, қуръон хонда баромадам. Ба ҳоли занаш ва бачагонаш бисьёр раҳмам омад-дия. Бечораҳо.

Ашраф. Ба ин камбағалҳо бисьёр ҷабр шуд.

Пӯлод. Дар ҳамин рӯзҳо каму беш ёрӣ ғундошта ба

онҳо додан даркор аст. Баъд ягон илоҷашро меёбем. Намемонем, ки кӯдаконаш аз гушнагӣ муранд.

Қорӣ. Нағз мешавад!

Назар. Ашрафбой, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз оварда-мӣ?

Ашраф Ҳа. *(Қуролҳои руст карда мондагиро нишон медиҳад).*

Пӯлод. Ҳамааш ҳамин-мӣ?

Ашраф. Не, боз ҳаст.

Дар дигар тараф будагӣ қуролҳои руст кардаро нишон медиҳад

Пӯлод. Баракалло, Ашраф ако!

Қорӣ. Пӯлодбой, шумо чӣ кор кардаӣ? Пагоҳ бо солдатҳо ҷанг-панг ҳам кардаӣ-мӣ?

Пӯлод. Ҳа, хаёли буҷулбозӣ карданро надорем.

Қорӣ. Роставшро гӯям-мӣ? Худаш чӣ гап, намефаҳмам. Охир худатон фикр кунед, хунрезии беҳуда ба чӣ маънӣ аст?

Назар. Нафаҳмидед-мӣ?

Ашраф. Боз сар шуд... Қорӣ тозаям одами ҳарина будед-дия.

Қорӣ. Хӯш, ба даҳонамон лой молида монем-мӣ?

Пӯлод. Хӯш, Қорӣ, канӣ гап занед, чӣ гуфтанӣ ҳастед?

Қорӣ. Ман ҳаминро гуфтанӣ ҳастам, ки беҳуда хунрезӣ мекунем. Ба ҷои ин салоҳи корро ёфтан даркор аст. Ба ҷои ин ба пеши калоншавандаҳоямон: қозӣ, мударрис ва бойҳои обрӯмандамон рафтан, ба онҳо таваллову зорӣ кардан лозим аст, то ки бо калонҳои урус бошад ҳам илоҷи ин корро кунанд, пеши ин корро гиранд. Ана чӣ гуфтанӣ ҳастам.

Ашраф. Қорӣ, тушбераро хом шумурдед.

Назар. Қорӣ, ҳоло ҳам дар хоб будед.

Пӯлод. Воқеан дирӯз дар ҷомеи бозор шудагиро фаромӯш кардед-мӣ? Дар ҳамон ҷо, ҳамон калоншавандаҳоямон: қозӣ, мударрис ва бойҳоямон ба доираи ҳокимиятшаҳр — Рубин бозӣ накарданд-мӣ? Боз аз онҳо чӣ умед мекунед? Агар рӯзамон ба онҳо монад, тақдирамонро онҳо ҳал кунанд, ҳоламон хароб мешавад! Биёед, Қорӣ, ин гапҳоро ба як тараф мемонему ба кор сар мекунем.

Назар. Маҳкамино бедарак шуданд-а?

Пӯлод. Шояд ҳозир биёянд.

Ашраф. Хеле бевақт монданд.

Аз як тарафи қабристон садои хишир-хишир ва шатар-шатар шунида мешавад.

Назар. Ҷим! *(Ишора мекунад. Ашраф ва Назар ба ду тараф давида мераванд).*

Қорӣ. Боз ин чӣ бало буд?

Пӯлод. Сабр кунед!

МАНЗАРАИ 3

Ашраф ва Назар ҷосусро дастгир карда меоянд.

Ҷосус. Акаҷон, тасаддуқатон шавам, мана назанед, роҳгузар будам, наздик шавад гуфта омадам.

Ашраф. Падарлаънат роҳгузар бошӣ, дар қабристон чӣ номаъқул мекунӣ? *(Заданӣ мешавад).*

Ҷосус. Пӯлодҷон ако, хоки поятонро лесам, маро аз дасти инҳо халос кунед.

Пӯлод. Ту кистӣ, дар ин ҷой чӣ кор мекунӣ?

Ҷосус. Акаҷон, мана нашинохтед-мӣ? Ман аз поёни маҳаллаи шумо, писари Аҳмадбои ҷаллоб. Имрӯз ба боғи тағом рафта будам. Акнун ба шаҳр рафта истодаам.

Пӯлод. Ашрафбой ако, имшаб ин касро меҳмон кунед.

Ишора мекунад. Ашрафбой ҷосусро гирифта мебарад.

Қорӣ. Ин бача чикора аст?

Назар. Бекора. Падараш гӯсфандҷаллоб. Худаш бекор, саланг-саланг карда мегардад.

Пӯлод. Ин бачаи ганда аст. Дар ин тарафҳо ҳеҷ як хешу табор надорад. Дар ин нимаи шаб ба ин ҷойҳо омадани ӯ бегап нест.

МАНЗАРАИ 4

Хуштак. Назар ҷавоби хуштакро медиҳад. Маҳкам ва Петров меоянд. Вохӯрии гарму ҷӯшон.

Петров. Ҷудо ҳам дур будааст-дия. Ашрафбой канӣ?

Назар. Ҳозир меояд.

Пӯлод. Петров ака, дар омади кор шиша сандон шиканад гуфтаанд. Дидед-мӣ? Кори мо омад кардааст. Навакак як ҷосусро дастгир кардем.

Маҳкам. Рост-мӣ?

Петров. Нагз. Пас маълум мешавад, ки аз ақибамон афтодаанд.

Назар. Гумон намекунам. Вай фақат аз ақиби Пӯлод мегардад. Дирӯз вайро дар ақиби ҳавлии Пӯлод дида будам.

Пӯлод. Ин дуруст аст.

Петров. Ба ҳар ҳол ҳушьёр шудан даркор аст.

Қорӣ. Ҳолӣ вай қосус буд-мӣ? Эй, доде! Акнун хонаамон сӯхт! Ҳамаамонро бурда қава мекунанд!

Маҳкам. Хӯш, бурда қава кунанд-чӣ?

Қорӣ. Мулломаҳкам, ба шумо ягон гап шудагӣ-мӣ? Аҳлатонро хӯрдед-мӣ? Ака Петров худатон гӯед, ин чӣ гап аст?

Петров. Ин ҳеҷ гап нест. Агар қава кунанд, боз мебароем. Агар сар надиҳанд, аз турмаашон мегурезем. Асло натарсед, Қорӣ ака!

Пӯлод. Қорӣ ака, монед, акнун, камтар бевоҳима шинем!

МАНЗАРАИ 5

Ашраф медарояд.

Ашраф. Салом.

Маҳкам. Мо омадему шумо ким ба куҷо рафтед.

Ашраф. Не-е, ба шумо нагуфтанд-мӣ?

Петров. Гуфтанд, гуфтанд. Кор нағз шудааст.

Пӯлод. Чӣ кор кардед?

Ашраф. Ба дарахт сахт чанбарпеч карда баста мондаму ду касро қаровул гузоштам.

Назар. Э, вайро чӣ кор мекунем?

Пӯлод. Ба фикри ман, гапро дароз накарда, ба қояш — ба қаҳаннам фиристодан даркор аст.

Қорӣ. Лоҳавла ва лоқуввата, илло биллоҳил алиюл азим. Хӯш, ҳоло одамкушӣ ҳам мекунем-мӣ?

Маҳкам. Дод нагӯед, Қорӣ, агар лозим шавад, мекушем ҳам.

Петров. Пагоҳ вайро ба ягон қои дур фиристодан лозим, то ки имрӯзҳо дар шаҳр набошад.

Пӯлод. Ин дуруст *(пауза)*. Канӣ, гап занед, Петров ака!

Петров. Чӣ гӯям? Пагоҳ дар соати 12 рӯз поезд ба станцияи мо меояд. Ана чораи ҳаминро дидан даркор аст.

Маҳкам. Канӣ, Пӯлод, ту гап зан, чӣ мегӯӣ?

Пӯлод. Ман чӣ ҳам мегуфтам, мо бо Назар якчанд одамони дилпур мешудагиро ҷамъ кардем, ҳоло онҳо дар боғи Очил ака мебошанд, яроқҳои будагиро ба ҳамонҳо тақсим карда додан даркор аст. Коре кардан даркор аст, ки мисли дирӯза сару калобаамонро гум карда намонем.

Ҳозир халқ аз ҷонаш сер шудааст. Барои ин ки мардикор надиҳад, аз фарзанди азизаш ҷудо нашавад, агар ба халқ гӯй ки худатро ба дарьё андоз ё ба оташ ҳаво дех, не намегӯяд. Пас, одамони шаҳр ва қишлоқҳои атрофро ғуп карда, ба станция рафтан, ба солдатҳо барои даромадан ба шаҳр роҳ надодан даркор аст. Гап тамом!

Назар. Дуруст.

Ашраф. Ин гапи маъқул аст.

Ҳама. Бисьёр гапи маъқул.

Петров. Да, да, ҷуволро дар ин ҷо мондан даркор не, ба дасти соҳибонаш супурдан даркор.

Ҳама. Дуруст дуруст.

Пӯлод. Назар, ту одамҳоро гирифта биёр.

Назар. Хуб шудааст *(баромада меравад)*.

Маҳкам. Халқро чӣ тавр ҷамъ мекунем?

Петров. Ана гап дар ҳамин аст, ҳозир вақт нагузарад, ба қишлоқҳои наздик одам фиристодан лозим, то ки дар вақти саҳар одамонро ҷамъ карда ба станция раванд. Дар шаҳр ҳам ҳамин тавр кардан лозим. Лекин инро бо оҳистагӣ ва ҳушьёрӣ кардан даркор, то ин ки касе пай набарад ва пагоҳ раҳҷан кор вайрон нашавад.

Пӯлод. Ашрафбой ва Қорӣ ба қишлоқҳои атрофи шаҳр мераванд. Назар дар сари роҳ Шарифҷонро мегираду ба қишлоқҳои дар он тарафи станция будагӣ меравад. Ман ва Маҳкам ака маҳаллаҳои шаҳрро давр мезанем. Ба мо ёру ҷӯраҳо, албатта, мадад мерасонанд.

Петров. Ман ба одамҳои ҷамъ шудагӣ камтар қонун ва қоидаи ҷангро ёд медиҳам.

Қорӣ. Ман ба ҳеҷ куҷо намеравам.

Маҳкам. Қорӣ баъд пушаймон мешаведу аммо суд намекунад.

Қорӣ. Ба рехта шудани хуни бегуноҳҳо бо дасти худ ёрӣ намедиҳам.

Пӯлод. Наравед. Лозим нест.

Ашраф. Наравед, бе шумо ҳам корамон мешавад.

Петров. Қори ака, камтар хато мекунед. Хайр, майлаш.

Назар. Ҳамаро овардем.

Пӯлод. Биёянд.

Петров. Да, да. Хӯш, чӣ хел яроқҳо доретон?

Пӯлод. Ҳар хел. *(Хеста гӯзапоёҳоро мекушояд, ангорон ёрӣ медиҳанд. Аз дарунаш аз панҷтира сар карда то ҳар гуна таппончаҳо, ҳар хел яроқҳо мебароянд)*. Хуб,

рафтан лозим. Вақт нагузарад. *(Ҳама аз ҷояшон мехезанд).*

Петров. Рафиқон, шумо натарсед, аммо ҳушьёр бошед, худатонро эҳтиёт кунед, ҳаминро ҳам аз хотиратон набароред, ки шумо танҳо нестед. Ҳамаи коргарҳои рус ва дигар миллатҳо ҳам ҳамроҳи шумоянд. Ба шумо ёрӣ медиҳанд. Ба афсонаҳои ин урусу вай тоҷик, ин ӯзбеку вай арманӣ гӯш накунед. Инҳо сафсатаанд.

Пӯлод ба ҳар яке яктой таппончаи медиҳад. Корӣ намегирад.

Пӯлод. Петров ака, вақт нагузарад, рафтан даркор.

Петров. Хуб, рафтем.

Пӯлод. *(Назарро бозгошта).* Ту Шарифҷона гиру боқимондаи одамонро ҷамъ кун!

Назар. Хуб *(баромада меравад).*

Пӯлод. Хайр *(чашмаш ба Корӣ афтода),* ҳа, Корӣ, шумо намеравед-мӣ?

Корӣ *(баъд аз андак сукут ва дудилагӣ ба Пӯлод часпида).* Пӯлод, Пӯлодҷон, гӯй, гӯй, ман чӣ кор кунам?

Пӯлод *(табассум карда).* Занат ва бачагонатро дӯст дорӣ, ана гир! *(таппончаро дарол мекунад. Корӣ мегирад. Ҳамдигарро ба оғӯш мекашанд).*

Корӣ. Рафтем!

Пӯлод. Рафтем *(меравванд).*

Парда.

Пардаи 3

НАМОИШИ ПАНҶӮМ

Кабинет. Дар паси стол Рубин нишастааст. Ӯ занг мезанад.

МАНЗАРАИ 1

Дар дами дар адъютант ҳозир мешавад.

Адъютант. Слушаюсь.

Рубин. Начальника станции.

Адъютант. Есть.

МАНЗАРАИ 2

Сардори станциян роҳи оҳан медарояд.

Сардори станция *(ба назди Рубин омада).* Ҷанобашон хабар доранд, ки поезд аз Самарқанд дар соати

12 шаб баромада буд. Вақти омаданаш кайҳо гузашт. Аз рӯи ин телеграмма маълум мешавад, ки дар аснои роҳ сартҳо сар бардоштаанд. Шояд онҳо поездро дошта монда бошанд.

Рубин. Чӣ? Магар ту ақлатро хӯрдӣ, ту чӣ гуфта истодаӣ? Сартҳо! Телеграмма деҳ, ки поезд фавран биёяд, фаҳмидӣ?

Сардори станция. Хуб шудааст! Лекин телеграммаро ба кӣ диҳем. Ман 5 маротиба пай дар пай телеграмма додам, ҷавоб нест. Тамоми станцияҳо ба дасти сартҳо гузаштагӣ. Начальникҳои станцияҳо гурехтагӣ барин менамоянд. Бинобар ин барои маслиҳат ба ин ҷо омадам.

Рубин. Хомӯш! Сартҳо! Сартҳо киёнанд? Саркашон, ваҳшиён ва ифлосонанд... *(Ба адъютант)* Навис! *(Дикта мекунад)*. Ба фармондеҳи эшелони ҳарбӣ... аз номи генерал губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд таклиф мекунам, ки поезд фавран ба сӯи Фарғона ҳаракат кунад. Таъхир накунед! Телеграфро зуд фиристӣ! Фаҳмидӣ? Пока.

Сардори станции меравад.

Гӯй мингбошӣ, Қорӣ дароянд!

Адъютант. Есть.

МАНЗАРАИ 3

Рубин ба асабоният рӯ-рӯи хона қадам мемонад. Саросема Ҳайдар ва мингбошӣ медароянд.

Мингбошӣ. Тақсир, чашми фуқаро беқост. Одамон тӯп шуда, азои катӣ ким ба куҷоҳо рафтанд. Мо ин аҳволро дида, Қорӣ акам катӣ шуморо ҷустуҷӯ намуда, ба ин ҷо омадем.

Қориҳайдар. Ҳақиқатан ҳам аҳвол хуб нест.

Рубин. Халқи шумо кӯрнамак аст.

Қориҳайдар. Рост мегуёд, тақсир.

Рубин. Давлати рус барои Туркистон чи қадар ҷон коҳонд, ки ин кишвари камбағалро бой кунад.

Мингбошӣ. Хо, тақсир, мо шоҳиди зиндаем.

Қориҳайдар. Бой ҳам кард, дар сояи давлати рус ҳузур ва ҳаловат ҳам кардем.

Рубин. Лекин халқи шумо, ин сартҳои аҳмақ, ба ҷои раҳмат ва фармонбардорӣ ба даст милтиқ, шашпар,

табар ва санг гирифта ба зидди ҳукумат баромад. Ба ҳар тадбири мо муқобил шуд.

Мингбоши. Тақсир, ҷанобашон нағз медонанд, ки халқи мо нодон ва ҷоҳил аст. Манфиати худро намедонад.

Қориҳайдар. Оҳ, кош ин авомуннос дӯсташро аз душманаш ҷудо карда метавонистагӣ мешуд, кош падари ҳақиқии мо будани подшоҳи аъзамамонро медонист ва ба қадрашон расида, фармонбардори содиқашон мешуд!

Рубин. Хӯш, авомуннос, ки ҷоҳил ва нодон будааст ва дӯсташро аз душманаш ҷудо карда наметавонистааст, барои ҳақиқатро ба онҳо фаҳмонидан, шумо ва шумо барои одамони аз замони ва аз олам бохабар чӣ кор кардед? Оё ба авом фаҳмонидед, ки вай бо роҳи нодуруст, бо роҳи аҳмақӣ рафта истодааст?! Агар вай фармони аълоҳазрат подшоҳи аъзамро ба ҷо наёрад, торумор мегардад. Фаҳмидед-мӣ?

Қориҳайдар. Тақсир, нағз фаҳмидаем. Лекин чӣ илоҷ? Ин халқи нодони мо гапро нафаҳмад, чӣ кор кунем?

Мингбоши. Фаҳмиданро ҳам намехоҳад.

Адъютант. *(дар дами дар пайдо шуда)*. Оқсаққолҳо омаданд.

Рубин. Гӯй, дароянд.

Адъютант. Есть! *(Мебарояд)*.

Рубин. Шумо фаҳмонида натавонед, мо нағз фаҳмонида метавонем. Солдатҳои далер, тӯпу туфанг нағз мефаҳмонанд.

МАНЗАРАИ 4

Оқсаққолҳо меоянд.

Оқсаққолҳо. Салом, тақсир *(таъзим мекунанд)*.

Рубин. Ҳа, оқсаққол, шумо чӣ мегӯед? Шумо ҳам калоншавандагони ҳамин авом-ку!

Оқсаққоли 1. Ҳо, тақсир!

Рубин. Хӯш, ба ҳамин саркашии авом шумо чӣ мегӯед? Дуруст-мӣ?

Оқсаққол. Не, тақсирҷон, кори хатост.

Рубин. Хо-хо-хо! Кори хатост! Кори хатост! Не, ин кори хато нест, ин ҷиноят аст. Барои ин ҳар кас ки бошад, тирборон карда мешавад, ё ҳеҷ набошад, умрбод ба Сибирь бадарға мегардад.

Оқсаққоли 1. Албатта тақсир!

Рубин. Бале, хӯш, акнун гап занед, барои иҷро шудани фармони мардикоргирӣ шумо чӣ корҳо кардед?

Мингбоши. Тақсир, бисьёр ҳаракат кардем. Ҳамин, ки фармони оқподшоҳамон баромад, на шаб гуфтему на рӯз, аз таҳти дил ҳаракат кардем, ки фармон бегуфтугӯ иҷро карда шавад. Лекин халқи нодон ин хидмати моро надонист, чӣ хизмат? Тӯҳмат кард, тақсир!

Рубин. Да, да! Молодец, офарин!

Оқсаққоли 1. Ба шумо, ҷаноби Рубин, калонҳои обрӯйманди мамлакат зид баромад. Саркашӣ кард.

Рубин. Ҳеҷ гап не. Ақлаш медарояд, саросема нашакед. Равед, дар байни сартҳои аҳмақатон корро давом диҳед, насиҳат кунед, розӣ кунед.

Қориҳайдар.

Оқсаққолҳо.

Мингбоши.

Хайр, паноҳ ба худо. Саломат бошед.

Мераванд.

МАНЗАРАИ 5

Давида адъютант меояд.

Адъютант. Телеграмма.

Рубин. Хон!

Адъютант *(мехонад)*. «Дар тамоми шаҳру қишлоқҳои Фарғона сартҳо безобита шуда истодаанд. Фавран ёрӣ фиристонед!»

Рубин. Чёрт его знает что такое? Хорошо, ҳозир мазмуни ин телеграммаро ба Тошкент маълум кун!

МАНЗАРАИ 6

Офицер медарояд.

Офицер *(рапорт медиҳад)*. Станцияро сартҳо гирифтаанд. Роҳи оҳан ва кӯпрук вайрон карда шудааст. Сартҳо ба тарафи шаҳр нигоҳ карда ҳаракат карданд, чӣ бояд кард?

Рубин. Чёрт знает. Ман подполковник Ивановро фиристода будам. Вай аз ӯҳдаи як станцияро нигоҳ доштан набаромадааст. Аз Тошкент чӣ хабар?

Офицер. Ҳеҷ хабар нест!

Рубин. Аз ӯҳдаи қалъаро муҳофизат кардан мебароед, ё не?

Офицери 1. Ростӣ, ҳайрон ҳастам.

Рубин. Шумо офицери армияи бузурги рус шарм намедоред ва мегӯед, ки ҳайронам! Фармон медиҳам, ки

то омадани ёрмандӣ аз Тошкент ё аз Самарқанд қалъа дар даст нигоҳ дошта шавад! Фаҳмидед? Бимиред ҳам, то омадани ёрдам, қалъаро нигоҳ доред! Фаҳмидед? Тамоми қувваро сафарбар намоед! Ҳатто ба солдатҳои бемор ҳам яроқ диҳед. Пулемётро тахт карда монед! Тӯпҳоро тайёр карда монед! Баъд ҳаминро аз ёд набароред, ки ин сартҳои ваҳшӣ ба чарми пошнаи мӯзаи солдати рус ҳам намеарзанд. Ба ин сагон раҳм накунед. Касе ки рост меояд, тирборонаш кунед, ҳатто ба занон ва бачагони ин ваҳшиён ҳам раҳм накунед! Фаҳмидед?

Офицери 1. Фаҳмидам! *(Гапҳои Рубинро такрор мекунад).* Иҷозат диҳед, ман равам.

Рубин. Кругом, шагом марш!

Офицер меравад. Рубин ба хонааш телефон мекунад.

Тамара, Тамараҷон, хӯрок тайёр-мӣ? Сарам бисьёр дард карда истодааст, ба хизматгор гӯй, ки камтар винои хуб биёрад, ман ҳозир ба хона меравам *(худ ба худ)*. Ман намедонам ба ин офицерҳои подшоҳӣ чӣ бало шудааст? Ин қадар оиҳо аз ин сартҳои ваҳшии беяроқ метарсида бошанд? Агар рӯзамон ба ҳамин хел ҳезалакҳо монад, намедонам ҳоламон чӣ мешуда бошад?

Адъютант. Полиция як шӯришчиро даст гирифтааст, иҷозат диҳед дарояд.

Рубин. Гӯй, дарояд.

МАНЗАРАИ 7

Полиция як мардакро кашола карда меояд, яродор Аз думболаш модараш Ҳалима часпон-часпон меояд.

Рубин. Чӣ гап?

Полиция. Ин сарт, полициян дар пости пеши кӯпрук истодагиро кушт, қуролҳояшро гирифта истода будааст мо, ду кас, яродор карда даст гирифтем.

Рубин. Эх сволочь! *(Як шаппотӣ меаҳад. Мардак ба Рубин ҳучум карданӣ мешавад. Полиция ба вай таппонча тӯғрӣ мекунад. Мардак таппончаро аз дасти полиция зада меафтонад ва аз тиреза баромада мегуреза д. Полиция таппончаро аз замин гирифта мехоҳад, ки аз думболи мардак парронад, Ҳалима наметонад. Полицияро тела дода мефиристонад. Рубин Ҳалимаро мепарронад. Аз ҳама тараф ҳучуми шӯришчиён. Рубин ва полиция бо*

роҳи зеризамини мегурезанд. Шӯришчиён медароянд. Рӯйхатҳоро медарронанд, месӯзонанд ва тиғу тарит мекунанд).

Парда

НАМОИШИ ШАШУМ

Бозоргоҳ, дар як канор қалъа. Дарвоза ва қисман девори қалъа ҳам намоён. Дар як паҳлу дарьё. Хомӯшӣ. Вазъияти фавқулодда. Офицерҳо дар даву тоз. Аз баландии қалъа нӯги пулемётҳо баровардашуда ва дар ҳар тараф посбонон гузошта шудаанд. Дар миёнаи Рубин иҳоят таҳанг шуда истодааст. Дар саҳна Пӯлод, Петров, Маҳкам, Ашраф, Назар ва як гурӯҳ шӯришчиён пайдо мешаванд.

МАНЗАРАИ 1

Рубин. Пас чӣ бояд кард?

Офицери 1. Своличҳо сел барин омада истодаанд. Тайёр шавед, тирро дареғ надоред.

Офицери 1. Пулемёт, огонь!

Тирпарронӣ аз ҳар ду тараф сар мешавад. Гурехта медароянд. Дарвозаро маҳкам мекунанд. Бо сардории Пӯлод ва Петров шӯришчиҳо меоянд. Тамоми гирду атрофи қалъаро печонида мегиранд. Дар давоми ҷанг овозҳои Рубин шунида мешавад. Пеши арк чанд бор аз даст ба даст мегузарад. Маҳкам дар ҳуҷуми охирин ба арк тир хӯрда мемурад. Ҳама ҷанг карда меистанд. Бо ҷанг ба пеш мераванд.

Пӯлод. Бародарон, маъюс ва ғамгин нашавед!

Ғаниматҳоро ғундошта меоранд.

Петров. Бародарон, озодӣ бе қурбонӣ ба даст намедарояд!

Назар. Таслим шавед! Вагарна ягонтаатон ҳам зинда намемонед.

Ҷанг давом кардан мегирад.

Пӯлод. Таслим шавед! Ба ҳеҷ кадоматон зарар намерасонем!

Петров, Назар, Қорӣ ба пеши Пӯлод меоянд. Ашраф ҳам бо дастаи худ ба майдони ҷанг расида меояд.

Петров. Пӯлод ака, илоҷе карда қалъаро зудтар ба даст даровардан даркор. Аввало яроқи бисьёр ба даст медарояд. Дуйӯм, қалъа, ки ба дастамон даромад, хеле бақувват мешавем ва ҳар хел қувва ба мо муқобил истода наметавонад.

Назар. Вай падарлаънатҳоро чӣ тавр аз даруни қалъа зада пеш мекунем?

Ашраф. Чӣ, нигоҳ карда менистем-мӣ? Зада дарвозаро мегалтонем. Ба деворҳо часпида мебароем. Як даста одам бо ҳамин қадар издиҳом чӣ кор карда метавонад?

Пӯлод. Гапи ҳамаатон ҳам дуруст. Лекин як кор кардан даркор аст, ки одами бисьёр талаф нашавад ба дарвозаи қалъа оташ задан лозим. Баъд, аз ақиби қалъа одамони бисьёреро ба дарун фаровардан даркор. Дар он ҷо девор паст аст.

Петров. Лекин дар ҳамин вақт аз ин тараф ҳуҷумро қувватнок кардан лозим, то ки бисьёртар қувваашон ба ин тараф сарф шаваду ба даромадани одамони мо халал нарасонанд.

Пӯлод. Дуруст. Шумо ва Ашраф ака ҳардуятон аз ақиб ба қалъа ҳуҷум кунед. Худи ман дар ин ҷо истода, ба дарвоза оташ мезанам ва ҳуҷумро бақувват мекунам.

Петров. Ашраф!

Ашраф. Хӯш! *(Меояд).*

Петров *(ба коргари рус).* Вы из депо?

Коргари 1. Да, товарищ.

Петров. Вот что, сейчас нам нужно захватить паром.

Коргари 1. Есть!

Коргари II. Товарищ, твоя пайдош! *(ба пушти як шӯришчӣ тап-тап зада).*

Қорӣ. Куда пойдошь?

Коргари 1. Паром исламай килади.

Қорӣ. Пайдӯш!

Ашраф. Канӣ, рафтем.

Қорӣ. Пӯлодбой ба он ҷо нигоҳ кунед. Вай чӣ гап?

Ҳама ба болои қалъа нигоҳ мекунанд, як байрақчаи сафед ҷумбида меистад.

Пӯлод. Хайр, инаш боз чист?

Петров. Байраки сафед аломати таслимшавист. Е инҳо таслим мешаванд, ё ягон балои дигар доранд...

Пӯлод. Тирпарроніро бас кунед!

Тирпарроній бас мешавад.

Офицер *(дар болои қалъа истода).* Мо ба таслим шудан қарор додем. Агар хоҳед, вакилamonро мефиристонем, то ки дар хусуси шарту шароити таслимшавӣ бо шумо гуфтугӯ кунад!

Пӯлод. Таслим шудан гиред, ба ҳеҷ кадоматон зарар намерасонем.

Назар. Монед, вакилашон биёянд, гуфтугў кунанд.

Петров. Мабодо ягон андешаи бад ба майнаи инҳо наёмада бошад?

Назар. Дар ҳамин вақти танг чй андеша ҳам мекарданд. Ҳозир буз дар ғами қону қассоб дар ғами чарбу аст.

Қорй. Тўғрй, чеғ задан даркор.

Ашраф. Чеғ занед.

Пўлод. Хуб, вакилатонро фиристонед!

МАНЗАРАИ 2

Аз қалъа, дар дастҳояшон байрақчаҳои сафед, офицер, мударрис ва Ҳайдар медароянд.

Офицер. Мо мехоҳем, ки таслим шавем, лекин баъзе шартҳо дорем...

Пўлод. Хўш, гап занед!

Мударрис. Аълоҳазрат императори аъзам ба мо, мардуми Туркистон, ҳеч бадй накарданд. Ҳукми подшоҳ бо ҳукми худо баробар аст. Ҳар як мусулмоне, ки ба ҳукми подшоҳаш итоат намекунад, кофир аст.

Қорй. Лоҳавла вало қуввата, ило биллоҳул алиюл азим.

Пўлод *(ба офицер)*. Хўш, гап занед!

Офицер. Мо таслим мешавем. Фақат як шарт дорем. Ин ҳам бошад чунин аст: мо бо тамоми аслиҳа ва анҷомҳоямон аз даруни қалъа мебароем, аз дарьё мегузарем, ба мо чанд нафаре, ки бошем, ҳамон қадар одам қатй мекунед. Ғайр аз он ба ҳар яки мо асп ёфта медиҳед. Баъд аз он ки мо аз шаҳр тақрибан 10 чақрим дур рафтем, тамоми яроққоро ба шумоён медиҳем. Шаҳру тамоми давлат ва яроққо аз они шумо мешавад.

Петров. Ҷаноби офицер, гўё шумо фаромўш мекунед, ки бо одамони калонсол гап зада истодаед.

Пўлод. Не, ин гапҳоро монед. Шумо тамоми яроқро бароварда ба мо медиҳед. Якто-якто баромада таслим мешавед, баъд, мо ҳам ба ҳеч яки шумо зарар нарасонида, ба ҳар куҷое ки хоҳед, бароварда гусел мекунем.

МАНЗАРАИ 3

Як шўришчй давида медарояд.

Шўришчй. Аз он тараф як тўда одамони бисьёр омада истодаанд. Аз қабати гарду чанг кй буданашонро ҷудо карда натавонистам.

Пӯлод. Назар, рав худат хабар гир!

Назар давида меравад.

Офицер. Не, мо ба ин розӣ шуда наметавонем!

Мударрис. Пӯлодбой, худатон фикр кунед, охир ба ҳамин халқи нодон бовар карда мешавад-мӣ? Ҷоҳилон ин бечораҳоро якмуштӣ зананд ҳам, мекушанд.

Петров. Шумо ҳам ба халқи худатон бовар намекунед-мӣ?

Офицер. Мо рафта бо ҷаноби Рубин маслиҳат кунем, баъд ҷавобашро медиҳем.

Вакилон ба тарафи қалъа равона мешаванд.

МАНЗАРАИ 4

Назар давида медарояд.

Назар. Аз тарафи Тошканд як тӯда солдатҳо омада истодааст.

Ашраф. Оҳ падарлаънатҳо!

Петров. Ман ана ҳаминашро хаёл карда будам.

Пӯлод. Парронед, ин падарлаънатҳоро!

Тирпарронӣ. Ҳайдар ва офицер, ки ба дарвозаи қалъа наздик буданд, тир хӯрда меафтанд.

Петров. Ашраф ака равед, намонед, ки солдатҳо аз дарьё гузаранд!

Пӯлод. *(ба Назар)*. Ту зуд ба ҳавлӣ рав, хоҳарат ва модарамро кӯчонида ба қишлоқ бар, зану бачагони худат ва аз они Ашрафро ҳам гирифта бар. Баъд ҳамдигарро ёфта мегирем.

Назар. Хуб! Ман рафтам *(меравад)*.

Пӯлод. Петров ака, дигар дошт додан мумкин нест. Ақиб нишастан даркор. Шумо ҳозир худатонро ба як канор гиреду ба пеши зану бачаҳоятон равед! Мо ба даруни кӯҳҳо меравем!

Петров. Не, Пӯлодҷон, ман ба ҳеҷ ҷой намеравам. Ман аз шумоён ҷудо намешавам. Агар мурдан лозим бошад, ҳамроҳи шумоён дар як ҷо мемирам. Пӯсту нохун аз ҳамдигар ҷудо намешавад.

Оҳиста-оҳиста ақибнишинӣ мекунанд. Солдатҳо зер карда омадан мегиранд. Ҷанги даст ба гиребон, мурдаҳо, яродорҳо...

Рубин *(дар болои қалъа истода)*. Парронед, тирборон кунед! Шаҳр сўхта истодааст, шаҳр месўзад!

Хандакунон, хурсандона ба шаҳр нигоҳ карда меистад. Тўп, пулемёт ва милтиқпарронй давом кардан мегирад.

Парда

Пардаи 4

НАМОИШИ ҲАФТЎМ

Дар қишлоқ кулбаи вайронае. Хола бемор, дар як гўшаи он хобидааст. Зебй машғули ҷомашўй.

МАНЗАРАИ 1

Хола. Бибиат садқа шавад, Зебиҷон, биё ин ҷо!

Зебй либосҳоро ба тор овехта, ба тарафи хола меояд.

Пўлод дар куҷо бошад? Наход ки вай ба даст афтода бошад-а? Уф!

Зебй *(ба зўр аз гирья худдорй карда)*. Бибиҷон хафа нашавед. Худатонро азоб надиҳед. Албатта, он кас сиҳат ва саломат ҳастанд, меоянд, боз якдигарро мебинем...

Хола. Бачаам, бачаякам, ба дидори бибиат сер нашудй. Уф! Илоҳи касоне ки маро бехонумон, овораи ватан карданд, ҷувонмарг шаванд!

Зебй. Бибиҷон, аз барои савоб худатонро азоб надиҳед!

МАНЗАРАИ 2

Аз берун ҷеги Умарбой шунида мешавад.

Умарбой *(аз берун)*. Хола, ҳо хола!

Зебй тезон ба хона медарояд.
Умарбой ба ҳавлй медарояд.

Умарбой. Ассалому алейкўм хола, ҳа аҳволатон?

Хола. Ту кистй? Ту бой-ку, бои рўсиёҳ-ку! Барои чй ба хонаи ман омадй? Хонаамро ҳаром накун, рав! Уф! Рав!

Умарбой. Хола, ба шумо чй шуд? Ман Умарбоям. Шунидам, ки шумо ба қишлоқ кўчида омадед ва бемор будед. Раҳгузар будам. Як даромада, ҳолпурсй карда,

дуою фотиҳаатонро гирам гуфта омадам. Бачаҳоятон дуруст-мӣ? Пӯлодҷон канӣ, вай наменамояд-а? Дуруст-мӣ вай?

Хола. Рав, акнун дар ҳамин қишлоқ ҳам ба зиндагонӣ кардан наметавонӣ-мӣ? Рав! Тобу тоқат надорам, ки афтатро бинам. Уф! Рав гуфтам, рав! Ту бадбахт, маро хонавайрон ва дар ба дар кардӣ! Намеандӣ, ки дар айёми пиронсолиам осуда, ду поямро дароз карда, дар хонаам шинам. Илоҳӣ ба балои бад гирифтор шав! Рӯзи рӯшноӣ набин! Рав, дафъ шав!

Умарбой. Хола, ба шумо чӣ шуд? Ин корҳоро аз худо донед, худо гӯед, Ҳар чӣ дар пешонааш навишта шуда бошад, бандааш мебинад. Хола, дуо кунед, худо гӯед.

Хола. Гапа бисьёр дароз накун, рав гуфтам, рав. Илоҳӣ ба муроду мақсадат нарасӣ, овораи ҳар ду ҷаҳон шавӣ! Мисли ман хору зор шав, илоҳи ҷувонмарг шав!

Умарбой меравад.

Хола. Уф, Зебӣ, ҳо, Зебӣ, ин ҷо биё!

МАНЗАРАИ 3

Зебӣ гашта медарояд.

Зебӣ. Вай кӣ буд?

Хола. Умарбои лаънатӣ!

Зебӣ. Вай, касофат, боз барои чӣ ба ин ҷо омадааст? Ба куҷое, ки қадами вай расад, як бадбахтӣ рӯй медиҳад.

Хола. Илоҳи рӯзи рӯшноӣ набинад! Пӯлод, Пӯлодҷони ман канӣ? Пӯлодакам биё. Наход ки ман туро надида, аз дуньё равам?

Зебӣ. Бибиҷон, ин хел гапҳоро нагӯед, диламро вайрон накунед!

Хола. Зебӣ, Зебиҷон, гирья накун. Ба болои сӯхта намакоб мапош. Ин ашкҳоят дили озурдаамро реш-реш мекунанд. Ба панҷоҳ даромадам. Мӯйҳоям сафед шуданд. Роҳат ва лаззати дуньё чист, надидам ва начашидам. Барои як бурда нон, барои як коса ош дар ба дар гашта шустагарӣ кардам, ҳаёти пуру сер, чашмони ҳарисашонро дидам. Уф! Чунон рӯзҳоеро аз сар гузаронидам, ки илоҳӣ он рӯзҳо ба хобу хаёли фарзандонат ҳам надароянд.

Зебӣ. Он рӯзҳо гузаштанд, ин рӯзҳо ҳам мегузаранд. Шумо ҳам дуруст шуда меравед, ба шаҳр, ба хонаамон ҳам кӯчида меравем.

Хола. Зебиҷон, дилам месӯзад, об!

Дар кӯза об намондааст. Зебӣ мехоҳад, ки ба об равад. Дар рӯи ҳавлӣ ба Пӯлоди фаранҷипӯш вомехӯрад.

МАНЗАРАИ 4

Зебӣ. Ҳа оча, ба шумо чӣ даркор?

Он шахс фаранҷиро мепартояд, ки Пӯлод будааст. Бӯса ва ба оғӯшкашиҳо, Пӯлод модарашро ба оғӯш кашид.

Пӯлод. Бибиҷон, ман туро бемор гуфта шунидам. Дуруст-мӣ ту?

Хола. Аз саракат гардам, бачаам, биё, ман туро ба оғӯш кашида, гирья кунам ва дили пурдарду аламамро холӣ кунам. Агар намеомадӣ, балки бибиатро намедидӣ ва дидор ба қиёмат мемонд. Уф! Зебӣ, мана тахту бахтат омад.

Пӯлод. Нағз шудааст, ки ба ин ҷо кӯчида омадаед.

Хола. Назарҷон моро ба ин ҷо кӯчонида оварда. Умри фарзандонашро худо дароз кунад. Ҳар рӯз омада аз аҳволамон хабар мегирад. Бачаякам, ҳамин ки туро дидам, ман сиҳат шудам. Ман акнун дуруст ва сиҳатам *(бо гирья бӯса мекунад)*.

Пӯлод. Бибиҷон, асло парво накун. Ба қарибӣ мо ба хонаамон кӯчида меравем. Рӯзе мешавад, ки мо ҳам ба рӯи об мебароем *(пауза. Андаке ба Зебӣ синча карда истода)* Зебиҷон, ғам нахӯр, кирдукори Умарбой нағз ба ман маълум шуд. Ҳаргиз ғам нахӯр! Ин мардуми беномус, виҷдонфурӯш диламро пора-пора ва рӯямро сиёҳ карданӣ шуданд. Не, натавонистанд. Зебиҷон, *(оҳиста)* ба ҳамин кампири азиз нағз нигоҳубин кун!

Зебӣ. Умарбой дар қишлоқ аст. Навакак ба ин ҷо омада буд. Хушьёр шудаи даркор. Боз ягон балои дигарро ба сарамон наёрад?!

Пӯлод. Ба ин ҷо омада буд?!

Хола. Ҳа, барои ҳолпурсӣ омадааст. Беобрӯ карда пеш кардем.

Пӯлод. Бар падараш лаънат! *(Пауза)*

Хола. Каниҳ-каниҳ, бачаякам гап зан! Аз аҳволоти худат гап зан! Дар куҷоҳо, чӣ корҳо карда гаштӣ?

Пӯлод. Ба шумо чӣ гӯям? Аҳволам бад нест. Ҳамроҳи ҷӯраҳоям дар дашту саҳро ва дар кӯҳу биёбонҳо гаштаам. Лекин рӯзе мешавад, ки гашта меоем, ба он ка-

соне, ки барои роҳат ва осоиши худ ҳастии моро барбод додаанд ва барбод медиҳанд, ҳисобамонро баробар мекунем. *(Пауза. Ба Зебӣ).* Худатро эҳтиёт кун. Сатили пур аз об барин бори вазниниро набардор, то ки бачаат лат нахӯрад. Агар писар зой, номашро Маҳкам мон! *(Пауза).* Маҳкам... Маҳкам... Маҳками дилер! *(Зебӣ бо чашмони пур аз ашк омада ба Пӯлод мечаспад).* Агар духтар шавад...

Дар пушти хона қадаммонии одамони бисъёре. Пӯлод ба Зебӣ ишора мекунад. Вай дарҳол мебарояд ва ҳаросон гашта медарояд.

Зебӣ. Солдатҳо!

Пӯлод фармӯдро ба сар мегирад.

Пӯлод *(овозашро дигар карда).* Хайр бибиҷон, хайр келин. Агар худам омада натавонам, бо ягон бача албатта як хурмача ҷурғот дода мефиристонам. Келин, агар бибиҷон об ғӯянд, об додан нагиред. Ба ҷои об ҷурғот диҳед.

Хола. Хайр, ба ҳама хурду калон салом гӯед.

Зебӣ. Хайр, дуо гӯед!

МАНЗАРАИ 5

Умар, миршаб, қосус ва якчанд шафар солдатҳо зер карда медароянд.

Жандарм. Пӯлод каӣ? Каӣ? Агар дар кӯҷо будани Пӯлодро нагӯед, ҳозир ҳардуятонро ҳам мекушам! *(Таппончаашро мебарорад).*

Хола. Дар кӯҷо будани Пӯлодро шумо медонед. Ӯро шумо аз мо ҷудо кардед. Шумо, хунхӯрон, вайро ба ман ёфта диҳед!

Умарбой. Падарлаънат, кампирн аблаҳ, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан!

Хола. Умар, Умарбой, илоҳӣ ҷувонмарг шав, бачаяконат ятим монанд!

Миршаби 2. *(ба хола синча намуда).* А... шинохтам, шинохтам... Ин ҳамон кампири падарлаънатест, ки... шамшери маро гирифта буд... Ту падарлаънатро куштан даркор!

Зебӣ. *(омада ба хола мечаспад).* Бибиҷон, акнун чӣ кор мекунем, ни чӣ бедодист!

Жандарм. Каӣ, гӯед, Пӯлод дар кӯҷост? *(Бо қамчин хола ва Зебиро мезанад).*

Хола.

Зебӣ.

Вой дод, дод аз дасти золимон!

Умарбой *(ба ҷосус)*. Вай канӣ, охир?!

Ҷосус. Вай дар ҳамин ҷо, дар ҳамин қишлоқ аст. Ҳамин пагоҳӣ омада буд. Рӯи ҳолангӣ занакро кушода дидетон-мӣ?

Жандарм. Ҳа, дидам, як кампири кӯҳна буд.

Ҷосус. Агар ҳамон фаранҷидор Пӯлод набошад, миёнаравак будагист. Эҳтимол аз вай ба инҳо хабар оварда бошад!

Жандарм. Вайро дастгир кардан даркор. Рав, ҳолангӣ занакро аз кӯча дастгир карда биёр!

Зебӣ давида рафта пеши дарро мегирад.

Зебӣ. Наметонам. Не, ба ҷои Пӯлод маро кушед! Маро кушед! Золимҳо, хунхӯрҳо!

Ҷосус. Пас, ҳоланги фаранҷидор Пӯлод будааст.

Умарбой. Тӯғрӣ.

Зебӣ. Наметонам, не наметонам. Ба ҷои Пӯлод маро кушед! Маро! Дод!

Баъд аз кашокашии зиёде ба синаи Зебӣ аз таппонча тир мепарронад. Зебӣ «оҳ, бибиҷон!» гӯён мегалтад ва мемурад. Ҳамагӣ давида мебароянд.

Хола. Зебӣ!? *(Бӯса карда)*. Хез, хез, Пӯлод омад. *(Девонавор)* Барои писарашро дидан, Пӯлод омадааст, хез! Пӯлодҷон биё, омади-мӣ? Мана гулдастаи ҳаёт — Зебӣ, ноз карда хобидааст. Дидӣ-мӣ? *(Гирифта)* Бибиат қурбонат шавад, хез, Зебиҷон! *(Бӯса карда)* Хотирҷамъ бош, Пӯлод аз онҳо қасосатро мегирад. *(Оҳиста аз ҷояш хеста ба атроф нигоҳ мекунад. Баъд ба болои Зебӣ афтола.)* Хез, бедор шав, хез! *(Гирья)*.

Парда.

НАМОИШИ ҲАШТӮМ

Субҳ. Офтоб баромада истодааст. Аз дур овози форами най. Кӯчаи калони боғот. Аз дур кӯҳҳо намудор. Дар як канор чойхона. Атрофаш дарахтзор ва сабза. Чойхоначӣ машғули чойниктозакунӣ. Дар як канор, дар дасташ думбра як мӯйсафед думбуранавозӣ ва ғазалхонӣ карда мешинад. Мазмуни таронаҳояш дар бораи озодӣ ва саодати халқ аст.

МАНЗАРАИ 1

Ашўлаи ҳазин.
Ду марду як зан меоянд. Чойхоначӣ ба пеши онҳо як чойнак чой ва як лаълӣ бурда мемонад.

Марди 1. Хайр, ин ҳам мегузарад. Аз хонаву дар, аз обу замин ҷудо шудем *(пауза)*. Одамизод хор шуд. Фарзанди одам мисли чорпо фурўхта ва харида шуд.

Ду марди дигар омада мешинад. Мўсафед таронаашро бо овози баланд хондан мегирад. Ҳамагӣ ҷим.

Марди 2 *(ба мўйсафед чою нон дароз карда)*. Бобо, ма ин як пиёла чой ва як бурда нон хўр! Ба назарам бисьёр монда шудагӣ барин менамой. Эҳтимол, ин мўйсафеди сияҳбахт ҳам мо барин хонавайрон бошад.

Мардикори 1. Одами хонавайрон нашудагӣ ҳам ҳаст-мӣ?

Марди 1. Ҳа, одамони пуру сер чӣ?

Мардикори 1. Рост мегўед.

Мардикори 2. Гапатон дуруст аст. Чунончи воқеаи аз сари худи ман гузаштагиро гиред. Амаки худи ман 4 писари калон дошт. Лекин бои бадавлат буд. Як писараш ҳам ба мардикорӣ нарафт. Ба ҷои ҳамаи онҳо, амакам маро ба мардикорӣ фиристод. Хонаи ман хароб шуд. Занам гариб, бачагонам ятим шуда монданд.

Марди 2. Рост-мӣ? Ноинсоф!

Мардикори 1 *(ҳамроҳашро нишон дода)*. Ҳозир ҳардуямон ҳам аз майдони ҷанг омада истодаем.

Марди 1. Бечораҳо! «Агар чил рўз қирон ояд, аҷалаш расидагӣ мемирад» гуфтанд, ки ин рост аст. Канӣ, гап занед, шарикҳоятон наёмаданд-мӣ? Ҷанг кай тамом мешавад?

Мардикори 1. Аз бисьёрии шарикҳоямон хабар надорем. Моро ба ҳар тараф тақсим карда фиристода буданд. Як ҳиссаамон дар шаҳрҳои калон, дар заводҳо кор карда истодаанд. Ҳиссаи моро ба Бессарабия ном мамлакате, ба майдони ҷанг, барои окопкобӣ фиристода буданд, худоро шукр, ки зинда баргаштем.

Марди 2. Ҷанг ҳаргиз тамом мешудагӣ барин менамояд-мӣ?

Мардикори 2. Агар аҳвол мисли ҳозира давом кардан гирад, на танҳо дар ҳамин наздикиҳо ҷанг тамом мешавад, балки тахту такоси оқподшоҳатон чаппаву поскуноҳ шуда меравад.

Марди 1. Илоҳӣ ҳамин тавр шаваде.

Зан. Илоҳи рӯи оқподшоҳро мурдашӯ шӯяд.

Мардикори 1. Ҳозир мамлакати Русия мисли иморати кӯҳна ликқонак аст, ба як шамоли сахт мунтазир аст.

Марди 2. Е худо!

Мардикори 1. Медонед-мӣ? Ҳозир дар шаҳрҳо коргарҳо гушна, аз ҳукумати оқподшоҳ норозӣ, як ишоратро понда истодаанд. Дар майдони ҷанг бошад, аҳвол аз ин ҳам бадтар аст. Давлати Урусия ба як «пуф» маътал аст.

Марди 1. Дар Туркистони мо ҳам аҳвол аз он бехтар неист. Медонед-мӣ, ҳозир дар шаҳру қишлоқҳои мо чӣ қадар одамон — занону бачагони бегуноҳ аз гушнагӣ мурда истодаанд. Ҳадду ҳисоб надорад.

Зан. Вай подшоҳи золимро хуни бегуноҳҳо мегирад.

Чойхоначӣ. Солдатҳо омада истодаанд.

Мардикори 2. Чӣ хел солдатҳо? *(Хеста нигоҳ мекунад).*

Зан. Вай мурам, ин боз чӣ бало буд! Хезед мардак ба ягон тараф гурезем.

Чойхоначӣ. Очаҷон, натарсед, инҳо ба ҳеҷ кас кор надоранд.

МАНЗАРАИ 2

Як гурӯҳ солдатҳо бо сардории як унтер-офицер бандиҳоро меоваранд. Дар байни бандиҳо хола, Ашраф ва шӯришчиёни дигар. Ҳамагӣ хомӯш мешаванд.

Хола *(фаранҷиаш дар китф мӯйҳояш парешон, омада худро ба болои қолин мепартояд).* Уф! Вой мемирам *(пауза).* Каниӣ? Пӯлодҷони ман, каниӣ? Пӯлод, Пӯлодҷон! Биё, писарат калон шудааст. Ҳу, ана, дидед-мӣ? Ба ту нигоҳ карда хандида истодааст. Биё! Зебӣ, Зебиҷон, келинпошшо! Хезед, айб аст, хезед! Офтоб баромад, дунъё равшан шуд, хез, духтаракам, хезед!

Ҳеҷ кас ба хола диққат намекунад. Солдатҳо байни худ чақ-чақ карда шиштан мегиранд. Мӯйсафед боз ба тарозухонӣ сар мекунад. Садояш оҳиста-оҳиста баланд мешавад.

Хола. Мурдам, ман ғарибам, ман бекасам, ман бенавоям... *(Ба салои мусиқӣ ва ашӯла гӯш меандозад).* Пӯлод... Пӯлодҷон, ту куҷоӣ? Биё, аз аҳволи модараки муштипарат хабар гир! *(Аз ҷояш хеста мисли девонагон роҳ*

мегардад. Уро дашном дода, ҳақорат карда, қаровулҳо оварда ба қояш мешинонанд. Дар ҳамин мобайн оҳиста-оҳиста ба чойхона 10—15 нафар одамон омада ҷамъ мешаванд.)

Мардикори 1 *(ба марди 1)*. Ин кампир кист?

Марди 1. Нашинохтед-мй? Модари сардори шӯришчиҳо — Пӯлод аст. Инҳо шарикони Пӯлоданд, ки як ҳафта пеш суд карда шуда, ҳамаашон умрбод ба Сибирь бадарға карда шуданд. Ҳозир инҳоро ба станса бурда истодаанд, то ки ба Сибирь фиристонанд.

Мардикори 2 *(оҳиста)*. Худи Пӯлод дар куҷост?

Марди 2. Дар ҳар куҷост. Як дастаи калон одам дорад. Қариб ҳар рӯз бо солдатҳои подшоҳ ҷанг мекунад.

Мардикори 1. Офарин!

Дар ҳамин вақт мӯйсафед аз танаш ҷомаи ҷулҳундй ва аз сараш шарикро гирифта мепартояд. Дида мешавад, ки вай Пӯлод будааст. Дар вида омада аз таппонча як тир холй мекунад.

Пӯлод. Дастатонро бардоред, набошад яктаатон ҳам зинда наменонед!

Одамони дар чойхона будагй ҳам аз кисаҳояшон таппончаҳоро бароварда ба солдатҳо рост карда меистанд.

Унтер-офицер. Оҳ, Пӯлод? *(Дасташро мебардорад ва солдатҳо ҳам дасташонро мебардоранд).*

Хола. Пӯлод? Канй Пӯлод? Пӯлодҷон, канй ту?

Солдатҳоро мебанданд.

Пӯлод. Ҳа, бибиҷон, ман писарат — Пӯлодам.

Пӯлодро ҳамагй иҳота менамоянд. Вай бо ҳама вохӯрдй ва ҳолпурсй мекунад.

Петров. Рафиқ Пӯлод, вақт ғанимат аст. Рафтан лозим!

Пӯлод. Дӯсти азизам Петров! Аввалло иҷозат дех, барои ҳамин қадар ёриҳое, ки ба мо расонидй ва ҳамин қадар маслиҳатҳое, ки ба мо додй ва ҳамин қадар дилдориҳое, ки дар лаҳзаҳои маъюсй ва ғамгинй ба мо додй, туро ба оғӯш кашаму як бор аз таҳти дил бибӯсам. Ин бӯса ба ту ва ба рафиқони ту изҳори миннатдории мост, ки шумо ба мо ёрй додед ва ёрй медиҳед... баъд бо ту видоъ кунем... *(Уро ба оғӯш кашида мебӯсад).*

Петров. Чй?

Пӯлод. Азизам, акнун ту ба хонаат рав, аз ҳоли зану бачагонат хабар гир. Ҳоли он бечорагон чӣ шуда бошад?

Петров. Не, Пӯлодҷон! Ман ба ҳеҷ ҷой намеравам, аз шумо ҷудо намешавам. Агар мурдан лозим шавад, бо шумо дар як ҷой ҷон медиҳам... Эй, Пӯлодҷон, ман ҳанӯз ба 40 набаромадаам, ана диде-мӣ, ин мӯйҳои ман сап-сафед шудаанд. 20 сол аст, ки ман ба ҳамин роҳ даромадаам ва 20 сол аст, ки ман бо ин подшоҳи золим ва бо амалдорони ғаддори он гӯштин мегирам. Не, Пӯлодҷон, ман аз шумо ҷудо намешавам!

Марди 1. Пӯлодҷон, акнун моро ҳам ҳамроҳи худат бар! Дигар тобу тоқат намонд. Дигар дар ин шаҳр зиндагӣ кардан мумкин нест.

Марди 2. Мо ҳам меравем!

Зан. Писарам Пӯлодҷон, маро ҳам ҳамроҳи худ бар, ҳеҷ набошад ба модари азизамон *(холаро нишон дода)* нигоҳубин мекунам.

Мардикори 2. Пӯлодҷон, моро ҳам бо худ бигир.

Хола. Хоҳаракам, ҷаллод ҳеҷ вақт умри дароз надидааст ва намебинад.

Петров. Вақт нагузарад, меравем... Рафиқон, мо якка нестем. Қирғизҳо, қазоқҳо, ӯзбекҳо ҳам сар бардоштаанд. Коргарҳои рус кайҳост, ки бо подшоҳашон даст ба гиребонанд. Канӣ, рафтем.

Пӯлод. Бародарон, дар шаҳр ба мо ҷой нест. Мо бехонумонем. Аммо ғам нахӯред. Майлаш, шуморо заданд, кӯфтанд, таҳқир карданд... ба хонаву даратон оташ заданд, худатонро тирборон карданд, майлаш... аз замину ҷой ҷудо шудед, фарзандони азизатон дар ҷангҳо кушта шуданд, майлаш... ғам нахӯред... маъюс ва навмед нашавед!

Ояндаи халқе, ки озодиро дӯст дорад, дурахшон аст. Мо ҳозир ба кӯҳу биёбон меравем. Аммо ин муваққат аст. Боз меоем. Акнун ҳамчун соҳибони мамлакат, ҳамчун ҳӯҷаинҳои ҳаёт ва зиндагӣ бармегардем.

Парда.

МАН ҲАМРОҲИ ШУМО

(НАМОИШЕ АЗ ПЬЕСАИ «ҶАНГОВАРОН»)

НАМОИШИ VI

Стол, дар паси он ҳайати маҷлис: раис Шариф, як нафар деҳқон ва Давлат Солеҳзода нишастаанд. Минбар. Дар паси он Едгоров гаш зада истодааст.

Едгоров. Рафиқон, масъаларо хуб фаҳмида бошед даркор. Такроран мегӯям, ки аскари сурх — аскари коргарон ва деҳқонон аст. Вазифаи ҳар як колхозчӣ, ҳар як гражданинро бовиҷдон, бо аскари сурх даст ба даст дода, барои нест кардани намояндагони империализми ҷаҳон дар Тоҷикистон, барои нобуд кардани дастаи мусаллаҳи синфҳои мурда истодагӣ — кулакон, барои аз хоки Тоҷикистон тамоман решакан намудани босмачигарӣ қонбозӣ кардан аст. Зинда бод Партияи Коммунистӣ! Зинда бод посбони ҳушьёри ғалабаҳои Октябрь — аскарони сурх! Зинда бод калтакдорони сурх!

Дар зол чапакзаниҳои пай дар пай.

Раис (Шариф). Аз рӯи маърӯзаи рафиқ Едгоруф 17 кас ба музокара нависонида аст.

Аммо раиси колхози ба номи «Фрунзе» рафиқ Сафарбобо барои таклиф сухан мепурсад. Бинобар ин сухан ба рафиқ Сафарбобо дода мешавад. *(Сафарбобо аз зол ба саҳнаи мебарояд).*

Сафарбобо. Масъаларо рафиқ Едгоруф аз решаву бехаш ба мо фаҳмонида дод. Масъаларо нағз фаҳмидем. Тӯғрӣ-тӯғрӣ, мо босмачигариро ҳамроҳи аскарони сурх бо ёрмандии ҳамдигар ба зудӣ нест карда метавонем. Рафиқ Едгоруф тӯғрӣ гуфта гузашт, ки ба ин кор бояд ҳамаи мо иштирок кунем. Албатта, дастаи калтакдорони сурх, пеш аз ташкил намудани колхоз баъд аз дусе рӯзи ба қишлоқи мо омадани гарнизон ташкил карда

шуда буд, бисьёр майда аст ва ғайр аз он бисьёрии аъзоҳои имрӯзаи колхози мо дар он вақт деҳқонони яккадаст буданд ва бо чӣ хаёл ва андешаҳо худро ба он даста нанависонда мондаанд.

Дина ман дар хусуси калтакдорони сурх бо аъзоҳои колхозамон сӯҳбат кардам. Вайҳо ҳамагӣ ба дастаи калтакдорони сурх даромадани худро арз карданд *(аз зол якчанд овозҳои: «Тӯғрӣ-тӯғрӣ»)* бинобар ин *(ба Наҷот мурочиат карда)* рафиқ Наҷот, шумо, ки командири калтакдорони сурх ҳастед, арзи мо колхозчиёнро қабул кунед ва ҳаман аъзоҳои моро ба сафи дастаи худ бигиред. Мо дар ҳар он тайёрем. *(Чапакзаниҳо).*

Раис *(зангӯларо зада, халқро ором намуда).* Масъала фаҳмида шуд.

Сафарбобо. Рафиқ раис ман гапамро тамом накардаам, ба ман гап диҳед *(дар ҳамин вақт аз зол Дод давида ба саҳна мебарояд ва ба ҳеҷ гап гӯш накарда, ба сухан сар мекунад).*

Дод. Мардум, маро бишунавед! Ман, Дод; ман бачаи Алийи даҳмарда...

Раис. Ҳой рафиқ; ба шумо ҳеҷ кас гап надодааст. Бишинед!

Дод. Касе ки маро нашинохтааст, бишиносад.

Раис. Бишинед! *(Дод дар саҳна сурх шуда дар ҷояш шишта мемонад).*

Садоҳо. Гап зан! Гап зан! Гап занад!

Раис. Канӣ гап зан.

Дод. Не, даҳмарда, ман даҳмардан нодон, ман даҳмардан Алиқулбой будам, ки чанд суруг гӯсфанд дошт медонед-мӣ?

Садое аз поён. Хайр бошӣ чӣ? Дурӯғ нагӯй.

Дод. *(Синчакунон).* На, дурӯғ намегӯям. Мардум! Маро гӯш кунед. Ҳар чи мегӯед ихтиёр доред Касе ки маро нашинохтааст, бишносад. Ман аз қишлоқи Садаҳо, бародари раиси колхози ҳамон қишлоқ, Табари коммунист ҳастам.

Раис. Худаш чӣ гап? Мақсадро гӯй мон!

Дод. Ман босмачиам... ман яке аз йигитҳои Иброҳимбекам... яке аз сарбозони лашкари исломам... ман бо Иброҳимбек ба Тоҷикистон омадам. Ман босмачӣ!.. Фаҳмидед-мӣ? Ҳар чӣ мегӯед ихтиёр доред! *(Хомӯш мешавад)* Ман гунаҳкорам, рафиқ командир *(ба Шарифов)*, шумо ихтиёр доред, тиру туфанг доред, маро тирборон бику-

нед! *(Ба халқ)*. Мурдам, шуморо аламон мегўянд, агар ҳар яки шумо якмуштй бизанед ҳам, ман обу хок шуда меравам.

Садо аз байни халқ. Магар ин девона шудааст?

Дод. На, ...ман девона нестам, ман гапи ҳақ, гапи ростро мегўям... шумо маро бишунавед! Ман гунаҳкорам, ба лашкари ислом бовар карда будам.

Садо аз байни халқ. Лашкари ваҳшиён бигў!

Дод. Тўғрй. Лашкари даррандагон. Ман чун яке аз сарбозони он ба хоки шумо омадам, чанд вақт аст, ки аз дастаам ҷудо шуда бисьёр қишлоқҳоро сайр карда баромадам... *(Баъд аз сукут)* Ман як ука доштам. Вақте ки ман гурехтам вай ҳафтсола буд. Ҳозир йигити калон шудааст. Кадом рўз ҷойгаҳона ба қишлоқамон рафтам. Як йигити хушрўй, мўйҳояш ҷингила, дар гардонаш латтан сурх, дар танаш куртаи сафеди тоза, дар маҷлис бо ҳайбат гап мезад. Ба чашмам гарм намуд. Ба худам бовар накардам. Хостам, ки раваму вайро ба оғўшам гирам, аз он рўяш ва аз ин рўяш бўсаҳо кунам... дар пеши пояш ғалтам, пойҳояшро бўсам... Натавонистам...

Раис. Ин қадар чй гуфта истодй, ту, худ ба худ?

Едгоров. Рафиқ раис, монед гап задан гирад.

Дод. Нашуд, шом, бевақт буд. Ба хонаи бародарам Табар, раиси колхоз рафтам. Вай ука майдаам ҳам дар он ҷо буд, ҳеҷ кас ба худ бовар намекард. Медонед бўсаҳо, гирьяҳои бародарон ва модари меҳрубон чй гуна мешавад? Хеле гапзанон кардем. Ука майдаам фақат ҳафдаҳсола асту халос, аммо гапҳои вай, маънии гапҳои вайро ман аз имомҳо ҳам нашунида будам, албатта, ман босмачй будани худро аввал нагуфтам. Вай дар Душанбе, дар дорулмуаллимин ном мактабе мехондааст. Маро ҳукумати шўрой қойил кард! Ҳамин бачаи ёбой, кўҳистониро одам кардааст. Фаҳмидед-мй? Одами саҳлу паҳл ҳам не!!

Садо. Ин чй афсона мегўяд?

Дод. Охир нашуд. Дилам тоб наёвард. Ман босмачй гуфтам. Фаҳмидед-мй? Рўйрост гуфтам. Ҳамон ука майдаам, ки аз ин чанд соат пеш аз хурсандиаш дар пўсти баданаш намеғунҷид, дар он дам ба ман чунон ҳам бо назари нафрат нигоҳ кард, ки агар дар он вақт замин ду мекафиду ман медаромадам ва аз назари вай ғоиб мешудам, худро бахтиёр ҳисоб мекардам. Бахтиёр! Фаҳмидед-мй? Ҳар чй мегўед ихтиёр доред. Дигар вай бо ман гап назад. Ҳамон кўдак ба рўям як парча туф кард. Ба

ин нафрат, нафрати бародари худ тоб оварда натавонистам. Оҳиста аз хона баромада гурехтам. Чанд рӯз боз мисли девонагон дар кӯҳсорҳо, дар биёбонҳо чарх зада гаштам, дина ба қишлоқи шумо омадам. Фаҳмидед-мӣ? Укои калонам гуфт, ки «пагоҳирӯз пеши шӯрои ҷамоат меравем, ту ба ҳукумат таслим шав, бас акнун!» «Хуб» гуфтам. Ваъда додам... Аммо гурехтам.

Раис. Гапро кӯтоҳ кун.

Дод. Ман худам омадам. Ба пои худам омадам. Ба ростии ҳар як гапам бо ҳамин сари ҷувонам ҷавоб медиҳам, медонед-мӣ? Дар Афғонистон ман зан ва се нафар кӯдак дорам... Ман ба ҳукумати шӯро қоил. Ман бо большевизм, ба большевизм, ки хоки моро гулистон, ғуломони дирӯза — акаҳо, укаҳои моро донишманд, соҳибони мамлакат кардааст, имон овардам, имон! *(Чапакзанӣ дар зол).* Ман як зан ва се нафар кӯдак дорам. Бо марги ҳамон се нафар кӯдаконам савганд ёд мекунам, ки ман ҳамроҳи шумо, ҳамроҳи шумо мардуми меҳнат, ҳамроҳи шумо ҷавонони далер — Аскарони сурхи содиқ! То ҷон дорам ба шумо даст ба даст дода меҷангам, мебозам, меҷӯшам!

Дар ҳамин вақт Шодӣ-вожатый даромада меояд, омада бо котиби райком вохӯрдӣ мекунад.

Шодӣ. Ака! Акнун ман укаи ту!! *(Омада ду дасташро ба гардани вай мепартояд. Ҳар ду — ака ва ука ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд).*

Парда

ЁДБУДИ СОХИБДИЛОН

ЕРМАНДИИ БЕВОСИТА

Лоҳутӣ бузург аст. Лоҳутӣ падари адабиёти пролетарии тоҷик аст. Лоҳутӣ на танҳо устоди насли дуввӯм ва саввӯм, балки ҳамчунин устоди нависандагони пеш аз инқилобии тоҷик мебошад, ки ин насл пас аз инқилоб низ, баъзеашон лангида, баъзеашон ҷаҳида ва баъзеашон давида ҳамроҳи мо пеш рафта истода аст. Агар гӯем, ки аз байни нависандагони Тоҷикистони социалистӣ нависандае ёфт намешавад, ки ба эҷодиёти ӯ Лоҳутӣ таъсир накарда бошад, хато нагуфтаем. Нуфузи Лоҳутӣ чи дар назм ва чи дар насри пролетарӣ ва шӯроии Тоҷикистон дар ҳар қадам ҳастии худро «мана ман» гӯён нишон дода меистад.

Дигар дар бораи Лоҳутӣ дар ин ҷо ҳеҷ чиз намегӯем. Фақат дар як ёрмандии бевositае, ки Лоҳутӣ ба ман расонидааст, истода мегузарам. Дар ин ҳам ба қадри имкон ихтисор мекунам. Аввалҳои моҳи феврали соли 1925. Агар саҳв накунам, Лоҳутӣ мудири Нашриёти давлатӣ буд. Ин идора ба наздикӣ ташкил гардида буд.

Лоҳутӣ дар кунҷаки кӯчаи Путовский ва Шӯрой, дар як хонаи пахсагин, пастак, «тиреза»-хояш аз тарафи кӯчаи Путовский будагӣ зиндагӣ мекард. Чак-чаки борон ҳам ба ин кас ором намедод.

Дар шаҳр он замон тамошогоҳ тамоман набуд. Шабона аз дасти лой ба ҷойҳои дур рафтан ҳам мумкин набуд. Баъд аз кор, ҳамсоягони наздик ба як ҷой гун шуда чак-чак мекардем. Азбаски мо як гурӯҳ рафиқон дар ҳамсоягии Лоҳутӣ мезистем, ба зудӣ байни мо ва Лоҳутӣ рафтуомад, алоқаи мустаҳками дӯстона барқарор гардид. Бисьёр вақтҳо шабҳоро дар хонаи Лоҳутӣ бо чойнӯшӣ, чак-чак, хушу хурсандӣ мегузаронидем. Аз муҳаббати ин шахс, аз гапҳои насиҳатомези ин устод дил кандан мушкил буд.

Шабе ман дар клуби Иттифоқи нависандагон, ки дар тарафи рости хонаи Лоҳутӣ, дар тарафи чапи заводи нонпазии ҳозира мавқуд буд, дар маҷлис будам. Рафиқе рафта ба ман, маро ҷеғ зада истодани Лоҳутиро баён кард. Вақте ки ба хонаи ӯ даромадам, ҳамон самовори сафеди ошно дар болои стол фахасскунон дар ҷӯш, буғҳои он шифти хонаро бӯсида истода буд. Устод аз ин сари хона то ба он сараш роҳ мерафт. Вақте ки устод бе ҳеҷ кас хоҳ дар хона, хоҳ дар кӯча танҳо оҳиста-оҳиста роҳ мегашт, хаёл мекардам, ки ин одам дар майнааш шеър суруда истодааст ва бинобар ин саъй менамудам, ки ба ӯ халал нарасонам. Ин дафъа ҳам кӯшиш кардам, ки ба вай халал нарасонам. Аммо устод баъд аз вохӯрдӣ, дарҳол ба чойрезӣ сар карда, зуд мақсадро баён кард. Аз чеҳрааш намоён буд, ки устодро ранҷондаанд.

— Баъзе касон шараф надоранд. Набудани коркунон ба онҳо имконият медиҳад, ки давлатро горат кунанд ва тороҷ намоянд! — гуфт.

Ба суоли:

— Чӣ шуд, рафиқ муаллим, ин қадар шумо асабонӣ ҳастед? — гуфтам ман,— Он кас ба пеши ман наздики 25 саҳифаи чопии «Низомнома дар бораи шӯроҳои ҷамоат»-ро бароварда партофт ва ба гапи худ давом намуда гуфт, ки:

— Мувофиқи супориши Комитаи инқилоби ҳаминро ба зудӣ тарҷума кунонида чоп кардан лозим. Тарҷумон нест. Ҳар ду тарҷумон ҳам ба ҳар сатраш 15-тиин мепурсанд, магар ин бешарафӣ ва бевиҷдонӣ нест?

Албатта, ин бешарафӣ ва бевиҷдонӣ аст, аммо ман ба ин кор чӣ ёрӣ дода метавонистам, худам ҳам надониста, ҳайрон шуда истода будам, ки он кас:

— Ҳамин чизро шумо тарҷума мекунед, ман худам таҳрир мекунам,— гуфт.

Ман дар мактаби тоҷикӣ нахондаам. Дар он вақт ман аз забони адабии модариам он қадар хабардор набудам. На имло, на иншои дуруст доштам. Ин таклифро рад кардан— баробари он касро ранҷонидан буд. Боз ҳайронтар шудам. Нохост:

— Рафиқ муаллим, ман забони адабиро намедонам-ку? — гуфта ҷавоб ва суоли гӯлона додам.

— На, шумо натарсед, бо ҳамон мақолае, ки шумо ба газета дода будед, ман медонам, ки агар камтар ба шумо ёрӣ дода шавад, қувваи қаламатон нағз мешавад,— гуфт ба ҷавобам он кас. (Вақте ки устод Лоҳутӣ муҳаррири га-

зетаи «Бедории тоҷик» буд, ман дар бораи лашкари сурх як мақола дода будам, ки вайро ои кас ба ҷои сармақола бароварда буд).

Ду шаб нишаста тарҷумаро тамом карда овардам. Мӯрии аз хона калон гуфтагӣ барин, ҳамон тарҷумаеро, ки ман дар ду шаб тамом карда будам, устод Лоҳутӣ ҳамроҳи ман дар панҷ шаб таҳрир карда баромад. Ҳар гуна муҳаррир ҳам як китоберо, ки ҳаҷмаш як ё ки аз як ҷузъи чопӣ саҳл зиёд аст, дар ду шаб бемалол таҳрир карда метавонад. Сахтии масъала дар ин ҷо буд, ки ҳар як ҷумлаи ночаспон, вайронро хонда, камаш 5 дақиқа, зиёдаш то ним соат, ба ман дарси сарф ва наҳви забони форсиро медод.

Ин дарси панҷшаба, дар соҳаи матбуот ҷуръати маро садҳо маротиба боло бардошт ва яке аз сабабҳо шуд, ки чун мухбири фаъол ба рӯзноман «Тоҷикистони Сурх» се сол муфассал хабарнависӣ кунам, чун нависанда — чор сол боз чизҳои бадеӣ нависам, чун мутарҷим чор сол боз пай дар пай тараққӣ намоям ва пеш равам ва яке аз мутарҷимони Энгельс [1] барин классикҳои марксизм шавам.

Ман ҳамроҳи устод Лоҳутӣ дар Центроиздат [2], дар Совнаркоми Иттифоқ наздики ду сол хизмат карда, истифодаҳо бурдам, ки дар ин бора баъд алоҳида менависам

---

[1] Х. Карим асари Ф. Энгельс «Инқилоби социализм аз утопия ба илм»-ро дар назар дорад — А. С.

[2] Нашриёти марказии миллӣ, ки дар Москва аст.— А. С.

МОНАНДИ ГУЛ НАШУКУФТ

Хурд будӣ, навозишат карданд. Хандидӣ. Завқидӣ. Қоҳ-қоҳ задӣ. Кӯдакона ноз кардӣ. Модар модарона бӯсид. Падар падарона саратро молид. Чашмонат лахча барин медурахшиданд. Рухсорат себи сурх барин метобид.

Ҳаёт васиқаи балоғатро ба дастат дод. Замини кӯҳансол оғӯши худро ба ту боз намуд. Ситораҳо хандиданд. Офтоб пеш-пеши ту рақс кард. Замои аз ҷавлонгоҳи худ ҷӯй, давра шамшери бурро дод. Аср талаби қонунашро пешниҳод намуд. Ҳақ дошт.

Давидӣ. Ҷаҳидӣ. Наъра задӣ.

Ин баҳори умрат, навбаҳори соли дурахшонат буд.

— Ку роҳ?! Ку истиқбол?! — гуфтӣ. Ин остонаи даромадгоҳат буд.

Дар рагҳои ту хуни ҷавонӣ меҷӯшид. Медамид. Шалпар кист, шалпаршавӣ чист,— намедонистӣ. Рехтани баргони навбаҳор чист? Пажмурда шудани рӯҳ, озурда шудани дил чист? — хабар надоштӣ. Ба навозиши модарат табассум кардӣ. Ба омӯзиши падарат писханд задӣ. Пасро пас, пешро пеш задӣ. Бо ҳаёт гӯштин гирифтӣ.

Мавҷи мағрурияти давра ҷӯш зад. Дар қасри азим ба рӯи «ҷаноби олӣ» туф кардӣ. Алами синаҳои чок, танаҳои бесар, наҳрҳои қирмиз, интиқоми ҳамасронат — бинокорони гулистони ояндаро гирифтӣ.— Ҳақ дошт.

Шикоргоҳи сайёдон, хоки шиббахӯрдаи Эрон, қабри поймолшудаи ҷовидони Хайёми азиз ва Саъдии бузургро зиёрат кардӣ. Ҷӯянда, ёбанда — гуфтӣ. Ба онон дасти умед дароз кардӣ. Дар гарибӣ шабҳои торро рӯз намудӣ. Дар болои ҷилдҳо, саҳифаҳо, сатрҳо, ҳарфҳо мижа назадӣ.

Китоби ҳаёт саҳифаҳои асрашро гардондан гирифт. Ҳар як байти он, ҳар як достони он ба ту дарси ҷӯшу хурӯш

доданд. Закӣ будӣ, аммо шогирди саркаш будӣ. Ноз мекардӣ. Ба дарс дер меомадӣ, шӯх бӯдӣ. Вале устодат забардаст буд. Ин дарсҳо ҷӯшу хурӯши ҷавониатро паст накарданд. Ҷилаватро доданд. Калиди саодатро ба ту супурданд. Дар охир:

— Марҳамат, ана ҷавлонгоҳ! — гуфтанд. Умедвори мавҷи пурхаяҷони латифи ту шуданд. Умедвори ҷавлонзании чусту чолоки ту гардиданд.

Сабза барин сабзидӣ. Шервор қадам мондӣ. Пеш рафтӣ. Чун барраи ширмаст ба теғаҳо давидӣ. Харсангҳо садди роҳат шуданд. Ғалтидӣ, хестӣ. Боз давидӣ.

Ғамзаи дурушти ҳаёт, нози дағалонаи зиндагонӣ, хастии ҳассоси туро коҳонданд. Рӯҳи фараҳноки туро пай дар пай пажмурда намуданд. Рухсори сурхатро зард, оташи ҷашмонатро хомӯш, мӯйҳои сияҳатро парешон карданд. Хамидӣ. Маъюс, ҳазин шудӣ. Аз сари минбар дар болои кобути ҷасади зинда, вале рӯҳи мурдаи ту «ҷаноза» хонданд. Нахандидӣ, наболидӣ. Гиристӣ.

Ед дорӣ, чароғат дар арафаи хомӯш шудан буд, ҳаёт ба ҷои чароғи сиёҳи аҷдодӣ, ба ту маяки пур-пури истиқболро бахшид.

Ед дорӣ, зинда дар гӯр шуда будӣ. Ҳаёт ба ҷои қабри торик, ба ту чаманзори тохту тоз дод.

Ҷилаваш дар дастат, аспи аср шиҳа зад, ғамзанамоӣ кард, вале ту болои он дуруст нанишастӣ. Савор шуда, бистонро насайридӣ, меваашро начашидӣ, гулҳояшро ба боногӯшат наовехтӣ. Ба бӯяш сер нашудӣ. Монанди кӯдак назавқидӣ, монанди гул нашукуфтӣ.

1934

СЕРГЕЙ МИРОНОВИЧ

Ғарқи кор будем. Рафиқе аз дар даромад. Чеҳраи ҳамешахандони ӯ ғамгин буд. Ҳайрон шудем. Ба мо чашм дӯхт. Чанд сония ором монд. Баъд... баъд:

— Оё хабар доред?! — гуфт. Мо чашмҳоямонро калон кушодем.

— Кировро куштаанд...

Сукунат ҳукмфармо гардид. Дигар, гӯё хона торикистон шуд.

Ин хабар ҷараёни афкорамонро аз роҳ зад. Ба қаърҳон мудҳиш кашид, мӯҳои сар рост шуданд, парешон шуданд, мавҷ заданд, табиданд... чашмон нуқтаро шикоф намуданд. Ба қалб ҷараёни хунҳо афзуданд. Дил синаро сӯрох карданӣ шуд.

Сергей Миронович мурд.

Яке аз диловарони ҷавлонгоҳи бахт рафт. Яке аз он фарзандони содиқи партияи Ленин, ки ба тамоми сахтиҳои ҳаёт, фоҷиаҳои ӯ ҳастии худро дода буд, тарки ҳаёт намуд.

Зиндон, ғӯл ва ишкели давраи сиёҳи марг, марге, ки дар ҳар он тайёр буд, ки ӯро ва рафиқони ӯро ба тахтаи тобут кашола кунад, ӯро ҳеҷ наҳаросониданд, балки баръакс, сабаб шуданд, ки иродаи ӯ аз фӯлод ҳам мустаҳкамтар шавад ва барои саодати миллионҳо, барои ғояи олӣ дар саҳни тохтутози муборизаҳои пай дар пай ҷавлон занад.

Ҳо, Сергей Мироновичро куштанд.

Рӯзҳои пурхатареро, ки душман хоки моро занҷирпеч карда буд, кӣ фаромӯш кардааст! Дар он рӯзҳо, дар тор, нишебӣ ва доманаҳои кӯҳҳои азими Кавкази кӯҳансол низ интервенция борони маргро меборонд.

Чанголи марг ӯро низ гулӯгир менамуд. Ҳаёти ин диёр дар тазалзул буд.

Лек дер нагузашт. Синаҳои коргарони Боку, бозувони тавонои кӯҳиёни гурҷӣ, дастони қавии далерони Арман тирро сипар шуданд, занҷирро пора-пора намуданд, гардани асоратро шикастанд. Ӯрдуи ӯро торумор карданд.

Сергей, фарзанди далери партия, яке аз шарораҳои оташи ленинизм — пешрави ҷанговарони ин майдон буд.

Шаҳри Ленин. Душман хост, ки сафҳои оҳанини партияро пароканда кунад. Бенизомӣ, ғайримуташаккилиро ҳукмфармо гардонад. Пайдевори бинои азими социализмро рахнадор кунад. Киштии уммеди моро ғарқи гирдоб намояд.

Барои шаҳри Ленин, барои пролетариати пешгарди ин шаҳре, ки яке аз гузорандагон ва мустаҳкамкунандагони ҳокимияти коммунизм аст, партияро шахсе лозим буд, ки вай мебоист на аз тӯфон метарсид, на аз оташ. Ба ҳар гуна талотуми бузург истодагӣ мекард, киштии ин дарёро ба канори наҷот, ба канори саодат мебароварад. Партияро посбоне даркор буд, ки вай дар ҳар гуна бӯрони бузург устуворона меистод. Мижа намезад. Аз қабати гирдбоди барфу бороне пурхатар сарҳади худро зиракона нигаҳбонӣ мекард ва намегузошт, ки пои қабеҳи душман ба ин хок қадам гузорад.

Ҳамин гуна киштибон, ҳамин гуна посбоне, ки партия орзуи онро дошт, ҳамоно Сергей Миронович — пешвои ин шаҳри Ленин буд, ки нӯҳ соли мунтазам бо тамоми садоқат, бо тамоми самимият ӯро посбонӣ намуд ва киштибонӣ кард. Дар ниҳоят дар пост ҳамчун аскари фидокор ҷони худро дареғ надошт.

Душман!

Душман, монанди мурғи посӯхта дар даву тоз аст.

Душман ҳамчун саги девона ба кӣ часпиданашро намедонад ва аз дасти аҷал наҷот меҷӯяд.

Душман мехоҳад, ки бо кирдукорҳои бенамусона сутуни маратеро, ки он дар афтидан аст, рост кунад. Мехоҳад бо амалиёти қабеҳ пайдевори биноеро, ки он пӯсидааст, дуруст намояд. Мехоҳад бо корҳои разилона он кохи хароб шудистодаашро, ки имрӯз ё фардо тамоман хароб ва нобуд хоҳад шуд, устувор дорад.

Душман девонавор мечаспад.

Душман мехоҳад, ки боғи бузургтарини социализм — СССР-ро поймол кунад. Вале... вале ҳаминро фаромӯш мекунад, ки ин боғ борҳо дучори гирдбод гардидааст, аммо боре ҳам дарахти ӯ наафтидааст. Борҳо дучори гармселҳо шудааст, лекин боре ҳам баргҳои он зард нашудааст. Бор-